# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

**ВБД.:** **Бо ҳуқуқи дастнавис**

**НУРУЛҲАҚ ҚАМАР**

# САЛАФИЯ: НАЗАРИЯ ВА АМАЛИЯ

**диссертатсия**

**барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.14 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ**

**Мушовири илмӣ:** **Аҳмадов Саид - доктори илмҳои фалсафа, профессор**

**ДУШАНБЕ – 2024**

**Мундариҷа:**

**Муқаддима........................................................................................ 3**

**Боби 1. Салафия дар ибтидои таърихи ислом**

1.1. Истилоҳи “салаф” ва таҳаввули маънои луғавии он дар таърихи ислом.................................................................................................... 26

1.2. Салафия ва иртиботи он бо одатҳои тоисломии араб............... 44

1.3. Мубориза барои тарғиб ва ҳифзи “исломи пок” ....................... 93

**Боби 2. Муборизаи салафия бо ақлгароӣ ва илму фалсафа**

2.1. Ихтилофи салафия ба фарҳанги миллӣ....................................138

2.2. Имом Ҳанбал ва муборизаи ӯ бо муътазила ва ақлгароӣ....... .172

2.3. Мақоми Ибни Таймия дар фиқҳи ҳанбалия..............................199

2.4. Ғаззолӣ дар ҳимояи салафия.................................................... .224

**Боби 3. Ваҳҳобия ва ҷунбиши бунёдгароӣ дар ҷаҳони ислом**

3.1. Ваҳҳобия ва идеяи “исломи ноб”............................................. 268

3.2. Таълимоти ваҳҳобия ва ривоҷи ифротгароӣ дар ислом........... 298

**Боби 4. Салафияи муосир: таҳдиду хатарҳои он**

4.1. Робитаи экстремизми исломӣ бо таълимоти салафия...............328

4.2. Бунёдгароии исломӣ дар Тоҷикистон ва хатари салафия дар ҳаёти динӣ-сиёсии он..................................................................... 352

Хулоса........................................................................................ ...387

Тавсияҳо доир ба истифодаи амалии натиҷаҳо ........................... ..393

Рӯйхати адабиёт......................................................................... ..395

***“...намояндагони равияи “салафия” ба мазҳаби ҳанафӣ... назари манфӣ ва исмоилия, ки мазҳаби таърихии як қисми аҳолии бумии кишвар мебошад, муносибати хеле хусуматомез доранд. Пайравони ин равия ақидаҳои намояндагони дигар мазҳабҳоро инкор ва онҳоро маҳкум намуда, дар ин замина ихтилофи байнимазҳабиро дар байни мусулмонон тезутунд менамоянд”. (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар. ш. Душанбе, Кохи Ваҳдат, 9 марти соли 2024).***

## МУҚАДДИМА

**Аҳаммияти таҳқиқи мавзуъ.** Дар ҷаҳони муосир тағйиротҳои азиме сурат гирифтанд, ки қисме агар ба пешрафти кишварҳо ҳидоят карда бошанд, қисме мушкилоти тозае ба он зам кардаанд. Дар ҳаёти динии мусулмонон низ ин тағйиротҳо хеле азиманд. Аммо пешрафту тағийротҳои ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ баъзе мушкилоти тозаро ба вуҷуд овардаанд, ки яке аз онҳо ба сатҳи сиёсӣ қадам ниҳодану ба муборизаҳои сиёсӣ пардохтани равияҳои мазҳабӣ, аз ҷумла фундаментализми исломӣ ё усулгароёни исломии ифротӣ мебошад. Ифротгароӣ, равияҳои мухталифи он, аз ҷумла салафия, омили муҳиме дар нобасомонии ҳаёти иҷтимоӣ-динӣ дар кишварҳои минтақаи ислом гардидааст. Дар ин замина зиддиятҳои тозае, ки дар дохили кишварҳои мусулмонӣ ва чи хориҷ аз он, дар муносибат ба дигарон ба вуҷуд омаданд, ба рушди босуръати онҳо халал мерасонанд. Ба кишварҳое, ки дар ҳолати рушд қарор доранд, эҷоди ин зиддиятҳо ва фаъолияти равияю созмонҳои ифротӣ ба рушди босуботи онҳо хеле таъсири манфӣ мерасонанд. Дар Тоҷикистон бошад, ин таъсир боз ҳам бештар аст, чун тавоноии давлати ҷавони он ҳоло дар муқобили чунин таҳдидҳо, махсусан таҳдиди равияҳои ифротии исломӣ заиф ва барои кишвар

метавонад осебпазир бошад. Таҳқиқоти мазкур ба таҳқиқи идеология ва амалияи равияи ифротии исломӣ - салафия, роҳҳои пешгирӣ аз таъсири номатлуби он, яъне мавзуи хеле муҳими ҳаёти имрӯзаи ҷумҳурӣ - рафъи хатари нерӯҳои хатарбор бахшида шудааст.Бояд зикр кард, ки баъди ҳазор сол тавассути азму иродаи мардуми ватандӯсти кишвар бо сарварии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон давлати мустақили Тоҷикистон шакл гирифт ва пайваста дар ҷустуҷӯи роҳи мустақими рушди давлатдории хеш аст, аммо таҳдиду хатарҳо аз ҷониби баъзе гурӯҳҳои сияҳкори дохилӣ ва қудратҳои ҷаҳонию минтақавӣ нисбати истиқлолияту ҳастии давлати миллию дунявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз аз байн нарафтааст. Яке аз чунин таҳдиду хатарҳо нисбат ба амнияту суботи кишвар ва истиқлолияти давлати Тоҷикистон ин паҳншавии афкори бегонаи такфирӣ-ҷиҳодии зиддимиллию зиддитамаддунии ҷараёни салафияи ифротӣ мебошад. Хатари салафияи ифротӣ нисбат ба давлати миллии дунявии Тоҷикистон дар он аст, ки бо пуштибонии қудратҳои ҷаҳонию минтақавие, ки дар Тоҷикистон манфиати геосиёсӣ доранд, он дар зери парчами бозгашт ба "исломи ноб", яъне исломи замони ба ном "салафи солеҳин", ки хилофати исломиро эҳё кардан мехоҳанд ва бар зидди низоми давлатдориҳои миллию дунявӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, муборизa мебаранд, мебошад. Мутаассифона, давлатҳои Ғарб низ барои амалӣ сохтани нақшаҳои геосиёсӣ ва геоиқтисодии худ барои дар ҳолати бозмондагии иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва ҳарбӣ-сиёсӣ нигоҳ доштани кишварҳои рӯ ба тараққӣ аз ин омил истифода мекунанд ва нерӯҳои исломии ифротиро омода сохта, онҳоро аз ҷиҳати ҳарбӣ-сиёсӣ ва молӣ дастгирӣ менамоянд ва ғайра. Аксари онҳое, ки гурӯҳҳои ваҳҳобию салафияи ифротиро сарварӣ менамоянд, дастпарварони кишварҳои Ғарб мебошанд, чуноне ки Абдулваҳҳоб - асосгузори ваҳҳобия дастпарвари Англия буд.

Ғарб ба бунёди низомҳои дунявӣ дар кишварҳои мусулмонӣ манфиатдор нест, зеро низоми дунявӣ метавонад ба рушди илмҳои дунявию техникӣ ва тараққиёти иқтисодӣ-иҷтимоии ин кишварҳо мусоидат намуда, вобастагии онҳоро аз давлатҳои пешрафта маҳдуд созад. Аз ин рӯ, қудратҳои ҷаҳонию минтақавӣ имрӯз ба вуҷуди низомҳои исломӣ манфиатдоранд ва амалӣ сохтани чунин нақша бидуни баланд бардоштани сатҳи таассуби динию хурофот ва аз ин роҳ ба равияҳои ифротии исломӣ ҷалб сохтани ҷавонон ғайриимкон аст. Дар амалӣ сохтани ин нақша салафияи ифротӣ ба онҳо ҳамчун силоҳи идеологӣ хизмат менамояд.

Баъди ғалабаи “Инқилоби исломӣ” дар Эрон солҳои 1978-1979 Ҳукумати исломии Эрон бо истифода аз “омили исломӣ” то кунун кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки таъсири худро дар олами ислом тақвият бахшад ва ин вокуниши давлатҳои араби ҳавзаи Халиҷи Форс, ба вижа Арабистони Саудию Қатар ва дигаронро, ки ваҳҳобия имрӯз идеологияи расмии давлатҳои арабии болозикр ва ҳанбалия мазҳаби мусулмонони ин кишварҳо мебошанд, ба вуҷуд оварад. Давлатҳои болозикр низ кӯшиш доранд, тавассути ваҳҳобия таъсири худро дар ҷаҳони ислом ҳифз намоянд. Аз ин ҷо, таҳлили илмии салафия танҳо таҳлили як мазҳаби исломӣ нест, балки он таҳлили арабгароии исломӣ низ мебошад. Бо вуҷуди муҳим буданаш, мутаассифона, то ба ҳол таълимоту амалияи ин ҷараёни мазҳабӣ дар сатҳи зарурӣ таҳқиқ нашудааст. Имрӯз, вақте ки сухан дар бораи ифротгароии салафӣ меравад, беихтиёр баҳс дар атрофи сиёсати он давлатҳои арабӣ, ки идеологияи расмии онҳо ваҳҳобия аст, сурат мегирад. Ҳамзамон, таъсири салафия дар созмонҳои байналмиллалӣ, ба мисли Лигаи кишварҳои Араб, фондҳои хайриявии гуногуне, ки тавассути Арабистони Саудӣ бунёд шудаанд ва ғайра зиёд аст ва фаъолияти онҳо ба ривоҷи ифротгароии ваҳҳобӣ-салафӣ дар ҳамаи кишварҳои мусулмонӣ мусоидат менамояд, ки таҳқиқу ошкор

сохтани моҳияту хатарҳои салафияи ифротии муосирро барои кишварҳои мусулмонӣ тақозо менамояд.

Дар охири садаи XIX ва ибтидои садаи XX бунёдгароии исломӣ аввал дар шакли ваҳҳобия ва имрӯз бо унвони салафия ба кишварҳои мусулмоннишини Осиёи Ҷанубу Шарқӣ низ роҳ ёфт. Ин минтақа яке аз минтақаҳои рушдкунандаи ҷаҳони муосир буда, имрӯз нуфузи геосиёсиаш дар ҳоли афзоиш аст, зеро роҳҳои баҳрии кӯтоҳтарин онро ба воситаи гулӯгоҳи Малакка ба уқёнуси Ором бевосита пайванд месозад ва маҳалли бархурди манфиатҳои қудратҳои ҷаҳонӣ мебошад. Ғарб бошад кӯшиш дорад, бо ёрии шариконаш аз ҷаҳони араб ба ин минтақа ба воситаи салафия ифротӣ таъсиргузор бошад. Ба ҳамин сабаб имрӯз салафияи ифротӣ дар кишварҳои минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, ба вижа Индонезияю Малайзия, ки аксари аҳолиашон мусулмонанд, тавассути давлатҳои фавқузикр паҳн гардида, дар баланд бардоштани сатҳи таассуби динию хурофоти мардуми мусулмони ин кишварҳо саҳм мегирад. Зуҳури ҳодисаҳои “баҳори араб” дар Миср, Либия, Тунису Марокаш ва бунёди “Давлати исломӣ” дар Ироқу Сурия нишон дод, ки нерӯи асосии ин ҳодисаҳоро гурӯҳҳои экстремистӣ-террористии салафия ва созмони “Ихвон-ул-муслимин” ташкил додаанд.

Дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки Тоҷикистон ҷузъи он аст, баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ марҳилаи нави рушд оғоз ёфт, ки ҷаҳонбинии дунявӣ ҷавҳари низоми сиёсӣ ва усули давлатдории миллии онҳоро ташкил медиҳад ва дунявият афзалияти худро дар рушди давлатдории миллӣ нишон дод. Ҳамчунин исбот гардид, ки агар дар низомҳои дунявӣ ҷаҳонбинии дунявӣ дар сатҳи ҷомеа афзалият касб кунад, имконияти ба низоъҳои динӣ-мазҳабӣ кашидани шаҳвандони кишвар низ маҳдуд мегардад. Ба ҳамин сабаб барои он қудратҳое, ки дар кишварҳои мусулмонӣ, ба вижа кишварҳои Осиёи Марказӣ, манфиатҳои геосиёсӣ ва геоиқтисодӣ доранд, низомҳои дунявӣ монеа мерасонанд. Аз

ин ҷост, ки ин кишварҳо барои паҳн кардани афкори салафияи ифротӣ дар кишварҳои мусулмонӣ бо роҳу усулҳои гуногун, аз ҷумла маблағгузорӣ ва истифода аз шабакаҳои интернетӣ манфиат доранд. Бояд ёдрас кард, ки ҳадафи ҳаракатҳои сиёсӣ-динии ифротӣ таҳмили ақидаву оинҳои ғайриҳаётӣ бар дӯши мусулмонон ва ба роҳгумӣ бурдани онҳо мебошад, зеро тавассути зеҳнияти заҳрогин дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии мусулмонон мушкилоти зиёдеро ба бор овардан мумкин аст. Азбаски ҳувияту худшиносӣ ва зеҳнияти тоҷикон тӯли садсолаҳо дар зери таъсири афкори бегона ва зулму истибдоди аҷнабиён олудаю заҳрогин ва хароб гардидааст, албатта, онро наметавон дар муҳлати 30 соли истиқлолияти давлатӣ табобат кард. Ҳарчанд дар ин самт Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон корҳои зиёдеро ба анҷом расониданд, бахусус дар ҳолате ки нерӯҳои сияҳкор низ кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки бо ҳар роҳу усул ба раванди эҳёю бозсозии Тоҷикистони нав монеаро эҷод намоянд ва дар эҷоди ин монеаҳо аз сатҳи баланди таассуби динию хурофот истифода кунанд. Чуноне ки аз шабакаҳои интернетӣ ва дигар манбаъҳо солҳои охир пайваста мушоҳида мешавад, “арзишҳои” салафияи ифротиро имрӯз ақидаҳое ташкил медиҳанд, ки ҳамагӣ ба муқобили илму фалсафа, ҳунару зебоишиносӣ, озодандешӣ, арзишҳои фарҳанги миллӣ ва давлати миллию дунявӣ нигаронида шудаанд. Далели он афзудани сафи пайравони гурӯҳҳои салафияи ифротӣ дар кишвар мебошад. Барои аз ин падидаи номатлуби зиддимиллӣ ва зиддитамаддунӣ пешгирӣ кардан, таҳқиқи ҳаматарафаи он ногузир мебошад. Ҳадафи рисолаи мазкур низ баррасии илмии ҳамаҷонибаи ин масъала, нишон додани моҳияти иртиҷоии таълимоти салафия, роҳҳои пешгирӣ аз паҳншавии он ва воситаю усулҳои кам кардани таъсири он ба ҷомеаи Тоҷикистон аст.

**Дарачаи омӯзиши мавзуъ.** Хатари салафияи ифротӣ ё такфирӣ-ҷиҳодӣ бо унвони ваҳҳобия барои ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ва умуман барои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ҳанӯз дар садаи XX ошкор гардидааст.  Бинобар он, аввалин шуда муҳаққиқони руси шӯравӣ ба таҳқиқи ин масъала даст заданд. Дар байни ин таҳқиқотҳо муҳимтарин рисолаи илмӣ асари А. М. Василев мебошад, ки дар он сабабҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва сиёсии зуҳури ваҳҳобия дар давраи империяи Туркони Усмонӣ, муборизаи ваҳҳобиён ба муқобили “бидъат”-ҳо дар ислом, идеяи бозгашт ба “исломи ноб”, дар зери парчами ваҳҳобия соҳибистиқлол шудани Арабистон,  ривоҷи ваҳҳобия дар Нимҷазираи Арабистон ва таъсири он ба муборизаи озодихоҳонаи мусулмонон ба муқобили Ғарб ва ривоҷи ифротгароӣ дар олами ислом мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.[1] Ҳамчунин муҳаққиқон М. Т. Степанянтс ва З. И. Левин доир ба ваҳхобия маълумоти мухтасар додаанд. Аз нигоҳи  З. И. Левин, араб ба воситаи ваҳҳобия давлати марказикунонидашуда ва ҳаёти ҷамъиятии худро бо роҳи бозгашт ба исломи ибтидоӣ аз нав эҳё намуд.[2]  Муҳаққиқ М. Т. Степаянц бошад, ваҳҳобияро ҳамчун як ҳаракати эҳё ва ислоҳхоҳ ба қалам дода, онро шакли хоси эҳёи мазҳаби ҳанбалия, ки бо “навовариҳо” (“бидъат”) дар ислом мубориза бурдааст, меҳисобад ва сарчашмаҳои ғоявии онро нишон додааст.[3]

Таҳқиқи ваҳҳобия-салафия, асосан, баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ дар қаламрави мусулмоннишини Федератсияи Россия ва ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, нисбатан суръат пайдо кард. Ҳодисаҳои хунини Қафқоз, ба вижа, дар Чеченистон ва ҳодисаҳои февралӣ дар Тоҷикистон дар ибтидои солҳои 90-уми садаи XX водор кард, ки як қатор таҳқиқотҳои илмӣ доир ба танқиди ваҳҳобия ва салафияи ифротӣ ба вуҷуд биёянд. Аз байни онҳо рисолаҳои муҳаққиқон

---

[1] Васильев, А. М. Пуритане ислама? Ваххабизм и первое государство Саудидов в Аравии (1744/45-1818) [Текст] / А. М. Васильев.-М. 1967.
[2] Левин, З. И. Развитие основных течений общественно-политической мысли в Сирии и Египте [Текст] / З. И Левин. -М.: Наука, 1972
[3] Степанянц, М. Т Мусульманские концепции в философии и политике Х1Х-ХХ вв [Текст] / М. Т. Степанянц. -М.: Наука, 1982.

М. В. Вагабов, С. Д. Шумов, И. П. Добаев, Муҳаммад Саид Рамазон ал-Бутӣ ва дигаронро ном бурдан муҳим аст.[4] Дар ин рисолаҳо дар бораи сабабҳои зуҳури ваҳҳобия, идеяи ваҳҳобия доир ба “исломи ноб” ва бозгашт ба он, мубориза он бо исломи, аз нигоҳи ваҳҳобиён, “олудашуда”, паҳн шудани ваҳҳобия-салафия дар минтақаи Қафқоз, марҳилаҳои ташаккули салафия, унвони салафияро касб кардани ваҳҳобия, баъзе ихтилофи он бо наслҳои “салафи солеҳин” ва хатару таҳдидҳои он барои ҷомеаи мусулмонӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Таҳқиқи салафияи ифротӣ ҳамчун як ҷараёни зиддимиллӣ ва зиддимазҳабӣ таваҷҷуҳи муҳаққиқони хориҷӣ, бахусус, муҳаққиқони эрониро низ ба худ ҷалб кардааст. Аз ҷумла муҳаққиқ А. Эҳтишомӣ ҳанӯз солҳои 80-уми садаи XX салафияро ҳамчун ҳаракати бунёдгароии иртиҷоӣ ва зиддимазҳабӣ ошкор сохта, симои зиддибашарии онро нишон додааст.[5] Муҳаққиқ Оятулло Ҷаъфарии Субҳонӣ бошад, кӯшидааст, ки зуҳури ваҳҳобияро ҳамчун як падидаи зиддисломӣ ва зиддимазҳабӣ нишон диҳад.[6] Албатта, салафия ҳаракати зиддимазҳабист, вале андешаи ӯ дар бораи хусусияти зиддиисломӣ доштани ваҳҳобия чандон асоснок нест. Дар китобчае, ки А. Аминзода таҳия кардааст, ҳарчанд чеҳраи воқеии салафия аз мавқеи мазҳабҳои ҳанафия ва шиаи имомия нишон дода шудааст, аммо ошкор сохтани моҳияти иртиҷоии он аз аҳамият холӣ нест.[7] Дар китобчаи муҳаққиқон Б. М. Бабаджанов, А. К. Муминов, А. фон Кюгелген баҳси уламои динии шинохтаи мусулмонони Осиёи Марказӣ дар бораи ваҳҳобия мавриди таҳқиқ қарор гирифта, ваҳҳобияи минтақаи мазкур ҳамчун

[4] Вагабов, М. В. Ваххабизм: история и современность [Текст] / М. В. Вагабов.-Махачкала, 2000; Шумов С. А. Ваххабиты XV111-XX века [Текст] / С. А. Шумов.-М,, 2002; Добаев, И. П. Исламский радикализм: генезис, эволюция, практика [Текст] / П.И. Добаев.- Растов. 2002. Гл. 5.5. Мухаммад, Саид Рамазон ал-Бутӣ. Ас-салафияту марҳилатун заманиятун ло мазҳаба исломийя [Текст] / ал-Бутӣ М. С. Р. -Димишқ, 2010.
[5] Аҳтишомӣ, А. Бунёдгароии исломӣ ва исломи сиёсӣ [Матн] / А.Аҳтишомӣ .- Теҳрон: Бошгоҳи андеша, 1362 (1984).
[6] Оятулло, Ҷаъфари Субҳонӣ. Накде ба ойини ваҳҳобият [Матн] / Субҳонӣ О. Ҷ. – Давҳа.: Тавассул, 1369 (1991).
[7] Чеҳраи воқеии ваҳҳобият (салафият) // Таҳияи А., Аминзода. –Душанбе.: Шарқи озод, 2008.

"ваҳҳобигароии нав" ("неоваҳҳобизм") шинохта шуда, ақидаи ваҳҳобия дар бораи ҷиҳод танқид гардидааст.[8]

Баъди пош хӯрдани давлати Шуравӣ ваҳхобия-салафия худро ҳамчун як ҳаракати экстремистӣ-террористӣ пурра ошкор сохт, бахусус, дар Қафқоз ва Тоҷикистон. Вале дар Тоҷикистон ҳанӯз моҳи феврали соли 90-уми садаи XX бо ташаббуси собиқ ҲНИТ, ки яке аз шуъбаҳои ваҳҳобия ба ҳисоб мерафт, дар шаҳри Душанбе тазоҳуротҳо бар зидди ҳукумати конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардиданд, ки бо номи "феврали хунин" дар таърихи Тоҷикистони навин сабт гардид. Ҳодисаҳои "феврали хунин" минбаъд ба ҷанги шаҳрвандӣ дар соли 1992 замина гузошт, ки дар он нақши ваҳҳобия хеле муассир аст. Ин масъала дар рисолаҳои муҳаққиқони ватанӣ Д. Назиров, Н. Назиров ва Н. Абдуллоев таҳлилу таҳқик шудаанд.[9]

Баъди қабули Созишномаи умумӣ дар бораи барқарор кардани сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон аз 27 июни соли 1997 ва хотима ёфтани ҷанги шаҳрвандӣ муборизаи қудратҳои ҷаҳонию минтақавӣ барои ҳифзи манфиатҳои геосиёсию геоиқтисодии худ дар минтақаҳои мухталифи олам хатару таҳдидҳои навро барои ҷомеаҳои Осиёи Марказӣ, ба вижа Тоҷикистон, ба бор овардааст. Яке аз ин таҳдиду хатарҳо бо роҳу усулҳои гуногун паҳн гардидани афкори зиддимиллию зиддибашарӣ ва зиддитамаддунӣ дар фазои динӣ-сиёсии ин кишварҳо тавассути ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ-динии ифротӣ, бахусус салафия, мебошад. Ҷалб гардидани ҷавонон ба сафи гурӯҳҳои террористии "Давлати исломӣ"-и Ироқу Сурия ва иштироки онҳо дар тарғиби ақидаҳои ифротии ин ҳизбу ҳаракатҳо далели равшани ин гуфтаҳо мебошанд. Бинобар он, дар рисолаҳои илмии баъзе муҳаққиқони ватанӣ ин масъалаҳо мавриди таҳқиқу нақди илмӣ қарор гирифтанд. Аз ҷумла

[8] Бабаджанов, Б.М., Муминов,. А.К., фон Кюгельген. Диспуты мусульманских религиозных авторитетов в Центральной Азии в XX веве [Текст] / Б.М. Бабаджанов, А.К. Муминов, фон Кюгельген.-Алматы.: Дайк Пресс, 2007.
[9] Назиров Д. Н., Назиров Н.Д. Политический ислам и конфликт в Таджикистане [Текст] / Д. Назиров., Н. Назиров.- Душанбе.: Илм, 2018. Абдуллоев Н. Воқеаҳои февралӣ: моҳият, хосиятҳои асосӣ ва неруҳои пешбар [Матн] / Абдуллоев Н. –Душанбе.: Истеъдод, 2013.

коршинос Абдуллоҳи Муҳаққиқи Ҳанафӣ ақидаҳои салафияи ифротиро дар робита ба радди афкори яке аз намояндагони ҳаракати мазкур Албонӣ мавриди таҳлил қарор додааст.[10] Дар рисолаҳои Абдуллоҳи Раҳнамо бошад, асосан таҳдиду хатарҳои салафия ба низоми давлати миллию дунявӣ ва муносибати он ба фарҳанги миллию мазҳаби ҳанафӣ таҳлил гардидаанд.[11] Муҳаққиқ Н. Д. Маҳмадизода бошад, хатари салафияи ифротиро дар ҷомеаи муосир дар робита ба фош сохтани моҳияти ифротгароии динӣ-сиёсӣ ва заминаҳои пайдоишу зуҳури он дар шароити инкишофи ҷомеаи муосири тоҷик мавриди баррасӣ қарор додааст.[12] Дар айни замон, таҳдиду хатарҳои ифротгароии динӣ дар рисолаи Х. Қ. Сафарализода низ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.[13]

Ҳамчунин бояд ёдовар шуд, ки муҳаққиқон Л. Б. Маевская ва А. И. Маточкина доир ба масъалаи мазкур таҳқиқотҳои илмӣ анҷом додаанд. Л. Б. Маевская таълимоти  Ибни Таймийяро ба ҳайси сарчашмаи ғоявии ташаккули ваҳҳобия баррасӣ намуда, таълимоти ӯро дар бораи ҷиҳод мушаххасан таҳлил кардааст. А. И. Маточкина бошад, ба масъалаи таносуби хирад ва эътиқод дар таълимоти Ибни Таймийя бештар таваҷҷуҳ зоҳир намудааст.[14] Аммо таҳқиқи нисбатан мушаххас доир ба тафсири таълимоти исломи суннатӣ аз нигоҳи салафияи радикалӣ дар кори диссертасионии Алӣ Хатиб Иброҳим Ёсин мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.[15]

Омӯзиши таҳқиқотҳои ба ин мавзӯъ бахшидашуда нишон медиҳанд, ки масъалаҳои таҳқиқи истилоҳи "салафия" дар сарчашмаҳои исломӣ ва таҳаввули он дар таърихи ислом, робитаи он бо одатҳои тоисломии араб, заминаҳои таърихии он дар ибтидои густариши ислом,

---

[10] Абдуллоҳи, М. Ҳ. Салафия: нигоҳи муосири илмӣ-сиёсӣ ё радди афкор ва аҳдофи ғаразноки Албонӣ [Матн] / М. Ҳ. Абдуллоҳи.- Душанбе, 2013.

[11] Раҳнамо, А. Ислом ва амнияти миллӣ дар Тоҷикистон [Матн] / А. Раҳнамо. – Душанбе.: Ирфон, 2011; Абдуллоҳи, Раҳнамо. Хатари гурӯҳҳои ифротгароии динӣ чист?  [Матн] / Раҳнамо А.- Душанбе.: ЭР-граф, 2021.

[12] Маҳмадизода Н. Д. Зоҳиршавии ифротгароии динӣ-сиёсӣ дар шароити инкишофи ҷомеаи тоҷик ва роҳҳои пешгирии он [Матн] /. -Душанбе, ЭР-граф, 2022.

[13] Саффарализода Х. Қ. Таҳдидҳои замони муосир [Матн] / Х. Қ.Саффарализода. –Душанбе.: ЭР-граф, 2023.

[14] Маевская, Л. Б. Идеология Ибн Таймии, как фундамент для формирования ваххабизма [Текст] / Маевская Л. Б. // Культура народов Причерноморья, 2012, с. 105-109;   Маточкина А. И. Религия и власть в учении Ибн Таймийя [Текст] /. Диссертатция для просвоение кан. фил. наук. Санкт-Петербург, 2011. 202  стр.

[15] Али, Хатиб Ибрагим Ясин. Салафитский радикализм и тронсформация идейных доктрин в суннитском исламе. Автореферат диссертации [Текст] / Ясин А.Х.И.  -Махачкала-2003,  28 с.

сабабу омилҳои ворид шудани “навоварӣ” (бидъат)-ҳо ба ислом, мубориза барои поксозии он аз “бидъат”-ҳо аз ҷониби рӯҳонияти исломи суннатӣ ва муҳофизони салафия дар тӯли таърихи ислом дар симои мазҳаби ҳанбалия, М. Ғаззолӣ, Ибни Таймия ва шогирдони ӯ, таъсири ҷараёни ваҳҳобия дар ривоҷи ифротгароӣ дар ҷаҳони ислом, пайванди салафия бо бунёдгароии исломӣ, зуҳури он дар ҷомеаҳои Осиёи Марказӣ, ба вижа, дар Тоҷикистон ва баъзе аз пайомадҳои хатарбори он барои ин кишварҳо то ҳанӯз ба таври зарурӣ ба риштаи таҳқиқ кашида нашудаанд. Рисолаи мазкур маҳз ба таҳлили илмии масъалаҳои зикршуда бахшида шудааст, яъне масъалаҳое, ки дар илми диншиносӣ таҳлили амиқи худро пайдо накардаанд.

**Робитаи кор бо мавзуи илмӣ.** Мавзуи рисолаи диссертатсионӣ ба нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи диншиносии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2024 алоқаманд мебошад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот**. Мақсади асосии таҳқиқот ошкор сохтани моҳияти зиддимиллӣ, зиддибашарӣ, зиддитамаддунии салафияи такфирӣ-ҷиҳодӣ ва таҳдиду хатарҳои он барои ҷомеаи мусулмонӣ, ба вижа ҷомеаҳои Осиёи Марказӣ, ки Тоҷикистон ҷузъи он аст, мебошад. Ҳадафи мазкур ҳалли вазифаҳои зеринро талаб мекунад:

-нишон додани мазмуну моҳияти истилоҳи “салаф” дар сарчашмаҳои исломӣ ва таҳаввули мазмуну мундариҷаи он дар тӯли таърихи ислом;

-ошкор сохтани робитаи салафия бо одату маросимҳои тоисломии араб ва таъсири суннатҳои “замони ҷоҳилият”-и араб ба ислом;

-ташаккули ғояи тавҳид (яктопарастӣ) дар симои Аллоҳ ва маънои сиёсӣ касб кардани ин ғояи дар салафияи такфирӣ-ҷиҳодӣ;

-нишон додани сабабҳои зуҳури “нававарӣ” (“бидъат”) дар ислом ва муборизаи салафия барои ҳифзи ислом аз “нававариҳо”, бахусус, муборизаи он бо ақлгароӣ ва илму фалсафа;

-ошкор сохтани муносибати салафия ба фарҳанги миллӣ ва хусусияти зиддиумумибашарӣ ва зиддитамаддунӣ доштани таълимоти он;

-нишон додани алоқамандии мазҳаби ҳанбалӣ бо ҳаракати ваҳҳобия-салафияи ифротӣ;

-нишон додани мақоми Ибни Таймия дар тақвият бахшидани мазҳаби ҳанбалия, муборизаи ӯ бо ақлгароӣ, илму фалсафа бо мақсади “поксозӣ”-и ислом аз “бидъат”-ҳо ва яке аз сарчашмаҳои ҷараёни ваҳҳобия-салафияи ифротӣ қарор гирифтани таълимоти ӯ;

-нишон додани нақши М. Ғаззолӣ дар ҳимояи салафия, муборизаи ӯ бо илму фалсафа;

-муайян кардани сабабҳои зуҳури ваҳҳобия дар олами ислом ҳамчун як ҷараёни ба ном “бемазҳаб,” муборизаи ӯ бо “бидъат” бо мақсади дар пайравӣ ба “салафи солеҳин” эҳё кардани “исломи ноб”;

-ошкор сохтани робитаи салафия бо қудратҳои ҷаҳонию минтақавӣ ва таъсири он ба дигар ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ-динии ифротӣ;

-муайян кардани нақши салафия дар ҳаракатҳои бунёдгароӣ-радикалии исломӣ дар Тоҷикистон ва нақши он дар ҷанги шаҳрвандӣ;

-ошкор сохтани шаклҳои зуҳури салафия дар Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқот-**назария ва амалияи салафия

**Предмети таҳқиқот** - таҳлили ҷараёни салафия ҳамчун як падидаи арабӣ-исломии ифротии зиддимиллӣ, зиддибашарӣ ва зиддитамаддунӣ, робитаи ҳаракатҳои бунёдгароии исломии тундгаро бо он ва хатари он барои давлатҳои миллию дунявӣ.

**Марҳилаҳои таҳқиқот.** Таҳқиқи салафия дар исломи ибтидоӣ, робитаи он бо таҷрибаи динӣ-иҷтимоии тоисломии араб, ҳифзи он аз ҷониби имомони исломи суннӣ, зуҳури ваҳҳобия ҳамчун яке аз шаклҳои таърихии салафия, сарчашмаҳои ғоявии салафия, таъсири салафия дар пайдоиши ҳизбу ҳаракатҳои радикалӣ ва зуҳури он дар Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, ҳамчун силоҳи идеологии қудратҳои ҷаҳонию минтақавӣ.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот**. Аз нигоҳи назариявӣ таҳқиқот пеш аз ҳама дар асоси сарчашмаҳои исломӣ, осори имомони мазҳабҳо, илоҳиётшиносони исломӣ ва намояндагони ҳаракати салафия таҳия шудааст. Илова бар ин, таҳқиқотҳои муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ, ки ба масъалаҳои диншиносӣ, исломшиносӣ, ба мавзуи пайдоиши салафия ва таҳаввули он дар давраҳои гуногуни таърихи ислом, бахусус дар бораи ваҳҳобия ва таъсири он ба пайдоши ҳаракатҳои радикалӣ  дар ҷаҳони ислом, робитаи бунёдгароии исломӣ бо салафия, ҳамчунин санадҳои ҳуқуқие, ки дар онҳо талаботҳои сиёсати ҳукумати Тоҷикистон дар соҳаи дин дарҷ шудаанд ва паёму суханрониҳои Пешвои миллат доир ба мубориза ба муқобили падидаҳои экстремистӣ ва эҳёву ҳифзи арзишҳои миллӣ бахшида шудаанд, ҳамчун асоси назариявии таҳқиқот ба ҳисоб меравaнд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот**. Асосҳои методологии таҳқиқотро методҳои умумиилмӣ, умумифалсафӣ, аз ҷумла равиши гипотетикӣ-аксиоматикӣ, ягонагии мантиқию таърихӣ, методҳои муқоисавӣ ва герменевтикӣ ташкил медиҳанд, дар мавридҳои зарурӣ равишҳои хусусии илмҳои таърихию ҷомеашиносӣ низ истифода шудаанд.

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот**ро далелҳои илмии асосноки аз ҷониби муҳаққиқон пазируфташуда, далелҳо аз сарчашмаҳои динию илмӣ, осори имомони мазҳабҳо ва мушоҳидаҳои худи  муҳаққиқ ташкил медиҳанд.

**Пойгоҳи меъёрӣ-эмпирикии таҳқиқот**ро меъёрҳои муайянгардида дар методологияи таҳқиқоти илмӣ, ба мисли таҳлили фалсафӣ-ратсионалӣ, таърихӣ, муқоисавӣ, воқеибинона дар асоси далелҳои муътамад ташкил медиҳанд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот.** Навгонии кори илмӣ ба таври мушаххас аз инҳо иборатанд:

-бори нахуст ба таври васеъ маънои истилоҳи "салаф" тибқи сарчашмаҳои исломӣ - Қуръону суннат мавриди таҳлил қарор гирифта, муқаррар гардид, ки агар истилоҳи "салаф"дар сарчашмаҳои исломӣ танҳо маънои "гузашта", ибрат гирифтан аз таҷрибаи пешиниёнро дошта бошад, минбаъд зери таъсири муҳити иҷтимоӣ-фарҳангӣ маънои "исломи пок", олуданашударо ба худ гирифта, ба мақсади "поксозӣ"-и ислом аз "навоварӣ," ақлгароию "бидъат" истифода шуд ва маънии равияеро дар ислом гирифт, ки зидди олудагию навовариҳо дар ислом мубориза мекунад;

-нахустин бор робитаи салафия бо расму одат, ҷаҳонбинии тоисломии араб мавриди таҳқиқ қарор гирифт ва муайян гардид, ки ислом дар заминаи таҷрибаи динӣ-иҷтимоии тоисломии араб қомат афрохтааст ва ҳадафи салафия ҳифзи расму одатҳои ба ислом воридшудаи араб буда, рӯҳияи арабии таълимоти онро ҳимоя мекунад;

-аввалин бор масъалаи сабабҳои аз "бидъат"-ҳо олуда шудани ислом , ки аз ҷониби салафия ҳамчун далели бозгашт ба "исломи ноб" истифода мегардад, аз нигоҳи илмӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шуд;

-бори аввал исбот карда шуд, ки муборизаи салафия ба муқобили ақлгароӣ, илму фалсафа ва дигар навъҳои "бидъат" барои ҳифзи рӯҳи арабии ислом ва ҳимояи давлатдории араб дар асрҳои миёна ва эҳёи давлати араб, истиқлолияти он дар садаи XVIII сурат гирифтааст. Ин хулосабарорӣ бо нишон додани муборизаи Аҳмад ибни Ҳанбал, Ибни Таймияю шогирдонаш, Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб ва салафияи мусир

ба муқобили ақлгароию илму фалсафа ва эҳёи “исломи ноб,” ки ҳадафаш эҳёи хилофат аст, исбот карда шудааст;

-бори нахуст муносибати ислом ба оини зардуштия, ки муносибати исломро дар кулл ба фарҳанги миллию дунявии мардумони эронитабор муайян карда, имрӯз ҳамчун сарчашмаи ғоявии муносибати салафияи ифротӣ ба фарҳангҳои миллӣ хизмат менамояд ва хусусияти арабӣ доштани идеяи космополитизми исломро фош месозад, ба таври мушаххас ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст;

-таҳқиқи таълимоти М. Ғаззолӣ нишон дод, ки муборизаи ӯ ба муқобили илму фалсафа ва боз доштани авом аз омӯзиши калом ва танҳо дар доираи “мазҳаби салаф” (“салафи солеҳин”) андеша рондану амал кардани ӯ бо мақсади ҳифзи давлатдории туркони салҷуқӣ анҷом дода шудааст. Ҳамчунин, муайян шуд, ки таълимоти ӯ ба заиф сохтани илму фалсафа ва ривоҷи таассубгароӣ дар олами ислом мусоидат намуда, барои ривоҷи ақидаҳои ифротгароӣ мусоидат кардааст;

-таъсири ҳанбалия ва афкори Ибни Таймия ба равияҳои нави исломи радикалӣ, ки ба мероси арабӣ ва арабизм такя мекунанд, ба мисли ваҳҳобия, Ихвон-ул-муслимин, Ҳизбу-т-таҳрир ва ғайра бори нахуст ҳамаҷониба баррасӣ шудааст;

-дар раванди тахқиқи масъала ошкор гардид, ки зуҳури ваҳҳобия-салафияи иртиҷоӣ ва ривоҷи он танҳо таҷассумкунандаи ормони арабгароён барои эҳёи давлати мутамарказ дар зери салтанати табақаи феодалон набуда, он аз ибтидо силоҳи идеологӣ-сиёсии қудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ барои ҳифзи манофеи геосиёсӣ ва геоиқтисодии онҳо дар ҷаҳони ислом низ мебошад;

-бори нахуст роҳҳо ва воситаҳои воридшавии равияҳои радикалии исломӣ ба ҳаёти динии Осиёи Марказӣ, ба вижа Тоҷикистон, ки яке аз муҳимтарин масъалаҳои ҳаёти ин кишварҳо мебошад, мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор гирифтаанд;

-дар раванди таҳқиқ муайян гардид, ки салафия худ низ як мазҳаби хос дар ислом буда, он дар шаклҳои мухталиф зоҳир мегардад. Дар Тоҷикистон ва дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ асосан салафияи такфирӣ-ҷиҳодӣ паҳн гардидааст, зеро он қудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавие, ки дар ин кишварҳо мафиатҳои геосиёсӣ ва геоиқтисодӣ доранд, маҳз ба паҳн кардани ҳамин шакли салафия манфиатдоранд;

-зимни таҳқиқот ошкор гардид, ки салафия ва ҳамаи дигар ҷараёнҳои нави сиёсӣ-динӣ дар ҳамаи шаклҳояшон барои давлати миллию дунявӣ ва фарҳанги миллӣ хатарнок буда, метавонанд амну суботи ҷомеаҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистонро, на танҳо вайрон созанд, ҳамчунин ин кишварҳоро дар ҳолати бозмондагӣ нигоҳ доранд.

**Нуктаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешавад:**

1. Салафия ҷараёни сиёсӣ-динии ифротиест, ки унвони худро аз вожаи “салаф” гирифта, дар тӯли таърихи ислом зери номҳои “салафи солеҳин”, “мушобеҳа”, “антропоморфизм”, “лафзгароён”, “мазҳаби салаф” арзи ҳастӣ кардааст ва ба хотири ҳифзи исломи арабии ибтидоӣ аз “навоварӣ” (“бидъат”)-ҳо, ки гӯё дар натиҷаи ворид шудани ақлгароӣ ба ислом рух додаанд, ба муқобили ақлгароӣ ва илму фалсафа мубориза бурда, то ба дараҷаи салафияи ифротӣ расида, оқибат худ низ ба як мазҳаби хоси исломии хусусияти экстремистӣ-террористӣ дошта табдил ёфтааст;

2. Чун дар ислом салаф ба маънои ибрат гирифтани пасиниён аз таҷрибаи пешиниён, яъне гузаштагон “Ва онҳоро пешиниён ва барои пасиниён масале сохтем”. (Қуръон; 43:56) омадааст, дар ислом нахуст худи пайғамбари ислом дар шакл додани таълимоти ислом аз ин суннат самаранок истифода бурдааст. Аз ҷумла таълимоти ислом дар бораи тавҳид, пайғамбарӣ, ҳаҷ ва маросими он, закот, ҷиҳод, ғанимат ва ба ҳиссаҳо тақсим кардани он, маволӣ, андоз (ҷизя, ушр), рӯза, шӯро, сунна,

низоми муносибатҳои оилавӣ, никоҳ ва шарту шаклҳои он, маҳр, ҳуқуқи зан, ҳиҷоб, мерос ва қоидаҳои он, тиҷорат ва қоидаҳои он, судхурӣ, ҷиноят ва шаклҳои ҷазои он ва ғайра бо роҳи коркарду синтез намудани таҷрибаи динию иҷтимоии тоисломии араб (“замони ҷоҳилия”) ташаккул ёфтааст;

3. Баъди густариши ислом ба кишварҳои дигар, он бо фарҳангҳои пешрафтаи халқҳои гуногун рӯ ба рӯ омада, ба талаботҳои ин мардумон ҷавоб дода натавонист. Дар натиҷа барои дарёфти роҳу усулҳои берун омадан аз ин ҳолат ва ҳамчунин мушкилоти ҳалли он масоиле, ки ёфтани ҷавобашон аз Қуръону суннат ғайриимкон буд, дар раванди коркарди таълимотҳои каломӣ-фиқҳӣ аз ҷониби имомон, ба вижа Абӯҳанифа, навовариҳо ба ислом ворид шуданд. Зиёда аз ин, дар ҳамин замина фирқаҳои мухталиф низ пайдо шуданд, ки ихтилоф бо исломи ибтидоӣ доштанд. Дар натиҷа аз ҷониби ҳокимону уламои суннимазҳаб мубориза ба муқобили ақлгароию илму фалсафа ва фирқаҳои гуногун оғоз ёфт, ки оқибат ба зуҳури салафияи ифротӣ заминаҳои идеологиро муҳайё сохтанд;

4. Барои ҳимояи исломи замони се насли мусулмонони ибтидоӣ-саҳобагон, тобеин, табаатобеин ва рӯҳи арабии ислом нахуст имом Аҳмад ибни Ҳанбал камар баст. Ҳарчанд ӯ нисбати имомон, аз ҷумла Имоми Аъзам, эҳтиром қоил буд, аммо кӯшиши ӯ барои аз ислом хориҷ сохтани чунин сарчашмаҳои фиқҳӣ - қиёс, иҷтиҳод ва урф ба хотири пешгирӣ кардан аз навовариҳо, яъне “бидъат” дар ислом ва муборизаи ӯ бо фирқаҳои ақлгароии исломӣ, ба мисли муътазила, қадария, сӯфия ва ғайра оқибат ба хусусияти зиддихирадгароию зиддиозодандешӣ касб кардани исломи суннӣ мусоидат намуд, ки мисолаш зуҳури салафияи Ибни Таймияю шогирдонаш  ва салафияи такфирию ҷиҳодии ваҳҳобия мебошад;

5. Ибни Таймия таълимоти фиқҳии ҳанбалияро ривоҷ дод. Ӯ низ роҳи ҳифзи исломи замони «салафи солеҳин»-ро аз «навоварӣ»-ҳо дар мубориза бо фирқаҳои ақлгарои исломӣ ва илму фалсафа ҷустуҷӯ кард. Аммо ҳангоми такфиру радди равияи шиа то ба ҳадди ифрот рафта, аҳли байт, бахусус халифа Алӣ ибни Абӯтолибро, зери тозиёнаи танқид қарор дод. Ҳамзамон дар таълимоти ӯ танқиди “муқаддасот” ҷойгоҳи хос пайдо кард, ҳатто он муқаддасоте, ки дар исломи суннӣ эътироф гардида буд. Аз ин лиҳоз, дар ин масъала аз исломи суннӣ дур рафт. Ҳамчунин ӯ таълимоти исломро дар бораи ҷиҳод коркард ва равнақ бахшид. Ҷиҳод ба муқобили куффорро навъи олии он дониста, бо ҳамин ақоиди хеш барои ваҳҳобия-салафияи ифротӣ ҳамчун сарчашмаи ғоявӣ хизмат кард;

6. Дар самти ҳифзи исломи суннӣ, ки идеологияи расмии хилофат буд ва дар як вақт исломи “салафи солеҳин” ба ҳисоб мерафт, нақши Имом Ғаззолӣ низ калон аст. Ҳарчанд ӯ ба ақлгароӣ ихтилоф наварзид, балки онро дар мубориза ба муқобили фирқаҳои исломӣ ва ҳимояи исломи замони “салафи солеҳин” истифода кард, вале муборизаи ӯ бо фирқаҳои исломӣ, бахусус исмоилия ва фалсафаи машшоъ минбаъд на танҳо ба раванди рушди илму фалсафа монеа эҷод намуд, ҳамчунин ба ривоҷи таассубу хурофот мусоидат намуд ва барои зуҳури ақоиди ифротӣ заминаи идеологӣ гузошт;

7. Баъди дар хилофат ба қудрат омадани туркҳои Усмонӣ на танҳо хилофат аз байн рафт, балки туркҳо ҳамроҳи худ баъзе унсурҳои бутпарастию ширкеро, ки дар миёни онҳо ҳанӯз вуҷуд дошт, бо худ ба ислом оварданд. Бояд ёдовар шуд, ки баъзе аз қабилаҳои араб баъди бозгашти худ ба ватани аслии хеш аз ҷангҳо барои истилои кишварҳои дигар аз нав ба динҳои “замони ҷоҳилия”-и худ баргашта буданд, зеро дар он давра ҳанӯз меъёрҳои ахлоқии ислом коркард нашуда буданд ва ислом дар байни онҳо устувор набуд, бештари вақти онҳоро ҷангу хунрезиҳои халқҳои ғайриарабу ҷамъ овардани ғанимат ишғол мекард,

барои омӯзишу таҳқиқи ислом вақт надоштанд. Дигар ин ки, онҳо вазифаи худро дар зери шиорҳои исломӣ иборат аз бунёди давлати араб ва хилофат медонистанд ва онро иҷро карда буданд. Ба ҳамин сабабҳо омӯзишу таҳқиқи ислом, коркарди ҳуқуқи исломӣ чандон дар байни онҳо ривоҷ пайдо накард. Баъди дар зери салтанати туркҳо қарор гирифтани Арабистон дар садаи XVIII дубора рӯҳияи озодихоҳии арабҳо бедор гашта, давлати мустақили худро мехостанд аз нав бунёд кунанд. Рисолати эҳёи давлати аз даст рафтаро Абдулваҳҳоб ва пайравонаш бар уҳда гирифта, дар паи ташкили давлати мустақили арабӣ шуданд. Ӯ барои амалӣ кардани ин ҳадаф аз таҷрибаи замони пайғамбару "салафи солеҳин" истифода намуд. Зери парчами "исломи ноб" муборизаро бар зидди хилофати туркони усмонӣ оғоз кард. Мазҳаби расмии салтанати усмониро исломи туркишуда ва олудашуда бо "бидъат"-ҳо эълон намуда, тавассути идеяи тавҳид ва ҷиҳод ба муқобили бутпарастиву ширк ва динҳои дигар ба ҷанг бархоста, оқибат арабҳоро муттаҳид сохта, истиқлолияти Арабистонро ба даст оварданд;

8. Чун ваҳҳобия дар раванди аз ҷониби Ғарб пош хӯрдани империяи Туркони Усмонӣ силоҳи динӣ-идеологӣ будани худро исбот кард, он минбаъд ҳамчун як ҷараёни исломии ифротӣ дар барангехтани низоъҳои дохилӣ дар ҷаҳони ислом нақши калон бозида, аз тарафи Ғарбу Амрико бар зиддӣ Иттиҳоди Шӯравӣ истифода гардида, барои ба ҷанги шаҳрвандӣ кашидани Тоҷикистон дар солҳои 90-уми садаи XX низ саҳм гирифт. Дар замони муосир бошад, бо пуштибонӣ ва дастгирии молиявии баъзе кишварҳои қудраттолаб ва гурӯҳҳои манфиатдор салафия дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ босуръат паҳн мегардад. Албатта, асосан ба манфиати ҳамон қудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавие, ки паҳншавии салафия ба манфиатҳои геосиёсю геоиқтисодии онҳо мувофиқ аст;

9. Ваҳҳобия тавассути тарғиби идеяи эҳёи “исломи ноб” ва мубориза бо ширку бутпараству динҳои дигар хусусияти бунёдгарой касб карда, бо экстремизму терроризм сахт пайваст шуд ва бо ҳамин сифаташ тавонист ба ташкилоти хадамотҳои махсуси давлатҳои абарқудрат табдил ёбад. Қудратҳои ҷаҳонӣ дар симои ваҳҳобия силоҳи идеологиеро дарёфтанд, ки тавассути он метавонанд ҷаҳони исломро, ки дар он мусулмонон ба равияю фирқаву мазҳабҳои мухталиф ҷудо шуда, ҳамдигарро бо “бидъат”-у “куфр” гуноҳкор месозанд, онҳоро ба низоъҳои дохилимазҳабӣ кашида, кишварашонро дар ҳолати бозмондагӣ нигоҳ доранд, то ки тобеи давлатҳои бонуфуз бошанд. Инро ҳаводиси “Баҳори араб,” ҷангҳои Ироқу Сурия, таъсиси “Давлати исломӣ” ва ғайра, ки дар даргирии онҳо саҳми салафияи такфирӣ-ҷиҳодӣ кам набуд, равшан нишон медиҳанд;

10. Бунёдгароии исломӣ ба Тоҷикистон ҳанӯз дар замони шӯравӣ роҳ ёфта буд. Давлати Шӯравӣ, ки бо бисёр кишварҳои мусулмонӣ муносибати ҳасана дошт ва дар ин кишварҳо афкори коммунистӣ паҳн мегардид, ба фоидаи Ғарбу ИМА набуд. Ҷумҳуриҳои мусулмонии шӯравӣ бо вуҷуди роҳи сотсиалистии тараққиётро пеша гирифтанашон, ҳанӯз ҷомеаҳои аграрии суннатӣ ба ҳисоб мерафтанд. Сатҳи диндорӣ ва хурофот дар онҳо нисбатан баланд буд. Аз ҳамин нигоҳ, барои Ғарб дар мубориза бо давлати Шӯравӣ ислом аслиҳаи идеологии мувофиқ ба ҳисоб мерафт ва онҳо кӯшиш карданд, ки ваҳҳобияро дар байни онҳо паҳн кунанд. Воқеан, дар онҳо, аз ҷумла Тоҷикистон, шуъбаҳои ҷараёни ваҳҳобия ба таври пинҳонӣ солҳои 70-уми садаи XX пайдо шуданд ва адабиёти исломии ифротӣ бо ҳар роҳу усул, аз ҷумла тавассути вилояти Фарғонаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ба Тоҷикистон интиқол меёфт. Ҳамин тариқ, ҳаракати ваҳҳобия дар Тоҷикистон бо номи Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон зуҳур кард, ки ҷавононро пинҳонӣ дар рӯҳи ақидаҳои ваҳҳобӣ таълим медод ва он дар солҳои сиёсати горбачёвӣ аз

мавҷудияти худ дарак дод. Ҳодисаҳои "феврали хунин"-и соли 90-ум ва ҷанги шаҳрвандии соли 92-уми садаи ХХ бевосита аз ҷониби онҳо роҳандозӣ шудааст;

11. Аз ибтидои садаи XXI инҷониб ҳаракати ваҳҳобия бо номи салафия дар Тоҷикистон паҳн мегардад. Азбаски бо номи ваҳҳобия паҳн шудани мазҳаби расмии Арабистони Саудӣ ба кишварҳои дигар метавонад ба обрӯю эътибори ин давлати араб таъсири бад расонад, ваҳҳобия бо номи салафия ба кишварҳои мусулмонӣ аз ҷониби кишварҳои ваҳҳобимазҳаб паҳн карда шуд, ки он хусусияти такфирӣ-ҷиҳодӣ дорад. Маҳз ҳамин навъи салафия имрӯз барои ҳифзи манфиатҳои геосиёсӣ ва геоиқтисодии қудратҳои ҷаҳонию минтақавӣ мувофиқ мебошад. Маводҳои зиёди шабакаҳои иҷтимоӣ, адабиётҳои аз хориҷ воридшаванда, ҷалби ҷавонон ба гурӯҳҳои экстремистӣ, ба вижа иштироки онҳо дар гурӯҳҳои террористии "Давлати исломӣ", баҳси онҳо бо пайравони мазҳаби ҳанафӣ дар масоили хондани намоз, зиёрати қабристон, хондани дуо дар сари қабри марҳум, муносибати онҳо ба низоми давлати миллию дунявӣ, ба фарҳангу арзишҳои миллию дунявӣ, аз ҷониби салафиён "тоғут" ном гирифтани ҳукуматдорони давлатҳои дунявӣ ва ғайра, ки пайваста аз тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ ва воситаҳои дигар мушоҳида менамоем, аз он шаҳодат медиҳанд, ки имрӯз дар Тоҷикистон маҳз салафияи такфирӣ-ҷиҳодӣ бо ҳар роҳу усул паҳн мегардад ва дар мавриди мувофиқ метавонад барои амнияту суботи ҷомеа хатарбор бошад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз чунин нуктаҳо иборатанд: дар коркарди назарияҳои илмии мухталифи усулҳои муқовимат кардан ба паҳншавии ақидаҳои исломгароии ифротӣ; дар пешгирӣ кардани ҷалби ҷавонон ба гурӯҳҳои экстремистӣ-террористӣ; истифода кардани маводҳои он дар гузаронидани лексияю суҳбатҳо бо гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ ва ғайра. Маводҳои кори диссертатсионӣ

метавонанд ҳангоми гузаронидани дарсҳо бо хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ, донишҷӯёни миёнаи касбӣ ва касбии олӣ аз фанҳои ҷомеашиносӣ, ҳангоми навиштани рисолаҳои илмӣ, курси лексия, дастуру воситаҳои таълимӣ истифода шаванд.

**Хулосаҳои назариявию натиҷаҳои** аз кори диссертатсионӣ ба дастомада дар ташаккули худшиносии миллӣ, эҳтиром ба арзишҳои фарҳанги миллию дунявӣ, ташаккули фарҳанги таҳаммулпазирӣ низ аҳамияти муҳим доранд.

**Соҳаи таҳқиқот.** Мавзӯи таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 09.00.14 – фалсафаи дин ва диншиносӣ (илмҳои фалсафӣ) мувофиқат дорад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур таҳқиқоте мебошад, ки онро муаллиф дар такя ба сарчашмаҳои исломӣ, осори намояндагони ҳаракати салафия, имомони мазҳабҳои исломи суннӣ, осори илмие, ки доир ба ин мавзуъ навишта шудаанд, анҷом додааст. Саҳми шахсии довталаб дар таҳлилу баррасии илмии нуктаҳои муҳими таълимоти салафия, фош кардани моҳияти иртиҷоию зиддимиллӣ ва ифротии он, нишон додани зарару хатарҳои он ба ҷомеаи дунявӣ, ба хусус ҷомеаи Тоҷикистон ва истиқлолияти он мебошад. Натиҷаҳои илмии кор, хулосаҳои назариявӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда, навгонию истифодаи методҳои мувофиқи назариявӣ ва умумиилмӣ, тавсияҳо барои истифодаҳои амалии кор дастоварди бевоситаи муаллиф мебошанд. Дурустии хулосаҳо ва натиҷаҳои корро маърӯзаҳои илмии муаллиф дар конфронсҳои байналмиллалию ҷумҳуриявӣ, рисолаҳою мақолаҳои нашршудаи муаллиф тасдиқ менамоянд.

**Тасвиб (апробатсия) ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**

Диссертатсия дар кафедраи диншиносии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода шуда, дар ҷаласаи васеи ин

кафедра муҳокима ва ба ҳимоя тавсия шудааст. Мундариҷаи асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқот дар рисолаҳои нашршуда ва мақолаҳои илмӣ, инчунин дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалӣ инъикос ёфтаанд. Масалан, дар конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалии "Раванди ташаккулёбии институтсионалии кори иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дастовардҳо, масъалаҳо ва тамоюлҳо". (ш. Душанбе, 23-уми ноябри соли 2022) дар мавзӯи "Муносибати салафияи ифротӣ ба мазҳаби ҳанафӣ"; конференсияи байналмиллалии илмӣ-амалии "Ҳифзи ҷавонони Ӯзбекистон аз таҳоҷуми идеологӣ дар шароити ҷанги иттилоотӣ" (ш. Деҳнав, 17-18 ноябри соли 2023) дар мавзӯи "Салафия - хатар ба давлати дунявӣ"; конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии "Ифротгароии салафӣ: масъалаҳои давлатдории дунявӣ ва ҳифзи ҳувияти миллӣ". (ш. Душанбе, 27 майи соли 2015) дар мавзӯи "Салафигароии ифротӣ: заминаҳои таърихӣ, манбаъҳои ғоявӣ ва хусусиятҳои зиддимиллии он"; конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии "Дин ва миллат: низоъҳои идеологӣ ва сиёсӣ дар ҷаҳони ислом" (ш.Душанбе, 19 ноябри соли 2015) дар мавзуи "Ислом-баёнгари андешаи космополитикии араб"; конфренсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Масоили мубрами улуми фалсафӣ дар Тоҷикистони муосир" (ш. Душанбе, 26-уми октябри соли 2022) дар мавзуи "Муносибати салафияи ифротӣ ба санъат"; конференсияи илмӣ-назариявии "Консепсияи исломшиносии муосир: мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо" (ш Душанбе, 30 июни соли 2010) дар мавзуи "Масъалаҳои усулии таносуби дин ва давлати дунявӣ"; конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Истиқлолият: андешаҳои миллӣ ва мазҳабӣ" (ш. Душанбе, 15-июли соли 2011) дар мавзуи "Нақши арзишҳои миллӣ ва мазҳабӣ дар таҳкими давлати миллӣ"; конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ бахшида ба 90-солагии академик М. С. Осимӣ "Академик М. Осимӣ ва рушди фарҳанг" (ш.

Душанбе, 20 ноябри соли 2010) дар мавзуи “Анъанаи дунявият дар фарҳанги сиёсии тоҷикон”; конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии “Мақом ва нақши ислом дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” (ш. Душанбе, 9 ноябри соли 2016) дар мавзуи “Таҳаммулпазирӣ - андешаи калидии динӣ-мазҳабии ниёгон”; конференсияи баналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Маорифи Ӯзбекистон-Финландия ва муаммоҳои тарбияи насли баркамол” доир ба мавзуи “Преодоление религиозного экстремизма-один из факторов духовного воспитание молодёжи” аз 24-25 майи соли 2024, Ӯзбекистон, Самарқанд ва ғайра.

**Интишороти натиҷаҳои диссертатсия** дар се монография ва 16 мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷмӯаҳои дигар ба чоп расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз мундариҷа, муқаддима, чор боб, ёздаҳ параграф, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда (325 номгӯй) иборат буда, дар ҳаҷми 431 саҳифа навишта шудааст.

# БОБИ I. САЛАФИЯ ДАР ИБТИДОИ ТАЪРИХИ ИСЛОМ

## 1.1. Истилоҳи “салаф” ва таҳаввули маънои луғавии он дар таърихи ислом

Омӯзиш ва таҳқиқи салафияи муосир, ки имрӯз дар ҷаҳони ислом ба як равия ё мазҳаби исломии ифротгаро табдил ёфтааст, бидуни муайян кардани маънои вожаи “салаф” дар Қуръону суннат ва таҳаввули маънои луғавии он дар таърихи ислом ғайриимкон аст. Омӯзиши сарчашмаҳои исломӣ, бахусус Қуръон, ошкор месозад, ки дар онҳо на истилоҳи “салафия” ҳамчун як равиши исломӣ, балки танҳо вожаи “салаф” мавриди истифода қарор гирифтааст ва маънои луғавии он “гузашта” ё “гузаштагароён”, “пешина” ё “пешиниён” мебошад. Дар забони тоҷикӣ маънои луғавии “салаф” бо вожаи тоҷикии “ниёгон” низ мувофиқ аст.

Агар ба мазмуну муҳтавои он оятҳои қуръонӣ, ки дар онҳо калимаи “салаф” ба маънои “гузашта” ё “пешиниён” омадааст, назар андозем, мебинем, ки аслан ин калима ба маънои манфӣ омадааст, яъне инкор кардани ҳамаи он амалу рафторҳо (одатҳо)-и баде, ки дар ҷомеаи гузаштаи араб, яъне “замони ҷоҳилия” мавҷуд буд. Барои исботи ин андеша метавон баъзе оятҳои Қуръонро ҳамчун намуна овард: “Касоне ки суд мехӯранд, барнамехезанд[130] (аз гӯр) магар монанди бархостани касоне, ки шайтон ба сабаби осеб расонидан ӯро девона сохтааст. Ин ба сабаби он аст, ки судхурон гуфтаанд: “ҷуз ин нест, ки савдогарӣ монанди суд аст”. Ва Худо савдогариро ҳалол кардааст ва судро ҳаром сохтааст. Агар касе, ки бар вай аз ҷониби парвардигораш панд омада бошад ва ӯ аз ин кор боз монад, пас он чи гузашт[131] (қабл аз ояти таҳрим), аз они ӯст ва (ҳаволаи) кори ӯ ба Худо аст. Ва касоне, ки (ба судхурӣ) бозгарданд[132] (баъд аз ояти таҳрим), пас онҳо бошандагони дӯзаханд. Худ дар он ҷо ҷовидонанд”. [2:275] Ин оят дар мавриди рибо (судхурӣ) гуфта шудааст. Судхурӣ (рибо) пеш аз он ки дар ислом ҳаром довиста шавад, дар ҷомеаи

замони ҷоҳилияи араб як одати муқаррарӣ буд ва дар ояти фавқуззикр ҳаром эълон шуда, рад гардид. Дар ин оят “мо салафа” ба маънои он чизест, ки гузашт ва дар ҳукми гузашта аст. То замоне, ки дар Қуръон рибо ҳаром эълон гардидааст, ҳар касе, ки дар гузашта (салаф) судхурӣ кардааст, бахшида шудааст. Вале баъди ҳаром эълон шудан, агар касе чунин амалро такрор кунад, гунаҳгор буда, ҷазои ӯ дӯзах аст. Ё худ дар Қуръон дар мавриди дигар низ чунин омадааст: “Ва аз занон ба касе никоҳ макунед, ки бо ӯ падарони шумо никоҳ карда бошанд. Лекин он чи гузашта аст, (дар он) авф аст. Ҳамоно, ин кори бад ва хашин аст: ва он бад роҳест” [4:22]. Дар ин ҷо маънои “Мо қад салафа” низ он чизест, ки дар гузашта буд. Дар ин оят одати замони ҷоҳилияи араб, ки мувофиқи он писар баъди фавти падар зани ӯро ба никоҳи худ медаровард, авф гардида, вале он ҳамчун одати давраи ҷоҳилияи араб, яъне замони гузашта манъ карда шудааст.

Вожаи “салаф” дар сураву оятҳои дигари Қуръон низ ба маънои авф кардан ва манъ намудани одатҳои манфии пешинаи замони ҷоҳилияи араб истифода шудааст, аз ҷумла онро метавон дар сураю оятҳои зерини Қуръон бараъло мушоҳида кард, ба монанди сураҳои [4:23], [5:95], [8:38], [12:30], [69:24], [43:56] ва ғайра. Дар ҳамаи ин оятҳо вожаи “салаф” танҳо маънои “гузашта” ё “пешиниён”-ро дораду халос.

Дар баъзе оятҳо бошад калимаи “салаф” ба маънои ибрат гирифтан аз амалу рафтори нодурусти гузаштагон омадааст. Дар ин хусус ояти зерин шаҳодат медиҳад: “Ва онҳоро пешиниён ва барои пасиниён масале сохтем” [43:56]. Дар тафсир ин оят ба маънои зер шарҳ ёфтааст: “Ва ононро пешрав гардонидем”, яъне фиръавниёнро истиҳқоқи азоб барои куффор, ки ба монанди амали онон амал мекунанд, муқтадо ва пешво гардонидем “ва масале бароиояндагон, яъне онро мояи панду ибрате бароиояндагон гардонидем ё ононро достони шигифтоваре

гардонидем, киояндагон ба он масал медонанд”.[16] Муҳтавои истифодаи вожаи “салаф” дар ин оят он аст, киояндагон аз одати бади пешиниён бояд ибрат гирифта, ислоҳ шаванд. Ин ҷо “масале сохтем” маънои ибрат барои дигаронро дорад. Азбаски асли Қуръонро тарғиби идеяи тавҳидгарой (яктопарастӣ) ташкил медиҳад, дар ин оят калимаи “салаф” ба он маъно омадааст, ки пешиниён (бутпарастону мушрикон)-и замони ҷоҳилияти араб аз “дини Иброҳим”, ки ҳаниф, яъне яктопараст буд, пайравӣ накарданд ва ба ғазаби Худо гирифтор шуданд ва таҷрибаи онҳо барои пасиниён (ояндагон) бояд масале бошад, яъне мавриди ибрат бояд қарор гирад ва онҳо набояд хатои пешиниёнро такрор намоянд.

Чуноне ки мебинем, дар Қуръон дар ҳама маврид, хоҳ ба маънои мусбат ва хоҳ манфӣ бошад, калимаи “салаф” ифодакунандаи замони пешина ва пешиниён будааст, на ба маънои ягон равия ё мазҳаби исломӣ, чуноне ки имрӯз ҳаст. Дар забони арабӣ дар муқобили вожаи “салаф” ҳамзамон калимаи “халаф” вуҷуд дорад, ки замонҳои гуногунро ифода мекунанд. Агар вожаи “салаф” замони гузаштаро баён созад, вале калимаи “халаф”, ки асосан маънои замони ояндаро дошта, он чиро ки пас аз замони гузашта меояд, ифода менамояд. Ҳамин тариқ, вожаи мавриди назар дар Қуръон аз доираи маънои луғавӣ берун набаромадааст ва аксар вақт маънои интиқодӣ ва баъзан ибрат гирифтан аз таҷрибаи гузаштаро дорад. Ҳамчунин, дар сарчашмаҳои исломӣ, ба вижа суннат, вожаи “салаф” дар баробари ба маънои “гузашта” ва одати бади замони гузаштаро рад кардан ва аз он ибрат гирифтан омадан, дар як вақт маънои ба гузашта пайравӣ карда, аз таҷрибаи хуби он баҳра бардоштанро низ касб кардааст.

Аз ҷумла паёмбар ба духтари хеш Фотима муроҷиат карда гуфтааст: “Ман беҳтарини пешгузаштагонам, ман барои туам”. Имом Нававӣ бо иқтибос аз “Саҳеҳи Муслим” [7/16] ин ҳадисро чунин шарҳ

[16] Иброҳим, Абу Авад. Упоминается ли салафизм в Коране и Сунне? 30 марта 2017г. alkawthartv. com/news/73/ (Дата обращения 12.02.2021).

додааст: салаф дар ин ҳадис ба маънои пешгузашта, яъне ман аз ҳамаи шумо пештар ҳастам, пас ба сӯи ман баргардед", яъне аз ман пайравӣ намоед, омадааст.[17] Пайдост, ки паёмбар дар ин ҳадис вожаи "салаф"-ро ба маънои мусбӣ истифода карда, таъкид ба он намудааст, ки ӯ дар тарғиби дини ҳақ аз беҳтаринҳо мебошад ва бояд барои дигарон (ояндагон) мавриди ибрат қарор гирад, ки дар ин маврид он маънои истифодаи таҷрибаи мусбии пешиниён, гузаштагонро низ ифода менамояд. Воқеан, дар ибтидои ташаккули ислом аз ҷониби Муҳаммад таҷрибаи динӣ ва иҷтимоию сиёсии араб, ки қабл аз ислом дар ҷомеаи қабилавии араб вуҷуд дошт, мавриди истифодаи фаровон қарор гирифта, дар Қуръону суннат таҷассум ёфтааст.

Ҳамин тариқ, вожаи салаф, ки дар Қуръону суннат ба маънои инкори одатҳои бади пешиниён (гузаштагон)-и араби "замони ҷоҳилия" ва ибрат гирифтан аз амалу рафтори онҳое, ки аз дини Иброҳим берун рафта, тоғутро мепарастанд (яъне мушрикон) ва ҳамзамон ба маънои пайравӣ кардан ба одату суннати пешгузаштагон, ба монанди паёмбарон, омадааст, ки аз ҷониби салафияи ифротии муосир бо мақсадҳои ғаразнок сӯиистифода мегардад. Аммо бояд гуфт, ки дар раванди густариши ислом ва ба вуҷуд омадани улуми исломӣ, бахусус илми калом, маънои луғавии вожаи "салаф" низ таҳаввул ёфт. Дар Қуръону суннат ба маънои ибрат гирифтани пасиниён (наслҳои оянда) аз таҷрибаи пешиниён (салаф) омадани вожаи "салаф" дар таърихи ислом ба уламо имконият дод, ки ҳангоми баҳо додан ба ақидаи пайравони фирқаву мазоҳиби мухталиф ин вожаро нисбати наслҳои мусулмонони ибтидоӣ - саҳобагон, тобеин ва табаа тобеин истифода карда, ақида ва рафтору амали ин наслҳоро ҳамчун намунаи ибрат барои мусулмонони асрҳои минбаъда мавриди тавсифу некномӣ қарор диҳанд, ки баъдан вожаи "салаф" маънои "салафи солеҳ" (некном)-ро гирифт.

---

[17] Тафсири "Анвору-л-Қуръон" // Мутарҷим Абдурауфи Мухлис. -Теҳрон.: Шайхулислом Аҳмади Ҷом, 1386. Ҷ.1.-С. 457.

Вожаи "салаф" дар афкори уламои исломӣ маънои мазҳабро низ гирифта, хусусияти сиёсӣ ҳам касб кард. Он дигар ба муқобили озодандешӣ, гуногунақидавӣ, ки дар батни ислом, ба вижа каломи исломӣ ба вуҷуд омада буд, истифода гардид, ки моҳиятан ба он маъное, ки вожаи "салаф" дар Қуръону суннат дошт, дар ихтилоф қарор гирифт. Аввалин шахсе, ки салафро ҳамчун мазҳаб ном бурда, аҳли салафро бо пайравони фирқаҳои каломӣ - муътазила, қадария, хориҷия, мурҷиа, шиа ва ғайра муқобил гузошта, пайравӣ кардан ба аҳли салафро тарғиб намуд, ин имом Абуҳомид Муҳаммад Ғаззолӣ мебошад. Масалан, ӯ дар нисбати мазмун ва вазифаи салаф чунин гуфтааст: "Бидон он ҳақиқати ошкоре, ки дар он аҳли басират шубҳае надоранд, мазҳаби салаф аст, яъне мазҳаби саҳоба ва тобеини онҳо... ҳақиқати мазҳаби салаф, ки назди мо ҳақ мебошад, ин аст, ки "ҳар касе аз оммаи халқ, ки барояш ин суханҳо (масоили ваҳмангез ва нодуруст) мерасад, лозим аст, ки ҳафт ҳолатро риоя намояд: тақдис, тасдиқ, эътироф ба нотавонӣ, сукут, худдории забон, худдории қалб, таслим ба соҳибони маърифат".[18] Ғаззолӣ ин ҳафт вазифаро хоси аҳли салаф ҳисобида, онҳоро аз ҷониби аҳли салаф барои тамоми мардуми мусулмон воҷибгардида медонад. Зиёда аз ин, ӯ ба таърихи ислом истилоҳи "салафи солеҳ"[19]-ро ворид карда, маънои луғавии онро васеъ намуд, ки на танҳо ҷанбаи эътиқодӣ пайдо намуда, ба мавзӯи баҳси каломӣ табдил ёфт, ҳамчунин ҷанбаи сиёсӣ касб кард. Аз ин рӯ, Ғаззолиро метавон яке аз асосгузорони салафияи ифротӣ қабл аз Ибни Таймия номид.

Муҳаммад Ғаззолӣ истилоҳи "салафи солеҳ"-ро замоне истифода кард, ки баҳсҳои каломӣ-илоҳиётӣ дар миёни мутакаллимон хеле ривоҷ ёфта буд. Ӯ истилоҳи салафи солеҳро ба муқобили он фирқаҳои исломӣ ба мисли муътазила, мурҷиа, қадария, хавориҷ, исмоилия ва ғайра, ки аз назари ӯ, гӯё исломи замони саҳобагон ва тобеинро бо андешаҳои

[18] Абуҳомид, Муҳаммад Ғаззолӣ. Боздории мардуми аввом аз илми калом [Матн] Ғаззолӣ А.М. - Душанбе.: Нур, 2010. -С.33.
[19] Абуҳомид Ғаззолӣ. Ҳамон ҷо.-С.31.

бидъатомези худ “олуда” карда буданд, мавриди истифода қарор дод. Ба ҳамин маънӣ истифода шудани истилоҳи “салафи солеҳ”-ро мо ба хусус дар афкори ӯ дар “Кимиёи саодат”, “Эҳёу улуми-д-дин”, “Боздории мардуми авом аз илми калом” ва ғайраҳо мушоҳида менамоем.

Ҳамзамон, дар илоҳиёти Ғаззолӣ, ба ҷуз се насли мусулмонони садри ислом, инчунин имомони мазҳабҳои аҳли суннату ҷамоат, идомадиҳандагони таълимоти онҳо ва донишмандони илми калом, ки исломи замони саҳобаву тобеинро ҳифз кардаанд, шомил шудаанд. Масалан, ӯ дар мавриди масъалаи тадриҷи иршод (нишон додани роҳи рост) ва тартиби дараҷоти эътиқод баҳс карда истода, дар робита ба Имом Шофеӣ, ки худ пайрави ӯ буд, мегӯяд: “Ва бидонӣ, ки Шофеӣ-разия-л-Лоҳу анҳу-ва кулли салаф аз ҳавҷ кардан дар он ва мутаҷаррид шудан барои он бознадоштаанд, ҷуз барои он ки дар ӯ зиёне аст, ки барои он танбеҳ кардем”.[20]

Зиёда аз ин, вақте ки Муҳаммад Ғаззолӣ ба майдони тасаввуф ворид гардида, гӯшанишинӣ ва риёзатро пеша кард, вожаи “салаф”-ро ба аҳли тасаввуф (сӯфиён) низ нисбат дода, саҳобаву тобеинро дар риёзату тақво ва ҳалолхуриву адолатпешагӣ ҳамсони сӯфиён донист. Аз ҷумла ӯ дар нисбати Халифа Умар гуфтааст: “Ва Умар ибни Хаттобро (р) зане буд, ки вайро дӯст доштӣ, чун хилофат ба вай расид, вайро талоқ дод аз бими он, ки набояд, ки дар коре шафоат кунад ва аз хеш он қувват наёбад, ки онро хилоф кунад”.[21] Ё худ ӯ мегӯяд: “Ва бузургони салаф гуфтаанд: “Ҳар киро ҷома тунуку борик бувад, дини вай тунук бувад... Ва ҷумлаи ин боб он аст, ки ҳалол даст бидорад аз бими он ки ба ҳаром кашад”.[22]

Шарҳи нисбатан дурусти салафияро Муҳаммад ибни Абдулкарим аш-Шаҳристонӣ додааст. Ӯ ҳангоми баррасии назари аҳли салаф нишон

---

[20] Ғаззолӣ А.М.. Эҳёу улуми-д-дин. Рубъи ибодат (китоби аввал) [Матн] Ғаззолӣ А.М // Тарҷумаи Муайидуддин Муҳаммади Хоразмӣ, пешгуфтор ва таҳлили криллӣ аз Абдулвоҳид Шамолов, Маҳмуд Ғиёсов. –Душанбе.: ЭР-граф, 2008. -С.488.
[21] Ғаззолӣ А.М.. Эҳёу улуми-д-дин. -С. 452.
[22] А.М. Ғаззолӣ. Эҳёу улуми-д-дин.- С. 453.

додааст, ки онҳо сифатҳои инсониеро, ки дар Қуръон нисбати Худо зикр мешаванд, ба мисли қарор гирифтан дар курсии Арш, дасту пой, биноӣ, рӯй ва ғайра доштани Худоро тасдиқ мекунанд, вале чи гуна будани онҳоро баён накардаанд ва гуфтаанд, ки ҳама онҳоро бояд эътироф кунанд, аммо чигунагии онҳоро савол надиҳанд, зеро ҳар ки савол медиҳад, "куфр" мекунад. Аз ин гуфтаҳо чунин бармеояд, ки онҳо маънои оятҳои Қуръонро дар шакли таҳтуллафзӣ мефаҳмиданд ва ба инсон монанд будани сифатҳои Худоро эътироф доштанд. Дар айни замон, чигунагии ин сифатҳоро, ки фаҳмиши антропоморфӣ аст, аз имкони дарки инсонӣ берун медонистанд.[23] Бинобар он, баъзе муҳаққиқон истилоҳи салафияро ба маънои "лафзгароён" низ фаҳмидаанд. Чунончӣ Норман Калдер мегӯяд: "Истилоҳи зоҳирӣ ва салафиро ба тартиб метавон ба лафзгароён (яъне касоне, ки ба маънои лафзӣ ва зоҳири каломи мунзал басанда мекарданд) ва гузаштагароён (яъне касоне, ки ба арзишҳои ҷомеаи гузашта - салаф пойбанд буданд), баргардонед".[24]

Баъдан вожаи "салаф"-ро Ибни Халдун дар асараш "Муқаддима" низ ба маънои пешиниён, яъне касоне ки аз мусоҳибони Муҳаммад буданд ва ба ном асҳоб номида мешуданд ва касоне, ки пас аз асҳоб омадаанд ва ба ном пайравони асҳоб ё тобеъон хонда мешаванд, мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Абдурраҳмон ибни Халдун дар китобаш "Муқаддима" дар хусуси донишҳои Қуръон, аз қабили тафсиру қироат, илми ҳадису фиқҳ, донишҳои калому илми тасаввуф баҳс карда истода, на танҳо саҳобагону тобеину табаа тобеинро, ҳамзамон ҳамаи муфассирони Қуръону суннат, имомони мазҳабҳову донишмандони калому аҳли тасаввуфро, ки дар покиза доштани ислом аз ҳар гуна олудагиҳои ақидавӣ, махсусан дар бахши ақоиди имонӣ-тавҳид ва

[23] Мухаммад, ибн Абд ал-Карим аш-Шахрастани. Книга о религиях и сектах (Китаб ал-милал ва-н-нихал). Ислам [Текст] Шахристани М.И.А // Перевод с арабского, введение и комментарий С. М. Прозорова. М.: Наука, 1984.-С.88-89.

[24] Норман, Калдер. Ҳудуди дурусткешӣдар ислом // Суннатҳои ақлонӣ дар ислом [Матн] Калдер Н // Тарҷумаи дуктур Фаридун Бадрай (Таҳия ва таҳрири матни тоҷикӣ аз академик Мусо Диноршое). - Душанбе.: Нодир, 2002.- С.115.

сифатҳои Худо ба мазҳаби салаф пайравӣ кардаанд, аз аҳли салаф меҳисобад. Масалан, ӯ дар мавриди аҳамияти ривоёту ахбори саҳоба ва тобеин, ки барои тафсири Қуръон нақши муҳим бозидаанд, баён карда истода мегӯяд: “Ривоёту ахбор аз саҳоба нақл шудааст ва он гоҳ тобеин пас аз саҳоба онҳоро сина ба сина нигоҳдорӣ кардаанд ва боз ривоёти маҷбур аз тобеон нақл гардида ва ҳамчунон дар миёни мардуми садри ислом ва салаф ривоят шудааст, то ҳангоме ки маълумот ба сурати донишҳо даромад ва китобҳо тадвин гардид ва бисёре аз он ривоёт навишта шуд ва осору ахборе, ки аз саҳоба ва тобеон расида буд, нақлу ривоят шуд ва он гоҳ ин ривоёт ба Табарӣ ва Воҳидӣ ва Саъолибӣ ва дигар муфассироне, ки дар радифи эшон буданд, расид ва онҳо он чӣ Худо хост, дар бораи осор навиштаанд ва таълиф кардаанд”.[25] Гузашта аз ин, Ибни Халдун ҳамаи он касоне, ки ба мисли Имом Молику Имом Абуҳанифа, Имом Шофеъӣ ва асҳоби онҳо ва ҳамчунин онҳое, ки ҳадисҳои пайғамбар баъди иҷмоъ шудани онҳо эътимод доштанд, онҳоро ҷамъоварӣ карда, ба табъи мусулмонон расониданд ва дар онҳо ихтилоф вуҷуд надошт, ба мисли Имом Бухорӣ, Имом Муслим, Имом Абдудовуд ва дигарон аз аҳли салаф ҳисобидааст.[26]

Донишманди англис Герри Австрин Волфсон бо такя ба андешаҳои Ибни Халдун низ вожаи “салаф”-ро ба ҳайси намояндагони ҳамон се насли мусулмонони исломи ибтидоӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, чунин таъриф додааст: “Он чи ин салаф бар он иттифоқи калима доштанд, чизеро месозад, ки мумкин аст ба ном дини исломи айёми некӯи гузашта номида шавад. Мо ба ин салаф ё ба номи мусулмонони садри ислом ё ба унвони пайравони садри ислом ё ба содагӣ ба номи мусулмонони ростэътиқод ба муқтазои мутуни мухталиф ишора хоҳем кард”.[27]

---

[25]

[26] Абдураҳмон, ибни Халдун. Муқаддима [Матн] / Халдун И.А // Мутарҷим Муҳаммад Парвини Гунабодӣ. Бозгардонкунанда аз форсӣ Муҳаррам Садиқова.- Душанбе.: Сарредаксияи илмии ЭМТ, 2019. Ҷ.2. –С.82

[27] Гарри, Острин Волфсон. Фалсафаи илми калом [Матн] / Волфсон Г.О // Тарҷумаи Аҳмад Ором.-Теҳрон.: Байналмиллалӣ, 1389.-С.3.

Чуноне ки мебинем, агар дар Қуръону суннат вожаи “салаф” ба маънои пешиниён ва зимни он инкори одатҳои манфии наслҳои пешини араб дар замони ҷоҳилия ва бардошт аз одатҳои неки гузаштагон, бахусус паёмбарон омада бошад, аммо бо мурури густаришу ташаккули ислом ва ба равияю фирқа ва мазҳабҳо тақсим шудани мусулмонон ин вожа аз нигоҳи мазмуну муҳтаво низ таҳаввул ёфта, маънои мазҳабию каломӣ низ касб мекунад ва бо унвони “салафи солеҳин”, ҳамчун силоҳи идеологию сиёсӣ ба муқобили равия, фирқаву ҷараёнҳои озодфикрӣ, ки хусусияти ақлгароӣ доштанд, истифода мегардад. Ба мушоҳида мерасад, ки дар натиҷаи ба муқобили фирқаву мактабҳои ақлгароӣ истифода шудани истилоҳи “салаф” аз ҷониби аҳли суннату аҳли ҳадис он маънои зиддиақлонӣ ва хусусияти сиёсӣ касб менамояд.

Минбаъд уламои ислом зери ин истилоҳ се насли садри исломро, яъне саҳобагон, тобеин ва табаа тобеинро мефаҳмиданд, ки гӯё маҳз ҳамин се насл аз мусулмонони ростэътиқод, муътақиду устувор ва босуботи исломӣ буда, бояд дигарон аз онҳо пайравӣ намоянд. Лекин, чуноне ки гуфтем, Ибни Халдун ҳамаи имомони аҳли суннату ҷамоат, асҳоби онҳо ва пайравонашонро ба “салафи солеҳ” мансуб донистааст. Зиёда аз ин, Ибни Халдун салаф ва аҳли суннатро як мазҳаб медонад. Аз нигоҳи ӯ ҳамаи имомони мазоҳибу пайрави ин мазҳабҳои аҳли суннат аз аҳли салаф, яъне меросбарони се насли аввали садри исломанд.

Дар ин биниш вожаҳои салаф ва аҳли суннат ҳаммаъно мебошанд. Чунончӣ ӯ дар мавриди чӣ будани дониши калом андешаи худро баён дошта, салаф ва аҳли суннатро аҳли як мазҳаб медонад: Калом “донишест мутазаммини исботи ақоиди имонӣ ва василаи адиллаи ақлӣ ва ба бидъатгузороне, ки аз эътиқодоти мазоҳиби салаф ва аҳли суннат мунҳариф шудаанд. Ва рамзи ин ақидаи имонӣ тавҳид аст”,[28] ки фаҳмиши салафияи муосирро дар бораи “салафи солеҳ” инкор менамояд.

---

[28] Абдураҳмон, ибни Халдун. Муқаддима [Матн] / Халдун И.А // Мутарҷим Муҳаммад Парвини Гунабодӣ // Бозгардонкунанда аз форсӣ ба тоҷикӣ Муҳаррам Садиқова.-Душанбе.: Сарредассияи илмии ЭМТ, 2019. Ҷ.2. –С. 91.

Фаҳмиши “салаф” ба маънои “салафи солеҳ” дар ибтидо, аз назари мо, асосан дар таълимоти Ғаззолӣ асоснок гардидааст. То ӯ ҳам вожаи “салаф” ба ҳамин маънӣ истифода мешуд, вале Ғаззолӣ онро аз ҳар ҷиҳат асоснок кардааст. Ӯ исломи замони баъди се насли мусулмонони садри исломро, ки дар он озодандешӣ ва гуногунақидавӣ рушд карда буд, исломи олудашуда аз “бидъат” медонист ва бозгашт ба исломи замони се насли аввалро роҳи беҳтарини ҳифзи ислом аз олудагиҳо меҳисобид, ки дар фаҳмиши маънои луғавии салаф таҳаввулотро ба бор овард. Минбаъд бар асоси он ба “салафи солеҳин” ва “бидъатгузорон” тақсим кардани мусулмонон ба ҳукми анъана даромад. Дар зимн бояд таъкид намуд, ки баъзе муҳаққиқон ҳангоми баррасии масъалаи салафияи ифротии муосир се насли мусулмонони давраи исломи ибтидоиро нодуруст мусулмонони се асри аввали таърихи ислом меҳисобиданд.[29] Ҳол он ки салафияи ифротӣ ҳамаи мусулмонони ин се асри аввали таърихи исломро, ба ҷуз ҳамон се насл, аз аҳли “бидъат” медонанд. Ҳамин тариқ, “дар фосилаҳои садаҳои XI-XII қамарӣ салафигарӣ ва мубориза бо бидъат ба таври махсус ва густурда дар манотиқи гуногуни ҷаҳони ислом дида мешавад... ва ислом “салаф”-ро олитарин гунаи бардошт аз ислом... донистаанд”,[30] ки натиҷаи маънои сиёсӣ касб кардани вожаи “салаф” буд.

Анъанаи зери истилоҳи “салаф” шинохтани танҳо се насли мусулмонони садри ислом то замони муосир идома ёфт ва бо гузашти айём унвони салафияро гирифт, ки пеш аз ҳама як рӯҳияи умумии бузургдошти “гузаштагони некном” (ар. “ас-салафу-с-солеҳу”)-и се насли аввали таърихи ислом аст ва дар шариати ислом ба унвони “салаф” ё “салафи солеҳ” шинохта мешавад. Ин ҷо як нуқтаи муҳим он аст, ки имрӯз вожаи “салаф”-ро баъзе имомон аз нигоҳи шариати ислом низ шарҳ медиҳанд. Имом ас-Сафforинӣ аз нигоҳи шариати ислом вожаи

[29] Что такое «Салафия»: http//salaf.forum.ru(vie wtopic.php? fr 48-tr9 (Санаи мурочиат 20.08.2022).
[30] Ризо, Деҳқонӣ. Рӯшанфикрони динӣ ва диндорони рӯшанфикр (хостгоҳи назарӣ). - Теҳрон.: Инқилоби исломӣ, 1386.-С. 45.

"салаф"-ро чунин таъриф додааст: "Зери мазҳаби салафиҳо саҳобагони пайғамбар ва пайравони онҳо (тобеин) ва ҳамчунин имомони дин, ки имомони бузурги уммат мебошанд, фаҳмида мешавад".[31] Аз ҷумла, чор имоми аҳли тасаннун Имом Абуҳанифа, Имом Шофеӣ, Имом Молик, Имом Ҳанбал аз аҳли салафи солеҳанд. Ҳарчанд ин унвонро ба онҳо мансуб медонанд, вале онҳо худ ба ҳеҷ ваҷҳ худро салафӣ наномидаанд ва якдигарро барои надоштани гароиш ба салафи солеҳ муттаҳам накардаанд.

Ҳамзамон, салафия гароишест, ки дар таърихи ислом ҳамаи фирқаву мазҳабҳои маъруфи исломӣ мавқеъгирии худро ба салафи солеҳ нисбат додаанд. Дар таърихи ислом ҳеҷ фирқаву мазҳаберо наметавон пайдо кард, ки худро пайрави "ас-салафу-с-солеҳу" нашуморида бошад. Вале дар фаҳмиши салафияи ифротӣ истилоҳи "салафия" ба маънои луғавӣ таъкид бар он мекунад, ки гӯё ислом ниёз ба рӯй овардан ба аслу асос ва решаву бунёди худ дорад. Дар меҳвари чунин тасаввурот андешае меистад, ки гӯё дар тӯли асрҳои сипаришуда ислом сахт таҳриф шуда, ба он унсурҳои нави нолозим ворид гардидааст, ки моҳиятан ба таълимоти нахустини ислом ва суннати "салафи солеҳ" - "ниёгони накӯном" ихтилоф доранд. Мурод аз "салафи солеҳ" дар фаҳмиши онҳо мусулмонони нахустин аз саҳобагон, тобеон ва тобаа-т-тобеин будааст. Аммо даъвои эътиқодии салафигароён мабно ба эътирофи ҷанбаҳои нақлии таълимоти ислом ва рад кардани равандҳои ақлии дарку фаҳмиши он аст. Ҳамон давраи нахустини ислом барои салафиён манбаи ҳамешагии илҳом ва интиқод аз дигарон қарор гирифтааст. Интиқоде, ки ба идеяи "такфир" асос меёбад. Яъне, ягона биниши дуруст доир ба ислом гӯё ин биниши салафиён аст ва биниши ҳамаи фирқаву мазҳабҳои дигари исломӣ "куфранд". Бинобар ҳар касе, ки биниши салафиёнро доир ба ислом қабул надорад, мавриди таҳқиру таъқиб қарор мегирад ва ҳукми қатл нисбати ӯ фарз мебошад.

[31] www.VI.VII. islam.ru/presselub/histori/salafia. (Санаи муроҷиат 25.03.2022)

“Салафиён” - номи гурӯҳи уламои мусулмоние низ ҳаст, ки дар давраҳои гуногун ба баргаштан ба тарзи зиндагӣ ва суннатҳои ниёгони солеҳу некном дар ҳама умурро даъват кардаанд ва ҳама бидъатҳо (навовариҳо)-и баъдии ҷомеаи исломӣ, чи тафсиру таъвили Қуръон, чи равияи тасаввуф ва чи муносибат бо кишварҳои Ғарбро мазаммат кардаанд. Ниҳоятан, он дар давраи нав номи як ҷунбиши бунёдгароӣ динию мазҳабӣ аст, ки дар нимҷазираи Арабистон дар заминаи мазҳаби суннии ҳанбалӣ ва яке аз уламои ин мазҳаб Ибни Таймия (1263-1328) ва шогирдони ӯ Ибни Қайиму ибни Асир ва баъдан Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб (1703-1791) асосгузорӣ шудааст.

Таълимоти М. Абдулваҳҳоб дар ибтидо бо номи ваҳҳобия шуҳрат ёфта, баъдан пайравони он номи “салафия”-ро барои худ авлотар донистаанд, зеро салаф миёни мусулмонон эҳтироми хос дорад ва онҳо хостанд, ки зери ин вожа таваҷҷуҳи мусулмононро ба худ ҷалб созанд. Ҳамзамон, хостанд нишон диҳанд, ки “афкору андешаҳои ин мазҳаб бо он чӣ Муҳаммад ибни Абдуваҳҳоб дорад, маҳдуд намешавад, балки ба салаф бармегардад ва ин ки пайравони ин мазҳаб дар бунёнгузорӣ ва пайравӣ аз ин мазҳаб амонатдори ақида ва афкори салаф ва низ шеваи онон дар фаҳму иҷрои ислом ҳастанд.”[32]

Дар асл салафия дар ислом як тамоюли арабгароиест, ки ҳамеша барои ҳифз намудани рӯҳи арабии ислом мубориза бурдааст. Аввалан, онҳо танҳо расму одат, оинҳои арабиро ба асос гирифта, одати мардуми ғайриарабро “ғайриисломӣ” ва “куфр” медонанд. Дигар, изҳор мекунанд, ки хилофати Аббосиҳо, вақте такя ба эрониёну туркҳо кард, ислом бо ҳар гуна “навоварӣ”- ҳо “олуда” гардида, рӯҳи пурқуввати исломи арабӣ заиф шуд ва давлати исломӣ низ дар натиҷа заиф гашт. Бинобар он, иқдоми салафиён барои эҳё намудани “исломи ноб”-и замони Пайғамбару се насли ибтидоии таърихи ислом ин эҳёи ҳамон

[32] Муҳаммад, Саид Рамазон ал-Бутӣ. Ас-салафияту марҳилатун заманиятун ло мазҳаба исломийя [Текст] /ал-Батӣ М.С.Р. - Димишқ, 2010. -С. 194.

исломест, ки воқеан рӯҳу хусусияти сирф арабӣ дошт. Дар таърихи ислом ин иқдом дар симои ваҳҳобия хеле барҷаста ба назар мерасид. Аммо, вақте ки даҳсолаҳои охир вожаи “ваҳҳобия” дар диди мусулмонони ҷаҳон маънои манфӣ, яъне як ҳаракати иртиҷоии моҳиятан ва амалан зиддимусулмониро касб намуда, ба буҳронисозии ҷомеаи мусулмонӣ мусоидат кард, пайравони ин ҳаракат унвони “салафия”-ро барои худ созгортар донистанд.

Ҳамин тариқ, салафияи муосир дар таърихи ислом давраи нави гароиш ба салаф мебошад, ки аз рӯи мазмуну ҳадафи худ аз он “салафи солеҳин,” ки мусулмонон зери ин истилоҳ на се насли мусулмонони ибтидоӣ, балки мусулмонони се садаи аввали таърихи исломро мефаҳмиданд, фарқ мекунад. Салафияи муосири ифротӣ бо “салафи солеҳин”-и ибтидои таърихи ислом шабоҳати зиёд, вале бо афкору амалияи мусулмонони се садаи аввали таърихи ислом ихтилофи шадид дошта, аз ҳаракатҳои ваҳҳобия, наҳзати мафкуравии созмони “Ихвону-л-муслимин” ва ғ. оғоз мегардад ва дар асл як исломи бо тарзи хос сиёсикунонидашуда мебошад, ки дар заминаи муборизаи сиёсӣ барои ба даст овардани ҳокимият ва аз нав эҳё кардани хилофати араб ва ё “давлати исломӣ”-и ба он монанд ба вуҷуд омада, баёнгари манофеи геосиёсӣ ва геоиқтисодии қудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ мебошад.

Дар манбаъҳои ғарбӣ барои ифодаи истилоҳи салафия истилоҳҳои “традитсионализм”, “фундаметализм”, “возрожденчество”-ро ба кор мебаранд. Аммо, аз назари мо, барои ифода намудани чеҳраи воқеии ҳаракати салафия мафҳуми “фундаметализм” (бунёдгароӣ) мувофиқтар аст, зеро саҳми салафия дар ривоҷи ҳаракатҳои ифротии бунёдгаро хеле зиёд мебошад. Мафҳуми “традитсионализм”, аслан мафҳуме аст, ки муҳаққиқони ғарбӣ ба исломи суннатӣ ё анъанавӣ доданд, як андоза моҳияти салафияро ҳам дар бар мегирад, зеро ҳамаи “муҳофизакорон”, муҳофизони исломи суннатӣ дар баробари таълимоти фиқҳие, ки ин ё он

мактаби фиқҳӣ ба низом даровардааст, ҳамон суннати пешиниёнро низ дар фиқҳи худ дар назар доранд ва исломи анъанавӣ ё суннати онро дар ҳамон шакл ҳифз карда, мавриди тақлиди худ қарор додаанд. Аз ин нигоҳ, агар “салафия”-ро, ки суннати пешиниён аст, бо таълимоти ҳамаи мактабҳои фиқҳӣ муқоиса намоем, онҳо низ пайрави суннати пешиниёнанд.

Дар ин миён мақоми фиқҳи Абуҳанифа фарқ мекунад. Шояд таълимоти Абуҳанифа бо назардошти меъёрҳои раъй, иҷмоъ ва истеҳсон ба ҳадде аз тақлиди кӯр-кӯронаи аҳли салаф берун равад, вале ҳамаи онҳое, ки аз мактабҳои фиқҳӣ фақат тақлид мекунанд, худро аҳли “салафи солеҳ” мешуморанд, гарчанде бунёдгароёни исломӣ онҳоро мавриди танқид қарор дода, аз аҳли салаф намедонанд. Ҳадафи суннатгароён ҳифзи эътиқоди ҳақиқӣ, суннати исломи давраи пайғамбар ва хулафои рошидин аст. Исломи ин давр барои суннатгароён низ исломи воқеӣ, ҳақиқӣ ва саҳеҳ менамояд. Гарчанде ислом зимни рушди худ дар ин минтақа аз таъсири фарҳангу одатҳои мардуми он бехабар набудааст, вале доимо таъкид мешавад, ки ба исломи набавӣ пайравӣ мекунанд. Дар ин ҷо ҳам мувофиқат бо салафия ва ҳам суннатҳои мардумӣ зери итоати суннатҳои исломи давраи аввал бо ҳам пайванданд. Ин омезиш низ чун пайравӣ аз “салафи солеҳ” фаҳмида мешавад ва таносуби традитсионализмро бо исломи аввалия ифода намекунад, ҳарчанд ки он аз ҷониби аксари назариётчиёни ислоҳталаб “карахтии фикри исломӣ” фаҳмида мешавад.

“Исломи пок” ё исломи давраи аввал, ба фикри аксарияти муҳаққиқон, бо он амалиётҳои зиддиахлоқӣ, зиддиисломӣ ва онҳое, ки берун аз таълимоти “дини паёмбар” амал мекунанд, хориҷ аз исломанд ва амалиёти онҳо ба ислом ҳеҷ алоқае надорад. Тарафдорони “исломи пок” асосан таассуби диниро ривоҷ медиҳанд ва салафия чунин таассубро бо поягузорияш бо ҳар гуна омезиши ахлоқӣ, фарҳангӣ,

атеистӣ нишон медиҳад. Он на танҳо ҷиҳати фавқулбашарӣ доштани исломро дар мадди аввал мегузорад, ҳамчунин онро нисбати фарҳангу одати дигар мусулмонони ғайриараб ҳам муқобил мегузорад. Пас аз ин нигоҳ “салафи солеҳ” бо одатҳои хоси арабҳо алоқаманд мешавад. Ин муқобилгузорӣ дар ниҳоят воситаи истифодаи ислом аз ҷониби террористон шуда, модели пешниҳодкардаашро идеали олии маънавӣ, ҷаҳонбинии инсоният қарор медиҳанд. Пас, мафҳуми “салафи солеҳ” маънои бартарӣ ба ҳама назарҳоро ҳам дар бар гирифтааст.

Вақте ки маънии “салафи солеҳ” дар партави равияҳои нави ифротгарой таҳлил мегардад, мушоҳида мешавад, ки онро метавон чун равияи “усулгаро” таъриф намуд. Муроҷиат ба асли ислом, давраи паёмбар ва халифаҳои рошидин, ки ҳоло ислом дар шакли ибтидоӣ пайдо шуда, қисматҳои асосии эътиқоди динии мусулмонон: ҳуқуқ, калом, ақида, илми усул ва дигар илмҳои исломӣ пайдо нашуда буданд, баъди пайдоишашон таълимоти исломиро ба низом даровwarданд, ки онҳо бо ҳамаи сарчашмаҳои муқаддас - Қуръон ва суннат мувофиқат доштанд ва наметавонад чунин ислом маънии мухолиф будани онро ба исломи давраи аввал дошта бошад. Аммо ҳадафи салафияи ифротӣ имрӯз аз ин муқобилгузорӣ ихтилоф андохтан дар байни мусулмонон ва аз он ихтилоф ба фоидаи манфиатҳои сиёсии худ баҳра бурдан аст. Аз ин рӯ, дар ин маврид маънии “салафи солеҳ” аз ҷониби ифротгароён таҳриф карда шуда, ба маънои ҳақиқии он мувофиқат намекунад.

Ибни Ҳанбал, ки пайрави ашадии суннат дар фиқҳ буд ва “салафи солеҳ”-ро асоси эътиқоди худ медонист, онро иборае аз Китоб-ул-лоҳ, суннати расул-ул-лоҳ, фатвоҳои саҳобаҳои пайғамбар, қавли баъзе аз саҳобаҳо, ки ба Қуръон мувофиқ бошад, тамоми аҳодиси мурсал ва заиф медонист.[33]

[33] Муҳаммад, Ҷаводи Машкур. Фарҳанги фирақи исломӣ [Матн] / Машкур М.Ҷ. -Теҳрон.: Пажуҳиши фарҳанги остони қудс, 1387.-С.169-170.

Ибни Қайим ин гуфтаҳои устоди устодашро тақвият бахшида, мақоми дигар сарчашмаҳои фиқҳӣ - иҷмоъ, раъй, истеҳсон, урфро низ ночиз намудор сохтааст. Мақоми қиёс ва истеҳсон дар фиқҳи Абӯҳанифа хеле баланд аст. Пас, он бо ақидаи салафиён созгор нест, гарчи фиқҳи ҳанафӣ мавриди тақлиди пайравонаш гашта, ҳама худро аз аҳли салафи солеҳ медонанд. Қиёс ва истеҳсон дар асоси раъйи муҷтаҳид бино шудааст, ки дар салафияи ибтидоӣ он вуҷуд надошт. Баръакс, онҳо бинои хирадгароиро дар ислом поягузорӣ кардаанд. Пас маънии "салаф" дар ин маврид хеле тағйир ёфта, афкори Абуҳанифаро дар бар гирифтааст, ки ба рӯҳияи салафгароӣ мухолифат дорад. Дар чанд маврид ин ихтилоф намудор мешавад. Аввалан, қиёс воситаи исботи меъёрҳои фиқҳӣ қарор дода мешавад ва ҳатто на ба он маъние, ки дигар равияҳои фиқҳӣ онро мефаҳмиданд, яъне на ба маънии тамсил. Абуҳанифа далелҳои қатъӣ ва яқинро истифода мекунад, ки аз доираи тамсили фиқҳӣ хориҷ аст. Абуҳанифа дар "Васият"-аш зикр мекунад, ки амал ҷузъи имон ва имон ҷузъи амал нест, чуноне ки салафия мешумурд. Ба қавли Абуҳанифа, бисёр вақтҳо амал аз муъмин бардошта мешавад ва ҷоиз нест, ки гуфта мешавад, имон аз муъмин бардошта мешавад. Баръакси ин салафия ва баъзе равияҳои фиқҳӣ гӯянд, ки ҳар кӣ ба аҳкоми шаръӣ амал накунад, ӯ муъмини имонаш нокомил аст.[34] Ин ҷо масъалаи зиёду кам шудани имон ба назар мерасад, ки Абуҳанифа чунин меҳисобад, ки имон зиёду кам намешавад. Чуноне ки дар "Фиқҳи акбар" мегӯяд: "Имони аҳли осмон ва замин, аз малоику ҷин ва анбиёву авлиё ва соири муъминин аз аброру фиҷгор зиёду кам намешавад".[35]

Гузашта аз ин, Абуҳанифа чунин мешуморад, ки "имон зиёду нуқсонпазир нест, мусулмонеро ба куфр ҳукм намекунем ба сабаби гуноҳе аз гуноҳон ва агарчӣ гуноҳи кабира бошад... номи имондориро аз ӯ дур намекунем ва ӯро муъмини ҳақиқӣ медонем ва ҷоиз аст, ки муъмин

---

[34] Имоми, Аъзам Абуҳанифа. Фиқҳи акбар. Боби "Васият". -Душанбе, 2009.-С. 15
[35] Абуҳанифа. Ҳамон ҷо.- С. 4

фосиқ бошад ва кофир набошад”.[36] Ин ҷиҳати таълимоти Абуҳанифа боис шудааст, ки баъзеҳо аз аҳли салаф Абуҳанифаро ба мурҷиъа будан гунаҳкор кардаанд. Воқеан ҳам, таълимоти Абуҳанифа дар бисёр маврид ба гуфтаҳои аҳли салаф мувофиқ намеояд, вале ин маънои онро надорад, ки фиқҳи Абуҳанифа дар зиддият бо исломи суннатӣ қарор дошта бошад, балки он рушди минбаъдаи фиқҳи исломӣ, низоми сулҳомези он аст. Маҳз Абуҳанифа аввалин касе аст, ки фиқҳро ба низом даровардааст, фиқҳе, ки аксари мусулмонон аз он пайравӣ мекунанд. Сабаби асосии он пазириши ақоиди исломӣ бо далелу бурҳон аз ҷониби ӯ буд, ки бар рӯи мусулмонон дарвозаи илмро кушод, яъне дониши исломӣ, равиши ақлгароӣ дар ислом ва натиҷаи кораш таҳқиқ ва гуфтугӯ дар исботи ақоиди исломӣ буд ва он ба мазҳаби аҳли суннат ва ҷамоат маъруф гардид. Маҳз ин равиш дар каломи Абуҳанифа тасдиқи равшани худро пайдо кард ва шуҳрати ӯ, ба қавли Ибни Абдулбар, “ба иллати илму шуҳрате, ки дошт, мавриди ҳасади ҳасудон қарор гирифта, ҳамин амр сабаби ҳар гуна туҳмату ифтиро дар ҳаққи ӯ гашта буд”.[37]

Ҳарчанд хирадгароӣ дар илми каломи Абуҳанифа хеле мақоми шоиста дорад, вале аҳли салаф комилан ба ин мухолифат доранд. Аз ин рӯ, таъкид месозем, ки фиқҳи Абуҳанифа низ бо маҳдудиятҳои аҳли салаф ихтилофи шадид дорад. Зиддияти салафия бо илми калом, хусусан каломи фалсафӣ ошкор аст. То пайдоиши муътазила фиқҳи салафӣ ақоиди исломро дар партави гуфтаҳои пайғамбар ва бузургони салаф баён доштааст. Ҳатто он исломеро, ки фиқҳ ҷузъи он буд, салафия эътироф надошт. Дар ин маврид ҳам аҳли салаф бо каломи Абуҳанифа мухолиф аст. Ғояҳое, ки дар “Фиқҳи акбар”-и Абуҳанифа баён шудаанд, аксаран дар асоси далелу бурҳон тасдиқи худро меёбанд ва бар аҳли салаф ин равия ҳеҷ писанд намеояд.

---

[36] Абуҳанифа. Ҳамон ҷо.- С. 9

[37] Имом, Муҳаммад Абузаҳра. Абуҳанифа: зиндагӣ, рӯзгор, андеша ва фиқҳи ӯ [Матн] / Абузаҳра И.М. - Душанбе.: Ирфон, 2009.-С.212.

Абуҷаъфари Таҳовӣ, донишманди улуми исломӣ (844-933) дар китоби машҳури худ “Ал-ақида-т-Таҳовӣ” навиштааст, ки илми калом баёни ақидаи аҳли суннат ва ҷамоат бар мазҳаби фуқаҳои миллат Абуҳанифа Нуъмон ибни Собити Куфӣ ва Абуюсуф Яъқуб ибни Иброҳими Ансорӣ ва Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Ҳасани Шайбонӣ (ҳар ду шогирдони Абуҳанифа - Қ.Н.) “ризвонуллоҳи таоло алайҳим аҷмаин аст”.[38] Вале баъзе “асҳоби ҳадис”, аз ҷумла салафия, бар хилофи каломи ӯ фикр баён карда, ақидаҳои ӯро бо мурҷиа мувофиқ донистаанд. Суханони Абуҳанифа дар каломаш бар далоили қатъӣ ва яқинӣ баён шудаанд, ки хоси каломанд. Дар бораи хусусиятҳои калом, хусусан, каломи Абуҳанифа Саъдуддин Тафтазонӣ чунин мегӯяд: “Илми ақоид (калом - Н.Қ.) беш аз улуми дигар ниёз ба сухангӯӣ ва такаллум дорад, то ба баҳсу гуфтугӯ ва баъзан муҷодала ва мунозира ба радди мухолифин ва назариёташон пардохт ва илми усули дин ба хотири қуввати далоилаш ба илми калом марсум гашта, бар хилофи улуми дигар”.[39] Чунин баҳсу мунозираи илмӣ ба “аҳли салаф” ҳеҷ хос нест, зеро Абуҳанифа чун имоми илми калом шинохтаву эътироф шудааст.

Аммо дар асрҳои баъдина, баъди асри XIV фиқҳи ҳанифӣ низ аз ҷониби рӯҳониёни “тақлидкор” хеле коҳиш ёфт. Ба қавли ислоҳотгароёни нимаи дуюми асри XIX, аз ҷумла Муҳаммад Иқбол “он натиҷаи коҳилии фиқҳӣ аст, ки махсусан дар давраи инҳитоти рӯҳӣ ҳосил мешавад ва мутафаккирони бузургро ба сурати бутҳое дармеоварад. Агар баъзе аз фирқаҳои бузурги мутааххир ин ваҳму дардро таъйид кардаанд, исломи ҷадид маҷбур нест, ки аз истиқлоли фикрии худ чашм бипӯшад”.[40] Пас, салафия дар ин маврид эҳёи он суннати иртиҷоие аст, ки бо рӯҳи замона созгор нест.

Хулоса, маънои луғавии “салаф”-ро, ки дар ибтидо “гузашта”, “гузаштагон”, “пешиниён” ва “ибрат гирифтан аз таҷрибаи онҳо”

---
[38] А,Таҳовӣ. “Ал-ақи-да-т-Таҳовӣ”.-С.1.
[39] Шарҳи Мулло Алии Қорӣ бар “Фиқҳи акбар”.-С. 13
[40] Муҳаммад, Иқбол. Эҳёи фикри динӣ дар ислом [Матн] / Иқбол М. –Душанбе.: ЭР-граф, 2010.-С.155.

ташкил медод, тадриҷан таҳаввул ёфта, то ба маънои такфир шудани ҳамаи навъи ақлгароӣ ва фирқаву мазҳабҳои исломӣ, ба ҷуз се насли мусулмонони садри ислом ва пайравони мазҳаби ҳанбалӣ, дар салафияи муосир тағйир ёфта, дар кулл хусусияти экстремистӣ-террористӣ ва зиддибашарию зиддитамаддунӣ касб карда, дар баъзе масъалаҳо аз ”салафи солеҳ” дур рафт, бахусус, дар масъалаи тавассул, яъне бидъат ҳисобидани дархости дуо аз пайғамбар баъди фавти ӯ ва ҷисм шинохтани Худованд. Имрӯз бошад, дар маркази таълимоти он масоили эҳёи “исломи ноб,” барқарор кардани исломи “бемазҳаб,” бо роҳи ҷиҳод паҳн намудани ислом дар тамоми ҷаҳон ҳамчун сарзамини Аллоҳ ва ғайра қарор мегирад.

## 1.2. Салафия ва иртиботи он бо одатҳои тоисломии араб

Дар зербоби гузашта муайян намудем, ки маънои луғавии “салаф” дар сарчашмаҳои исломӣ ба ҳайси “гузашта”, “гузаштагароён,” “пешиниён” ва барқарор кардани робита ба одату таҷрибаи иҷтимоӣ-динии гузашта омадааст. Пас, зарур аст, ки масъалаи аз ҷониби Паёмбари ислом ва умуман араб дар коркарди таълимоти исломи ибтидоӣ истифода шудани таҷрибаи динию иҷтимоӣ ва одату мероси фарҳангии тоисломии арабро мавриди баррасӣ қарор диҳем.

Мусаллам аст, ки дар сарчашмаҳои муқаддаси исломӣ зиндагии давраи тоисломии араб ба унвони “замони ҷоҳилия” ва фарҳанги он низ бо номи “фарҳанги замони ҷоҳилият” ёд мешавад, ки мувофиқи сарчашмаҳои ибронӣ ба вожаи ибрии “арабҳа” ё “араб,” яъне “замини торик”[41] робита дошт. Яке аз сабабҳои чунин ном гирифтани таърихи тоисломии араб дар он буд, ки дар он замон дар дину фарҳанги сохтори авлодӣ-қабилавии араб ҳам бисёрхудоӣ (ба забони арабӣ “ширк”) ва ҳам эътиқодоти бутпарастӣ ҷойгоҳи хос доштанд. Парастиши бут ё санам (аз ҷӯб), дарахту ҳайвонот, ҷирмҳои осмонӣ, сангҳо ва ғайра ба

[41] Бернард, Льюис. Арабы в мировой истории. С доисламских времен до распада колониальной системы // Пер. с англ. Т. М. Шуликовой.- М.: ЗАО Центрполиграф, 2017,-С. 9

таври васеъ ривоҷ ёфта буд. Арабҳо ҳангоми ба сафар баромадан ҳатто сангеро аз хонаи Каъба бо худ мегирифтанд, ки эҳтироми онҳоро ба хонаи Каъба нишон медод ва пайванди онҳоро бо Макка ифода мекард. Дар ҳар куҷое, ки қарор мегирифтанд, санги бо худ гирифтаашонро дар замин гузошта, дар атрофи он чарх мезаданд. Онҳо парастиши буту сангҳоро суннати наслҳои пешин, гузаштаи худ медонистанд.[42]

Риояи анъанаю одатҳои гузаштагон бо баъзе навовариҳо дар ислом низ идома ёфт. Қабл аз ислом араб аз нигоҳи сиёсӣ пароканда буд ва давлати ягонаи араб вуҷуд надошт ва низоми иҷтимоию сиёсии Нимҷазираи Арабистонро сохтори авлодӣ-қабилавӣ, ки дар он ҳар кадом қабила мустақил буд, ташкил медод. Низоми иҷтимоии авлодӣ-қабилавӣ  парокандагии диниву фарҳангиро низ дар пай дошт.

Вақте ки дар садаҳои VI-VII мелодӣ худшиносӣ ва кӯшиши дар давлати ягона муттаҳид шудани араб тадриҷан ба миён омад ва он аз тарафи шахсиятҳои алоҳидаи араб эҳсос мегардид, дар он шароит татбиқи чунин ормони миллӣ, ба гуфти донишманди араб Ибни Халдун, барои тозиён ҳосил намешавад, магар ба шеваи динӣ, аз қабили паёмбарӣ ё вилоят, ё ба таври куллӣ ба василаи осори бузурги динӣ”.[43] Зеро дар асрҳои миёна маҳз дину илоҳиёт идеологияи расмии давлату ҷомеа буд. Ба ақидаи Ибни Халдун сабаби танҳо дар асоси дину паёмбарӣ дар як давлати этникӣ-миллӣ муттаҳид сохтани араб дар он буд, ки араб ҷоҳил буд, дар муқоиса бо халқҳои дигар ба душворӣ ба ҳамдигар итоат мекард, ӯ дағал, бо кибр ва худбин буд ва ҳар кадом барои ба дигаре сарварӣ кардан мубориза мекард ва нисбат ба ҳамаи миллатҳо аз сиёсати кишвардонӣ дуртаранд.[44]

Маҳз ҳамин тарзи зиндагӣ, ҳолатҳои равонӣ ва тарзи тафаккур, ки ба бунёди давлати яягона халал мерасонид, зарурияти эҷоди дини нав

---

[42] Хишом, ибни Муҳаммад ал-Калби. Книга об идолах [Текст] /  ал-Калби Х.И.М // Перевод с арабского, предисловия и примечания В.В. Полосина.- М.: Наука, 1984.-С.14.

[43] Абдураҳмон, ибни Халдун. Муқаддимаи ибни Халдун [Матн] / Халдун А.И // Мутарҷим Муҳаммад Парвини Гунободӣ. Баргардонкунанда аз форсӣ Нурмуҳаммад Амиршоҳӣ. -Душанбе.: Саредаксияи ЭМТ, 2019.-С.353.

[44] Абдураҳмон, Ибни Халдун. Ҳамон ҷо.-С.353.

- ислом, ки аз лиҳози иҷтимоӣ-сиёсӣ маънои бо ёрии дин ба як давлат ва ба як сарвар итоат овардани арабро дошт, ба миён овард. Албатта, чунин дин бояд танҳо хусусияти яктопарастӣ (тавҳидӣ) медошт, зеро танҳо эътиқод ба Худои ягона метавонист заминаи ақидавӣ-идеологии пайдоиши давлати этникӣ-миллӣ ва минбаъд хилофат (императории араб) гардад. Бинобар он, барои пайғамбари ислом Муҳаммад дар навбати аввал масъалаи аз ҳама муҳим барои татбиқи амалии ин ҳадаф аз миёни анҷуман (пантеон)-и худоёни араб интихоб кардани Худои ягона буд, то ки мутобиқ ба ҳадафҳои сиёсии араб бошад.

Дар он шароит, ки ҳар кадом қабилаи араб худоёни худро дошту ин худоҳои қабилавӣ дар шуури қабила ҷойгоҳи хос дошта, муҳофизатгари қабила ба ҳисоб мерафтанд, албатта, интихоби худои ягона барои тамоми қабоили араб ба ҳайси як идеяи умумӣ, ки бояд тамоми арабҳоро дар як давлати воҳид муттаҳид месохт, кори сангине буд, зеро инкори худоёни қабилавӣ маънои таҳқири худоёну расму оинҳои қабилавиро ва дар ниҳояти кор таҳқири пайравони ин худоёнро дошт. Бинобар он, Муҳаммадро зарур буд, ки дар интихоби Худои ягона зиракии сиёсӣ ва дипломатияи хос зоҳир намуда, аз таҷрибаи динии пешиниён, ки миёни араб ташаккул ёфта буд, истифода намояд.

Аммо, бояд гуфт, ки тарғиби идеяи Худои ягона - Аллоҳ, ки Муҳаммад дар ибтидои садаи VII мелод оғоз кард, дар таҷрибаи динии араб падидаи нав набуд. Арабҳои замони ҷоҳилия ҳанӯз пеш аз зуҳури Муҳаммад ва ислом бо идеяи яктопарастӣ шиносоӣ доштанд. Аввал ин ки, дар Нимҷазираи Арабистон пайравони динҳои яктопарастӣ, ба мисли яҳудия, насрония ва зардуштия зиндагӣ мекарданд, ки қисме аз арабҳои бутпарасту мушрик бо онҳо шиносоӣ доштанд. Гузашта аз ин, яктопарастӣ аз ҷониби як қатор пайғамбарони араб дар садаи VI ва ибтидои садаи VII тарғиб карда мешуд, ки дар таърихи араб ва ислом бо унвони ҳаракати ҳанифия арзи вуҷуд кардааст.

Муҳаммад дар тарғиби яктопарастӣ, пеш аз ҳама, аз ҳамин таҷрибаи ҳаракати ҳанифия, ки дар замони ҷоҳилият буд, истифода намуд. Аз вуҷуд доштани чунин ҳаракат қурайшиҳо низ маълумоти дақиқ доштанд. Масалан, шаҳрванди Макка аз қабилаи Қурайш Зайд ибни Амр ибни Навфал ҳанӯз пеш аз Муҳаммад аз ширк даст кашида буд[45] ва аз дини Иброҳим пайравӣ мекард. Ё худ аз Ибни Ҳишом ривояте ҳаст, ки мувофиқи он чор нафар аз сокинони Макка - Варақа ибни Навфал, Усмон ибни Ҳувайрат, Убайдулло ибни Ҷаҳин ва Зайд ибни Амр аз мардуме, ки ҷашни бутҳоро дар Каъба ороста буданд, ҷудо шуда, дар саҳро пинҳонӣ вомехӯранд ва қасам ёд мекунанд, ки дигар бутҳои пешиниёни худро парастиш намекунанд ва ба дини ҳақи Иброҳим бармегарданд. Онҳо Иброҳимро ҳаниф (яктопараст) меҳисобиданд. Аз ин ҷо дар забони арабӣ "ҳанифия" маънои рӯй гардонидан аз бутпарастиро дошт, ки минбаъд дар таърихи араб бо унвони ҳаракати ҳанифия маъмул гардид. Он чор тан бегоҳии ҳамон рӯз Маккаро тарк карда, ба мақсади тарғиби яктопарастӣ ба самтҳои гуногун раҳсипор шуданд. Вале Варақа, Усмон ва Убайдулло чун диданд, ки дар ин кор муваффақият ба даст наоварданд, оқибат ба равияи католикии насроният шомил шуданд. Аммо Зайд фаъолияти худро давом дод. Дар ривоятҳо омадааст, ки ӯ дар сояи Каъба бо пушт ба девори он такя карда гуфтааст: "Ман ал-Лот, ал-Уззоро тарк мекунам. Дигар ба Ҳубал саҷда намекунам, ҳарчанд ӯ дар он рӯзҳое, ки ман ӯро хуб намешинохтам, Худои мо буд" ва бо овози баланд баён мекунад: "ба ҷуз ман, касе аз дини Иброҳим пайравӣ намекунад". Зайд шоир низ будааст ва дар ашъори худ яктопарастиро тарғиб кардааст. Аз ҷумла мегуфт: "Ба ҷуз Худованд, Худои дигаре нест".[46]

Ҳамаи он ашхосе, ки қабл аз паёмбари ислом Муҳаммад аз садаи VI сар карда дар байни арабҳо яктопарастиро тарғиб мекарданд, онҳоро

---

[45] Ибни Ҳишом. Сирату-л-расулуллоҳ. Ҷ.1.-С. 143-149.
[46] Реза,. Аслан. Нет бога, кроме бога. Истоки, эволюция и будущее ислама [Текст] / Аслан Р // Пер. с ниг. М.А. Колесниковой. М., 2009.-С.42.

ҳаниф меномиданд. Ҳаракати ҳанифия яке аз сарчашмаҳои асосии ақидатии пайдоиши ислом мебошад ва дар Қуръон низ эътироф шудааст: "Иброҳим на яҳудӣ ва на тарсо буд, балки ҳанифи мусулмон буд. Ва аз ширковарандагон набуд" [3:67]. Аз ин ҷо чунин хулоса кардан мумкин аст, ки формулаи "ба ҷуз Аллоҳ, Худои дигаре нест", дар шакли дигар такрор ёфтани ҳамон шиори ҳанифиҳо, аз ҷумла Зайд мебошад, ки дар боло баён шуд. Ҳанафиҳо ҳарчанд, аз бутҳои Каъба рӯй тофтанд, вале Каъбаро ба сабаби ба Иброҳим робитаи маънавии бевосита доштанаш парастиш мекарданд, на бутҳои онро.

Ҳанифия дар маҳалҳои нисбатан сераҳолии Ҳиҷоз тарғиб мегардид. Дар Тоиф онро шоир Умайя ибни Абу-с-Салб чун дини Иброҳим муаррифӣ менамуд. Дар Ясриб бошад ҳанифизм аз ҷониби Абу Амир ар-Роҳиб ва Ибни Аслат тарғиб мегардид ва онҳоро мувофиқи анъанаҳои сомӣ, ки дар дини яҳудия ривоҷ ёфта буд, пайғамбар меномиданд. Дар Амома яктопарастиро пайғамбар Мусайлама, ки Худои ӯ Раҳмон ном дошт, тарғиб мекард. Диншинос И.А. Кривелев ёдовар шудааст, ки Мусайлама, ҳатто, ба Муҳаммад мактуб навишта, талаб мекунад, ки қабилаи ӯ ҳуқуқи мустақилияти динӣ-сиёсӣ дорад, зеро ӯ низ мисли Муҳаммад паёмбар аст.[47] Муҳаққиқ Е. А. Беляев ҳанифияро дини пурра ташаккулёфтаи мардуми кишоварзи Амома ҳисобидааст.[48] Ба гуфтаи ӯ, ҳанифизми Макка бошад, дар он замон дар ҳамон зинаи ташаккул қарор дошт, ки унвони "ислом"-ро гирифт.[49]

Дар Яман бошад яктопарастиро пайғамбар Асвад тарғиб мекард, ки ӯро низ "расули Аллоҳ" медонистанд. Пайғамбарзан Саҷҷоҳ аз Ҷазира (Бобил) низ ба тарғиби яктопарастӣ машғул буд ва бо Мусайлама рақобати сахт дошт. Мусайламаро зарур омад, ки бо ӯ муросо намояд. Ҳамаи ин пайғамбарон дар назди диндорон бо рӯи пӯшида сухан мегуфтанд ва ин анъанаро Муҳаммад низ қабул намуд.

---

[47] Крывелев, И. А. История религии [Текст] / И.А. Крывелев.-М.: Мысль. Том второй, 1988.-С.55-56.
[48] Беляев, Е. А. Арабы, ислам и арабский халифат в ранее средневековье [Текст] / Е. А. Беляев.-М.: Наука. -1966.-С.103.
[49] Беляев. Е. А. Ҳамон ҷо. -С.105.

Бинобар он, то ба имрӯз касе гуфта наметавонад, ки симои воқеии пайғамбар чӣ гуна аст. Ва он пайғамбарон ҳангоми намоз хондан ба изтирор (ваҷд) афтода худро дар ҷома ё либоси ғавси дигар мепечониданд. Чуноне ки Муҳаммад низ ҳангоми гӯё гирифтани ваҳй ҳамин ҳолатро паси сар мекард. Вақте ки Муҳаммад ғолиб омад, дар Қуръон оятҳое пайдо шуданд, ки ин пайғамбаронро чун паёмбарони дурӯғин ва авомфиреб рад карданд: "Ва кист ситамгартар аз касе, ки ба Худо дурӯғ барбаст ё гуфт "Ба ман ваҳй фиристода шудааст". Ва (ба ҳақиқат) ба сӯи ӯ чизе фиристода нашудааст". [6:93] Ин ҷо нуктаи муҳим он аст, ки Қуръон ҳарчанд ин пайғамбаронро рад кардааст, вале арзи вуҷуд доштани онҳоро дар миёни араб пеш аз Муҳаммад инкор накардааст, ки албатта барои пайдоиши ислом ҳамчун як заминаи ғоявӣ нақши муҳим бозидаанд. Дар айни замон, бояд ёдовар шуд, ки сарчашмаҳои ғоявии ҳанифияро яҳудия, насрония ва зардуштия ташкил медиҳанд.[50] Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ислом дар ҷои холӣ ба вуҷуд наомада, реша дар таҷрибаи диниву иҷтимоии арабҳои "замони ҷоҳилия" ва динҳои дар минтақаи Нимҷазираи Арабистон маъмул дорад, ки онҳоро бо ислом мепайвандад. Зиёда аз ин, ҳаракати ҳанифия, ки дар садаҳои VI-VII дар Ҳиҷоз дар муқоиса бо он генотеизме, ки дар миёни арабҳо мавҷуд буду хусусияти соддалавҳона дошт, фарқ мекард. Аввал ин ки, агар дар суннати генотеизми замони ҷоҳилияти араб[51] миёни коҳинҳову Худо миёнараве, ба мисли ҷинну рӯҳҳо, амал мекарда бошад, дар ҳаракати ҳанифия миёни набиёну Худо ягон миёнараве вуҷуд надошт. Ҳанифиён бидуни миёнараве, ки дар суннати генотеизм буд, яктопарастиро тарғиб мекарданд.

Илова ба ин, дар маркази таълимоти ҳанифия бештар масоили ахлоқӣ қарор доштанд ва ин анъана ба ислом таъсири зиёд расонидааст. Дар сураҳои давраи Макка дар Қуръон оятҳои хусусияти ахлоқӣ дошта

---

[50] Крывелев, И. А. История религии [Текст] / И. А. Крывелев. Том второй. -М.:Мысль,1988.-С.37.

[51] Генотеизм (як Худо)-яке аз шаклҳои бисёрхудоӣ аст, қабила ё иттиҳоди қабилаҳо вуҷуди худоҳои зиёдро эътироф карда, дар айни замон танҳо аз он худоён якеро парастиш мекарданд, ба мисли яҳудияи ибтидоӣ

афзалият доранд, чуноне ки дар ҳанифия буд, зеро "ҳанифия таълимоти динӣ-ахлоқӣ мебошад."[52] Ба андешаи ҳанифиҳо хушахлоқ будан шарти асосӣ барои бахшидани гуноҳҳо аз ҷониби Худо мебошад, ки ба Қуръон таъсири зиёд гузоштааст. Зиёда аз ин, дар ҳанифизм масъалаи рӯзи ҷазо, ки аз зардуштия ба динҳои яҳудияву насронӣ интиқол ёфта, дар навбати худ ҳанифия дар зери таъсири ин ду дин ташаккул ёфта буд, роҳ ёфт, ки хоси генотеизми замони ҷоҳилия набуданд. Идеяи ҷазо дар ҳанифия ҷойгоҳи хос дошт. Масалан, ҳамон паёмбар Зайд ибни Амр дар ин бора чунин баён кардааст: "Эй инсон, тарк намо аз он чизе, ки баъди марг фаро мерасад, ягон чизро Шумо наметавонед аз Худо пинҳон доред". [53]

Маврид ба ёдоварист, ки ин суннати пешиниён (салаф), ки хоси ҳанифия буда, дар оятҳои Қуръон 12 маротиба такрор ёфтааст, аз робитаи ногусастанию бевоситаи ислом бо суннату ақоиди гузаштагон, ки миёни араби замони ҷоҳилӣ роиҷ буд, гувоҳӣ медиҳад. Масалан, ояти зерини Қуръон аз ин гуфтаҳо шаҳодат медиҳад: "Эй Парвардигори мо, ба дурустӣ, Ту он чиро медонӣ, ки пинҳон медорем ва он чиро, ки ошкор мекунем. Ва ҳеч чизе дар замину осмон бар  Худо пинҳон намемонад" [14:38]. Хулоса, ҳанифия - тарғиби анъанаи яктопарастӣ пеш аз ислом, ҳамчун як ҷараёни динӣ-идеологии нав хелеривоҷ ёфта буд, вале он натавонист бутпарастиву бисёрхудоӣ (ширк)-ро миёни арабҳо аз байн барад ва онҳоро дар як давлати ягона муттаҳид созад. Аммо он тавонист барои зуҳури ислом ҳамчун як заминаи ақидавӣ-идеологӣ хизмат намояд.

Пайғамбар Муҳаммад ҳангоми коркард ва тарғиби дини нав - ислом аз ин таҷрибаи пешиниён (салаф)-и замони ҷоҳилия хеле моҳирона ва самаранок истифода намуд. Ҳанифия дар фаъолияти зеҳнию амалии пайғамбари ислом таҳриру такмил ва таҳаввул ёфта, ба дини нав - ислом табдил гардид. Моҳияти ин таҳриру таҳаввул аз нуктаҳои зерин иборат

[52] Беляев, Е.А. Арабы, ислам и арабский халифат в раннее средневековье [Текст] / Е.А. Беляев. -М.: Наука, 1966. – С.103.
53 Реза, Аслан. Нет бога, кроме Бога. Истоки, эволюция и будущее ислама [Текст] / Аслан Р. –М.: Изд, КоЛибри, 2005. – С. 43-44.

аст: 1) эътиқод ва парастиши Худои Олӣ, ки хоси ҳанифия буд, дар фаъолияти Муҳаммад унвони исломро гирифта, маънои тобеияти мутлақи инсон ба Худои мутлақ Аллоҳро касб намуд. Намунаи он ояти зерини Қуръон аст: “Ба дурустӣ ки дин (-и муътабар) назди Худо Ислом аст” [3: 19], ки маҳз ҳамин маъноро дорад, зеро маънои асосии ислом ин итоати бечунучарои инсон ба Худои ягонаи мутлақ аст, ки сирф хусусияти сиёсӣ дорад; 2) Аз ин ҷост, ки агар ҳанифия бештар ахлоқмеҳвар бошад, ислом бештар сиёсатмеҳвар аст, зеро ҳадафи асосии исломе, ки паёмбар тарғиб мекард, ин бо роҳи иҷборӣ муттаҳид сохтани қабоили парокандаи араб ба давлати ягона буд, ки исломро мағз андар мағз бо сиёсат омезиш дод; 3) Дар яктопарастие, ки ҳанифия тарғиб мекард, агар миёни Худову паёмбар фариштае ба ҳайси миёнарав вуҷуд надошта бошад, дар ислом миёни паёмбару Худо фаришта Ҷабраил қарор мегирад, чуноне дар таҷрибаи динии арабҳои қабл аз исломӣ чунин нақшро дар байни коҳинону худоён ҷину рӯҳҳо иҷро менамуданд.

Чуноне ки гуфтем, ҳаракати ҳанифия дар фаъолияти Муҳаммад дар шакли дини нав - ислом зуҳур ёфт, ки дар асл ҳадафҳои дунявӣ дошт, яъне раванди пайдоиш ва ташаккули худшиносии мардуми арабро барои бунёди давлати ягона ва минбаъд хилофат, ки арабро аз зиндагонии сахти ҳаёти биёбонӣ наҷот дода, ҷойгоҳи ӯро дар таърих муайян мекард, таҷассум менамуд. Чуноне ки Ф. Энгелс гуфтааст, азбаски дар асрҳои миёна дину илоҳиёт ягона шакли шуури ҳукмрони ҷамъиятӣ буд, ҳамаи ҳаракатҳои иҷтимоӣ дар зери парчами дин зуҳур меёфтанд.[54]

Қабл аз Муҳаммад дар Арабистон арзи вуҷуд кардани тарғиби яктопарастӣ дар симои ҳаракати ҳанифия ҳамчунин ошкор месозад, ки аз ҷониби паёмбари ислом ба ҳайси Худои ягона интихоб ва тарғиб гардидани Аллоҳ, ки ҷавҳари ислом (тавҳид)-ро ташкил медиҳад, низ дар ҷои холӣ ба вуҷуд наомадааст. Чунин Худо бо ному тахаллусҳои мухталиф дар миёни араби замони ҷоҳилият вуҷуд доштааст, ки аз

[54] Маркс, К., Энгельс, Ф. Сочинения [Текст] / К. Маркс, Ф. Энгельс. Том 28, С. 414.

суннати умумисомӣ ғизо мегирад. Вале на ба сифати Худои ягонаи мутлақ, балки ба ҳайси яке аз худоёни ҳоким, ки шарикони худро доштааст. Ҳарчанд пайғамбарони дигар қабл аз Муҳаммад ба тарғиби Худои ягона машғул шудаанд, вале онҳо худоёни дигарро инкор накардаанд. Ин гуфтаҳоро далелҳои зиёди таърихиву хулосаҳои илмии муҳаққиқони таърихи арабу ислом нишон медиҳанд. Тахминан ҳанӯз аз ибтидои солшумории мелодӣ сар карда, дар байни аҳолии муқиминишини Нимҷазираи Арабистон дар баробари тасаввуротҳои бутпарастиву бисёрхудоии арабҳои бадавӣ шаклҳои нисбатан мураккаби анъанаҳои неоанимизм (анимизми ҷадид) тараққӣ карда буд. Неоанимизм дар тасаввуроти арабҳои муқиминишин дар симои худоён ва нимахудоёни миёнарав ифода мегардиданд, ки байни Худои офаридагор ва офаринишҳои ӯ қарор доштанд. Ин Худои офаридгорро Аллоҳ меномиданд, ки аз вожаи арабии "ал-илаҳ", яъне Худо пайдо шудааст. Дурустии ин ақидаро он далел низ собит месозад, ки дар Қуръону суннат вожаҳои "Аллоҳ"-у "Худо" ҳамеша ба ҳайси синоним истифода шудааст ва вожаи Аллоҳ дар замони ҷоҳилия низ мавриди истифода қарор дошт. Масалан, дар яке аз таронаҳои маросимие, ки ҳоҷиёни мушрик ҳангоми наздик шудан ба Каъба мехонданд, чунин омадааст: "Мана ман дар назди Ту, эй Аллоҳ".[55]

Оид ба масъалаи мазкур муҳаққиқ Ҷавод Алӣ дар пайравӣ ба баъзе шарқшиносони дигар чунин ақида дорад, ки "ровиёни шеъри тоисломӣ онро (вожаи Аллоҳро - Н.Қ.) таҳриф кардаанд ва .... ҳар он чи ба бутҳо ва бутпарастӣ алоқаманд буд, партофтаанд, номҳои бутҳоро аз ашъори тоисломӣ бардошта, ба ҷойи он номҳо номи Аллоҳро гузоштаанд. Ва он чи номи Аллоҳ дар шеъри ҷоҳилӣ ҳаст, он дар асл номи буте будааст.[56] Ин ақидаи Ҷавод Алӣ ва шарқшиносони дигар асоси илмӣ-таърихӣ дорад, зеро дар арабҳои замони ҷоҳилия ҳамаи

[55] Реза, Аслан. Нет бога, кроме Бога. Истоки, эволюция и будущее ислама [Текст] / Аслан Р. –М.: Изд, КоЛибри, 2005. -С. 34
[56] Дуктур, Ҷавод Алӣ. "Ал-муфассал фи-таърих ил-араби қабла-л-Ислом" [Матн] Алӣ Ҷ. Ҷ. 6. Бейрут.: Дору-л-оламу-л-исломия,1968.-С.14

бутҳо номи муайяне доштанд ва бо номи Аллоҳ ҷой доштани номи ягон бут аз эҳтимол дур нест. Аммо Ҷавод Алӣ бо такя ба таҳқиқоти шарқшиносон ва муаррихони араб, бахусус Тоҳо Ҳусейн, ба хулоса меояд, ки вожаи Аллоҳ дар ислом чизи нав нест ва реша дар тасаввуротҳои динии мардумони сомӣ, аз ҷумла яҳудиёну арабҳои қадим дорад. Пас, маълум мешавад, ки решаи пайдоиши вожаи Аллоҳ на танҳо аз тасаввуротҳои динӣ ва забони арабҳои тоисломӣ, балки аз тасаввуротҳои динии сомиёни қадим умуман сарчашма мегирад ва он як анъанаи умумисомӣ будааст, ки дар забони арабҳои пешазисломӣ низ ҳифз гардидааст.

Масалан, Тоҳо Ҳусейн, бо вуҷуди муҳофизакори ислом будан, эътироф менамояд, ки дар забони тоисломии аъроб, дар таркиби исмҳои хоси мураккаб дар баробари номҳои дигар бутҳо номи Аллоҳ низ вуҷуд дорад. Чунончӣ: Аҳмас-ул-лаҳ... Анас-ул-лаҳ... Саъд-ул-лаҳ... Шаҳр-ил, Шарҳаб-ил... Айн-ил ва ғайра.[57] Аммо исмҳои хоси қадимӣ баръакс бо номи бут оғоз мегардиданд ва баъд аз он калимаҳои дигар изофа карда мешуданд, масалан Ил-Шарқ, Ил-Яфаъ,... Ил-Самаъ... ва ғайра. Ва ё худ бо калима шурӯъ шуда ва пас аз он номи бутҳо меомад, ба монанди Язкур-ил, Ядаъ-ил, Ясмаъ-ил, Яшраҳ-ил. Вожаи "Ил" ин ҷо номи ҳамон Илоҳ-ил, Илум аст, ки дар байни ҳамаи қабилаҳои сомӣ маъруф мебошад".[58]

Мувофиқи сарчашмаҳои таърихӣ, аз ҷумла, ба гуфти Ҷавод Алӣ, калимаи "Илоҳ" дар забони арабӣ ба маънои Худои ягона ва вожаи Олиҳа ба маънои вуҷуди Олиҳаҳои бисёр, яъне бисёрхудоӣ истифода мешавад, ки исми ҷинс аст. Дар айни замон, вожаи "Илоҳ" дар баробари "Элоаҳ", ки ҳамон элоҳи забони ибрӣ асту ба "Сифри Айюб" ворид шудааст, истифода мешавад. Аз он дар шакли ҷамъ калимаи Элоҳим пайдо гардида, ки дар аҳди қадим олиҳае дар муқоиса бо олиҳаи

[57] Ҷавод, Алӣ. Ҳамон ҷо.-С.16-17.
[58] Ҷавод, Алӣ. Ҳамон ҷо.-С.17.

бутпарастӣ истифода мешудааст. Ба андешаи Ҷавод Алӣ, аммо "Аллоҳ" аз решаи сурёнӣ ё ибронӣ аст, вале аҳли Куфа чунин пиндоштаанд, ки он аз "ал-Илаҳ", яъне аз артикли муайянии "ал" ва калимаи "Илоҳ" сохта шудааст... Баъзе шарқшиносон онро номи буте донистаанд, ки дар Макка вуҷуд доштааст ё номи Худои аҳли Макка будааст, ба далели он ки дар Қуръони карим дар гуфтугӯ ва мунозираҳои Макка Аллоҳ онест, ки холиқи ин ҳастӣ аст".[59]

Ҳамзамон миёни донишмандон ақидае вуҷуд дорад, ки вожаи "Ал-ил" маънои рубубиятро дошта, номи Худои таъолост. Ҳар исме, ки дар охираш "ил" ё "йл" дорад, ба Аллоҳ изофашуда мебошад ва аз ин ҷо исмҳои Ҷабраил ва Микоил низ ба вуҷуд омадаанд. Ба ақидаи ин муҳаққиқон, вожаи "ил" аслан калимаи ибронӣ буда, ба маънои Аллоҳ аст, ки дар забони арабӣ иқтибос шудааст ва он вожаи умумисомӣ аст, ки дар забонҳои сомӣ ҳамвора дучор меояд ва ба маънои ягона шинохта мешавад, ки маънояш "тавоно", "азиз", "қавӣ", "ҳоким" мебошад.[60]

Ба ақидаи Л.И. Климович бошад, дар парастишҳои Каъба ва парастишҳои дигари марказҳои динии Нимҷазираи Арабистон дар садаҳои VI ва VII дар ҷойи аввал парастиши Худо Аллоҳ қарор мегирад, ки он аз вожаи арабии "иллаҳ" - Худо ва аъзои муайянкунандаи "ал" шакл гирифтааст (ал-иллоҳ) ё худ аз забони оромӣ "алоҳа". Ин Худои қадими қабилаи Қурайш буд, ки дар миёни худоёни дигар мавқеи ҳукмрон дошт. Худоёни авлоду қабоили дигар ба ӯ тобеъ буданд.[61] Бояд ёдрас кард, ки шояд "Ал"-и арабӣ ҳамон "Ил"-и ибронӣ бошад. Академик Бартолд низ дар ин масъала муҳокима ронда гуфтааст, ки "Аллоҳи мусулмонӣ бо Ҳубали қадими Макка як чизанд".[62]

Ин хулосаи Бартолдро он далел низ ошкор месозад, ки бисёр қабилаҳои араб, бахусус Қурайш, олиҳаҳо ал-Лот, ал-Уззо, Манотро, ки

[59] Ҷавод, Алӣ. Ҳамон ҷо. -С. 23-24.
[60] Ҷовид, Алӣ. Ҳамон ҷо. -С. 26-27.
[61] Климович, Л.И. Книга о Каране: его происхождения и мифологии [Текст] / Л.И. Климович. М.: Политиздат, 1986. –С.14.
[62] Бартольд, В.В. Сочинение [Текст] / В.В. Бартольд. Т.6. М.: Наука, 1966.-С.87.

духтарони Аллоҳ буданд ва аз ҳама бештар Ҳубалро парастиш мекарданд. Вақте ки онҳо тавофи Каъба мекарданд, бо номи онҳо қасам ёд мекарданд.[63] Вожаи Ҳубал аз решаи "Хуа" ба маънои "Ҳақиқат", "Худо", "Аллоҳ" аст. Дигар ин ки, дар Қуръон дар қатори худоёни қадими араб Ҳубал ном бурда нашудааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ақидаи Бартолд дар бораи аз як симо иборат будани Ҳубалу Аллоҳ дуруст аст. Ҳамчунин, бояд ёдрас кард, ки В.В. Бартолд ва муҳаққиқони дигар муайян кардаанд, ки арабҳои тоисломӣ Аллоҳро бештар дар ҳолатҳои душвортарини зиндагиашон, аз ҷумла хушксолӣ, беобӣ, ҳангоми сафар дар баҳр ба ёрӣ даъват мекарданд ва дар тасаввуроти онҳо Аллоҳ худои абру борон, раъду барқ, обу баҳр мебошад. Ба ақидаи О.Г. Болшаков: "номи бисёр худоёни пантеони арабӣ ҳанӯз аз қадим маълум буданд. Дар сарварии онҳо Худо Эл (Ил, ал-Илоҳ, ал-Лоҳ) қарор дошт ва ал-Лот (шакли ҷинси занонаи ал-Лоҳ)... низ эҳтироми баландро касб карда буд".[64]

Мусаллам аст, ки динҳои сомӣ - яҳудия, насрония ва ислом ҳама аз динҳои қадими онҳо сарчашма гирифтаанд. Ин динҳо дар зери таъсири омилҳои мухталиф ба тамоми ҷомеаи башарӣ таъсир расонида, сабаби зуҳури инқилобе дар тафаккур ва тарзи ҳаёт гардида, мавриди таҳаввулу тағйирот қарор гирифтаанд. "Аз ҷумлаи ин омилҳо таъсири беруна ва муҳити нав мебошанд. Мо хоҳем дид, ки дини арабҳои ҷанубӣ, ҳарчанде ки дар асл ҳамон диёнатҳои сомии аслӣ мебошад ва дар он "Ил" ва "Йл" тағйир ёфта, дар тасаввуроти онҳо ба олиҳа табдил гардида, ҳатто баъзе эътиқодоти онҳо мухолифи эътиқодоти сомиёни шимолӣ қарор гирифтааст".[65]

Аммо бояд гуфт, ки аз он матнҳои аз арабҳои замони пеш аз мелод ба мерос монда дар бораи вуҷуд доштани эътиқод доир ба ягон

[63] Хишам, ибн Муҳаммад ал-Калби. Книга об идолах. (Китаб ал-санам) [Текст] / ал-Калби Х.И.М // Перевод с арабского, предисловия и примечания Вл.В. Полосина. -М.: Наука, 1984.-С. 20-23, 44

[64] Большаков, О.Г. Истории халифата [Текст] / О.Г. Большаков (1 Ислам в Аравии (570-633).-М.: Наука, 1989. -С.41.

[65] Дуктур, Ҷавод Алӣ. "Ал-муфассал фи-таърих ил-араби қабла-л-Ислом" [Матн] Алӣ Ҷ. Ҷ. 6. Бейрут.: Дору-л-оламу-л-исломия,1968-С. 29

Худои ягона ҳукм баровардан ғайриимкон аст. Дар ин матнҳо асосан номи бутҳо сабт ёфтаанд, ки аз афзалият доштани бутпарастӣ дар Ҳиҷози қабл аз мелодӣ ва ҳатто баъди мелод низ шаҳодат медиҳад. Лекин мувофиқи сарчашмаҳои таърихӣ қабл аз ислом, бахусус дар асри VI ва ибтидои асри VII дар ҷанубии Нимҷазираи Арабистон, дар Яман, ки зери таъсири яҳудия ва насроният қарор дошт, парастиши Худое бо номи "Зу-самвӣ" ё "Зу-самво" ба маънои Худои соҳиби осмон, Худованди осмон ташаккул ёфта буд, ки баъдан шакли "Зу-само-илоҳ" ва "Зу-с-самви-илоҳ"-ро низ гирифтааст. Ба ақидаи Ҷавод Алӣ, ин худои осмон худои ҷамоаи муайян ё қабилаи махсус набуда, балки худои навест, ки баъди солшумории мелод ба вуҷуд омада, Худои ягона ва ҷойгоҳи он осмон будааст. Сипас, бо таъсири яҳудия ва насроният дар Яман ҷамоате пайдо шудааст, ки мардумро ба парастиши Худои ягона- "Парвардигори Осмон" даъват мекардаанд.[66]

Дар ҷанубии Арабистон, дар Яман бар ивази бутпарастӣ бештар парастиши Худоён шакл мегирифт. Вақте ки дар садаҳои VI-VII худоҳои шаҳрӣ ба худоҳои умумияманӣ табдил меёфтанд, Худои Моҳ - Алмакоҳ ба сифати Худои асосӣ парастида мешуд ва он тадриҷан ба Худои замину осмон табдил ёфт, ки яке аз тавсифҳои Раҳмонро ифода мекард.[67] Ба ақидаи дигар, Раҳмон Худои Амома буд, ки паёмбар Мусайлима қабл аз Муҳаммад ӯро ба сифати Худои ягона тарғиб мекард. Ба гуфти муҳаққиқ Л.И. Климович мувофиқи тавсифи ин Худо, ки Мусайлима тарғиб мекард, худи ӯро низ Раҳмон ("меҳрубон") меномиданд, ки дар робита ба ҳамин масъала дар Қуръон ояти зер баён ёфтааст: "Ва чун ба кофирон гуфта шавад: "Ба (Худои) Раҳмон саҷда кунед!" - гӯянд: "Раҳмон чист? Оё чизеро саҷда кунем, ки ту ба мо мефармоӣ?". Ва (ин сухан) дар ҳаққи онҳо рамиданро зиёда кард". (25: 60).[68]

---

[66] Ҷавод, Алӣ. Ҳамон ҷо.-С. 37
[67] Пиотровский, Б.М. Южная Аравия в ранее средневековье. Становление средневекого общество [Текст] / Б.М. Пиотровский. - М.: Наука, 1985. -С.155-156.
[68] Климович, Л.И. Книга о Каране: его происхождения и мифологии [Текст] / Л.И. Климович. М.: Политиздат, 1986. –С. 17

Мувофиқи ривояте, ки муаррих Ибни Ҳишом дар асараш “Китоби зиндагиномаи пайғамбари Аллоҳ” овардааст, тарғиби Худои ягона аз ҷониби Муҳаммад бевосита ба паёмбаре аз Амома робита дорад. Танҳо номи Худое, ки он пайғамбар тарғиб мекард, ба номи Худои Муҳаммад (яъне Аллоҳ - Н.Қ.) иваз карда шудааст. “Ба мо маълум аст, ки гуфтаанд қурайшиҳо ба Муҳаммад, дар китоби номбаршуда тарғиби Худои ягонаро ба ту кадоме аз Амома меомӯзонад, ки ояти зерини Қуръон низ аз он далолат мекунад: “(Худои) Раҳмон, ки Қуръонро омӯхт” [55: 1-2]. Чуноне ки мебинем Қуръонро ба Муҳаммад, на Аллоҳ, балки Раҳмон омӯхтааст.[69] Вале баъдан Раҳмон ба яке аз сифатҳои Аллоҳ табдил ёфт. Чуноне ки дар боло ишора шуд, Худо Раҳмонро дар Амома пайғамбар Мусайлама тарғиб мекард. Аз ин далелҳои қуръонӣ чунин бармеояд, ки таҷрибаи динии пайғамбари Амома ва образи Худои Раҳмон дар ташаккули идеяи яктопарастии ислом таъсири зиёд доштааст.

Дар айни замон, бояд гуфт, ки Худои Раҳмон ё ар-Раҳмонро дар Яман пайғамбар Асвад, ки низ худро расули ӯ эълон намуда буд, тарғиб мекард ва ӯ дар ихтиёри худ ҳокимияти муайяни сиёсию ҳарбиро дошт. Дар шимолии Арабистон дар Ҷазира (Бобил) пайғамбарзан Саҷҷоҳ эътибори калон касб карда буд ва Мусайламаро зарурат пеш омад, ки бо ӯ шартнома баста, нисфи ҳосили Амомаро ба ӯ диҳад. Саҷҷоҳ барои рӯёнидани ҳосил дар Амома отряди хешро гузошта, худ бо отряди боқимонда ба Бобил баргашт.[70]

Ҳамин тариқ, парастиши Худои ягонаи Раҳмон ё ар-Раҳмон қабл аз фаъолияти Муҳаммад дар Нимҷазираи Арабистон роиҷ буд ва он дар матнҳои арабӣ дучор меояд. Аҳли Макка ба сабаби бо Яман ва яҳудиён робитаи наздик доштан ар-Раҳмонро медонистанд. Шояд қурайшиҳо исми Раҳмонро ба маънои Аллоҳ ба кор бурда бошанд. Ба андешаи Ҷавод Алӣ, ки бо такя ба сарчашмаҳои муътамад баён кардааст, номи

[69] Происхождение ислама. Хрестоматия. Москва, 1931.-С.99-100 (184с)
[70] Бартольд, В.В. Сочинение [Текст] / В.В. Бартольд. Т.6. М.: Наука, 1966.-С. 568

Раҳмон дар матни яҳудӣ, навиштаҳои Абраҳа дар шакли ар-Раҳмон ворид гаштааст ва он Худои яҳудиён буда, ба забони арабӣ интиқол ёфтааст. Чунончӣ, дар матни яҳудӣ омадааст: "Раҳмоне, ки дар Осмон аст ва Исроил ва Худои Исроил - парвардигори яҳудиён".[71]

Ҳамчунин, мувофиқи ақидаҳои муҳаққиқони таърихи арабу ислом, дар замони ҷоҳилия дар асл парастишҳои арабро сайёраҳо ташкил медоданд, ки дар ин хусус Қуръон низ шаҳодат медиҳад. Ҳарчанд буту олиҳаҳои зиёдро парастиш мекарданд ва номҳои онҳо оқибат ба ҷирмҳои осмонӣ, бахусус Офтобу Моҳу Зуҳра ва ғайра бармегарданд, ки як оиларо ташкил медоданд. Он оила аз Падар-моҳ, Модар-офтоб ва писари онҳо Зуҳра иборат буданд. Собит шудааст, ки Раҳмон номи ситораи Зуҳра (ё Шаъро-Сириус) буда, пеш аз ислом бо чунин ном парастида мешудааст. Аксари номҳои олиҳаҳо дар воқеъ сифати ситораҳо ҳастанд ва онҳо ҳамчун номҳои Аллоҳ ба ислом низ ворид гардидаанд,[72] ки аз робитаи устувори ислом бо тасаввуротҳои динии аъроби замони ҷоҳилия дарак медиҳанд. Тааҷҷубовар он аст, ки дар баъзе сураҳои Қуръон Худованд ба номи ситораҳо ва махлуқоти дигар қасам хӯрдааст, чунончӣ: "ва қасам мехурам ба Моҳ, чун комил шавад [84: 18]; "Қасам ба осмони дорандаи бурҷҳо [85: 1]; "савганд ба ситорае фурӯ афтад (53: 1); "Қасам ба Офтоб ва равшании ӯ" [91: 1]; "Қасам ба Осмон" [86: 1] ва ғайра.

Дар забони арабӣ "Лоъ" маънои баландӣ ё болоро дорад. Офтоб, ки дар баландӣ ё боло, яъне дар Осмон ҷой дорад Илоҳа номида мешавад. Ил бошад, номи Худост ва Худои ҳамаи сомиёни қадим аст, ки аз он вожаҳои "Илаҳ" ва "Аллоҳ" маншаъ мегиранд ва худоест, ки дар Осмон қарор дошта, дар раванди ташаккул ёфтани шуури динии сомиён, ба вижа арабҳо, аз худои абру борону обу баҳр ба худои худоён дар тасаввуроти арабҳои тоисломӣ ва дар ислом ба Худои ягона табдил

---

[71] Дуктур, Ҷавод Алӣ. "Ал-муфассал фи-таърих ил-араби қабла-л-Ислом" [Матн] Алӣ Ҷ. Ҷ. 6. Бейрут.: Дору-л-оламу-л-исломия,1968.-С.37-38.

[72] Ҷавод, Алӣ. Ҳамон ҷо. –С.50.

ёфтааст. Вожаи "Аллоҳ" бори аввал дар матнҳои Арабистони Шимолӣ ба мушоҳида мерасанд. Арабҳои шимолӣ зери таъсири он халқҳое, ки дар шимоли нимҷазира зиндагӣ карда, бо арабҳо омезиш ёфта буданд, қарор доштанд ва парастиши ин олиҳаро аз онҳо омӯхта буданд. Ин калима дар асл исми хос набуд, вале пасон, чуноне ки аз матнҳои давраи охири қабл аз ислом бармеояд, ба исми хос табдил ёфта, аввал ба Худои муайяне ва баъдан ба Худои ягона дар ислом табдил гаштааст. Аммо Аллоҳи замони ҷоҳилият аз Аллоҳи замони ислом фарқ мекунад.

Аллоҳи замони ҷоҳилият, бо вуҷуди дар байни худоён худои бузург буданаш, худои тамоми башарият нест ва шарик дошт, вале Аллоҳи ислом Худои ягона, бешарик ва худои башар эълон шудааст. Ба тарзи дигар гӯем, Аллоҳи арабҳои замони ҷоҳилият "Раббу-л-арбоб, Худои Худоён буд ва дар сари худоёни қабилаҳои араб, ки ҳар кадоме илоҳе, яъне буте доштанд, меистод",[73] Дар ислом ҳамаи он шарикону бутҳои Аллоҳи қабл аз исломӣ инкор карда шуданд.

Хулоса, Аллоҳ дар забони арабӣ аз артикли муайяни "ал" ва исми ҷинси "илаҳ" ("илоҳ") таркиб ёфта, дар ниҳоят як калимаи воҳидро ташкил дод ва артикли "ал" дар калима вазифаи худро гум карда, бо исм ҳамроҳ шуд, ки ҳосилаш Аллоҳ, яъне Худои ягона ва Офаридагори олам[74] ба вучуд омад, ки дар Ӯ ҳамаи сифатҳои худоёни динҳои яҳудия, насрония ва зардуштия дида мешавад.[75]

Ҳамин тариқ, аз далелҳои таърихӣ бармеояд, ки вожаи "Аллоҳ" хоҳ дар шакли бут бошад ва хоҳ дар шакли олиҳа ва ё худои худоён, барои араб бегона ва ношинос набудааст. Вале, вақте ки Муҳаммад тарғиби дини исломро оғоз карда, Аллоҳро Худои ягонаи мутлақи тамоми қабоили араб ва баъдан тамоми оламиён эълон намуд, қабоили араб, бахусус Қурайш ин даъвати Муҳаммадро дар ибтидо на барои он қабул накарданд, ки Аллоҳро намешинохтанд, зеро Аллоҳ дар пантеони

---

[73] Ҷавод, Алӣ. Ҳамон ҷо.-С. 119.
[74] Аляутдинов, Ш. Все увидят Ад [Текст] / Ш. Аляутдинов. – СПб.: Издательство «ДИЛЯ», 2008. -С.9.
[75] Крывелев, И. А. История религии [Текст] / И. А. Крывелев. Том второй. -М.: Мысль, 1988. -С.32.

Худоёни араб мақоми хос дошт. Ба Муҳаммад бошад, барои он муқобилият нишон медоданд, ки Муҳаммад Аллоҳро Худои ягона эълон карда, дар як вақт тамоми бутҳову Худоёни қабилавиро, ки барои ҳаёти қабила аҳамияти идеологиву сиёсӣ доштанд, муҳофизони қабила ба ҳисоб мерафтанд, инкор кард. Бинобар он, барои ҳамаи қабилаҳои араб Аллоҳро Худои ягона таъин намудан маънои таҳқири худоёни қабилавиро дошт. Ҳамчунин ин масъала ба обрӯю нуфузи сиёсию иқтисодии шайхи қабила, ки пешвои қабила ба ҳисоб мерафт, бевосита таъсири манфӣ мерасонид, зеро Муҳаммад худро расули Худои ягона эълон карда, вазифаи тамоми шайхони қабилаҳоро иваз мекард ва ба ҷои парастиши шайх парастиши пайғамбар ташаккул меёфт ва шайхро аз мақоми пешвоӣ маҳрум месохт. Барои қабилаи Қурайш бошад, илова ба ин, инкори буту худоёни қабилавӣ, ки дар хонаи Каъба ҳар кадоме ҷойгоҳи хос доштанд, маънои инкори манфиатҳои моддии Қурайшро низ дошт. Маҳз манфиати иқтисодӣ доштани Қурайш ба Каъба аз ҳама бештар муқобилияти онҳоро нисбати Муҳаммад ба вуҷуд овард.

Дар баробари ҳамаи ин, дар замони бисёрхудоӣ (ширк) бисёр қабилаҳои араб муқаддасгоҳи худро доштанд, ки авлоду ашхоси алоҳидаи қабила аз он манфиатҳои муайяни иқтисодиро бархурдор буданд. Аз муқаддасгоҳ ҳамоне бештар манфиат медид, ки калиди муқаддасгоҳ дар ихтиёр дошта бошад. Дар ин миён муқаддасгоҳи Макка, яъне хонаи Каъба дар муқоиса бо дигар муқаддасгоҳҳо хусусият ва мақоми хос дошт, зеро Каъба танҳо муқаддасгоҳи Қурайш набуд. Он муқаддасгоҳ барои ҳамаи қабилаҳои араб буд ва маркази динӣ ба ҳисоб мерафт. Арабҳо ҳар сол як маротиба бо мақсади анҷом додани маросими ҳаҷ ба Макка омада, дар Каъба ба шарафи худоёни худ, ки бутҳояшон дар девори он гузошта шуда буданд, қурбониҳо мекарданд, садақа медоданд ва як гурӯҳи маккиҳо дар ин маросим ба ҳоҷиён хизмат карда, музд мегирифтанд. Хулоса, Каъба барои маккиҳо як манбаъи даромади

иқтисодӣ буд. Барои он ки дар миёни авлодони Қурайш ба хотири даромади моддии аз маросими ҳаҷ ба даст омада низоъ ба ҷуҷуд наояд, вазифаҳо байни авлодҳо тақсим карда шуда буданд.

Аслан ҳокимияти Қурайшиҳо дар Макка дар охири садаи IV-и мелодӣ барқарор гардидааст, аз замоне ки Қусай, яке аз бобокалонҳои авлоди Бани Ҳошим, як қатор авлодҳои бо ҳам низоъкунандаро муттаҳид сохта, Каъбаро зери назорати худ гирифт. Он замон ҳар касе, ки Каъбаро назорат мекард, ӯ ҳокими Макка низ буд. Авлодҳои бо ҳам хеши Қурайшро муттаҳид сохта, Қусай соҳиби калиди Каъба гашт. Хонаи Қусай, ки дар паҳлӯи Каъба бино шуда буд, ҳоҷиён ба воситаи хонаи ӯ вориди Каъба шуда, маросими парастиши бутҳои худро анҷом медоданд. Бинобар он, онҳоро зарур буд, ки аввал иззату эҳтироми соҳиби хона Қусайро ба ҷо оваранд, ки дар натиҷа ҳам ҳокимияти сиёсӣ ва ҳам ҳокимияти динӣ дар дасти Қусай муттаҳид гардид ва ӯ унвони “Шоҳи Макка”-ро гирифт. Ин ба ӯ имкон дод, ки ҳамаи бутҳои қабилаҳои арабро ҷамъ оварда, дар devори Каъба гузорад ва Маккаро ба маркази динии Нимҷазираи Арабистон ва Каъбаро ба зиёратгоҳи ҳоҷиёни ҳамаи қабилаҳои араб табдил диҳад. Ӯ хариду фурӯш ва хизматрасонӣ ба ҳоҷиёнро низ ба монополияи худ ворид сохт, аз ин ҳисоб андози зиёд мегирифт. Ҳамин тариқ, Макка ба минтақаи бетараф табдил ёфт, ки дар он ҷо амалиётҳои ҳарбӣ дар байни қабилаҳо ва истифодаи аслиҳаи ҷангӣ манъ (ҳаром) дониста мешуд. Баъдан ин суннат низ дар ислом ҳифз гардида, дар Қуръон [9: 36] низ дар моҳҳои ҳаром ҷангидан манъ карда шуд.

Чун Каъба барои тамоми Нимҷазираи Арабистон ба як муқаддасгоҳи умумӣ табдил ёфт, робитаи маънавии Каъба ва Маккаро ба вуҷуд овард. Қудрати маънавию иқтисодии Макка рашку ҳасади бегонагонро ба вуҷуд меовард. Абраҳа ал-Ашроми католик дар Сано бо унвони ал-Калис (калисо) муқаддасгоҳе сохта, ба шоҳи Эфиопия навишт,

ки "ман барои ту калисое сохтам, ки дар ҳеҷ ҷо назир надорад. Ман арабҳоро ором намегузорам, то замоне ки ба муқаддасгоҳи худ ҳаҷ рафтанашон хотима наёбад".[76] Чун ӯ ба муроди худ нарасид, бо мақсади хароб кардани Каъба дар соли фил (с. 570) бо ҳамроҳии шоҳи Эфиопия ҷанги салибӣ ташкил намуд, вале ба сабаби паҳн шудани эпидемия - вабо ба орзуи хеш муваффақ нагардид. Хулоса, Макка дар минтақа рақиби нерӯманди иқтисодии муқаддасгоҳҳои дигар буд. Бинобар он, вақте ки Муҳаммад тарғиби дини исломро оғоз намуда, формулаи "Нест Худое ба ҷуз Аллоҳ"-ро дар байни қурайшиҳо эълон кард, барои қурайшиҳо ин шиор, пеш аз ҳама, маънои зарбаи ҳалокатбор задан ба манфиатҳои иқтисодии онҳоро дошт.

Ҳамин тариқ, Муҳаммад бо истифода аз он таҷрибаи динии ғание, ки дар садаи VI ва ибтидои садаи VII дар Нимҷазираи Арабистон ҳосил шуда буд, тавонист на танҳо аз байни маҷмӯи худоёни араби замони ҷоҳилия Аллоҳро чун худои ягона интихоб намуда, ӯро ба худои башарӣ табдил диҳад, ҳамчунин тавонист Каъбаро, ки дар гузашта миёни араб эътибори калони динӣ ва сиёсӣ касб карда буд, ба муқаддасгоҳи ислом ва "хонаи Худо" табдил диҳад. Аз ин нигоҳ, хизмати Муҳаммад барои Аллоҳро ба Худои ягонаи араб ва баъдан ба Худои ягонаи башар табдил додан хеле бузург аст, на дар шиносонидани Аллоҳ ба араб, ки барои араб қабл аз ислом ҳам маълум буд. Ҳамаи инислоҳотро дар роҳи бунёди дини нав - ислом Муҳаммад тавассути он зиракии сиёсӣ ва дипломатияи дурбинонае, ки дошт, ба анҷом расонид.

Барои Каъбаро ба парастишгоҳи ислом табдил додани Муҳаммад он бовариҳои диние, ки дар гузаштаи дур дар миёни арабҳо ҷой доштанд, ҳамчун сарчашмаи ғоявӣ хизмат карданд. Мувофиқи бовариҳои арабҳои қадим гӯё Каъбаро нахуст Одам бино кардааст ва он хонаи бошукӯҳе будааст. Аммо дар давраи рух додани Тӯфони бузург

[76] Хишом, ибн Муҳаммад ал-Қалбӣ. Книга об идолах... С Хишам ибн Муҳаммад ал-Калби. Книга об идолах. (Китаб ал-санам) [Текст] / ал-Калби Х.И.М // Перевод с арабского, предисловия и примечания Вл.В. Полосина. - М.: Наука, 1984.-С.32.

(Оби азоб) вайрон шудааст ва баъд тӯли таърихи дароз он ба фаромӯшӣ дода мешавад. Сипас, дар асри XVII пеш аз мелод онро нахустпайғамбари сомиён Иброҳим, ки аслан ибрӣ аст, аз нав бино кардааст. Ба ақидаи арабҳо, гӯё маросими қурбонӣ кардани Исмоил ба шарафи Худованд дар ҳамин Макка анҷом дода шудааст. Исмоил дар маҳалли Каъба зиндагӣ карда, ба пайдоиши миллати бузург - арабҳо асос гузоштааст ва чашмаи Зам-Замро дар биёбони Ҳиҷоз гӯё Худованд ҳамчун тухфа барои Исмоил ато кардааст. Дар ин бовариҳо лаҳзаҳои асотирӣ ва ғайримантиқӣ зиёданд, зеро замоне ки Иброҳиму Исмоил зиндагӣ мекарданд, даврае буд, ки дар афкори ҷомеа ҷаҳонбинии асотирӣ ҳоким буд. Вале дар асл ҳақиқат он аст, ки касе намедонад, ки Каъбаро кӣ асос гузоштааст.

Дар сарчашмаҳои таърихӣ бунёдгузори Каъба равшан баён наёфтааст ва таҳқиқотҳои илмӣ низ дар ин хусус, ба ҷуз фарзияҳои мухталиф, ягон матну далелҳои воқеиро дастрас накардаанд. Аммо ҳақиқати ҳол дар он аст, ки маҳз дар ҳамин маҳал табиатан вуҷуд доштани чашмаи Зам-Зам сабаби он шуд, ки Иброҳим барои Исмоилу модараш Ҳоҷар он ҷоро маскани зист интихоб кард ва шаҳри Макка ҳам ба туфайли ҳамин чашма дар ҳамин минтақаи биёбони хушки Ҳиҷоз бино ёфтааст. Агар мантиқан андеша ронем, хонаи Каъба шояд баъдтар бино ёфтааст. Агар он аз ҷониби Иброҳим бино меёфт, дар Таврот (Панҷкитоби Мӯсо) доир ба он ягон ишораеро дармеёфтем, лекин дар Таврот дар бораи хонаи Байтулмуқаддасро (дар Таврот Байтил номида шудааст) асос гузоштани Иброҳим маълумот ҳаст, аммо дар бораи бинои Каъба чизе ёдрас нашудааст.

Мувофиқи хулосаи муҳаққиқон воқеият он аст, ки Каъба дар ибтидо на чун муқаддасгоҳ барои маҷмуаи (пантеон)-и худоёни арабҳо, балки ҳамчун махзани воситаҳои равшанидиҳанда, ки арабҳо ҳангоми маросимҳоро иҷро кардан аз онҳо истифода мебурданд, сохта шудааст.

Ривоятҳои қадим дар бораи Каъба шаҳодат медиҳанд, ки дар дохили Каъба дар қум чуқурие кофта шуда буд, ки гӯё дар он ҷо ганҷ (ҷавоҳирот) - асбобу воситаҳои маросимӣ нигоҳ дошта мешудааст ва море онҳоро бо сеҳру ҷоду ҳифз мекардааст.[77]

Ақидаи дигаре низ арзи вуҷуд дорад, ки бунёди Каъба барои арабҳо аҳамияти космологӣ дошт. Ҳамаи он 360 буте, ки дар Каъба ҳифз мегардиданд, мувофиқи бовариҳои арабҳо гӯё бо сайёраву ситораҳо робитаи устувор дошта, ҳамзамон ҳамаи онҳо дорои аҳамияти астралӣ буданд. Тавофи ҳафткарата дар атрофи Каъба ҳамчун маросими асосии ҳаҷ шояд маънои пайравӣ кардан ба ҳаракати сайёраҳоро дошта бошад. Чунки дар байни халқҳои қадим бовариҳои бо ҳам монанде вуҷуд дошт, ки ибодатхонаи онҳо нусхаи заминии кӯҳҳои кайҳонӣ ё худ ҳалқаи пайвандкунанда дар байни замин ва гунбади осмон буда, ҷойгоҳи муқаддасе ба ҳисоб мерафт, ки гӯё дар атрофи он олам чарх мезанад. Барои ҳамин дар фарши Каъба мехе кӯфта шуда буд, ки арабҳои қадим онро "нофи замин" меномиданд ва мувофиқи ривоятҳои қадим, ҳоҷиён баъзан вориди бино шуда, либоси худро кашида, нофи худро ба мех мерасониданд, ки маънои барқарор кардани робита бо кайҳонро дошт.[78]

Аз мазмуни ривоятҳои мазкур бармеояд, ки ба андешаи мо, Каъба воқеан барои арабҳои қадим на танҳо аҳамияти астралӣ дошт, ҳамзамон таҷассуми сатҳи таҷрибаи астрологии онҳо буд, ки дар заминаи ҷаҳонбинии асотирии онҳо бино ёфтааст. Шояд арабҳои қадим тавассути он аломату воситаҳое, ки дар Каъба ҷой дошт ва он маросимҳое, ки дар он ҷо анҷом медоданд, мувофиқи гардиши ситораҳо тақдири хешро низ пешбинӣ мекарданд. Беҳуда нест, ки дар адабиёти пешазисломии араб доир ба тақдир таронаҳои зиёд эҷод мешуданд. Тибқи ин биниш ситораю сайёраҳо тақдири одамонро аз рӯзи таваллуд муайян мекарданд ва ҷараёни ҳодисаҳо дар зиндагии инсон тибқи

---

[77] Реза, Аслан. Нет бога, кроме Бога. Истоки, эволюция и будущее ислама [Текст] / Аслан Р. –М.: Изд, КоЛибри, 2005. -С. 22
[78] Реза, Аслан. Ҳамон ҷо. -С.29

тақдир сурат мегирад. Дар шуури бадавиҳо низоми олам ба тасаввуроте асос ёфта буд, ки гӯё ба инсон кадом як қувваи номуайян муқобил меистад, ки ба мафҳуми тақдир ё сарнавишт наздик аст, яъне тақдир нахустсабаб ба ҳисоб мерафт. Масалан, муҳлати маргро тақдир муайян менамояд.[79]

Тақдиргароӣ, ки дар афкори асотирию динии арабҳои қадим ҷойгоҳи хос дошт, дар ислом низ ба шакли ба худ хос ворид шуд ва ба яке аз рукнҳои имон табдил ёфт,[80] ки аз тарзи зиндагӣ ва мафкураи мардуми саҳронишин бармеояд ва он хоси ҷаҳонбинии мардуми кишоварзу шаҳрнишин ва созанда нест. Ба андешаи мо, Каъба маҳз ба ҳамин ҷаҳонбинии асотирию биниши астралӣ ва тақдиргароии арабҳои қадим робита дорад ва он маконе шояд бошад, ки арабҳо тавассути гардиши сайёраҳо тақдири худро муайян мекарданд. Беҳуда нест, ки дар арабҳои замони ҷоҳилия сайёраҳо ҳамчун олиҳа (Худо) мавриди парастиш қарор мегирифтанд. Шояд тибқи тақвими қамарӣ муайян кардани фаслҳои сол, бахусус фарорасии замони риоя намудан ва анҷом додани маросимҳои динии қадими арабҳо ба мисли доштани рӯза, иди фитр, иди қурбон ва ғайраҳо низ ба ҳамин тасаввуротҳо ва ба Каъба бевосита робитаи зич дошта бошад.

Метавон гуфт, ки баъдан Каъба мавриди сӯистифодаи дин, коҳинон, ашхосу авлодҳои алоҳида қарор гирифта, вазифаю мазмуни он тағйир ёфт. Чуноне ки дар боло баён кардем, Қусай дар охири садаи IV мелодӣ онро ба парастишгоҳи бутҳои ҳамаи қабоили араб табдил дода, тавассути он ҳокимияти сиёсию динии Маккаро ба ихтиёри худ гирифт. Аз ҷониби пайғамбару халифаҳои ба ном рошидин, ки дар таърихи ислом чун насли аввали "салафи солеҳин" шинохта мешаванд, ба манфиати ислом истифода шудани ин суннат идомаи ҳамин суннати пешиниёни араб аст.

[79] Грязневич, П.А. Развития исторического сознания арабов (VI-VIII вв) т // Очерки истории арабской культуры V-XV вв [Текст] / Грязневич П.А. М.: Наука, 1982. -С.103-109.
[80] Имом, Абуҳанифа ибни Собит. Муснад [Матн] / Собит И.А.Б. - Душанбе.: Эр-Граф, 2009. -С.184.

Вақте ки Муҳаммад дини навро тарғиб намуд, албатта, Каъба ҳамчун маркази динӣ ва муқаддасгоҳи тамоми арабҳо аҳамияти хос дошт ва паёмбари ислом барои муназзам сохтани маросимҳо ва ташаккул додани ҷаҳонбинии исломӣ аз ин мероси моддию маънавии гузаштаи арабҳо (салаф) истифода намуд ва дар атрофи он ривояту бинишҳои нав, ки ба талаботҳои сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангии араб бояд ҷавобгӯ бошанд, арзи ҳастӣ кардаанд. Вале барои Муҳаммаду ёронаш Каъба пеш аз ҳама арзиши баланди сиёсию иқтисодӣ дошт ва то ба имрӯз ин арзишҳои худро дар ислом ва барои араб ҳифз карда омада истодааст. Дар Ясриб баъди ҳиҷрат қибларо аз Байтулмуқаддас ба ҷониби Каъба иваз намудани Муҳаммад рамзи таҷассуми ин арзишҳои Каъба мебошад.

Дар ислом Муҳаммад хотиматуланбиё шинохта шудааст. Гӯё ӯ аз тариқи гирифтани ваҳйи илоҳӣ ба анъанаи бутпарастию ширк дар ҷомеаи авлодӣ-қабилавии араб хотима гузошт. Дар Арабистони пешазисломӣ шаклҳои гуногуни бутпарастӣ, аз фетишизму тотемизм сар карда, то анимизм (парастиши гузаштагон) ва неоанимизм вуҷуд дошт. Вале на ҳамаи шаклҳои бутпарастӣ соддалавҳона буданд. Дар баробари парастиши ашёю ҳодисаҳои гуногуни табиат, ки бовариҳои соддалавҳона буданд, шакли дигари бутҳо низ парастида мешуданд, ки рамзи Худоён ба ҳисоб мерафтанд. Ин шакли бутпарастӣ ба эътиқодоти бисёрхудоӣ, яъне ширк дохил мешуд, ки дар он робитаи одамон бо худоён тавассути миёнаравҳо сурат мегирифт.

Албатта, дар динҳои бутпарастӣ ва ширк табақаи рӯҳоният, навиштаҷоти муқаддас (ваҳй) вуҷуд надоштанд, аммо ин маънои онро надошт, ки одамон ба худоён ниёиш намекарданд. Гурӯҳи муайяни шоирон-пешгӯикунандагон буданд, ки онҳоро коҳинон меномиданд. Онҳо ба ивази маблағи муайян ба ҳолати ваҷд (транс) афтода, пайғоми худоёнро ба мардум дар намуди шеър - дубайтаи қофиядор

мерасониданд. Шоирон-коҳинҳо ҳалқаи робита дар байни мушрикон ва худоён буданд. Онҳо гӯё хобро таъбир, ҷиноятро ошкор, ҳайвоноти гумшударо дарёб, баҳсу мунозираҳоро танзим ва корҳои дигарро иҷро менамуданд. Бинобарон дар байни мардум онҳо обрӯю эътибори баланд доштанд, ки хоси тарзи зиндагӣ ва тарзи тафаккури ҷомеаи бадавӣ буд.

Дар айни замон, ёдрас бояд намуд, ки коҳинҳо бо Худоён робитаи бевосита надоштанд. Робитаи онҳо бо Худоён тавассути ҷинҳо ва рӯҳҳо барқарор мегардид, ки як қисми муҳими таҷрибаи динии арабҳои замони ҷоҳилияро ташкил медод. Дар тасаввуроти арабҳои бадавии замони ҷоҳилия ҷинҳо чун одамон вуҷуди воқеӣ дониста мешуданд. Ҳатто одамон ва ҷинҳо ягон корро якҷоя иҷро намуда, ба ҳамдигар ёрӣ мерасониданд. Ин тасавуррот дар ислом низ боқӣ монд, ки дар ин хусус ояти зерини Қуръон шаҳодат медиҳад: "Бигӯ: "Агар одамиёну ҷинниён бар он ҷамъ шаванд, ки монанди ин Қуръон биёранд, ҳаргиз монанди он наёранд - агарчи баъзеашон баъзеро мададдиҳанда бошанд" (17:88), вале коҳинон ба Худо Аллоҳ роҳ надоштанд,[81] дар Каъба онҳо ба ҷои Аллоҳ ба Худо Ҳубал робита барқарор мекарданд. Ба андешаи мо, ба Аллоҳ муроҷиат накардани коҳинон аз он сабаб буд, ки аввалан, Аллоҳ Худои бузурги арабҳои тоисломӣ ба ҳисоб мерафт ва дар ухдаи ӯ корҳои нисбатан муҳим гузошта шуда, асосан ҳамчун офарандаи осмону замин вазифаи ато кардани абру борон, раъду барқро дошт, худои баҳру рӯдҳо буд, зеро мувофиқи суннати динҳои бисёрхудоӣ ҳар кадом соҳаи муайяни ҳаёти табиӣ ва иҷтимоиро худоҳои алоҳида идора мекарданд ва Аллоҳ бо корҳои майда-чуйда сару кор надошт. Дигар ин ки, чуноне ки дар боло ёдрас кардем, ба ақидаи донишмандон Аллоҳу Ҳубал ҳамон як Худоянд, аммо Қуръон танҳо аз номи Аллоҳ ёд мекунад.

Чуноне ки мебинем, ин суннати пешгузаштагони араб дар шакли хос ба ислом интиқол шуда, дар ташаккули ислом нақши муҳим дорад.

---

[81] Реза, Аслан. Нет бога, кроме Бога. Истоки, эволюция и будущее ислама [Текст] / Аслан Р. –М.: Изд, КоЛибри, 2005. -С.34

Фарқи ислоҳоти динии Муҳаммад аз суннати динҳои ширк дар он аст, ки дар ислом нақши коҳинро пайғамбар ва нақши ҷину рӯҳро фаришта Ҷабраил иҷро менамоянд. Вале дар асл мақоми пайғамбару Ҷабраил дар ислом ин нусхаиислоҳшудаи ҳамон коҳину ҷину рӯҳ дар динҳои ширк аст, ки тавассути онҳо ҳам дар гузашта ва ҳам имрӯз одамон гӯё пайғоми Худоро гирифтаанд.

Аз таърихи ислом, бахусус фаъолияти пайғамбар, маълум аст, ки Муҳаммад дар аввал (замоне ки ҳанӯз ягон қудрати сиёсию ҳарбӣ надошт) барои ислоҳи ширку бутпарастӣ ва тарғиби яктопарастӣ аз даъват истифода кард ва даъватҳои ӯ бештар оҳанги иҷтимоию ахлоқӣ доштанд, ҳарчанд ҳадафи асосии тарғиби ислом, бахусус идеяи яктопарастии он дар зинаи аввал бунёди давлати ягонаи араб ва пасон таъсиси хилофатро ташкил медод. Ин андешаро далелҳои шайъӣ аз Қуръону суннат тасдиқ менамоянд. Масалан, ҳанӯз соли 616, вақте ки мушрикони Қурайш пайғамбарро таҳдид карда, ба назди амаки ӯ Абутолиб аз Муҳаммад барои таҳқир кардани дину оин ва худоҳояшон шикоят оварданд ва Абутолиб аз ӯ сабаб пурсид, пайғамбар чунин ҷавоб дод: "Ман онҳоро ҷуз ба гуфтани як калимаи "Ло-илоҳа-илло-л-Лоҳ" нахондаам, ки бо он ҳамаи арабҳо ба Қурайш тобеъ ва ҳамаи Аҷам ба араб ҷизя хоҳанд супорид".[82]

Ё худ Муҳаммад дар мактубаш ба шоҳаншоҳи Эрон Хусрави Парвиз соли 629 навишта буд: "Ман ба фармони Худованд туро ба сӯи Ӯ мехонам... Ислом биёвар, то дар амон бошӣ ва агар аз имону ислом сар бартофтӣ, гуноҳи миллати маҷус бар гардани туст".[83] Ин ҳадисҳо дар чандин сарчашмаҳои исломӣ ва таърихӣ баён ёфтаанд. Ҳамчунин дар ин маврид дар Қуръон (чопи Исломобод) омадааст: "Ва ваъда дод Худованд ба Шумо гирифтани ғаниматҳои дигарро, ки ҳанӯз даст наёфтаед бар

[82] Муҳаммад, бини Юсуфи Кондҳлуй. Ҳаёту-с-саҳоба [Матн] / Кондҳлуй М.Б.Ю.-Бейрут.: Лубнон, 1999. Ҷ. 3 .-С 48.
[83] Устод, Ҷаъфари Субҳонӣ. Фурӯғи абадият [Мант] / Субҳонӣ // Ҷилди дуввум. - Душанбе.: Дониш, 1998. -С.161-162.

гирифтани онҳо ва Худованд бар ҳама чиз қодир аст, яъне ғаниматҳои Форсу Румро насиби Шумо мегардонад” [48: 21].

Вақте ки аз роҳи даъват мушрикони араб, бахусус, қабилаи Қурайш дини навро напазируфтанд, пайғамбар баъди ҳиҷрат ба Ясриб ва омода сохтани нерӯи ҳарбии муайян маҷбур шуд, ки бо роҳи зӯрӣ (ҷанг) мушриконро тобеи умма сохта, дини исломро дар Арабистон густариш диҳад. Барои истифодаи усули зӯрӣ Муҳаммад боз ба суннати пешиниёни худ, арабҳои тоисломӣ рӯ овард. Миёни қабилаҳои араб, анъанае буд, ки ҳангоми ба душвории сахти иқтисодӣ дучор шудан қабилаҳои араб, бахусус қабоили бадавӣ, байни худ тохтутоз карда, ғанимат ба даст меоварданд ва кам бошад ҳам, бо ҳамин роҳ вазъи иқтисодии худро беҳтар менамуданд. Онҳо чунин навъи тохтутозро “ҷиҳод” меномиданд ва ин вожа дар адабиёти тоисломии араб истифода шудааст. Аслан маънои луғавии “ҷиҳод” ҷаҳд кардан аст, ҷидду ҷаҳд барои иҷрои амал ё расидан ба ҳадафе.

Аммо як нуктаро бояд таъкид намуд, ки дар суннати тоисломии арабҳо “ҷиҳод” маънои динӣ надошт, як василаи қонеъ сохтани талаботҳои моддии араб буд. Муҳаммад барои анҷом додани ҳадафҳои сиёсӣ-динии худ аз ин суннати замони ҷоҳилияи араб истифода кард ва вожаи “ҷиҳод” ба ислом интиқол ёфт. Дар Қуръону суннат ин истилоҳ зиёда аз 400 маротиба истифода шудааст ва яке аз китобҳои суннати паёмбар, аз ҷумла дар “Саҳеҳи Бухорӣ” низ “Китоби ҷиҳод” ном дорад. Вале дар фаъолияти Муҳаммад ва ёрони ӯ вожаи “ҷиҳод” ба ҷуз аз мазмуни дунявӣ, яъне ба даст овардани ғанимат, мазмуни динӣ низ касб карда, ба яке аз ухдадориҳои мусулмонон табдил ёфт ва мусулмонони ба ҷиҳод ширкат варзидаро “муҷоҳид” меномиданд. Чунончӣ: “Пас, касоне, ки зиндагонии дунёро ба (ивази) охират мефурӯшанд, бояд, ки дар роҳи Худо ҷанг кунанд. Ва ҳар кӣ дар роҳи Худо ҷанг кунад ва кушта шавад, ё ғолиб ояд, ба ӯ музди бузург бидиҳем. [4:74] Ё худ “Ва касонеро, ки дар

роҳи Худо кушта шудаанд, ҳаргиз мурда гумон макун, балки зиндаанд, назди Парвардигорашон рӯзӣ дода мешаванд” [3:169]; Ҳамчунин, “Ва касонеро, ки дар роҳи мо ҷиҳод карданд, албатта, ба роҳҳои худ ҳидоят кунем. Ва ба дурустӣ ки Худо бо накӯкорон аст”. (Қуръон: 29:69). Ба ҳамин монанд дар суннат низ “ҷиҳод” ҳамчун уҳдадории мусулмонон тарғиб ёфтааст: “Як бор андар аввали рӯз ё охири рӯз дар роҳи Худо (ба ҷиҳод) баромадан аз дунё ва ҳар чӣ дар он аст, беҳтар аст”.[84] Ё худ пайғамбар гуфтааст: “...биҳишт дар зери сояи шамшери шумост”.[85]

Дар айни замон бояд гуфт, ки дар давраи аввали ташаккули ислом консепсияи ҷиҳод аз нигоҳи идеологӣ ҳанӯз ҳаматарафа коркард нагардида буд. Албатта, ҷиҳод ҷанбаҳои иҷтимоӣ-ахлоқӣ низ дорад. Таълимот дар бораи ҷиҳод асосан баъди ташаккули мактабҳои каломӣ-фиқҳӣ дар ислом ба низоми муайян даромадааст.

Ҳамин тариқ, ҷиҳод дар натиҷаи бо эътиқоди динӣ пайваст шудан хусусияти идеологӣ-сиёсӣ касб кард ва унвони “ҷанги муқаддас”-ро низ гирифт, махсусан аз замоне, ки араб дину фарҳанги ҳамаи халқҳои ғайриарабро чун динҳои бутпарастиву ширки замони ҷоҳилияи араб написта, онҳоро куфру бидъат хонд ва дар зери парчами ислом истилои кишварҳои ғайриарабро оғоз намуд, ки ба таълимоти Қуръону суннат асос меёфт.

Аз ҷумла, дар Қуръон оини зардуштия ба ширкгароӣ (санавият) мансуб дониста шудааст: “Ситоиш Худоеро аст, ки осмонҳову заминро офарид торикиву равшаниро пайдо кард; ва боз ба Парвардигори хеш бовар мекунанд” [6:1] Дар тафсирҳо омадааст, ки ин оят дар нисбати дини зардуштия гуфта шудааст, зеро мувофиқи биниши Қуръон зардуштиён ба ду Худо – Худои рӯшноию торикӣ бовар доранд.[86] Дар шабеҳи ҳамин пайравони дини насронӣ низ кофир эълон карда шудаанд: “Ба дурустӣ, касоне, ки гуфтанд: “Худо ҳамон Масеҳ писари Марям аст”

---

[84] Саҳеҳи ал-Бухорӣ // Таҳиягари матни тоҷикӣ: Абдулҳалим. Орифӣ.- Душанбе.: ЭР-граф. Ҷ. 3. 2008. -С. 32.
[85] Саҳеҳи Бухорӣ. Ҷ. 3. -С.95
[86] Молики, Ҳусайнӣ. Тафсири Ҳусайнӣ [Матн]/ Ҳусайнӣ М. –Теҳрон.: Китоби ҳермес, 1384. -С. 207/

– кофир шуданд. [5: 17] Зеро дар дини насрония Худо се симо дошта, Исо ҳамчун Худо-писар шинохта мешавад, ки онро ислом қабул надорад. Дар қатори ин динҳо яҳудия ва динҳои дигар низ мувофиқи таълимоти ислом “куфр” ба ҳисоб мераванд. Масалан, дар нисбати яҳудиён паёмбари ислом чунин иброз кардааст: “Шумо (мусулмонон дар охируззамон) ба яҳудиён ҷанг хоҳед кард, то ҳадде, ки касе аз онҳо дар пушти санг худро пинҳон мекунад, пас санг мегӯяд, “Эй бандаи Худо, инак яҳудӣ дар пушти ман аст, ӯро бикуш”.[87]

Дар сарчашмаҳои исломӣ хусусияти идеологӣ-сиёсӣ касб кардани ҷиҳод ва куфру бидъат хондани дину фарҳангҳои ғайриисломӣ дар як вақт заминаи ғоявиро барои ҷуғрофия ва этнографияи халқҳои оламро ба “Дор-ул-ислом” ва “Дор-ул-ҳарб” тақсим намудан, муҳайё сохт, “Дор-ул-ҳарб” (замини ҷанг) берун аз қонун қарор гирифт ва он бояд ба “Дор-ул-ислом” (замини ислом) табдил ёбад.

Дар айни замон бояд ёдовар шуд, ки ҳарчанд ҷиҳод ба ислом аз таҷрибаи иҷтимоии тоисломии араб интиқол ёфтааст, аммо дар ташаккули консепсияи ҷиҳод ҳамчун “ҷанги муқаддас” таъсири фарҳанги сиёсии динҳои дигар низ калон аст. Набояд фаромӯш кард, ки ислом дар замони мавҷудияти ду империяи бузург - Византия ва Сосониён, ки ҳамеша дар ҳолати ҷангҳои мазҳабӣ қарор доштанд, зуҳур ёфтааст. Таҷрибаи ҷангҳои байни ин ду империя ба арабҳои мусулмон бе таъсир намондааст. Империяи Рим тафсири хоси насронияти аз нигоҳи ҳуқуқӣ расман қонуникардашудаи худро дошт. Истилоҳи “ҷанги муқаддас”-ро дар ибтидо маҳз салибдорони насронӣ, ки барои аз худ кардани минтақаҳои нав ва роҳҳои тиҷорат мубориза мебурданд, коркард намудаанд. Бинобар он, вақте ки мусулмонони истилогари араб механизми ҷанг кардан бо халқҳои дигарро меомӯхтанд, на танҳо аз

[87] Саҳеҳи ал-Бухорӣ // Таҳиягари матни тоҷикӣ: Абдулҳалим. Орифӣ.- Душанбе.: ЭР-граф. Ҷ. 3. 2008.-С. 32.
[87] Саҳеҳи Бухорӣ. Ҷ. 3. -С.79

суннати пешиниёни худ, ҳамчунин аз таҷрибаи империяҳои ҷангҷӯи вақт истифода карданд.

Ҳарчанд дар Қуръону суннат ҷиҳод дар ибтидо ҳамчун як навъи уҳдадории мусулмонон барои ба умма тобеъ сохтани қабоилӣ мушрики араб мавриди истифода қарор гирифтааст, вале он ҳангоми ғасби кишварҳои аҷам ва гирифтани ғанимату рӯёнидани андоз, бахусус "ҷизя" (андози сарикасӣ) васеъ тасвиа ёфтааст.

Ҳамчунин таъкид бояд кард, ки дар Қуръон ҷиҳод ба маънои бартараф кардани гуноҳ барои ширк ва ноил шудан ба шинохти Худои ягона низ мавриди истифода қарор гирифтааст. Ба ҳамин сабаб дар Қуръон ҳамеша баъди вожаи "ҷиҳод" ибораи "дар роҳи Аллоҳ" истифода шудааст. Ба ҳар сурат ба таври васеъ мавриди истифода қарор гирифтани вожаи "ҷиҳод" дар Қуръону суннат минбаъд барои аз ҷониби араб истило кардану инкор намудани дину фарҳангҳои дигар васеъ истифода гардид.

Муҳаммад, агар аз роҳи иҷбориву зӯрӣ барои ба умма тобеъ сохтани қабоили мушрики араб аз анъанаи "ҷиҳод" истифода карда бошад, барои ба ҷиҳод ҷалб сохтани мусулмонон бошад, аз суннати "ғанимат" гирифтан ҳангоми ҷиҳод намудан, ки яке аз ҳадафҳои ҷиҳод буда, дар таҷрибаи иҷтимоию сиёсии араб қабл аз ислом вуҷуд дошт, истифода намуд. Вале тарзи баҳра бардоштан аз ғанимати дар ҷиҳод ба даст омада, дар ислом аз замони ҷоҳилия каме фарқ мекунад, яъне ин анъана дар ислом ба баъзе тағйиротҳо дучор омад.  Аз ҷумла, дар замони ҷоҳилия ғанимати ситонидашуда аз ҷиҳод ба чор ҳисса тақсим шуда, се ҳиссаи он моли қабила ва як ҳиссаи он ҳаққи шайхи қабилаву[88] бевазану бепарасторони шавҳару падарашон, ки дар ҷиҳод фавтидаанд, ба ҳисоб мерафт, аммо ғанимати ҳангоми ҷиҳод ситонидаи мусулмонон ба панҷ ҳисса тақсим мешуд. Чор ҳиссаи он байни муҷоҳидон баробар тақсим шуда, як ҳиссаи он ба хазинаи пайғамбару умма ворид мегардид

[88] Негря, Л. В. Общественный строй Северной и Центральной Аравии в V-VII вв [Текст] Л.В. Негря.-М.: Наука, 1981. -С.103.

ва ба ятимону бевазанҳои падару шавҳарҳояшон дар ҷиҳод шаҳидшуда ва мискинону бенавоён ва аҳли байти пайғамбар тақсим карда, дода мешуд. Чунин тарзи тақсимоти ғанимат, аз як тараф, ба ҳарчи бештар ҷалб сохтани мусулмонон ба ҷиҳод мусоидат карда бошад, аз тарафи дигар, ба баланд гардидани нуфузи ислом гӯё ҳамчун "дини адолати иҷтимоӣ " таъсири мусбат мерасонид.

Ҳамин тариқ, ғанимат дар ислом маънои динӣ касб карда, дар Қуръону суннат мақоми қонунӣ пайдо намуда, минбаъд барои ҷалби мусулмонон барои истилои кишварҳои ғайриараб нақши муҳим бозид. Дар Қуръон омадааст: "...бидонед, ки ҳар он чи аз ғанимат ёфтед, пас панҷяки он аз они Худову Пайғамбар ва хешовандон ва ятимону дарвешону мусофирон аст. Ва Худо ба ҳама чиз тавоно аст" (8:41). Паёмбар низ гуфтааст: "Ва Худо барои ҷиҳодкунанда дар роҳи ӯ лозим гардонидааст, ки чун ӯро бимиронад, ба ҷаннат дарорад ё агар солим бимонад, ӯро бо подош ё ғанимат бозгардонад".[89] Ҳамин тариқ, ислом дар ҷиҳод ба мусулмонон гирифтани ғаниматро аз ғайримусулмонон ба ҳукми қонун даровард ва араб ҳангоми истилои кишварҳои гуногун, аз ҷумла, аз Эронзамин ғаниматҳои ҳангуфт аз мардумон ба ғорат мебурд, ки арабро соҳиби иқтидори бузурги иқтисодӣ гардонид.

Дар Нимҷазираи Арабистон дар замони ҷоҳилият масъулият барои назорат бурдан аз болои низоми ахлоқии қабила дар уҳдаи шайх ё сайид қарор дошт. Тибқи суннати араб шайхро пешво ё доҳии қабила низ меномиданд, қудрат ва сифатҳои ахлоқии қабила дар симои ӯ таҷассум меёфтанд. Нисбат ба шайх аслан ду талабот ҷой дошт. Аввалан ин, ки ӯ бояд шахси баркамол ва барои қабила намуна бошад. Дуюм, шайх бояд дар худ идеалҳои асосии кодекси ахлоқии қабила, ба мисли шуҷоатмандӣ, ҷавонмардӣ, ҷанговарӣ, адолатхоҳӣ, меҳмоннавозӣ ва садоқати баланд доштан нисбати манфиатҳои қабиларо доро бошад.

---

[89] Саҳеҳи ал-Бухорӣ // Таҳиягари матни тоҷикӣ: Абдулҳалим Орифӣ.- Душанбе.: ЭР-граф. Ҷ. 3. 2008. -С. 32.
[89] Саҳеҳи Бухорӣ. Ҷ. 3. -С.31.

Аммо ҳокимияти шайх (сайид) меросӣ набуд. Арабҳо чунин шакли ҳокимияти қабилавиро қабул надоштанд, зеро он метавонист низоми ҳокимияти худкомаро, ки ба як авлод мансуб мебошад, ба вуҷуд оварда, манфиати авлодҳои қабиларо маҳдуд созад.

Дар айни замон, мувофиқи суннати арабҳои тоисломӣ доираи ҳокимияти иҷроияи шайх, доҳӣ маҳдуд буд. Ӯ тамоми ваколатҳои ҳокимиятро дар ихтиёри худ гирифта наметавонист. Агар ба забони муосир гӯем, як навъ демократияи қабилавӣ дар таҷрибаи иҷтимоии араби пеш аз исломӣ ҷой дошт. Махсусан, тамоми масъалаҳои барои ҳаёти қабила аҳамияти муҳим доштаро намояндагони қабила аз ҳар кадом авлод бо усули муҳокима ва қабул намудани қарори дастаҷаъмона ҳал мекарданд. Ин ашхосро қоид (пешво), ки нақши лашкаркаш, коҳин, ки нақши хизматгори дин ва ҳакам, ки арбитри баҳсу мубоҳисаҳо буд, ташкил медоданд. Вазифаи асосии шайх назорат ва ҳифз намудани тартиботу низоми дохилиқабилавӣ ва байниқабилавӣ буд. Яъне ӯ бехатарии ҳамаи аъзоёни қабиларо, ба мисли, ҳифзи бехатарии камбағалону оҷизон, кӯдакону мӯйсафедон, ятимону бевазанҳо ва ғайраро таъмин месохт. Интихоби шайх ё доҳӣ (сайид) аз тариқи байъат сурат мегирифт. Дар ин ҳолат як нуктаи қобили таваҷҷуҳ он буд, ки агар шайх аз уҳдаи вазифаҳои худ намебаромад, байъат беихтиёрона, худ ба худ ғайриқонунӣ ба ҳисоб мерафт ва шайх ё пешвои дигар аз нав бо усули байъат кардан интихоб мегардид. Байъат ҳамчун суннати тоисломии араб ба ислом интиқол ёфт ва ҳар нафаре, ки ба умма шомил мешуд, ба номи Пайғамбар байъат менамуд, ки он дар формулаи “Ло илоҳа ила-л-Лоҳу ва Муҳаммадан расулуллоҳ” баён ёфтааст.

Албатта, дар шароити бутпарастӣ ва ширк ҳанӯз қонунҳои илоҳӣ амал карда наметавонистанд, зеро дар ин динҳо таълимот дар бораи он дунё, ки рафтору кирдори инсон баъди марг дар он ҷо ҷуброн гардад, вуҷуд надошт. Бинобар он, шайх танҳо аз тариқи як қонун - қассос ба

вайронкунандагони қоидаву ахлоқи қабилавӣ ҷазо медод, ки ин анъана дар ҳамаи халқҳои қадим вуҷуд дошт. Масалан, агар касе ба ягон узви баданат зарар расонида бошад, ту ҳам ба ҳамон узви бадани ӯ зарар мерасонидӣ. Ин анъана миёни мардумони сомӣ, бахусус яҳудиён, хеле устувор буд. Баъдан, ба ҷои қассоси хунин қоидаи "хунбаҳо" ҷорӣ гардид. Масалан, арзиши як марди қатлшуда баробар ба 100 уштур ва як зани кушташуда баробар ба 50 уштур буд. Ба доираи уҳдадориҳои шайх ҳамчунин вазифаи таъмин сохтани сулҳу субoти қабила дохил мешуд, ки шайх онро аз роҳи таъин намудани ҷазо барои ҳамаи ҷиноятҳо пиёда месохт.

Азбаски дар сохтори авлодӣ-қабилавӣ низоми ҳуқуқӣ вуҷуд надошт, вақте ки баҳсу даъвоҳо пайдо мешуданд, тарафҳо ба ҳакам муроҷиат мекарданд. Ҳакам бошад, аввал кафолати тарафҳоро доир ба он, ки онҳо қарори қабулкардаи ҳакамро мепазиранд, гирифта, баъд масъаларо ҳал мекард.[90] Албатта, дар тӯли замони муайян қарорҳои ҳакамӣ хусусияти меъёрӣ касб карда, ба суннат табдил меёфтанд, ки вазифаи кодекси қонунгузории қабиларо иҷро мекарданд. Ҳамин тариқ, ҳар як қабила Сунна (маҷмуи кодексу анъанаҳо)-и худро дошт ва он мувофиқи қоида қонун, ҳуқуқ ба ҳисоб мерафт. Дар ислом низ маҷмуи гуфтору рафтори Пайғамбарро "Сунна" номиданд. Бинобар он, дар чунин низоми иҷтимоӣ инсон берун аз қабилаи худ соҳиби ягон ҳуқуқу озодӣ ва ҳувияти иҷтимоӣ набуд. Ин ҳолат инсонро ба таври мутлақ побанди қабила мекард. Ӯ қабилаву Худои қабилавиро ягона муҳофизи ҳуқуқу озодиҳои худ меҳисобид. Вақте ки аз ҷониби аъзои ягон қабила намояндаи қабилаи дигар зарар медид, вазифаи шайх ин буд, ки ӯ бояд ба қабилаи ҳамсоя фаҳмонда тавонад, ки амалиёти таҷовузкорона ба муқобили аъзои қабилаи ӯ ҳамин гуна ҷавоби муқобилро дорад. Вагарна ӯ дигар наметавонист шайхи қабила бошад ва байъати аъзои қабила

[90] Дуктур, Ҷавод Алӣ. "Ал-муфассал фи-таърих ил-араби қабла-л-Ислом" [Матн] Алӣ Ҷ.- Бейрут.: Дору-л-оламу-л-исломия. Ҷ. 6. 1968. -С. 62-65.

вайрон мегардид. Чунин қоида шайхро маҷбур месохт, ки масъулиятшинос бошад.

Азбаски Муҳаммад ҳанӯз аз ҷавонӣ дар байни қурайшиҳо чун “ал-Амин” шуҳрат дошт, қурайшиҳо дар баъзе баҳсҳои хурд ӯро ҳакам (довар) интихоб мекарданд. Бинобар он, Муҳаммад доир ба ин суннати тоисломии арабҳо на танҳо маълумоти васеъ дошт, ҳамчунин дорои таҷрибаи иҷтимоӣ ва малакаи муайян буд. Замоне ки ӯ фаъолияти худро доир ба тарғиби дини ислом оғоз кард, ӯ аз ин таҷрибаи гузаштагон, ки дар низоми сохтори авлодӣ-қабилавии Нимҷазираи Арабистони тоисломӣ хусусияти дунявӣ доштанд, барои таъсис додани низоми исломӣ устокорона истифода намуд ва дар ислом ин арзишҳои дунявӣ хусусияти динӣ касб карда, ҳатто аз номи Аллоҳ ҳамчун ваҳӣ ба мусулмонон муаррифӣ гардида, ба унсури шуури динии онҳо табдил ёфтанд.

Чуноне ки дар боло гуфтем, дар Нимҷазираи Арабистони тоисломӣ дар низоми иҷтимоӣ-сиёсии ҳар кадом қабила ниҳоде шабеҳи “Шӯро” вуҷуд дошт, ки аъзояш иборат аз қоим, қоҳин ва ҳакам буданд, масоили муҳими ҳаёти қабиларо муҳокима ва ҳалу фасл мекарданд. Вақте ки Муҳаммад дар Ясриб уммаро, ба ақидаи исломшиносон ҳамчун модели нахустини давлати араб, таъсис дод, дар таркиби сохтори он ниҳоди махсусро бо номи “Шӯро” низ таъсис дод, ки масъалаҳои муҳими ҳаёти уммаро баррасӣ ва ҳал менамуд, ки  як навъи хоси истифодаи ҳамон суннати пешгузаштагон дар ислом мебошад. Араб, ки таҷрибаи давлатдорӣ надошт, Муҳаммад низ чун як фарди дар ҳамин муҳити иҷтимоӣ ба камол расида, наметавонист берун аз ин таҷриба ягона сохтори комилан нави дигарро ихтироъ намояд. Зиёда аз ин, дар муҳити иҷтимоии ҳамонвақтаи араб истифода аз ҳамон таҷрибаи иҷтимоии гузаштагон ба мақсад мувофиқ ва ба фаҳмиши араб наздик буд. Вале шӯрое, ки Муҳаммад мувофиқи ахбороти сарчашмаҳо иборат аз 6 нафар

ташкил дода буд, хусусияти диниро касб карда, ҳамчун ваҳйи илоҳӣ эълон гардид ва яке аз сураҳои Қуръон низ номи “Шӯро”-ро гирифт (сураи 42), ки дар он омадааст: “Ва касоне, ки фармони парвардигорашонро қабул карданд ва намозро барпо доштанд ва корашон аз сари машварат бо якдигар бошад ва аз он чи ба онҳо рӯзӣ додаем, харҷ мекунанд”. [42: 38]

Суннати дигаре, ки ҳамчун одат дар таҷрибаи иҷтимоии арабҳои тоисломӣ роиҷ буд, ин масъалаи меросӣ набудани вазифаи шайх (сайид, доҳӣ) мебошад, ки дар боло ёдрас карда будем. Бо вуҷуди он ки дини ислом низоми иҷтимоию сиёсии пешазисломии арабро тағйир дод, вале суннати на меросӣ, балки интихобӣ будани шайх дар низоми сиёсии исломӣ на танҳо ҳифз гардид, ҳамчунин дар шаклгирии сохтори сиёсии исломи ибтидоӣ, исломи замони насли саҳобагон, нақши муҳим бозид. Аз таърихи ислом маълум аст, ки баъди реҳлати пайғамбар яке аз масъалаҳои сиёсие, ки баҳс дар атрофи он оқибат сабаби аввал ба гурӯҳҳои сиёсӣ ва баъдан ба равияҳо тақсим шудани мусулмон гардид, ин масъалаи имомат ва хилофат, яъне кӣ бояд ҷойнишини паёмбар, имом ва халиф шавад, мебошад. Ҳарчанд ҷонибдорони Алӣ ибни Абутолиб кӯшиш карданд, ки имом ва халифро аз рӯи принсипи ворисият таъин созанд ва бо вуҷуди он ки Алӣ ворисп бевоситаи пайғамбар буд, дар ин мубориза шикаст хӯрд. Ҷонибдорони Алӣ то имрӯз шикасти ӯро дар ин мубориза натиҷаи дасисаву худкомагии Абубакру Умар ва Усмон медонанд. Аммо, ба андешаи мо, дар ин муборизаи сиёсӣ ғолиб омадани Абубакру Умару Усмон шояд таъсири ҳамон суннати интихобӣ будани сардари ҳокимияти қабила (шайх) бошад, ки дар таҷрибаи иҷтимоӣ ва афкори сиёсии араб дар гузашта ҷойгоҳи хос дошт ва дар ислом низ ҳифз гардид. Ин се нафар ҷонишинони паёмбар тавонистанд барои ба даст даровардани ҳокимият дар хилофат аз ҳамон суннати пешгузаштагон огоҳона истифода баранд

ва риояи ин суннати одатӣ сафи ҷонибдорони онҳоро низ афзоиш дод ва дар ислом он мақоми ҳуқуқиро касб намуд.

Беҳуда нест, ки ҷонибдорони саҳобагони пайғамбар халифаҳои номбурда минбаъд унвони аҳли суннат ва ҷамоатро гирифтанд ва имрӯз аксарияти мусулмонони ҷомеаи исломиро ташкил медиҳанд. Шояд яке аз сабабҳо аз пайғамбари ислом доир ба ҳамин масъала мерос намондани васиятномае низ дар ҳамин бошад. Аммо маврид ба ёдоварист, ки ҳарчанд дар исломи ибтидоӣ анъанаи аз тариқи раъй интихоб кардани халиф як давраи муайян ҳифз гардид, вале оқибат суннати ворисият дар хилофат афзалият пайдо намуд ва бо вуҷуди аз намояндагони аҳли суннату ҷамоат будани халиф аксар вақт ӯ на аз рӯи принсипи раъй, балки ворисият таъин мегардид, ки дар зери таъсири низоми давлатдории эронӣ-форсӣ сурат гирифтааст. Худи халифаҳои Аббосӣ ошкоро эътироф мекарданд, ки низоми давлатдории онҳо усули идории Сосониён аст.

Дар Нимҷазираи Арабистони тоисломӣ эътиқод ба Худоёни қабилавӣ ва парастиши суннатҳои қабилавӣ меъёри асосии муайян намудани мансубияти инсон ба қабила буд, ки худмуайянкунии иҷтимоии аъзои қабиларо ташаккул медод. Аз ин рӯ, қабул кардани формулаи “Нест Худое ба ҷуз Аллоҳ” ва пайвастан ба уммати Муҳаммад ҳамчун расули Худо танҳо маънои иваз кардани эътиқоди худро надошт, ҳамзамон он маънои аз қабилаи худ ҷудо шуданро дошт, ки мувофиқи қонуни қабилавӣ хиёнат ба қабила ба ҳисоб мерафт. Бинобар он, танҳо Аллоҳро ҳамчун Худои ягона эътироф кардани мушрикони Қурайш онҳоро ба ҳарос меовард, зеро идеяи яктопарастии Муҳаммад низоми маросиму арзишҳои анъанавии онҳоро ботил сохта, бо ҳамин асоси ҳаёти иҷтимоӣ, динӣ ва иқтисодию сиёсии онҳоро вайрон мекард. Ба ҳамин сабаб мушрикони Қурайш на танҳо ба Муҳаммад душманӣ доштанд, ҳамзамон нисбати тамоми авлоди Ҳошим бадбинӣ зоҳир карда,

ҳатто бо онҳо тиҷорат, доду гирифт ва оиладор шуданро қатъ намуда буданд. Аз ин рӯ, барои Муҳаммад ва пайравонаш аз тамоми суннатҳои қабилавӣ ҷудо шудан ғайриимкон буд. Ба Муҳаммад танҳо дар шакли нав коркарду истифода намудани суннатҳои қабилавӣ имкон медод, ки арабро ба дини худ ҷалб созад, зеро ҳар кадом дин танҳо дар заминаи ҳамон ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангӣ қомат афрохта метавонад, ки дар он ҷо зуҳур кардааст.

Ҳарчанд Муҳаммад тавассути тарғиби дини нав низоми иҷтимои авлодӣ-қабилавиро шикаста, сохтори нави иҷтимоиро дар пояи дини нав, яъне уммаро ба вуҷуд овард, аммо уммаи ӯ наметавонист ҳамаи одату маросими қабилавиро аз байн барад. Масалан, тобеъ шудани қабилаҳо ба умма вазифаи шайхи қабиларо аз байн бурд. Вале дар ивази ҳамаи шайхҳои қабилавӣ шайхи нав - шайхи умма тавлид ёфт. Вақте ки Муҳаммад вориди Ясриб гашт, ӯ дар давоми ду соли аввал (с. 622-624) ду вазифаро иҷро мекард. Дар навбати аввал, ӯ “Шайх Калон”-и муҳоҷирон буд, ки мартабааш аз шайхи қабила боло буд. Дигар ин ки, ӯ дар ин муддат нақши ҳакамро иҷро мекард, довари баҳсҳои байни қабилаҳои Авсу Хазраҷ, аз як ҷониб, ва байни қабилаҳои арабу яҳудӣ, аз тарафи дигар, ба ҳисоб мерафт. Дар нисбати муҳоҷирон ҳамчун шайх ҳокимият дошт ва дар нисбати ясрибиён вазифаи ҳакамро иҷро мекард. Умма маънои “ҷомеа”, “миллат” ва “халқ”-ро дошта, ба ҷои калимаи қавм ё қабила истифода мегардад. Бинобар он, умма сохтори қабилавии нав буд, ки ба қавли шарқшинос Бортрам Томас “Суперқабила” (“Абарқабила”) ва муаррих Маршал Хочсон “Неоқабила” (“Қабилаи ҷадид”) ба ҳисоб меравад.[91] Аз ин назар, он чизе ки дар Нимҷазираи Арабистони тоисломӣ дар ҳаёти қабила нақши муайянкунанда мебозид, дар умма (“Абарқабила”) низ бояд риоя мегардид. Чуноне ки дар боло ёдрас кардем, дар низоми қабилавӣ инсон ҳамон вақт узви қабила

[91] Реза, Аслан. Нет бога, кроме Бога. Истоки, эволюция и будущее ислама [Текст] / Аслан Р. –М.: Изд, КоЛибри, 2005. -С.102-103.

эътироф шуда метавонад, ки дар ҳаёти қабила, ба хусус дар маросиму парастишоти қабилавӣ ширкат варзад, вагарна ӯ узви қабила буда наметавонист ва аз ҳимояи қабила бархурдор намегашт. Узвият ба умма низ бе риояи ин талаботҳо, бахусус дар бахши риояи маросиму расму оинҳои динӣ, ғайриимкон буд. Маҳз иҷрои ин талабот аз ҷониби узви қабила кафолати ҳифзи ӯ буд, ки бе риояи ин талаботҳо дини нав - ислом низ ташаккул ва густариш намеёфт. Дар ҳалли ин масъалаҳо ба Муҳаммад истифодаи суннату одатҳои пешгузаштагони замони ҷоҳилияти қабоили араб мусоидат мекарданд. Ҳамин тавр, дар умма хондани намоз, додани садақа, дастаҷаъмона доштани рӯза ва ғайра аз таҷрибаи динии пешгузаштагон дар шаклу тарҳи нав тадриҷан ба ҳукми анъана даромад, ба тарзи ҳаёти иҷтимоию динии ҷомеаи мусулмонон ворид гардид ва ҳукми анъанаро гирифт. Аъзои ҷомеаи нав - умма ҳамаи вазифаҳои худро иҷро мекарданд, чуноне ки дар ҷомеаи мушрикон буд.

Лекин “Абарқабила” (умма)-и ҷомеаи нав аз ҷомеаи мушрикон фарқ дошт. Аввал ин ки, ҷомеаи қабилавии мушрикон шакли хоси умумияти таърихӣ-иҷтимоии одамон буд, ки он дар асоси умумияти генетикӣ-ҳудудӣ арзи вуҷуд кардааст, ҳарчанд дар он риояи маросиму парастиши динӣ аҳамияти зиёд дошта ва ниҳоят ҳувияти қабилавиро муайян мекарданд. Қабилаи нав (умма) бошад, дар асоси аслҳои умумияти динӣ ва афзалият додан ба он таъсис ёфта, нақши парастишҳою маросими динӣ низ дар ҷомеаи нав тағйир ёфта, ҳуввияти диниро ташаккул медоданд. Хулоса, “Абарқабила” (умма) шакли умумияти таърихӣ-иҷтимоии одамон набуда, шакли хоси умумияти динии одамон дар асоси эътиқоди динӣ аст, ки дар сурати ба он ягон ақидаи нави динӣ ворид шудан, он метавонад дар шакли умумиятҳои нави динӣ пора гардад, чуноне ки мусулмонон ба суннию шиа ва ғайра пора гардидаанд, ки ҳар кадоме як шакли нисбатан нави умумиятҳои динӣ мебошанд, зеро чунин ҷомеаҳо заминаи устувори иҷтимоӣ

надоранд. Аммо дар кулл Муҳаммад тавонист, ки дар Ясриб бар хилофи ҷомеаи иҷтимоӣ-динии қурайшиҳо бо истифода аз суннатҳои пешгузаштагон ҷамоаи нав - уммаро асос гузошта, ислоҳоти ҷиддии динӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ-иқтисодиро амалӣ созад ва ҷомеаи навъи навро бунёд намояд. Вазифаҳои дар қабила дар байни шайху коҳин ва қоиму ҳакам тақсимшударо ба ҳам муттаҳид сохта, ба ихтиёри худ гирад. Вале акнун ӯ шайхи қабила не, "Абаршайх", коҳини оддӣ не, балки қоҳини ягонае буд, ки гӯё бо Худо робитаи мустақим дошт.

Тафовути дигаре, ки ҷомеаи "Абарқабилавӣ"-и Муҳаммад аз ҷомеаи қабилавии қабл аз исломӣ дошт, ин буд, ки дар низоми авлодӣ-қабилавӣ ҳамон шахс узви қабила шуда метавонист, ки дар дохили қабила таваллуд ёфта, ба шайхи қабила байъат кардааст. Дар ҷамоаи Муҳаммад бошад, ҳар касе, ки бо гуфтани "Ло илоҳа ила-л-Лоҳу ва Муҳаммадан расул-Лоҳ" бо Муҳаммад (Абаршайх)-и ҷомеаи нав байъат мекард, узви умма мегардид. Ҳамин тариқ, он байъате, ки дар гузашта қабила ба шайх анҷом медод, дар Ясриб онро калимаи шаҳодат, ки маънои илоҳиётӣ дошт, ҳамчун байъат - савганди вафодорӣ ба Муҳаммад иваз намуд, ки на танҳо робитаи ирсии умма ва исломро бо гузашта ҳифз мекард, ҳамзамон як падидаи наве дар таърихи башар ба ҳисоб мерафт, ки онро Ф.Энгелс "инқилоби динии Муҳаммад" номидааст.[92]

Ҳамзамон, Муҳаммад дар мақоми шайхи қабила, ки ҳифзи ҳамаи аъзои қабила яке аз вазифаҳои ӯ буд, уҳдадор буд, ки ҳифзи аъзои уммаи худро таъмин созад. Дар иҷрои ин вазифа низ ӯ ба суннати гузаштагони араб "қонуни қассос" рӯ овард. Вале дар тафовут аз қабила дар умма "қассос" ба ҳайси воситаи асосии пешгирӣ кардан аз ҷиноят истифода мегардид, ки дар "Дастур ул-Мадина" баён ёфтааст. Зиёда аз ин, Муҳаммад барои таъмини амнияти мусулмонон дар умма онҳоро ба бахшиш даъват мекард. Чи тавре, ки дар Қуръон омадааст: "Ва сазои

[92] К, Маркс, Ф., Энгельс. Сочинения [Текст] / Маркс К., Энгельс Ф. Т. 28. -С.210

бадӣ-бадие монанди он аст; Пас, ҳар кӣ даргузарад ва (корро) ба ислоҳ орад, пас, муздаш бар Худо аст. Ҳамоно, Худо золимонро дӯст намедорад”. [42: 40]

Барои таъмини бехатарии умма ва ҳифзи онҳо ҳамзамон Муҳаммад аз суннати бародархондагӣ, ки миёни арабҳо қабл аз ислом вуҷуд дошт, истифода намуд. Мувофиқи суннати арабҳои қадим, вақте ки ду шахс бо ҳам бародархон мешуданд, онҳо метавонистанд моликияти худро байни бародархонҳо тақсим намоянд ва аз ҳамдигар ҳимоя намоянд. Аз ҷумла, “Дар сираи Ҳалабия омадааст: пеш аз ҳиҷрат Паёмбар бар асоси ҳақ ва мусовот миёни муҳоҷирон пайванди бародарӣ барқарор кард” ва баъди ҳиҷрат дар Ясриб ӯ ин суннати арабиро дар байни муҳоҷирону ансор татбиқ намуд,[93] ки дар таъмини амнияти мусулмонон минбаъд нақши муҳим бозид. Чунончӣ, ”Муҳоҷир Абдураҳмон ибни Авфро паёмбар дар Ясриб бо Сайид Абдураҳмон аз қабилаи Хазраҷ бародархон карда буд. Боре Сайид Абдураҳмон ба Абдураҳмон ибни Авф пешниҳод намуд, ки “ӯ метавонад нисфи моликияти ӯро ба худ гирад. Вай соҳиби ду зан аст. Ӯ метавонад кадоме аз ин занҳо ба вай маъқул бошад, гирад ва ӯ он занашро талоқ медиҳад”.[94] Ин суннати пешинаи арабӣ барои аъзои уммаро бо ҳам сахт пайванд кардан мусоидат менамуд.

Дар Ясриб Муҳаммад дар баробари эълон доштани баробарии ҳамаи аъзои умма дар асоси эътиқод ва мансубияти динӣ кӯшиш кард ташаккули иқтисодиёти навро ба роҳ монад, ки низ дар заминаи таҳаввули суннатҳои замони гузаштаи араб сурат мегирифт. Бо ин мақсад ӯ дар Ясриб бозори худро сохт, ки аз дигар бозорҳо фарқ мекард. Бо мақсади он, ки бозор ғанӣ гардад, ӯ аз мусофирони транзитӣ андоз ситониданро манъ кард, рибо (судхӯрӣ)-ро ҳаром эълон намуд. Ин чорабиниҳои пайғамбар фарқияти байни сарватмандону камбағалонро

---

[93] Сайид, Муҳсин Амин. Сираи Пайғамбар (с) [Матн] / Амин С.М // Тарҷумаи Алии Ҳуҷҷатии Кирмонӣ.-Душанбе.: Дониш, 2007. -С.109, 123-124.

[94] Ниг. Негря, Л.В. Общественный строй северной и центральной Аравии в V-VII вв. М.: Наука, 1981.-С 115-116

муътадил месохт. Муҳимтарин чорабинии ӯ дар мавриди беҳтар намудани вазъи иҷтимоии камбағалон он буд, ки ӯ дар байни аъзои умма яке аз суннатҳои қадими яҳудиён ва арабҳо - закотро ҷорӣ намуд. Исломшинос А. Массэ тасдиқ менамояд, ки закот “ба идеяи умумии яҳудиҳо ва арабҳо асос меёбад”[95] ва ҳамчунин садақа низ аз суннатҳои қадими яҳудия буда, дар забони яҳудиёни қадим “дака” меномиданд, ки маънои “адолат” ва баъдан маънои “закот”-ро дошт.[96] Дар Қуръону суннат ҳар ду одат маънои ҳукми илоҳиро касб карданд. Пайғамбар мегӯяд: “...Худо бар онҳо аз амволашон садақа фарз гардонидааст: он (садақа) аз тавонгаронашон гирифта ва ба бечорагонашон бозгардонида мешавад”.[97] Он имрӯз яке аз унсурҳои муҳими “исломи суннатӣ” мебошад.[98] Маънои луғавии закот дар забонҳои яҳудӣ ва арабӣ “поксозӣ” мебошад, яъне пок сохтани молу амвол ва сарвати хеш, ки минбаъд дар ислом ба яке аз рукнҳои асосии он табдил ёфт.

Таҷрибаи динӣ ва иҷтимоии арабҳои тоисломӣ дар бахши никоҳу оила ва ҳуқуқи зан дар ҷомеа низ дар ташаккули исломи ибтидоӣ бетаъсир намондааст. Мусаллам аст, ки оила ҳамчун ячейкаи ибтидоӣ, вале хеле муҳим дар бунёд ва ташаккули сохтори иҷтимоӣ нақши калон мебозад. Ислом, ки инъикоскунандаи раванди вайроншавии муносибатҳои авлодӣ-қабилавӣ ва ташаккули муносибатҳои ҷамъияти нав - ҷомеаи синфии феодалӣ буд, онро К. Маркс “инқилоби мусулмонӣ”[99] ва Ф. Энгельс бошад онро “Инқилоби динии Муҳаммад”[100] номидаанд ва ин инқилоби динӣ сохтори иҷтимоии навро ба вуҷуд овард, ки қариб ҳамаи соҳаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла оилавиро низ фаро мегирифт. Моҳияти ин инқилоб дар он зоҳир меёфт, ки он барои араб ба оғози давраи нави таърихӣ асос гузошт. Нақши омили

---

[95]Массэ, А. Ислам. Очерк истории [Текст] / А. Массэ // Пер.с фран. Издание 3-е.-М.: Наука, 1982. -С.99.
[96] Массэ А. Ҳамон ҷо. -С. 99.
[97] Саҳеҳи ал-Бухорӣ // Таҳиягари матни тоҷикӣ: Абдулҳалим. Орифӣ.- Душанбе.: ЭР-граф. Ҷ. 6. 2008. -С.7.
[98] Ионова, А.И. Ислам Юго-Восточной Азии: проблемы современной идейной эволюции [Текст] / А.И. Ионова. - М.: Наука, 1981. - С.37, 55-56.
[99] Маркс, К., Энгельс, Ф. Сочинения [Текст] / К. Маркс, Ф. Энгельс. Том 28. -С. 210.
[100] Маркс, К., Энгельс, Ф. Сочинения [Текст] / К. Маркс, Ф. Энгельс. Том 28. -С.222

идеологии ин раванди таърихиро ислом ҳамчун дини миллии араб ташкил медод, ки дар он ниҳодҳои ҷамъиятӣ ва анъанаву одатҳои гузаштаи куҳнашудаи араб таҳаввулу тағйир ёфта, ба низоми ичтимоии нав ва сохтори идеологии он мутобиқ мешуданд.

Асоси идеявии назари исломро доир ба никоҳ ва оила масъалаи мақоми зан дар ҷомеа ва оила дар одатҳои арабҳои тоисломӣ ташкил медод. Доир ба масъалаи мақоми зан дар ҷомеаи тоисломии араб дар илми шарқшиносӣ бинишҳо гуногунанд. Вале дар кулл чунин назар афзалият дорад, ки гӯё дар ҷомеаи тоисломии ҷоҳилияи араб зан ниҳоят дар ҳолати бад қарор дошт, аммо ислом онро ислоҳ карда, нақши занро хеле боло бурд. Дар қабоили тоисломии араб қонунҳои хаттӣ вуҷуд надоштанд, ки муносибатҳои оилавиро ба тартиб даровarda бошанд. Ин муносибатҳо тавассути суннатҳои авлодӣ-патриархалӣ ва ахлоқӣ-авлодӣ ба низом даровarda мешуд. Бо китобат шудани Қуръон давраи нави муносибатҳои оилавӣ оғоз меёбад ва дар фиқҳи исломӣ "ин соҳа бо қоидаву аслҳои диниву ахлоқии исломӣ бештар робитаи зич дорад."[101] Дар он бисёр ҷанбаҳои ҳаёти динӣ, маросиму парастишҳо, одату анъанаҳои тоисломии араб инъикос ёфтаанд. Чуноне ки Қуръону суннат ва дигар сарчашмаҳои таърихӣ нишон медиҳанд, Муҳаммад баъзе одатҳои падаршоҳии ҷоҳилонаро дар низоми муносибатҳои оилавӣ, ба мисли зинда гӯронидани духтарони навзод аз ҷониби оилаҳои қашшоқ, никоҳи маҳорим, полигамияи модаршоҳӣ ва ғайраро аз байн бурд. Аммо дар баробари ин бисёр суннату расму одатҳои дигар, ки дар низоми муносибатҳои оилавӣ дар гузашта вуҷуд доштанд, таҷдиди назар гардида, ба ислом ворид шуданд ва дар ташаккули сохтори ичтимоию идеологии он то кунун нақши бориз мебозанд. Масалан, арабҳои замони ҷоҳилия бо модар, духтар ва холаю аммаҳои худ оиладор намешуданд, вале писар баъди марги падари худ метавонист бо зани падар ва ё як мард дар як вақт метавонист бо ду хоҳар оиладор шавад. Пайғамбари

[101] Сюкияйнен, Л. Р. Мусулмансое право:.вапросы теории и практики [Текст] / Л.Р. Сюкияйнен. -М.: Наука, 1986. -С. 159.

ислом оиладоршавӣ бо ду хоҳар ва бо зани падари фавтида, оиладор шудан бо модар, духтар ва холаю аммаро ҳаром эълон намуд ва ин одатҳо дар Қуръон манъ гардид: "Бар Шумо ҳаром карда шуданд: модарони шумо ва духтарони шумо ва хоҳарони шумо ва хоҳарони падарони шумо ва хоҳарони модарони шумо ва духтарони бародар ва духтарони хоҳар ва он модарони шумо, ки ба шумо шир додаанд ва хоҳарони шумо аз ҷиҳати ширхорагӣ ва модарони занони шумо ва духтарони занони шумо, ки дар канори шумо парвариш меёбанд ва агар бо онҳо омезиш накарда бошед, пас барои шумо ҳеҷ гуноҳе нест: ва занони писарони шумо, ки аз пушти шумо бошанд ва он ки миёни ду хоҳар ҷамъ кунед, лекин он чӣ гузашт, (дар он) авф аст. Ба дурустӣ ки Худо Омурзандаи Меҳрубон аст" [4: 23]. Чуноне ки мебинем, ин одатҳои бадро, ки дар миёни араб дар замони ҷоҳилия ҷой дошт, Қуръон гузашта (салаф) номида ва онҳоеро, ки мусулмон шуда, аз ин одатҳои бад даст кашидаанд, авф кардааст.

Дар айни замон, Қуръон никоҳ кардан бо духтарони зинаи дуюми хешовандӣ - бо духтарони аммаю тағо, холаю амакро барои паёмбар Муҳаммад ҳалол гардонидааст, ки минбаъд дар ислом ба як одати умумимусулмонӣ табдил ёфт: "Эй Пайғамбар, дар ҳақиқат Мо барои ту инҳоро ҳалол кардем... духтарони амакатро; ва духтарони аммаҳоятро; ва духтарони тағоятро; ва духтарони холаҳоятро - онон, ки бо ту ҳиҷрат кардаанд; ва зани муъминаеро, ки агар худро барои Пайғамбар бибахшад - агар Пайғамбар хоҳад, ки ӯро ба занӣ гирад - хос барои ту, ба ҷуз муъминон аст..." [33:50] "Агар аз мавқеи насаб ба баррасии масъала дохил шавем, гурӯҳи духтарони зикршуда барои мо ақориб, яъне хешованди наздиканд. Вале агар аз нигоҳи фиқҳи муомилот бинигарем, ҳукми онҳо бо ҳукми духтарони бегона баробар мешавад. Аз ин ҷиҳат ҳамаи мазоҳиби аҳли суннату ҷамоат барои муносибати заношӯӣ барпо кардан бо ин духтарони умумияти насабӣ дошта ҳукми

ибоҳат, ҳукми мубоҳ будан; иҷозат, яъне ҷоиз будан; ва мухайяр гаштан, яъне ихтиёр доштани шахси зангирро раво гардонидааст".[102] Ҳамин тариқ, ислом никоҳи хешовандии зинаи дуюмро иҷозат дода, вале онро маҷбурӣ намеҳисобад.

Дар баробари вуҷуд доштани баъзе одату ахлоқи ҷоҳилона нисбати зан дар байни арабҳои тоисломӣ нақшу мақоми зан дар ҳаёти иҷтимоӣ ба он дараҷае, ки баъзе муҳаққиқон менависанд, ниҳоят паст набуд. Ҳарчанд муносибатҳои оилавӣ асосан хусусиятҳои падаршоҳӣ доштанд, вале боқимондаҳои модаршоҳӣ низ вуҷуд дошт. Аз ҷой доштани боқимондаҳои суннатҳои модаршоҳӣ дар муносибатҳои оилавӣ мавҷудияти баъзе шаклҳои никоҳ, ки унсурҳои модаршоҳӣ ва падаршоҳиро дар худ таҷассум мекарданд, шаҳодат медиҳанд. Масалан, чунин шакли никоҳе вуҷуд дошт, ки шавҳар баъди ҳайзи зан метавонист ӯро ба назди марди дигар фиристад, то аз он мард ҳомила шавад ва пас ба назди шавҳари асосии худ баргардад. Ё худ никоҳе буд, ки як гурӯҳ мард (то даҳ нафар) бо зане наздикӣ мекарданд ва вақте зан фарзанд таваллуд мекард, онҳо ҳама назди зан ҷамъ мешуданд ва зан падари кӯдакро нишон медод ва он мард ҳуқуқ надошт онро рад кунад. Чунин шакли никоҳ низ амал мекард, ки зан бо якчанд мард наздикӣ мекард ва сипас падари фарзанди ба дунё омадаро фолбин муайян месохт ва мард вазифадор буд, ки ӯро ба фарзандӣ қабул намояд.

Мусаллам аст, ки то имрӯз дар ислом, дар миёни аҳли шиа никоҳи сиға, ки онро никоҳи мутъа низ меноманд, роиҷ мебошад. Ин шакли никоҳро муҷоҳидони "Давлати Исломӣ"- и Ироқу Сурия, ки низ худро аз аҳли суннату ҷамоат меҳисобанд, риоя мекарданд, ки дар асл реша ба фарҳанги замони ҷоҳилият ва дар исломи ибтидоӣ дорад. Дар замони ҷоҳилият миёни мардуми араб никоҳи мутъа (муваққатӣ) як одати маъмулӣ буд. Арабҳо, махсусан ҳангоми мусофират, никоҳи мутъаро

---

[102] Баротзода, Ф, Нурулҳақов, Қ. Вазъи динӣ-сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф. Баротзода, Қ. Нурулҳақов.-Душанбе.: Эр-граф, 2017.-С.81-82.

риоя мекарданд. Паёмбари ислом дар кулл ин шакли никоҳро наҳӣ карда бошад ҳам, вале ҳангоми ҷиҳод чунин никоҳро бо занҳои асиргирифта иҷозат додааст. Масалан, аз саҳобагон Ҷобир ибни Абдуллоҳ ва Салама ибни Акваъ ривоят аст, ки мувофиқи он пайғамбар дар ғазваи Ҳунайн, ки ғолиб омада, ғанимат ва асирон ба даст оварда буданд, ба муҷоҳидин фармудааст: "Барои Шумо иҷозат дода шудааст, ки мутъа кунед, пас мутъа кунед".[103]

Чуноне ки мебинем, никоҳи мутъа, ки як одати араб дар замони ҷоҳилия будааст, дар исломи ибтидоӣ ҳангоми ғазва ё ҷиҳод ба суннати паёмбар ворид гардида буд ва онро аҳли шиа, махсусан пайравони шиаи дувоздаҳимомӣ (исноашариа) дар ислом то ба имрӯз чун суннати пайғамбар ҳифз намуданд ва гурӯҳҳои сиёсӣ-динии ифротие, ки худро ба мисли салафиён аз аҳли суннату ҷамоат меҳисобанд, ҳангоми ҷиҳод онро пурра риоя мекунанд.

Ба ҳамин монанд одати сеталоқа дар замони ҷоҳилият миёни аъроб маъмул буд ва аз ҷой доштани чунин навъи талоқ суннати пайғамбари ислом шаҳодат медиҳад. Чунончӣ, аз ҳамсари пайғамбар Ойша ривоят шудааст, ки Рифоаи Қурайзӣ ном шахс занашро сеталоқ додааст ва сипас он зан бо Абдураҳмон ибни Зубайри Қурайзӣ издивоҷ намудааст. Вале Зубайри Қурайзӣ заиф буда, тавони ҷимоъ карданро надоштааст. Зан барои ҳалли ин мушкилот ба пайғамбар муроҷиат менамояд ва пайғамбар ба зан чунин посух медиҳад: "Шояд мехоҳӣ дубора назди Рифоа баргардӣ? На, то он ки Абдураҳмон маззаи ту ва ту маззаи ӯро начашида бошӣ, наметавонӣ ба шавҳари аввалаат баргардӣ".[104] Чуноне ки аз мазмуни ҳадиси мазкур бармеояд, агар қабл аз ислом одати сеталоқа миёни араб ҷой намедошт, Рифоа зани худро се талоқ намекард. Ва чун шавҳари нави зан дар ҷимоъ заиф баромад, ӯ хост аз пайғамбар барои ҳалли ин мушкилот дастур гирад, пайғамбар

---

[103] Имом, Зайнуддин Аҳмад Зубайдӣ. Мухтасари Саҳеҳи Бухорӣ [Матн] / Зубайди И.З.А. – Душанбе.: ЭР-граф, 2011. -С. 478 ( 668 с.).
[104] Имом, Зайниддин Аҳмад Зубайдӣ. Ҳамон ҷо. -С.48-478.

аввал лаззат бурдан, яъне ҷимоъ кардан бо шавҳари нав ва баъд ба назди шавҳари аввала баргаштанро дуруст шуморид, ки ин одат баъдан дар ислом бо номи “ҳалола кардан” ворид шуд. Аз ин ҷо бармеояд, ки дар чунин ҳолатҳо “ҳалола” кардан суннати пайғамбар аст. Ҳамин тариқ, сеталоқа ҳамчун одати араби замони ҷоҳилия бо баъзе тағйирот (ҳалола) ба шариати ислом ворид шуд, имрӯз аз ҷониби мусулмонон риоя мегардад. Тағйироте, ки Қуръон ба ин одати арабӣ ворид сохт, ин аст, ки баъди талоқи сеюм зан то ҳалола карда нашавад, наметавонад ба шавҳари аввалааш баргардад. Дар ин маврид дар Қуръон омадааст: “Талоқ ду бор аст, (пас аз он) ё бахушгӯӣ нигоҳ доштан аст ё ба некӯӣ раҳо кардан” [2: 229]. “Ва агар ӯро талоқ дод, (яъне бори сеюм), пас он зан барои он мард ҳаргиз ҳалол намешавад, то он ки ба никоҳи шавҳари дигар дарояд; ва агар ӯ (ин шавҳари дигар) занро талоқ дод, пас бар он ҳарду гуноҳе нест дар он, ки бо ҳам ба никоҳ бозгарданд...” [2: 230].

Дар робита ба ҳамин масъала одати додани маҳр ба зан ҳангоми никоҳ, ки яке аз одатҳои гузаштаи араб буд, дар Қуръону суннат қонунӣ гардид. Вале дар замони ҷоҳилия дар мавриди тарзи пардохтану истифодаи маҳр нисбат дар ислом тафовут ҷой дошт. Аввал он ки маҳр бевосита ба зан не, балки ба сарпарасти вай - падар, бобокалон, бародар, амак ё сарпарасти дигар дода мешуд ва он сарпараст маҳри занро метавонист мувофиқи хоҳиши худ истифода барад. Дигар ин ки шавҳар ва ё сарпарасти вай маҳрро бо дили нохоҳ ва ба таври маҷбурӣ пардохт мекард ва онро барои худ зиён медонист. Сониян, азбаски зан баъди ба шавҳар баромадан дигар ба хостаҳои мард мухолифат карда наметавонист, бо истифода аз ин ҳолат шавҳар метавонист қисмати пардохтнашудаи маҳрро дигар пардохт накунад.[105] Дар ислом бошад, маҳр ҳаққи шаръии зан эълон гардида, ба мардон амр шуд, ки “...ба занон маҳрашонро ба хушдилӣ бидиҳед”. [4:4]. Дар айни замон ба

[105] Боқизода, А. Фиқҳи исломӣ дар асоси мазҳаби Ҳанафӣ. Қисмати ибодат ва аҳволи шахсӣ [Матн] / А. Боқизода. –Душанбе.: СИЭМТ, 2023. -С.786-787.

мардон иҷозат дода шуд, ки агар занҳо аз таҳти дил миқдоре аз маҳри хешро ба мардон бахшанд, мардҳо метавонанд аз он истифода баранд: “Ва агар занон аз баъзеи маҳр барои Шумо ба хушдилӣ даргузаранд, пас онро созгору хушгувор бихуред!” [4:4]

Ҳамчунин, дар суннати тоисломии араб ҳангоми талоқ гардидани зан шавҳар маҳри додаашро баргардонида мегирифт. Вале Қуръон бозпас гирифтани маҳрро ҳангоми талоқ шудани зан бекор (наҳй) намуд. Қуръон мефармояд: “...Ва ба Шумо ҳалол нест, ки аз он чи ба занон додаед, чизеро бозгиред...” [2:229] Зеро мувофиқи суннати Пайғамбар маҳр ин молест, ки мард дар муқобили он аз он зан истифода бурда буд.[106] Ин масъала дар Қуръон акс ёфтааст: “Пас аз он ки аз занон ком гирифтед, муқаррар карда шудааст, ки маҳрашонро ба онҳо бидиҳед. [4:24]

Ҳифз гардидани суннатҳои тоисломии араб нисбати зан ва беҳуқуқии ӯро дар ислом муносибати ислом ба чӯрӣ (канизак) дақиқтар нишон медиҳад. Канизак (ғуломзан), ки чи бидуни ҷиҳод ба дасти мусулмон расида бошад ва чи дар ҷангҳо ғанимат гирифта шавад, моли хоси соҳибонашон ҳисоб мешаванд ва онҳо ҳатто агар исломро қабул кунанд ҳам, канизак боқӣ мемонанд. Аз рӯи Қуръон занҳои дар мартабаи канизак ва ё ғуломзан ба ғанимат гирифта шударо мардон (соҳибонашон) пурра ихтиёрдорӣ мекунанд, метавонанд онҳоро ҳамчун занашон истифода кунанд ва ҳеҷ маҳру масъулияте мард нисбати онҳо надорад. Пас метавон гуфт, ки дар масъалаи ҳуқуқи зан суннатҳои ҷомеаи ғуломдорӣ дар ислом боқӣ мондааст.

Муносибат ба зан дар фиқҳи исломӣ он қисматеро ташкил медиҳад, ки дар он аз ҳама бештар суннати тоисломии араб ҳифз шудаанд. Аз ин ҷост, ки канизакони мулкӣ ҳаққи никоҳ ҳам надоранд ва ҳар кадоме аз онҳоро мард хоҳад, ҳамхоба мегирад ва мисли занони

[106] Имом, Зайнуддин Аҳмад Зубайдӣ. Мухтасари Саҳеҳи Бухорӣ. –Душанбе, 2005.-С.489. Имом Зайнуддин Аҳмад Зубайди // Мухтасари Саҳеҳи Бухорӣ [Матн] / Зубайди И.З.А. – Душанбе.: ЭР-граф, 2011. -С.489.

никоҳӣ ҳаққи навбати ҳамхобагӣ низ надоранд [4:3]. Назари ислом дар масъалаи зан, назари аҳли салаф аст, ки ба нобаробарӣ ва беҳуқуқии зан бунёд ёфтааст. Бунёдгароёни исломӣ ҳар қадар назари исломро нисбати зан васфу ситоиш накунанд ҳам, аммо таълимоти исломро дар бораи нисфи ҳуқуқи мард ҳуқуқ доштани занро тағйир дода наметавонанд.

Таҷрибаи иҷтимоӣ-динии арабҳои тоисломӣ дар бахши ҳуқуқи зан, дар бахши мерос низ дар ташаккули таълимоти ислом доир ба ҳуқуқи зан ба мерос бетаъсир намондааст. Дар ҳаёти иҷтимоии арабҳои тоисломӣ, ба ҷуз ҳолатҳои истисноӣ, зан соҳиби моликият набуд ва аз шавҳар ҳуқуқи мерос гирифтан надошт. Зан худ мол, ашёи мард ба ҳисоб мерафт. Ӯ баъди марги шавҳараш бо ҷиҳозе, ки дар ихтиёр дошт, ба ихтиёри ворисi шавҳари фавтидааш аз рӯи насаби мард, мегузашт. Агар ворис ба зани аз падар меросмонда таваҷҷуҳ зоҳир намекард, метавонист ӯро ба ягон хеши худ - бародар ё бародарзодаи худ фурӯшад ва шавҳари нав моли аз шавҳари фавтидаи зан меросмондаро дар ихтиёри худ мегирифт. Агар зани шавҳармурда пирсол бошаду аз нав шавҳар карда натавонад, он гоҳ вай бо ҷиҳозаш ба ихтиёри авлоди шавҳараш мегузашт. Ҳамин гуна қоида нисбати духтарони ятим низ вуҷуд дошт.

Ҳарчанд Муҳаммад ин суннати пешинаи арабро ислоҳ кард ва ҳуқуқи занро то андозае барқарор намуда, тартиби гирифтани меросро ба танзим даровaрда, ба занҳо ҳуқуқи мерос гирифтан ва истифода кардани сарвати худи занҳо, аз ҷумла ҷиҳози онҳоро, барқарор карда, ба мардҳо фармонравоӣ кардан ба ҷиҳозу сарвати занҳоро манъ кард ва онҳоро уҳдадор намуд, ки занҳояшонро аз ҳисоби сарвати хеш таъмин намоянд, вале он беҳуқуқие, ки зан дар ҷомеаи замони ҷоҳилият дошт, ба ислом бетаъсир намонд. Аз суннати пешиниён, пеш аз ҳама, дар ислом нақши сарварию бартарии мард дар ҷомеа боқӣ монд, зеро мард аз амволи хеш барои зан харҷ мекунад. Аз ин рӯ, ӯ ба зан ҳуқуқи фармонравоӣ дорад ва зан бояд фармонбардори мард бошад, чуноне ки

дар гузашта буд. Агар зан аз фармонравоии мард саркашӣ кунад, мард бояд ӯро ҷазо диҳад. Дар ин маврид Қуръон мефармояд: “Мардон ба сабаби он ки Худо баъзе одамиёнро бар баъзе бартарӣ додааст; ва ба сабаби он ки аз амволашон харҷ кардаанд, бар занон корсози тасаллутёфта шудаанд. Пас занони накӯкор фармонбардоранд ва дар ғайбат (-и шавҳар) нигоҳдорандаи чизеанд, ки Худо онро нигоҳ доштааст. Ва он занонеро, ки аз саркашиашон тарс доред, панд диҳед ва пас, дар хобгоҳ онҳоро тарк кунед, пас онҳоро бизанед; ва агар ба Шумо фармонбардорӣ карданд, пас бар онҳо роҳ (-и ситам) маҷӯед! Ба дурустӣ, ки Худо Баландмартабаи Бузургқадр аст” [4:34]

Дар баробари ин дар Қуръон ҳуқуқи зан нисбат аз мард ду баробар кам карда шудааст, махсусан ҳангоми мерос гирифтан: “Худо Шуморо дар ҳаққи фарзандонатон ҳукм мекунад, ки (ҳиссаш) мард монанди ду ҳиссаи зан аст” [4:11], яъне ҳангоми тақсими мерос ҳиссаи мард ду баробар зиёд аз ҳиссаи зан мебошад.

Ҳамин тариқ, ҳарчанд дар ислом мақоми зан нисбат ба замони ҷоҳилияти араб баландтар гардид ва зан баъзе ҳуқуқҳоро соҳиб шуд, вале дар кулл мақоми паст доштани зан дар ҳаёти иҷтимоии тоисломии араб ба ташаккули ҳуқуқи зан дар ислом бетаъсир намонд. Он одатҳои арабӣ, ки муносибати мардро нисбат ба зан муқаррар мекарданд, дар ислом боқӣ монда, асоси шариати исломро ташкил доданд, ҳуқуқи занро дар низоми муносибатҳои никоҳу оиладорӣ ва дар ҳаёти ҷамъиятӣ муайян карда, минбаъд дар ислом қудсият касб намуданд, ки дар натиҷа мақоми зан дар ҳаёти ҷамъиятии халқҳои ботамаддуни мусулмоншуда, ки дар онҳо қабл аз ислом зан бо мард ҳуқуқи баробар дошт, ба мисли тоҷикон, коста гардид. Ҳатто, дар замони Сомониён, ки фарҳанги таҳаммулпазирӣ то андозаеривоҷ ёфта, баъзе арзишҳои миллӣ эҳё шуда буданд, ба чунин андешаи иртиҷоии Ҳаким Тирмизӣ доир ба зан дучор меоем: “Силоҳи кӯдак дар рафтан бар мактаб (китоб), ҷавон дар касби

илм, пирамард дар пойбанд ба масҷид ва зан дар хонанишинӣ аст."[107] Муҳаммад Ғаззолӣ бошад, бо такя ба таълимоти ислом эътибору мақоми занро дар ҷомеа то ба сатҳи ҳайвонҳои бадтарин фаровард. Чунончӣ ӯ мегӯяд: "Бидон, ки ҷумлагӣ хӯи занон бар даҳ гуна аст ва ҳар як ба сифати чизе аз ҳайвонот монанда аст: "Яке чун хук, дувум чун каппӣ (маймун), се чун саг, чаҳорум чун мор, панҷум чун астар (хачир - Н.Қ), шашум чун каждум, ҳафтум чун муш, ҳаштум чун кабӯтар, нӯҳум чун рӯбоҳ, даҳум чун гӯсфанд."[108] Имрӯз хушунат нисбати зан дар ҷомеаи тоҷик маҳз аз ҳамин одатҳои арабии замони ҷоҳилият, ки дар ислом аз номи Худованд ҳукми қонунро гирифтанд, сарчашма мегирад. Аммо муҳаққиқони мо аз ошкоро баён кардани ин падидаи номатлуби арабӣ-исломӣ меҳаросанд.

Дар суннати арабҳои замони ҷоҳилия дар баробари бисёршавҳарӣ бисёрзанӣ (бисёрҳамсарӣ) низ ҷой дошт. Як мард метавонист 10 ва аз он ҳам бештар зан дошта бошад. Паёмбари ислом ин ҳолатро то андозае ислоҳ карда бошад ҳам, вале бисёрзанӣ дар Қуръону суннат ҳамчун қонуни илоҳӣ ҳифз карда шуд. Масалан, Ғайлон ибни Саламаи Сақафӣ вақте ки дини исломро қабул кард, даҳ зан дошт. Паёмбар ба ӯ фармуд, ки "чаҳор нафари онҳоро баргузин (ва боқимондаро талоқ кун)".[109] Умайраи Асадӣ низ гуфтааст, ки вақте ислом овардам, ҳашт зан доштам. Инро ба пайғамбар (с) гуфтам, фармуд, "чаҳор нафари онҳоро баргузин (ва боқимондаро талоқ кун!)".[110] Ин амри пайғамбар ба Қуръон низ ворид гардид: "...аз занони дигар он чи Шуморо хушояд, ду-ду ва се-се ва чаҳор-чаҳор никоҳ кунед..." [4:3], вале аз рӯи қудрату тавоноӣ.

Ҳамин тариқ, ислом, ки ҳамчун идеологияи миллии араб дар раванди таъсиси давлати ягонаи этникӣ-миллӣ арзи ҳастӣ кардааст, фарҳанги эътиқодии он дар заминаи хушку холӣ ба вуҷуд наомада,

---

[107] Муҳаммадризо, Ноҷӣ. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламравӣ Сомониён [Матн] / Ноҷӣ М.- Душанбе.: ЭР-граф, 2011. - С.791-792.
[108] Муҳаммад, Ғаззолӣ. Насиҳат-ул-мулук [Матн] / Ғаззолӣ М.- Душанбе.: Ирфон, 2011. -С.165-166.
[109] Сунани Тирмизӣ. 28. 1953.
[110] Сунани Абӯдовуд, 2241. 1952.

балки дар муҳити иҷтимоӣ-фарҳангӣ, иқтисодӣ ва сиёсии араб ва аз тариқи бозгашт ба суннатҳои гузашта (салаф)-и замони ҷоҳилияи араб ва самаранок истифода кардани онҳо ҳамчун падидаи иҷтимоӣ қомат афрохтааст, ки робитаи ду давраи таърихи араб - қаблазисломӣ ва исломии вайро барқарор менамояд. Аз ин ҷо, чунин бармеояд, ки анъанаи истифодаи "урф" ҳамчун сарчашмаи исломӣ ҳанӯз аз ҷониби худи пайғамбари ислом дар коркарди таълимоти ислом асоснок карда шудааст. Бинобар он, аз ҷониби ҳаракати салафияи ифротӣ "бидъат" ҳисобидани истифодаи "урф" дар таълимоти каломӣ-фиқҳии Имоми Аъзам Абуҳанифа на танҳо асоси илмӣ надорад, ҳамчунин инкори суннати пайғамбар ба шумор меравад, ки аз нигоҳи ислом, пеш аз ҳама, худи салафиёнро, метавон бо ин далелҳо ба куфр муттаҳам кард.

### 1.3. Мубориза барои тарғиб ва ҳифзи "ислом пок"

Яке аз нуктаҳои асосии таълимоти салафияи ифротии муосир, ки даъвои "бемазҳабӣ"-ро дорад, ин аст, ки он гӯё барои тоза кардани ислом аз "олудагиҳо" ва барқарор кардани "исломи ноб", "исломи бемазҳаб"-и замони се насли мусулмонони давраи ибтидоии густариши ислом талош мекунад. Ба ақидаи салафиёни муосир гӯё исломи давраи саҳоба, тобеин ва табаатобеин, ки бевосита аз паёмбари ислом Муҳаммад мерос мондааст, чи дар сатҳи ақида ва чи дар сатҳи амалия "исломи поку ноолуда" буда, дар он ҳеҷ гуна равияю фирқа ва мазҳабҳо ҷой надоштааст. Вале наслҳои мусулмонони баъдина ба исломи суннатӣ навовариҳо, яъне "бидъатҳо" ворид намуда, исломро "олуда" сохтаанд, ки дар натиҷа дар ақоид ва амалияи ислом ихтилофҳо зуҳур гардида, сабаби пайдоиши равияю фирқаҳо, мазҳабҳо ва мактабҳои фикрии мухталиф гаштаанд, ки гӯё ба Қуръону суннат ихтилоф дошта, ба парокандагии мусулмонон мусоидат кардаанд. Имрӯз онҳо мехоҳанд, вазъиятро дар ислом ислоҳ намуда, барои пешравии ислом ва

мусулмонон роҳро ҳамвор созанд. Бинобар он, салафиён хешро аз пайравони асили аҳли суннату ҷамоат ҳисобида, ақоиду амалияи худро ба тамоми навъҳои афкори исломӣ, умуман фарҳангу тамаддуни мусулмонӣ муқобил мегузоранд ва ҳамаи онҳое, ки афкори онҳоро қабул надоранд, аз аҳли "бидъату куфр" меҳисобанд ва ҷиҳодро бо онҳо ҷоиз медонанд.

Аммо бояд гуфт, ки ақидаи салафия дар бораи олудашавии ислом бо "бидъатҳо" ба воқеияти ислом ва таърихи он на танҳо иртиботе надорад, ҳамчунин як даъвои бепоя буда, баръакс як давраи нави бидъатсозии ислом аст, ки оммаи мусулмонони аз таърихи ислом ноогоҳро ба гумроҳӣ бурда, низоъҳои мазҳабии навро дар ҷаҳони ислом ба манфиати қудратҳои ҷаҳонию минтақавӣ роҳандозӣ менамояд.

Агар сухан дар бораи бидъатҳо дар ислом ва мубориза барои тозасозии ислом аз ин бидъатҳо равад, бояд таъкид намуд, ки чунин мубориза ба муқобили бидъатҳо дар ислом ҳанӯз дар ибтидои таърихи ислом зуҳур гардида, асосан, аз ҷониби уламои аҳли суннату ҷамоат сурат мегирифт. Уламои аҳли суннат ҳар ақидае, ки ба биниши суннатгароён доир ба аҳкоми исломӣ созгор набуд, амали "бидъат" хонда, бо он мубориза мебурданд. Аз ин лиҳоз, дар сароғози ислом аҳли суннат ва салаф моҳиятан як чиз будаанд ва баъдан дар пояи суннатгароӣ салафияи ифротӣ қомат афрохт. Метавон дар ин маврид далелҳои зиёде аз таърихи ислом овард. Маврид ба ёдоварист, ки худи пайдоиши таълимотҳои фиқҳӣ дар ислом, ки баъдан ба унвони мазҳаб маъмул шуданд, як усулиислоҳи бидъатҳо, боз доштани мусулмонон аз парокандашавӣ ва пешгирӣ намудан аз низоъҳои мазҳабӣ буд.

Намунаи барҷастаи он мазҳаби ҳанафӣ мебошад, ки ҳадафи аслияш аз нигоҳи ақлгароӣ ба мусулмонон дуруст ошкор сохтани моҳияти Қуръону суннат ва пешгирӣ намудан аз он буҳрони маънавию сиёсие буд, ки дар натиҷаи зуҳури равияю фирқаҳо дар батни ислом ба

вуҷуд омада, амну суботро дар хилофати Аббосиён мураккаб сохта буданд. Он навоварии ақлоние, ки Имоми Аъзам Абуҳанифа ба ислом ворид намуд ва он аз назари салафиёни муосир гӯё "бидъат" дар ислом мебошад, аслан аз шарҳу баёни дурусту мантиқии Қуръону суннат аз ҷониби Имоми Аъзам бармеояд, ки салафиёни ифротӣ барқасд онро дарк кардан намехоҳанд ё наметавонанд дарк кунанд. Ба ҷуз аз Қуръону суннат дар коркарди таълимоти каломӣ-фиқҳӣ истифода шудани сарчашмаҳои дигар - иҷтиҳод, қиёс, урф ва ғайра дар партави таълимоти Қуръону суннат аз ҷониби Имоми Аъзам ва баъзеи ин сарчашмаҳо (иҷтиҳод ва қиёс) аз ҷониби имомон Молик ибни Анас ва Имом Шофеъӣ низ ба хотири ҳифзу густариши ислом дар байни халқҳои ғайриараб буд. Махсусан, шарҳи инсонгароёнаи ислом аз ҷониби Имоми Аъзам Абуҳанифа дар густариши ислом дар байни халқҳои дигар, бахусус халқҳои туркзабон ва хусусияти таҳаммулпазириву ақлгароӣ касб намудани ислом нақши бориз бозид. Дар ин самт ба вижа биниши ҳанафии фаҳмиши "куфр"-у "ҷиҳод" дар асоси аҳодиси набавӣ барои фош сохтани ақидаи бидъатии кофир хондани як мусулмон аз ҷониби мусулмони дигар аҳмияти хос дорад.

Дар кори мубориза ба муқобили бидъатҳо дар ислом аз мавқеи исломи суннатӣ нақши муҳаддис, муфассир, фақеҳ ва мутакаллимони маъмули ҷаҳони исломи асримиёнагӣ низ хеле назаррас аст. Мо ин ҷо барои исботи масъала аз баъзеи ин донишмандони исломие, ки аз мавқеи аҳли суннату ҷамоат ба муқобили бисёр фирқаву мактабҳои ба ном "бидъаткор" мубориза кардаанд, ёдовар мешавем. Ҳанӯз Муҳаммад Шаҳристонӣ дар асараш "ал-Милалу ва-н-ниҳал" баён карда буд, ки "салаф аз асбоби ҳадис вақте мушоҳида карданд, ки чӣ гуна муътазила дар масоили каломӣ фурӯ рафта, бо дахолати ақл дар масоили эътиқодӣ бо суннате, ки аз салаф расида мухолифат мекунанд, ... Аҳмад ибни Ҳанбал ва Довуд ибни Алии Исфаҳонӣ ва ҷамоате аз аиммаи салаф бар он шуданд, ки дар масоили эътиқодӣ ба равиши пешини асҳоби ҳадис

амал кунанд. Онон гуфтанд: мо бо он чи ки дар Қуръон ва суннат ворид шуда, имон меоварем, бидуни он ки муътаризи таъвил шавем."[111]

Ин равиш дар осори аксари уламои аҳли суннат ба мушоҳида мерасад. Имом Абунаср Муҳаммад Баздавӣ аз ҷумлаи яке аз ҳамин гуна мутакаллимони ислом мебошад, ки дар садаи X зиндагӣ карда, рисолаи "Усули дин"-ро дар ҳифзи суннат аз бидъатҳо иншо кардааст. Дар ин маврид Баздавӣ худ дар муқаддимаи "Усули дин" навиштааст: "Ман дар китобҳое нигаристам, ки пешгузаштагон (салаф - Н. Қ.) дар илми тавҳид таълиф кардаанд, дидам, ки баъзеи он аз файласуфон аст, аз қабили Исҳоқ ал-Киндӣ, Исфизорӣ ва амсоли ин ду ва ҳамаи ин берун аз роҳи рост ва дур аз дини қавим буда, назар афкандан дар он китобҳо ҷоиз нест, зеро ба сӯи ҳалокатгоҳҳо мебаранд. Онҳоро на ба даст гирифтан ҷоиз аст ва на назар кардан, чунки ин китобҳо ҳарчанд ба пеши тавҳид вазъ шудаанд, вале пур аз ширканд. Бинобар ин, пешиниён (салаф - Н. Қ.)-и аҳли суннат ва ҷамоат ҳеҷ кадом аз китобҳои эшонро ба даст намегирифтанд."[112] Ба ақидаи Баздавӣ, ба ҷуз файласуфон, фирқаҳое ба мисли мурҷиа, муҷаббирия, хавориҷ, карромия, муътазила, шиъа, қарматия, исмоилия ва ғайраҳо аз қабили бидъаткорону худхоҳоне буданд, ки нерӯи хатарноке барои аҳли суннат мебошанд. "Чунки дар қарни даҳуми мелодӣ ҳаракате сар зада буд, ки онро ҷамоаҳои хурде аз муборизони сиёсӣ дар Мадина ва Куфа барпо намуда буданд ва доираи фаъолияти он аз ҳисоби сунниҳо вусъат ёфта, дар иқлимҳои шарқӣ (сунниҳоро) ба танг меоварданд". [9:55]

Донишманди дигари ислом, ки дар баёни ақоиди аҳли суннат ва ҷамоат бо супориши амир Исмоил ибни Аҳмади Сомонӣ (солҳои 892-907) рисолаи "Ас-Саводу-л-аъзам"-ро навиштааст, Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ мебошад, ки низ сабабу мақсади навиштани рисолаи худро дар дур доштани аҳли суннат аз бидъатҳо нишон додааст. Чунончӣ ӯ

---

[111] Муллоҷонов, С. Китоби муҳим дар шинохти салафия // Маҷмуа мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Ифротгароии салафӣ: масъалаҳои давлатдории дунявӣ ва ҳифзи ҳувияти миллӣ» (ш. Душанбе, 27 майи соли 2-15). -С.142.
[112] Имом, Абулюср Муҳаммад Баздавӣ. Усули дин [Матн] / Баздавӣ И.А.М // Тарҷума ва таҳияву тавзеҳоти Саиднуриддин Шаҳобуддинов. – Душанбе.: Андалеб Р, 2015. -С. 46

мегӯяд: “Пас эй мӯъмин, аз Худои Таъоло битарс ва дини худро нигоҳ дор аз он ҷиҳат, ки ҳаво дар миёни халқ бисёр шудааст ва амонатҳо бархеста ва ҳар кас бар ҳавоҳои хеш машғул гашта.

Пас, бояд, ки нишасту хости хешро ба аҳли ҳақ дорӣ ва худро аз аҳли бидъат дур дорӣ ва тариқи аҳли суннат ва ҷамоат нигоҳ дорӣ, агар хоҳӣ, ки бираҳӣ. Ва бидон, ки дини пок он бошад, ки нигоҳ кунӣ, ки Худои Таъоло чӣ фармудааст ва Расул, салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, чӣ фармудааст; ва хулафои рошидин чун Абӯбакру Умар ва Усмону Алӣ, разия-л-Лоҳу анҳум, ба чӣ сурат будаанд; ва тобеину табаа тобеин ба чӣ сурат будаанд ва халқро ба чӣ фармудаанд. Ту ҳамон тариқи эшон нигоҳ дорӣ ва аз он дарнагузарӣ ва аз ҳавоҳову бидъатҳо дур бошӣ ва аҳли худро аз аҳли бидъат бозшиносӣ”.[113]

Чуноне ки мебинем, донишманди суннимазҳаб Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ вазифаи рисолаи хешро дар ҳифзи мазҳаби аҳли суннат аз бидъатҳо дониста, аҳли суннату ҷамоатро водор месозад, ки дар масоили ақида аз Худову пайғамбар, аз саҳобаву тобеин ва табаатобеин пайравӣ намуда, аз ин доира берун нараванд.

Ҳамин тариқ, мубориза ба муқобили бидъатҳо дар ислом, ки салафиёни муосир онро ҳамчун вазифаи хоси хеш медонанд ва мардуми авомро дар фаҳми ин масъала то ба сатҳи ифрот ба иштибоҳу гумроҳӣ мебаранд, ягон падидаи нав нест. Ҳанӯз имомҳое аз аҳли суннату ҷамоат дар асрҳои миёна ба ислоҳи бидъатҳо даст зада буданд. Пас он чизе, ки салафиён бидъат меноманд, ҳамон анъанаи уламои аҳли суннату ҷамоат будааст, ки ҳанӯз аз оғози густариши ислом дар Шарқи исломӣ ва аз замони зуҳури фирқаву мактабҳои мухталифи каломӣ арзи ҳастӣ кардааст. Вале бояд гуфт, ки усули муборизаи имомони аҳли суннату ҷамоат ва усули муборизаи салафияи ифротии муосир бо бидъатҳо ба ҳамдигар ихтилоф доранд. Имомони аҳли суннату ҷамоат, ба хусус

[113] Абулқосим, Ҳакими Самарқандӣ. ас-Саводу-л-аъзам [Матн] Самарқандӣ А.Ҳ // Бо таҳрир, тасҳеҳ ва таҳқиқи умумии Ф. Баротзода, С. Шаҳобуддинов, Р. Азизӣ, М. Наҷотзода.-Душанбе.: Андалеб Р, 2016, -С.19-20.

имомони мазҳаби ҳанафия, дар мубориза бо бидъатҳо аз усули ақлгароӣ истифода менамуданд, то ки ба ҳифзу густариши ислом мусоидат намоянд. Салафияи муосир бошад, хусусияти ирратсионалӣ дорад, яъне он бо ақлгароӣ мубориза карда, дар зери парчами мубориза бо бидъат мекӯшад, ақлгароиро бо роҳи бадном сохтани мазҳабу фирқаҳои ақлгаро аз ислом хориҷ намояд, то ки зеҳнияти мусулмононро аз эҷодкорӣ боз дошта, ҷомеаи мусулмониро дар ҳолати бозмондагӣ нигоҳ дорад. Албатта, ин орзуи деринаи ҳамон қудратҳои ҷаҳонӣ аст, ки мехоҳанд нуфузи хешро дар ҷомеаи мусулмонӣ ҳифз намоянд.

Доираи масоили ақидавие, ки уламои аҳли суннату ҷамоат ба мисли Имом Ғаззолӣ ва дигарон дар атрофи онҳо бо намояндагони фирқаву мактабҳои каломии мухталиф баҳсҳои доманадор кардаанд, зиёданд ва баъзе аз ин масъалаҳоро мо дар поён мавриди таҳқиқ қарор медиҳем. Вале пеш аз он ки ба тавсифи ин масъалаҳо гузарем, зарур медонем, ки баъзе сабабҳои асосии ворид шудани "навовариҳо" (бо забони салафиён "бидъатсозӣ")-и исломро, ки таҳқиқу эътирофи он аз доираи назари чи аҳли суннату ҷамоат ва чи салафиёни ифротии муосир берун мондааст, ба таври мухтасар баён созем.

Дар мавриди зуҳури фирқаву мазҳаб ва олудашавии ислом аз бидъатҳо дар таърихи ислом муҳаққиқону муаррихони зиёд андеша ронданд, ки дар миёни онҳо Фахриддини Розӣ, Масъудӣ, Муҳаммади Шаҳристонӣ, Абдулқоҳири Бағдодӣ, Мӯсои Навбахтӣ, Абдулҳасани Ашъарӣ, Ибни Ҷавзӣ, Муҳаммади Баздавӣ, Муҳаммади Ғаззолӣ, Ибни Халдун ва дигарон маълуманд. Муҳаққиқон М. Ҳазратӣ ва И. Саидиён дар бораи қисме аз ин ашхос, ки чанде аз сабабҳои ба фирқаву мазҳабҳо тақсимшавии мусулмононро баён кардаанд, баррасӣ намуда, дар ниҳоят сабаби асосии пайдоиши ҷараёну фирқаҳоро дар ислом "инкишофи муносибатҳои синфӣ дар қаламрави хилофат медонанд".[114]

---

[114] Ҳазратӣ, М, Саидиён, И. Ислом: равия, мазҳаб ва фирқаҳои он (маълумотнома) [Матн] / М. Ҳазратӣ, И.Саидиён.- Душанбе.: Ориёно, 1992. –С. 141.

Андешаи муҳаққиқону муаррихонро дар ин хусус бидуни такрор намудан идома дода, бояд таъкид намуд, ки ба равияю фирқаҳо ва аз паи он, агар ба гуфти уламои суннимазҳаб ва салафиёни муосир гӯем, воридшавии бидъатҳо ба ислом ва олудашавии он, аз назари мо, се сабаби асосӣ дорад. Аввал ин ки, ислом, бахусус исломи ибтидоӣ, ҳамон исломе, ки дар аҳди паёмбару саҳобагон ва хулафои рошидин зуҳур ва ташаккул ёфтааст, худ табиатан исломи сиёсӣ буд. Зеро рисолати таърихии ислом ҳамчун идея (идеология)-и миллии араб аз ибтидо ин буд, ки он раванди вайроншавии сохтори иҷтимоии парокандаи авлодӣ-қабилавии араб ва иттиҳоди нави онҳоро дар асоси идеяи яктопарастӣ дар шакли умумияти динӣ (умма) инъикос кард, ки хусусияти сиёсӣ-динӣ дошт.

Умма нахустмодели давлати миллии аъроб буда, онро бе умумияти динӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Аз ҷумла, дар ин хусус И.Т. Степанянтс мегӯяд: “Идеяи давлатдорӣ аз ибтидо дар ислом ҳамчун умумияти динӣ ба миён гузошта шуда буд”.[115] Ҷамоаи уммаро, ки дар он ҳокимияти динию дунявӣ дар дасти паёмбари ислом ҷамъ омада буд, метавон яке аз шаклҳои теократия (давлати динӣ-исломӣ) номид, ки аз ягонагии дину давлат (сиёсат) дар ислом шаҳодат медиҳад. Ҳарчанд Муҳаммадро мусулмонон ҳамчун расули Худо ва мубаллиғи дини нав мешиносанд, вале дар асл ӯ сиёсатмадоре буд, ки ҳадафаш бунёди давлату хилофати араб бо мақсади наҷот бахшидани вай аз зиндагии сахти биёбонӣ буд, ки дар зери парчами ислом сурат гирифт. Бо ҳамин мақсад ӯ дар асоси умумияти эътиқодӣ ҷамоаи мусулмонон - уммаро таъсис дод, ки дар ин замина давлат ва минбаъд хилофати араб ташаккул ёфт. Идеяи ҷудоинопазирии дин ва давлат (сиёсат) дар тавзеҳи ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия дар давлат ифода меёбад, ки мувофиқи он ҳокими мутлақ Худо ва ҷонишини Ӯ дар замин халиф аст, ки иродаи

---

[115] Степанянц, М. Т Мусульманские концепции в философии и политике XIX-XX вв [Текст] / М.Т. Степанянц. - М.: Наука, 1982.- С.116.

Ӯро дар замин пиёда месозад. Дар натиҷаи хусусияти қудсӣ касб кардани ҳокимияти халиф сунниҳо ӯро, ки дар ибтидо ҷонишини паёмбар буд, минбаъд ҷонишини Худо, "сояи Аллоҳ дар рӯи замин номидаанд". Баъдан ин рутбаро ҳар шоҳу амир ва султон ба худ мансуб медонист. Ҳамаи ин ҳолатҳо оқибат дар ислом дину давлатро бо ҳам сахт пайвастанд ва ислом боз ҳам бештар хусусияти сиёсӣ касб намуд ва ин хусусияти ислом дар тамоми давраҳои таърихи ислом дар шаклҳои гуногун аз худ дарак медиҳад.

Ҳамин тавр, баъди реҳлати пайғабар низ муборизаи сиёсӣ дар атрофи масъалаи имомат ва хилофат, яъне дар масъалаи кӣ дар умма бояд ҷойнишини пайғамбар шавад, бошиддат авҷ гирифт ва оқибат мусулмононро дар ибтидо ба ду гурӯҳи сиёсӣ, яъне ҷонибдорони Абубакру Умару Усмон ва ҷонибдорони Алӣ (амакбача ва домоди пайғамбар) ва баъди ҷанги Сиффин, дар натиҷаи  сулҳи Алӣ ибни Абутолиб бо Муовия ва аз лашкари Алӣ хориҷ шудани дувоздаҳ ҳазор лашкар мусулмонон ба се гурӯҳи сиёсӣ тақсим шуданд ва дигар ҳеҷ гуна оштию муросо байни ин гурӯҳҳои сиёсӣ ба вуҷуд наомад.

Дар ин муборизаҳои сиёсӣ барои ҳокимият халифаҳо Умар, Усмон ва Алӣ кушта шуданд. Баъд аз ин эҳсоси қассос дар байни гурӯҳҳои сиёсӣ афзоиш ёфт ва ҳар кадом гурӯҳ кӯшиш ба харҷ медод, ки ҳақ будани мавқеи сиёсии худро бо такя ба Қуръону суннат ва далелҳои дигар аз нигоҳи ақидавӣ асоснок намояд, ки дар натиҷа дар ҳамин замина равияҳои хавориҷ, суннӣ ва шиа пайдо шуданд. То соли 684 пайравони ин равияҳоро асосан худи арабҳои мусулмоншуда ташкил медоданд ва баъди он боз бо сабабҳои дигари сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба ин равияҳо халқҳои мусулмоншуда, яъне мисриён, эрониён, сурёниҳо ва ғайра шомил шуданд. Бинбар он, даъвои салафияи муосир дар хусуси он, ки гӯё дар замони саҳоба ва хулафои рошид фирқаву мазҳабҳо набуданд ва танҳо "исломи ноби бемазҳаб" вуҷуд дошт, чандон

ба ҳақиқати таърихӣ созгор нест. Воқеан, равияю фирқаҳо дар шакли муосирашон он замон ҳанӯз ташаккул наёфта буданд, вале зуҳури гурӯҳҳои сиёсӣ дар ислом ва минбаъд бо сабаби ба ин зиддиятҳои сиёсӣ зам шудани ихтилофҳои ақидавӣ мусулмонон ба се равия тақсим шуданд. Ҳамин тариқ, яке аз сабабҳои асосии олудашавии ислом бо “бидъатҳо” ҳамин муборизаҳои сиёсии худи арабҳои мусулмоншуда барои ҳокимият мебошад, на айби имомону уламои дигар. Баръакс, ҳамин имомони дигар, ба мисли Имоми Аъзам буданд, ки хилофати арабро аз бухрони сиёсӣ-динӣ наҷот доданд, чуноне ки муборизаи сиёсӣ барои ҳокимият ва дар хизмати қудратҳои ҷаҳонию минтақавӣ қарор гирифтани як гурӯҳ мусулмонон мазҳаби салафияи ифротиро имрӯз дар ҷаҳони ислом ба бор овардааст, ки як давраи нави олудасозии ислом ба бидъатҳост, ки дар бобҳои оянда дар ин хусус сухан хоҳад рафт.

Дигар ин ки, зуҳур ёфтани бидъатҳо дар ислом ин натиҷаи шиддат ёфтани фишори иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсии араб бар муқобили халқҳои истилошуда ва мусулмонгардида буд. Ин фишорҳо ҳанӯз аз давраи хулафои рошид, ки ҳама аз ёрони наздики пайғамбари ислом буданд, оғоз ёфта аст. Мусаллам аст, ки пайдоиш ва татбиқи дини ислом дар Ҷазиратулараб, ки як олами ширк ва аз нигоҳи иқтисодию иҷтимоӣ низ дар садаи VII мелодӣ яке аз қафомондатарин гӯшаи олам буд, аҳамияти калон дошт. Ислом арабро натанҳо аз лиҳози фарҳангӣ-идеологӣ ва сиёсӣ муттаҳид сохт, ҳамзамон ӯро аз зиндагии сахти иқтисодию иҷтимоӣ раҳо намуд.

Ислом арабро аз тохтутозҳои дохилиқабилавӣ, ки қабл аз ислом дар байни арабҳои бадавӣ ҷой дошт ва як роҳи ҳалли мушкилоти иқтисодӣ-иҷтимоии қабоили араб буд, раҳо намуда, тохтутози байниқабилавиро ба тохтутози этникӣ-миллӣ бо халқҳои ғайриараб табдил дод. Араб дар рафти истилои кишварҳои дигар на танҳо сарвати халқҳои истилошударо мувофиқи анъанаи арабӣ-исломӣ мусодира ва

ғанимат мегирифт, ҳамзамон ҷавонону мардон, духтарону занҳои ҷавонро асир гирифта, ғулому каниз гардонид ва ба мардуми асиршуда тибқи дастури Қуръону суннат андози махсус - ҷизя (андози сарикасӣ) таъин намуд. Зиёда аз ин, араб дар рафти истилои Эрону Хуросону Мовароуннаҳр ва дигар кишварҳои Шарқ мувофиқи дастури халифа Умар ибни Хаттоб, ки мегуфт "мо Қуръон дорем, ба ҳеҷ гуна китоби дигар ниёз надорем", ба одобу анъана ва дину фарҳанги ин халқҳо аз нигоҳи дину фарҳанги араби замони ҷоҳилияи хеш муносибат карда, ҳамаи ёдгориҳои таърихӣ, осори санъат, илму адабро саросар нобуд сохта, китобҳои эрониро ё ба об афканд, ё оташ зад.[116] Ин фишорҳо махсусан дар замони хилофати Уммавиён хеле авҷ гирифт. Халифаҳои Уммавӣ ба гуфти Э. Браун мардумони эрониро аз тамоми ҳуқуқ ва шуъуни маданию иҷтимоӣ маҳрум намуданд ва ҷабру истибдодро бар онон раво доштанд.[117]

Ин зулму истибдод дар замони хилофати Аббосиён, ки ба туфайли муборизаҳои озодихоҳонаи мардумони эрониасл, бахусус тоҷикон ба сари қудрат омада буданд, ҳуқуқи мардумони мусулмоншуда (маволӣ)-ро бо араб баробар накард. Дар натиҷа муборизаҳои озодихоҳии мардумони мазлум барои ҳуқуқу озодиҳои худ, истиқлоли давлатию миллӣ, эҳёи арзишҳои миллии хеш беш аз пеш ривоҷ ёфт. Аммо, азбаски ин мардумон ба хотири ҳуқуқи баробар касб кардан бо араб мусулмон шуда буданд, минбаъд ба муқобили истибдоди араб дар зери парчами ислом баромад карданд. Як қисми эронитаборон барои ба даст овардани ҳуқуқҳои худ ба равияи шиа, ки худи араб асос гузошта буд, шомил шуда, аз тариқи он бо ҳокимони араб, бо хилофат мубориза мекарданд. "Аз замони Уммавиён наҳзатҳои фаровоне дар Эрон бар зидди ситамгариҳо ва фишорҳои ҳукмронон ва ба манзури раҳоӣ ва озодӣ ва иҷрои адолат сурат гирифт. Қисме аз ин наҳзатҳо, даъватеро фарогир

[116] Муртазо, Мутаҳҳарӣ. Хадамоти мутақобилаи Ислом ва Ирон [Матн] / Мутаххарӣ М.–Душанбе, 1999. -С. 14-43
[117] Браун, Э. Таърихи адабиёт [Матн] / Э. Браун. –Теҳрон: Китобхонаи адабӣ. 1308. -С-158.

буд, ки бо номи “фарде баргузида аз дудмони паёмбар оғоз”[118] шуда, ормонҳои иҷтимоии ононро ифода мекард. Дар ин замина баъдан фирқаҳои фотимия, қарматия, исмоилия ва ғайра зуҳур карданд, ки барои мубориза кардан бо араб ба идеологияи расмии он – мазҳаби суннӣ эътироз намуданд. Ҳамин тариқ, дар ислом дар партави муборизаҳои озодихоҳона навовариҳо ба ислом ворид мешуд, ки гӯё аз назари аҳли суннату ҷамоат “бидъат” буданд ва уламои ин мазҳаб ба ҳама гуна навоварӣ, озодандешӣ ва бисёрақидатӣ, ки натиҷаи муборизаҳои озодихоҳонаи халқҳои мазлум бар муқобили истеъмори ҳукуматдорони хилофат буданд, мухолиф буданд. Салафияи ифротии муосир низ имрӯз барои пиёда сохтани ҳадафҳои хеш, ки созгор ба манофеи қудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ аст, аз ин таҷриба ба таври васеъ, вале дар шакли хеле ифротитар истифода мебарад.

Ниҳоят, сабаби дигари пайдо шудани бидъатҳо дар ислом ин зуҳури баҳсҳои каломӣ дар атрофи баъзе масоили ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ ва шахсии инсон дар байни мутакаллимон мебошад, ки дар Қуръону суннат ё ҳалли мушаххаси худро наёфтаанд ё нисбат ба ин масъалаҳо фаҳмишҳои мухталиф дар ислом роҳ ёфтаанд. Ба таври дигар гӯем, дар Қуръону суннат ҷой доштани таноқузҳо нисбати баъзе масоил, ки хоҳ-нохоҳ доираи баҳсҳои каломиро ба миён меовард, зеро чуноне ки муҳаққиқи арабшинос ва исломшинос Гюстав Лебон мегӯяд, “ҳарчанд ваҳй аз Худованд ба Муҳаммад нозил шудааст, вале ин китоби муқаддас ниҳоят берабт ва номураттаб буда, усули баёни он баъзан ҷолиб бошад ҳам, аммо дар он низом (тартиб) ва мантиқ пайваста риоя нашудааст”.[119] Ин андешаи Г. Лебонро ақидаи донишманди араб Ибни Халдун низ тақвият медиҳад. Ибни Халдун қоил аст, ки “бештар ангезаҳои ин ихтилоф оёти муташобеҳ аст, яъне оятҳое, ки ин ихтилофҳо сабаби баҳсу мунозираҳо ва далеловарӣ шудааст, ки ҷанбаи ақлии онҳо беш аз нақл

[118] Adam, Mess. Die Repaissatice dea Islam/ pp,- 755-759
[119] Гюстав, Лебон. История арабской цивилизации [Матн] / Лебон Г.- Минск, 2009. -С.109.

аст ва дар натиҷа илми калом вазъ шудааст.[120] Барои равшанӣ андохтан ба ин масъала зарур аст, ки баъзе аз баҳсҳои каломиро доир ба чанде аз масоил, ки сабаби ба фирқаҳо тақсимшавии мусулмонон ва пайдоиши "бидъатҳо" дар ислом шудаанд, мавриди таҳқиқ қарор диҳем. Ба андешаи уламои аҳли суннат мазҳаби аҳли суннат ва ҷамоат мазҳаби пайғамбари Худо, саҳобаҳо, тобеину табаатобеин, асҳоби ҳадис, имомони накӯкор ва ҳамчунин мазҳаби фақеҳону қориён ва сӯфиҳо буда, он суннати пайғамбар аст. Ба ақидаи мазоҳиби аҳли суннат ва ҷамоат, ки аз ҳанафия, шофеия, моликия ва ҳанбалия иборатанд, ҳар кадом андешае, ки ба таълимоти ин чор мазҳаб ихтилоф дорад, "бидъат" аст, зеро дар Қуръон омадааст: "Ва ҳарчи пайғамбар ба шумо бидиҳад, онро бигиред ва аз ҳарчи Шуморо манъ кунад, бозистед ва аз Худо битарсед! Ҳамоно Худо Сахтуқубат аст" [59:7]. Ба гуфти донишманди араб Ибни Халдун калом "донишест мунтазаммин (дарбаргиранда - Н.Қ.)-и исботи ақоиди имонӣ ба василаи адилла (далелҳо - Н.Қ.)-и ақлӣ ва ба бидъатгузороне, ки аз эътиқодоти мазҳаби салаф ва аҳли суннат мунҳариф (аз роҳи рост берунрафта - Н.Қ.) шудаанд. Ва рамзи ин ақидаи имонӣ тавҳид аст".[121] Ҳамин гуна масоили мавриди баҳс масъалаҳои тавҳид ва сифатҳои Худо, қадиму махлуқ будани каломи Худо, иродаю ихтиёри инсон ва ғайраҳо мебошанд. Ҳамаи равияю фирқа ва мазҳабҳо, ки аҳли қиблаанд, дар масъалаи тавҳид, яъне эътирофи Худои ягона бидуни ба ӯ шарикеро қоил будан бо ҳам мувофиқанд. "Бигӯ, Ӯ Худои ягона аст. Худои бениёз аст. На зодааст ва на зода шудааст. Ва ҳеҷ кас ӯро ҳамто нест." [112:1-4]

Аз ин рӯ, дар назди аҳли суннат ва ҷамоат "Худо ба чизе монанд нест ва чизе ба Ӯ монанд намебошад".[122] Чунин биниш аз ояти сураи "Шӯро"-и Қуръон низ бармеояд, ки гуфта шудааст: "Чизе монанди Ӯ

---

[120] Абдураҳмон, ибни Халдун. Муқаддимаи ибни Халдун [Матн] / Халдун А.И // Мутарҷим Муҳаммад Парвини Гунободӣ. Баргардонкунанда аз форсӣ Нурмуҳаммад Амиршоҳӣ. -Душанбе.: Саредаксияи ЭМТ, 2019. -С.926
[121] Абдураҳмон, ибни Халдун. Ҳамон ҷо. –С. 918.
[122] Имом, Абуюср Муҳаммад Баздавӣ. Усули дин [Матн] / Баздавӣ И.А // Тарҷума ва таҳияву тавзеҳоти Саиднуриддин Шаҳобуддинов.-Душанбе.: Андалеб Р, 2015. –С. 74

нест”. Пас аз нигоҳи салаф ва аҳли суннат Худованд ба чизе шабоҳат надорад. Зеро аз нигоҳи  аҳли суннат, ки андешаи хешро ба аҳли салаф нисбат медиҳанд, “Худой... офарандаи ҳамаи чизҳост ва ҳаргиз офаранда ба офарида намонад. Ва ҳар ки Худойро, азза ва ҷалла, ба чизе монанд кунад, кофир ва мушаббеҳӣ бошад”.[123] Хулоса, Худоро ба касе ё чизе шабоҳат додан куфр аст. Вале дар исломи классикӣ баъзе мутакаллимон ва мактабҳои каломӣ, аз нигоҳи аҳли суннат, бар хилофи аҳли суннат, ба Худо сифатҳои одамӣ додаанд, ки дар илми диншиносӣ онро биниши антропоморфӣ меноманд, яъне Худоро одамгуна тасаввур намудаанд.

Андешаи ба ҷисм, ба инсон шабоҳат додани Худо аслан хоси динҳои бисёрхудоӣ (ширк) буда, он аз ин динҳо ба динҳои яҳудияву насрония ва ислом интиқол ёфтааст. Ҳарчанд уламои аҳли суннат ба ислом хос набудани чунин тарзи бинишро нисбати Худо рад мекунанд, вале баъзеи онҳо ҷой доштани чунин тарзи фаҳмиши Худоро дар яҳудия ва насрония эътироф кардаанд. Масалан, Имом Баздавӣ навиштааст, ки аз нигоҳи яҳудиён Худованд “ҷисме ба сурати одамӣ буда, гӯшту хун аст”. Эшон аз Дониёл (а) чунин нақл мекунанд, ки гуфтааст: “Қадими рӯзгорро дидам, ки сару тани сафеди бар Арш нишаста ва ҳарду пойҳояш бар курсӣ ниҳода мебошад”. Эшон мегӯянд, ки “мо дар китобҳои Дониёл (а) ҳамин тавр ёфтем ва яқин дар он чӣ мегӯянд, дурӯғ мегӯянд”.[124] Дар Қуръон низ насроният ба сабаби сегароӣ мавриди танқид қарор гирифтааст. [4:171; 5:73] ва дар оятҳои зиёде масъалаи дар Арш мустақар будани Худо ишора шудааст. Чунончӣ: “Ӯ он (Худо) аст, ки Осмонҳову заминро дар шаш рӯз офарид, сипас бар Арш мустақар шуд...” [57:4]. Ё худ “Ва фариштагон бар канорҳои осмон бошанд. Ва он рӯз ҳашт (фаришта) Арши Парвардигоратро болои хеш бардоранд” [69:17] ва ғайра.

---

[123] Абулқосим, Ҳакими Самарқандӣ. Ас-Саводу-л-аъзам [Матн] / Самарқандӣ А.Ҳ. -Душанбе.: Андалеб Р, 2016. -С.110.
[124] Имом, Абуюср Муҳаммад Баздавӣ. Усули дин [Матн] / Баздавӣ И.А // Тарҷума ва таҳияву  тавзеҳоти Саиднуриддин Шаҳобуддинов. -Душанбе.: Андалеб Р, 2015. –С.74

Аз ин далелҳо бармеояд, ки динҳои сомӣ ё иброҳимӣ, аз ҷумла ислом, ҳарчанд дар кулл тавҳидӣ ҳастанд, вале онҳо аз таъсири динҳои ширку бутпарастӣ пурра озод нашудаанд. Аз ҳамин сабаб дар Қуръон оятҳои муташобеҳ низ ба вуҷуд омаданд, ки сабаби баҳсҳои каломӣ гардиданд ва баҳсҳои каломӣ бошанд, яке аз сабабҳои ба фирқаҳо тақсим шудани исломи мусулмонон мебошад. Дар айни замон, зиддиятҳои ақидавӣ дар байни равияю фирқаҳо замина ба низоъҳои мазҳабӣ гузошта, ҷомеаи мусулмониро дучори буҳрони маънавию сиёсӣ сохтааст. Имомони мазҳабҳо, бахусус имомони мазҳаби ҳанафӣ ва ашъария, кӯшидаанд, ки аз мавқеи ақлгароӣ исломро таъвилу тафсир карда, ихтилофи ақидавии байни равияю фирқаҳоро муътадил сохта, амну суботро дар ҷомеа ҳифз намоянд. Бинобар он, даъвои салафияи ифротӣ дар бораи он ки зуҳури мазҳабҳо боиси олудасозии ислом аз “бидъат”-ҳо гардидааст, комилан асоси илмӣ надорад. Ин гуфтаҳоро, ҳатто, суханони донишманди араб Ибни Халдун, ки низ яке аз муҳофизони салафу аҳли суннат аст, тасдиқ менамоянд. Ба гуфти ӯ дар асл аҳли салаф ақоиди имониро аз тариқи далелҳои ақлӣ, ки дар Қуръону суннат низ ин далелҳо зиёд аст, собит намудаанд ва уламову пешвоёни дин онро таҳқиқ кардаанд. Аммо баъдан дар тафсилоти ин ақоид ихтилоф рӯй додааст, ки ангезандаи ин ихтилоф оёти муташобеҳ будааст. Ихтилофоти мазкур сабаби баҳсу мунозира ва далеловарӣ гардидааст, ки аз ҷанбаи нақлӣ дида бештар ҷанбаи ақлӣ дорад. Ба ақидаи ӯ оёти муташобеҳ оқибат сабаби пайдоиши ду тарзи тафсири ин оятҳо шудаанд:

1. Дар Қуръон васфи Худованд ба сурати танзеҳи мутлақ омадааст, ки далолати ошкоро ба бенуқсу пок будани Худованд дошта, ниёз ба шарҳу баён надорад ва аксарияти ин оятҳо устувор буда, ҳар кадоме сареҳу ошкор аст. Зиёда аз ин, онҳо дар ҳадисҳои паёмбар, саҳоба ва тобеин мувофиқи аломатҳои зоҳирии онҳо тафсир шудааст;

2. Дар Қуръон баъзе оятҳои дигар низ ҳастанд, ки аз рӯи гумону хаёл метавон онҳоро ба ояти муташобеҳ нисбат дод, дар як мавврид ташбеҳ ба зот ва дар мавриди дигар ташбеҳ ба сифати Худованд. Аммо аҳли салаф бо сабаби он ки оятҳои мушобеҳ дар нисбати оёти танзеҳ, яъне бенуқсу айб ва пок васф шудани Худованд хеле каманд, афзалиятро ба оёти танзеҳи мутлақ дода, онро ба мардум омӯзондаанд ва ҳукм кардаанд, ки оёти муташобеҳ низ каломи Худост ва ба ҳамин сабаб ба онҳо низ имон оварда, дар маънии онҳо ба баҳсу тафсир напардохтаанд.[125]

Хулоса, мувофиқи биниши Ибни Халдун аксарияти аҳли салаф дар он мавқеъ буданд, ки оёти муташобеҳро ба ҳамон тарзе, ки нозил шудааст, бидуни шарҳу баён, бояд бихонд ва ба онҳо имон овард, ки онҳо низ каломи Аллоҳанд ва нашояд оёти муташобеҳро бо оятҳои танзеҳи мутлақ айният дод. Ба гуфти Ибни Халдун, ба сабаби мавҷудияти ҳамин оятҳои муташобеҳ дар Қуръон "дар асри салаф гурӯҳи қалили (ками - Н.Қ.) бидъатгузорон падид омаданд ва дар ташбеҳ фурӯ рафтанд, аз ин рӯ, дастае дар зоти ӯ ба ташбеҳ пардохтанд ва муътақид шуданд, ки Холиқ дорои дасту по ва чеҳра аст ва ба завоҳире, ки дар оёт омада буд, амал кардаанд ва саранҷом дар партгоҳи таҷсими сареҳ ва мухолифат ба оёти танзеҳ фурӯ афтодаанд, (зеро маъқулияти ҷисм муқтазии нуқсу ниёзмандист), дар сурате, ки ғалаба додани оёти сулб (устувор - Н. Қ.) дар бораи танзеҳи мутлақ, ки дар мавориди бештаре нозил шудаанд ва аз лиҳози далолат ошкортар мебошанд, аз даровехтан ба завоҳири ин оёте, ки аз онҳо бениёз ҳастем ва ҳам аз ҷамъи миёни ду даста далел бо ин таъвилоти онон (мушаббеҳа ва муҷассима) шоистатар аст, ин гурӯҳ аз шаноати шеваи хеш ба чунин гуфторе паноҳ бурдаанд, ки "ҷисм аст, вале на монанди аҷсом".[126]

---

[125] Абдураҳмон, ибни Халдун. Муқаддимаи ибни Халдун [Матн] / Халдун А.И // Мутарҷим Муҳаммад Парвини Гунободӣ. Баргардонкунанда аз форсӣ Нурмуҳаммад Амиршоҳӣ. -Душанбе.: Саредаксияи ЭМТ, 2019. -С. 926

[126] Абдураҳмон, ибни Халдун. Ҳамон ҷо. -С. 927

Аммо ин оёти муташобеҳ дар асл натиҷаи дар баёни мазмуни Қуръон риоя нагардидани талаботҳои мантиқ аст, ки уламои аҳли суннат ва ҷамоат, аз ҷумла Ибни Халдун низ ба ин ҷанбаи масъала таваҷҷуҳ зоҳир накардаанд. Маҳз набудани мантиқи устувор дар баёни мазмуни оятҳои Қуръон боиси пайдоиши зиддиятҳо дар он гардидааст, ки ҷой доштани оёти танзеҳ ва муташобеҳ доир ба зот ва сифоти Худованд яке аз шаклҳои зуҳури он аст. Ҳамин гуна зиддиятҳо буданд, ки баъзе фирқаҳо ба мисли муътазила Қуръонро махлуқ ҳисобида, ба "куфр" муттаҳам шуданд. Бинобарон, зиддиятҳое, ки дар баёни мазмуни Қуръон ҷой доранд, на танҳо боиси ба фирқаҳо тақсимшавии мусулмонон, ҳамзамон сабаби барангехтани низоъҳои фирқавӣ-мазҳабӣ дар ҷаҳони ислом шудаанд, ки пайравони аҳли суннат дар ин маврид аксар вақт хомӯширо афзал дониста, авомро ба эътиқоди кӯр-кӯрона ба афкори хеш даъват менамоянд, вале назари рақибони ғоявии худро ба инобат намегиранд, чуноне ки ин таҷриба дар афкор ва амалия салафияи муосир дар шакли боз ҳам ифротитар мавриди истифода қарор мегирад. Бинобарон миёни салафу аҳли суннат ва салафияи муосир дар афкору амалия масофа хеле кутоҳ аст.

Мувофиқи андешаи аҳли суннат, ки даъвои пайравии устувор доштан бо салафро дорад, аввалин фарде, ки аз аҳли қибла Худовандро ҷисм хондааст, Ҳишом ибни Ҳакам ва аз паси ӯ карромиҳо мебошанд. Карромия ҷараёни динӣ-фалсафиест, ки онро дар садаи IX Абдуллоҳ Муҳаммад ибни Карром асос гузоштааст, ки дар пайдоиши он оинҳои монавия ва масеҳият таъсир гузоштаанд. Мувофиқи таълимоти фалсафии карромия ҳар чиз дорои макон ва вақт аст. Аз ин рӯ, Худо низ дорои ҷисмият ва шабеҳ ба махлуқот буда, дар сурати одамӣ ва гӯшту хун арзи вуҷуд дорад. Баъзеи дигарашон гуфтаанд, ки Худо нур аст.

Гурӯҳи сеюмашон даъво кардаанд, ки ӯ дар сафо мисли булӯр мебошад.[127]

Ба ақидаи Карром, Худо воҳидулзот ва воҳидулҷавҳар аст. Сифоташ азалию башарист. Ва байни сифати зотию феълии Ӯ фарқе вуҷуд надорад. Сифатҳои зотиаш - илм, қудрат, воҳид, аҳад ва ғ. ва сифатҳои башариаш - даст, пой, сурат ва ғ. низ ба холиқ мансуб аст, Ӯ вуҷуди ҷисмонӣ буда, ҳамчун ҷисм дар ҳаракат ва дар Арш ҷойгоҳи худро дорад.[128] Мусаллам аст, ки таълимоти карромия аз оятҳои муташобеҳи Қуръон, ки Худоро дар Арш мустақар медонад ва масеҳият, ки Худописар Исо дорои ду сифат - Илоҳӣ ва ҷисмонӣ (инсонӣ) мебошад, сарчашма мегирад.

Дар айни замон, баъзе аз карромиҳо гуфтаанд, ки "Худой аз рӯйи номгузорӣ ҷисм аст, на ба ҳақиқат ва эшон гуфтаанд, ки Ӯ ҷисм аст, на мисли (дигар) ҷисмҳо".[129] Ҳарчанд ақидаи карромиҳо ва фирқаҳои бо он шабеҳ доир ба Худо ва сифати Ӯ дар асари оятҳои муташобеҳи Қуръон ташаккул ёфтааст, амалу афкори онҳо низ доир ба Худо ва сифати Ӯ зиддиятнок аст, зеро Худованд дар як вақт наметавонад ҷисм бошад ва ҳам на ба монанди ҷисмҳои дигар, яъне ҷисм набошад, ки низ хилофи мантиқ аст. Шояд чунин тарзи эътиқод доир ба Худо ва сифати Ӯ аз ҷониби "бидъаткорон" ба мисли карромия як навъ "муросокорӣ" бо замона, бо аҳли суннат бошад. Ба ҳамин сабаб Ибни Халдун дар бораи он гурӯҳи бидъаткороне, ки қоил ба ташбеҳ дар сифоти Худованд шудаанд, гуфтааст: "Чунон ки барои Худо ҷиҳату истиқрор ва нузулу савт ва ҳарф задан ва амсоли инҳоро исбот кардаанд ва гуфтори эшон ба таҷсим боз мегардад. Ин гурӯҳ ҳам монанди дастаи нахустин ба ин гуфтор муташаббис шудаанд, ки "савтест, вале на монанди асвот, ҷиҳатест на ҳамчун ҷиҳот, нузулест на монанди нузулҳое, ки дар аҷсом

[127] Имом, Абулюср Муҳаммад Баздавӣ. Усулу-д-дин [Матн] / Баздавӣ И.А.М.- Душанбе.: Андалеб-Р, 2015. -С. 74
[128] Ҳазратӣ, М, Саидиён, И. Ислом: равия, мазҳаб ва фирқаҳои он (маълумотнома) [Матн] / М. Ҳазратӣ, И.Саидиён.- Душанбе.: Ориёно, 1992.-С.86-88, Муҳаммадризо Ноҷӣ. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламравӣ Сомониён [Матн] / Ноҷӣ М.- Душанбе.: ЭР-Граф, 2011. -С.763
[129] Имом, Абулюср Муҳаммад Баздавӣ. Усулу-д-дин [Матн] / Баздавӣ И.А.М.- Душанбе.: Андалеб-Р, 2015. -С.75

қасд мекунанд" ва ин ақида ҳам ба ҳамон чӣ дастаи нахустин ронда шудаанд, рад мешавад".[130]

Ҷой доштани зиддиятро дар андешаи бидъаткорон Ибни Халдун ба манфиати салаф ва аҳли суннат медонад ва таъкид месозад, ки барои раҳоӣ ёфтан аз ин ихтилофи ақидавӣ роҳи дигаре ба ҷуз аз пайравӣ кардан ба ақидаи салаф ва аҳли суннат нест. Чуноне ки мебинем Ибни Халдун дар ин масъала пайгирона аз мавқеи салаф ва аҳли суннат ҳимоят кардааст. Вале аз таърихи ислом пайдост, ки дар масъалаи Худо ва сифоти он ихтилоф дар миёни бидъатгарон ва ақоиди салаф ва аҳли суннат то ба имрӯз аз байн нарафтааст ва ин ихтилоф дар ақоид имрӯз ҳам яке аз заминаҳои ақидатӣ-идеологӣ барои афрӯхтани низоъҳои фирқавӣ-мазҳабӣ дар олами ислом мебошад. Худи Ибни Халдун бошад, дар радди оёти муташобеҳ доир ба васфи Худо ва сифоти Ӯ аз мутакаллимони аҳли суннат (салаф), ба хусус ба назариёти Ибни Абузайд, ки дар китобҳояш "Ақидату-р-рисола" ва "Мухтасар" баён кардааст ва таълимоти Ибни Абдулбарри Ҳофиз пайравӣ намудааст.

Ихтилофи ақидавии дигаре, ки ба гуфтаи М. Шаҳристонӣ ва Ибни Халдун, пеш аз пайдоиши мазҳаби эътидол дар миёни мутакаллимон зоҳир гардид, марбут ба масъалаи қудрати Худо буд. Дар Қуръон қудрат ё тавоноӣ ба ҳайси яке аз сифатҳои бунёдии Худованд васф шудааст, ки онро метавон дар аксари сураҳои он мушоҳида кард, ба монанди [2:20, 106, 109, 129, 259, 284]; [3:26, 29, 189]; [4:85; 5:17, 40]; [8:41]; [9:39]; [48:21] ва ғайра.

Тибқи таълимоти Қуръон Худованд ба ҳама чиз тавоно аст. Қудрату тавоноии Ӯ беандоза буда, ҳама чиз аз иродаи ӯ ба вуҷуд меояд, тағйир меёбад ва фано мегардад, ҳеҷ чиз бидуни иродаи Худованд вуҷуд дошта, амал карда наметавонад, аз ҷумла инсон низ. Иродаи мутлақи ҳамаро фарогир иродаи Аллоҳ аст, ки иродаи ҳоким буда, ҳама гуна

[130] Абдураҳмон, ибни Халдун. Муқаддимаи ибни Халдун [Матн] / Халдун А.И // Мутарҷим Муҳаммад Парвини Гунободӣ. Баргардонкунанда аз форсӣ Нурмуҳаммад Амиршоҳӣ. -Душанбе.: Саредаксияи ЭМТ, 2019. -С.927

амалу кирдор ва фаъолияти инсон тибқи иродаи Ӯ сурат мегирад. Аҳли салафу суннат аз ибтидо ҳамин ақидаро ҷонибдорӣ ва тарғиб мекунанд. Моҳияти ин ҳукми исломиро тақдиргарой, эътиқод ба сарнавишту қазову қадари азалӣ ташкил медиҳад.

Аммо бояд гуфт, ки таълимоти ислом дар бораи тақдиру қазову қадар, сарнавишти азалӣ ягон ақидаи комилан нав набуда, он аслан аз динҳои пешазисломӣ, бахусус яҳудия, яъне таълимоти динҳои сомӣ дар бораи тақдири азалӣ аз суннату мафкураи мардумони сомӣ, аз ҷумла яҳудиёну арабҳо, ки бештар мардуми саҳронишину бадавӣ буданд, сарчашма мегирад. Ислом, ки дар минтақаи Ҳиҷоз, дар он минтақаи ҷуғрофие, ки арабҳои саҳронишини бадавӣ зиндагӣ мекарданд, зуҳур ёфтааст, дар пайдоиш ва ташаккули таълимоти он доир ба тақдиру сарнавишти азалӣ тарзи зиндагӣ ва мафкураи ҳамон қабоили араби тоисломии бодиянишину кӯчӣ таъсири амиқ гузоштааст. Ба тарзи дигар гӯем, байни мафкураи исломии арабҳои мусулмоншуда ва мафкураи наслҳои пешинаи онҳо робитаи қавӣ вуҷуд дорад. Дар низоми муносибатҳои авлодӣ-қабилавии араб тасаввуроте вуҷуд дошт, ки мувофиқи он ҳаёти ҳар як фард бевосита аз тарзи рафтору кирдори худи ӯ дар дохили қабила, ҳамчунин аз амалҳои ҷинҳо ва аз тақдиру сарнавишт ҳамчун қувваи олӣ таркиб меёбад. Натиҷаи фаъолияти фард рафтору кирдори хуб ё бад, ҳолати инсон (хушнудӣ ё бадбахтӣ) ва ҳатто марг мебошад.

Дар амалу рафтор сифат ва хосиятҳои дар фард хос буда ошкор мешавад ва амалӣ мегардад. Агар он аз тақдир ё аз ҷинҳо бошад, пас онҳо муқобилияти худро ба инсон зоҳир мекунанд, ки мутлақо барои тақдир хос буда, ногузир будани ҳодиса ва рафтору кирдорро дар ҳаёти инсон муайян мекунанд. Инсон тавассути амалу рафтор сифат ва хосиятҳои худро ошкор намуда, мақому арзиши иҷтимоии хешро дар

ҳаёти иҷтимоӣ муайян мекунад. Меъёри арзишмандӣ, баҳогузорӣ ба онро суннатҳои ахлоқӣ-ҳуқуқӣ муқаррар менамоянд.

Хулоса, амалу рафтор, ба ҷуз натиҷаи мушаххаси он, тарзи ошкорсозии сифату хосиятҳои инсон мебошад, ки дар ниҳоят мақоми иҷтимоии фард муайян мегардад, ки ақвоми бадавӣ, пеш аз ҳама, маҳз ба ҳамин масъала дар ҳаёти иҷтимоӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекарданд. Маҳз дар ҳамин шакл фаъолияти инсонро шуури ҷамъиятии ҷомеаи бадавӣ қабул дошт. Фаъолияти инсон ҳамчун маҷмӯи андеша ва сифатҳои ӯ худ ба худ арзиши мустақил надошт ва объекти тасвир низ набуд, ки он дар назми садаҳои V-VI араб инъикос ёфтааст.[131]

Дар назми садаҳои VI ва нимаи аввали садаи VII тасаввурот доир ба рафтору кирдор, доир ба ҳодиса ҳамчун унсури мустақили замони гузашта тасдиқи худро ёфтааст. Шоирон доир ба корнамоӣ, мақсаду маънои он, доир ба сабабият ва вобастагии он менавиштанд. Мафҳумҳои "ифтихор", "шараф", "ору номус" маҷмуи корнамоиро ифода мекард. Ҳодиса акнун на танҳо чун унсури замони гузашта ё худ ҳозира, на танҳо чун натиҷаи андеша ва амали одамон, ҳамзамон ҳамчун унсури мустақили рухдиҳанда дар мавҷудияти инсон ба амал меояд, ки дар муқобили инсон қарор гирифта, ба ӯ фишор меорад. Дар назми баъзе шоирон бори аввал калимаи ҳаводис ба ивази калимаи тақдир ҳамчун унсури мустақили амалкунанда дар таърихи инсоният истифода шудааст.[132]

Ба ақидаи Г. А. Грязневич, дар матнҳои назми арабҳои тоисломӣ шинохти таърих ҳамчун ҳастӣ дар вақту замон дар ибтидо аз дарки тағйирпазирии мавҷудот ва барнагарандагии он, ки боиси ғаму андӯҳ мегардад, баён ёфтааст. Масалан, шоир Зуҳайр ибни Абу Сулма гуфтааст: "ман мебинам, ки ҳама чиз тағйир меёбад. Ягон чизи абадӣ нест, ба ҷуз кӯҳҳои беҳаракат". Шоир дар ин матн далели тағйирёбии

[131] Грязневич, П.А. Развитие исторического сознания арабов (V1-V111вв) [Матн] А.П. Грязневич // Очерки истории арабской культуры V-XVвв. М.: Культура народов Востока, 1982. -С.114-115.
[132] Грязневич, П.А. Ҳамон ҷо. -С. 115.

ҳаётро дар вақт (замон) дар асосии таҷрибаи фардии хеш баён кардааст. Вале дар назм муҳлати ба вуҷуд омадани ин ё он ҳодиса, ба мисли бадбахтӣ ё марг, ки шоир баён месозад, муайян нест ва онро оқибат аз тақдир (аз даҳр) медонад. Мувофиқи чунин биниш муҳлати фарорасӣ ва аз кӣ вобаста будани бадбахтию марг маълум нест, онро танҳо тақдир (даҳр) муайян мекунад, ки аз тариқи тасодуф рух медиҳад. Хулоса, кӯшиши шинохти ҳаракати ҳастӣ, аз ҷумла фарорасии ҳар гуна бадбахтӣ ва марг дар арабҳои бадавӣ, ки мавҷудияташон берун аз ҳаёти иҷтимоии авлодӣ-қабилавӣ ғайриимкон буд, тасаввуротро дар бораи тақдир ташаккул додааст, ки ба гуфти шоир Мутаммим Нувайра тибқи он тақдир нахустсабаби ҳодиса-бадбахтӣ аст,[133] зеро дар асоси таҷрибаи ҳаёти фардӣ ва таҷрибаи маҳдуди гурӯҳи авлодӣ шинохти робитаи сабабу натиҷаи силсилаи ҳодисаҳои ғайриимкон аст.

Ин суннати пешазисломии араб, умуман сомиён, ки хоси мафкураи мардуми бадавӣ буд, баъдан ба маънои қадр кардан, андоза намудан ва қазову қадар ба ислом интиқол ёфта, асоси таълимоти фаталистии эътиқод ба сарнавишти азалиро ташаккул дод. Мувофиқи таълимоти Қуръону суннат тақдиру сарнавишти азалӣ аз ҷониби Худо ба инсон муқаррар гашта, тағйирнопазир аст, яъне инсон қудрати онро тағйир додан надорад. Иродаи илоҳӣ мутлақ буда, иродаи инсон аз азал тобеи он аст. Дар исломи ибтидоӣ ин ақидаро фирқаи ҷабария, ки муассисаш Абӯмазҳар Ҷаҳм Сафвони Тирмизӣ (ваф. 745) мебошад, ҳифз ва идома медод. Чуноне ки мебинем, анъанаи тақдирпарастӣ дар ислом аз ҳамин ғоя оғоз меёбад, ки дар асл аз суннати салафи замони ҷоҳилияи араб ба ислом дар шакли ба худ хос интиқол ёфта, то ба имрӯз чун каломи Аллоҳ дар миёни мусулмонон устувор аст.

Дар ибтидо истилоҳи “қадар” ба маънои “қудрат”-и илоҳӣ нисбати махлуқоташ истифода мегардид. Он вақт қадар тақдиру

[133] Грязневич, П.А. Ҳамон ҷо. -С. 116-120.

сарнавиштеро, ки ҷабриён талқин мекарданд, ифода менамуд. Пайдоиши истилоҳи қазову қадар дар ислом аз ҳамин ҷо бармеояд. Баъдан дар натиҷаи таъсири афкори фалсафаи Юнони қадиму таълимоти зардуштӣ доир ба инсон чун вуҷуди озоду мухтор ва созанда дар ислом ва инкишофи фалсафаи калом фирқае ба миён омад, ки "қудрат"-и илоҳиро ба инсон интиқол дод ва инсонро дар феълу амал, рафтору кирдораш озоду соҳибихтиёр эълон кард ва тарафдорони чунин афкорро қадариён номиданд. Дар ниҳоят қадар маънои озодии иродаро касб кард. Маънои духӯра доштани қадар гӯё дар ҳадиси пайғамбар ("қадария маҷусу ҳазиҳи-л-умма") ишора шудааст. Аммо ба андешаи мо, ин духурагӣ, яъне ихтилоф дар мавриди озодии иродаи инсон пеш аз ҳама аз Қуръон ва ҳам аз суннат ғизо мегирад. Мусаллам аст, ки дар Қуръону суннат иродаи мутлақ аз Худост ва тамоми махлуқот тобеи Ӯ мебошанд. Масалан, дар Қуръон омадааст: "Ва номаи амали ҳар одамиро бар гардани ӯ баста сохтем. Ва рӯзи қиёмат барои ӯ номае берун орем, ки онро бозкушода бинад [17:13]. Ин идеяи Қуръонро суннат низ тасдиқ месозад. Тибқи он эътиқод ба некию бадии азалӣ ҳатто рукни имон аст. Дар мавриди он ки имон чист, пайғамбар гуфтааст: "Имон ин аст, ки имон биёрӣ ба Аллоҳ ва малоикаҳояш ва китобҳояш ва пайғамбаронаш ва рӯзи охират ва тақдири некӣ ва бадӣ, ки ҳама аз Худост".[134]

Хулоса, мувофиқи таълимоти Қуръону суннат иродаи мутлақ иродаи Аллоҳ аст ва ҳама амали неку бади инсон аз иродаи Ӯ сарчашма мегирад ва инсон ҳеҷ гуна иродаи озодро доро нест. Таълимоти ислом дар бораи инсон асосан ба ҳамин нукта асос ёфтааст, ки аз он салаф ва аҳли суннат пайравӣ мекунанд. Дар давраи Хилофати Уммавиён масъалаи ҷабру ихтиёр ва қазову қадар ба яке аз масъалаҳои муҳими вақт табдил ёфта буд. Миёни муттакаллимон баҳс дар бораи он мерафт, ки бандагони Худо дар амалу кирдор ва фаъолияти хеш озоданд ё худ

[134] Имом, Абуҳанифа бини Собит. Муснад [Матн] / Собит И.А.Б.- Душанбе.: Эр-Граф, 2009. -С.184.

ҳамаи он тибқи нишондоди Худо аз рӯи тақдиру сарнавишти азалӣ, ки аз Худованд аст, сурат мегирад.

Дар давраи исломи ибтидоӣ, ки ҳанӯз ҷанбаҳои назариявии аҳкоми он коркард нагардида буд, дар ислом суннати пешиниён (салаф)-и сомиён, аз ҷумла араб, ки дар замони ҷоҳилия ташаккул ёфтааст, ҳукмфармо буд ва ба таълимоти динҳои ориёӣ, ба хусус зардуштия, доир ба сарнавишту тақдир ихтилоф дорад.

Мувофиқи ҷаҳонбинии зардуштия “на нек ва на бад, балки Аша ва Дурӯғ аз мафҳумҳои бунёдӣ ба ҳисоб мераванд, онҳо маънии космологии нек ва бадро ифода мекунанд... Ҷаҳон аз набард миёни Аша ва Дурӯғ иборат аст ва инсон дар андеша, рафтор ва гуфтори худ ин ду қувваро пайравӣ мекунад”,[135] на ду Худо (Аҳурамаздо ва Аҳриман)-ро, чуноне ки дар ислом нодуруст фаҳмида шудааст. Ҳар ду ҷаҳон - Аша (ростӣ, некӣ) ва Дурӯғ (бадӣ) аз ҷониби Худо Аҳурамаздо офарида шудааст ва инсон дар интихоби ин ду роҳ соҳиби иродаи озод ва мухтор буда, сарнавишти ӯ аз Худо вобаста нест, балки агар образнок карда гӯем, ӯ худ одамхудо аст ва дар паҳлӯи Аҳурамаздо қарор гирифта, бо Аҳриман (Дурӯғ, бадӣ) мубориза бурда, худ тақдири хешро месозад, сарнавишти худро муайян мекунад. Бинобарон, дар дини зардуштия интихоби озоди роҳи рост (Аша) ва бад (Дурӯғ) бардоштҳои фардии инсон буда, аз ҷониби Худованд бо роҳи ҷабр ба инсон таҳмил карда намешавад. Вале Худованд вобаста ба он ки инсон кадом роҳро дар зиндагӣ интихоб намудааст, дар он дунё барои ӯ подош муайян кардааст. Идеяи ҷаннату дӯзах, пули сирот (Чинвот), рӯза, қиёмат, рӯзи ҷазо ва ғ. дар таърихи адён маҳз дар робита ба ҳамин масъала нахуст дар зардуштия коркард гардида, баъдан тавассути дини яҳудия ба динҳои сомӣ, аз ҷумла ислом, интиқол ёфтааст.

Ҳамин тариқ, инсони зардуштӣ шахсияти озоду соҳибирода ва созанда буда, ғулом (абд)-и Худованд нест, балки ёвари Худованд аст.

[135] Шаҳобиддинов, Н. Нитше ва Зардушти таърихӣ [Матн] / Н. Шаҳобиддинов.-Душанбе.: Дониш, 2021. -С. 57.

Худованд ӯро ҳамчун халифаи худ дар Замин барои он офаридааст, ки тавассути ӯ Дурӯғ (бадӣ, нерӯи аҳриманӣ)-ро дар олам шикаст диҳад ва ғалабаи некиро аз болои бадӣ таъмин созад. Хотиррасон бояд кард, ки маҳз дар мубориза бо бадӣ (Аҳриман ё Шайтон) инсон ба камолоти маънавӣ расида, инсон ҷомеаи адолати иҷтимоиро бунёд месозад, ки ин ҳадафи ниҳоии инсони соҳибирода ва худмухтори зардуштия аст. Яъне Худои зардуштия Аҳурамаздо қудрату тавоноиро аз ибтидо чун ҷавҳари ботинии инсон таъин намуда, пуштибонии худро ба ӯ арза медорад, то ки инсон бо нерӯи созандаи худ оламро хурраму обод сохта, тавассути ҳамин касбияташ саодати худро дар он дунё низ таъмин созад. Бинобар он, Зардуштия на танҳо инсониятро ба парастиши Худои ягона Аҳурамаздо (Худои оқилу доно) даъват менамояд, ҳамчунин дар биниши ахлоқии дуалистии худ эътиқодро ба ғалабаи некӣ аз ҷониби инсоният ташаккул дода, боввариро ба ояндаи нек устувор сохта, ҷаҳонбинии тавҳидии хешро то ба охир такмил медиҳад, ки чунин андешаи солими умумибашариро мо дар ягон дини дигар мушоҳида намекунем.

Беҳуда нест, ки шумораи зиёди файласуфони бонуфузи ҷаҳон дар эҷоди афкори фалсафӣ-ахлоқии хеш маҳз ба Зардушт пайравӣ кардаанд ва файласуфи олмонӣ Ничше дар образи инсони Зардушти таърихӣ образи абаринсонро офарид, ки имрӯз яке аз мавзуҳои филмҳои бадеӣ-фантастикии эҷодкорони аврупоӣ буда, бо бадӣ мубориза мебарад ва ғалабаи некиро аз болои бадӣ дар олам таъмин месозад. Бинобар он, оини Зардуштия дини прагматистӣ низ мебошад. Вале ислом дар баробари дар қаламрави Эронзамин паҳн шудани худ на танҳо дину фарҳанги тоҷикон-эрониёнро шикаст дод, ҳамзамон мафкураи озоду созандаи ин мардумонро тадриҷан заиф сохта, инсони соҳибиродаи озодро ба “абд”, ба инсони заифи бегонапараст ва тақдиргаро табдил дод. Ниёгони тоҷикон тӯли ҳазорсолаҳо соҳиби тахту бахти каёнӣ ва соҳибдавлату соҳибтамаддун буда, баъдан дар зери таъсири фалсафаи

тақдирпарастӣ тӯли зиёда аз ҳазор сол ин бахту саодатро аз даст дода, зери пои аҷнабиёни гуногун қарор доштанд, ҳама гуна ҳолати бадбахтии худро аз тақдир медонистанд. Имрӯз низ онҳо аз нигоҳи мафкуравӣ аз завлонаи тақдирпарастӣ раҳо наёфтаанд ва ҳама бохти худро дар таърих аз тақдири азалӣ медонанд. Донишманди эронӣ А. Зарринкӯб дар ин маврид гуфтааст: "Омили муҳиме, ки муҷиб шуд тақдиргароӣ коркарди худро ҳифз кунад ва ба табъи он дар ҷомеа ҳузураш эҳсос шавад, ин аст, ки мардум аз андешидан дар бораи он манъ шудаанд".[136]

Аммо сарнавишту тақдири инсон аз нигоҳи ислом аз ибтидо аз ҷониби Худо муайян гардидааст ва инсон қудрати тағйир додани онро надорад. Бинобар он, инсони тақдиргаро - инсони озоду худмухтор нест ва аз ин нигоҳ, ӯ созандаю бунёдкор низ намебошад, ҳама корро тибқи тақдири аз оғоз муқаррар кардаи Аллоҳ анҷом медиҳад ва на танҳо банда, ҳамзамон ғулом (абд)-и Аллоҳ буда, ихтиёре барои худ надорад. Салаф ва аҳли суннату ҷамоат тӯли таърихи ислом маҳз дар партави ҳамин ғояи исломӣ доир ба ирода ва озодӣ исломро ба мусулмонон муаррифӣ менамоянд ва ба ҳар навоварӣ дар ислом ҳамчун падидаи "бидъат", "куфр" назар меафкананд, ки реша дар суннати мардумони сомии саҳронишин дошта, имрӯз низ аз ҷониби салафияи муосири ифротӣ ва рӯҳонияти суннатии мутаассиб барои ба "куфр" гунаҳкор кардани мусулмонони озодандеш ва созанда истифода мешавад. Дар замони муосир, чуноне ки "Давлати исломӣ" ва ҳаракати Толибон дар Афғонистон асли такфирро дар фаъолияти хеш ба муқобили аҳли санъат ва озодандешон татбиқ намудаанд.

Дар айни замон, бояд гуфт, ки дар масъалаи озодии иродаи инсон дар Қуръон назари мухолиф низ вуҷуд дорад, ҳарчанд ки хеле маҳдуд аст ва он аз ҷониби салаф ва аҳли суннат ба инобат гирифта нашудааст, ки он чунин аст: "(Ва гӯем) Агар накӯкорӣ кунед, барои ҷони хеш накӯкорӣ карда бошед: ва агар бадкорӣ кунед, пас (он бадӣ) ба ҷони Шумо аст"

[136] Зарринкӯб, Абдулҳусейн,. Ҳикоёт ҳамчунон боқӣ [Матн] / Зарринӯб А.-Теҳрон.: Сухан, 1347. -С. 239-240.

[17:7]. Ин чунин маъно дорад, ки инсон дар рафтору амали хеш мухтор аст ва масъулияти натиҷаи амал дар дӯши ӯ буда ва натиҷааш ба худи ӯ бармегардад. Ин ояти Қуръон бо ҳамон таълимоти зардуштия доир ба озодии иродаи инсон то андозае ҳамоҳанг аст, вале он ягона оятест, ки дар муқобили оятҳо доир ба ҷабри илоҳӣ қарор мегирад. Дар кулл оятҳову аҳодиси набавии талқинкунандаи сарнавишту тақдири азалӣ дар ислом афзалият дошта, асли моҳияти исломро дар ин масъала муқаррар мекунанд ва аз он аҳли салафу суннат ҳамеша истифода кардаанд. Аммо ин ихтилоф, духӯрагӣ дар мавриди озодии иродаи инсон дар ислом оқибат боиси пайдоиши баҳсҳои каломӣ гардида, мутакаллимонро ба ду фирқаи ба ҳам зид - ҷабрия ва қадария тақсим кардааст. Ба ақидаи Шаҳристонӣ, танҳо “дар охирин рӯзҳои асҳоби пайғамбар” эътиқод ба қадар пайдо шуд. Онҳо қадарро аз Худо ба инсон интиқол додаанд. Ба ақидаи онҳо инсон худ амали хешро муайян мекунад, на Худо. Ва ба ҳамин сабаб пайравони ин ақидаро қадария хондаанд.[137]

Ба ақидаи салаф ва аҳли суннат рад кардани он ки Худо амалу феъли инсонро ба вуҷуд намеорад, балки инсонҳо амалу феълҳои худро ихтиёр доранд, инкори сифати Худо аз ҷониби бидъаткорон (қадариён) аст. Қадариҳо ин ақидаи худро ба он асоснок мекарданд, ки Худованд ба бандагонаш қувваи феъл карданро додааст ва онҳо ҳарчӣ хоҳанд, ҳамонро мекунанд. Дар таълимоти қадариён масъалаи озодии ирода ва ихтиёр, ки аз феълҳои худи инсон аст, масъалаи асосӣ мебошад. Агар таълимоти исломро доир ба халифаи илоҳӣ будани инсон дар рӯи замин аз нигоҳи мантиқ таҳлил намоем, аслан ақидаи қадариён ба ислом ихтилоф надорад, зеро Аллоҳ халифаи худро дар замин бо феълҳои муайян офаридааст. Модоме ки чунин аст, инсон бояд мувофиқи ин сифатҳо амал кунад, ки як навъ эътирофи озодии иродаи инсон аст ва ба ҳамин сабаб инсон ашрафи махлуқот ба ҳисоб меравад.

---

[137] Гарри, Австрин Волфсон. Фалсафаи илми калом [Матн] / Вольсон Г.А // Тарҷумаи Аҳмад Ором. -Теҳрон: Ал-Ҳудо. -С. 19-20.

Вале, азбаски салафу аҳли суннат таҳлилу таҳқиқи ақлонии Қуръонро аз нигоҳи мантиқ қабул надоранд ва ин усулро хатар ба эътиқоди мусулмонон меҳисобанд, шинохти ақлонии исломро чун амали “бидъат” донистаанд ва чунин биниш на ба манфиати ислом асту на ба манофеи мусулмонон ва ин мавқеъгирии онҳо имрӯз аз ҷониби қудратҳои ҷаҳонию минтақавӣ ба муқобили ислому мусулмонон истифода шуда, дар миёни ғайримусулмонон исломҳаросиро ба вуҷуд овардааст, ки як омили дар бозмондагӣ нигоҳ доштани ҷомеаи мусулмонӣ аст. “Ҷомеаи тақдиргаро ҷомеаи бетараф, вопасгаро ва бозмондааст, ки он дар баробари ҳама гуна вазъиятҳо осебпазир буда, дар он баданаи иҷтимоии қавӣ вуҷуд надорад”.[138]

Имом Муҳаммад Баздавӣ дар панҷ масъала ба ақидаи аҳли суннату ҷамоат ихтилоф доштани афкори қадариёнро таъкид намудааст: масъалаи сифатҳои Худованд; масъалаи дидани Худои Таъоло (руъят); масъалаи ваъд ва ваид, яъне соҳиби гуноҳи кабира дар дӯзах абадӣ мемонад; масъалаи эҷод кардани феълҳо (аз ҷониби инсон - Н.Қ); ва масъалаи машиъат (хостаҳо). Эшон ин панҷ масъаларо боз ба сифатҳои бисёре тасниф кардаанд.[139] Бо ҳамин ихтилофҳо салаф ва аҳли суннат қадариёнро ба бидъаткорӣ гунаҳкор донистаанд.

Имом Баздавӣ фирқаи ҳусайниҳоро низ аз ҷумлаи қадариҳо медонад ва муътазилиҳоро дар умум бо қадариҳо мувофиқ мешуморад. Ба андешаи Баздавӣ, ҳусайниҳо дар рад кардани сифатҳои Худо, рад кардани руъят (яъне дида натавонистани Худо) ва офарида будани каломи Худо бо қадариҳо мувофиқ буда, дар ҳамин масоил бидъаткоранд. Аммо дар масоили дигар бо қадариҳо ихтилоф кардаанд: дар масъалаи ба вуҷуд овардани феълҳои бандагон аз ҷониби Худо; масъалаи он ки тавоноӣ ҳамроҳи феъл аст; масъалаи он ки Худо куфру маъсиятҳоро мехоҳад ва ҳар киро хоҳад, гумроҳ мекунад; масъалаи он ки

[138] Имом, Абулюср Муҳаммад Баздавӣ. Усулу-д-дин [Матн] / Баздавӣ И.А.М.- Душанбе.: Андалеб-Р, 2015. -С. 374
[139] Имом, Абулюср Муҳаммад Баздавӣ. Усулу-д-дин [Матн] / Баздавӣ И.А.М.- Душанбе.: Андалеб-Р, 2015. -С. 374

каси қатлшуда ба аҷали худ мурдааст; масъалаи он ки ҳаром ризқ аст; масъалаи ин ки аразҳо (аломати зоҳири ашё - Н.Қ.) таҳаввулёбандаанд.[140]

Асосгузорони ҷараёни динӣ-фалсафии қадария Муъбади Ҷуҳанӣ (685-735) ва Ғайлони Димишқӣ (ваф. 723) мебошанд. Мувофиқи баъзе сарчашмаҳо ҳардуи онҳоро пайрави Абусаид Ибни Ясор, маъруф бо унвони Ҳасани Басрӣ, меҳисобанд. Қадария бар хилофи таълимоти Қуръону суннат (салаф ва аҳли суннат) инсонро дар амалу рафтораш ва феълу аъмолаш озод, соҳибихтиёр меҳисобад. Ба ташаккули афкори қадария шояд ҷаҳонбинии юнонӣ, зардуштӣ ва масеҳӣ таъсир дошта бошад. Онҳо аслан араб набуданд, баъди ба ислом гароидан асосан ба баҳсҳои назарӣ-каломӣ машғул буда, ақидаи фирқаи ҷабрияро қабул надоштанд. Ба ҳамин сабаб бо дастури Халифа Ибни Марвон, Муъбади Ҷуҳанӣ ба салиб кашида шудааст. Ғайлони Димишқӣ бошад, бо фармони Халифа Ибни Абдумалик, ки пайрави салаф буд, бо азобу шиканҷа ба қатл расид. Ба ақидаи муаррихони дин, қадария дар ислом ягона фирқае мебошад, ки дар заминаи ғайрисиёсӣ зуҳур карда, хусусияти ақлгароӣ дошт ва озодии инсонро дар интихоби амалу кирдор тарғиб карда, ба пайдоиши афкори фалсафӣ дар ислом таъсир доштааст.

Баъди он ки дар миёни мусулмонон илмҳои дунявӣ рушд карда, мардум доир ба масоили мухталиф ба баҳсу мунозира ва ба хусус мутакаллимон дар мавзӯи танзеҳ, яъне пок кардани сифатҳои Худованд, ки баъзеҳо онҳоро бо сифатҳои одамӣ ташбеҳ медоданд, пардохтанд, фирқаи динӣ-фалсафӣ муътазила падид омад, ки поягузори он дар замони хилофати Уммавиён Восил Ибни Ато ва Амр Ибни Убайд буданд ва он ибтидо дар Шому Ироқ ва Мадина зоҳир гардида буд. Баъзе муҳаққиқон чунин андеша доранд, ки гӯё дар зуҳури муътазила таъсири афкори юнониён, масеҳиён ва зардуштиён нақши муҳим дошта бошад.[141]

---

[140] Шарифзода, И. Тақдиргарой ва осебшиносии иҷтимой [Матн] / И. Шарифзода // Маҷаллаи ”Илм ва ҷомеа. №3-4.-Душанбе, 2017. -С. 7-8.
[141] Ҷонб Бейр Нос. Таърихи ҷомеъи адён [Матн] / Нос. Ҷ.Б // Тарҷумаи Алиасғари Ҳикмат. –Теҳрон.: Донишгоҳи Теҳрон, 1354. - С.750

Ҳол он ки дар замони пайдоиши муътазила осори илмию фалсафаи юнонӣ ҳанӯз ба арабӣ тарҷума нашуда буд ва мусулмонон бо афкори юнониён ошноии кофӣ надоштанд, вале таъсири зардуштия дар пайдоиши ин фирқа метавонад ҷой дошта бошад, зеро дар Ироқ ва минтақаҳои атрофи он халқ ва пайравони динҳои гуногун – форсҳо, калдониён, яҳудиён, насрониён, арабҳо зиндагӣ мекарданд ва метавонад унсурҳои фарҳангу дини ин мардумон, аз ҷумла зардуштиён, дар пайдоиши фирқаҳои исломӣ нақш дошта бошанд.

Ёдовар бояд шуд, ки Восил Ибни Ато аз маволиёни эронӣ буд. Доир ба пайдоиши фирқаи муътазила Муҳаммадҷаводи Машрук мегӯяд: "Ҳасани Басрӣ дар Куфа шогирде дошт, бо номи Абуҳазифа Восил бини Ато ал-Ғаззолӣ (тав. 80-ваф. 131), ки аз маволиёни эронӣ буд. Ӯ ақидаи Муъбад ва Ғайлонро дар "қадр" таъйид кард ва муассиси фирқаи фалсафии муътазила шуд. Рӯзе аз шогирдони Ҳасани Басрӣ ақидаи ӯро дар бораи раъйи азориқа пурсиданд. Ҳасан ҷавоб надода, яке аз шогирдонаш ба номи Восил бини Ато гуфт, ки ба ақидаи ман муртакибони гуноҳи кабира на кофири мутлақанд ва на муъмини мутлақ дар манзалаи байнулманзалатайн, яъне дар миёни ду марҳила - куфр ва имон ҷой доранд. Ҳасан гуфт: "эътазала анъо Восил, яъне Восил аз мо канора гирифт ва аз он рӯз ӯ ва пайравонашро муътазила хонданд".[142]

Дар замони уммавиҳо масъалаи содир гардидани гуноҳи кабира (муртакиби гуноҳи кабира) ба яке аз мавзӯҳои баҳси илоҳиётӣ дар миёни равияю фирқаҳо, ба мисли баҳс миёни ҷабария, қадария, хориҷиҳову аҳли тасаннун ва ғайра табдил ёфта, мардумро ба изтироб кашида буд. Дар ин масъала Восил ибни Ато бо устоди худ Ҳасани Басрӣ ихтилоф варзид. Ӯ баён дошт, ки соҳиби гуноҳи кабира на кофири мутлақ ва на муъмини мутлақ буда, дар байни ду марҳила - куфр ва имон қарор дорад ва бо ҳамин аз Ҳасани Басрӣ канора (эътизол) гирифта, минбаъд бо

[142] Муҳаммадҷаводиб Машкур. Фарҳанги фирақи исломӣ [Матн] / Машкур М.-Теҳрон.: Илм ва фаранги Теҳрон, 1387. -С.413.

асҳоби худ унвони муътазиларо касб кард ва онро аҳли суннат ё худ салаф аз аҳли куфр шинохтанд. Абуҳасани Хайёт дар китоби худ "ал-Интисор" мегӯяд: "нафаре номи эътизолро сазовор намешавад, топанҷ аслро дар эътиқод ҷамъ наорад: тавҳид, адл, ваъду ваъид, манзиле байни ду манзил, амр бар маъруф ва наҳй аз мункар. Агар ин хислатҳои панҷгона дар ислом ҷамъ оянд, пас ӯ муътазилӣ аст... ҳар касе, ки худашро аз ин канора гирифта, роҳи дигар пеша мегирад, аз ҷумлаи муътазилиён нест".[143]

Аз ин асли панҷгона масъалаи тавҳид мавзуи марказии муътазила мебошад. Дар ин замон масъалаи тавҳид ва сифоти Худо муҳимтарин масъалаи илми калом буд, ки он диққати ҳамаи мутакаллимон ва имомонро ба худ ҷалб сохтааст, зеро тавҳид аслест, ки ҳамаи сифатҳои Худованд аз он сарчашма мегиранд ва он асоси дини ислом, яъне эътиқод ба Худои ягонаро ташкил медиҳад ва шинохти дурусти он аз нигоҳи аҳли суннат ақидаи исломиро аз ҳар гуна олудагиҳо, ки мазоҳиби аҳли суннат бо пайравӣ аз салаф аз он ҳимоя мекарданд, ҳифз менамояд. Вале, намояндагони мазҳаби муътазила барои исботи ягонагии Худованд аслеро бино ниҳоданд, ки ба номи қоида ва ё асли тавҳид шинохта мешавад. Онҳо бар асоси ин қоида сифоти Худовандро комилан нафй намуда ва барои Ӯ онҳо зотро собит донистаанд. Ба ақидаи онҳо, Худованд воҳид ва ягона аст ва дар зоти худ мисл ва сифате надорад ва дар афъоли худ бе шарик аст"[144] ва дар шинохти Худованд "қоил ба сифоти қадим намуданд ва дигар сифатҳои Худовандро монанди зинда, доно ва тавоно будан айни зоти Ӯ донистанд ва гуфтанд, ки агар қоил шавем, ки ин сифот айни зоти Бори Таъоло нест ва онҳо низ қадиманд монанди мушрикон таъадуди олиҳа, яъне ба чанд Худои қадим қоил шавем ва ин бар хилофи тавҳид аст".[145]

---

[143] Имом, Муҳаммад Абӯзаҳра. Абӯҳанифа: Зиндагӣ, рӯзгор, андеша ва фиқҳи ӯ [Матн] / Абӯзаҳра И.М // Тарҷума аз забони арабӣ. Муҳаррири масъул А. Ализода. –Душанбе.: Ирфон, 1990. –С.172.
[144] Боқизода, А. Имоми Аъзам (р.ҳ) бузургмарди таърихи башарият [Матн] / А. Боқизода.- Душанбе.: ЭР-граф, 2009. -С. 216-217.
[145] Муҳаммадҷаводиб Машкур. Фарҳанги фирақи исломӣ [Матн] / Машкур М.-Теҳрон.: Илм ва фаранги Теҳрон, 1387. -С.416.

Ҳамзамон, муътазилиён бо ин асл, ки Худовандро аз ҷисмият ва ҷиҳатҳо орӣ месозанд, дидани Ӯро дар рӯзи қиёмат ғайриимкон меҳисобанд. Зеро, барои он ки дидани Худо дар рӯзи қиёмат имконпазир бошад, Ӯ бояд дорои ҷисму араз, самту андоза ва ғунҷидан бошад, ки он ба тавҳиди холису комил созгор нест. Ҳамин тариқ, муътазилиён бо такя бар асли тавҳид тамоми сифатҳоро аз зоти Худо инкор карда, танҳо зоти Худовандро қадим донista, бо ин усул Қуръонро махлуқи Худованд ҳисобиданд. Ба андешаи онҳо исботи сифоти калом ва офариданашуда донистани Қуръон ба тавҳиди зоти Худованд ихтилоф дошта, каломро ҳамчун сифати Ӯ нафй месозад. Ҳамин тариқ, дар асоси усули эътиқодии фирқаи эътизол масъалаи офарида будани Қуръон дар замони халифа Маъмун ба ҳукми анъана даромад ва Маъмун муътазиларо ба ҳайси дини расмии хилофоти худ шинохт ва мардумро маҷбур сохт назарияи халқи Қуръонро қабул намоянд. Ҳар касе, ки ин ақидаро қабул надошт, ба куфр муттаҳам мегардид ва мавриди қатл қарор мегирифт. Аз ин рӯ, муътазила, ки як фирқаи ақлгаро буд ва тавассути он ақлгароӣ, фалсафаю мантиқ вориди ислом гардиданд, аз ҷониби аҳли суннат зери тозиёнаи танқиди шадид қарор гирифт ва баъдан аз ҷониби халифа Мутаваккил аз қудрати идеологӣ барканор карда шуд, вале усули ақлгароие, ки ин фирқа дар ислом ҷойгузин сохта буд, минбаъд низ дар ислом нақши муассир дошт.

Уламои аҳли суннат ва ҷамоат афкори муътазиларо хилоф ба ақидаи аҳли салаф эълон дошта, пайгирона бо он мубориза мебурданд ва сабаби зуҳури ин фирқаро, ба гуфти Ибни Халдун, аз дарк накардани санъати каломе донистаанд, ки қоим ба нафс аст ва аз ин рӯ, ба махлуқ будани Қуръон ҳукм карданд".[146] Яъне каломи "Қуръон"-и нафсиро дарк накардаанд.

[146] Абдураҳмон, ибни Халдун. Муқаддимаи ибни Халдун [Матн] / Халдун А.И // Мутарҷим Муҳаммад Парвини Гунободӣ. Баргардонкунанда аз форсӣ Нурмуҳаммад Амиршоҳӣ. -Душанбе.: Саредаксияи ЭМТ, 2019. Ҷ.2. -С. 928

Асли дуюме, ки муътазила таълимоти худро бар пояи он устувор сохтаанд, адл аст. Ба ақидаи ин фирқа, адли Худованд зарурӣ буда, он бояд дар пояи ақлу ҳикмат устувор бошад. Ин маънои онро дорад, ки феъли Худованд бояд бо дарназардошти манфиати башар сурат гирад ва Ӯ маҷбур корҳоро чуноне ба анҷом расонад, ки ба нафъи бандагон бошад ва онро зарурати ба исбот расонидани адли илоҳӣ тақозо мекунад. Бояд гуфт, ки назарияи озодии инсон, озодии иродаи ӯ дар феълу рафтори хеш аз ҳамин асли тавҳид баромадааст, зеро агар ҳамаи феълу рафтори баду неки инсон бар асоси тақдири пешакӣ муайяншудаи худ ягон чорае надошта бошад, ӯро барои гуноҳ ҷазо додан ё худ ба куфру илҳод айбдор намудан барои инсон зулм аз ҷониби Худованд аст.

Аз ин рӯ, тақозои адли Худованд он аст, ки ба инсон озодӣ ва ихтиёри мутлақро дода бошад ва дар феълу рафтори ӯ дахолате накунад. Дар навбати худ инсон низ ба ҳама гуна феълу рафтори хеш масъул аст. Ҳамин тавр, аз нигоҳи қадариён ва муътазила инсон офарандаи феълу рафтор ва тақдири хеш аст. “Лекин онҳо дар фарзи ин асл пок гардонидани Худовандро аз аҷзу нотавонӣ ба назар гирифта, гуфтаанд: “Ин офаридани афъол аз қудрату рафторе маншаъ мегирад, ки Худованд онро халқ карда, ба бандааш ато намудааст. Пас Ӯ атокунанда буда, бар салби он чӣ ато кардааст, қудрати комил дорад ва он чӣ додааст, ба хотири камол ёфтани таклиф додааст”.[147]

Хулоса, бар хилофи таълимоти ислом, ки инсон “абд”, ғуломи Худованд аст, муътазила чун қадария озодии иродаи инсонро аз тариқи ворид намудани ақлу ҳикмат дар тафсири Қуръону суннат тарғиб мекард, ки аз ҷониби салаф ва аҳли суннат, ки худро идомадиҳандаи ақоиду афъоли салаф медонистанд, мавриди танқиду таъқиб қарор гирифтанд.

[147] Имом, Муҳаммад Абузаҳра. Абӯҳанифа: Зиндагӣ, рӯзгор, андеша ва фиқҳи ӯ [Матн] / Абузаҳра И.М // Тарҷума аз забони арабӣ А. Ализода. –Душанбе.: Ирфон, 1990. –С.174.

Дар мавриди ваъду ваъид бошад, муътазилиён чунин ақида доштанд, ки содиркунандаи гуноҳи кабира, то замоне ки тавба накунад, сазовори мағфирати Худованд намегардад, вале дар мавриди асли мартабае байни ду мартаба андешаи аҳли эътизол чунин аст, ки агар шахси муъмин муртакиби гуноҳи кабира бошад, дар байни имон ва куфр қарор мегирад, ӯ на кофири мутлақ ва на муъмини мутлақ аст.

Аммо, ба андешаи мо, яке аз сабабҳои ба вуҷуд омадани баҳсҳо доир ба зот ва сифати Худованд ин ихтилофнок баён ёфтани баъзе масоил дар Қуръон мебошад. Ҳарчанд мутакаллимон ин ихтилофотро дар надонистани маънои ботинии оятҳо тафсир додаанд, аммо бояд гуфт, ки дар замони зуҳури муътазила чунин тафсирҳо ҷой надоштанд. Кӯшиши дарёб кардани маънои ботинии оятҳо аз ҷониби илоҳиётшиносон баъдан сурат гирифтааст, ки яке аз онҳо Абуҳомиди Ғаззолӣ буд. Воқеан дар Қуръон оятҳои муташобеҳе вуҷуд доранд, ки ба зоту сифоти Худованд мансуб буда, боиси пайдоиши баҳсҳо миёни мардум гаштаанд. Масалан, дар бисёр оятҳои Қуръон Худованд баъди амалеро иҷро намудан, дар Арш мустақар мешавад, ки ба инсон шабоҳат доштани Ӯро ба хотир меорад, ба монанди [20:5]; [25:59]; [57:4] ва ғайра. Ё худ нақл дар бораи аз Худо-падар тавассути Рӯҳулқудс ҳомила шудани Марями бокира ва тавлид ёфтани Худо-писар Исои Масеҳ [19:17-30], ҳарчанд бо мақсади ба мардум нишон додани қудрату тавоноии Аллоҳ баён ёфтаанд, вале дар онҳо шабоҳати Худованд ба инсон, ки хоси динҳои бисёрхудоии антропоморфӣ буд, ба мушоҳида мерасад, ки ихтилоф ба асли тавҳиди исломӣ дорад.

Ҳамин тариқ, баҳс дар атрофи зот ва сифоти Худо сабаби пайдоиши илми калом гардида, ба масъалаи муҳими он табдил ёфт. Фаҳмишҳои мухталиф доир ба сифоти Худо, ки аз Қуръону суннат бармеояд, боиси зуҳури фирқаҳои мухталиф гардиданд.

Бояд зикр кард, ки муътазила ҳамаи масъалаҳоро дар асоси ақл таҳлилу баррасӣ намуда, масъаларо ҳамон вақт мепазируфт, ки он ба ақл созгор ояд. Ба ақидаи муҳаққиқон баҳсҳои ақлӣ аз ҷониби муътазилиён ва дигар фирқаҳои ақлгаро бо сабабҳои гуногун ба вуҷуд омадаанд. Масалан, ба ақидаи Имом Муҳаммад Абузаҳра пайдоиши баҳсҳои ақлӣ аз ҷониби муътазила чунин сабабҳо дорад:

а) “Истиқомат дар Ироқу Форс. Дар ҳақиқат онҳо дар ин ду макон ба боқимондаҳои маданияту фарҳангҳои қадимӣ бархӯрдор буданд;

б) Ғайриарабӣ будани сулолаи онҳо. Дар ҳақиқат бисёре аз онҳо аз маволӣ буданд;

в) Мавқеъ дар радди мухолифин;

г) Таъсири афкору андешаҳои файласуфони куҳан ба онҳо.

Ҳамчунин, омезиш ёфтан бо яҳудиён, насрониён ва дигарон, ки ҳомилону ноқилони ин навъ андешаҳо ба ҷомеаи араб буданд”.[148] Вале, чуноне ки дар боло ёдрас намудем, сабаби зуҳури фирқаҳо ба мисли қадарияю муътазила на танҳо дар зери таъсири афкори фалсафаи қадими юнонию форсӣ ва динҳои пешазисломӣ, ҳамзамон вуҷуд доштани таноқузҳо дар Қуръон низ буд, ки хоҳ-нохоҳ баҳсҳои каломиро ба миён меовард.

Ҳарчанд мутакаллимони аҳли суннату ҷамоат муътазиларо аз бидъаткорон шуморидаанд, аммо баъзе имомон ба мисли Абузаҳра онҳоро аз муҳофизони ислом низ меноманд. Ба ақидаи Ӯ, дар аҳди Уммавиён баъзе тоифаҳо ба мисли маҷус, собиа, яҳуд, насронӣ ва дигарон исломро дар муҳите пазируфтанд, ки майнаҳои онҳо аз таълимотҳои динҳои пешина пур буд ва онҳо дар партави ҳамон эътиқодот исломро фаҳмиданд, вале онҳо аз тарси ҳокимон ақидаашонро пинҳон дошта, имонашонро зоҳир менамуданд. Афкоре, ки онҳо миёни мусулмонон паҳн мекарданд, исломро фосид месохт ва

[148] Имон, Муҳаммад Абузаҳра. Ҳамон ҷо. –С.175

дарахти шинондаи онҳо бор овард. Дар натиҷа фирқаҳое бо номи ислом зуҳур карданд ба мисли муҷассима, мушаббиҳа, занодиқа ва ғайра, ки исломро хароб менамуданд. Бинобарон муътазила, ки илми маъқул ва манқулро медонистанд, ба муқобили ин гурӯҳҳо бархоста, исломро дифоъ намуданд. Усули панҷгонае, ки муътазилиён асоси таълимоти хеш қарор дода буданд, зодаи баҳсҳои тезу тунди онҳо бо мухолифонашон буд. “Тавҳиди мавриди эътиқоди онҳо... рад бар муҷассима ва мушаббиҳа, рад бар ҷаҳмия, ваъду ваъид, рад бар мурҷиа ва мартабае байни ду мартаба, рад бар ҳавориҷ, ки соҳиби гуноҳи хурд ва бузургро кофир мегӯянд, мебошад”.[149]

Аз ҷониби баъзе аз халифаҳои уммавӣ дастгирӣ ёфтани муътазилиён дар он низ буд, ки онҳо бидуни фитнаву ҷанг ва шамшер кашидан бо усули далеловарию қиёс ва хирадгарой андешаронӣ карда, афкори рақибони худро рад мекарданд. Масалан, Масъудӣ дар “Муруҷ уз-заҳаб” навиштааст: “Язид ибни Валид раъйи муътазиларо ҳамчун теғи бараҳнае тарафдорӣ ва ба сиҳати усули панҷгонааш эътиқод дошт”.[150] Халифаҳои аббосӣ низ муътазиларо ҳамчун теғи бараҳнае бар зидди куфру илҳоди фирқаҳои фавқуззикр истифода мекарданд. Халифа Маъмун муътазиларо ба ҳайси дини расмии хилофати худ эътироф намуд ва ҳатто аз фақеҳону муҳаддисон талаб мекард, ки навишта шуда будани Қуръонро қабул фармоянд. Касе аз ин ақида пайгирӣ намекард, мавриди ҷабру ситам қарор мегирифт. Ин ҳолат то замони халифа Мутаваккил идома ёфт ва ӯ муътазиларо аз қудрати идеологӣ барканор кард ва ба фақеҳону аҳли ҳадис имконият фароҳам овард, ки бо муътазилиён ба мубориза бархезанд, зеро таълимоти онҳо дар бораи сифатҳои Худо ва махлуқ донистани Қуръон на танҳо руҳи арабии исломро мешикаст, ҳамчунин метавонист эътиқоди мусулмононро ба ислом заиф созад.

---

[149] Имом, Муҳаммад Абузаҳра. Ҳамон ҷо. -С. 176-177
[150]Имом, Муҳаммад Абузаҳра. Ҳамон ҷо. -С. 177

Оқибат муътазилиён дар байни ду душмани қавӣ - фуқаҳою муҳаддисин ва фирқаҳои ба ном куфру илҳод ба мисли зиндиқиёну муҷассимиён ва ғайра қарор гирифтанд, ки вазъи ононро душвор сохт. Бо вуҷуди дар ҳимояи ислом бар муқобили фирқаҳои ба ном куфру илҳод мубориза кардан сабаби мавриди бадбинии фирқаҳои аҳли ҳадис қарор гирифтани муътазилиён дар он буд, ки муътазилиён дар масъалаи фаҳмиши ақидаи динӣ, бахусус сифоти Худо бо салафи солеҳ ихтилоф доштанд. Ҳамон салафи ба ном солеҳ, ки аз қавми араби ҷоҳилу бесаводи бодиянишин буданд ва аз мантиқу фалсафа огоҳӣ надоштанд. Дигар ин ки, муътазилиён дар шинохти ақида сирф аз ақл истифода мебурданд. Зиёда аз ин, онҳо худ бештар аз аҳли тақвою риёзат буда, ҳарису хасис набуданд ва фақеҳону муҳаддисони ҳарису бетақворо мазаммат мекарданд, ки боиси бадбинии онон гаштанд. Бадбинию муқобилияти аҳли ҳадису фақеҳон нисбати муътазилиён то ҷое шиддат гирифт, ки Имом Муҳаммад ибни Ҳасани Шайбонӣ аз паси онҳо намоз хонданро бо фатвои худ манъ кард, Имом Абуюсуф онҳоро зиндиқиён номид ва Имом Молик шаҳодати онҳоро қабул надошт. Хулоса, аҳли суннат муътазиларо навъе аз бидъатҳо шуморида, дар ҳамбастагӣ ба муқобили ҳамаи фирқаҳои ба ном куфру илҳод бархостанд ва “касе ки бад-ин манзур эътимод варзид, шайх Абулҳасани Ашъарӣ - пешвои мутакаллимон буд, ки ҳадди васати туруқи мухталифро баргузид ва ташбеҳро рад кард ва сифоти маънавиро ба исбот расонид ва дар бораи танзеҳ ба ҳамон мизоне, ки салаф онро маҳзур карда буданд, иктифо кард ва адиллаи мухассиси ӯро гувоҳ шуданд, аз ин рӯ, сифоти чаҳоргонаи маънавӣ ва шунидану дидан ва каломи қоим ба нафсро ба тариқи ақлу нақл исбот кард ва дар ин бора ба радди куллияи ақоиди бидъатгузорон пардохт”.[151]

---

[151] Абдураҳмон, ибни Халдун. Муқаддимаи ибни Халдун [Матн] / Халдун А.И // Мутарҷим Муҳаммад Парвини Гунободӣ. Баргардонкунанда аз форсӣ Нурмуҳаммад Амиршоҳӣ. -Душанбе.: Саредаксияи ЭМТ, 2019. Ҷ.2.- С.928

Ашъария таълимоти динӣ-фалсафӣ, яке аз мактабҳои калом аст, ки аз ҷониби Абулҳасан Алӣ ибни Исмоили Ашъарӣ дар садаи X асос гузошта шудааст. Ашъарӣ дар ибтидо пайрави муътазила буд. Аммо баъди шиносоии амиқ бо ҳадисҳои пайғамбар аз муътазила рӯй тофт ва мактаби каломии худро таъсис дода, бо истифода аз усули далоили муътазила, ки такя ба ақл мекард, бар зидди муътазила осори зиёд эҷод намуд ва хусусияти хоси мактаби каломии ӯ ин ҳимояи аҳли сунат ва асҳоби ҳадис мебошад. Аз ин рӯ, таълимоти ӯро намояндагони аҳли ҳадис ба сабаби хусусияти ақлгароӣ доштанаш дар аввал қабул накарданд, вале мактаби каломии ӯ минбаъд асоси назариявии мазҳаби сунниро ташкил дод. Ӯ бисёр ақидаҳои мутакаллимони зоҳирпарасти пешин ва асҳоби ҳадисро низ қабул надошт ва кӯшидааст, дар калом як мактаби васатиро инкишоф диҳад, ки муросокорию мусолиҳатомезиро дар байни фирқаҳои гуногун, ки аҳли суннат онҳоро хилофи ақоиди салаф дониста, бидъат меномиданд, ба вуҷуд орад. Ашъарӣ барои ташаккул додани чунин мактаб низ ақлу мантиқро ба кор гирифтааст. Ӯ нақши ақлро дар шинохти ҳодисаҳо инкор намекард, вале ақидаи муътазиларо низ доир ба мақоми ақл қабул надошт.

Ӯ чунин меҳисобид, ки ба ақл арзиши мутлақро қоил будан сабаби маҳви дин мегардад, зеро чунин равиш имон ба ғайбро заиф сохта, афзалияти ақлро бар дин нишон медиҳад. Ӯ ақидаи ҷабрияи сунниро бо озодии иродаи муътазила созиш дода, назарияи касби ихтиёр, яъне озодии иродаро бо усули ба худ хос эҷод намудааст. Ӯ ақидаи қадария ва муътазиларо дар хусуси он ки инсон соҳиби ихтиёр ва қудрати офаридани кирдори хеш аст, қабул намуда, таълимоти ҷаҳмияро, ки рафтору фаъолияти инсонро пурра вобастаи иродаи илоҳӣ медонист, рад карда, дар айни замон, таъкид менамояд, ки қудрати офарандагии инсон хориҷ аз зоти ӯ буда, аз қудрати илоҳӣ сарчашма мегирад. Гӯё маҳз ҳамин қудрати илоҳие, ки ба ӯ интиқол ёфтааст, инсонро водор месозад,

ки тасаввур намояд, ки ӯ соҳиби ихтиёру озодии ирода аст ва дар офаридани рафтору кирдори хеш мухтор мебошад.

Ашъарӣ назарияи касбро пешниҳод намуда, кӯшидааст, ки миёни ин имконияти фаъолияти инсон ва амали анҷомдодаи ӯ робитае барқарор созад, вале ин робитае, ки ӯ миёни ду падида барқарор сохтани шудааст, воқеӣ нест ва дар натиҷаи таъсири мутақобилаи онҳо ба вуҷуд намеояд, балки хоси зоти Худованд буда, аз қудрати Ӯ бармеояд. Ӯ бо пешниҳоди назарияи касб кӯшиш кардааст, ки бо ҳимояи ақида ба ирода ва қудрати фарогири Худованд ҷойе барои он чи аз худи одамӣ бармеояд ва ба асли таклиф ва савобу иқоб маъно мебахшад, боз кунад. Ашъарӣ як фасли китоби “ал-Ламъа”-ро ба исботи мутлақ будани ирода ва қудрати илоҳӣ, ки  дар низоми каломии ӯ хостарин сифатҳои Худованд ба шумор рафтаанд, бахшидааст. Бино ба ақидаи ӯ, ҳама чиз ба иродаи Худованд пайдо мешавад. Аз ин рӯ, афъоли инсонҳо низ, чи нек ва чи бад аз доираи иродаи ӯ берун нестанд. Нисбат додани бадиҳо ба ғайри Худо ширк мебошад”.[152]

Аз ин ақидаи Ашъарӣ бармеояд, ки инсон қудрату фаъолияти хешро аз Худо касб мекунад ва дар асл соҳиби ихтиёру иродаи хеш набуда, бозичаи иродаи илоҳӣ мебошад. Чунин тарзи ҳалли масъала ақидаи ҷабарияю ҷаҳмияро дар бораи сарнавишти мутлақ на танҳо маҳдуд намесозад, балки онро бо усули ба худ хос дар шакли дигар тақвият медиҳад. Он чӣ Ашъарӣ дар масъалаи ихтиёри инсон қоил аст, дар асл як ақидаи хаёлӣ буда, дар ташаккули инсони бемасъулияту худношинос мусоидат менамояд, яъне инсони ғайрифаъоли тақдирпараст. Бо эҷод кардани чунин навъи мактаби каломӣ, ки як таълимоти васатӣ миёни равияи суннӣ, ки аз салаф пайравӣ мекарданд ва таълимоти фирқаҳои ақлгаро, ки аз нигоҳи аҳли суннат

[152] Муаллифон. Таърихи фалсафаи тоҷик [Матн] / Ҷилди 3. –Душанбе.: Дониш, 2021. -С.153.

бидъатгузорон дар исломанд, мебошад, аслан дар ҳимояи таълимоти тавҳиди исломӣ баён шудааст.

Ҳамчунин Ашъарӣ дар робита ба ҳимояи тавҳид ташбеҳ (антропоморфизм)-и илоҳиётшиносони пешинаро, ки Худоро ба инсон шабоҳат медоданд ва таътили муътазиларо, ки сифоти Худовандро инкор мекарданд, рад менамояд. Қабл аз Ашъарӣ дар нимаи дуюми садаи IX мелодӣ пайравони аҳли суннат дар масъалаи ташбеҳ ба се гурӯҳ ҷудо мешуданд:

1) ҳанбалиён, ки мутлақо инсоншаклгирии Худоро инкор намуда буданд;

2) шохаи аҳли тасаннуни “ҳашовия”, ки оятҳои фарогири ташбеҳро ба сифати таҳтуллафзӣ мепазируфтанд;

3) “Куллобия”, ки аз равиши “ҷисмӣ, на чун ҷисмҳо” истифода мекарданд.

Аз гурӯҳи “куллобия” дар ҳудуди ним аср баъд каломи ашъарӣ ба вуҷуд омад ва гуфтори онҳоро бо равишҳои каломӣ тасдиқ намуд, ки баъдан ҳамин мазҳаб мазҳаби аҳли суннат ва ҷамоат шуд.[153]

Ашъарӣ чунин ақида дошт, ки ташбеҳ сабаби ширк овардан ба Худо ва таътил сабаби илҳод гардида, динро бо бидъатҳо олуда месозад. Дар баъзе оятҳои Қуръон Худованд ба сифоти инсонгуна тавсиф шудааст, аз қабили доштани чашм, даст, чеҳра, нишастан бар Арш ва ғ. Ашъарӣ дар китоби “ал-Ламаъ” ҳафт сифоти зотии Худовандро ном бурдааст, ки сифатҳои дигар ба онҳо бармегарданд: Олим, Ҳай, Қодир, Мурид, Мутакаллим, Самеъ ва Басир. Худованд ба ақидаи ӯ дорои ду гуна сифот аст, яке сифотест, ки аз ӯ ҷудо нест ва дигар сифотест, ки аз ӯ ҷудо аст ва қоим ба касе аст, ки аз он сифот сухан мегӯяд. Ба ақидаи ӯ, ҳамаи сифатҳои Худованд дорои ду ваҷҳанд.[154] Ашъарӣ сифатҳои зотии Худоро азалӣ медонад, зеро агар он азалӣ набошад, ба сифати салбӣ,

---

[153] Гарри, Австрин Вольсон. Фалсафаи илми калом [Матн] / Вольсон Г.А // Тарҷумаи Аҳмад Ором.-Теҳрон.: Ал-Худо. -С.38-39
[154] Абумусои, Ашъарӣ. ал-Ламаъ фи радд ада аҳли-л-зайғӣ ва-л-бидъӣ [Матн] / Алӣ А.. Бейрут.: Дору-л-кутубия, 1953. –С.6-10

зидди он табдил меёбад. Аз ин ҷост, ки сифатҳои қадим ва азалӣ фанонопазиранд. Пас, сифоти зотӣ тағйирнопазиранд. Бо ин усул Ашъарӣ сифоти Худовандро ба зотӣ ва феълӣ (халқ, ризқ, адл ва ғ.) ҷудо карда, сифатҳои феълиро қадим намеҳисобад.[155]

Дар баробари ин Ашъарӣ бо истифода аз далелҳои мантиқӣ кӯшидааст, ки ақидаи муътазиларо доир ба махлуқ будани Қуръон, ки хилофи ақидаи асҳоби ҳадис буд, рад намояд. Ба ақидаи Ӯ, каломи Худо ба мисли худи Ӯ қадим ва азалӣ аст. Ӯ ақидаи худро дар асоси фарқият гузоштан миёни каломи нафсӣ ва каломи ҳадис баён кардааст. Ӯ бо истинод ба суннати асҳоби ҳадис каломи Худоро аз сифоти қадим ва қоим ба зоти ӯ меҳисобад. Ба гуфти муҳаққиқ И. Саидов, Ашъарӣ зоти ҳайи Худовандро воҷиби ҳамаи сифатҳо, ба мисли калом ва илм ҳисобида, дар ҳамин замина кӯшидааст, ки каломи Худованд будани Қуръонро собит созад.[156] Хулоса, аз нигоҳи Ашъарӣ Қуръон зотан каломи илоҳӣ ба ҳисоб рафта, вале дар зоти худ амру наҳй ва хабар мебошад ва китобест, ки шомили ҳуруфу иборот буда, тавассути ваҳй ба пайғамбар расидааст, вале қоим ба зоти Худованд мебошад, ки Ашъарӣ онро каломи нафсӣ, меҳисобад ва худи Қуръонро каломи ҳодис, яъне таъбир ва тарҷумаи ҳамон каломи нафсӣ, ки сифати зотии Худост, мешуморад.

Ҳамин тариқ, Ашъарӣ бо истифода аз усулҳои мантиқии муътазила кӯшидааст, ки махлуқ набудани Қуръонро ба исбот расонад. Ашъарӣ ҳарчанд ақлу мантиқро дар исботи афкори худ ва радди рақибони ақидавиаш истифода кардааст, аммо аз муносибати бохирадонаи дарки ашё рӯ тофта, бо ҳамин мақоми ақлро дар шинохти дурусти олам маҳдуд месозад. Хориҷ сохтани ақлгароӣ аз ислом минбаъд замина барои инкори илму фалсафа гардида, дар ислом тақлид ва догматизмро роҳандозӣ менамояд. Ҳарчанд таълимоти ӯ, ба хусус

---

[155] Абумусои, Ашъарӣ . Ҳамон ҷо. -С. 11-12
[156] Таърихи фалсафаи тоҷик [Матн] / Ҷилди 3. –Душанбе.: Дониш, 2021. -С.150

назарияи ихтиёри ӯро ҳанӯз мутафаккирони асримиёнагӣ ба мисли Насриддини Тӯсӣ танқид карда буданд, вале афкори илоҳиётии ӯро Абӯбакри Боқилонӣ, Абулисҳоқи Исфароинӣ, Абдулмалики Ҷувайнӣ, Муҳаммад Ғаззолӣ, Фахриддини Розӣ, Шаҳристонӣ ва дигарон тақвият дода, принсипи офариниши оламро ҳимоя ва азалияту абадияти онро рад карданд. Афкори ҳамаи онҳо, ки гӯё исломро аз олудашавӣ ҳифз мекард, дар асл принсипҳои сабабияту қонуниятро рад карда, ба паҳншавии таассубгароию хурофот мусоидат менамуд.

Вақте ки ашъаригароӣ дар тамоми кишварҳои суннимазҳаб густариш ёфт, ба илоҳиёти расмӣ табдил гардида, дар бозмондагии асримиёнагии ҷаҳони ислом ва ташаккули мафкураи догматикии карахт нақши муассир бозид. Ин нуктаро муҳаққиқ Н. Шаҳобиддинов хеле хуб эҳсос карда гуфтааст: “Ашъариҳо танҳо ба як хотир вуҷуд доштанд: пуштибонӣ аз дини ислом ва хитоби муқаддаси он. Аз чӣ пуштибонӣ менамуданд? Аз ҳар гуна огоҳие, ки решаи исломӣ надошт. Омилҳои хатар дар он рӯзгор фалсафаи Юнон, фалсафаи бостонии Эрон ва Ҳинд, илмҳое, ки инсонро ба огоҳӣ мерасонад ва ҳолати шаку шубҳаро дар онҳо ба вуҷуд меоварад, бахусус математика ва мисли онҳо. Ба тариқи умумӣ, онҳо муқобили дониш ва огоҳии густурда буданд ва шарти наҷоти дини мубинро дар тафаккури ноогоҳ ва догматикӣ медиданд...[157] Ахлоқе, ки мутакаллимони ашъарӣ ба вуҷуд оварданд, ахлоқи динӣ, хориҷ аз масъулиятшиносии инсон, дуршавӣ аз воқеият ва замон буд.

Ҳамаи мактабу фирқаҳои ақлгаро аз нигоҳи аҳли ҳадису суннат ва ашъариён ба куфр, бидъат бадном шуданд, ба мисли он ки имрӯз аз ҷониби салафиёни ифротӣ, ки даъвои “исломи ноб” доранд, ба куфру бидъат гунаҳкор карда мешаванд, аксари онҳоро чун аҳли сифотия гунаҳкор месозанд, вале худ бехабар аз он, ки аз аҳли сифатиянд, зеро сифатҳои худовандро воқеӣ медонанд ва ӯро инсоннамо тасаввур

---

[157] Шаҳобиддинов, Н. Дар сапедадами озодандешӣ [Матн] / Н. Шаҳобиддинов. - Душанбе, 2018. -С. 227-228

намуда, бештар аз дигарон сифатҳои инсониро ба ӯ хос медонанд. Масалан, Ибни Таймия чунин мешумурд, ки маънои “иставо” қарор гирифтан дар болои Арш чуноне аст, ки ман болои курсӣ нишастаам.[158] Ҳанбалия, ки равияи “аҳли ҳадис аст” ва имом Ҳанбал асосгузори он мебошад, таваҷҷуҳе ба “раъй”, “иҷтиҳод” ва дигар усули ақлонӣ надошт.

Дар китоби худ “Муснади Ибни Ҳанбал”, ки дорои 30 ҳазор ҳадис аст, ҳадисро меъёри асосии ҳуқуқи исломӣ дониста, ҳадисҳои заифро ҳам аз дигар сарчашмаҳои фиқҳӣ, афзал мешуморад. Ӯ мухолифи каломи муътазилиён баромад карда, дар даврони халифа Маъмуни муътазилӣ ба ҳабс гирифта шуда буд. Ӯ дар эътироз ба муътазилиён Қуръонро қадим ва вуҷуди сифатҳои зотию феълии худовандро таъкид месохт. Ин ҷиҳатро шогирдону пайравони ӯ Ибни Таймия ва шогирди Ибни Таймия Ибни Қайим инкишоф доданд. Ӯ дар ҳадис чунон муболиға кард, ки ҳатто баъзе бузургони ислом ӯро муҷтаҳид нахонданд, масалан Табарӣ ва Надим. Дар воқеъ, ҳам санадҳое, ки ӯ чун асли аҳкоми шаръӣ меовард, ба он аслҳое такя мекарданд, ки ӯро ногузир хориҷ аз муҷтаҳидин қарор медод, мисли китоб-уллоҳ, суннати расулуллоҳ, фатовии саҳоба, қавли баъзе аз асҳоб, ки мувофиқи китоб бошад. Баъдтар ин усулро салафии дигар дар асри XVIII Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб идома дод ва ақидаҳои худро бар мазҳаби ҳанбалӣ устувор сохт. Ибни Ҳанбал ҳарчанд ошкоро зидди ақлгароӣ ва мухолифи каломи муътазила буд, бо вуҷуди он дар зарурат аз калом истифода карда, сифатҳои худовандро асоснок намуда, бар ривоҷи сифотия пояи устувори фиқҳӣ гузоштааст ва ин ҷараён чунин сурат гирифт, ки ҳамаи салафиҳо, чӣ гузаштаю чӣ имрӯза аз аҳли сифотия гардиданд. Онҳо сифатҳои илм, қудрат, ирода, самъ (шунавоӣ), басар (биноӣ) ва калом (сухани Худованд)-ро азалӣ донистаанд ва худро ба муътазила, ки ин сифатҳоро инкор мекарданд, муқобил гузоштаанд. Ақидаҳои онҳо аз

[158] Алиакбари, Вилоятӣ. Доират-ул. Маориф-ал-исломия [Матн] / Вилоятӣ А.-Теҳрон.: Амири кабир. Ҷ.1. -С. 491-492.

бисёр ҷиҳат ба таълимоти ашъариҳо мушобеҳанд ва ба ҳамин сабаб ҳам бисёр муҳаққиқон ин се гурӯҳро ба сифотия ва аҳли салаф марбут медонанд.

Ҳатто баъзе аз салафиҳо сифатҳои хабария мисли даст, рӯй (ваҷҳ)-ро ба Худованд ҷоиз медонанд ва таъкид кардаанд, ки ин сифот дар шаръ (китобу суннат) омадааст ва ба ҳамин сабаб онҳоро сифоти хабария медонем. Онҳо дар бораи ташбеҳ ба сифатҳои Худованд то ба ҳадде муболиға кардаанд, вале ин ташбеҳро дуруст шуморида, дарки моҳияти онҳоро номумкин медонанд ва барои дурустии ин ақидаашон аз Қуръон мисол меоваранд. Масалан, "Вай бисёр Бахшандаи мустақар бар Арш аст" [20:5]; "(Худо) гуфт: "Эй Шайтон, чи чиз туро аз он боздошт, ки ба чизе саҷда кунӣ, ки (онро) бо ду дасти худ офаридаам?" [38:75]; ва ғайра. Онҳо чунин гӯянд, ки ин сифатҳоро эътироф карда, аз рӯи ақл чунин мешуморем, ки Худоро мислу монанд нест ва ҳеҷ ҷузъе аз офаридагонро ба ӯ ташбеҳ натавон кард. Пас, ин гуфтаҳои Қуръон аз тасаввури инсонӣ хориҷ мебошанд. Бо вуҷуде, ки чун ин сифатҳо дар китоби Худованд омадаанд, пас мо бояд ба онҳо эътиқод кунем, яъне дар асл онҳо ба ин сифатҳо эътиқодманданд. Ҳатто гузашта аз ин баъзе салафиҳои асрҳои баъдина чунин шуморидаанд, ки ин сифот бояд бар зоҳираш ҳамл карда шавад, яъне зоҳири он дар назар дошта шавад ва бо ин ақидаашон ба аҳли зоҳир пайвастанд. Парастишҳои зоҳирии ин сифот дар асоси Қуръон аҳли салафи қадимро водор сохта буданд, ки назари онҳоро қабул намуда, пурсишро аз чигунагии онҳо бидъат донанд.

Анас ибни Молик оятҳои дар боло зикршударо ба маънии зоҳирии онҳо қабул дошта, таъкид кардааст, ки маънии онҳо ба мо маълум аст, вале чигунагии онҳо номаълум (маҷҳул) ва имон ба онҳо воҷиб ва савол аз он бидъат аст. Пас, ҷустуҷӯ ва таҳқиқи чигунагии онҳо барои аҳли салаф нораво бошад.[159]

[159] Муҳаммадҷаводи, Машкур. Фарҳанги фирақи исломӣ [Матн] / Машкур М.-Теҳрон.: Илм ва фаранги Теҳрон, 1387. -С.301.

Салафиён дар ин маврид ҳам мавқеи зидди хирадгароиро ишғол намуда, ба зоҳири оятҳо эътибори асосӣ медиҳанд. Масалан, ибораи “лайса камислиҳи шайъун”. Ибора барои аҳли салаф исботи набудани ҳеҷ чизи ҳаммонанди Худо мебошад. Бо вуҷуди ин аҳли салаф эътиқодманди он буданд, ки оёти муташобеҳа каломи Худо буда, ҳукми онҳо дуруст аст, вале ковиш дар онҳо, таъвилу тафсири маънои онҳо дуруст нест. Аксари аҳли салаф кӯшиш кардаанд, ки ба воситаи оятҳои мухолифи ташбеҳ, масалан оёте, ки дар онҳо ҷузъи бадан, мисли даст, по, сурат омадаанд, шарҳ дода гӯянд, ки ин оёт нишон медиҳанд, ки Худо бадане дорад, ки шабеҳи баданҳо нест.[160]

Аммо мисли кадом бадан аст? Ба ин савол салафиҳо на танҳо ҷавоб додан намехоҳанд, балки онро нодуруст ва бидъат мешуморанд. Онҳо дар ин ақидаанд, ки Худо бо ҳеҷ махлуқи худ шабоҳат надорад, вале аз ҷисм надоштани Худо на дар Қуръон ва на ҳатто дар дигар китобҳои динҳои сомӣ, мисли китобҳои Аҳди қадиму ҷадид чизе гуфта нашудааст. Пас, аҳли салаф аз муҳокимаи ин масъала дур шуда, нишон медиҳанд, ки ба онҳо ақлгароӣ, ҷустуҷӯ ва муҳокимаҳои хирадгароёна хос нестанд.

Аҳли салаф бошанд, ҷисм доштани Худоро эътироф доранд, вале онро ба мисли ҷисмҳои махлуқи Худо намедонанд. Дар ҳар сурат онҳо низ аз аҳли сифотия ҳастанд, ҳамчунон ки Тертулиани масеҳӣ эътироф дошт, ки Масеҳо дар дор чормех карда шуд, дубора зинда гардида, ба осмон рафт. Ӯ ба ин эътиқод дорад, ҳарчанд он мухолифи ақл аст. Салафиҳо ба ин гуфтаҳои Тертулиан ҳамраъйанд. Дар ҳар сурат дар ин ҷо низ аҳли салаф бо соддагии баёнашон, бо хусусияти иртиҷоӣ доштани ақидаашон, карахтии мавқеашон, аз илму ҷустуҷӯҳои илмӣ дур буданашон аз дигар равияҳо фарқ мекунанд. Ҳатто онҳо кӯшиш

[160] Абуханифа. Ал-фикх-ал-акбар [Текст] / Абуханифа // Пер. А.В. Смирнова. Вестник РГГУ. Вып.4. Восток.: Наследство. -М.: РГГУ.2000. -С.52-53

накардаанд, ки “бадане ғайри мушобеҳи баданҳо”-ро аққалан аз рӯи тамоили фиқҳӣ шарҳ диҳанд.

Дар фиқҳ ҳамчунон маълум аст, ки баъзе чизҳое, ки бо ҳам монанд нестанд, вале аз рӯи таъсиру амалашон монананд, дорои як ҳукм мегарданд. Масалан, нӯшидани хамр манъ шудааст. Хамр оби ангур аст, вале ин ҳукм ба набиз - шароби хурмо низ ҷорӣ аст, зеро миёни онҳо тамсил вуҷуд дорад ва асоси он тамсил маст кардани ин ҳар ду аст. Вале аҳли салаф ба зоҳирпарастӣ ва анъанаи пешиниён маҳдуд шуда, ҳатто талош накардаанд, ки чун фақеҳони дигари аҳли суннат ва ҷамоат ба муҳокимаи масъала бипардозанд.

Ҳамин тариқ, бо такя ба ақидаву амали се насли мусулмонони исломи ибтидоӣ мубориза бурдани аҳли суннат барои аз олудасозӣ (навоварӣ) ҳифз намудани ислом оқибат инкори фалсафаю ақлгароиро дар ислом ба бор овард, ки минбаъд мусулмононро ба ҷои навҷӯӣ ба тақлидкорӣ ҳидоят намуда, ҷаҳони исломро аз тараққиёт боздошт. Аслан чунин тарзи биниш ба олам аз ҳамон ҷаҳонбинии бозмондаи мардуми саҳронишин, ки дар Қуръону суннат инъикос ёфтааст, сарчашма мегирад. Бозмонии мусулмонон дар сатҳи асримиёнагӣ дар ҷаҳони нав ба қудратҳои ҷаҳонӣ имконият дод, ки олами мусулмониро ба мустамликаи хеш табдил диҳанд ва имрӯз низ онҳо бо истифода аз ин хусусияти ислом ва тавассути ҳаракатҳои сиёсӣ-динии ифротӣ, ба мисли ҷараёни салафия кӯшиш доранд, ки мардумони кишварҳои мусулмониро динзадаву хурофотӣ ва ифротӣ сохта, дар ҳолати бозмондагӣ ва ба худ вобаста нигоҳ доранд. Вале маврид ба ёдоварист, ки ихтилофи аҳли суннату салафия ба фалсафаю ақлгароӣ танҳо дар пайравӣ ба биниши се насли мусулмонони исломи ибтидоӣ маҳдуд намешавад, ҳамчунин сарчашмаи ақидавии онро муносибати ислом ба фарҳанг, ба вижа фарҳанги миллӣ, ташкил медиҳад, ки мо имрӯз инро дар фаъолияти назариявию амалии салафияи ифротӣ ошкоро мушоҳида мекунем.

# БОБИ II. МУБОРИЗАИ САЛАФИЯ БО АҚЛГАРОӢ ВА ИЛМУ ФАЛСАФА

## 2.1. Ихтилофи  салафия ба фарҳанги миллӣ

Ҳанӯз аз ибтидои густариши ислом дар кишварҳои ғайриараб аҳли салаф ба фарҳанг, ба вижа, фарҳангҳои миллӣ муносибати иртиҷоӣ доштанд. Дар замони муосир ин падидаи зиддибашарӣ ва зиддитамаддуниро ҷараёни салафияи ифротӣ ба таври ошкоро идома медиҳад. Бинобар он, нишон додани муносибати ислом ба фарҳанги миллӣ, фарҳанг умуман, дар ошкор сохтани чеҳраи иртиҷоии салафияи ифротӣ, ки даъвои бозгашт ба "исломи ноб"-и замони аҳли салафро дорад, ёрӣ расонида, робитаи ақидавии салафияро бо таълимоти исломи ибтидоӣ ва биниши се насли мусулмонони он давра доир ба фарҳанги миллӣ нишон медиҳад, зеро дини ислом аз ибтидои густаришаш ба минтақаҳои Эрону Хуросони Бузург нисбати фарҳанги миллӣ муносибати таҳаммулнопазир ва тундгаро дошт. Давлати миллӣ, ки дар муқоиса бо низомҳои сиёсии исломӣ табиатан моҳияти дунявӣ дорад ва тоҷикон дунявиятро ба ҳайси низоми сиёсии давлати хеш қабул кардаанд, ҳифзу рушди фарҳанги миллӣ дар устувориву таҳкими давлатдории миллӣ нақши муҳим мебозад, зеро маҳз фарҳанги миллӣ таҷассумгар ва муаррификунандаи миллат буда, эҳтиром ва ҳифзу рушди он моро аз бегонапарастӣ ба худшиносӣ ҳидоят намуда, ҳувийяти миллиро ташаккул медиҳад, ки яке аз пояҳои устувори ҳифзи давлати миллӣ буда, ба таҳкими давлатдории миллӣ мусоидат менамояд. Аз ҷониби дигар, дар зиндагии ҳаррӯза ва дар мафкураи аҳли ҷомеа мақоми хос пайдо кардани арзишҳои миллӣ муқовимате ба паҳншавии ақидаҳои бегонаи динии ифротӣ ва ҷалби ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротгарои динӣ низ мебошад.

Таҷрибаи талхи мо дар тӯли асрҳои миёна низ собит сохт, ки яке аз сабабҳои заиф гардидани худшиносии миллӣ ва дар ин замина сукути давлатдории миллии мо дар зери таъсири исломи фаромиллӣ, ки хусусияти сирф арабӣ дошт ва ҷойгоҳи меҳварӣ касб кардани арзишҳои ғайримиллӣ дар зиндагию мафкураи миллӣ мебошад, ки дар мо

худбохтагию бегонапарастиро тақвият бахшиданд. Бо такя ба таълимоти ислом доир ба фарҳанги миллӣ мавқеи тундгароёна ва миллатситезӣ доштани рӯҳонияти тоҷику форс нисбати фарҳангу таърихи тоисломии мо ба ҳама чун оина равшан аст. Чунин мавқеъ доштани онҳоро нисбати таъриху фарҳанги хеш имрӯз низ дар навиштаҳои онҳо тавассути нашри китобу матбуот ва шабакаҳои иҷтимоӣ дар интернет пайваста мушоҳида мекунем. Ин ҳолатро муҳаққиқи муосири эронӣ Амирҳусайни Лодан хеле хуб ба қалам додааст: "Зиддияти арабгароён бо таърих, фарҳанг ва забони эронӣ таи чаҳордаҳ қарни гузашта барқарор буда, идома дорад. Ҷомеаи рӯҳоният ба намояндагӣ аз ин фалсафаи зиддиэронӣ қарнҳост таърихи моро таҳриф карда, фарҳангамонро олуда намуда ва забонамонро арабзада карданд.[161]

Буҳрони ҳувиятию худбохтагие, ки дар зери таъсири арабу ислом ва рӯҳонияти он тӯли XIV қарн миллатҳои эронитабор, бахусус тоҷикон, аз сар гузаронидаанд, ҳатто аз ҷониби баъзе аз рӯҳониёни ашадии исломӣ ба мисли Муртазо Мутаҳҳарӣ ва Алии Шариатӣ, ки яке аз назарияпардозони Ҷумҳурии исломии Эрон буд, эътироф гардидааст ва он бояд барои рӯҳонияти муосири тоҷику форс ва ҳатто баъзе намояндагони табақаи ба ном "зиёӣ" мавриди таваҷҷуҳ ва ибрат бошад. Масалан, Алии Шариатӣ дар асараш "Бозгашт ба хештан" навиштааст: "Хештани бостонӣ дорем, моли давраи ҳахоманишӣ, давраи сосонӣ, давраи ашконӣ ва пеш аз онҳо... Хештанест, ки фосилаи тӯлонии қарнҳо пайванди моро бо онҳо гусастааст..., вале миллати мо он хештанро ба унвони хештани худаш ҳис намекунад ва қаҳрамонону шахсиятҳо, нубуғҳову ифтихороту асотири он давра дар миёни мардуми мо ҳаёт ва ҳаракату тапиш надорад, қайчии тамаддуни исломӣ омада ва байни хештани... мо фосилае андохтааст".[162]

---

[161] Аббоси, Солорӣ. Худосолорӣ ва дармондагӣ [Матн] / Солорӣ А. Теҳрон.: Намоди андеша, 1393. -С. 193/
[162] Ҳамон ҷо. -С.193

Ба шарофати истиқлолияти давлатӣ, ки истиқлолияти зеҳнӣ, бахши муҳими он аст, бори аввал маҳз Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон масъалаи бозгашт ба хештани худро на танҳо ба миён гузошт, инчунин худ пайваста барои эҳёи хештаншиносии бостонию арзишҳои миллии мо кӯшиши зиёд ба харҷ медиҳад. Аммо ин иқдомҳои пайвастаи ӯ дар роҳи эҳёи арзишҳои миллӣ ва мақоми шоиста касб кардани онҳо дар зеҳнияту зиндагии мо то ҳанӯз аз ҷониби баъзе аз гурӯҳҳои рӯҳоният ва ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ-исломии ифротии замони муосир дучори муқовимат қарор мегиранд.

Бинобар он, таҳқиқи мухтасару мушаххаси масъалаи муносибати ислом ба фарҳанги миллӣ ҳарчанд мавзӯи нав нест, вале он дар замони муосир дар робита ба гуфтаҳои боло аҳамияти хос касб менамояд. Ин масъала пеш аз ҳама масоили муносибату ҷойгоҳи ислом дар фарҳанги миллӣ, робитаи мутақобилаи онҳо ва тамоили тараққиёти ин ду падидаи иҷтимоӣ, яъне исому фарҳанги миллиро фаро мегирад. Азбаски ҳамаи ин масъалаҳоро дар доираи таҳқиқоти мазкур фаро гирифтан ғайриимкон аст, мо танҳо ба  масъалаи баррасии муносибати ислом бо фарҳанги миллӣ маҳдуд мегардем, зеро ин масъала имрӯз, дар замони истиқлолияти давлатӣ, ки ба эҳёи арзишҳои миллӣ ҳамчун заминаи маънавӣ-идеологии давлатдории миллию дунявӣ такон бахшид, баҳсҳоеро дар байни миллатгароёну дунявигароён ва исломгароён ба бор овард.

Доир ба ин масъала як қатор муҳаққиқони исломшинос, диншинос ва таърихи фалсафа корҳои илмӣ аҷом додаанд, ном бурдани онҳоро ин ҷо зарур намедонем. Вале аз байни онҳо бояд аз рисолаҳои  Е.Г. Яковлев ва Олег Грабар ёдрас шуд.[163] Аммо бо вуҷуди корҳои зиёди дар ин самт иҷро шуда дар онҳо масъалаи муносибати ислом ба фарҳанги миллӣ хеле нокифоя мавриди таҳқиқ қарор гирифта, асосан масъалаи муносибати

[163] Яковлев, Е.Г. Искуство и мировые религии [Текст] / Г.Е. Яковлев. -М.: Высшая школа, 1977. -С223, Олег Грабар. Формирование исламского искусства [Текст]/ Грабар О // Перевод с англ. Т.Х. Старолуб. -М.: ООО Садра, 2016. -С. 446

таълимоти ислом доир ба санъат ба таври умум таҳқиқ гардидааст. Бинобар он, масъалаи муносибати ислом ба фарҳанги миллӣ дар кулл, ба хусус ба фарҳанги тоҷику форс, то имрӯз аз нигоҳи диншиносии илмӣ мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор нагирифтааст.

Бояд ёдрас шуд, ки муносибати ислом ба фарҳанги миллӣ, пеш аз ҳама, аз муносибати он ба миллат маншаъ мегирад. Мусаллам аст, ки дар ислом (Қуръон) миллат ба маънои дин, роҳу равиш, кеш ва ғайра омада, танҳо як аломати умумӣ, яъне эътиқод ба Худои ягонаро дорад ва дар ислом умумияти таърихӣ-иҷтимоӣ, ки дорои ҳудуду аҳолии муайян, сохтори иқтисодиву фарҳанги мушаххас ва иттиҳоди сиёсии шаклгирифта, яъне давлат мавриди эътироф қарор намегирад. Масалан: “Эй мардум ба дурустӣ, ки шуморо аз як марду зан офаридем ва шуморо қавмҳо ва қабилаҳо сохтем, то ба якдигар шинос шавед! Ҳар оина гиромитарини Шумо назди Худо, парҳезгортарини Шумо аст, Худо донои хабардор аст” [49:19]. Ин матлабро ояти дигари Қуръон низ тасдиқ мекунад: “Ва дини кист накӯтар аз касе, ки рӯи худро ба Худо мутеъ сохт ва ӯ накӯкор аст: ва миллати Иброҳимро, ки ҳаниф буд, пайравӣ кард? Ва Худо Иброҳимро дӯст гирифтааст”[4:125].

Ба “миллати Иброҳим” мансуб будани пайравони динҳои тавҳидӣ, яъне яктопарастиро ояти дигари Қуръон низ тасдиқ менамояд: “Бигӯ: “Худо рост гуфт, пас миллати Иброҳимро, ки ҳанификеш буд ва аз мушрикон набуд, пайравӣ кунед!” [3: 95]. Дар ояти аввал “парҳезгор” ба маънои парҳез аз ширк, яъне шарик овардан ба Худо омадааст, ки дар бисёр оятҳои Қуръон ишора ёфтааст ва ҳамин тариқ умумияти эътиқодӣ, яъне эътиқод ба Худои ягона аз ҳама гуна умумиятҳои қавмию миллӣ ва нажодӣ боло гузошта мешавад. Дар ояти дуюм ва сеюм мафҳуми дину миллат бо ҳам айният дода шудааст, ки дар 15 ояти Қуръон ба ҳамин маъно омадааст.

Дар робита ба масъалаи фаҳмиши миллат дар таълимоти ислом яке аз намояндагони консепсияи “миллатгароии мусулмонӣ” Д.М. Азраф гуфтааст: “Омили асосии муттаҳидсозии халқҳои гуногун ба як миллати воҳид ин умумияти динӣ мебошад”.[164] Идеяи айнияти комил доштани умумияти динӣ ва миллии мусулмононро Муҳаммад Иқбол низ баён кардааст.[165] Ҳамчуноне ки мебинем, дар ин таърифҳо бахшида ба фаҳмиши миллат идеологҳои ислом дар пайдоиш ва ташаккули миллат нақши асосиро ба дин дода, динро аломати асосии миллат ҳисобида, вале нақши омилҳои этникӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, таърихӣ-иҷтимоӣ, забонӣ, сиёсӣ ва давлатро инкор кардаанд. Ба ақидаи онҳо, ин омилҳо танҳо дар заминаи умумияти эътиқоди одамон метавонанд дар пайдоишу ташаккули миллат нақш дошта бошанд. Аз ҳамин нигоҳ, яке аз идеологҳои “миллатгароии мусулмонӣ” М. Рафиуддин таъкид месозад, ки барои даст ёфтан ба идеали олии миллӣ эътиқоди амиқи умумӣ ба Худои ягона ногузир аст ва ин умумиятест, ки “фарқиятҳои забонӣ, нажодӣ, фарҳангӣ, таърих ва ҳудуди ҷуғрофиро ба ин идея, яъне яктопарастӣ тобеъ месозад ва халқ бо характери ягона ба миллати ягона табдил меёбад”.[166]

Ҳамин тариқ, таълимоти ислом дар бораи миллат хусусияти зиддиилмӣ ва зиддимиллӣ дошта, чунин тарзи биниш дар бораи миллат минбаъд нисбати фарҳанги миллӣ низ татбиқ гардида, ҳар кадом арзиши миллии халқҳои ғайриараб аз ҷониби исломгароён ҳамчун падидаи зиддиисломӣ шинохта мешавад. Аммо бояд таъкид кард, ки чунин тарзи фаҳмиши исломии миллат ҳамчун умумияти эътиқодии одамон ҳеҷ гоҳ наметавонад халқҳои гуногунро дар як миллати том муттаҳид созад. Дигар ин ки, дар худи ҷаҳони ислом мусулмонон на танҳо аз рӯи аломатҳои миллӣ, ҳамчунин аз рӯи эътиқоди динӣ ба равияю фирқа ва

[164] Azraf, D.M. National Character [Text] / D.M. Azraf // The Pakistan Phitosophical Journal. vol.v. 1961, №1, p.74
[165] Гордон-Полонская, Л.Р. Мусульманские течения в общественной мысли Индии и Пакистана, Критика мусулманского национализма. 2. гл. VII [Текст] / Л.Р. Гордон-Полонская.- М.: Наука, 1963. -С.213.
[166] Rafiuddin, M. National Character [Текст] / M. Rafiuddin // The Pakistan Phitosophical Journa. vol.v. 1961, №1, p.49

мазҳабҳои гуногун тақсим шудаанд ва дар тӯли таърих то ба имрӯз миёни онҳо низоъҳои мазҳабию этникӣ дар заминаи бархурди эътиқодҳо ба вуқӯъ пайвастааст, ки дар воқеъ вуҷуд доштани кадом як миллати ягонаи исломиро инкор мекунад. Гузашта аз ин, дар миёни аъзои як этнос, қавму миллат дар баробари диндорон метавонанд ашхоси бедин ё ҳеҷ набошад озодикр вуҷуд дошта бошанд. Бинобар он, дар заминаи эътиқоди динии ягона ташаккул додани миллати воҳид ғайриимкон аст.

Дар асоси назарияи исломии дину миллат, ҳатто замони хилофати араб, халқҳои гуногуни мусулмон наметавонистанд ба як миллати воҳид табдил ёбанд.

Дар садаи XIX ҳаракати панисломизм низ натавонист ин идеяро дар амал татбиқ намояд. Миллатҳои гуногун, ки дар ин давра аксарият соҳиби давлати миллӣ буданд, ин идеяро қабул накарданд ва панисломизм шикаст хӯрд. Дар замони муосир низ идеяи мазкурро, ки баъзе ҳаракатҳои сиёсӣ-динии ифротӣ, ба мисли салафия, Ихвону-л-муслимин, Ҳизбу-т-таҳрир ва ғайраҳо дар зери парчами бозгашт ба “исломи ноб”, “исломи бемазҳаб” тарғиб менамояд, ки як “назария”-и бепоя ва ғайриилмӣ мебошад. Хулоса, муносибати ислом ба фарҳанги миллӣ аз консепсияи миллат ва муносибатҳои миллӣ дар ислом бармеояд, ки онро раванди бедории миллии араб дар садаҳои VI-VII ва зарурияти бунёди давлати муттамарказ ва минбаъд хилофи араб ба вуҷуд оварда буд. Мусаллам аст, ки дини ислом охирин дини тавҳидӣ, яктопарастӣ мебошад, ки дар садаи VII мелодӣ дар Нимҷазираи Арабистон, дар қисмати марказии он Ҳиҷоз, ки минтақии аз ҳама бештар биёбони регзор ва хушку камоб буда, қабоили араб асосан тарзи ҳаёти саҳронишинии бадавӣ доштанд ва аз саводу маърифат дур буданд, ба вуҷуд омадааст.

Аз омӯзиши сарчашмаҳои исломӣ бармеояд, ки араб ҳарчанд аз динҳои халқҳои ҳамтабори худ - сомиён, аз ҷумла, дини Иброҳим

бохабар буд, вале аз динҳои дигар, бахусус, зардуштия ё маздоясно маълумоти дақиқ надошт. Аммо, бо вуҷуди ҳамин ҳам, вақте ки ислом ҳамчун идеологияи миллии араб зуҳур карда, манофеи геосиёсӣ ва геоиқтисодии арабро барои бунёди давлату хилофат (импература)-и вай таҷассум мекард, зарурияти муайян кардани муносибати ислом бо динҳои пешин ба миён омад, зеро муносибати ислом бо динҳои пешини хеш ва динҳои халқҳои дигарро муайян накарда, қабоили парокандаи арабро дар давлати ягона (умма) ва баъдан аз тариқи истилои кишварҳои дигар бунёд намудани хилофат ва аз зиндагии сахт наҷот додани араб ғайриимкон буд. Азбаски ин сиёсат дар зери парчами ислом сурат гирифт ва ислом дини муътабар дар назди Худо ва Муҳаммад хотиматуланбиё ба ҳисоб мерафт ва таъсиси хилофат истилои кишварҳои аҷамро тақозо мекард, бинобар он зарурияти аз нигоҳи шаръӣ асоснок кардани ин сиёсати ҳадафнок аз ҷониби арабро ба миён овард. Дар айни замон, ҳадафи мазкур, зарурияти бо ин ё он ҷурм куфру ботил эълон намудан, инкор кардани динҳои дигарро ба миён овард ва ин сиёсат дар Қуръону суннат аз номи Худои ягона ҳукми шаръӣ гирифт. Формулаи "дини муътабар дар назди Худо ислом аст," [3:19] пеш аз ҳама барои ба куфру ботил мансуб донистани дину эътиқодҳои тоисломии "замони ҷоҳилия" – и араб, ки воқеан аз динҳои бутпарастиву ширк иборат буданд ва дар асоси эътиқоди ягонаи динӣ (ислом) муттаҳид сохтани қабоили парокандаи араб дар як давлати воҳид аҳамияти хос пайдо кард.

Дар зери парчами дини тавҳидӣ таъсис додани давлати ягона ҳанӯз арабро аз зиндагии сахти саҳронишинӣ наҷот намедод. Аммо иттиҳоди сиёсии қабоили араб дар зери парчами дини нав дар давлати воҳид барои араби бадавии дар биёбон далеру ҷангҷӯ тарбия ёфта, ғасби кишварҳои ободу пешрафтаро ба мисли Эронзамин ва ғайра имконпазир мегардонид. Ба ҳамин сабаб, ҳанӯз аз ибтидои даъвату густариши ислом

нақшаи истилои кишварҳои Руму Форс дар Қуръон [48:21] ва сунат[167] аз номи Худованд ҳукми шаръӣ гирифт.

Ихтилофи ислом ба фарҳанги миллӣ аз муносибати он ба дини зардуштия бармеояд. Арзёбии зардуштия мувофиқи биниши ислом ин дар як вақт маънои собит сохтани ихтилофи ислом ба фарҳанги миллиро дорад. Зиёда аз ин, миёни Арабу Эрон аз қадим пайваста бадбинию низоъ ва кинаю хусумат вуҷуд дошт. Минтақаҳои ҷанубӣ (Яман) ва шимолӣ-ғарбии Нимҷазираи Арабистон, ки дар он ҷо қабилаҳои араб ҳаёти ниммуқиминишинӣ ва нимсаҳронишиниро паси сар мекарданд, дар зери нуфузи давлати Сосониён қарор доштанд. Илова ба ин, қабилаҳои араб баъзан ба минтақаҳои ғарбии марзҳои давлати Сосониён тохтутозҳои бебарор анҷом медоданд. Ҳамаи ин ба оташи кинаву хусумат ва низоъи арабу эрониён равған мерехт. Бинобар он, чуноне ки дар боло ишора шуд, нақшаи ғасби Эронзамин (Форс) аз ибтидо дар Қуръону суннат ҳукми шаръӣ гирифт ва оини зардуштия, бо вуҷуди дини тавҳидӣ будан, дар Қуръон ҳамчун дини дугароӣ (эътиқод ба ду Худо - Аҳуромаздо ва Аҳриман), (худоёни нуру зулмат) ба гурӯҳи динҳои ширк, ки хоси динҳои тоисломии араб буд, шомил гардид, зеро дини зардуштия дини расмӣ ва идеологияи давлати Сосониён буд. Аз ин рӯ, барои ғасб кардани давлати Сосониён ва ба ғулом табдил додани мардумони тоҷику форс тибқи таҷриба ва анъанаи таърихӣ бояд аввал идеологияи расмии ин давлат - зардуштия дини ботил дониста шуда, инкор мегардид. Ин нуктаро эроншиноси рус А.И. Колесников хеле хуб дарк карда, баҳои воқеъбинона додааст: “Муносибати мусулмонон (арабҳои мусулмон - Н.Қ.)-ро ба ҳамаи ғайримусулмонон дар сарзаминҳои истилогардида шароиту ҳолатҳои мушаххас муайян мекарданд. Баъзе аз ғайримусулмонон (яҳудиён ва насрониён) “аҳли китоб” ба ҳисоб мерафтанд, вале дигарон (зардуштиён) ба қатори мушрикон ва оташпарастон шомил карда шуданд. Бадбинии ислом

[167] Муҳаммад бини Юсуфи Кондҳлуй. Ҳаёту-с-саҳоба [Матн] / Кондҳлуй М.Б.Ю.-Бейрут.: Лубнон, 1999. Ҷ. 3. -С. 48.

нисбати зардуштия на дар хусусиятҳои таълимоти он (аз нигоҳи ақидаҳои меҳварӣ ислом ва зардуштия ихтилоф надоштанд - Н.Қ.), балки дар дини расмии давлати Сосониён будани он буд, ки тӯли садсолаҳо қабилаҳо ва халқҳои ҳамсоя, аз ҷумла, қабилаҳои муқиминишину бадавии арабро истисмор мекард. Бинобар он, зарбаи асосӣ дар давраи ғасбкории араб дар Шарқ ба "оташпарастон" зада шуд.[168]

Бинобар он, яке ба ҳамин сабаб ва дигаре ба сабаби маълумоти нокифоя ва нодуруст доштани араб доир ба зардуштия дар ислом се иштибоҳ нисбати дини зардуштияро роҳ ёфт. Чуноне ки муҳаққиқи англис Олег Грабер мегӯяд: "арабҳое ки исломро ба Эрон овардаанд, дар бораи ҷаҳони эронӣ тасаввуроти ниҳоят кам доштанд, ки он бо вазъият дар минтақаи Ҳилоли Аҳмар ё бо баҳри Миёназамин комилан муқоисашаванда мебошад".[169] Ин анъанаро на танҳо араб, ҳамчунин то имрӯз рӯҳонияти тоҷику форс барои саркӯб кардани арзишҳои миллии тоисломии мардуми тоҷику форс ва дар насли наврасу ҷавонони онҳо ташаккул додани мафкураи зиддимиллӣ ва дар рӯҳи бегонапарастӣ тарбия намудани онҳо истифода мебаранд, ҳарчанд дар Қуръону суннат доир ба зардуштия ақидаҳои мухталиф ҷой доранд, аммо рӯҳоният бар хилофи талаботҳои Қуръону суннат онро ба инобат намегиранд, ки низ як навъи куфру бидъат аст ва мо ба ин масъала баъдар бар мегардем.

Аввалин фаҳмиши нодурусте, ки дар ислом доир ба зардуштия роҳ ёфтааст, ин аст, ки дар ислом зардуштия ҳамчун дини санавият, яъне дугароӣ ё худ дини ширк шинохта шудааст. Масъалаи дини дугароӣ будани зардуштия дар Қуръон танҳо дар як маврид ёдрас шудааст: "Ситоиш Худойро аст, ки осмону заминро офарид ва торикию равшаниро пайдо кард ва боз кофирон ба парвардигори хеш баробар мекунанд" (6:1). Дар сарчашмаҳои исломӣ ояти мазкур ба ин мазмун тафсир гардидааст: "Кофирон баъд аз мушоҳидаи ин офариниши азим

---

[168] Колесников, А.И. Завоевание Ирана арабами [Текст] / А.И. Колесников // Отв. ред. О. Г. Большаков. –М.: Наука, 1982. -С. 218

[169] Олег, Грабар. Формирование исламского искуство [Текст] Грабар О // Перевод с англ. Т.Х. Старолуб.-М.:Садра, 2016.-С.64.

маъбудони ботилеро ба ӯ баробар мекунанд ва шарик меоваранд, ки бар чизе аз он чи ки Худованди мутаъол ба он тавоност, қодир нестанд ва ин нишондиҳандаи нодонӣ ва бешармии онҳост”,[170] ки дар ин ҷо дини зардуштия дар назар аст.

Дар “Тафсири Ҳусайнӣ” низ омадааст, ки ояти мазкур ба офариниши осмону замин, торикию равшанӣ марбут буда, ҳарду махлуқи Худои ягонаанд, вале маҷусия (зардуштия) офарандаи нурро Худо ва офарандаи зулмотро шайтон медонад.[171] Чуноне ки мебинем, мувофиқи тафсир дини зардуштия дар ислом аз ҷумлаи динҳои ширк, ки гӯё дар он эътиқод ба Худо - Аҳуромаздо ва Аҳриман ҷой дорад, дониста шудааст.

Аммо бояд ёдрас намуд, ки дар ин оят дини зардуштия ба эътиқодоти маздоияи куҳан, ки қабл аз зардуштия ҷой дошт, айният дода шудааст. Воқеан, дар маздоияи куҳан чунин эътиқод, яъне боварӣ ба ду Худо - Худои рӯшноию некиҳо Аҳуромаздо ва Худои торикиву бадиҳо Аҳриман (шайтон) вуҷуд дошт, ки дар байни онҳо мубориза мерафт. Аммо асли ислоҳоти динии Зардушти Спитамон низ дар ҳамин аст, ки ӯ ҳамин дугароии маздоияи куҳанро ба яктопарастӣ табдил дода, Аҳуромаздоро ҳамчун Худои ягонаи офарандаи оламу одам шинохт. Зардушт мардумро ба дини тавҳидӣ, ки онҳоро аз ширку бутпарастӣ манъ мекард, даъват намуд ва муътақидоти муғҳои қадимро, ки дар ислом маҷус меноманд, ботил шуморид. Ҳамаи нерӯҳо ва худоёни бешуморе, ки гӯё офарандаи хайру шар, бадию некӣ, рӯшноию торикианд, вуҷуд надоранд, балки як Худо, Худои поку доно аст, ки Аҳуромаздо мебошад, ки ягона ва беҳамтост. Ба ақидаи зардуштия нерӯҳои рӯҳоние, ки дар шакли хайру шар мубориза мебаранд, холиқ нестанд, балки махлуқи Аҳуромаздоянд. Ба мабдаҳои гуногун – Худо ва Шайтон (Аҳриман) такя доранд, дар ҳамин асос донишмандон ва

---

[170] Ансор-ул-Қуръон. Ҷилди 2. -С.144
[171] Тафсири Ҳусайнӣ. -С. 207

рӯҳонияти ислом зардуштияро мазҳаби дугарой донистаанд. Ҳол он ки дар банди ҳафтуми суруди 24 Готҳои Авасто, ки Зардушт ба қалами хеш навиштааст, баъди аз Аҳуромаздо ба саволҳои зиёд посух гирифтан чунин мегӯяд: эй меҳиндодори ҳастибахш, мекӯшам то дар партави хиради пок туро офарандаи ҳама чиз донам. Хулоса фикри муҳаққиқон дар бораи Худои ягонаи зардуштия гуногун бошад ҳам, аммо Зардушт танҳо Худои ягонаро тарғиб кардааст.

Бояд ёдовар шуд, ки масъалаи кӣ будани сарчашмаи бадиҳо дар ҳамаи динҳои тавҳидӣ мавриди баҳс қарор дорад. Дар ислом низ шайтон чун нерӯи мустақил ба Худо итоатнакунанда ва офарандаи бадиҳост. Инсон гӯё ҳамаи амали бадро бо воситаи шайтон анҷом медиҳад, зеро Худо ки Раҳиму Раҳмон, Пок аст, наметавонад сарчашмаи бадиҳо бошад, ҳарчанд бадиҳо ҳам тобеи иродаи Худо мебошад. Дар Қуръон омадааст: “Ва номаи амали ҳар одамиро ба гардани ӯ баста сохтем” (17:13). Ё худ “Ба мо ба ҷуз он чӣ Худо барои мо навиштааст, ҳаргиз чизе нарасад. Ӯ корсози мост...” [9:51]. Пайғамбари ислом дар ин хусус низ гуфтааст: “Имон ин аст, ки имон биёрӣ ба Аллоҳ ва малоикаҳояш ва китобҳояш ва пайғамбаронаш ва рӯзи охират ва тақдири некӣ ва бадӣ, ки ҳама аз Худост”.[172]

Чуноне ки мебинем, мувофиқи ин оятҳову ҳадиси пайғамбар Худованд на танҳо сарчашмаи некиҳост, ҳамчунин сарчашмаи бадиҳост. Хулоса бадию некӣ ҳама аз Худост. Барои ҳалли ҳамин масъалаи ихтилофнок каломи исломӣ (ашъария) Худоро хайри маҳз донист ва “назарияи касб”-ро коркард намуд. Баръакс, Зардушт тавонистааст, ин масалаи баҳснокро бо усули хос ҳал намояд, ки амсолашро мо дар динҳои дигар намебинем.

Дар зардуштия ин ду асл мақоми якхела надоранд. Нуру равшанӣ, хайру некӣ абадӣ ва зотианд, аммо зулмот, торикӣ, бадию шар ҳодис ва

[172] Муснади, Имом Абуҳанифа // Мутарҷим Саидмукаррам Абдуқодиров. –Душанбе.: Эр-граф, 2009. -С.184.

муваққатист. Тавассути муборизаи инсон бадӣ, ки сарчашмаи он дурӯғ аст ва бо пуштибонии Худо Аҳурамаздо бо кӯшиши инсон оқибат мағлуб мешавад. Зардушт Аҳурамаздоро Худои ягонаи пок эълон карда, муборизаи Аҳурамаздою Аҳриманро, ки хоси маздоияи куҳан буд, ба муборизаи байни ду нерӯ – Спентаманю (хайр, некӣ, рӯшноӣ) ва Ангроманю (шар, бадӣ, торикӣ, яъне Аҳриман), ки нерӯҳои ахлоқӣ, рӯҳонианд табдил дод, ки пеш аз ҳама, хоси ҷаҳони ботинии инсон мебошанд. Инсон аз тариқи сармашқи фаъолияти худ қарор додани принсипи "Пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек" метавонад шайтонро барҳам зада, ғалабаи некиро аз болои бадӣ таъмин созад, зеро агар инсон набошад, шайтон низ вуҷуд надорад, шайтон ҳамеша ҳамсафари инсон аст ва танҳо инсони аз нигоҳи маънавӣ-ахлоқӣ комилгардида метавонад онро аз байн барад ва саодати хешро дар ҳарду олам таъмин созад. Бинобар он, аз нигоҳи ахлоқӣ низ зардуштия дини тавҳидист, зеро шайтон дар ин дин мағлубиятпазир аст.

Дар ниҳоят, танҳо Худои ягонаи пок ва нерӯи хайр, некӣ боқӣ мемонаду халос, ки дар ягон дини тавҳидии дигар амсоли худро надорад. Дар зардуштия ҳарчанд баъзе тасаввуротҳои динҳои қадими эронӣ боқӣ мондаанд, вале дар он парастиши Худои ягонаи тавонои он Аҳурамаздо андешаи устувор аст. Ин ду нерӯ дар зиндагии инсон ба сифати ду роҳ - Ашо (ростӣ) ва Друҷ (дурӯғ) зоҳир мегардад. Тақдири инсон вобаста ба тарзи ҳалли ҳамин ду роҳ ҳал мегардад. Ба он ки инсон кадоме аз ин роҳҳоро интихоб мекунад, Худои ягонаю тавоно Аҳурамаздо хизматҳои ӯро ҷуброн месозад. Дар робита ба ҳамин масъала аввалин бор дар таърихи адён дар зардуштия таълимоти эсхатологӣ, яъне таълимот дар бораи он дунё ба вуҷуд омад, ки баъдан ин таълимот ба динҳои сомӣ - яҳудия, насронӣ ва аз онҳо ба ислом интиқол ёфтанд.

Мувофиқи ин таълимот, агар инсон дар зиндагиаш роҳи рост (Аша)-ро интихоб карда, бадӣ (Аҳриманро) мағлуб сохта бошад,

мукофоти ӯ дар он дунё Фирдавс (ҷаннат) мебошад ва дар ҳолати акс мукофоти ӯ дар он дунё табиист, ки дӯзах аст. Барои он ки инсон бо роҳи мағлуб сохтани бадӣ (шайтон) ба саодати он дунё расад, ӯ дар зиндагии заминӣ (индунёй) бояд аслҳои сегонаи ахлоқӣ – "Пиндори нек, гуфтори нек, кирдори нек"-ро сармашқи фаъолияти рӯзмарраи хеш қарор диҳад. Бинобар он, таълимоти эсхатологии зардуштия сирф хусусияти ахлоқӣ дорад ва инсони зардуштӣ инсони созандаест, ки тақдирашро дар ҳар ду дунё вобаста ба роҳи интихобкардааш худ бунёд менамояд. Худои оқилу тавоно Аҳурамаздо ба ӯ танҳо ин ду роҳро нишон дода, ихтиёрро ба уҳдаи ӯ гузошта ва дар охират аз рӯи амали индунёиаш ба вай мукофот (ҷаннат ё дӯзах) медиҳад. Аз ин лиҳоз, аз нигоҳи чунин тарзи масъалагузорӣ инсони зардуштӣ инсони масъулиятшинос низ ҳаст.

Ҳамин тариқ, дини зардуштия ё Маздоясно нахустин дини тавҳидӣ (яктопарастӣ) аст, ки на танҳо дар асоси маҷмӯи ақоид ва амалиётҳои динии он эътиқод ба Худои ягона Аҳурамаздо қарор мегирад, ҳамчунин ҷаҳонбинии фалсафӣ нахуст дар ин ойин тавлид ёфта, ба пайдоиши фалсафа заминаи ғоявӣ гузоштааст. Зиёда аз ин, дар китоби муқаддаси он "Авасто" маҷмӯи таҷрибаю малака ва донишҳои астрономӣ, риёзӣ, тиббӣ, гигиенӣ, экологӣ, кишоварзӣ, ахлоқӣ ва афкори сиёсии мардумони ориёии қадим, ба вижа ниёгони тоҷику форс, таҷассум ёфтаанд. Аз ин рӯ, таъсири зардуштия ва умуман фарҳанги қадими тоҷику форс, ки дар партави таълимоти динӣ, фалсафӣ-ахлоқӣ ва афкори сиёсии зардуштия ташаккул ёфтааст, ба фарҳанги ҷаҳонӣ, бахусус фарҳанги Юнон ва ғайра хеле калон аст. Даъватҳои дини зардуштӣ воқеан хусусияти умумибашарӣ доранд ва дар робита ба ин масъала муҳаққиқи эроншиноси англис Мэри Бойс онро қадимтарин дини ваҳйи ҷаҳонӣ номидааст, ки бевосита ва бавосита ба башарият аз ҳамаи динҳои дигар бештар таъсир гузоштааст[173] ва ба ҳамин сабаб

[173] Мэри, Бойс. Зороастрийцы: Верования и обычаи [Текст]/ Бойс М.- М.: Наука, 1988. -С. 6.

донишмандони аврупоии шарқшинос мардумони тоҷику форсро тамаддунсоз ва эҷодкор ҳисобидаанд. Масалан, файласуфи машҳури ҷаҳон Гегел навиштааст: “Форсҳо аввалин халқи таърихианд... Бори аввал дар Порс рӯшноӣ дамид ва он бо ранги дигар, бо ранге равшанӣ медиҳад, ки онро нахуст зардуштия барафрӯхт ва он ба олами маърифати рӯҳ мансуб аст, ки робитаи фарқкунанда дорад. Дар давлати форсӣ мо ваҳдонияти ботинии неку муътабарро ҳамчун нахустмабдае мебинем, ки озодии фардро фарогир аст... принсипи инкишоф дар таърихи Порс ошкор мегардад ва аз ин рӯ, таърихи кулли рӯҳ дар он аст, ки то ҳадди беохир вориди ботину ҳастии субъективии хеш гашта, тавассути таззоди мутлақ (ягонагии зидҳо - Н.Қ.) созиш ба даст меорад. Кулл (шинохти рӯҳи ҷаҳонӣ, яъне Худои ягона - Н.Қ.) дар Порс зоҳир мешавад ва ба шарофати он фард аз Кулл худро фарқ мекунад ва дар як вақт хешро бо он омезиш медиҳад... Инак, Воҳид (Кулл, Худо), бори нахуст ба принсип табдил мегардад ва он низоми бехирадонаи зоҳир нест”.[174]

Гегел шинохти ҳам Худои ягона ва ҳам ягонагии зидҳо (Воҳид)-ро мансуб ба гузаштагони тоҷику форс дониста, чун дини санавият (дуалистӣ, шарқ, духудоӣ) шинохтани зардуштияро иштибоҳи бузург меҳисобад ва мегӯяд: “маҳз ҳамин халқ дарк намуд, ки ҳақиқати мутлақ бояд шакли воҳидияти Куллро дошта бошад. Дини форсӣ бутпарастӣ нест ва ашёҳои алоҳидаи табиатро не, балки танҳо худи Кулл (Худо)-ро мепарастад”.[175] Ҳамин тариқ, Гегел гузаштагони тоҷику форсро на танҳо ҳамчун халқи дорои дини яктопарастӣ, ҳамзамон ҳамчун аввалин кашшофони қонуни инкишофи олам - қонуни ягонагӣ ва муборизаи ба ҳам зидҳо шинохтааст.[176] Дар ҷойи дигар низ Гегел ёдрас менамояд, ки таърихи ҳақиқии башарият аз “Авасто”-и форсҳо оғоз меёбад.

---

[174] Гегель, Г.В.Ф. Лекции по философии истории [Текст] / Г.В.Ф. Гегель.-СПб.: Наука, 2000. -С. 211
[175] Гегел, Г.В.Ф. Ҳамон ҷо. -С. 213.
[176] Файзалӣ, Аминов. Инсон зуҳури комилтарини ирода: Артур Шопенгауэр ва Фридрих Нитсше. –Душанбе.: Ирфон, 2011. -С. 208-218.

Гурӯҳи донишмандони рус бошанд, ба эрониёни шарқӣ, яъне тоҷикон мансуб будани “Авасто”-ро тасдиқ намуда, макони зуҳури онро Осиёи Миёна ё шимолии Афғонистон медонанд.[177] Гурӯҳи дигари донишмандони шарқшинос низ ба гузаштагони тоҷикон мансуб будани “Авасто”-ро тасдиқ карда, навиштаанд, ки асари муътабари “Авасто”-ро наслҳои гузаштаи халқи тоҷик ба забони занд эҷод кардаанд ва он баътар дар тамоми Эрон паҳн гаштааст.[178]

Воқеан, фарҳанги тоисломии тоҷикон, бахусус таълимоти динӣ ва фалсафию ахлоқии зардуштия, ба фарҳангу тамаддуни ҷаҳонӣ таъсири калон расонидааст ва ба тағйир додани симои маънавию мафкураи мардуми аҳди тоисломӣ, ки бештар дар зери таъсири ҷаҳонбинии асотирӣ қарор доштанд, нақши бориз бозидааст. Таъсири он ба динҳои сомӣ, яъне ба яҳудияю насронӣ ва тавассути онҳо ба ислом, ба фалсафаи Афлотуну Ҳераклиту пайравони онҳо, ба динҳои баъдинаи эронӣ ва ҳаракатҳои зиддиарабӣ дар аҳди ислом, ба бедорию худогоҳии мардумони эронитабор, ба фалсафаи аврупоии замони нав ва ғайра хеле зиёд аст. Бисёр файласуфону тамаддуншиносони ҷаҳон, бахусус аврупоиён, дар садаҳои XIX-XX ба зардуштия ҳамчун ба як падидаи ҷолиби тоисломӣ ва яке аз сарчашмаҳои маънавии фарҳанги умумибаша рӣ нигаристанд ва дар пайравии ӯ эҷод кардаанд. Файласуфи олмонӣ Ничше (садаи XIX) дар пайравӣ ба инсони Зардушти таърихӣ образи “Абаринсон”-ро офарид, ки рисолати таърихию башарии ӯ дар олам нобуд сохтани амали бадӣ (шайтон, Аҳриман) ва таъмини ғалабаи некӣ аз шарру бадӣ мебошад.[179]

Файласуф ва фарҳангшиноси олмонӣ Карл Ясперс дар нимаи аввали садаи XX назарияи наверо доир ба таърихи гузаштаи инсоният кашф намуд, ки “Замони меҳварӣ” ном дорад ва он аз садаи VIII то II

[177] История, Востока [Текст] / В шести томах. Том 1 // Восточная литература.-М.: ДАН, 2000. -С.264.
[178] А. Н, Бадак. И.Е. Войнич. М. Харвест. Всемирная история. У истоков цивилизации. Бронзовый век [Текст] / Бадак А. Н., Войнич И.Е., Харвест М.-М.: АСТ, 1999. -С. 345.
[179] Шаҳобиддинов, Н. Нитше ва Зардушти таърихӣ [Матн] / Н. Шаҳобиддинов.-Душанбе.: Дониш, 2021. -С. 143-164.

пеш аз мелод, тӯли 600 солро, фаро мегирад. Мувофиқи ин назария дар ҳамин қисмати таърихи инсоният панҷ “Фарҳанги меҳварӣ” ба вуҷуд меояд, ки фарҳангҳои маънавиасос буда, симои маънавии оламро ба куллӣ тағйир медиҳанд. Ба ин фарҳангҳо ворид мешаванд: фарҳанги эронӣ ба туфайли зардуштия, ҳиндӣ ба туфайли буддоия, чинӣ ба туфайли Конфутси, юнонӣ ба туфайли он илму фалсафае, ки юнониён эҷод кардаанд ва яҳудӣ дар бахши дин. Ба ақидаи Карл Ясперс, таърихи ҳақиқии инсоният маҳз аз ҳамин “Замони меҳварӣ”, ки маҳсулаш “фарҳангҳои меҳварӣ” аст, оғоз меёбад. Ин фарҳангҳо барои он меҳварӣ номида мешавад, ки дар ин давра фалсафаю илм ба вуҷуд омада, ба фарҳанг ворид гашта, рӯҳу ҷони онро ташкил медиҳанд. Минбаъд тамоми фарҳангҳои дигар то ба замони муосир маҳз дар атрофи ҳамин панҷ фарҳанг ташаккул ёфтаанд, аз ҷумла фарҳанги ба ном исломӣ, ки асосан маҳсули заҳмати эҷодии мардумони эронитабори Осиёи Марказӣ – тоҷику форс аст. Ба ақидаи Карл Ясперс дар оғози ё сарчашмаи фарҳангҳои меҳварӣ фарҳанги эронӣ қарор мегирад, ки дар Осиёи Миёна,[180] яъне ватани таърихии тоҷикон зуҳур ёфта, офарандаи он ниёгони тоҷикони муосир мебошанд.

Дини тавҳидӣ будани зардуштияро на танҳо шарқшиносону диншиносони Ғарбу Шарқ, ҳатто баъзе донишмандони исломӣ, ки дар ҷаҳони ислом шуҳрати зиёд доранд, собит намудаанд. Яке аз чунин донишмандон Мавлоно Абулкаломи Озод (1888-1958) мебошад, ки дар сарзамини Макка ба дунё омада, таълими ибтидоии диниро дар он ҷой гирифта, баъдан факултаи илоҳиёти Донишгоҳи Ал-Азҳари Қоҳираро хатм карда, беҳтарин “Тафсири Қуръон”-ро барои мусулмонони Ҳиндустон навиштааст. Ӯ шахсияти Куруши Кабирро, ки дар Қуръон (18:83-99) бо унвони Зулқарнайн ёд шуда ва дар китобҳои набиён Дониёл, Яшъаёҳ, Ярмиёҳ, ҳамчун масеҳ (наҷотбахш), расул ва

---

[180] Карл, Ясперс. Смысл и назначение истории. Смысл и назначение истории [Текст] / Ясперс К // Пер. с нем.— М.: Политиздат, 1991. -С. 32-76.

фиристодаи Худо шинохта шудааст, ба риштаи таҳқиқ кашида, дар як вақт дини зардуштияро, ки эътиқоди Куруш буд, мавриди омӯзиши комил қарор дода, хулосаи андешаи худро доир ба зардуштия чунин баён мекунад: "Зардушт мардумро ба дини Маздоясно, яъне дини тавҳид даъват намуд. Зардушт... гуфт:... Фақат як Худо ҳаст ва он Аҳурамаздо аст, ки ҳамто надорад ва яктост, пок Худои ҳақ ва Нур, холиқи ҳакиму тавоност, ки ҳеҷ кас дар Худой ва подшоҳии ӯ шарик нест. Қувваи рӯҳӣ, ки гумон мекарданд, холиқи хайр ё шарранд, холиқ нестанд, балки худи онҳо махлуқи Аҳурамаздо маҳсуб мешаванд. ...Ҳамчунин Зардушт тасреҳ кард, ки барои шарр худои хос нест, балки мазҳари он Анграминаш ё Шайтон ном дорад... таърихи қадим ҷуз ду тан надидааст, ки дар дунёи бутпарастии он замон мардумро ба яктопаратӣ даъват кунанд, иштибоҳ накардаем. Ин ду пайғамбар иборатанд аз Иброҳим алайҳисалом аз қавми сомӣ ва Зардушти пайғамбар аз миллати ориёӣ".[181]

Ҳамин тариқ, имрӯз дар илми шарқшиносӣ, диншиносӣ ва ҳатто илоҳиётшиносӣ ба дини тавҳидӣ будани зардуштия ягон шакку шубҳае ҷой надорад. Онҳое, ки ба мисли рӯҳонияти тоҷику форс зардуштияро ба динҳои ширк маҳсуб донистa, аз ҳамин мавқеъ ниёгони тоҷикон, яъне гузаштагони худро таҳқир мекунанд, танҳо ҷаҳлу нодонӣ ва бегонапарастию худношиносии хешро ба намоиш мегузоранд, ки боиси таассуф аст.

Ҳамзамон, иштибоҳи дигаре, ки дар мафкураи исломгароён ҷой дорад, ин бо маҷусия айният додани зардуштия аст. Аслан вожаи "маҷус" ҳамон истилоҳи юнонии "магия" аст, ки ба арабӣ "маҷус" гӯянд ва маънои "сеҳру ҷоду"-ро дорад. Диншиносон магия (маҷусия)-ро аз бовариҳои динии ҷомеаи ибтидоӣ донистаанд, ки хоси тамоми мардумони қадим буда, боқимондаҳои он дар ҳамаи динҳои пасин, аз ҷумла адёни тавҳидӣ ба мушоҳида мерасад.

---

[181] Мавлоно, Абулкаломи Озод. Куруши Кабир-Зулқарнайн [Матн] / Озод М.А // Тарҷумаи Бостони Поризй.- Душанбе.: Адиб, 2019. -С.179-180.

Мувофиқи гуфтаи Ҳеродот ва дигар муаррихон, “Муғ” дар асл номи рӯҳониёни динҳои маҳаллии давлати Мод мебошад, ки сеҳру ҷоду як ҷузъи амалҳои динии онҳо будааст. Дорюши ҳахоманишӣ дар катибаи худ низ аз сарвари шӯриши зидди салтанати Ҳахоманишиён Гаумот бо лақаби “Мағуш”, яъне пайрави дини қадими Мод ёд кардааст. Дар катибаи кӯҳи Бесутун Дорюш аз пахш кардани ин шӯриш (шӯриши Гаумоти муғ) баён мекунад.[182]

Дар динҳои қабл аз зардуштия, ки мардумони ориёӣ, бахусус тоҷикон, мепарастиданд, аносири табиат, пеш аз ҳама хоку оташ ва ҳавою об ҳамчун муқаддасот, ҷойгоҳи хос доштанд. Оташ, ки манбаи нуру гармӣ буда, ҳаёт, зиндагӣ бидуни он вуҷуд дошта наметавонад, муқаддастарин неъмати илоҳӣ ба ҳисоб мерафт ва рӯҳониёне, ки ба динҳои ориёӣ қабл аз зардуштия хизмат мекарданд, онҳоро “карпан” ё “карон” мегуфтанд на муғ. Карпанҳо ба амалҳои сеҳру ҷоду низ даст доштанд ва эътиқод ба сеҳр ҷузъи фаъолияти динии онҳо буд. Вақте ки Зардушт дини худро тарғиб кард, дар китоби муқаддаси худ “Готҳо”, ки ӯ худ иншо кардааст ва қисмати куҳантарини “Авасто”-ро ташкил мекунад, карпанҳоро барои амалҳои соҳириашон сахт танқид карда, онҳоро бо Аҳриман (шайтон)-у дев баробар донистааст. Аз ҷумла, дар “Хурд-Авасто омадааст: “Эй Ҳурмаздхудой Аҳриман нотавону дур рондаву задаву шикаста бод! Аҳриман, деви Думруҷ (дурӯғ - Н.Қ.), ҷоду: дурванд (дурӯғпарастон), Кавӣ (фармонравоёни душмани дини Зардушт), Карпан, ситамгар, гунаҳкор, Ашмуғ (барҳамзанандаи ростӣ (Аша), бедин, мулҳид, рӯҳонии дурӯғӣ - Н.Қ.), душману парӣ, задаву шикаста бод! Шаҳриёри бад нотавон бод!”[183] Ё дар боби Меҳр омадааст: “пирӯзӣ ҳаройна ёбем, бар ҳама девону мардум, париву ҷоду ситамкор кавиён, паргуна карпан”. (кардаи 8).[184]

---

182 Мавлоно, Абулкаломи Озод. Куруши Кабир-Зулқарнайн [Матн] / Озод М.А // Тарҷумаи Бостони Поризӣ.- Душанбе.: Адиб, 2019. -С.174-175

183 Авасто [Матн] // Таҳтягарон: Бобо-Назар Ғаффор [Матн] // Муҳтарам Ҳотам., Муаззами Диловар.-Душанбе.: Бухоро, 2014. -С. 430. ..

184 Авасто. -С.270

Ҳамчунин, Аҳурамаздо Зардуштро ба муборизаи зидди ҷодугарон (маҷусиён) даъват карда мефармояд: "Эй Зардушт... Он гоҳ дурвандони девпарасти кинавар ва ҷодувоне, ки ҷодуӣ ба кор оваранд ва париёне, ки ба корҳои париёна даст задаанд, биҳаросанд ва рӯ дар гурез ниҳанд. Девон саркӯфта вопас гурезанд ва пинҳон шаванд ва девпарастону саркашон нотавону даҳонбаста монанд."[185] Чуноне ки мебинем, Зардушт пайваста бо сеҳру ҷодугарон, яъне муғҳо, маҷусон ва дигар бовариҳои бутпарастӣ мубориза карда, танҳо парастиши Худои ягона Аҳурамаздоро тарғиб намудааст.

Бо маҷусия айният надоштани дини маздоясно ё зардуштиро бисёр донишмандон низ таъкид сохтаанд, ҳарчанд худи оятҳои авастоӣ дар ин маврид далели раднашавандаанд. Дар ин хусус Мавлоно Абулкаломи Озод ба қатъият баён намудааст: "дини Зардушт дини тавҳиду ахлоқи фазила буда ва парастиши оташ ва ақидаи санавият аз он дин нест, балки аз бақоиёи мазҳаби маҷусии модӣ аст, ки баъдҳо бо мабонии мазҳаби зардуштӣ омехта шудааст".[186] Воқеан, тарғиби яктопарастиро мо дар аксари бандҳои "Готҳо-"и Зардушт бевосита мушоҳида мекунем. Ба монанди: "Эй Худои Доно, ҳангоме ки туро дар андешаи худ дар сароғоз ва саранҷоми офариниш шинохтам, бо дидаи дарунӣ дарёфтам, ки ба ростӣ туӣ падари Маниши нек...." (Аҳунавад-Гот. Раҳнамоӣ, банди 8).

Воқеан, зардуштия ягон умумияте бо маҷусия надорад. Динест, ки дар Эрони Шарқӣ, ки номи дигари он Турон аст, арзи ҳастӣ кардааст ва дар мубориза бо динҳои ширку бутпарастӣ, аз ҷумла маҷусия қомат афрохта, то ба Эрони Ғарбӣ, ки дар он ҷо давлатҳои Порсу Моди ориёӣ ба шоҳигариҳои бузурги вақт табдил ёфта буданд, паҳн гардид ва тадриҷан ба дини расмии ин давлатҳо ва баъдан давлати бузурги Ҳахоманишён табдил ёфта, мавқеи динҳои маҳаллии қадими Порсу

---

[185] Авасто. –Сурӯш айшти ҳодухт, кардаи якум. -С. 305
[186] Мавлоно, Абулкаломи Озод. Куруши Кабир-Зулқарнайн [Матн] / Озод М.А // Тарҷумаи Бостони Поризй.- Душанбе.: Адиб, 2019. -С. 176.

Модро, аз ҷумла муғҳои модро маҳдуд сохт. Чун ба дини расмии давлати Ҳахоманишиён, ки дар он рӯзгор бузургтарин империяи ҷаҳон буд, табдил ёфт, рӯҳоняити динҳои маҳаллии Мод Муғҳо барои он ки мақоми иҷтимоии худро аз даст надиҳанд, шомили зардуштия гардида, онро тарғибу ташвиқ намуданд ва дар як вақт номи Муғ ва баъзе ақоиду одоби динҳои ботили гузаштаро ба зардуштия интиқол дода, онро махсусан баъди шоҳигарии Курушу Дорюш олуда сохтанд. Дар натиҷа зардуштия "дар асри императории румиҳо ва замони Антуан комилан ба шакли дигаре тағйир ёфта, содагии аввалияи худро аз даст дода ва чунон ақоиди нобоб дар он бофта ва он қадар пироя гирифта, ки агар худи Зардушт бозомадӣ, онро бознашинохтӣ".[187]

Зиёда аз ин, ҳуҷуми Искандари Мақдунӣ ба Эронзамин давлатдории эрониёнро шикасту аз нигоҳи сиёсӣ маҳдуд сохт. Ҳамзамон Искандар "Авасто"-ро, ки дар рӯи 12 ҳазор пӯсти гов бо оби зар навишта шуда буд, ба Юнон интиқол дода, қисматҳои фалсафию илмиашро ба юнонӣ тарҷума карда, сипас онро сӯхт. Баъд аз 500 сол давлати Порс, императураи Сосонӣ аз нав эҳё шуд ва шоҳи сосонӣ Ардашери Бобакон "Авасто"-ро аз нав гирд овард. Маълум аст, ки дар ин муддат дини зардуштӣ, ки амалан бемуҳофиз монда буд, бисёр тағйиру таҳриф ёфт ва дигар он дини холиси Зардушт набуд, балки дине буд, ки бо ақоиди маҷусияи қадим ва ақоиди юнонӣ махлут гардида буд. Илова ба ин, бо сиёсати давлати Сосонӣ сахт пайванд хӯрда, дар низоми давлати Сосонӣ мақоми баланди сиёсӣ касб кардани мубадон (рӯҳониён)-и зардуштӣ низ ба олудашавии зардуштия мусоидат кард. Ва минбаъд араб ва дигарон маҳз бо ҳамин зардуштия шиносоӣ пайдо карда, натавонистанд онро дуруст шиносанд ва аз ҳамин сабаб дар Қуръону суннат андешаҳои ихтилофнок доир ба зардуштия роҳ ёфтаанд.

Иштибоҳи сеюме, ки нисбати зардуштия ҷой дорад, ин айният додани он ба оташпарастӣ аст. Мусаллам аст, ки ҳамаи динҳо ба ҷуз

---

[187] Ҳамон ҷо. -С.183.

парастиши худоён ё Худои воҳид дар динҳои тавҳидӣ муқаддасоти худро доранд. Ҳеҷ кадом дин бидуни муқаддасот наметавонад ақоид ва ҷаҳонбинии худро дар пайравонаш ташаккул диҳад. Муқаддасоти ҳар кадом дин аз ҳамон муҳити табиию иҷтимоие, ки эҷодкунандагони ин ё он дин дар он муҳит зиндагӣ мекунанд, маншаъу ғизо мегирад. Офтобу оташ, ки рамзи гармию ҳаёт аст, барои халқҳои ориёӣ, ки аз қадим ҳаёти муқиминишинӣ ва кишоварзӣ доштанд, аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Дар адёни ориёӣ аз қадим унсурҳои асосии ҳаёт, бахусус, ҳаёти кишоварзӣ - хок, об, оташ ва ҳаво муқаддас дониста мешуданд, ки ҳар кадоме фалсафаи худро дорад. Аз ин рӯ, оташ дар адёни ориёӣ танҳо як муқаддасот аст, ки мувофиқи эътиқоди эрониён-тоҷикон Худованд ҳамчун як неъмати бузург ба барояшон ато кардааст ва бинобар он оташ барои онҳо аз ҳама бештар муқаддас аст. Агар гармӣ набошад, ҳатто хоку обу ҳаво худ ба худ наметавонанд асоси зиндагии инсон бошанд. Пас, оташ ҳамчун рамзи гармӣ ва сарчашмаи ҳаёт муқаддас мебошад. Дигар ин ки, чунин муқаддасот дар ҳамаи динҳо, аз ҷумла, дар ислом низ мавҷуданд, ба монанди санги сиёҳи хонаи Каъба, ки дар асл мувофиқи таҳқиқи донишмандон як порча метеорит аст, ки арабҳои замони ҷоҳилия онро парастиш мекарданд. Умуман сангпарастӣ дар миёни арабҳо пеш аз ислом хеле ривоҷ ёфта буд. Ҳарчанд баъди зуҳури ислом ҳамаи бутҳои хонаи Каъбаро шикаста нобуд карданд, вале санги сиёҳ ба сабаби аҳамияти сиёсию иқтисодӣ доштанаш дар хонаи Каъба боқӣ монд. Беҳуда нест, ки асосгузори ҷараёни ваҳҳобия (салафия) Муҳаммад Абдулваҳҳоб дар садаи XVIII ин сангро ҳамчун нишонаи бутпарастӣ аз хонаи Каъба берун карда, партофта буд. Вале бо сабабҳои муайяни сиёсӣ ва манфиати иқтисодиаш арабҳо онро боз ба хонаи Каъба баргардонида, Абдулваҳҳобро сарзаниш карданд. Вале мо наметавонем исломро, ки дини тавҳидист ва Аллоҳ объекти парастиши он аст, бо сангпарастӣ айният диҳем. Ҳамин тавр, муқаддас донистани оташ маънои бо

зардуштия айният додани онро надорад, зеро зардуштия парастиши Худои ягона Аҳурамаздоро тарғиб кардааст ва мувофиқи эътиқоди зардуштиён "Авасто" ваҳйи Аҳурамаздо ба Зардушт аст ва зардуштия дорои тамоми унсурҳои дини тавҳидист, ки ба динҳои дигар, бахусус динҳои сомӣ-иброҳимӣ таъсири зиёд дошта, аз нигоҳи ақида ягон ихтилофи ҷиддие ба онҳо надорад, ба ҷуз дар маросим, ки низ дар амал ҳамон ақидаи яктопарастиро дар пайравони зардуштия ташаккул медиҳанд.

Чуноне ки мебинем, нигоҳи ислом ба дини зардуштия бо сабабҳои гуногун ихтилофнок мебошад, вале, бо вуҷуди ҳамин ҳам, дар ислом тамоили ба "аҳли китоб" шомил донистани зардуштия авлавият дорад, бахусус дар суннат. Аммо исломгароён, бахусус, рӯҳонияти тоҷику форс, ба ҷои он ки ин масъаларо аққалан аз нигоҳи ислом таҳқиқ намоянду сухани ҳақро гӯянд, вале онҳо тӯли садсолаҳо ақидаи Қуръон (22:17) ва ақидаи набиёни яҳудро, ки Куруши Бузурги зардуштиро масеҳ, расул, фиристодаи Худованд гуфтаанду ба ин асос дар Қуръон (18:83- 99) Куруш мусулмон шинохта шудааст ва ҳадисҳои пайғамбари ислому сухани халифаи рошид Алӣ ибни Абутолибро, ки зардуштиёнро ба "аҳли китоб" шомил кардаанд, сарфи назар менамоянд. Онҳо танҳо ба мазмуни ояти аввали сураи "Анъом"-и Қуръон, ки тафсирҳо онро ба зардуштия мансуб дониста, дар ҳамин асос зардуштияро дини дугарой, яъне "ширк" гуфтаанд, такя карда, то ба имрӯз Зардуштро нашинохта, дар ҳаққи ӯ ва зардуштиён бе далел туҳмат зада, гузаштагони мардуми тоҷику форсро таҳқир менамоянд. Ин далелҳо на танҳо аз бегонапарастию мафкураи зиддимиллӣ доштани руҳоният, ҳамчунин аз сатҳи пасти маърифати исломӣ доштани онҳо дарак медиҳад. Ҳол он ки ҳанӯз аз асрҳои миёна инҷониб як қатор донишмандони тоҷику форс, шарқшиносону исломшиносони Ғарбу Шарқ, баъзе аз донишмандони исломӣ ба мисли Мавлоно Абулкаломи Озод ва дигарон дини тавҳидӣ

(яктопарастӣ)-и комил будан ва дар ташаккули динҳои сомӣ-иброҳимӣ нақши калон доштани онро ба далелҳои муътамад исбот намудаанд, ки бояд боиси ифтихори тоҷикон, умуман мардумони эронитабор, бошад.

Фаромӯш набояд кард, ки маҳз ба шарофати таълимоти динӣ, фалсафӣ-ахлоқии зардуштия ва дигар бахшҳои фарҳанги тоисломӣ донишмандони аврупоӣ мардумони тоҷику форсро тамаддунсоз ва фарҳангофар гуфтаанд. Ҳамчунин, таъкид бояд кард, ки дар аҳди ислом низ дар бунёди тамаддуни исломӣ мардумони тоҷику форс дар сафи аввал қарор доштанд, вале ин тамаддун бо унвони арабӣ-мусулмонӣ шуҳрат дорад, на тоҷикӣ-мусулмонӣ. Он чизе, ки моро ҳамчун тоҷик ва миллати куҳанбунёд ба оламиён муаррифӣ менамояд, пеш аз ҳама, ҳамон мероси маънавии қалб аз исломии мост.

Ҳамин тариқ, маҳз ҷанбаҳои манфии нигоҳи арабу рӯҳонияти тоҷику форс ба оини зардуштия дар тӯли таърихи густариш ва ҳастии дини ислом муносибати онҳоро дар кулл ба фарҳанги миллӣ муайян кард. Араб, ки ба динҳои қабл аз исломии хеш аз мавқеи ислом ҳамчун динҳои ширку бутпарастӣ ва ботил муносибат мекард, ҳамин принсипҳоро дар нисбати дини зардуштӣ ва фарҳанги миллии тоҷикон дар раванди истилои Эрону Хуросони Бузург татбиқ намуд, ки чунин тарзи муносибат ба фарҳанги миллӣ аз араб ба рӯҳонияти тоҷику форс низ мерос монд. Маҳз бо такя ба ҷанбаҳои манфии нигоҳи ислому араб ба таърих ва тамаддуни қадими тоҷику форс ба фарҳанги миллӣ хатти бутлон кашида шуд, ки аз манфиатҳои геосиёсӣ ва бадбинии таърихии араб нисбат ба мардумони эронӣ маншаъ мегирад.

Яке аз хусусиятҳои фарққунандаи истилои араб аз истилои аҷнабиёни дигаре, ки дар Эронзамин сурат гирифтааст, дар он аст, ки истилои араб дар баробари террори ҷисмонию иқтисодӣ, террори мафкуравиро низ бо худ дошт ва ин террори мафкуравӣ аз китобсӯзии аъроб оғоз гардид. Моҳияти террори мафкуравии араб нисбат ба

халқҳои истилошуда дар он ифода меёфт, ки араб тавонист тавассути ислом ба дину фарҳанги мардумони эронитабор хати бутлон кашида, онҳоро мағзшӯӣ карда, хотираи таърихӣ, ифтихору худшиносӣ ва ҳувияти миллии онҳоро заиф созад. Ин мағзшӯи то ҷое расид, ки ин мардумон ба тадриҷ он бедодгариҳоро ба фаромӯшӣ дода, баръакс нисбати таъриху дину фарҳанги тоисломии хеш нафрату бадбинӣ пайдо карданд. Дар ин хусус муаррихи шинохтаи тоҷик Ҳ. Назаров навиштааст: "Ҳоло баъзе аз муаллифони маъруф ва шинохташудаи эронӣ ба хотири таъриф ва тавсифи мазоё барҷастагиҳои ислом на танҳо ба таърих ва тамаддуни камаш 9 ҳазор солаи пеш аз исломии Эрон хатти бутлон мегузоранд, балки исбот карданӣ мешаванд, ки ҳарчи Эрон дорад ва надорад дар замони ислом ба даст омадааст ва то аҳди ислом эрониён аз мазовеи инсонӣ маҳрум буданд, байни ҳарому ҳалол тамйиз намегузоштанд, бо маҳрамони худ издивоҷ мекарданд, аз илму дониш, китобу таълиф ба фарсангҳо дур буданд ва онҳое, ки даъво мекунанд, ки китобҳо ва осори илмӣ аз ҷониби арабҳо сӯзонида ва нобуд карда шудааст, дурӯғи маҳз мегӯянд ва гӯё арабҳоро беасос айбдор мекунанд".[188] Ҷонибдорони чунин биниш дар Тоҷикистон низ кам нестанд. Дар ин хусус навиштаҳои баъзе аз "донишмандони тоҷик" ва саҳифаҳои шабакаҳои иҷтимоии интернет пайваста шаҳодат медиҳанд.

Яке аз чунин муҳаққиқон М. Мутаҳҳарӣ мебошад, ки ҳатто далелҳои Абурайҳони Берунӣ ва донишманди машҳури худи араб Ибни Халдунро дар бораи китобсӯзии арабҳо зери шубҳа мегузорад. Ба қавли М. Мутаҳҳарӣ навиштаи Ибни Халдун дар хусуси он ки халифа Умар ибни Хаттоб ба Саъд ибни Абуваққос дастур додааст, ки китобҳои эрониро "дар об афкананд, чӣ агар он чӣ дар онҳост раҳнамоӣ аст. Худо моро ба раҳнамои аз он беҳтар ҳидоят кардааст ва агар гумроҳӣ аст, Худо моро аз шарри он маҳфуз дошта. Бинобар ин он китобҳоро дар об

[188] Назаров, Ҳ. Нақши эрониён-тоҷикон дар таърих ва фарҳанги ҷаҳон [Матн] / Ҳ. Назаров.-Душанбе.: Пайванд, 2005. -С166-167.

ё оташ афкананд ва улуми эрониён, ки дар он кутуб мудаввил буд, аз миён рафт ва ба дасти мо нарасид”.[189] Ҳол он ки худи муаллиф дар асоси далелҳои таърихӣ, аз ҷумла, гуфтаҳои А. Берунӣ ёдовар мешавад, ки халифа Умар ба шиддат ҷилави китобату таълифи онҳоро гирифт бо далели он, ки “моро Қуръон бас аст, ба шиддат таълифу таснифро мамнуъ эълон карда буд ва ҳар кас даст ба чунин коре мезад, ҷурм шинохта мешуд.”[190] Муаллиф ҳамчунин таъкид менамояд, ки “ин мамнуъият то қарни дуввум идома ёфт ва дар қарни дуввум бо ҳукми ҷабри замон шикаста шуд. Яъне, дар асари инқилоби Абумуслими Хуросонӣ “бадеҳист, ки мардуме, ки (арабҳо - Н.Қ.) ба худашон лоақал то 100 сол иҷозати таълифу тасниф надиҳанд, муҳол аст, ки ба таълифу таснифоти ақвоми мағлуба иҷозаи идомаи вуҷуд дар он муддат дода бошанд.”[191] Аз ин ҷо бармеояд, ки агар араб таълифу таснифи китобро манъ карда бошад, пас китобсӯзии вай низ дуруст аст. Агар ҳамин тавр набошад, пас барои манъи таълифу таснифи китобҳо чи зарурате ҳаст! Хулоса, ҳарчанд М. Мутаҳҳарӣ дар ибтидо китобсӯзии арабҳоро зери шубҳа мегузорад, вале дар кулл дар асоси далелҳои таърихие, ки муаррихони гуногун хабар додаанд, китобсӯзӣ ва ихтилофи арабро бо илму фарҳанги миллии мардумони эронӣ тасдиқ менамояд. [192]

Донишманди эронӣ Забеҳулло Сафо дар асараш “Таърихи улуми ақлӣ дар ислом” навиштааст, ки эътиқоди араб он буд, ки “ислом моқабли худро мунҳадим месозад ва ба ҳамин сабаб, дар замони муслимин чунин русух карда буд, ки ҷуз ба Қуръон, ба чизе назар намекунанд, зеро Қуръон носихи ҳама кутуб ва ислом носихи ҳама адён аст. Пешвоёни шаръи мубин ҳам мутолиаи ҳар китоб ва ҳатто китоби диниро, ғайр аз Қуръон мамнуъ дошта буданд. Мегӯянд “рӯзе пайғамбар дар дасти Умар варақае аз Таврот мушоҳида кард... ва гуфт: “Оё

[189] Мутаҳҳарӣ, М. “Хадамоти мутақобили Эрон ва Ислом”. Ройзании фарҳангии Эрон дар Тоҷикистон. Душанбе, 1999. -С. 236.
[190] Мутаххарӣ М. Ҳамон ҷо. -С. 236-237.
[191] Мутаххарӣ. Ҳамон ҷо. - С. 237.
[192] Мутаҳҳарӣ М. Ҳамон ҷо. -С. 237

шариате дурахшону покиза барои Шумо наёвардам? Ба Худо савганд, агар Мусо худ зинда мебуд, роҳе ҷуз пайравӣ аз ман надошт”.[193] Эроншиноси маъруф Эдвард Браун дар бораи таассуби динӣ ва китобсӯзии араб, ба вижа, ҳокимони исломӣ навиштааст: “Рӯзе шахсе ба дарбори Абдулло ибни Тоҳир дар Нишопур омад ва китоби форсӣ аз аҳди куҳан тақдим дошт. Чун пурсиданд, чӣ китобест, посух дод: “Достони Вомиқу Узрост ва он қиссаи ширинро ҳукамо ба риштаи таҳрир оварда ва ба Анӯшервон эҳдо намудаанд”. Аммо амир гуфт: “Мо Қуръон мехонем ва ниёзе ба ин кутуб надорем. Каломи Худо ва аҳодис моро кифоят мекунад. Ба илова ин китобро маҷусон таълиф кардаанд ва дар назари мо матруду мардуд аст”. Сипас бифармуд, то китобро ба об андохтанд ва дастур дод, ҳар ҷо дар қаламрави ӯ китобе ба забони форсӣ ба хонаи маҷус кашф шавад, нобуд гардад”.[194] Ҳол он ки Абдулло ибни Тоҳир як сиёсатмадори эронӣ буд, вале зери таъсири арабу ислом таассуби динии ӯ то ҷое расид, ки ӯ на танҳо дину арзишҳои тоисломии хешро, ҳатто як китоби бадеиро, ки достони ишқӣ буд, қабул надошт.

Хулоса, фаҳмиши араб ин буд, ки мардумон бо омадани Қуръон ба китоби дигар ниёзе надоранд ва ба ҳамин сабаб дар раванди истилои кишварҳои ботамаддун китобсӯзӣ як шуғли муқаррарии араб буд. Дар Хоразм бошад, Қутайба ибни Муслим ҳатто хоразмиёнро барои ба забони хоразмӣ сухан гуфтан қатл мекард.[195] Ҳатто муҳаққиқи лубнонӣ Ҷурҷи Зайдон доир ба китобсӯзии арабҳо таҳқиқоти махсус анҷом дода, исбот намудааст, ки китобсӯзии арабҳоро воқеан наметавон инкор кард. Аз ҷумла, ӯ собит намудааст, ки бо дастури ҳокими араб дар давраи халифа Умар ибни Хаттоб 50 ҳазор китоби китобхонаи Искандария, ки дар замони Искандари Мақдунӣ бунёд карда буданд, пура нобуд карда шуд.[196] Тавре ки маълум гардид, дар зери шиорҳои исломӣ истило

---

[193] Ҳамон ҷо. -С.237
[194] Браун, Э. Таърихи адабиёт [Матн] / Э. Браун. –Теҳрон.: Китобхонаи адабӣ. 1308. -С.510.
[195] Абурайҳни, Берунӣ. Осорул-боқия [Матн] Берунӣ А. –Душанбе.: Ирфон, 1990. -С. 58.
[196] Ҷурҷи, Зайдон. Таърихи тамаддуни ислом [Матн] Зайдон Ҷ.// Мутарҷим Алӣ Ҷавоҳири Калом.-Теҳрон.: Амири кабир, 1386. –С.442.

гардидани Эрон ва Хуросону Мовароуннаҳр аз ҷониби араб ба ғуруби офтоби давлатдорӣ ва дину фарҳанги мардумони эрониасл, бахусус тоҷику форс, оварда, теша ба бунёди таърихӣ ва маънавӣ-ахлоқии онҳо зад. Аз тариқи ислом зери фишори сахти ақидавӣ-идеологӣ қарор гирифтани фарҳанги миллӣ оқибат ифтихороти таърихӣ, миллӣ, фарҳангӣ ва мазҳабии ин мардумонро заифу маҳдуд сохта, ба боло гирифтани миқёсҳои динӣ аз миқёсҳои миллӣ мусоидат намуд. Дар муносибат ба фарҳанги миллӣ таассуби динӣ дар асрҳои миёна то ҷое боло гирифт, ки шахсиятҳои динию мазҳабӣ ва қисме аз сиёсӣ андешаҳоеро миёни мардум тарғиб мекарданд, ки мувофиқи он ҳувияту андешаи миллии тоҷикон дар ислом аст ва кӯшиш ба харҷ доданд, ки тоҷикон Зардушту китоби “Авасто”, таъриху осори тоисломӣ, муборизаҳои гузаштагони худро бар зидди исломгароёни араб, ҳаракати шуубия, ки барои эҳёи арзишҳои миллӣ мубориза мекарданд, арзишҳои миллӣ, ба мисли, Наврӯзу Тиргон ва Меҳргону Сада ва ҳатто Фирдавсию “Шоҳнома”-и ӯро, ки ба васфи таърихи тоисломии онҳо бахшида шудааст, фаромӯш кунанд.

Хулоса, дар тӯли таърихи ислом “девону мадрасаву ниҳоди фарҳангии аср бар сари ситеза ва инод бо фарҳанги эронӣ буданд. Дар мадрасаҳо, ки дар партави мавқуфоти муъминон бозори гарме доштанд, забони форсиву ҳикмату улуми ақлӣ роҳ надошт. Мударрисон фақат он чиро, ки мутобиқи эътиқодоти фақеҳону муҳаддисони Бағдод буд, он ҳам мунҳасиран ба забони арабӣ тадрис мекарданд”.[197] Албатта, дар ин ҷараён нақши фақеҳону муҳаддисон ва мударрисон, дар кулл рӯҳонияту уламои Бухорову Самарқанд кам набуд.

Намунаи назари уламою рӯҳонияти тоҷику форсро нисбат ба фарҳанги миллӣ Муҳаммад Ғаззолӣ хеле барҷаста баён кардааст: “Изҳори шиори габракон ҳаром аст ва мухолифи шаръ аст ва ҳар чи

---

[197] Муҳаммадамини, Риёҳӣ. Фирдавсӣ (Зиндагӣ, андеша ва шеъри ӯ). Ба алифбои криликии тоҷикӣ баргардони Дорои Дӯст.- Душанбе.: Шуҷоиён, 2010. -С. 150

барои он кунанд, нашояд байни ифрот кардан дар оростани бозорҳо ба сабаби Наврӯз ва қатоифи бисёр кардан ва такаллуфҳои нав афзудан барои Наврӯз нашояд, балки Наврӯзу Сада бояд ки мундарис шаванд ва касе номи он набарад, то гурӯҳе аз салаф гуфтаанд, ки Наврӯз рӯза бояд дошт, то аз он таомҳо хӯрда наояд ва шаби Сада чароғ фаро набояд гирифт, то аслан оташ набинанд ва шаби Сада ҳамчунин, чунон ки аз вай ному нишон намонад".[198] Дар самти мубориза бо арзишҳои миллӣ ғаззолимаобҳо хеле зиёд буданд. Чуноне ки Саолибӣ дар асараш "Татиммат" овардааст, муфтии Ҳирот Бадеъузамони Ҳамадонӣ ба амири Ҳирот гуфтааст: "Ҷашни Сада гумроҳии сахте аст дар дунё, идашон оташ аст ва Худо онҳоро дар қиёмат ба оташ баргардонад. Худованд Наврӯзу Меҳргонро шарофат набахшидааст. Худованд шамшери арабро бар аҷам оҳиқт (овехт), зеро адёну оташҳояшонро намеписандид".[199] Ин далел аз сатҳи баланди бегонапарастии рӯҳонии тоҷик ва то чи андоза мамнун будани ӯро аз истилои Эронзамин ва террори тоҷик аз ҷониби араб, ки на танҳо ин мардумро ғорату таҷовузу қатли ом кардаанд, ҳамзамон тамаддуни оламшумули онҳоро, ки бузургони ҷаҳон "Фарҳанги меҳварӣ" номидаанд, аз байн бурда, тоҷиконро аз аслу асолати хеш маҳрум сохтанд, шаҳодат медиҳад. Аммо ягон рӯҳонии тоҷику форс дар мавриди ба арабу аҷам овехта шудани шамшери турку муғулу манғит сухане намегӯянд. Албатта, ба аҷаму араб овехта шудани шамшери қавмҳои болозикр айби ислому хонаи Каъба ва парастиши санги сиёҳ нест. Одатан, ҳукми таърих чунин аст, ки шамшери қавмҳои саҳронишини бераҳму ҷангҷӯ ҳамеша бар гардани халқҳои соҳибтамаддуну таҳаммулпазир ва сулҳҷӯву инсондӯст будааст. Як нуқтаро бояд ёдрас намуд, ки дар ҳеҷ гӯшаи ҷаҳон шояд ягон халқе вуҷуд надошта бошад, ки рӯҳонияташ ба мисли рӯҳонияти тоҷику форс ва мухлисонашон таърихи гузашта ва ниёгону фарҳангу арзиши миллии

[198] Абуҳомид, Муҳаммади Ғаззолӣ. Кимиёи Саодат. Ҷ. Аввал. Таҳияи Дӯстмуҳаммади Дӯст ва Ҳ. Элчабеков, Душанбе.: ЭР-граф, 2008. -С 604.
[199] Ноҷӣ, Муҳаммадризо. Таърихи тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. –Теҳрон.: Асотир, 1387. -С. 500.

хешро таҳқиру бадном карда бошад, ба вижа, таъриху фарҳанги боифтихоре, ки бузургони оламро ба ҳайрат ва илҳом овардааст.

Дар фазои иҷтимоӣ-фарҳангии халқҳои мусулмоншуда муносибати манфии ислом нисбати эътиқодоту арзишҳои маънавии онҳо бештар дар муносибат ба санъат зуҳур мегардад. Мусаллам аст, ки ислом дар заминаи фарҳанги фолклории қабоили араб ба вуҷуд омада, дар навбати аввал ҳамон аслҳои иҷтимоиро ташаккул дод, ки барои таъмин сохтани иттиҳоди сиёсии қабилаҳои араб ногузир буданд. Масъалаи ташаккул додани фарҳангу санъат, аввал ин ки дар он муҳити иҷтимоӣ-фарҳангие, ки ислом қомат афрохт, ҳанӯз заминаҳои устувор надоштаанд, сониян, дар он давра ин масъалаҳо барои арабу ислом масъалаи дуюминдараҷа ба ҳисоб мерафт. Ф. Энгелс гуфта буд, ки барои ислом ҳамчун низоми том расму русуму маросим аз асотир афзалият дошт,[200] яъне барои ислом ташаккул додани маҷмӯи амалиётҳои муайян аҳамияти муҳим доштанд ва онҳо метавонистанд бидуни суннатҳои маънавӣ, ба мисли суннатҳои бадеӣ-асотирӣ вуҷуд дошта бошанд. Гузашта аз ин, ба ислом суннатҳои қадими яҳудию арабӣ, ки муносибати манфӣ ба санъат, ба дарки эстетикии олам доштанд, таъсиргузор буданд. Ин принсипҳо аз нигоҳи назариявӣ ҳанӯз дар яҳудия, дар Аҳди қадим, Таврот, хулоса дар ирфони яҳудиёни қадим ташаккул ёфта буданд.[201]

Дар айни замон, худи китобҳои муқаддаси яҳудиёни қадим, яъне ибриён сабти тағйирдодашудаи суннатҳои динӣ ва қабилавии арабҳои қадим буд, ки ба гуфти К. Маркс ва Ф. Энгелс дар натиҷаи хеле барвақт аз арабҳо ҷудо шудани ибриён ба вуҷуд омада буданд.[202] Аз гуфтаи ин муҳаққиқон чунин хулоса бармеояд, ки суннати муносибати манфии ислом ба санъат, ба вижа, ба рассомӣ ва муҷассамасозӣ аз суннатҳои қадимтарини худи арабҳо сарчашма мегирад, ки ба воситаи китобҳои

---

[200] Маркс, К., Ф. Энгельс. Сочинения. Т.19. -С.313
[201] Яковлев, Е.Г. Искусство и мировые религиих [Текст] / Е.Г. Яковлев. -М.: Высшая школа, 1977. -С.132.
[202] Маркс, К., Ф. Энгельс. Об искусстве [Текст] / К. Маркс., Энгельс Ф. В 2. кт. Т. 1.-Москва.: Искусство,1976, -С.249.

муқаддаси яҳудиён, ки қабл аз ислому Қуръон ба вуҷуд омада буданд, ба ислом интиқол ёфтанд.

Ҳамин гуна умумияти яҳудия ва исломро муҳаққиқи маъруфи диншинос С.А. Токарев низ муқаррар карда, гуфтааст: “Мусулмонон бо яҳудиён як қатор расму одат ва мамнуъҳое доранд, ба мисли, манъи тасвири Худо ва умуман тасвири мавҷудоти зинда, инсон ва ҳайвонот, то ки барои бутпарастӣ ягон ваҷҳу асос шуда натавонад”.[203] Ҳамин тавр муборизаи ислом ба муқобили ширку бутпарастӣ муносибати манфии онро нисбати санъат, бахусус санъати тасвирӣ (рассомӣ) ва муҷассамасозӣ дар асоси анъанаҳои қадими замони ҷоҳилия ва яҳудия ташаккул доданд. Вақте ки араб Эрону Хуросону Мовароунаҳрро истило кард, ба осори санъати қадими тоҷику форс, ба мисли муҷассамаҳои инсону ҳайвонот ва акси мавҷудоти зиндаи гуногун, ки махсусан дар деворнигораҳо сабт гардида буданд, ба ҳайси бут муносибат карда, онҳоро несту нобуд намуданд ва муҷассамаҳои аз тиллою нуқра сохта ё рӯйпӯшшударо дар оташ об карда, хӯлаҳои аз онҳо ҳосилшударо ҳамчун ғанимат бо худ бурданд. Зиёда аз ин, онҳо мардуми тоҷику форсро дар асоси ҳамин санъат аз аҳли ширку куфр хонданд ва муаррихонашон дар бораи тоҷику форс ҳарчи хостанд, навиштанд ва таърихи гузаштаи онҳоро таҳриф намуданд, то ки истилои худро аз номи Худову ислом дурусту ҳақ нишон диҳанд. Масалан, муаррихи садаи IX араб Балозӯрӣ, ҳарчанд манзараи сӯхтани осори санъати тоҷиконро бо чашми худ надидааст, чунин нақл кардааст: “Аҷамон мегуфтанд дар он ҷо (Бухоро) бутҳое ҳастанд, ки агар касе, ки ба онҳо тавҳин раво дорад, ҳалок хоҳад шуд. Ҳангоме ки Қутайба бутҳоро ба дасти худ оташ зад, ҷамоате аз эшон ба ислом гаравиданд”.[204]

---

[203] Токарев, С. А. Религия в истории народов мира [Текст] / А.С. Токариев. 4-е изд., испр. и доп. - М.: Политиздат, 1986. -С.515-516.

[204] Аҳмад бини Яҳёи Балозӯрӣ. Футуҳу-л-булдон [Матн] / Балозурӣ А.Б.Я // Тарҷумаи ва тасҳеҳи Муҳаммади Тавакал. – Теҳрон.: Нуқра, 1337. -С. 508-509.

Мардуми тоҷику форс бошанд, пас аз мусулмон шудан ба тадриҷ таъриху дину фарҳанги гузаштаи худро ба фаромӯшӣ дода, ба гузаштаи хеш аз нигоҳи арабу исломи арабӣ муносибат карда, онро дар осори таърихию илмии худ таҳриф намуда, ночиз нишон додаанд ва ба заиф сохтани завқи эстетикию худшиносии миллии ин мардумон заминаи ақидавӣ-идеологӣ гузоштанд ва бегонапарастӣ ба яке аз хусусиятҳои равонии онҳо табдил ёфт. Чуноне ки Табарӣ навиштааст: "Қутайба ба суғдиён бар сари яксад ҳазор сар ва оташкадаҳо ва зеварбутон сулҳ кард ва чизеро бар сари он сулҳ карда буд, бигирифт, бутонро пеши вай оварданд, ки зевар аз он бигирифтанд... Қутайба оташ... дар бутон зад ва аз бақияи меххҳои тилло ва нуқра, ки дар бутон буд, 50 ҳазор мисқол ба даст оварданд".[205]

Чунин тарзи муносибат ба санъат, ба зебошиносӣ минбаъд ба принсипи ҷаҳонбинии исломӣ табдил ёфт ва мазмуни иҷтимоӣ касб намуд. Мазмуни иҷтимоии ин асли ҷаҳонбинии исломӣ дар он ифода меёбад, ки он бояд маъною андеша ва эҳсосу хоҳиши инсонро аз дарки зебоишиносии олам дур сохта, онро ба ягона эпимаркази олам - Аллоҳ ҷалб созад. Дар натиҷа, талаботи инсон ба зебоӣ дар ҷаҳонбинии исломӣ ғарқ мегардад. Дар замони фарҳанги ҷоҳилияи араб дар партави эътиқоди бисёрхудоӣ ва бутпарастӣ осори санъати соддаусул (содалавҳона, ибтидоӣ) ривоҷ ёфта буданд. Ҳар як бут ё санам рамзи худои муайян ё ягон навъи эътиқоди диниро ифода мекарданд. Ин буту сангҳо ва тасвирҳое, ки бевосита ба эътиқодоти бисёрхудоию бутпарастии араб робитаи устувор доштанд, дар ибтидои пайдоиш ва густариши ислом ва ташаккули идеяи яктопарастӣ монеа эҷод менамуданд. Ин ҳолат дар ҳамон шароит зарурияти муносибати манфӣ доштан ба чунин навъҳои санъат – тасвирӣ ва муҷассамасозиро ба бор овард ва дар партави идеяи тавҳидгароӣ дар ислом нигоҳи хоси

---

[205] Муҳаммад, Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-расул [Текст] / Табарӣ М.Ҷ // Мутарҷим Абулқосими Поянда. –Теҳрон.: Асотир, 1395. Ҷ. 1 Х. -С-3855-3880.

теологиро нисбати санъат ташаккул дод. Оқибат илоҳиёти исломӣ ба тасвири мавҷудоти зинда муқобил баромад. Дар Қуръон ва суннати пайғамбар рассомӣ ва тасвири мавҷудоти зинда маҳкум карда шуданд.

Ҳамзамон бояд гуфт, ки дар он давра биниши эстетикии арабҳои Ҳиҷоз нисбат ба олам ҳанӯз хело заиф буд. Аз ин ҳолат "санъат"-и меъмории Ҳиҷоз шаҳодат медиҳад. Биноҳои истиқоматӣ, ба хусус муқаддасгоҳҳои Ҳиҷоз ягон фасоҳату маънои эстетикии муассир надоштанд, нақшаҳои рӯйи девори биноҳо хеле дағалу соддалавҳона буданд. Ҳатто хонаи Каъба ороиши хуб надошт ва тоҷирони Макка, ки табақаи сарватманд ҳисоб мерафтанд, хонаҳое, ки дорои ороиши эстетикӣ бошанд, надоштанд. Ба гуфти муҳаққиқ О. Грабар худи истилоҳи зебой вуҷуд надошт. Бутҳое, ки дар Каъба ҷой доштанд, хело оддӣ ва каммазмун буданд,[206] шаклҳои эҷодиёти бадей, ба ҷуз сохтани бутҳои оддӣ аз чӯб, ба мисли санъати тасвирӣ, рассомӣ ва муҷассамасозӣ ва ғайра дар ҳаёти фарҳангӣ ва зеҳнияти араб ташаккул наёфта буданд. Ҳамаи ин омилҳо, албатта, ба биниши эстетикии араб таъсири манфӣ доштанд ва ин биниш ниҳоят ба Қуръону суннат низ бетаъсир намонд. Масалан, дар Қуръон нисбати шоҳ - Набӣ Сулаймон гуфта шудааст: "Аз девон касеро (мусаххар гардонем, ки дар пеши ӯ ба ҳукми Парвардигори хеш кор мекард: ва аз девон ҳар кӣ аз ҳукми Мо каҷӣ кунад, ӯро (порае) аз азоби дӯзах бичашонем. Барои ӯ он чи мехост, месохтанд: аз қалъаҳо, суратҳо, косаҳои ба қадри ҳавзҳо ва дегҳои собит дар ҷойҳои худ" (34:12-13). (Чуноне ки мебинем, дар ин оятҳо суратҳоро бо ҳукми Парвардигор барои Сулаймон девҳо (ҷинҳо) сохтаанд ва суратҳо маҳсули фаъолияти инсон набуда, балки аломати илҳоми илоҳиест, ки хоси Сулаймон аст. Сонияն, мантиқан чунин бармеояд, ки сураткашӣ бидуни ҳукми илоҳӣ, амали шайтонӣ (ҷинҳо, девҳо) аст. Инро оятҳои дигари Қуръон низ тақвият мебахшанд: "Гуфт: "Эй Парвардигори ман, чӣ гуна маро

[206] Олег, Грабар. Формирование исламского искуство [Текст] Грабар О // Перевод с англ.Т.Х. -Старолуб.-М.: Садра, 2016. -С.103-105.

фарзанд шавад ва (ҳол он ки) ҳеҷ одамие ба ман даст нарасонидааст? (Ҷабраил) фармуд: "Ҳамчунин Худо ҳар чӣ хоҳад, пайдо мекунад: чун кореро саранҷом диҳад, пас ҷуз ин нест, ки Худо мегӯяд: "Бишав!". Пас мешавад"...Ва (ӯро) ба сӯи Бани Исроил пайғамбаре (гардонид, ба ин даъво), ки: "Ман аз Парвардигоратон пеши Шумо нишонае овардам (ва он ин аст), ки ман барои шумо аз гил монанди шакли паранда месозам ва дар он медамам, пас ба ҳукми Худо паранда мешавад" (3:47-49).

Чи тавре ки ошкор шуд, дар оятҳои мазкур масъалаи аз ҷониби Худованд офарида шудани ҳамаи мавҷудот ва ба онҳо ҷон бахшидани ӯ дақиқ баён ёфтааст. Дар асоси ин оят илоҳиёти ислом ва рӯҳонияти он, бахусус рӯҳонияти аҳли суннат даъво доранд, ки тасвири сурати мавҷудоти зинда ҳамон вақт имконпазир аст, ки агар инсон ба онҳо ҷон бахшида тавонад, вале чунин қудратро танҳо Худованд дораду халос. Бояд гуфт, ки асоси пайғоми илоҳиётии Қуръонро асосноккунии қудрату тавоноии мутлақи Аллоҳ ташкил медиҳад. Мувофиқи ин пайғом танҳо Худованд ягона "Офаридгор, Навпадидоранда, Нигоранда"(59:24)· (муссавир) аст, ки ҳама гуна шаклро месозад ва ҳамчун офаридгори ягона наметавонад дар офариниш шарике дошта бошад. Манъи тасвири мавҷудоти зинда аз ҷониби инсон дар ҳадисҳои пайғамбари ислом низ таъкид ёфтааст. Дар ин хусус пайғамбар фармудааст: "Касоне, ки ин тасвирҳоро мекашанд, дар рӯзи қиёмат таъзиб мешаванд ва барои онҳо гуфта мешавад: "чизҳоеро халқ кардаед, зинда кунед".[207]

Ҳамин тариқ, мубориза ба муқобили бутпарастиву ширк, аз як ҷониб ва ниҳоят заиф будани дарки эстетикии олам дар аъроби саҳронишини Ҳиҷоз, аз ҷониби дигар, ба ташаккули биниши эстетикии Қуръон ва суннат дар бораи олам низ таъсир расонид. Бинобарон санъат ҳамчун як унсури дунявии фарҳанг дар исломи ибтидоӣ мақоми хос надорад. "Дар замони пайғамбар масъалаи эҷодиёти бадеӣ ва рассомӣ ҳамчун масъалаи муҳим, ки ақида ё санади ҳуқуқии расмиро талаб

---

[207] Мухтасари, Саҳеҳи Бухорӣ. Таълифи Имом Зайнуддин, Аҳмад Зубайдӣ.-Душанбе, 2005. -С. 516

кунад, ба миён наомада буд”,[208] балки масъалаи муҳим масъалаи мубориза бо ширку бутпарастӣ буд, ки барои ташаккули идеяи тавҳидгароӣ монеаи сахт эҷод мекард.

Бинобар он, замоне ки дар исломи қарнҳои аввал мафҳуму категорияҳои асосии эътиқоди исломӣ ташаккул ёфтанд, мафҳумҳое, ки биниши эстетикии мусулмононро ифода намоянд, хеле заифу нокифоя буданд. Танҳо баъдтар, дар садаҳои IX-X дар натиҷаи дар зери таъсири тамаддунҳои дигар, бахусус тамаддуни тоҷикӣ-форсӣ инкишоф ёфтани санъати меъморӣ баъзе мафҳумҳои эстетикӣ, ки маънои рамзӣ доштанд, ба вуҷуд омадаанд. Аз ҷумла, мафҳуми “ҷамол”, ки зебоии комил, ҷамоли илоҳиро ифода менамуд, мафҳуми “ҷалол”, ки бузургии илоҳиро тараннум мекард ва ғайра ба вуҷуд омаданд. Баъдан санъати қироат ташаккул ёфт, ки образҳои шоиронаи Қуръонро бо санъати бадеъ иҷро мекард, ки ҳадафаш таъсири эстетикии Қуръонро тақвият бахшидан буд. Вале дар воқеият таҳаммулнопазирӣ нисбат ба санъат, муносибати ҳиссӣ-эстетикии инсон ба олам дар ҳамаи сатҳҳо, чӣ дар сатҳи ақоиди динӣ ва чӣ дар сатҳи мафҳумҳои илоҳиётшиносӣ ва маросим боқӣ монд, ба вижа дар мазҳабҳои аҳли суннат, ба мисли ҳанбалия. Ҳанбалия на танҳо санъати тасвирию муҷассамасозӣ, ҳатто санъати мусиқиро, шодию нишотро дар маросими тӯйю сур ва ҷашну идҳо манъ намуд. Имрӯз ин идеяҳои зидди зебоишиносиро ҳаракати ифротии салафия, ки аз таълимоти ҳанбалия маншаъ мегирад, тарғиб менамояд ва он ба хомӯш сохтани завқи бадеӣ – эстетикӣ, дарки зебоишиносии инсон нигаронида шудааст, ки метавонад барои паҳн гардидани ақидаҳои бегонаи ифротӣ ва ба гурӯҳҳои ифротӣ ҷалб сохтани ҷавонон, боз доштани онҳо аз созандагию омӯзиши илму технологияи муосир ҳамчун заминаи ақидавӣ-идеологӣ мусоидат намояд. Дар биниши салафия ислом навовариро намеписандад, дар навоварӣ ягон чизи хуб, пешқадамро

---

[208] Олег, Грабар. Формирование исламского искуство [Текст] Грабар О // Перевод с англ.Т.Х. Старолуб.-М.: Садра, 2016. -С.108

намебинад. Дар ин масъала ақидаи рӯҳонияти ашадии аҳли суннат аз ҷаҳонбинии салафиён фарқияти кам дорад. Тамоми ормони онҳо ба гузашта, ба замони пайғамбару “хулафои рошидин” нигаронида шудааст.

Аммо бояд ёдрас кард, ки ҳеҷ як дин, аз ҷумла ислом низ бе санъат наметавонад рушд намояд, талаботҳои забоишиносии инсонро дар канор гузорад, зеро он талаботи табиӣ инсон аст. Вақте ки ислом бо фарҳангҳои миллатҳои гуногун, бахусус фарҳангу тарзи зиндагӣ ва мафкураи эстетикии халқҳои Осиёи Марказӣ, мардумони эронитабор, ки мувофиқи ҳикмати қадим “танҳо эрониҳоанд, ки бо санъат зиндагӣ мекунанд”,[209] рӯ ба рӯ омад, баъзе унсурҳои санъат батадриҷ шомили мафкураи исломӣ гардиданд ва онҳо унсурҳои дунявии фарҳанги исломиро ташкил медиҳанд. Вале ин масъала мавзуи таҳқиқоти дигар мебошад.

Хулоса, муносибати манфии ислом ба миллат дар як вақт муносибати онро ба фарҳанги миллӣ низ муайян мекунад ва дар айни замон, ҳамон таълимоти иртиҷоии ислом доир ба фарҳанги миллӣ сарчашмаи ғоявии муносибати салафия ба фарҳанги миллӣ мебошад.

## 2.2. Имом Ҳанбал ва муборизаи ӯ бо муътазила ва ақлгароӣ

Ҳанбалия яке аз мазҳабҳои чаҳоргонаи аҳли суннат ва ҷамоат ба ҳисоб меравад ва асосгузори он Абу Абдулло Аҳмад ибни Муҳаммад аш-Шайбонӣ буда, Ҳанбал куният ӯ мебошад, ки маънояш «қатъан риоякунандаи аҳкоми дин» аст. Азбаски Аҳмад аҳкоми исломро ҷиддан риоя мекард, дар байни мусулмонон ба номи Аҳмад Ибни Ҳанбал машҳур гашт. Гузаштагони Аҳмад Ибни Ҳанбал аз қабилаи Шайбон буданд. Вале онҳо аз Арабистон кӯчида, ба минтақаи Марви Хуросон рафтанд. Бобояш ноиби халифаи Уммавиён ва падараш лашкаркаш буд. Ба сабаби ба ҳаракати Аббосиён пайвастан падарашро Уммавиён ҷазо

[209] Йагуби, Джафар Раджабали. Философско-культурологические аспекты антропонимики Ирана и Таджикистана[Текст] / Раджабали Й.Д. –Душанбе.: Дониш, 2006. -С.75.

дода, аз вазифа сабукдӯш карданд ва оилаи ӯ кӯчида ба Бағдод омад. Падараш дар синни 30-солагӣ фавтид ва ӯ дар тарбияи модару сарпарастии амакаш ба воя расид. Дар ташаккули ҷаҳонбинии Аҳмад муҳити Бағдод, ки маркази хилофат ва яке аз марказҳои фарҳанги ҷаҳонӣ буд, нақши калон дошт. Бағдод, аз он нигоҳ, ба мафкураи Аҳмад таъсир бахшид, ки дар он ҷо мактабҳои гуногуни фалсафӣ ва динҳои мухталиф фаъолият мекарданд ва дар байни онҳо пайваста баҳсу муколама сурат мегирифтанд.

Аҳмад аз наврасӣ ба илмҳои динӣ шавқ дошт ва аз ин рӯ Қуръону суннат ва аҳодиси саҳобагону тобеинро меомӯхт, грамматикаи забони арабиро хуб медонист. Ӯ бештар ба улуми динӣ -суннат ва фиқҳ таваҷҷуҳ дошт. Дар ин илмҳо устоди ӯ намояндаи машҳури мазҳаби ҳанафӣ - қозии Бағдод Абу Юсуф буд. Дар омӯзиши ҳадис поягузори мазҳаби шофеия - аш-Шофеъӣ низ ба Аҳмад таъсири зиёд расонидааст. Танҳо дар синни 40- солагӣ Аҳмад худ бевосита ровии ҳадис гардида, фатво низ медод. Аз илми ҳадис ба шогирдони хеш дарс мехонд. Аҳмад ҳамаи он китобҳое, ки доир ба илми ҳадису фиқҳ навишта шуда буданд, аз худ карда, барои аҳодиси набавиро азбар кардан ба шаҳрҳои Басра, Куфа, Ҳиҷоз, Яман сафар кард, то ки бо ровиёни ҳадис шахсан мулоқот намуда, ҳадисҳои саҳеҳро омӯзад.[210] Аз ин ҷост, ки ӯ яке аз донишмандони ҳадис ба ҳисоб меравад ва асҳоби ақлу райъ «пайравони Ибни Ҳанбалро «асҳоб-ул-мухобир» ном ниҳодаанд. Онҳо дар масоили динӣ танҳо ба тааққулу тафаккур иктифо намекарданд, балки саъй бар он доштанд, ки аҳодисро пас аз иҷтимоъ ёддошт намоянд».[211]

Дар ислом мазҳабҳои аҳли суннату ҷамоат одатан ба ду мактаб - «асҳоби ҳадис» (пайравони ҳадис) ва «асҳоб-ур-райъ» - пайравони ҳукми мустақил тақсим мешаванд. Имом Абуҳанифа асосгузори «асҳоб-ур-

[210] Ислам. Энциклопедический словарь. Ханбаллитский мазхаб. [электронный ресурс] URL: https: // dic academic. ru/dic. nsfl Islam 848. (дата обращения:12.03.2019)
[211] Абумансур, Абулқодири Бағдодӣ. Таърихи мазоҳиби Ислом [Матн] / Бағдодӣ А.А // Тарҷумаи Муҳаммад Ҷаводи Машкур.- Теҳрон.: Асотир, 1367. -С.162-164.

райъ» мебошад. Ӯро аввалин воридсозандаи ақлгароӣ ба ислом меҳисобанд. Вале Аҳмад Ибни Ҳанбал бо вуҷуди аз Абу Юсуфу аш-Шофеъӣ таълими ҳадис гирифтан ба ин мактаб, ки андак хусусияти хирадгароӣ дошт, пайравӣ накард. Ҳанбал ба мактаби «асҳоби ҳадис» пайравӣ кард. Ӯ аз мутахассисони маъмуле аст, ки исломи суннатиро ба низом даровардааст ва суннатро меъёри асосии муайян намудани ҳаққонияти эътиқод (имон) ҳисобидааст.[212] Ибни Ҳанбал ҳадисро тафсири Қуръон меҳисобид ва ҳангоми интихоби ҳадис ба иснод, яъне ба силсилаи ровиёни ҳадис, ки бевосита ба худи пайғамбари ислом рафта мерасиданд, аҳамияти хос медод. Агар ду ҳадис бо ҳамдигар ихтилоф мекарданд, ӯ онҳоро бо ҳадиси дигар муқоиса мекард ва саҳеҳашро интихоб менамуд. Бинобар он, Ибни Ҳанбалро «наҷотбахши ислом аз бидъат», яъне аз навовариҳо ҳисобидаанд[213].

Сабаби унвони «наҷотбахши ислом аз бидъат»-ро гирифтани Аҳмад ибни Ҳанбал дар он буд, ки дар охири садаи VII ва ибтидои садаи VIII баҳсҳо миёни мутакаллимон ва муътазилиён аз нав авҷ гирифта, хеле тезутунд шуд. Ҷонибдорони аҳли ҳадис иллати пайдоиши равияю фирқаҳоро дар воридшавии навовариҳо, ки «бидъат» ба ҳисоб мерафт, медонистанд. Ба ақидаи аҳли ҳадис, ки аз пайравони аҳли суннату ҷамоат ва салаф буданд, гӯё маҳз навовариҳо исломро олуда сохта, боиси пайдоиши равияю фирқаҳо, ба мисли муътазилия, мурҷия, қарматия, қадария ва ғайра гардидаанд. Баҳсҳо байни онҳо оқибат ихтилофҳои ақидавиро ба вуҷуд оварда, дар замони хилофати Аббосиҳо боиси низоъҳои мазҳабӣ шуданд. Халиф ал-Мутаваккил, ки душмани фирқаҳои ақлгаро буд, аз Ҳанбал хоҳиш кард, ки барои барқарор кардани исломи суннатӣ мубориза барад. Бинобар он, ҳанбалия ҳамчун аксуламал ба ҳаракатҳои ақлонӣ, ба мисли, муътазила ба вуҷуд омад ва ба Қуръону суннат ва гуфтору кирдори пешиниён («салафи солеҳин»)

---

[212] Ализаде, А.А. Ҳанбалитский мазҳаб (Исламский энциклопедический словарь) [Текст] / А.А. Ализаде.- М.: Ансар, 2007. -С.848
[213]. Энциклопедический словарь. Ислам [Текст] // Отв. ред. С. М. Прозоров М.: Наука, ГРВЛ, 1991.

такя карда, суннати онҳоро ҳифз намуд. Аҳмад ибни Ҳанбал кӯшидааст, ки бо роҳи ривоҷ додани мактаби «аҳли ҳадис» ва берун сохтани хирадгароӣ аз ислом, ки Имоми Аъзам Абуҳанифа ва баъдан намояндагони фирқаҳои муътазилаю қадария ва ғайра ба ислом ворид карда буданд, исломи суннатии ғайриақлониро ҳифз намояд. Ӯ чунин ақида дошт, ки ҳар он ақидае, ки «нававарӣ» буда, реша дар Қуръону суннат надорад, «бидъат» мебошад, вале ин иқдоми ӯ дар ниҳоят ҷанбаҳои арабгароӣ ва ғайриақлонии исломро тақвият бахшид.

Ба андешаи мо, ӯ дарк карда буд, ки нававарӣ ва хирадгароӣ метавонад рӯҳи арабии исломро шиканад, зеро исломи ибтидоӣ аз муҳити иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва мафкураи арабҳои саҳронишини “замони ҷоҳилия” бархоста, рӯҳияи сахти арабӣ дошт, дар натиҷаи истилои араб ва бо фарҳангҳои мухталиф рӯ ба рӯ шудан, батадриҷ баъзе хусусиятҳои таҳаммулпазирӣ ва ақлгароӣ пайдо мекард, ки ин ба манфиатҳои геосиёсӣ ва геоиқтисодии араб ва рӯҳи арабии ислом созгор набуд. Аҳмад ибни Ҳанбал, ба андешаи мо, пеш аз ҳама, на ҳамчун як мусулмон, балки ҳамчун фарзанди миллати хеш манфиатҳои миллии арабро, ки дар ислом таҷассум ёфта буданд, ҳимоя мекард. Аз ҳамин нигоҳ, ба назари мо, ҳимояи ислом аз «бидъатҳо» маънои ҳимояи рӯҳияи арабӣ дар исломро дошт. Ҳоло он ки ворид шудани нававариҳо дар ислом ин як раванди табиӣ мебошад, зеро ислом дар раванди густариши худ ба фарҳангҳое бархурд кард, ки хусусияти хирадгароӣ дошта, дар муқоиса бо фарҳанги араби садаи VII хеле пешқадам буданд.

Бо вуҷуди муқобилияти зиёди мутакаллимону фақеҳони араб, ба мисли Аҳмад ибни Ҳанбал, дар ниҳоят симои маънавии ислом дар зери таъсири фарҳангҳои миллии мардумони мусулмоншуда (мавлоӣ)-и хилофат батадриҷ тағйир меёфт, рӯҳи арабии ислом заиф гардида, он бештар хусусияти умумибашарӣ касб мекард, ки зоҳиран, аз нигоҳи сиёсӣ ва иқтисодӣ, ба манфиатҳои араб созгор набуд. Беҳуда нест, ки

асосгузорони фирқаҳои ақлгарои исломӣ бештар аз мавolӣ буданд, ба мисли Восил ибни Ато, ки дар ҷаҳони ислом ӯро асосгузори фирқаи муътазила ва воридсозандаи тафаккури фалсафӣ ба ислом мешиносанд. Ин андешаҳои моро, навиштаи Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ низ тасдиқ мекунад. Иқбол мегӯяд: «Агар аз ман бипурсанд, бузургтарин ҳодисаи таърихи ислом кадом аст? Бедиранг ба Шумо хоҳам гуфт: фатҳи Эрон ва ҷанги Наҳованд (ҷанге, ки ба шикасти ниҳоии сипоҳи Эрон анҷомид ва «фатҳ-ул-футуҳ» ном гирифт) на танҳо кишвари обод ва зеборо насиби арабҳо кард, балки тамаддун ва фарҳанги куҳанро низ дар ихтиёри онҳо гузошт. Ба забони дигар, арабҳо ба миллате рӯ ба рӯ шуданд, ки қодир буд аз аносири ориёӣ ва сомӣ тамаддуни ҷадидро ба вуҷуд оварад. Тамаддуни исломӣ маҳсули синтези тафаккуроти ориёӣ ва сомӣ аст. Агар аъроб Эронро тасхир накарда буданд, тамаддуни исломӣ ноқис мешуд. Бо фатҳи Эрон мусалмонон ба ҳамон андоза сероб шуданд, ки румиён аз фатҳи Юнон шуданд».[214]

Чуноне ки мебинем, «олудшавии ислом аз бидъат» раванди табиӣ будааст. Аммо аҳли суннату ҷамоат, ба хусус, Аҳмад ибни Ҳанбал, ба сабаби эҳсосу таассуби баланди арабгароӣ доштан мекӯшиданд, ки ба ин раванд ихтилоф варзанд. Ҳамчунин, бояд ёдрас кард, ки ҳадафи сиёсии ҳифзи рӯҳияи арабии ислом аз ҷониби Ибни Ҳанбал ин ҳифзу пойдор сохтани хилофати араб ва аз нигоҳи идеологӣ пешгирӣ кардан аз кӯшишҳои озодихоҳии мардумони мазлуми хилофат, ба мисли, эронитаборон буд. Беҳуда нест, ки мардуми араби Нимҷазираи Арабистон аз байни мазҳабҳо бештар ба мазҳаби ҳанбалия гаравиданд. Дар замони муосир низ ин мазҳаб барои равияҳои ифротии исломи муосир, ба мисли, ваҳҳобия (салафия) ҳамчун сарчашмаи ғоявӣ хизмат мекунад ва ваҳҳобия идеологияи расмии як қатор давлатҳои арабии ҳавзаи Халиҷи Форс мебошад.

[214] Асғари, Додбеҳ. Фахри Розӣ.-Теҳрон.: Асотир, 1374. -С.67

Усули фиқҳи Аҳмад ибни Ҳанбал ба сарчашмаҳои зерин асос ёфта буданд:

- насс, яъне Қуръону суннат, ки Ибни Ҳанбал ҳангоми ҳалли масоили фиқҳӣ онҳоро баробар меҳисобид;

- фатвои саҳобагони пайғамбар;

- андешаи саҳобагон. Дар сурати дар андешаи саҳобагон тафовутҳо ба мушоҳида расидан Ибни Ҳанбал андешаи ҳамон саҳобаро ба инобат мегирифт, ки ба Қуръону суннат бештар наздик бошад.

- иҷмоъ, яъне ақидаи ягонаи фақеҳони наслҳои гуногун.

- истисҳоб, яъне муваққатӣ будани ҳар кадом фатво то ба даст овардани далели нав.[215]

Бояд гуфт, ки ҳанбалия дар кулл «дари иҷтиҳод»-ро набастааст ва ҳанбалиён ҷонибдори он буданд, ки ҳар гуна масъалаи динӣ-фиқҳӣ бояд мавриди таҳқиқ қарор гирад ва баҳсу мунозираҳои мутакаллимонро мепазируфтанд. Вале ақидаи онҳо ин буд, ки ҳама гуна иҷтиҳод бояд танҳо ба Қуръону суннат такя намояд ва ҷонибдори иҷтиҳоде, ки ба райъ асос ёфта бошад, набуданд. Ба ақидаи онҳо, иҷтиҳоде, ки берун аз насс анҷом дода мешавад, яъне райъи мустақил, метавонад ба «бидъат» барад. Аз ин нигоҳ, иҷтиҳоде, ки ҳанбалиён ҷонибдорӣ мекарданд, иҷтиҳоди маҳдуд буд ва наметавонист анъанаи хирадгароиро дар ислом ривоҷ диҳад.

Ҳанбалия, замоне зуҳур ёфта буд, ки дар хилофат фирқаи муътазила миёни мардум нуфуз касб мекард. Халифа Маъмун ба муътазила майли зиёд дошт. Муътазила дар масъалаҳои динӣ аз мавқеи ақлгароӣ муносибат мекард. Аҳмад ба муқобили муътазила баромад ва паҳншавии хирадгароиро дар ҳалли масъалаҳои динӣ барои ислом хатарнок медонист. Ӯ барои ихтилофаш ба муътазила, ҳатто, ду сол зиндонӣ низ шуда буд. Дар давраи халифа Маъмун муътазила равияи

[215] Ализаде, А.А. Ҳанбалитский мазҳаб (Исламский энциклопедический словарь) [Текст] / А.А. Ализаде. - М.: Ансар, 2007. - С.728

расмии хилофат эълон шуд ва мавзӯи баҳс байни мутакаллимон масъалаи халқи Қуръон буд. Ҳанӯз дар замони Имом Абуҳанифа як гурӯҳ афрод ақидаи халқи Қуръонро паҳн карда, мегуфтанд, ки «Қуръон махлуқ аст,” ҳарчанд ки муъҷизаи пайғамбар ҳам бошад. Шахсе, ки аввалин бор ин ақидаро паҳн кард, Ҷаъд ибни Дирҳам буд, ки ӯро волии Хуросон Холид ибни Абдуллоҳ ба қатл расонид. Ҷаҳм ибни Сафвон ҳам ин ақидаро дошт».[216] Маъмун халқи Қуръонро расман қабул карда, фақеҳонро маҷбур сохт, ки Қуръонро махлуқ (навиштаи инсон) эълон намоянд. Бархе аз уламо ба мисли Яҳё ибни Муъин, Ибни Масъуд, Аҳмад аз-Давракӣ ва дигарон аз тарси халифа ин ақидаро аз таҳти дил набошад ҳам, дар зоҳир қабул карданд, вале Аҳмад ибни Ҳанбал ва Муҳаммад ибни Нуҳ ал-Мазруб ин ақидаро рад карданд ва мавриди шиканҷа қарор гирифтанд. Баъди марги халифа Маъмун, ҳарчанд халифа Муътасим низ онҳоро маҷбур сохт, ки ақидиаи махлуқ будани Қуръонро қабул намоянд, вале Ҳанбал онро рад кард. Рӯзе Муътасим Ибни Ҳанбалро ба ҳузур талабид ва аз вай хоҳиш кард, то аз ақидааш даст бардорад, аммо Ибни Ҳанбал таслим нашуд. То ин ки Муътасим аз ӯ пурсид:

- Дар бораи Қуръон чӣ мегӯӣ?

- Каломи Худост

- Оё махлуқ аст ё хайр?

- Каломи Худост. Ва чизе бар он наяфзуд. Муътасим ӯро чунон шатта зад, ки чандин бор аз ҳуш рафт.[217]

Баъди ин ҳодиса эътибори Имом Ҳанбал дар байни мусулмонон хеле афзуд. Вақте ки Мутаваккил ба халифагӣ расид, Ибни Ҳанбал ба дараҷаи пешвои фуқаҳои суннат, ки онҳоро аз ҷонибдорони аҳли салаф медонистанд, нуфуз пайдо кард. Ибни Ҳанбалро ба Абубакри Сиддиқ баробар мекарданд. Сабаб ин буд, ки халифа Мутаваккил муътазиларо

---

[216] Имом, Муҳаммад Абӯзаҳра. Абӯҳанифа: Зиндагӣ, рӯзгор, андеша ва фиқҳи ӯ. Тарҷума аз забони арабӣ // Муҳаррири масъул А. Ализода. –Душанбе.: Ирфон, 1990. –С.216

[217] Муҳаммад, Рауфи Таваккулӣ. Чаҳор Имоми аҳли суннат [Матн]/ Таваккулӣ М.Р.-Душанбе.: -2002, -С.82

ҳамчун дини расмии хилофат рад карда, мазҳаби сунниро ба ҳайси дини расмии хилофат ба ҳукми қонун даровард ва суннатгароёнро дастгирӣ намуд.

Соли 945 Бувайҳиён Бағдодро забт карда, халифаи аббосиро тобеи хеш карданд. Онҳо ҷонибдори шиа ва муътазила буданд ва Ибни Ҳанбал ба онҳо рақиби сахт буд. Ҳанбалиён тавассути таълим ва тарғиби оммавӣ таълимоти худро паҳн мекарданд. Халиф ал-Қодир ба фуқаҳои ҳанбалӣ ва айёрони онҳо такя карда, шурта (полис)-и мустақили худро дар Бағдод ташкил дод.[218] Соли 1018 бошад, халифа «Рамзи эътиқоди қадирӣ»-ро нашр намуд, ки умуман ҳанбалиҳоро рӯҳбаланд мекард. Ин ягона ҳуҷҷате буд, ки дар давоми садаи XI аз ҷониби ҳанбалиҳо тарғиб меёфт ва дар афрӯхтани низоъ дар байни шиаҳо ва сунниҳои Бағдод дар замони халиф ал-Қоим нақши муҳим бозид. Бо вуҷуди он ки Бағдод ватани ҳанбалия буд, вале ҳанбалия натавонист, ки дар он ҷо мазҳаби ҳоким шавад, зеро дар он ҷо мазҳаби ҳанафӣ мақоми устувор дошт.

Яке аз давраҳои нашъунамои мазҳаби ҳанбалия дар Ироқ садаи Х1 ба номи Абуялло ал-Фарро (ваф. 1066), ки дар давраи халифа ал-Қоим (1001-1075) қозии Бағдод ва Ҳаррон буд, робита дорад. Дар ин давра ба тараққиёти мазҳаби ҳанбалия Ибни Батта (ваф. 977) ва Ибни Ҳамид (ваф. 1012 ё 1013) низ мусоидат карданд. Ибни Батта китоби «Ал-Ибана»-ро навиштааст, ки тӯли садсолаҳо манбаи илҳом ва роҳбаладӣ ҳанбалиҳо буд.[219]

Дар давраи халифа ал-Мустадӣ (1142-1180) мазҳаби ҳанбалия дар пойтахти хилофат ҷойгузини мазҳаби ҳанафӣ гардид ва аксари мадрасаҳои Бағдод дар ихтиёри ҳанбалиҳо қарор гирифтанд, ки боиси норозигии мазҳабҳои дигар шуданд. Баъди марги ал-Мустадӣ ҳанбалия дар Бағдод таназзул ёфт. Вазири ҳанбалимазҳаб Ибни Юнус ба ҳабс гирифта шуд ва ҷои ӯро намояндаи шиаҳо ишғол кард.

---

[218] Баширов, Л.А. Ислам и этнополитические процессы в современной России: точка зрения [Текст] / А.Л. Баширов. -М.: РАГС С, 2000. -С.23.
[219] Ал-Араби, Х.Ю. География правовых школ [Текст]/ Х.Ю. ал-Араби.-Каир.:ал-Басир. 2005. -С. 41-61.

Дар солҳои нуфуз касб кардани ҳанбалия дар Бағдод ҳанбалия аз Ироқ ба шаҳрҳои Леванта (асрҳои XI-XII) паҳн гардид. Пайравони мазҳаби мазкур дар натиҷаи ихтилофҳои дохилӣ ва тағйиротҳо дар сиёсат аз охирҳои садаи XII сар карда, ба тадриҷ пароканда шуданд ва баъди фурӯ рафтани Бағдод дар соли 1258 ҳанбалия низ заиф гардид ва маркази он ба Димишқ кӯчид. Пас аз истилои муғулҳо дар садаи XIII доираи нуфузи ҳанбалия маҳдуд мешавад.[220]

Аз садаи XII сар карда ҳанбалия дар Миср ба тадриҷ паҳн мешуд, ҳарчанд дар он ҷо дигар мазҳабҳои аҳли суннат низ дар ин давра нуфуз доштанд. Сабаби ба Миср дер паҳн гардидани ҳанбалия дар он буд, ки дар ин кишвар исмоилиҳо дар сохтори идораи давлат афзалият доштанд. Дар Миср бештар мазҳаби ҳанафӣ паҳн шуда буд. Дар ин давра ҳанбалия бештар дар Сурия ва Фаластин, ки мамлукҳо ҳукуматдорӣ мекарданд, паҳн гардид ва он ба фаъолияти тарғиботии Ибни Таймия ва шогирдони ӯ Ибни Қайюм, Ибни Раҷаб робита дошт. Дар замони ҳукумати мамлукиҳо вазъият дар Миср тағйир ёфт. Султони мамлукӣ Бейбарс барои пайравони ҳар кадом мазҳаби суннӣ қозии алоҳида таъин намуд, вале дар давоми ҳукуматдории мамлукҳо нақши мазҳаби шофеия бештар эҳсос мегардид. Аввалин қозии мазҳаби ҳанбалия Муҳаммад ибни Иброҳим ал-Мақдисӣ (ваф.1277) буд ва нашъунамои ҳанбалия ба давраи охири асри XIII ва X1V рост меояд.[221]

Аз охирҳои асри XIV сар карда, нуфузи мазҳаби ҳанбалия дар Леванта тадриҷан заиф гардид. Яке аз сабабҳои он дар ин буд, ки ҳанбалиён бо мақсади дар сохтори давлатӣ мақоми хуб пайдо кардан бештар аз мазҳаби расмӣ-шофеия пайравӣ мекарданд.

Баъди ба ҳайати империяи Усмониҳои турк ворид шудани Миср ҳанафия мазҳаби расмӣ шуд ва миқдори ҳанбалиён ба тадриҷ кам гардид ва соли 1906 аз 312 уламои донишгоҳи ал-Азҳар танҳо се нафарашон

---

[220] Керимов, Т.М. Шариат и его социальная сущность[Текст]/ М.Т. Керимов.- М.: Наука, 1978. -С.19.
12. Ал-Араби, Х.Ю. География правовых школ [Текст]/ Х.Ю. ал-Араби.-Каир.: ал-Басир, 2005. -С. 41-61.

таълимоти ҳанбалияро ба донишҷӯён дарс медоданд. Аз 9060 донишҷӯи донишгоҳ фақат 28 нафар таълимоти ҳанбалиро меомӯхтанд.[222]

Дар давраи давлатдории туркони усмонӣ, ки Арабистон дар зери нуфузи онҳо қарор дошт, масъалаи аз нав эҳё кардани ҳанбалияро мувофиқи суннати пайғамбари ислом мазҳаби ваҳҳобия ба миён гузошт, зеро аз нигоҳи ваҳҳобиён танҳо ҳанбалия, ки хусусияти сахти арабгароӣ дорад, метавонад манфиатҳои ҷомеаи Арабистони марказии садаи XVIII-ро қонеъ созад.[223] Дар замони муосир ба сабабиривоҷи воситаҳои коммуникатсионӣ маросими ҳаҷ ҳар сол миллионҳо мусулмононро ба Арабистони Саудӣ ҷалб месозад ва дар ин раванд идеяи «исломи ноб», «исломи бунёдӣ» метавонад дар густариши мазҳаби ҳанбалия ва салафия таъсиргузор бошад. Ин маънои онро дорад, ки бо густариши ваҳҳобия мазҳаби ҳанбалия имкон дорад, мавқеи мазҳабҳои дигарро маҳдуд созад.

Идеяҳои ҳанбалия, махсусан, ба ташакули салафияи ифротии муосир таъсири калон доранд. Имрӯз ҳанбалия мазҳаби асосии кишварҳои ҳавзаи Халиҷи Форс ва ғайра буда, аз тариқи маросими ҳаҷ ва муносибатҳои тиҷоратӣ-фарҳангӣ ба маркази интиқоли ақидаҳои ифротгароии ваҳҳобия (салафия) ба кишварҳои дигар табдил гардидааст, аз ҷумла ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ.

Дар тӯли таърихи ислом миқдори ҳанбалиён вобаста ба вазъи сиёсӣ доим тағйир ёфтааст. Баъди ба ҳайси идеологияи расмии Арабистони Саудӣ ва Қатар пазируфта шудани мазҳаби ваҳҳобия шояд пайравони мазҳаби ҳанбалия дар кишварҳои арабӣ афзуда бошанд. Масалан, дар соли 2018 аҳолии ҳар ду кишвар 36 миллионро ташкил медод, ки аз он 90% саудиҳо ва 67,7% қатариҳои суннимазҳаб мебошанд.[224] Пайравони мазҳабҳои моликия, шофеия ва ҳанафия

---

[222] Ҳамон ҷо. -С.41-61.
[223] Васильев, А.М. Прутане ислама? Ваҳхобизм и первое государство Саудидов в Аравии (1744/45-1818) [Текст]/ М.А. Васильев. - М.: Наука, 1967. -С.262.
[224] Middle, East: Qatar (анг.) [Текс] / East M // The world factbook. Central intelligence Agency. https://csme.indiana.edu/about/our-region.html (Дата обращения. 12.12.2019).

қисмати хеле ками аҳолии ин кишварҳоро ташкил медиҳанд.[225] Пайравони мазҳаби ҳанбалия бошад, ба ҷуз Арабистони Саудию Қатар дар АМА, Кувайт, Баҳрайн, Уммон, Ироқ, Сурия, Миср, Фаластин ва Афғонистон низ зиндагӣ мекунанд.

Ба андешаи мо, пайравони ҳанбалия дар Афғонистон асосан охири садаи XX ва ибтидои садаи XXI бояд афзоиш ёфта бошанд. Зеро дар ин кишвар тӯли 30 соли охир (баъди хуруҷи Артиши Шуравӣ дар соли 1989) артиши ИМА ҳузур дошт ва он гурӯҳи террористии «толибон»-ро тайёр намуд. Азбаски барои пиёда сохтани ҳадафҳои геосиёсии худ дар ҷаҳони ислом ИМА ва дигар қудратҳои Ғарб дар ҳамкорӣ бо давлатҳои арабии шарики стратегии худ аз ҳаракати ифротии ваҳҳобия (салафия) истифода мебаранд, метавон гуфт, ки аъзои ҳаракати толибон низ бояд дар руҳи таълимоти ваҳҳобия тарбия ёфта бошанд. Ин хулосабарориро амалҳои онҳо дар Афғонистон, махсусан баъди ғасби ҳокимияти Кобул (соли 2022) тасдиқ мекунанд. Толибон имрӯз дар Афғонистон мувофиқи талаботҳои шариати ҳанафия фаъолият намекунанд, ки хатари аз байн рафтани мазҳаби ҳанафии суннатиро дар ин кишвар дорад. Муборизаи онҳо ба муқобили озодии занон, санъаткорон, ба вижа ҳофизону мусиқинавозон, шодию нишот дар тӯйю сурҳо, манъи ҷашну идҳои миллӣ, ба монанди, Навзӯз, Тиргон, Меҳргон ва Сада, манъ кардани пӯшидани либоси аврупоӣ, тарошидани риш ва ғайра аз пайрави мазҳаби ҳанбалӣ-ваҳҳобӣ будани онҳо шаҳодат медиҳад.[226] Ҳамин тариқ, паҳн шудани мазҳаби ҳанбалия дар ҷаҳони исломи муосир ба рушди таълимоти ифротии ваҳҳобия (салафия) метавонад мусоидат намояд.

Вале бо вуҷуди ҳамаи ин пайравони мазҳаби ҳанбалия дар муқоиса бо пайравони мазҳабҳои дигар хеле кам мебошанд, ки ин сабабҳои худро дорад. Аввал ин ки мазҳаби ҳанбалия таълимоти худро

---

[225] Abir, M. Society Government and the Gulf Crisis Rautltdge [Text] / M. Abir //- Abir.: Mordechai,1993.-P.13
[226] Шаби ялдои толибон // Рӯзномаи “Минбари халқ”. –Душанбе. 26.01.2022. №4 (1350). -С. 6

танҳо дар доираи фаҳмиши таҳтуллафзии Қуръону суннат маҳдуд сохта, дигар сарчашмаҳои исломие, ки имомони мазҳабҳои дигар, бахсус мазҳаби ҳанафия, истифода кардаанд, рад менамоянд ва аз ҳамин ҷо хусусияти сахти консервативӣ ва арабгароӣ касб намудааст. Ҳанбалия, ки худро давомдиҳанда ва муҳофизи суннатҳои аҳли салаф меҳисобад, ҳамеша ба талаботҳои тағийрёбандаи халқҳои мусалмоншудаи соҳиби тамаддунҳои мухталиф, ки дар муҳити табиӣ ва иҷтимоии гуногун зиндагӣ мекунанд, зид буд.

Дигар ин ки, мазҳаби ҳанбалия нисбат ба дигар мазҳабҳои аҳли суннату ҷамоат дертар зуҳур карда, ташаккул ёфтааст, яъне дар замоне, ки халқҳои мусулмон аллакай аз мазҳабҳои дигар пайравӣ мекарданд ва ин мазҳабҳо ба муҳити иҷтимоии онҳо то андозае мутобиқ шуда буданд, бахусус мазҳаби ҳанафия. Сонияи, то ба сари қудрат омадани сулолаи Оли Сауд дар Арабистони асри XVIII дар таърихи ислом дар ягон кишвар мазҳаби ҳанбалӣ дар сатҳи давлатӣ мазҳаби расмӣ набуд. Мазҳабҳои расмие, ки аз ҷониби давлат дастгирӣ меёфтанд, асосан, мазҳабҳои ҳанафӣ ва баъдан мазҳабҳои шофеияю моликия буданд. Танҳо баъди дар кишварҳои Нимҷазираи Арабистон нуфуз пайдо кардани таълимоти ваҳҳобия ва дар баъзе кишварҳои араб ба ҳайси идеологияи расмӣ шинохта шудани он ва ҳамзамон ба ташкилоти хадамоти махсуси қудратҳои ҷаҳонӣ табдил ёфтани ваҳҳобия нуфузи он дар ҷаҳони ислом афзоиш ёфт. Тавассути ваҳҳобия ҷанбаҳои ифротгароёнаи мазҳаби ҳанбалия эҳё гардида, ба кишварҳои мусулмонӣ таъсир расонида истодаанд. Аз ҷумла, пайравони ҳанбалия дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки Тоҷикистон ҷузъи он аст, аз тариқи паҳн шудани таълимоти салафия метавонад паҳн шавад.

Дар таносуб бо мазҳабҳои суннатии дигар таълимоти ҳанбалия аз чанд ҷиҳат тафовут ва беандоза ихтилоф дорад. Аввал ин ки, ҳанбалия ҳамчун мазҳаби сиёсӣ-динӣ зуҳур кардааст, зеро он дар давраи буҳрони

сахти ичтимоӣ-сиёсии хилофати Аббосиҳо, ки халифа Маъмун фирқаи муътазиларо ба идеологияи расимии хилофат табдил дода буд ва ин фирқа «идеяи махлуқ будани Қуръон»-ро тарғиб мекард, ба майдони баҳсҳои каломӣ ворид гардидааст. Аҳмад ибни Ҳанбал таълимоти нави каломӣ-фиқҳиеро коркард намуд, ки натанҳо ба муътазила ва фирқаҳои дигар, ҳамзамон бо мазҳабҳои суннатии он замон, монанди мазҳабҳои ҳанафӣ ва шофей, тафовут ва ихтилоф дошт.

Аҳмад ибни Ҳанбал ақидаҳои худро танҳо дар асоси ҳадису суннат таълиф намуда, бештар аз ривоёти саҳобагон доир ба пайғамбар истифода кардааст. Ба ақидаи ӯ, ҳадис поя ва асоси шариат ба ҳисоб рафта ва «касе илми аҳодис ва роҳҳои ташхису ихтилофи онҳоро надонад, ҳаром аст, ки ба он ҳукм кунад ва ё фатво диҳад».[227] Ӯ ақидаҳои хешро дар осораш, ки муҳимтарини онҳо “Ал-муснад” ва “Китобу-с-салот,” “Алманосику кабир,” “Алманосику сағир”, “Атторик,” “Носих ва Мансух”, «Фазоилу-с-саҳоба,” “Сифату-л-муъмин” ва ғайра мебошанд, баён намудааст. Ин асарҳо ҷанбаҳои гуногуни таълимоти ҳанбалияро ифода менамоянд. Аз ҷумла дар китобаш «Нафйи ҷаҳмиҳо ва зиндиқиён» ӯ бо такя ба далелҳо аз Қуръону суннат моҳияти масъалаи сифатҳои Худо ва пайдоиши Қуръонро, ки мавзуи баҳс дар миёни аҳли (салаф) ва фирқаи муътазила буд, таҳлил карда, ақидаҳои муътазиларо дар бораи «махлуқ» будани Қуръон танқид ва рад кардааст.

Дар муқобили муътазилиён ӯ кӯшидааст, собит намояд, ки Қуръон каломи Аллоҳ аст. Каломи Аллоҳ аз сифатҳои ӯ ба шумор рафта, Худо қадиму азалӣ ва сифоташ, яъне калом ҳам қадиму азалӣ мебошад, зеро сифат аз мавсуф ҷудо нест. Қавл ба махлуқ будани Қуръон аз назари Ибни Ҳанбал ин маъниро медод, ки Қуръон ҳодис ва ғайриқадим аст,

---

[227] Ермаков, Д..В. Ибни Ханбал и начало ханбалитства [Текст] / Д.В. Ермаков // Религии мира: история и современность.-М.: Наука, 1984. -С. 185-186.

зеро ҳар махлуқ ҳодис аст.[228] Ва ин ба табиати сифоти Худо ихтилоф дорад.

Яке аз муҳимтарин нуктаи мазҳаби ҳанбалия он аст, ки он ҳама гуна навовариҳоро дар соҳаи эътиқод ва фиқҳи исломӣ рад мекунад ва тоза кардани исломро аз бидъатҳо тавассути суннати пайғамбар талаб менамоянд. Бояд гуфт, ки таълимоти ибтидоии ҳанбалия давраи муҳими ташаккули таълимоти сунниро инъикос мекард ва суннаро тафсир ба Қуръон» меҳисобиданд. Дар натиҷа дар фаъолияти онҳо нуфузи суннат то ба сатҳи нуфузи Қуръон баланд рафт. Ҳанбалиён дар садаҳои IX-X таълимоти исломи суннатиро мувофиқи биниши худ ба низом даровარда, як қатор китобҳоро доир ба ақида, бахусус, ҳадисшиносӣ ва инчунин асарҳо дар масоили илоҳиётшиносӣ, навишта, нашр карданд. Дар ин осор масоили муҳими ташкили ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии ҷомеа баррасӣ гардида, қоидаҳои умумӣ ва хоси тафсири анъанавии асосҳои эътиқод, фиқҳ ва таърихи ҷомеаи мусулмонӣ баён ёфтаанд.

Дар фарқият аз ақидаи муътазилиён, ки ба табақаи нисбатан бомаърифати ҷомеа нигаронида шуда буд, таълимоти ҳанбалия барои омма соддатар ва дастрастар мебошад. Ҳанбал тафсири ақлонии Қуръонро рад карда, аввал ба тафсири лафзии он диққат дода, сипас ба шарҳи гуфтори саҳоба ва фатвои онҳо пардохта, баъдан аз онҳо гоҳе ба қиёсу иҷмоъ, масолеҳи мурсала ва саду-з-зароеъ иноят менамуд».[229] Аз ин нигоҳ, ҳанбалия баёнгар ва муҳофизаткори уламои исломи консервативӣ ва аз нигоҳи мафкуравӣ қафомондаи ҷаҳони ислом мебошад. Ин уламоро одатан «аҳли ҳадис» меноманд, ки паҳн шудани идеяҳои ақлгароии каломро барои ислом хатар медонанд. Ҳамаи таълимоту ақидаҳое, ки ба ақлгароӣ асос ёфтаанд, назарияпардозони ҳанбалия инкор мекарданд. Онҳо, ҳатто, каломро дар ислом сабабгори асосии навоварию иштибоҳ ва бидъат дар ислом донистаанд. Дар ин мавриd ал-

[228] Муҳаммад, Рауфи Таваккулӣ. Чаҳор имоми аҳли суннат ва ҷамоат [Матн] / Таваккулӣ М.Р // Ҳозиркунандаи чоп Мисбоҳиддини Нарзиқул. -Душанбе, 2002. -С.-81.
[229] Ҳамон ҷо. –С.77

Барбаҳорӣ мегӯяд: «Бидон, ки бехудоӣ, беимонӣ, шубҳаҳое, ки навовариро маҳкум мекунанд, иштибоҳ дар эътиқод ба вуҷуд намеомад, агар калом ба вуҷуд намеомад, агар калом намебуд».[230]

Ба ақидаи муаллифи мазкур, вақте ки дар садаи VIII дар зери таъсири таълимоти насрония дар байни илоҳиётшиносони мусулмон дар масъалаи моҳият ва сифатҳои Аллоҳ баҳс ба вуҷуд омад, ҳанбалиҳо ва зоҳириҳо талаб мекарданд, ки оятҳои муташобеҳро, ки Аллоҳро ба инсон шабоҳат медиҳанд, ба маънои таҳтуллафзиаш қабул намоянд. Дигарҳо талаб мекунанд, ки оятҳои муташобеҳи Қуръон бе ҳеҷ гуна шарҳу эзоҳ қабул шаванд. Тарафдорони фаҳмиши таҳтуллафзии сифатҳои Худоро «сифатиҳо» меномиданд, зеро онҳо мазмуни оятҳоеро, ки Худоро ба инсон ташбеҳ медоданд, бо ҳамин усул рад менамоянд. Тарафдорони фаҳмиши таҳтуллафзии оятҳои Қуъонро «мушобеҳа» меномиданд, чунки онҳо хосиятҳои зотии Худоро бо сифатҳои ӯ айният медоданд ва Ибни Ҳанбалу ҳанбалиён кӯшиш мекарданд, ки ҳамон тарзи фаҳмиши Худо ва сифатҳои Ӯро тақвият бахшанд, ки таъсири хирадгароию фалсафаро ба ислом заиф созад.

Хусусияти антропоморфӣ (инсонгуна) доштани таълимоти ҳанбалияро суханҳои худи Аҳмад Ибни Ҳанбал тасдиқ менамоянд. Ӯ гуфтааст: «Худоро ба хоб дидам, арз кардам, ба чӣ василае наздикӣ ба шумо муяссар аст?

Фармуд: - Ба василаи каломи ман аст, ё Аҳмад.

Гуфтам: - Аз рӯи фаҳм ё ғайри фаҳм?

Фармуд: - Аз рӯи ҳарду.[231]

Онҳоеро, ки сифатҳои Аллоҳро инкор мекарданд, муътазила меномиданд. Зеро онҳо сифатҳоро зоти Худо донуста, даъво мекарданд, ки сифатро аз зот ҷудо кардан мумкин нест, ки чунин назар хилофи таълимоти ҳанбалия аст.

---

[230] Прозоров, С. М. Хрестоматия по исламу [Текст] / С.М. Прозоров. –М.: Наука, 1994. Т.1. -С.107.

[231] Муҳаммад, Рауфи Таваккулӣ. Ҷаҳор имоми аҳли суннат ва ҷамоат [Матн] / Таваккулӣ М.Р // Ҳозиркунандаи чоп: Мисбоҳиддини Нарзиқул. -Душанбе, 2002. -С.84.

Яке аз хусусиятҳои ифротгароии ҳанбалия дар он ифода меёбад, ки дар давоми асрҳои миёна тарафдорони он чун пайравони суннат ва муҳофизони аҳли салаф борҳо сарвари ҳаракатҳои оммавии иҷтимоӣ дар шаҳрҳо буданд. Ҳаракатҳои оммавие, ки ҳанбалиҳо сарварӣ мекарданд, хусусияти ифротӣ доштанд, яъне на барои барқарор кардани адолату ҳифзи иҷтимоии мардумони хилофат, балки дар заминаи ихтилофоти ақидавӣ рух додаанд ва хусусияти зиддиҳукуматӣ надоштанд.

Дар масъалаҳои сиёсӣ таълимоти ҳанбалия мувофиқи қоидаҳои исломи анъанавӣ нисбати сиёсати ҳокимияти синфи сарватмандон таҳаммулпазир мебошад. Аз нигоҳи Ҳанбал, ҳатто, агар ҳокими мусулмон нопок ва гунаҳкор бошад ҳам, мардум набояд ба танқиди халифа даст занад ва ба муқобили ӯ шӯриши оммавӣ барпо созад. Чунин амалро ӯ боиси ҷудоиандозӣ дар ҷомеа медонист. Албатта, ин ақидаи Ҳанбал дар он замон барои ҳифзи ҳокимияти араб дар хилофат нигаронида шуда буд ва аз хусусияти арабгароӣ доштани таълимоти ӯ шаҳодат медиҳад. Муборизаи ӯ ба муқобили ақлгароию фалсафа бо мақсади аз бидъатҳо ҳифз кардани исломи замони пайғамбару аҳли салаф низ дар асл маънои ҳимояи рӯҳи арабии ислом ва манфиатҳои ҳокимияти арабро дошт. Ҳамзамон, Ибни Ҳанбал ба мардум насиҳат мекард, ки масофаро бо ҳокимон риоя намоянд, то ки рӯҳи ахлоқию маънавии хешро покиза нигоҳ доранд ва шогирдони ӯ дар фаъолияти сиёсӣ ширкат надоштанд. Чунин маълумоти таърихие вуҷуд дорад, ки аз 500 нафар шогирдони ӯ танҳо як нафар ба фаъолияти сиёсӣ машғул будааст.[232]

Ҳанбалиён муътақидони сахти исломи суннатӣ буданд. Муборизаи онҳо ба муқобили бидъатҳо, ҳатто, дар соҳаи ҳаёти маишӣ татбиқ карда мешуд. Масалан, онҳо муқобили истифодаи машруботи масткунанда, мусиқӣ, шодию нишот дар маросиму маъракаҳо,

[232] Hurvitz N. The formation of Hambalitsm Piety. Info power [Text] / N. Hurvitz. -Routleage, 2012 p-13.

баробарии зану мард ва ғайра буданд. Мувофиқи маълумоти Ибни Асир ҳанбалиён дар шаҳри Бағдод ба мардумони оддӣ ва баъзе мансабдорон ҳуҷум карда, машруботро ба замин мерехтанд, зарфҳоро мешикастанд, асбобҳои мусиқиро нобуд мекарданд, ҳофизонро мезаданд, дар кӯчаҳо зану мардро ҳамроҳ гаштан намегузоштанд. Хулоса, ҳар он чи ки шариат гӯё манъ кардааст, иҷрои онро ҳаром меҳисобиданд.[233] Фаъолияти ифротгароёнаи ҳанбалиёнро вазири салҷуқӣ Низомулмулк дастгирӣ мекард. Ӯ «дар муқобили ҳанифиёни муътадилтар, ки бо онҳо халифа дар як радиф қарор дошт, кушоду равшан муҳофизакорон ва ситезҷӯёни мактабҳои фиқҳи исломии ҳанбалӣ ва шофеиро дастгирӣ мекард. Дар давоми солҳои 1090-ум ин кашмакашиҳо ба бенизомии комил дар кӯчаҳои Бағдод ва дигар шаҳрҳо табдил ёфтанд. Тӯдаҳои ҳанбалӣ ба қаҳвахонаҳо ва фоҳишаҳо ҳуҷум мекарданд, тахтаҳои шоҳмотро мешикастанд ва занҳоро ба хонаҳояшон меронданд. Донишҷӯёни мадрасаи Низомия ба пайравони ҳанафия ҳуҷум мекарданд. Ҳукуматдорон барои саркӯб кардани онҳо чорае намедиданд. Ба ҳамин монанд задухӯрдҳо дар Нишопур ва Марв низ рух медоданд».[234] Муносибати тундгароёнае, ки ҳанбалиён ба муқобили намояндагони аҳли санъату илм, занон ва гурӯҳҳои дигар доштанд, дар замони муосир мо дар рафтору кирдори ҷараёни ваҳҳобия-салафия, аз ҷумла, толибон дар Афғонистон, собиқ «Давлати исломӣ» ва ғайра мушоҳида мекунем.

Муносибати ҳанбалия ба фирқаҳои гуногуни исломӣ мухталиф сурат гирифтааст. Чуноне ки гуфтем, ибтидои ақлгароӣ дар ислом аслан аз таълимоти каломӣ-фиқҳии Имом Абуҳанифа сарчашма мегирад. Вале хизмати муътазила дар ривоҷ додани ҷараёни ақлгароӣ дар ислом калон аст ва муборизаи муътазилиён дар рушди ақлгароӣ ба пайдоиши фалсафа дар ислом мусоидат кард. Муътазилиён бо мақсади ҳифзи ислом

---

[233] Теймур, Пашшо. Краткий исторический обзор возникновения *четырех правовых* мазхабов (ар.) [Текст] / Пашшо Т.- Бейрут.: Дар Аль Кадири, 1990. -С.81-84.
Фредерик, С. Старр. Маърифати гумшуда. Асри Тилоии Осиёи Марказӣ аз истилои араб то Темурланг [Матн] / Фредерик, С. Старр // Тарҷумаи А. Мамадназаров.– Душанбе.: Эр-граф. Нашри 2-юм, 2023. -С. 458.

аз олудашавӣ тафсири ақлонии Қуръонро пеша карда буданд. Нуфузи муътазила, чуноне ки дар боло ёдрас кардем, то ҷое дар доираи уламои ислом боло рафт, ки дар давраи халифаи аббосӣ-Маъмун (786-833) муътазила ба идеологияи расмии хилофат табдил ёфт. Вале ҳанбалиён ба муътазила ихтилофи сахт нишон медоданд, ки маънои ихтилофи онҳо истинод накардан ба ақлу фалсафаро дошт. Ибни Ҳанбал ҳатто таълим медод, ки «агар касеро дидед, ки каломро дӯст медорад, аз вай бипарҳезед».[235] Аслан тарси ӯ аз фалсафа, ба андешаи мо, дар он буд, ки воридшивии фалсафа ҳамчун илми ақлонӣ-мантиқӣ ба ислом зиддиятҳои дохилии Қуръонро ошкор месохт ва метавонист эътиқоди мусулмононро нисбати ислом заиф созад. Ин ҳолат, албатта, ба манфиати арабу хилофати ӯ набуд. Бинобар он, муътазилиён ҳанбалиҳоро «демогогҳои таҳтуллафзӣ» ва «партовҳои ҷомеа» меномиданд, зеро ба ақидаи онҳо ҳанбалиён аз усули бо роҳи ақлонӣ таҳқиқ кардани масъалаҳои мураккаб даст кашида буданд ва масъалаи шабоҳати Худоро ба инсон нодуруст, ғайриақлонӣ меҳисобиданд. Ал-Ҷоҳизи муътазилӣ рафтору амали Ибни Ҳанбалро, ки шахси парҳезкор буд, дар мавриди маҳдуд сохтани хостаҳои дунявии одамон танқид карда, рафтори ӯро ба рафтору кирдори мумсик шабоҳат медод. Дар навбати худ ҳанбалиҳо муътазилиёнро ба бидъат ва куфру зиндиқӣ гунаҳкор намуда, ақидаи онҳоро ба илоҳиёти донишмандони монимазҳаби садаҳои V-VI монанд мешумориданд. [236]

Баъди ба қудрат расидани халифа Мутаваккил (821-861) таъқиби муътазилиён аз ҷониби ҳанбалиён оғоз ёфт. Ҳама гуна баҳсҳо, ки муътазилиён доир месохтанд, манъ гардид ва нуфузи муътазила дар миёни мардум коста гашт, зеро идеяҳои ақлонӣ ва баҳсҳои абстрактии онҳо барои мардуми оддӣ фаҳмо набуд. Мардуми ноогоҳ бештар ба

---

[235] Абумансур, Абулқодири Бағдодӣ. Таърихи мазоҳиби Ислом [Матн] / Бағдодӣ А.А // Тарҷумаи Муҳаммад Ҷаводи Машкур.- Теҳрон.: Асотир, 1367. -С.102-103

[236] Dariuaee, T. The Oxford Handbook of Iranian History [Text] / T. Dariuaee//. - USA.: Oxford University Press, 2012. P.235 p.

таълимоти соддалавҳонаи ҳанбалиҳо ва дигар имомон таваҷҷуҳ доштанд, ки ин яке аз хусусиятҳои мафкураи ҷомеаи асримиёнагӣ буд.

Бояд гуфт, ки муносибатҳои аҳли суннат ба пайравони равияи шиа ҳамеша тундгароёна буд. Ҳарчанд имом Абуҳанифа мувофиқи таълимоти каломӣ-фиқҳии худ ва аз рӯи эҳтиром ба аҳли байти пайғамбар нисбати шиаҳо таҳаммулпазирона муносибат кардааст, аммо рӯҳониёни ҳанифимазҳаб баъдан аз доираи талаботҳои мазҳаби хеш берун рафта, ба пайравони шиа ҳамчун аҳли «куфр» муносибат менамуданд. Аз байни мазҳабҳои аҳли суннат ва ҷамоат ҳанбалиён бештар ба шиаҳо муносибати хасмгинона доштанд ва дар муносибат ба онҳо аз усули «такфир» истифода мекарданд. Дар айни замон, шиаҳо низ ба пайравони аҳли суннат чунин шакли муносибатро мувофиқ медонистанд. Баъди дар Бағдод барқарор шудани ҳукумати Бувайҳиён, ки дар густариши шиа дар Бағдод ва минтақаҳои дигари хилофат нақши муҳим бозидааст, дар байни ҳанбалиён ва шиаҳо чандин маротиба бархӯрди хунин иттифоқ афтодааст. Мо танқиди ҳанбалиҳоро дар осори баъзе аз намояндагони уламои шиа мушоҳида мекунем. Тарғиби осори танқидии уламои шиа нисбати ҳанбалиҳо баъзан боиси зуҳури низоъҳо байни ҳанбалиҳо ва шиаҳо мегардид. Ҳукуматдорони Бағдод, ки тамоил ба ҳанбалия доштанд, баъзан уламои шиаро, онҳоеро, ки дар афрӯхтани низоъи шиаю суннӣ нақш доштанд, аз Бағдод бадарға мекарданд, ба мисли Шайхи шиа ал-Муфид (ваф. 1022).[237] Дар афрӯхтани низоъҳои мазҳабӣ сиёсати нодурусти вазир Низомулмулк, ки шофеъимазҳаб буд, низ мусоидат мекард, зеро ӯ бештар аз шофеъиҳо пуштибонӣ мекард. Низоъи ҳанбалиён ва «сиёсати Низомулмулк ба он оварда расонид, ки теъдоди зиёди зардуштиён ватани хешро тарк карда, ба Гуҷароти ғарбии

[237] Прозоров, С.М. Ислам как идеологическая система [Текст] / С.М. Прозоров М.: Наука — Восточная литература, Т. II. 2016. - С.26.

Ҳинд кӯч бастанд, насрониён ва яҳудиён аз хонаҳояшон намебаромаданд ва барои рӯзҳои беҳтар дуо мекарданд. [238]

Пас аз зуҳури ваҳҳобия дар садаи XVIII, ки таълимоташ аз ҳанбалия ғизои маънавӣ мегирад ва ба ҳамин сабаб онҳоро ваҳҳобиён-ҳанбалиён меноманд, муносибати ваҳҳобиёни ҳанбалӣ бо шиаҳо боз ҳам шиддат гирифт ва онҳо муқаддасгоҳҳои шиаҳоро на танҳо хароб карданд, ҳамзамон онҳоро ғайри мусулмон, яъне «кофир» ва аз аҳли «зиммӣ» ҳисобиданд. [239]

Ҳамзамон, ҳанбалия бо ҷаририҳо (ҷаририя), ки асосгузораш Ибни Ҷарири ат-Табарӣ аст, ихтилоф дошт. Сабаби ихтилоф, аввал, дар он буд, ки Табарӣ дар китобаш «Ихтилофи фирқаҳо» Аҳмади Ҳанбалро дар қатори дигар фақеҳони ислом ном нагирифтааст ва ӯро на фақеҳ, балки муҳаддис ҳисобидааст, ки боиси ғазаби Ибни Ҳанбал гардидааст. Дигар ин ки, Табарӣ тафсири ҳанбалиҳоро дар бораи ояти 79 сураи «Исро» нодуруст ҳисобидааст, яъне ҳанбалиҳо ибораи «мақоми маҳдуд»-ро, ки дар он ҷо гӯё рӯзи қиёмат пайғамбар Муҳаммад нишаста, ба умматаш шафоат мекунад, онро ҳамчун Арши Аллоҳ фаҳмидаанд. Табарӣ ин маконро ба маънои «мақоми писандида» шарҳ додааст. Ин эроди Табарӣ ғазаби ҳанбалиҳоро ба вуҷуд меорад. Вақте ки Табарӣ дар масҷид аз эътирози онҳо тарсида, гурехта ба хонааш пинҳон мешавад, ҳанбалиён хонаи ӯро сангборон мекунанд ва низоъро полиси шаҳр хомӯш месозад. Низоъи байни онҳо то ҷое шиддат ёфт, ки замоне ки Табарӣ фавтид, аз тарси ҳанбалиҳо ӯро шабона гӯрониданд, то ки ҳанбалиҳо маросими ҷанозаашонро вайрон накунанд.[240] Ҳанбалиҳо на танҳо ба равияю фирқаҳои ғайрисуннӣ, ҳатто ба мазҳабҳои аҳли суннат ихтилофи ақидавӣ ва амалӣ доштанд, аз ҷумла бо ашъария ва тасаввуф

---

[238] Фредерик, Старр. Маърифати гумшуда. Асри Тилоии Осиёи Марказӣ аз истилои араб то Темурланг [Матн] / Старр Ф.С // Тарҷумаи А. Мамадназаров. – Душанбе.: Эр-граф, 2023. –С.459.
[239] Васильев, А.М. История Саудовской Аравии (1745 г. - конец XX в.). Издание второе, расширенное и дополненное [Текст] / А.М. Васильев. -М.: Книжный дом газеты. Труд, 1999. -С.345.
[240] Mcri J, N. Melieval Islamic Civilization [Текст] / An Encyclopedia Rout ledge. 2005 p. 791

ихтилоф доштанд, ки имрӯз низ ба мушоҳида мерасад, бахусус дар фаъолияти ваҳҳобиён-салафиён.

Ашъария, ки як фирқаи васатӣ буд, мекӯшид муътазиларо бо исломи суннатӣ оштӣ диҳад. Вале ҳамаи онҳое, ки ҷонибдори қабули фаҳмиши таҳтуллафзии Қуъон буданд, ба мисли ҳанбалиҳо ва мушобеҳаю муҷассамия, ки Худоро одамгуна тасаввур мекарданд, фикри ашъариҳоро қабул надоштанд, зеро ба андешаи онҳо имом Ашъарӣ, ҳарчанд муътазиларо рад мекард, вале ба фаҳмиши таҳтуллафзии матни Қуръон барнагашт. Шиддати ихтилофи онҳо то ҷое баланд буд, ки мувофиқи маълумоти Ибни ал-Ҷавзӣ ва Ибни Касир соли 1055 ашъариҳои Бағдод аз тарси ҳанбалиҳо ба масҷидҳои панҷвақта омада наметавонистанд.[241]

Дар таърихи ислом солҳои 1061-1258 давраҳои охири ҳокимияти Аббосиён ба ҳисоб мерафт. Дар садаи Х1 низоъҳо дар байни ҳанбалиҳо ва ашъариҳо оғоз ёфт, ки он аз аввалин намунаи мубориզаи байни мазҳабҳо буд. Ҳамзамон, дар миёни ҳанбалиҳои Боб-ул-Басраи Бағдод ва шиаҳои маҳаллаи Карх низоъҳо ба вуҷуд омада буданд, ки ҳанӯз аз замони ҳукмронии Бувайҳиҳо оғоз ёфта буд. Яке аз ҳодисаҳои мудҳише, ки сатҳи баланди низоъи байни ҳанбалиҳоро бо мазҳабҳои дигар собит месозад, вайрон кардани қабристони қушайриҳо дар соли 1051 мебошад. Баъди шикасти Бувайҳиҳо дар Бағдод тарғиботи ҳанбалиҳо хеле авҷ гирифт, махсусан, дар замони султонҳои Салҷуқӣ - Тоғрулбек, Алӣ Арслон ва Маликшоҳ. Вазирони бонуфузи ҳамон давра Ибни Ҳубайра (ваф. 1165) ва Ибни Юнус (ваф. 1197) ҳанбалимазҳаб буданд.[242] Дар соли 1085 низоъи ҳанбалиҳои Боб ул-Басра ва шиаҳои Карх аз нав авҷ гирифт. Соли 1085 ҳанбалиҳо ба муқобили ҳукуматдорони Бағдод ва шиаҳо

[241] Баширов, Л. А. Ислам в контексте этнополитических процессов в современной России [Текст] / / Москва: Изд-во РАГС, 2008. -С. 22.
[242] Грязневич, П. А. Ислам. Религия, общество, государство. Сборник статей. - М.: Наука, 1984. -С. 222.

шӯриш карданд. Халифа маҷбур шуд, ки артишро ба кӯмак даъват карда, шӯриши ҳанбалиҳоро саркӯб намояд.[243]

Намунаи дигари бархӯрди ҳанбалиҳою ашъариҳо дар садаи X1 ин ҳамдигарро бо «фитнаи ҳанбалиҳо»-ю «фитнаи ашъариҳо» бадном сохтани ҳар ду тараф буд. Абу Наср ибни Қушайрии ашъарӣ, илоҳиётшиноси мадрасаи Низомияи Бағдод буд, ҳанбалиҳоро барои ташбеҳи Худованд бо инсон танқид карда, бо ҷонибдоронаш, ҳатто, ба вазири салҷуқӣ Низомулмулк шикоят навишт ва аз вазир барои мубориза бурдан бо ҳанбалиҳо ёрӣ пурсид. Як гурӯҳ ашъариҳо ба шайхи ҳанбалиҳо Абу Ҷаъфар ал-Аббосӣ ҳуҷум карданд. Тарафдорони ҳанбалиҳо бошанд, ба ашъариҳо ҳуҷум оварданд. Дар натиҷаи ин низоъ, як гурӯҳ одамон захм бардоштанд ва як нафар қурбон гардид. Ҳарчанд халифа онҳоро ба сулҳу оштӣ даъват кард, аммо Абу Ҷаъфар ашъариҳоро «кофир» хонда, сулҳро бо онҳо қабул накард. Ин низоъ бо он анҷомид, ки мувофиқи маълумоти Ибни ал-Асир Абӯ Ҷаъфар ҳабс ва Ибни ал-Қурайшӣ аз Бағдод бадарға гардиданд ва дар ин фитна 20 нафар  аз ҳар ду ҷониб фавтиданд.[244]

Ашъариҳои шофеимазҳаб низ ба баъзе сӯфиҳои ҳанбалимаоб сӯиқасд ташкил мекарданд. Аз ҷумла, онҳо ба сӯфии ҳанбалимазҳаб Абдулло ал-Ансорӣ 910-1089) аз ш. Ҳирот сӯиқасд ташкил карда буданд. Ашъариҳо ӯро барои пайрави муҷассима, яъне ҷонибдорӣ кардан аз ақидаи одамгуна будани Аллоҳ муттаҳам мекарданд. Боре ашъариҳо дар назди Низомулмулк ба мақсади ӯро беобрӯ сохтан бо Ансорӣ дар масоили ақида баҳс оростанд. Яке аз ашъариён ба ӯ савол кард, ки «Барои чӣ ту Абул-Ҳасан ал-Ашъариро лаънат мехонӣ»? Ансорӣ ҷавоб дод, ки «Ман бо Ашъарӣ шинос нестам. Вале ман танҳо онҳоеро лаънат мекунам, ки ба ақидаи дар осмон будани Аллоҳ ва ба лавҳи маҳфуз

[243] Ҳамон ҷо. -С. 226.
[244] Маатук, Х. Глава V.// Аль-инсоф фи масоил аль-халиф. -С. 208.

будани Қуръон бовар надоранд»[245]. Ҳамин тариқ, низоъи байни ҳанбалиҳову ашъариҳо дар таърихи ислом пайваста вуҷуд доштааст.

Ҳанбалиён ҳамчунин таълимоти ирфонии сӯфиёнро қабул надоштанд, бахусус бахше аз таълимоти онҳоро дар мавриди маърифат. Назари ҳанбалиён доир ба масъалаи робитаи Худову олам бо биниши тасаввуф оид ба ҳамин масъала куллан фарқ дорад ва дар ихтилоф қарор гирифтааст. Тасаввуроти анъанавии аҳли суннат, аз ҷумла ҳанбалия доир ба робитаи тарафайни Худову оламу инсон ин аст, ки инсону олам махлуқи Худованд мебошанд. Инсон соҳибирода набуда, «абд», яъне ғуломи Худост ва иродаю феъли ӯ аз ҷониби Худо муқаррар ва идора мегардад. Аз ин ҷост, ки онҳо ҷонибдори ақидаи сарнавишти азалӣ, ки Худо муайян кардааст, буданд. Ҳамзамон, ҷонибдори ақидае буданд, ки эътиқоди инсон аз рафтори кирдори неки ӯ вобаста аст. Аммо дар тасаввуф дар асл инсон аз роҳи ирфон камолоти маънавиро ба даст оварда, Худоро маърифат мекунад ва оқибат бо ӯ мепайвандад. Олам бошад, симои Худованд аст. Дар ҳар як ашёи олам симои ӯ вуҷуд дошта (ваҳдат-ул-вуҷуд) ва дар ниҳоят олам бо Худо омезиш меёбад. Сониян, мувофиқи таълимоти сӯфия шариат ин зинаи ибтидоии расидан ба ҳақиқат аст. Дар роҳи расидан ба шинохти Худо баъди шариат инсон зинаҳои тариқату маърифатро бояд тай намояд. Хулоса, усулҳое, ки сӯфия дар роҳи шинохти Худо истифода кардааст, хоси ҳанбалия нест. Ҳанбалия танҳо шариатро эътироф дорад, ки аз Қуръону суннат сарчашма мегирад ва ин сарчашмаҳоро ягона баёнгари ҳақиқати илоҳӣ меҳисобад.

Ҳамзамон, дар масъалаи фаҳмиши маънои Қуръону суннат байни ҳанбалиён ва сӯфиён тафовут ва ихтилоф вуҷуд дорад. Ҳанбалиён даъво доштанд, ки маънои Қуръону суннат барои ҳар кадом мусулмон дастрас аст. Вале сӯфиҳо ин ақидаро рад карда, тасдиқ менамуданд, ки Қуръон

---

[245] Насыров, И.Р. Основания исламского мистицизма. Генезис и эволюция [Текст] / И.Р. Насыров // Отв.Ред. Симирнов А.В. - М.: Языки славянских культур, 2009. -С.115-166.

маънои ботинӣ ва зоҳирӣ дорад. Барои авом танҳо фаҳмиши мазмуни зоҳири он имконпазир буда, аммо маънои ботинии он «илм-ал-ботин» барои онҳо дастрас намебошад. [246]

Ҳанбалиён сӯфиҳоро барои пайравӣ кардан ба «илм-ал-ботин» ва илми калом гунаҳкор ва, ҳатто, таъқиб мекарданд. Масалан, худи Ибни Ҳанбал хостааст, ки сӯфӣ ал-Муҳосибро барои тарғиб кардани илми калом  заҳролуд созад. Дар натиҷа ал-Муҳосибӣ маҷбур шуд, аз Куфа хиҷрат намояд ва танҳо баъди фавти  Аҳмади Ҳанбал боз  ба Куфа баргашт. Ё худ қариб нисфи китоби Ибни ал-Ҷавзии ҳанбалӣ «Талбиси иблис» ба танқиди сӯфиён бахшида шудааст. Ҷавзӣ сӯфиёнро гӯё барои аз шариати ислом қафонишинӣ кардан гунаҳкор кардааст. Аз байни ҳанбалиён, махсусан, Ибни Таймия дар танқиди сӯфиҳо саҳми зиёд дошт. Аз ҷумла, ба воситаи мусиқӣ ва рақс ба ҳолати ваҷд (экстаз) расидани сӯфиёнро, аз ҷониби онҳо зиёрат кардани мазори пирашон, зиёрати ҷойҳои муқаддас ва ғайраро Ибни Таймия зери тозиёнаи танқид гирифтааст. Хулоса, Ибни Таймия сӯфияро барои ислом падидаи бегона ва зиддишаръӣ медонист.[247]

Аммо бояд гуфт, ки дар миёни ҳанбалиҳо ва сӯфиҳо дар ақида баъзе умумиятҳо низ вуҷуд дошт. Масалан, дар масъалаи зуҳд. Чӣ ҳанбалиён ва чӣ сӯфиён риёзату парҳезкорӣ ва гӯшанишиниро тарғиб мекарданд. Вале бо вуҷуди ҳамин ҳам, ҳанбалия дар кулл бо сӯфия ихтилофи ақидавии сахт дошт ва имрӯз ин муносибати ҳанбалия ба сӯфия сарчашмаи ғоявии таълимоти ваххобиён нисбат ба аҳли тасаввуфу ирфон ва адабиёту фалсафаи сӯфия мебошад. Ваххобиён имрӯз сӯфияро дар қатори ҳанафиён барои ворид намудани «навоварӣ» ба ислом гунаҳкор менамоянд.

Ҳанбалия аз дигар мазҳабҳои аҳли суннат як қатор фарқиятҳо дорад, Ин фарқиятҳо на танҳо дар ақида, ҳамчунини дар истифодаи

[246] Radike, B. Baten// Eneye. Lopaedia Iranica, 1988. -p. 861
[247] Тримингэм, Дже.С. Суфийские ордены в исламе [Текст] / Дже. Тримингэм // Пер. с англ. А.А.Ставиской, под ред. и с предисл. О.Ф.Акимушкина. — М.: София, 2002. –С.69.

сарчашмаҳои фиқҳӣ зуҳур меёбад. Дар тафовут аз мазҳабҳои дигари аҳли суннат ва ҷамоат, бахусус, ҳанафия ва баъдан шофеия барои ҳанбалия суннатгароӣ ва тафсири таҳтуллафзии сарчашмаҳои муқаддас хеле муҳим аст, дар сурате ки дар мазҳабҳои дигар, ба хусус ҳанафия, раъй низ ҷойгоҳи хос дорад. Ҳанбалия, асосан, ба матни Қуръону суннат ҳамчун сарчашма дар фиқҳ такя менамояд. Ибни Ҳанбал талаб мекард, ки агар матнҳои Қуръону суннат маънои духӯра надошта бошанд, ба сарчашмаи дигар муроҷиат кардан қобили  қабул нест. Ҳанбал баъди Қуръону суннат фатвои асҳоби пайғамбарро дар ҳалли масоили фиқҳӣ ба инобат мегирифт. Ӯ чунин назар дошт, ки агар фатвои саҳобагон оид ба ягон масъалаи мавриди назар зиддиятнок бошад, бояд андешаи ҳамон саҳоба ба инобат гирифта шавад, ки он ба матн (Қуръону суннат) ихтилоф надошта бошад. Ибни Ҳанбал ҳадисҳоро ба мурсал ва заиф тақсим кардааст.  Ҳадиси мурсал он ҳадисест, ки бевосита, яъне бе миёнарав, аз забони шахси аввал нақл шудааст. Ҳадиси заиф ҳадисест, ки ҳанӯз саҳеҳ набудани он исбот нашудааст.

Ба қиёс ҳанбалиён бевосита ҳамчун сарчашма такя намекунанд, онҳо танҳо дар ҳолатҳои алоҳида, вақте ки тариқи Қуръону суннат ва фатвои саҳоба доир ба ҳалли масъала далеле пайдо намешавад, аз усули қиёс истифода мебаранд.

Дар мавриди иҷмоъ бошад, Ибни Ҳанбал танҳо ду намуди онро эътироф мекард:

1. Иҷмоъи асосӣ, ки аз андешаи ягонаи саҳобагони пайғамбар иборат аст, яъне оид ба ягон масъала саҳобагон ақидаи якхела иброз кардаанд. Барои Ибни Ҳанбал чунин иҷмоъ исботи қотеъ ба ҳисоб мерафт, зеро ба ақидаи ӯ саҳобагон мувофиқи Қуръону суннат амал мекарданд.

2. Иҷмои дуюминдараҷа - яъне масъала барои ҳама равшан буда, ягон хел андешаи ихтилофнок аз рӯи ин масъала вуҷуд надорад ва чунин андешаро Аҳмади Ҳанбал ба ҳайси далелу исбот истифода мекард.

Ҳанбалия на танҳо аз рӯи сарчашмаҳо, ҳамчунин аз рӯи ақида аз мазҳабҳои дигар фарқ мекунад. Фарқияти куллии ҳанбалия аз ҳамаи мазҳабҳои дигар он аст, ки он дар риояи қоидаҳои фиқҳӣ ва маросими шариат хеле сахтгир мебошад. Махсусан, дар масоили баъзе қоидаҳои ибодатии шариат ҳанбалия ақида ва амалияи хоси худро дорад. Масалан, агар барои пайравони мазҳабҳои дигар ҳангоми хондани ракаъати аввали намоз ба забон овардани калимаи «Аъузу би-Ллоҳи мин-аш-шайтони-р-раҷим» фарз бошад, вале барои мазҳаби ҳанбалия суннат аст. Ё худ, гуфтани «Бисмиллоҳи раҳмони раҳим» пеш аз хондани сураи «Фотиҳа» дар намоз барои ҳанбалиён суннат бошад, барои мазҳабҳои дигар фарз ба ҳисоб меравад, аз ҷумла мазҳабҳои моликия ва шофеия. Ҳамчунин, дар моликия ва шофеия истилоҳҳои мазбут, қиёси эътирофшуда ва суннат истилоҳҳои ҳаммаъно, ягона ба ҳисоб мераванд. Ба ҳамин монанд, агар ҳанбалиҳо дар намоз гуфтани «Субҳона Рабби-ял-Аъло» ва «Субҳона Рабби-ял-Азим»-ро ҳангоми ба замин саҷда кардан воҷиб ҳисобанд, аммо моликиҳо онро мазбут ва ҳанафиҳою шафеиҳо ҳангоми дар намоз саҷда намудан ба замин талаб мекунанд, ки шахс аввал зонуҳоро ва баъдан дигар қисмҳои танро бояд қат кунад, вале моликиҳо талаб мекунанд, ки зонуҳо дар ниҳояти намоз бояд қат карда шаванд. Ё худ, агар хунравиро ҳангоми таҳорат (вузӯ) шофеиҳо ҳаром, яъне вайрон шудани қоидаи таҳорат наҳисобанд, вале ин ҳолатро ҳанафиҳою ҳанбалиҳо ҳаром, яъне вайрон шудани қоидаи таҳорат медонанд.[248]

Зиёда аз ин, дар мазҳаби ҳанбалия тамос бо саг рафтори нек нест. Агар дар натиҷаи тамос бо саг ягон ҷойи бадан ё либос ҳаром шавад, он

[248] Аз-Зуҳайлӣ, В. Ал-фиқҳ ал-исломи ва адиллятуҳ. В. 8 т., Том 1. -С. 286.

мавзеъро ҳашт бор бояд шуст, дар ҳоле ки дигар наҷосатҳо бо ҳафт маротиба шустан пок мешаванд. Баъди аз хоб хестан шустани дастон барои ҳанбалиён воҷиб бошад, барои мазҳабҳои дигар суннат ба ҳисоб меравад. Ҳамчунин бояд гуфт, ки мувофиқи ин мазҳаб шахс агар гӯшти уштур бихурад, вузӯ кардани ӯ воҷиб аст,[249] ки мазҳабҳои дигари аҳли суннат ва ҷамоат онро суннат меҳисобанд.

Ҳамзамон, дар масъалаи истеҳсон низ фиқҳи ҳанбалӣ аз фиқҳи мазҳабҳои дагар фарқият дорад. Дар истеҳсон муҷтаҳид мегузарад аз ҳукме, ки ба масъалаи монанд ба он ҳукм карда буд, ба масъалаи дигар ва он ду қисм аст: истеҳсони қиёс, ки қиёси истилоҳӣ ва қиёси хуфиро дар бар мегирад. Ва истеҳсони тарки қиёс ва он асли дин аст. Ин шакли истеҳсони суннат, истеҳсони иҷмоъ ва истеҳсони зарурӣ аст, ки сабабаш муоризаи қиёс бо сарчашмаҳои шаръӣ мебошад. Аз ин нигоҳ, фиқҳи Абуҳанифа моҳиятан ба фиқҳи ҳанбалиён дар чанд масъала ихтилоф дорад. Аввал, масъалаи райъ аст. Муҷтаҳид дар фиқҳи Абуҳанифа фикри хоси худро дошта метавонад, агар он бо Қуръону суннат ихтилоф надошта бошад. Ҳанбалия бо раъй мухолиф аст, онро эътироф надорад, чун муҷтаҳидон аз ҷумлаи саҳобагон ё тобеин нестанд ва раъйи онҳо метавонад ба гуфтаҳои пайғамбар ва китоб айният надошта бошад. Сониян, истеҳсон дар фиқҳи ҳанафӣ баръакси ҳанбалия, ки фақат истеҳсони суннаро эътироф доранд, истеҳсони иҷмоъ, истеҳсони зарурӣ вуҷуд дорад. Махсусан, истеҳсони зарурӣ, ки дар мавриди муоризаи қиёс бо сарчашмаҳои шаръӣ ба миён меояд, афзалияти фикреро, ки нишон медиҳад, қиёсро бо он сарчашмаҳо мувофиқ созад ва далелҳои қавӣ барои исбот дошта бошад.[250] Истеҳсон ба таври куллӣ дар фиқҳи ҳанафӣ далелҳои ақлиро фаро мегирад, ки ин хоси ҳанбалиҳо нест. Урф ҳам дар фаҳмиши ҳанбалиҳо хеле маҳдуд аст, урфи қабулкардаи насли

---

Абумансур Абулқодири Бағдодӣ. Таърихи мазоҳиби Ислом [Матн] / Бағдодӣ А.А // Тарҷумаи Муҳаммад Ҷаводи Машкур.- Теҳрон.: Асотир, 1367. -С.164-167.

[250] Муҳаммад, Саид Ас –Соғарчй. Ал-фиқҳ-ал ҳанафӣ ва адолатуҳу [Матн] / Соғарчӣ М.С.- Бейрут.: Маорифи исломӣ, 1987. -С.29-30

мусулмонони садри аввали исломро дар бар мегирад, яъне урфи арабиро, ки низ аз хусусияти арабгароӣ доштани ҳанбалия шаҳодат медиҳад. Аммо дар фиқҳи ҳанафӣ истифодаи урф васеъ аст, бахусус, урфи ом, урфи мардум аст, агар ихтилоф бо сарчашмаҳои шаръӣ на дошта бошад. Мафҳуми қиёси мантиқӣ аз қиёс дар фиқҳ фарқ мекунад. Қиёси шаръӣ бештар ба тамсил (аналогия) наздик аст. Аммо дар фиқҳи ҳанафӣ кӯшиш ба амал омадааст, ки далелҳои он ҳам мантиқӣ ва ҳам монанди қиёси мантиқӣ бошанд. [251]

Хулоса, усули фиқҳии мазҳаби ҳанбалия ба сарчашмаҳое такя мекунад, ки онро оқибат ба як мазҳаби ғайриақлонӣ ва ифротгаро табдил додааст, ки муҳимтаринашон инҳоянд: Қуръону суннат; фатвои саҳобагон; сухани саҳобагон, ки ба Қуръону суннат ихтилоф надорад; ҳадисҳои мурсал ва заиф; қиёсу иҷмоъе, ки ба Қуръону суннат ихтилоф надоранд; иҷмои дуюминдараҷа, вақте ки моҳияти масъала ба ҳама маълум ва андешаи дигар нест ва истеҳсон (фикри беҳтарини фақеҳонро интихоб кардан).

## 2.3. Мақоми Ибни Таймия дар фиқҳи ҳанбалия

Таълимоти фиқҳии ҳанбалия, ки дар садаҳои IX-X аз ҷониби шогирдон ва пайравони Аҳмад ибни Ҳанбал коркард гардида, шакл гирифта буд, дар садаи XIV аз ҷониби яке аз пайравони шадиди он Ибни Таймия ҳифзу густариш ёфт. Бинобар он, баёни мухтасари таълимоти фиқҳии Ибни Таймия барои шинохти моҳияту хусусиятҳои мазҳаби ҳанбалия ва муайян кардани робитаи ҳам мазҳаби ҳанбалӣ ва ҳам таълимоти каломӣ-фиқҳии худи Ибни Таймия бо ҷараёнҳои сиёсӣ-динии исломии ифротии муосир, ба мисли ҳаракати ваҳҳобия-салафия, хеле муҳим аст, зеро дар таърихи ислом мазҳаби ҳанбалия, таълимоти фиқҳии Ибни Таймия ва ҷараёнҳои радикалии исломи муосир, бахусус равия ваҳҳобия-салафия, як силсиларо ташкил медиҳанд, ки исломи

[251] Аҳмадов, С. Хусусиятҳои фиқҳу каломи Абуҳанифа Имоми Аъзам [Матн] / С.Аҳмадов. –Душанбе.: 2009. -С.32-33.

арабии хусусияти сиёсии ифротидоштаи муосирро бо исломи арабии замони се насли ибтидоии мусулмонон (салаф) мепайванданд.

Ин ҷо як нуқтаи хеле муҳимро бояд ёдрас намуд, ки чун сухан дар бораи ислом ҳамчун як дини ҷаҳонӣ меравад, бояд ба назар гирифт, ки дар таърихи ислом ҳамеша ду навъи ислом арзи вуҷуд кардааст. Навъи аввал, исломи арабии хусусияти сахти сиёсидошта, ки раванди тавлидёбии давлати мутамаркази қабоили араб ва минбаъд бунёди хилофати ӯро инъикос карда, ҳаёти иҷтимоӣ-фарҳангӣ, сиёсӣ ва умуман тарзи зиндагиву манофеи миллии арабро дар садаи VII дар худ таҷассум кардааст ва араб то ба имрӯз зери шиорҳои «исломи замони салаф», «исломи ноб» ва «исломи бемазҳаб» барои ҳифзу тоза нигоҳ доштани ин ислом мубориза мебарад ва намояндагони ин навъи ислом ҳамеша аз пайравони аҳли суннату ҷамоат буданд. Навъи дуюм, исломе, ки дар раванди истило шудани кишварҳои дигар ва таъсиси хилофат бо фарҳангу тамаддунҳои ғайриараб рӯ ба рӯ омада, бо вуҷуди ин фарҳангу тамаддунҳоро такфиру инкор карданаш, бо онҳо омезиш ёфта, дар натиҷа як исломи то ба андозае созгор ба шароитҳои маҳаллӣ ташаккул ёфтааст, ки ҷанбаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва ахлоқиаш афзалтар аз ҷанбаи сиёсии исломи арабии замони салаф мебошад, ба мисли исломи ҳанафӣ ва баъзе фирқаҳои исломии ақлгаро, ба монанди қадария, исмоилия ва ғайра. Яъне исломи ин давра дар зери таъсири фарҳангҳои гуногун тағйиру таҳаввул ёфта, рӯҳи арабии исломи ибтидоиро як андоза шикаст ва чунин ислом наметавонад ба манфиатҳои араб ҳамеша созгор бошад. Аз ин рӯ, аз ҷониби исломиёни суннатгарое, ки пойбанди исломи арабии ибтидоӣ (замони салаф) мебошанд, мазҳабу ҷараёнҳои нави сиёсӣ-динӣ дар зери парчами исломи замони салаф зуҳур мегардид, ки барои эҳёю барқарор кардани исломи бунёдӣ мубориза мебаранд ва ҳар он чизе, ки бо исломи ибтидоӣ, ба суннати саҳобаву тобеин пурра созгор намеояд, бидъату куфр эълон

намуданд, ба мисли мазҳаби ҳанбалӣ, таълимоти Ибни Таймия, ҳаракати ваҳҳобия-салафияи ифротии муосир ва ғайра.

Номи пурраи Ибни Таймия Тақиюддин Абу Аббос Аҳмад ибни Абдухалил ибни Маҷдуддин ибни Абдусалом ибни Таймия ал-Ҳарронӣ буда, ба унвони Шайх ул-ислом Ибни Таймия машҳур аст. Ӯро ҳамчун илоҳиётшиноси арабӣ-мусулмонӣ, мубаллиғи салафия ва фақеҳи мазҳаби ҳанбалӣ ва мунаққиди «навовариҳо» дар ислом мешиносанд. Ҳарчанд Ибни Таймияро баъзе муҳаққиқон ҳамчун сӯфӣ шинохтаанд, вале дар маҷмуъ ӯ идеологи ҷараёни салафияи мебошад.

Ибни Таймия дар шаҳри Ҳаррони Сурия соли 1263 таваллуд шуда, падараш соли 1269 аз тарси ҳуҷуми муғулҳо ба шаҳри Димишқ (Шом) кӯчидааст. Дар бораи мансубияти этникии ӯ сарчашмаҳо маълумоти ихтилофнок додаанд, яъне маълумоти дақиқ вуҷуд надорад. Баъзе муҳаққиқон оилаи ӯро аз мардуми курд донистаанд. Падари ӯ Шаҳобиддин Абдулхалил ал-Ҳарронӣ мутахассиси фиқҳи исломӣ, ҳадисшинос ва муфассири Қуръон буд ва дар Димишқ мадрасаи Сукарияро роҳбарӣ карда, вазифаи омӯзгориро низ адо мекард. Баъди вафоти падар роҳбарии мадраса ба уҳдаи Ибни Таймия (1284) во гузашта шуд. Ӯ аз хурдӣ қории Қуръон шуда, улуми динӣ ва илмҳои риёзию мантиқу фалсафаро азбар кардааст. Вақте ки ӯ таълимоти каломӣ-фиқҳии исломи аҳли суннатро азхуд кард, дар зери таъсири афкори динии Аҳмад ибни Ҳанбал монд. Аз байни устодонаш бештар зери таъсири қозии ҳанбалии Димишқ Шайх Шамсуддин ал-Мақдисӣ қарор гирифт.

Дар ин давра ба сабаби ҳуҷуми муғулҳо бисёр донишмандони ҷаҳони ислом бо мақсади паноҳ бурдан аз муғул дар Димишқ ҷамъ омада буданд ва Димишқ ба маркази фарҳангии ҷаҳони мусулмонӣ табдил гардида буд. Бинобар ин, дар байни донишмандони мактабҳои гуногуни динӣ-фалсафӣ баҳсу муколамаҳо сурат мегирифт ва дар фазои

динӣ-идеологии ҷомеа мактаби каломи ашъарӣ мақоми баландро ишғол мекард. Ашъария аз ҷониби ҳукуматдорони турк дастгирӣ меёфт. Вале Ибни Таймия пайрави мазҳаби ҳанбалӣ буд ва каломи ашъариро танқид мекард. Дар Димишқ мадрасаи ҳанбалӣ фаъолият мекард ва соли 1296 Ибни Таймия мударриси ин мадраса гардид. Азбаски ақидаи динии ӯ хусусияти таассубӣ ва сиёсӣ-ифротӣ дошт, бо ҳокимони вақт ва пайравони мазҳабу фирқаҳои дигар доим дар ихтилоф қарор дошт ва бо ҳамин ҷурм борҳо зиндонӣ шудааст.[252]

Ибни Таймия солҳои 1306-1312 дар Миср иқомат кард ва бо илоҳиётшиносону фақеҳони мактабҳои мухталиф пайваста баҳсу мунозира мекард. Намояндагони ин мактабҳо ӯро мансуб ба фирқаи мушаббиҳа, яъне инсонгуна тасаввур кардани Худо айбдор мекарданд ва бо ҳамин ҷурм ӯ боз зиндонӣ гардид. Баъди аз зиндон баромадан аз нав дар масоили каломӣ бо мутакаллимон вориди баҳс шуда, ҳама гуна «навоварӣ»-ро дар ислом «бидъат» эълон намуда, боз ба зиндон рафт. Соли 1313 ба Димишқ баргашта, ба фаъолияти омӯзгорӣ машғул шуд ва дар ташкил кардани ҷиҳод ба муқобили арманиҳо фаъолона иштирок кард. Баъди ба Димишқ баргаштанаш низ ду маротиба зиндонӣ гардид.[253] Ӯ соли 1328 фавтидааст. Ҳарчанд ӯ мухолифи фирқаи сӯфия буд, вале дар қабристони сӯфиҳо гӯронида шудааст.

Аз Ибни Таймия осори зиёд боқӣ монда, онро шогирдаш Ибни Қайим ал-Ҷавзӣ ҷамъ овардааст, ки аз 350 номгӯй иборат аст.[254] Дар бораи миқдори асарҳои ӯ маълумотҳо гуногунанд. Лекин дар байни онҳо китобҳои «Китоб-ул-Арш», «Ал-Ибодия», «Ақидаи Ҳамаввийя», «Ал-Ақоид ал-Васатия», «Минҳоҷу-с-Сунна», «Минхоҷ ал-Карам», «ас-Сиёса аш-шариъа» ва ғайра маъмул мебошанд, ки афкори динӣ-илоҳиётӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии ӯро фаро мегиранд.

[252] Крибаев, Н.С. На путях политико-религиозного догматизма: Ибн-Таймия [Текст] // Политическая мысль мусульманского средневековья. — М., 2005. - С.128.
[253] Ибрагим, Т.К., Сагадеев А.В. Ибни Таймия. Ислам: Энциклопедический словарь [Текст] / [253] Т.К. Ибрагим., А.В. Сагадеев А.В // Отв.ред. С.М. Прозоров. –М.: Наука, ГРВП, 1991. -С.85.
[254] Краткое жизнеописание Шейхуль-ислам Ибни Таймийи [электронный ресурс] URL: hetp//Salogforum.ru//vietopic.php? f=26-5499. (дата обращения: 12.02.2018)

Ибни Таймия талаботҳои мазҳаби ҳанбалияро сахт риоя карда, чун Ибни Ҳанбал Қуръону суннат, иҷмоъи саҳобагони пайғамбар ва сухани баъзе аз тобеинро сарчашмаҳои асосии таълимоти худ қарор дода, дар партави талаботи ҳамин сарчашмаҳо таълимоти каломӣ-фиқҳии худро коркард намуд. Таълимоти ӯ, пеш аз ҳама, дар муқобили «навоварӣ»-ҳо дар ислом қарор гирифта, ҳама гуна навоварӣ «бидъат» дониста шудааст. Ӯ ба мисли Аҳмади Ҳанбал дар эҳё ва ҳифзи исломи замони паёмбару се насли салафи ибтидоии таърихи ислом кӯшишҳои зиёд ба харҷ додааст. Дар низоми ақоиди ӯ танқиди ҷараёнҳои сиёсӣ-динӣ, фирқаву равияҳо, мазҳабҳо, фалсафаи машшоияи шарқӣ, ҳатто каломи фалсафӣ-ақлонӣ, парастиши «муқаддасот»-и исломӣ, аз ҷумла, маросими парастиши мазори пайғамбари ислом ва ғайраҳо ҷойгоҳи хос доранд.

Таълимоти Ибни Таймия аз маҷмуи ақидаҳои мухталиф иборат аст. Ӯ, пеш аз ҳама, дар майдони улуми исломӣ ҳамчун илоҳиётшинос ва фақеҳ вориди баҳс шудааст. Азбаски ӯ эҳё ва ҳифзи исломи замони паёмбар ва аҳли салафро вазифаи асосии хеш медонист, бинобар он, пайрави мактаби аҳли ҳадис ва суннат буда, бо вуҷуди имомони ҳамаи мазҳабҳои аҳли суннат ва ҷамоатро эҳтиром карданаш, бештар ба мазҳаби ҳанбалия эҳтироми сахт дошт ва маҳз ҳамин мазҳабро ҳифз карда, ривоҷ додааст. Ҳамчун имоми суннатгарои сахтгир қонунҳои шариатро мувофиқи муқаррароти таълимоти мазҳаби ҳанбалия риоя ва ривоҷ дода, танҳо Қуръону суннатро сарчашмаҳои ҳақиқии динӣ меҳисобид, чуноне ки дар иҷмои саҳобагони паёмбар баён гардидаанд. Ба ҳамин сабаб афкори мактаби аҳли раъй, яъне ҳукми мустақилро рад мекард ва аз ин нигоҳ, бо мактабу фирқаҳои ақлгаро дар ислом, ба мисли муътазилаю қадария, ашъария, мактаби пантеистии сӯфия ва ғайра ихтилофи сахт дошт. Ирратсионализмро дар усули дин татбиқ карда, оқибат ба муқобили ҳама гуна «навоварӣ» дар ислом баромад ва

«навоварӣ»-ро «бидъат»-у «куфр» ҳисобид ва каломи фалсафиро қабул надошт.

Мутафаккирони исломӣ кӯшиш кардаанд, ки талаботи мантиқро бо осори динӣ созиш диҳанд. Ғаззолӣ дар «Ал-қисмос ал-мустақим» мавозини мантиқиро бо ояти қуръонӣ санҷида, онҳоро бо мизонҳои «таодул», «талозум» ва «таонуд» баргардонида, шаклҳои қиёси арастуиро нишон медиҳад ва худаш дар ин бора менависад: «дар номҳо аз ҳайси тағйир ва табдил ба навоварӣ пардохтам ва дар маони аз ҷиҳати ...ва тамсил ба кори бадеъ даст задам ва маро дар зайли ҳар кор ҳадафе аст дуруст ва розе аст, ки ба назди аҳли биниш ошкор бошад ва дар шумо бад, ки аз дигаргун сохтам ин низом ва бар низоми он маъонӣ аз ин либос бипарҳезанд, ки шуморо омӯхтам чӣ гуна умури ақлӣ бо истинод ба улуми нақлӣ ороста мегарданд, то дилҳо дар пазируфтани онҳо шитобандатар шаванд».[255] Пеш аз Ғаззолӣ Абунасри Форобӣ маҷмуае аз суханони пайғамбари исломро гирд оварда, ки ба қавли вай дар онҳо ба «ашколи мантиқӣ» ишора шудааст.[256]

Аммо Ибни Таймия, чун яке аз муҳаққиқони мантиқ амал карда, нишон медиҳад, ки аҳли мантиқ мавқеи нодурустро дар ҳақиқати ашё ишғол кардаанд. Ба қавли ӯ тасаввури моҳияти ашё назди мантиқиён танҳо дар роҳи ҳадди ҳақиқӣ фароҳам мегардад. Ҳадди мазбур аз зотиёти муташарика... таълиф шудааст, ки мураккаб аз ҷинс ва фасл бошад (навъ ва гурӯҳ) ва баёни ин ҳад ё муҳол аст ё душвор, чунонки худашон бад-он иқрор кардаанд. Дар ин сурат ҳеҷ ҳақиқате аз ҳақоиқро доиман ё ғолибан наметавон тасаввур кард, бо он ки ҳақоиқ ба тасаввур даршоянд. Бинобар ин, дониста шуд, ки тасаввурот аз ҳудуди мантиқӣ бениёзанд.

Азбаски ҳадди мантиқӣ бар фарқ гузоштани як чиз аз чизи дигар буда, моҳияти онро инъикос мекунад, пас, он сифатҳои зотии ашёро

---

[255] Муҳаммад, Ғаззолӣ. Ал-қисмос ал-мустақим [Матн] / Газзали М. -Бейрут, 1985. -С.151.
[256] Ибни, Абуосия. Уюну-л-анбоъ фӣ табақот-ил-атбоъ [Матн] / Абуосия И.-Бейрут, 1989. -С.139.

фаро мегирад. Ба андешаи Ибни Таймия кори мантиқдонон нотамом ва ноқис аст. Ҳудуде, ки мантиқиён овардаанд низ беш аз ин (аз таърифи ноқиси ашё) чизеро намерасонад ва тасвири ҳақиқӣ аз зоти ашёро ба даст намедиҳад.[257] Ӯ ба масъалаҳои дигар, ки ҳам дар мантиқ ва ҳам дар фалсафа аҳамияти хос доранд, таваҷҷуҳ зоҳир кардааст, аз ҷумла, дар бораи «вуҷуд» ва «моҳият» ва фарқи «ҷозим» аз «аразӣ». Ибни Таймия фарқи «вуҷуд» ва «моҳият»-ро қоил нест. Ин ҳар дуро айни якдигар медонад. Файласуфон вуҷуду моҳиятро дар ҷаҳони хориҷи ду чизи ғайриякдигар шуморидаанд ва ақида доштанд, ки «Фаҳумо мутағайирони фи-л-аъёни».[258]

Ҳарчанд вуҷуд ва моҳият дар хориҷ аз зеҳн бо якдигар муттаҳиданд, вале дар мақоми тасаввур мафҳуми вуҷуд, ки иборат аз бурузу зоҳир ё таҳаққуқу субути ашё бошад, мутаҷаммии вижагиҳои мавҷудот набуда ва моҳияти онҳоро тавсиф мекунад ва бо сарфи назар аз ашё ба субут ва зуҳурашон дар хориҷ ё воқеъ ҳукм медиҳад, хоҳ мафоди ин ҳукм эътибори маҳз буда ва мавлуди сохтмони зеҳн бошад, ё ҳақиқат дошта, кошиф аз он бошад, ки вуҷуд ва моҳият дар воқеъ ду чизи ғайри якдигаранд.

Дар таносуби зотиёт ва аразиёт низ Ибни Таймия ба фаҳми мантиқиён, яъне тарафдорони Арасту, мухолиф аст. Ӯ таъкид кардааст, ки мантиқиён худ мегӯянд, ки зотиёт ҳамон аҷзои моҳияти ашёанд, ки дар зеҳн ва хориҷ аз зеҳн бар зот ва моҳияти ашё тақаддум доранд ва ин аҷзо сифоти ашёанд ва эшон сифатро бар мавсуф дар ҷаҳони хориҷ муназзам кардаанд ва ин иддаое аст, ки ақл ба равшанӣ ва сароҳат нодурустии онро дармеёбад.[259] Ибни Таймия тасаввури мантиқиёнро дар бораи ашё нодуруст шуморида, мегӯяд, ки «аҳли мантиқ ашёро тасаввур мекунанд ва сурати куллии ақлӣ ба онҳо медиҳанд ва он гоҳ дар бораи

---

[257] Ибни, Таймия. Ар-рад ала-л-мантиқин [Матн] / Таймия И.- Қоҳира, 1964. -С.21.
[258] Садриддини, Шерозӣ. Ал-асфор арбаа.Чопи Дор-ул-маъориф ал-исломия [Матн] / Шерозӣ С. –Теҳрон.: Муассисаи бунёдии ҳикмати исломии садро, 1383. - С.63.
[259] Ибни, Таймия. Ар-рад ала-л-мантиқин [Матн] / Таймия И.-Қоҳира. 1964. -С.73.

ин куллиёт сухан мегӯянд ва мепиндоранд, ки дар бораи моҳияти муҷаррад аз ҳар қайд сухан гуфтаанд. Бидуни ин ки моҳияти мазбур дар олами хориҷ вуҷуд дошта бошад. Масалан мегӯянд, инсон ба эътибори он ки инсон аст, сиёҳӣ ба эътибори он ки сиёҳ аст, вуҷуд доранд…ва гумон мекунанд, ки ин моҳияте, ки аз ҳама қуюди салбӣ ва субутӣ онҳоро муҷаррад ва бараҳна сохтаанд, дар хориҷ аз зеҳн бар ҳамон сурати муҷаррад вуҷуд дорад ва ин ғалат аст». Ибни Таймия дар ин ҷо мафҳумро бо он воқеияти дар он ифодашуда омехта кардааст, зеро мафҳум тамоми сифоти ашёро: ғайримуҳим, ғайриасосӣ, маҷмуи ҳамаи сифатҳоро намегирад. Мафҳум бо роҳи муҷаррадсозӣ танҳо сифати муҳим, таъйинкунандаи ашёро, ки ба он сифат ашёи мазкур ҳамон ашё аст, дар бар мегирад. Масалан, инсон, ба ҷуз мавҷуди боақл будан, боз маҷмуи сифатҳои дигарро доро аст, ки қисме аз онҳо байни инсону дигар мавҷудот муштараканд. Назари аксари аҳли мантиқ он аст, ки куллия дар ашёи хориҷӣ вуҷуд надорад, балки як амри зеҳнӣ аст. Пас, гуфтаҳои Ибни Таймия чун барои радди аҳли мантиқ равона шудааст, назари баъзе аз мантиқиёнро чун назари тамоми аҳли мантиқ ҷилвагар сохта, нодурустии ақидаи онҳоро бо ин роҳ нишон доданӣ шудааст. Аз ҷумла, назари мантиқиёнро доир ба ҳусули қазоёи куллӣ танқид карда, нишон медиҳад, ки қазоёи куллӣ аз роҳи тамсил сохта мешавад. Аммо пайравони Арасту онро ба нерӯи хориҷӣ, яъне ақли фаъол вобаста медонанд. Аз ҷумла Ибни Сино дар «Ишорот» менависад: «Мо дар маъқулот назири ин ду ҳолатро мебинем ва мақсудам аз ин ду ҳолат фаромӯшӣ ва ба ёд овардани умур аст, лекин ҷавҳаре, ки маъқулот дар он нақш бастаанд…ҷавҳари ҷисмонӣ нест ва низ қобили тақсим намебошад, … зеро умури маъқул дар ҷисм нақш намебандад, пас боқӣ мемонад ҳамин ки дар ин ҷо чизе берун аз гавҳари зоти мо вуҷуд дошта

бошад, ки суратҳои куллӣ, ки зотан маъқул ҳастанд, дар он гирд омадаанд».[260]

Аммо Ибни Таймия дар он аст, ки ақл аз роҳи тамсил куллии мантиқиро месозад. Ӯ қиёси мантиқиро дар касби дониши нав бефоида медонад: «он чи мантиқиюн дар бораи сувари қиёс ва маводи он гуфтаанд бо вуҷуди ранҷи бисёр ва заҳомати гароне, дар ин роҳ бар худ ҳамвора кардаанд, фоидаи илмӣ надорад, балки ҳар чиро битавон ба дастовези мантиқӣ аз он огоҳ шуд, мумкин аст бидуни қиёс низ бар он огоҳӣ ёфт ва ҳар чизе, ки огоҳӣ бар он аз ғайри тариқи қиёс мумкин набошад, аз роҳи қиёс низ наметавон онро шинохт».[261] Фикри Ибни Таймия дар бораи камарзишии қиёс ба он равона шудааст, ки аҳамияти мантиқро дар дониш камранг созад. Ин ақидаи ӯро ҳатто Ғаззолӣ, ки мухолифи сарсахти фалсафаи машшоъ ва мантиқи он аст, намепазирад. Ба фикри Ғаззолӣ «натиҷаи қиёс, ҳарчанд билқувва дохил дар муқаддимот ва таҳти он аст, чунон ки ҷузъиёт дар таҳти куллиёт қарор дорад, лекин билфеъл дониши зоид бар муқаддимот аст».[262]

Аммо ҳамаи кӯшишҳои Ибни Таймия дар назди мантиқ барои нишон додани бартарии далоили нақлӣ бар ақлӣ ва дифоъ аз тамсили фиқҳӣ мебошад. Тамсил, чунон ки маълум аст, дар истилоҳи фуқаҳо «қиёс» ном гирифтааст ва он гӯё аз қиёси мантиқӣ ва истиқроӣ бартар ва табиитар аст, яъне бо роҳи соддатар аз тариқи тамсил ҳар натиҷаеро, ки аз роҳи қиёси мантиқӣ ба даст меояд, аз тариқи тамсил метавон ба он расид ва қиёси фиқҳиро фуқаҳои аҳли суннат яке аз усули «истинботи аҳком» ҳисобидаанд. Аммо мантиқиён онро далели заккӣ (бегумон) медонанд. Ибни Таймия талош кардааст, ки аҳамияти тамсилро нишон диҳад. Ибни Таймия бо танқиди мантиқ ва эродҳо аз он асноди фиқҳиро зери ҳимояти худ гирифта, осори нақлиро асоси аҳкоми шаръӣ ҳисобида, онҳоеро, ки ба мантиқ рӯ оварда, далоили ақлиро дар баробари далоили

---

[260] Ибни Сино. Ишорот [Матн] / Сино И. –Теҳрон.: Садро, 1358. -С.96.
[261] Ибни Таймия. Ар-рад ала-л-мантиқин [Матн] / Таймия И.-Қоҳира, 1964. -С. 314.
[262] Муҳамад, Аҳмади Аёр. Меъёр-ул-улум [Матн] /Аёр М.А.- Қоҳира.: Ғаззолӣ, 1964. -С. 245.

нақлӣ истифода мекарданд, мавриди сарзаниш қарор додааст. Аммо он чӣ ки дар баҳс аз мантиқ нишон додааст, гувоҳи он мебошад, ки сарфи назар аз хоҳиши худаш мантиқро воситаи дарёфти ҳақиқат тасвир намудааст ва дурустии далоили мантиқиро рад карда натавонистааст.

Ба ҷуз Қуръону суннат ба мисли Ахмад ибни Ҳанбал Ибни Таймия афзалиятро ба гуфтори саҳобагони пайғамбар низ медод. Ӯ иҷтиҳодро дар кулл инкор накардааст. Вале, ба ақидаи ӯ, ҳар гуна иҷтиҳод бояд «бидъат» дониста шавад. Аз ин рӯ, Ибни Таймия раъйро инкор мекард, зеро раъй асосан андешаи мустақили муҷтаҳид ё фақеҳ буда, метавонад бо Қуръону суннат ихтилоф дошта бошад. Раъй асосан дар мазҳабҳои ҳанафӣ ва шофеия мавриди истифода қарор гирифтааст ва аз усулҳои хирадгарой маҳсуб мешавад. Бинобар он, усули иҷтиҳоди Ибни Таймия ҳамчун яке аз сарчашмаҳо барои ҳалли масоили фиқҳӣ усули арзишманде нест. Ӯ аз иҷтиҳод дида бештар ба ҳукм аз рӯи қиёс бovарӣ дошт. Вале Ибни Таймия қиёсро танҳо ба хотири маҳдуд сохтани аҳамияти иҷмоъ истифода мебурд. Аз ин ҷо хулоса бармеояд, ки усули қиёсе, ки ӯ истифода мекард, хусусияти ақлонӣ надошт, балки ба хотири он буд, ки онро ба хизмати ҷонибдорони аҳли ҳадис, ба фаҳмиши таҳтуллафзуии матнҳои Қуръону суннат мутобиқ созад, ки аз суннатгарои сахт будани ӯ шаҳодат медиҳад.

Дар масъалаҳои озодии ирода ва сарнавишт Ибни Таймия бештар ба ақоиди Қуръону суннат такя мекард. Ӯ таълимоти Қуръону суннатро дар бораи иродаи инсон, ки тобеъи иродаи мутлақи илоҳӣ мебошад, пайгирӣ намуда, таълимоти қадарияю муътазиларо дар бораи инкори гардидани дахолати Худо дар фаъолияти инсон ва таълимоти ашъарияро дар масъалаи он, ки мувофиқи «назарияи касб»-и ӯ, агар инсон чизеро аз Худованд аз ҳад зиёд талаб кунад, медиҳад, нодуруст ҳисобида, рад мекард.

Муборизаи Ибни Таймия бо ақлгароӣ, бо фалсафаю илоҳиёти фалсафӣ, ба мисли муътазила, ашъария ва машшоияи шарқӣ, ки ҳама бо мақсади ҳифзу эҳёи исломи замони паёмбару саҳобагони ӯ, яъне исломи замони «аҳли салаф» нигаронида шуда буд, ӯро ба инкори равияю фирқа ва мазҳабҳо дар ислом овард, ҳол он ки худ муътақиди мазҳаби ҳанбалӣ буд. Аз равияҳои исломӣ ӯ бештар бо хаворичу шиа ва аз фирқаҳои исломӣ бештар бо муътазилаю сӯфия ихтилоф меварзид ва оқибат ақоиди ӯ дар бораи равияю фирқаву мазҳабҳо андешаи «бемазҳабӣ»-ро дар ислом замина гузошт, ки на танҳо омили афрӯхтани низоъҳои мазҳабӣ дар ислом гардид, ҳамзамон баъдан ба ҳайси сарчашмаи ғоявии ҳаракатҳои ифротии ваҳҳобия ва салафия хизмат кард.

Дар айни замон, муборизаи ӯ бо равияи шиа ӯро ба бадбинии аҳли байти паёмбар ҳидоят намуд. Мусаллам аст, ки яке аз сабабҳои асосии ба равияҳо ҷудо шудани мусулмонон ин баъди реҳлати паёмбар пайдо шудани баҳси сиёсӣ дар атрофи масъалаи имомат ва хилофат мебошад, ки дар ин замина мусулмонон оқибат ба се гурӯҳи сиёсӣ тақсим шуданд ва дар ин асос зиддиятҳои ақидавӣ дар ислом зоҳир гардида, сababи пайдоиши равияҳои суннию шиа ва хаворич дар ислом шуданд. Дар ин баҳси сиёсӣ ҷонибдорони Алӣ ибни Абутолиб, ки ӯро ворисi воқеии пайғамбар мешинохтанд, бар хилофи суннати арабӣ принсипи ворисияти ҳокимияти сиёсиро ба ислом ворид сохта, барои ба даст овардани ҳокимият мубориза бурданд. Ин масъала дар таърихи ислом ба яке аз масъалаҳои марказии муборизаи байни пайравони суннӣ ва шиа табдил ёфт ва то ба имрӯз идома дорад.

Ибни Таймия дар ин мубориза ҷонибдори аҳли суннату ҷамоат буда, ба шиа ва дар робита ба он бо аҳли байти паёмбар низ ихтилофи сахт доштааст. Аз ин ҷост, ки намояндагони равияи шиа ва мубаллиғони он Ибни Таймияро душмани шиаён ва аҳли байти паёмбар

шинохтаанд.[263] Дар ин маврид ҳатто яке аз намояндагони маъруфи ваҳҳобиён Шаквонӣ навиштааст, ки Ибни Таймия китоби худ “Минҳоҷу-с-сунна”-ро дар танқиду ради шиа бахшидааст. Ӯ ҳангоми “инкору радди мабонии шиа тундравӣ кардааст. Ин тундравӣ ӯро ба ҳамла бар Имом Алӣ, ки аз аҳли байт аст, ҳидоят намудааст.[264] Ҳатто уламои аҳли суннат Ибни Таймияро душман (насаб)-и аҳли байт ҳисобидаанд. Воқеан Ибни Таймия дар китоби номбурда ва дар мавридҳои дигар нисбати ворисони Паёмбари ислом, бахусус Алӣ ибни Абутолиб, суханони сахт гуфта, ҷиходи ӯро ба муқобили рақибони ислом на мубориза барои дин, балки мубориза барои ҳокимияту сарват хондааст. Ӯ гуфтааст: “Алӣ танҳо барои он  ҷангид, ки дар замин бартариҷӯӣ кунад ва фақат барои он  ҷангид, ки танҳо аз ӯ итоат шавад.[265]

Дар таърихи ислом аз номи паёмбар дар нисбати Алӣ ибни Абутолиб ҳадисҳои зиёде аз ҷониби аҳли шиа баён гардидаанд. Аммо Ибни Таймия ҳамаи ин ҳадисҳоро рад карда, аз роҳи ворисият ба хилофат ҳақ доштани  Алиро ғайриқонунӣ медонад. Аз ҷумла Ибни Таймия ҳадиси Ғадири хумро дар наздикии маҳаллаи Ҷаъфа, ки гӯё паёмбар гуфтааст: “Ба ҳар ки ман мавлои ӯ бошам, Алӣ низ мавлои ӯст. Худоё дӯст бидор дӯсташро ва душман бидор душмани ӯро”[266]-ро саҳеҳ намеҳисобад ва таъкид месозад, ки  “паёмбар чунин сухане нагуфтааст ва агар гуфта бошад ҳам, он далолат ба хилофати баъди он ҳазрат намекунад”. Ӯ ҳатто халифаи чаҳорум будани Алиро зери шубҳа гузошта, мегӯяд, ки баъди ҷанги Сиффин, замоне ки Алӣ ҳукуматро ба даст гирифт, бисёре аз мардум вилоят ва раҳбарии Муовияро баргузидаанд ва ё аслан хилофати ҳар ду (Алӣ ва Муовия)-ро напазируфта буданд.[267] Ҳамин тариқ, муносибати тундгароёнаи Ибни

---

[263] Қосимов, И. Ошноӣ бо раҳбарони салафӣ-ваҳобият [Матн] /И. Қосимов. –Душанбе.: Амирон, 2008. -С. 17-31.
[264] Шаквонӣ. Бадрут толеъ [Матн] / Шавконӣ. Ҷ.1. -С. 64.
[265] Ибни, Таймия. Минҳоҷ ус-сунна [Матн] / Таймия И. Ҷ.4. -С.500
[266] Муҳаммадҷаводи, Машкур. Фарҳанги фирақи исломӣ [Матн] / Машкур М.-Теҳрон.: Илм ва фаранги Теҳрон, 1387. -С.272.
[267] Ибни, Таймия. Минҳоҷ ус-сунна [Матн] / Таймия И. Ҷ.2. -С.89

Таймия ба равияи шиа ӯро ба танқиду инкори хилофати Алӣ ибни Абутолиб ва умуман аҳли байти паёмбари ислом раҳнамой кардааст, ки ин мавқеи ӯ муносибати хасмгинонаи аҳли суннатро бо шиа тақвият медиҳад, ки он аҳли байти паёмбарро низ фаро мегирад. Ҳол он ки танқиди аҳли байт, бахусус Алӣ ибни Абутолиб, фақат хоси мазҳаби ҳанбалия нест. Пас, ӯ дар ин масъала аз доираи мазҳаби ҳанбалия берун рафтааст. Аз ҳамин сабаб намояндагони аҳли суннату ҷамоат дар ин масъала Ибни Таймияро зери тозиёнаи танқид қарор додаанд.

Яке аз масоиле, ки бо пайдо шудани илми калом мавриди баҳси мутакаллимон қарор гирифт, масъалаи шинохти Худо ва сифоти ӯ буд. Натиҷаи ин баҳс бо он анҷомид, ки дар ислом фирқаи нав бо унвони муҷассима (мушобеҳа) ба вуҷуд омад. Ҷонибдорони равияю фирқаҳои суннӣ муҷассимаро ба сабаби Худоро чун инсон соҳиби узву ҷисм донистан ба “бидъат” гунаҳкор карда буданд. Вале Ибни Таймия таълимоти муҷассимаро доир ба Худо  ва сифоти ӯ  тақвият бахшид. Нуқтаи назари худро дар ин хусус дар китобҳояш “Исбот-ус-сифат ва-л -улув ва-л-истиво”, “Шарҳи ҳадиси Нузул”, “Арш ур-раҳмон,” “Тафсири Кабир”,  “Тафсири сураи Нур” ва ғайра баён кардааст. Ба ақидаи ӯ, мусулмонон  сифатҳои Худоро бояд ба ҳамон маънои таҳтуллафзиаш қабул намоянд, ҳатто агар Худованд ҳамчун ҷисм (инсонгуна) васф шуда бошад ҳам. Ба андешаи Ибни Таймия, Худо  дар боло, дар осмон  бар Арш қарор дорад ва ӯ “ба осмони дунё нозил мешавад ва баъд бармегардад ва ӯ аъзо ва ҷавореҳ аз қабили чашму дасту по ва ғайра дорад. Вале чашму дасту пои Худо ба аъзои башар ва дигар махлуқот монанд нест.[268]  Ӯ мутакаллимонро танқид карда гуфтааст, ки онҳое, ки Қуръонро таъвил кардаанд, Худоро, он чуноне ки ҳаст, нашинохтаанд.[269]

Бино ба маълумоти Ибни Ҳаҷар ибни Ҳайёни Андалусӣ дар ибтидо аз пайравони Ибни Таймия будааст, баъди хондани китоби

---

[268] Ибни, Таймия. Ҳамавият-ул-кубро [Матн] / Таймия И. -С.15, Тафсири Кабир. Ҷ 2. -С.249.
[269] Ибни, Таймия.Тафсири Кабир [Матн] / Таймия И. Ҷ 1. -С.170.

“Арш” ӯ аз Ибни Таймия рӯй тофта, бовар кардааст, ки Ибни Таймия Худоро ҷисм донистааст. Ибни Таймия ин ақидаи хешро бо он далел, ки мусулмонон ҳангоми намоз дасти дуо ба боло мебардоранд, низ исбот карданӣ шудааст. Ба андешаи ӯ даст ба боло кардан маънои дар осмон дар Арш ҷойгоҳ доштани Худоро дорад.[270] Ибни Таймия ҳатто бахшида ба ин масъала китобе бо унвони “Арш” навиштааст. Ибни Таймия ҳамчунин барои исботи андешаи худ доир ба Худо ва сифоти ӯ ба иҷмоъи саҳобаву тобеин такя карда, мегӯяд: “тафсирҳои нақлшуда аз саҳоба ва ривояте, ки аз онҳо расида ва беш аз 100 тафсири бузургонро дидам ва ҳеҷ як саҳобаро наёфтам, ки ӯ оятҳо ва ривояти сифотро ба хилофи маънои зоҳириаш таъвил карда бошанд.[271] Далели дигаре, ки ӯ барои исботи андешааш меорад, ин аст, ки исми мушобеҳа на дар Қуръону Суннат ва на дар каломи ҳеҷ саҳобаю тобеин бо мазаммату накӯҳише ёд нашудааст, ва ақидаашро дар бораи Худову сифоташ чунин хулоса мекунад “Касе, ки бо сифатҳои даст, по, чеҳра ва ғайра васф мешавад, ҳатман ҷисм хоҳад буд. Пас Худои мутаъол ҳам, ки бо чунин сифот васф шудааст, ҷисм аст, албатта на ба монанди ҷисмҳои дигар “Дар Қуръону суннат ва сухани ҳеҷ як аз гузаштагони уммат ва имомон вуҷуд надорад, ки касе Худоро ғайри ҷисм гуфта бошад.”[272]

Бинобар он, баъзе аз уламои ҳамасри ӯ ба мисли Ибни Ҳайёни Андалусӣ (ваф. 745) ӯро “ба муҷассима будан” муттаҳам намудаанд. Ин ҷо як нуктаро бояд ёдрас намуд, ки ҳарчанд, уламои дин кӯшидаанд, ки исломро ҳамчун як дини комилан тавҳидии орӣ аз унсурҳои бутпараству ширк ба намоиш гузошта, афзалияти онро аз кулли динҳои дигар нишон диҳанд, вале пайдо шудани баҳсҳои каломӣ дар атрофи Худову сифоти ӯ ва зуҳури баъзе фирқаҳо ба мисли мушобеҳа ва пайраву мухолифони он шаҳодат аз он медиҳад, ки ислом аз таъсири динҳои бутпарастиву ширки гузашта пурра тоза нагаштааст ва суннатҳои динҳои тоисломии арабу

[270] Ибни, Таймия. Ҳамавият-ул- кубро [Матн] / Таймия И. -С.94.
[271] Ибни, Таймия, Тафсири Сураи Нур [Матн] / Таймия И. - С.178
[272] Ибни, Таймия. Нақду асосу тақдис [Матн] / Таймия И. Ҷ.1. -С.100-109.

динҳои яҳудияву насронӣ ба он бетаъсир намондааст, ба монанди таълимоти насрония дар бораи Худо Писар - Исои Масеҳ, ки дорои ду сифат - илоҳӣ ва инсонӣ аст ва ҳамчунин таъсири динҳои антропоморфӣ (инсонгуна)-и  Юнону Рим, Мисру Бобилу дигар халқҳои Шарқи Наздик, ки ислом дар ҳамин ҳавзаи фарҳангӣ қомат афрохтааст. Дар сураҳои "Муддассир," "Қиёмат," "Инсон," "Мусаллот," "Нозиъот," "Таквир," "Буруҷ," "Ториқ," "Фаҷр," "Шамс," "Лайл," "Тин" ва ғайра бисёр оятҳое ҳастанд, ки Худованд ба номи махлуқонаш ба мисли ситорагон, офтоб, моҳ, шаб, рӯз субҳ, бод, анҷир, зайтун, замин, фариштагон ва ғайра савганд мехурад, ки аслан суннати динҳои тоисломии арабанд ва ба асли тавҳиди исломӣ ихтилофи сахт доранд. Инсонгуна тасвир ёфтани Худованд дар Қуръон низ аз ҷумлаи боқимондаи ҳамин гуна суннатҳои тоисломианд, ки ба динҳои бутпарастиву ширк мансубанд ва ин яке аз далелҳоест дар қатори далоили дигар аз падидаи иҷтимоӣ будани ислом ва махлуқ будани Қуръон шаҳодат медиҳад. Аз ҷониби уламои ислом ба мисли Аҳмади Ҳанбал, Ғаззоливу Ибни Таймия ва дигарон манъ гардидани таъвили ақлонии Қуръон ва танҳо ба маънии таҳтуллафзии оятҳои қуръонӣ эътиқод кардан ба ҷуз кӯшиши ошкор насохтани падидаи иҷтимоӣ будани ислом ва ҳифзи мақоми ҷамъиятии рӯҳонияту дигар гурӯҳҳои иҷтимоӣ чизи дигаре нест.

Яке аз суннатҳое, ки  дар исломи аҳли суннату ҷамоат ба суннати дини насронӣ шабоҳат дорад, ин эътиқод ба пайғамбару авлиё ҳамчун ҳоҷатбарори мардум мебошад, ки моҳиятан ба ақидаи тавҳидгароӣ ихтилоф дорад ва аз ҷониби баъзе уламои ислом ба мисли Ибни Таймия ва ҷараёни сиёсӣ-динии ваҳҳобия-салафия ҳамчун амали ширк шинохта шудааст. Дар баровардани ҳоҷати ҳоҷатманд ёрӣ пурсидан аз пайғамбару авлиё аз ҷониби чи аҳли суннат ва чи шиа ширк ва ҳаром ба ҳисоб намеравад. Ин суннат дар ислом  тавассул ва истиғоса ном дорад.

Гӯё пайғамбару авлиё ба сабаби ба даргоҳи илоҳӣ қариб буданашон метавонанд тавассути Худо ниёзи ҳоҷатмандонро қонеъ созанд, чуноне ки Исои Масеҳ бо қурбонӣ кардани хеш дар назди Худованд, нахустгуноҳи одамонро харида, ба онҳо наҷот ёфтанро дар рӯзи қиёмат ваъда додааст.

Ибни Таймия ин суннатро шарҳи хос дода, онро ширк мешуморад. Ба ақидаи ӯ, ба ғайри Худо ба касе наметавон истиғоса кард ва барои ҳоҷат баровардан ба пайғамбар ибодат кардан мумкин нест.[273] Дуо ва истиғоса ба пайғамбарро ҳаром ва ширк ҳисобида, дар айни замон Ибни Таймия тавассул, яъне тавассути пайғамбар ба Худо баргаштанро ҷоиз мешуморад,[274] ки низ аз пайравии ӯ ба фирқаи мушаббиҳа шаҳодат медиҳад, зеро ин шабоҳат дорад ба ҳамон нақше, ки Исо гуноҳи инсониятро бо қурбони кардани худ дар назди Худо харида буд ва далелест барои собит сохтани робитаи бевоситаи ислом бо динҳои пешазисломӣ.

Назари Ибни Таймия дар бораи тавҳид ба ғояи тавҳиди хоси илоҳӣ дар ҳамаи ҷанбаҳои ҳаёт алоқаманд аст. Ин ба ҳамон маъност, ки "лозимаи тавҳид дар рубубият умури зайл аст:

1. фақат ӯро бипарастем;

2. ҳокимиятро азони ӯ бидонем;

3. итоатро махсуси он бишморем;

4. ҳар навъ қонунгузориро, ки лозимаи он тасарруф дар нуфус ва ҷомеа ва табиат аст, ҳаққи мухтаси ӯ бидонем."[275] Аммо, ба андешаи Ибни Таймия, ҷаҳмиҳо ва муътазалиҳо дар шинохти ғояи тавҳид "навоварӣ" ворид кардаанд, яъне онро нодуруст тафсир додаанд.[276] Чуноне ки мебинем, "маротиби тавҳид ба сурати густарда баён шуда,

---

[273] Абулфадо, Исмоил ибни Касир. Таърихи Ибни Касир [Матн] / Касир И. А.И // Мутарҷим Муҳамад Асғари Муғул.-Қум.: Таъдил, Ҷ.14. -С.51.

[274] Ибни, Ҳаҷар. Дурар-ул-комина. Ҷ. 4, -С.308

[275] Шейхуль-ислам, ибн Таймийя. Акида аль-воситийя. С разъяснением шейха Салиха Аль-Фаузана. Перевод с арабского Д. Карализли Амин. Предисловие и редактирование Д. Абу Умар Салим аль-Газзи. ФАДЖ Издательский дом-2022. -С. 140-144, 149.

[276] Шейхуль-ислам, ибн Таймийя. Ҳамон ҷо. -С. 152.

вале муҳим ҳамон тавҳид дар парастиш ва тавҳид дар рубубият аст ва пазириши тавҳид дар рубубият бо пазириши бисёре аз маротиби тавҳид мулозим аст, зеро ҳар гоҳ ба тавҳид дар рубубият муътиқид шавем, бисёре аз маротиби тавҳид мулозим аст. Табъан бояд комилан дар ихтиёри чунин “рабб” қарор гирем”.[277] Доир ба ақидаи Ибни Таймия дар бораи тавҳид ва унсурҳои он метавон аз китоби ӯ “Ақидат-ул-васатия” маълумоти пурра гирифт.[278]

Пайравӣ аз салафу мазҳаби ҳанбалия дар масъалаи тавҳид ва инкори навоварӣ дар ислом ва “бидъат” донистани он оқибат Ибни Таймияро ба инкори фалсафаву илоҳиёти фалсафӣ (калом) низ овард. Чунин ранг гирифтани масъала аз табиати ирратсионалии Қуръону суннат бармеояд, зеро ин сарчашмаҳои исломӣ дар заминаи фарҳангу асотири мардуми бадавии араб, ки ҳанӯз аз ақлгароӣ дур буданд, қомат афрохтаанд. Ҷаҳонбинии фалсафӣ бошад, зодаи мафкураи мардуми муқиминишину кишоварзу ҳунарманд аст.

Чуноне ки гуфтем, вақте ки ислом дар натиҷаи истилои араб ва бунёди хилофат густариш ёфта, бо фарҳангу тамаддунҳои пешрафтаи вақт рӯ ба рӯ омад ва бисёр унсурҳои ин фарҳангу тамаддунҳо бо роҳи табиӣ ба ислом ворид гардиданд, ки барои арабу ислом падидаи нав ба ҳисоб мерафтанд. Ҳол он ки фарҳанги исломӣ баъдан маҳз дар заминаи синтези фарҳангу тамаддунҳои халқҳои гуногуни хилофат ташаккул ёфт ва албатта, ихтилоф ба рӯҳи арабии исломи ибтидоӣ дошт. Пайванд гардидани муборизаи авлоди паёмбар (Аббосиён) барои ба даст овардани ҳокимият дар хилофат бо муборизаи озодихоҳонаи аҷамиён ба мисли шӯриши Абумуслими Хуросонӣ ва ба низоми идории хилофат ворид шудани тоҷикон ва минбаъд тибқи суннатҳои Сосониён идора кардани он ва баъдан дар идоракунии хилофат афзалият касб намудани

---

[277] Оятулло, Аш-шайх Ҷаъфари Субҳонӣ. Мадхали масоили ҷадид дар илми калом [Матн] / Субҳонӣ О.Ш.Ҷ. –Теҳрон.: Шаҳриён, 1386. Ҷ. 3. -С.226-227.

[278] Шейхуль-ислам, ибн Таймийя. Акида аль-васитийя. С разъяснением шейха Салиха Аль-Фаузана. Перевод с арабского Д. Каралезли Амин. Предисловие и редактирование Д. Абу Умар Салим аль-Газзи. ФАДЖ Издательский дом-2022. -С. 25-34, 131-148,153-159, 210-215.

қавмҳои мухталифи турнажод, ки низ аз фарҳангу забони тоҷикӣ бархурдор буданд, дар ниҳоят на танҳо рӯҳи арабии исломро заиф сохт, ҳамзамон хилофатро аз дасти араб берун кашида, раванди воридшавии “навовариҳо”-ро дар ислом тақвият бахшид. Ба хусус, ворид шудани ақлгароӣ ва фалсафа ба ислом, ки боиси зуҳури баҳсҳои каломӣ-фалсафӣ ва пайдоиши фирқаҳо дар ислом гардид, метавонист пояҳои эътиқоди исломиро, ки таҷассумкунандаи манфиатҳои ҳокимону синфи феодал ва навкарони онҳо, ки рӯҳонияти суннатӣ буданд, заиф созанд, чунки аҳкоми исломӣ ба таҳқиқи илмӣ-мантиқӣ тоб намеовард, чуноне ки мактабҳои ақлгароёнаи муътазилаю қадария ва ғайра баъзе нуқтаҳои заифи исломиро ошкор сохтаанд. Бинобар он, зарурияти ҳифзи исломи суннатӣ ҳамчун идеологияи расмии хилофат ба миён омад. Ҳанӯз мактаби каломӣ-фалсафии ашъария кӯшиш кард бо истифода аз усулҳои мантиқӣ илму динро оштӣ диҳад, вале ақлгароиро аз ислом берун сохта натавонист. Ҳарчанд чунин вазифаро баъдан мазҳаби ҳанбалӣ ба уҳдаи худ гирифта, бо ақлгароӣ ва илму фалсафа мубориза бурд ва ба ҳифзи исломи суннатии замони се насли салафи ибтидои таърихи ислом камар баст, аммо рӯҳу анъанаҳои мактаби фалсафии машшоияи шарқӣ, мактабҳои илмӣ-фалсафии даҳрияву асҳоби ҳаюло, ақоиди динҳои бостони эронӣ, ба хусус зардуштияву монавия ва ғайра зинда боқӣ монданд.

Ибни Таймия каломи фалсафиро бо он далел танқид мекард, ки ба он гӯё мутакаллимон унсурҳои фалсафаи Юнонро, ки ба табиати ислом хос нестанд, ворид намуданд. Ибни Таймия дар бахши дониш ва фиқҳ ҳам он уламои исломро эътироф мекард, ки онҳо барои аз олудагиҳо ҳифз намудани «исломи ноб», яъне исломи замони салаф мубориза карда бошанд. Ӯ асараш «Минхоҷ ус-Сунна»-ро ба муқобили рисолаи илоҳиётшиносии шиа ва таълимоти Насриддини Тусӣ навишта, барои ҳимояи исломи аҳли суннати замони пайғамбару хулафои рошидин аз

“навоварӣ”-ҳо мубориза бурдааст. Дар ин асар дар баробари танқиди равияи шиа, ки аз нигоҳи ӯ гӯё пайравони он «бидъаткоранд», ҳамчунин равияи хавориҷ ва фирқаҳои муътазилаю ашъарияро, ки хусусияти ақлонӣ доранд, мавриди танқиду инкор қарор медиҳад.

Ибни Таймия каломи фалсафиро танқид карда, дар айни замон дар таълимоти илоҳиётии ҳанбалии хеш кӯшидааст, ки принсипи васат (роҳи миёна)-ро интихоб намояд ва ин роҳ аз се чиз - ақл, нақл (суннат) ва ирода иборат аст, ки ба ҳифзу тақвияти исломи замони паёмбару саҳоба ва тобеин нигаронида шудааст. Ӯ мехост мабдаъҳои асосии дини исломро, ки гӯё мактабҳои фалсафӣ ва фирқаҳои гуногун онҳоро хеле тағйир додаанд, ба ҳолати аввалиашон баргардонад.

Дар масъалаи озодии ирода танҳо таълимоти Қуръон ва суннатро, ки хусусияти тақдиргароӣ дорад, ба асос гирифта, Ибни Таймия ақидаи муътазиларо дар бораи нақш надоштани Худо дар фаъолияти инсон ва “назарияи касб”-и ашъарияро дар ин хусус рад намудааст, ки хусусияти ирратсионалӣ доштани таълимоти Ибни Таймияро исбот мекунад. Зеро ӯ шариатро ҳамчун қонуни илоҳӣ устувор ва тағйинопазир медонад. Шариатро устувору тағйирнопазир ҳисобида, вале Ибни Таймия дарк накардааст, ки чунин тарзи фаҳмиш на танҳо хусусияти карахтӣ, ҳамчунин дар муқобили прогреси ҷамъиятӣ қарор гирифтани исломро исбот менамояд. Дар масъалаи тасвири Худо ӯ дар як вақт сифоти Худо ва ҳам муқоисаи Худоро ба махлуқоти офаридаи ӯ (ташбеҳ) дода, вале тафсири ботинии матнҳои Қуръон (таъвил)-ро рад мекард. Дар асоси муқаррароти мазҳаби ҳанбалия бештар суннатро ягона сарчашмаи динии дуруст меҳисобид.[279] Мувофиқи таълимоти Ибни Таймия Худоро ҳамон тавр тасвир бояд кард, чуноне ки ӯ дар Қуръон ва суннат тавсиф ёфтааст.[280]

---

[279] Новая философская энциклопедия в 4-х томах Перс, Наук [Текст] // Ред.В.С. Стёпин. М.: Мысль 2010. -С.59.
[280] Ибрагим, Т.К., Сагадеев А.В. Ибни Таймия. Ислам: Энциклопедический словарь [Текст] / Т.К. Ибрагим., А.В. Сагадеев А.В // Отв.ред. С.М. Прозоров. –М.: Наука, ГРВП, 1991. -С.85-86

Дар таълимоти Ибни Таймия, ба ғайр аз танқиди фалсафаю каломи фалсафӣ, ақлгарой, равияи шиа ва ғайра, танқиди хориҷия, муътазила, ашъария ва тасаввуф низ ҷойгоҳи хос дорад. Азбаски таҳқиқи муносибати Ибни Таймия ба ҳамаи равияю фирқа ва мазҳабҳо ба объекти таҳқиқоти мо дохил намешавад, мо танҳо ба таври мухтасар муносибати ӯро бо фирқаи сӯфия муайян месозем, зеро ин масъала ба фарҳанги асримиёнагии мо тоҷикон муносибати бевосита дошта, имрӯз низ мавриди танқиду инкори мазҳаби ваҳҳобия-салафияи ифротии муосир қарор гирифтааст. Маълум мешавад, ки муносибати иртиҷоии ваҳҳобияю салафияи ифротии муосир ба адабиёту фалсафаи тасаввуфу ирфони тоҷику форс аз таълимоти ҳанбалияву Ибни Таймия сарчашма мегирад.

Дар бораи муносибати Ибни Таймийя ба сӯфия ақидаҳо мухталифанд. Баъзе аз муҳаққиқони осори Ибни Таймия, ӯро сӯфии ҳанбалимазҳаб меҳисобанд. Аз рӯи гуфтаҳои худи Ибни Таймийя ва муаррихони мусулмонӣ Ибни Таймийя шайхи тариқати сӯфия будааст ва аз байни фирқаҳои тариқати сӯфия ӯ аз фирқаи қодирия пайравӣ кардааст.[281] Махсусан, муҳаққиқ Ҷорҷ Мақдисӣ дар як қатор мақолаҳояш тасдиқ кардааст, ки Ибни Таймия сӯфии қодирӣ буд.[282] Аз ҷумла, онҳо гуфтаанд, ки ӯ шогирди шайхи тариқати қодирия Ибни Абу Умар Ибни Қудом (ваф. 682ҳ.) ва пайрави шайхҳои сӯфия-ал-Ҷунайд, Абдул-Карим ал-Ҷелонӣ, Сари ас-Сақатӣ ва дигарон будааст. Масалан, худи ӯ дар бораи Ҷунайд гуфтааст: “Ҳар касе, ки бо роҳи Ҷунайд (яке аз намояндагони тасаввуф ва ирфон) бошад, ӯ дар роҳи ҳақ буда, наҷотёфта ва саодатманд аст.”[283]

Хулоса, ӯро шайхи тариқати қодирия меҳисобанд. Аммо дар кулл Ибни Таймия ба сӯфия муносибати духӯра дорад, дар бароб ари майл ба

---

[281] Корбин А. История исламской филасофии. [электронный ресурс] URL: http:// www. Fatuma. Net (text) Cobrin. (Дата обращения: 12.02.2020).
[282] Насыров, И.Р. Основания исламского мистицизма. Генезис и эволюция [Текст] / И.Р. Насыров // Отв.Ред. Симирнов А.В. - М.: Языки славянских культур, 2009. - С.159.
[283] Ибни, Таймия. Маҷмӯат-ул-фатово. Ҷ.14. -С. 355.

сӯфия доштан, дар асараш “Маҷмуат-ул-фатово” ва дигар китобҳояш баъзе масъалаҳои таълимот ва амалияи сӯфияро танқид ва рад кардааст. Аз ҷумла, ӯ таълимоти сӯфиёни пантеистро, ки Худою табиатро як падидаи воҳид медонистанд, дар баробари таълимоти Абунасри Форобӣ ва Абӯалӣ ибни Сино доир ба ваҳдати вуҷуд қабул надошт. Дар ин масъала метавон ба таҳқиқоти Т. К. Ибрагим ва А. В. Сагадеев муроҷиат кард. [284]

Дар робита ба танқиди таълимоти пантеистии сӯфия мактаби фалсафии машшоияи шарқиро танқид карда истода, ақидаи Абӯнасри Форобӣ ва Абӯалӣ Синоро доир ба он, ки офаридагор ҳастии мутлақ аст, рад менамояд. Ин масъаларо Анри Корбен мавриди таҳқиқ қарор додааст. Ҳамчунин ӯ кӯшидааст, ки таълимоти сӯфияро аз каломи ашъарӣ ҷудо кунад. Ба андешаи ӯ ақида ва далелҳои ақлонии ашъария бо моҳияти таълимоти сӯфия ихтилоф доранд. Аз ҷумла ӯ таҳқиқоти Абдулкарим ал-Қушайриро дар бораи ба сӯфияи ибтидоӣ тааллуқ доштани таълимоти каломи ашъарӣ танқид кардааст.[285]

Ибни Таймия махсусан ба амалияи сӯфия ихтилофи сахт нишон додааст. Дар таълимоти ӯ танқиду инкори мусиқӣ ва рақси само, ки як воситаи ба вуҷуд овардани ҳолати ваҷд (экстаз) мебошад ва ҳамчунин парастиши ҷойҳои муқаддас ва ғайра ҷойгоҳи хос дорад. Ӯ парастиши мазору зиёрати қабристонҳо, ки бо додани садақа анҷом меёфт ва ба номи ҷойҳои муқаддас қасам хӯрданро танқид карда, ин амалҳоро ҳарому хилофи ислом, ба хусус идеяи тавҳиди он меҳисобид. Бояд ёдрас кард, ки тасаввуроти исломшиносони Ғарб дар бораи сӯфия ҳамчун падидаи ба исломи суннатӣ мухолифатдошта дар натиҷаи аз ҷониби онҳо таҳқиқ гардидани осори Ибни Таймия ва Ибни Қайюм ал-Ҷавзӣ ба

[284] Корбен, А. Истории исламской филасофсии [электронный ресурс] URL: http // WWW. La turnu. Net/ text / corbin/ Corbino/ Ohrn. (дата обращения:12.03.2022)
[285] Гасимов, К. Ибни Таймия. О «последний суфийской науке» Абдулкарим ал-Кушайри Суфизм и мусульманская духовная традиция: тексты, институты, идеи и интерпретации [Текст] К. Гасимов. — СПб.: Петербургское Востоковедение, 2015. С.125.

вуҷуд омадааст. Муҳаққиқон ин ҷанбаҳои фаъолияти Ибни Таймияро доир ба сӯфия таҳқиқ кардаанд.[286]

Афкори сиёсии Ибни Таймия асосан дар фалсафаи “Ас-сиёса аш-шаръия” баён ёфтаанд ва масъали маркази афкори сиёсии ӯро масъалаи вилоят, яъне низоми идоракунии давлат дар асоси талаботҳои шариат ташкил медиҳад. Ҳарчанд ӯ дар ихтилоф доштан ба фалсафаи машшоияи шарқӣ дар зери таъсири афкори сиёсии Абу Насри Форобӣ ва Абуалӣ Ибни Сино ҷонибдори идеяи ҳокими адолатхоҳ буд, дар кулл ғояи ягонагии дину давлатро тарғиб кардааст. Таълимоти ӯ дар бораи сиёсат ва давлат асосан дар доираи талаботҳои Қуръону суннат, ки аз ҷониби ахли суннат риоя мегардид ва бо қонунҳои шариат созгор буд, баён ёфтаанд. Вале дар як вақт ақидаи Ибни Таймия доир ба халиф ба таълимоти анъанавии суннӣ ихтилоф дошт. Аз ҷумла, ба ақидаи ӯ, мавҷудияти институти халиф ҳатмӣ нест ва ҳамчунин имконияти дар як вақт вуҷуд доштани беш аз як халифро таъкид намудааст.[287] Дар айни замон, Ибни Таймия дар баробари назари манфӣ доштан ба хилифа Алӣ ибни Абӯтолиб хилофати хулафои рошидинро эътироф мекунад ва идеяи таъйинӣ будани ҳокимро рад менамояд, бо далели он ки чунин тарзи идоракунии давлат дар исломи ибтидоӣ вуҷуд надошт.

Дар ин маврид, ӯ суннати замони ба ном се насли салафро ҳифз намудааст. Воқеан, дар он давра мувофиқи исломи суннӣ танҳо халиф дар шӯрои назди умма интихоб мешуд, аммо ҳокимонро дар маҳалҳо халифа таъин менамуд. Ҳамзамон, андешаи ӯ дар бораи ҳатман аз намояндаи қабилаи Қурайш будани халифа, сарвари давлат, ки аз ҷониби мазҳабҳои аҳли суннату ҷамоат дастгирӣ меёфтанд, фарқ мекунад. Ӯ бо вуҷуди суннатгарои шадид будан ин ақидаро рад мекард бо далели он, ки чунин тарзу усули идоракунӣ метавонад, барои бо мақсадҳои ғаразнок истифода шудани ҳокимият мусоидат намояд. Ибни

[286] Тримингем Дкс. С. Суфийские ордени в исламе (https;// books google. K// bookS? Hc=rud = gm35AAGBAJ89= [ҳанбалит]
[287] Новая философская энциклопедия в 4-х томах Перс, Наук [Текст] // Ред.В.С. Стёпин. М.: Мысль 2010. -С.98-99.

Таймия мавҷудияти халифро асосан бо мақсадҳои динӣ, яъне хизмат ба шариат зарур медонист.[288]

Ибни Таймия сарвари давлатро “сояи Худо дар рӯи замин” медонист, вале ба шарте, ки ӯ аз рӯи қонунҳои шариат амал карда, адолати илоҳиро дар ҷомеа таъмин созад. Халиф, амир, султон метавонад маъсум набошад, вале ӯ бояд одил бошад. Агар сарвари давлат маъсум набуда, вале адолатпеша бошад, мардум, раъият бояд ба ӯ итоат кунанд. Аммо, агар адолатпеша набошад ва қонунҳои шариатро вайрон созад, раъият метавонанд ба ӯ итоат накунанд ва ба муқобили чунин ҳоким шӯриш бардоранд.

Обрӯю нуфузе, ки давлат касб менамояд, аз фаъолияти халифа вобаста аст, ки ӯ то чӣ андоза мувофиқи қонунҳои шариат амал менамояд.[289] Барои Ибни Таймия тарзи давлатдории наслҳои нахустини мусулмонон, хулафои рошидин ва пайравони онҳо, ки салафи солеҳин ба ҳисоб мераванд, намунаи ибрат мебошад. Бинобар он, дар афкори сиёсии ӯ васфи усули давлатдории мусулмонони нахустин мақоми хос дорад, ки аз хусусияти бунёдгароӣ доштани афкори сиёсии ӯ дарак медиҳад, ҳарчанд усули давлатдории ин наслҳои нахустин, аслан, аз ҷониби муаррихон ва дар таълимоти уламои суннатгаро таҳриф гардида, идеализатсия шудааст. Ҳол он ки аз ҷониби араб истило шудани кишварҳои ғайриарабӣ ва ғорат гардидану ба харобазор табдил ёфтани онҳо, таҷовузу қатли оми мардуми бегуноҳ маҳз дар замони давлатдории ҳамин се насли ба ном “салафи солеҳин” ба вуқӯъ пайвастааст. Аммо идеализатсия шудани тарзи давлатдории ин давраи нахустини таърихи ислом имрӯз заминаи ғоявии зуҳури ҳаракату ҷараёнҳои экстремистӣ-террористӣ дар ҷаҳони ислом шудаанд, бахусус, таълимоти ӯ дар бораи ҷиҳод. Ибни Таймия ҷиҳодро яке аз уҳдадориҳои мусулмонон диниста, таъкид месозад, ки мусулмонон ба андозаи тавоноии худ бояд дар роҳи

---

[288] Джастин, Уинтл. История ислама [Текст] / Уинтл Дж // Пер. с англ. А. Г. Георгиева. - М.: Астрель: АСТ, 2008. -С.150.
[289] Аҳмад, ибни Муҳаммади Касталонӣ. Мақибу-л-ладунид [Матн] / Касталонӣ А.И. –Бейрут.: Лубнон. Ҷ. 4, 1928. -С.574

татбиқи он бикӯшанд, ҳатто, агар ҳангоми тохтутоз зану кӯдакони кофирон фавтанд ҳам.[290]

Азбаски афкори динӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии Ибни Таймия бо вуҷуди хусусияти суннатгароии сахт доштанаш чи дар сатҳи назария ва чи дар сатҳи амалия на танҳо бо ақоиду амалияи равияву фирқаҳои гуногуни исломӣ, ҳамзамон бо баъзе ақоиду амалияи аҳли суннату ҷамоат ва ҳатто ба се насли салафи ибтидои таърихи ислом зиддият ва ихтилоф дорад, бинобар он ҳам уламои исломии ҳамасри Ибни Таймия ва ҳам уламои баъдии таърихи ислом ба таълимоти ӯ аз дидгоҳи хеш баҳогузорӣ намудаанд, ки бештар хусусияти танқидӣ дорад.

Масалан, Заҳабӣ ва Шаквонӣ дар бораи қиёми яке аз уламои шинохта Аҳмад ибни Муҳаммад Искандари Моликӣ ва навиштани китобе ба муқобили зиёдаравии Ибни Таймия дар дин хабар додаанд.[291] Ҳатто қозии ҳанбалӣ Абдулғанӣ Ибни Яҳёи Ҳарронии Ҳанбалӣ (ваф 709 ҳ.) бо Ибни Таймия мухолифат кардааст[292] ва ба ҳамин сабаб Ибни Қамар Ибни Таймияро шахси камдониш ҳисобидааст.[293] Субкӣ бошад, навиштааст, ки Муҳаммад ибни Абдураҳими Ҳиндии шофеӣ (ваф. 715ҳ.) дар ҳузури Амир Такиз ва уламои дигар бо Ибни Таймия мунозира кардааст, вале Ибни Таймия ҳар гоҳ аз як баҳс ба баҳси дигар мегурехтааст.[294] Шайх, имом ва факеҳи салаф Наср ибни Сулаймони Мунтаҷӣ (ваф.719) низ ба Ибни Таймия номае навишта, ӯро насиҳат кардааст. Аммо Ибни Таймия ӯ ва шогирдонашро ба мулҳидию куфр гунаҳкор месозад.[295]

Баъзе аз уламо бошанд, Ибни Таймияро барои таълим гирифтан аз донишмандони яҳудӣ, ки зоҳиран мусулмон, вале дар асл яҳудимазҳаб буданд, бадном сохтаанд. Масалан, Қунавӣ Ибни Таймияро

[290] Ибни, Таймия. Религиозная и этическая концепция Джихада. https://core.ac.uk/display/38372957.
[291] Кирабаев Н.С. На путях политико-религиозного догматизма: Ибн-Таймия [Текст] / Н.С. Кирабаев // Политическая мысль мусульманского средневековья. -М.: ИНФРА-М, 2005. -С.156.
[292] Муҳаммад, бини Аҳмади Заҳабӣ. Ториху-л-ислом.-Бейрут: Дорулкитоб, 1409 (1989), с.76, Шаквонӣ. Ал-Бадрут толеъ. Ҷ.1, -С.74.
[293] Субҳус Сафир ал аҳкомил мусофир. -С.54
[294] Захабӣ. Силяру аъломун нубало [Матн] / Заахабӣ. Ҷ.11, с211-212
[295] Ал-мухтасар фи ахборил башар. Ҷ.2. -С. 392

ҷоҳил хонда навиштааст, ки ӯ масоили тафриқаандозро аз устоди яҳудии залилаш, ки дар зоҳир мусулмон шуда буд, гирифтааст.[296] Шояд суханони Қунавӣ асос низ дошта бошанд, зеро Ибни Таймия бар хилофи анъанаи исломӣ, ки Таврот ва Инҷилро таҳрифшуда меҳисобанд, андеша рондааст, ки инро баъзе аз уламои аҳли суннат тарзе аз ҳимояи яҳудияву насрония донистаанд. Одатан дар ислом Таврот ва Инҷил таҳрифшуда ба ҳисоб мераванд ва маҳз ҳамин ҳолатро уламои ислом яке аз сабабҳои нузули дини нав - ислом меҳисобанд.[297] Имомуддин Абдулфидо Исмоил ибни Алӣ ибни Маҳмуд бошад, Ибни Таймияро барои Худоро ҷисм муаррифӣ карданаш танқид намудааст. Ногуфта намонад, ки ҳарчанд Ибни Таймия бо равияи хавориҷ мубориза кардааст, вале Заҳабӣ ӯро ба пайравӣ кардан аз ақоиди хавориҷ ва бидъатгузорӣ муттаҳам намудааст.[298] Ба ҳамин монанд Абулфазл Абдуллоҳи Ибни Сиддиқи Гуморӣ Ибни Таймияро бо вуҷуди аз ҷониби мусулмонон соҳибэҳтиром шудан, барои Худоро бо махлуқаш ташбеҳ додан ба бидъатгузорӣ гунаҳгор месозад. Баъзе уламои ислом ӯро аз пайравони фирқаи мушоббиҳа донистаанд. Ҳамчунин, дар радди ақидаҳои ӯ аз ҷониби уламои равияю мазҳабҳои исломӣ, ба хусус, исломи суннӣ асарҳо навишта шудаанд. Масалан, Фахр Ибни Шофеӣ (ваф. 725ҳ.) китоби “Наҷм-ул-мухтудай ва раҷм-ул-муътудай”-ро, Аҳмад ибни Иброҳими Саручии Ҳанафӣ (ваф. 710ҳ.) китоби “Ар-рад ало Ибни Таймия”-ро, Аҳмад ибни Усмони Туркмании Ҳанафӣ (ваф. 744ҳ.) китоби “Ал-абҳос-ул ҷалила фи радд ул ибни Таймия”-ро навиштаанд ва миқдори чунин китобҳо дар радди ақидаи ӯ зиёданд.

Хулоса, таълимоти фиқҳӣ ва динӣ-сиёсии Ибни Таймия ва пайравони ӯ ба мисли Ибни Қайим дар таърихи ислом тақвиятдиҳандаи ирратсионализм ва бунёдгароёни ҳанбалия буда, дар якҷоягӣ як мазҳаби аҳли суннат ва ҷамоатро ташкил медиҳанд, ки ҷузъи таърихи исломи

---
[296] Ибни, Касир. Таърихи Ибни Касир [Матн] / Касир И // Мутарҷим Дуктур Ҳусайни руҳонӣ.-Теҳрон.: Асотир 1370.Ҷ.14. -С.43
[297] Ибни, Абдулваҳоби Субкӣ. Табакотуи шофеиятул [Матн] / Сабкӣ И.А.-Бейрут.: Дорулисломия. 2004. Ҷ.2. -С.19
[298] Ибни, Ҳаҷар. Дурарул комина [Матн] / Ҳаҷар И. Беслои нашр. Ҷ.1. -С.147

суннӣ  мебошад. Ҳарчанд ин мазҳаб дар баъзе масоил бо мазҳабҳои дигари аҳли суннат ва ҷамоат ихтилоф дорад, вале он дар ҳифзи исломи суннатии ибтидоии ба ном “салафи солеҳин” нақши муҳим бозида, минбаъд дар самти ифротисозии ислом саҳми бориз гузошта, барои зуҳури ҷараёнҳои сиёсӣ-динии ифротӣ заминаи ғоявӣ ба вуҷуд овардааст.

## 2.4. Ғаззолӣ дар ҳимояи салафия

Таълимоти фиққии Аҳмад ибни Ҳанбалро, ки бо мақсади ҳифзи исломи суннатии замони се насли мусулмонони ибтидоӣ (“салафи солеҳин“) ва радди ҷараёну мактабҳои хирадгарою  фалсафа ва ҳифзи рӯҳи арабии ислом, ки дар зери таъсири унсурҳои фарҳангҳои ғайриараб заиф шуда буд, зуҳур гардидааст, минбаъд Абуҳомид Муҳаммад Ғаззолӣ, бо вуҷуди шофеимазҳаб буданаш,  анъанаи фиққи ҳанбалиро дар шароити нав, ки ислом дар Эрону Осиёи Марказӣ пурра ғалаба карда, илму фалсафа ва шаклҳои гуногуни фалсафаи ирфон ривоҷ ёфта буданд, густариш дод. Густариши ин  анъанаро талаботҳои маънавӣ-идеологии  замони Ғаззолӣ, ки устувор сохтани нақши дини исломро дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва шахсӣ талаб мекард, тақозо менамуд. Ҳамзамон, ҷараёнҳои бидъатомез, ба мисли муътазила, қадария, исмоилия, карромия, ботиния, мушобеҳа ва ғайра, ки  ба исломи суннатии расмӣ ихтилоф доштанд, зуҳур карда, ба манфиати синфи ҳоким ва ҳукуматдорони замон набуданд. Мубориза ба муқобили онҳо аз вазифаҳои муҳими замон ба ҳисоб мерафт.

Сохтори феодалии хилофати исломӣ, ки тавассути қонунгузорӣ (шариат)-и исломи суннатӣ танзим ва аз ҷониби туркони салҷуқӣ ҳимоя мегардид, баъзе хусусиятҳои хоси худро дошт. Муносибатҳои феодалӣ, дар ин минтақа дар шакли иқтаъдорӣ (асрҳои XI-XII) тараққӣ мекарданд. Чуноне ки академик Бобоҷон Ғафуров мегӯяд: “дар асрҳои Xl-Xll  иқтаъ ва иқтаъдорӣ, яъне ба тариқи хидматона инъом карда

шудани заминҳои кишт хеле ривоҷ ёфт”,[299] яъне ба ивази хидмат ба ҷои пули нақд додани замини кишт, ки деҳқононро аз замин маҳрум сохта, соҳибони ваколатдори иқтаъро ба ситамгару ғоратгарон табдил дода,“мусулмононро маҷбур ба фирор менамуданд”,[300] вусъат пайдо кард. Ҳама-ҳокимони деҳу омилон (ғундорандагони хироҷ), рӯҳониёну қозиҳо, уламо, давлатмандон, маъмурони молияву хироҷ ва дигар табақаҳои аҳолӣ зери итоати соҳиби иқтаъ буданд. Исломи суннатӣ, шариати он ҳамчун идеологияи расмии давр мебоист ҳамин низоми муносибатҳои феодалиро ҳимоя мекард. Улуми динӣ ба мисли илмҳои қироат, тафсир, ҳадис, фиқҳ, ҷадал, ал-асбоби ин-нузул (илми сабабҳои нузули Қуръон), илми носих ва л-мансух (илм дар бораи оятҳои мансух ва носихшуда) дар ин давра хеле ривоҷ ёфтанд. Вале пайдоишу ривоҷи ин илмҳо ваҳдати идеологию сиёсии уммати мусулмонро таъмин карда наметавонистанд ва бо пайдо шудани фирқаву мактабҳои нави динӣ ваҳдати идеологию сиёсии мусулмонон вайрон шуда буд.[301] Ба гуфти Ғаззолӣ “мардумон дар илм, ки фарз аст бар ҳар мусулмоне, мухталиф шудаанд. Ва адади аҳзоб ва фирақи мухталифон дар ин боб аз бист гузаштааст... Ва ҳосил он аст, ки ҳар фариқе вуҷубро бар илме, ки ӯ дар садади он аст, ҳамл кардааст”.[302]

Аз як сӯ, исломи суннатии садаи ибтидоӣ, аз ҷониби дигар, муҳити тағйирёфтаи иҷтимоӣ-сиёсии ҷомеа имкон намедод, ки уламо сабабҳои зуҳури фирқаҳои нави динию мактабҳои фалсафӣ ва вайроншавии ваҳдати идеологӣ-сиёсии мусулмонро аз нигоҳи илмӣ таҳқиқ намуда, аз онҳо пешгирӣ кунанд. Ҳар кадоме аз уламо ривоҷи ин ё он илмро роҳи ҳалли вазъи ба вуҷудомада медонист. Мутакаллимон илми каломро, фақеҳон илми фиқҳро, муфассирону муҳаддисон илми

---

[299] Ғафуров, Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав [Матн]/ Б. Ғаффуров.- Душанбе.: Нашриёти муосир, 2020. -С.467.
[300] Ғафуров, Б. Ҳамон ҷо. -С. 470-471
[301] Абухомид, Мухаммад Газзолӣ. Опровержение философов [Текст] / Газзоли А.М // Перевод с арабского, вступительная статӣя и комметарии М. Диноршоева, З. М. Диноршоевой. –Душанбе, 2008. -С.8
[302] Абуҳомид, Муҳаммад Ғаззолӣ. Эҳёу улуми-д-дин. Рабъи ибодат [Матн] Ғаззолӣ А.М // Пешгуфтор ва таҳияи кириллӣ аз А.Шамолов., М. Ғиёсов.- Душанбе.: Эг-граф, 2008. -С. 241.

китобу суннат, сӯфиён ирфонро роҳи ҳалли масъала медонистанд[303] ва ғайра. Дар ниҳоят, ҳукуматдорону ашрофон ва навкарони онҳо – рӯҳонияту уламои исломӣ роҳи наҷот аз ин вазъи сиёсӣ-идеологӣ ва диниро дар мубориза ба муқобили илмҳои ақлонӣ, пеш аз ҳама фалсафаю калом дарёфтанд.

Ғаззолӣ дар садаҳои XI-XII дар замони муборизаҳои шадиди динӣ-идеологӣ, ки хусусияти он мубориза бурдан бо илмҳои ақлонӣ, гунаҳкор кардани намояндагони ин илмҳо ба бидъатгароӣ ва манъ намудани таълими илмҳои дунявӣ дар мактабу мадрасаҳо буд, зиндагӣ карда,[304] дар роҳи мубориза бо фирқаҳои динию мактабҳои фалсафӣ ва ҳамон исломи суннатӣ дар ибтидо илми каломро интихоб намуд.

Дар замони Ғаззолӣ фалсафа илми фарогири улуми дигар ва мувофиқи таснифоти илм, ки худи Ғаззолӣ кардааст, фалсафа аз чаҳор ҷузъ: ҳандасаву ҳисоб, мантиқ, илоҳиёт ва табииёт иборат буда, илоҳиёт, як ҷузъи фалсафа ба ҳисоб мерафт.[305]

Калом, ки яке аз улуми динӣ буд, аз ҷониби муътазила ба ислом ворид карда шудааст ва мақсади он ҳифзи ислом аз нуфузи ҳар гуна дину равияҳои ғайриисломӣ буд. Аммо муътазила ба сабаби хусусияти ақлгароӣ доштан ба гузашти вақт аз ҷониби исломи анъанавӣ ба ҳайси яке аз бидъатҳо шинохта шуд, зеро каломи муътазилӣ дар баробари аз навовариҳо ҳифз кардани ислом, баъзе аз зиддиятҳои ботинии исломро низ ошкор сохт, ки қадим будани Қуръонро ба зери шубҳа мегузошт. Ақлгароиро бошад, ҳанӯз қабл аз муътазила бо мақсади асосноккунии аҳкоми исломӣ, дарёфти роҳҳои ақлонии ҳалли масъалаҳои фиқҳӣ, пешгирӣ кардан аз низоъҳои мазҳабӣ, ки хусусияти ақидавию сиёсӣ доштанд ва ҳамчунин густариш додани ислом истифода шудааст, яке аз аввалинҳо шуда, Абуҳанифа ба ислом ворид намудааст. Ӯ иҷтиҳоду

[303] А. М, Ғаззолӣ. Эҳёу улуми-д-дин. -С. 241-242
[304] Абдухомид, Мухаммад Газзоли. Опровержение философов [Текст] / Газзоли А.М // Перевод с арабского, вступительная статйя и комметарии М. Диноршоева, З. М. Диноршоевой. –Душанбе, 2008. -С.9.
[305] Ғаззолӣ.Эҳёу улуми- д-дин. Рубъи ибодат. -С.205

райъро ҳамчун сарчашмаи фиқҳи хеш интихоб карда, ақлгароиро чун усули истинботи ислом истифода кард ва баъдан онро дар шароити Мовароуннаҳр дар илми калом Абӯмансури Мотуридӣ равнақ дод. Илми калом ҳамчунин аз ҷониби намояндагони исломи суннӣ (Абубакри Боқилонӣ, Абунасри Исмоил, Абумаолӣ Ҷувайнӣ ва дигарон) ва ҳам исломи шиа, аз ҷумла дар равияи шиаи исмоилӣ Носири Хусрав мавриди истифода қарор гирифт. Ғаззолӣ ҳам дар ибтидои фаъолияти худ аввал ба фиқҳ, баъд ба илми калом машғул шуд.

Ғаззолӣ ба хубӣ дарк кард, ки бо вуҷуди эътибори фиқҳ дар исботи аркони дин далелу бурҳон мақоми шоиста дорад, алалхусус, агар ақоиди исломиро аз таҳоҷуми равияҳои дигар - зиндиқиҳо, ботиниҳо ҳимоя кардан зарур бошад ва вобаста ба ин дар робита ба ин равияҳо як қатор асарҳо офарид, ки мақоми ӯро дар калом муайян намуданд ва ӯ дар калом ба ашъария такя намуд. Яке аз он ашъариёне, ки ба Ғаззолӣ таъсири калон гузоштааст, устоди ӯ - Ҷувайнӣ (1028-1085) мебошад, ки бо номи имоми Ҳарамайн машҳур аст, Ҷувайнӣ, ба ғайри илми калом, ба дигар илмҳои динӣ машғул шуда, таълимоти муайяне доир ба онҳо коркард намуд. Имоми Ҳарамайн дар калом дар он рӯзгор аз машҳуртарин олимон буд. Ӯ ба навиштани асарҳои зиёде дар ин соҳа даст зад ва чанд асари барҷаста таълиф намуд, аз ҷумла"Ал-басит-фи-л-фурӯъ", "Ал-Мунтаҳал фи-илми-л-ҷадал", "Ал-Мабоди-ул-ғоёт", "Меъёр-ул-қудсия фи қавоид-ил-ақлия" ва ғайра. Дар пайравӣ ба устодаш Ғаззолӣ асарҳое дар радди мазҳабҳо ва фалосифа навишт. Аз ҷумлаи асрҳое, ки дар радди ботиния ва фалосифа навиштааст, асарҳои зерин маълум ва машҳур гаштаанд: "Қавосим-ул-ботиния, "Ал-Мунқиз мина-аз-залол" ва ғайра.

Ғаззолӣ дар китобҳои каломии худ чанд нуктаи муҳимро мавриди баҳс қарор дода, дар исботи онҳо талош намуд. Яке аз муҳимтарини онҳо ваҳдати сифоти худованд аст. Дар ин мавврид ӯ ақидаи муташобеҳа

ва сифатияро рад мекунад. Маълум аст, ки дар Қуръон ду гурӯҳи оётро муфассирон ташхис додаанд, яке оёти муҳкам, дигаре оёти муташобеҳа. Оёте мавҷуданд, ки Қуръонро китоби дорои оёти муташобеҳа, масалан ояти 1 сураи Ҳуд ва дар сураи Зумар ояти 23 “Аллоҳу наззала аҳсана-ал-ҳадиси китобан муташобеҳан” медонанд. Мазмуни оёти муҳкам равшан аст, ҳеҷ ҷои пурсиши изофаро надорад, вале оёти муташобеҳа, ки асрори онҳо пинҳон аст, дарки мазмунашон дастрас нест, маҳз ҳамин қисми оёт мавриди тафсирҳои гуногун қарор гирифтааст. Баҳсу ихтилофоти баъзе равияю фирқаҳо, аз ҷумла ботиния, аз доираи ақоиди исломи суннатӣ берун мераванд. Ғаззолӣ аз ин иллат исмоилияро мавриди танқид ва сарзаниш қарор додааст. Тасаввуроти исмоилияро дар бораи ақл, олам, нубувват, имомат, растохез, таносухи рӯҳ аз нигоҳи исломи расмӣ ба далоили ақлӣ ва нақлӣ рад кардааст.

Гузашта аз ин, танқиди Ғаззолӣ то ҳадде тундравӣ ва ҳаҷвро мемонад. Албатта, ин рафтори Ғаззолӣ бо назардошти замони ӯ, даврае, ки исёни исмоилиҳо хеле вусъат дошт ва давлати Салҷуқиён хеле дар ташвиш монда буд, аз нигоҳи исломи суннатӣ дуруст ба ҳисоб мерафт. Ғаззолӣ чун шахси муҳофизаткори динӣ, мутакаллим ва фақеҳи мазҳаби суннӣ ва вобастаи дарбори Салҷуқиён табиист, ки чунин вокунишро ба вуҷуд биёрад. Ғайр аз ин, ӯ аз халифаи Бағдод дасгирии моддӣ медид, бинобар он бо навиштани китобе дар радди исмоилия ба халифа мехост хизмате карда бошад.

Ғаззолӣ аз пайи таҳқиқ дар илми калом чунон пеш рафт, ки яке аз шинохтатарин мутакаллимони замони худ гашт. Ӯ тавонист каломро, ки бештар ҷанбаи фиқҳӣ-назариявӣ дошт, рӯҳи фалсафӣ дода, каломи фалсафиро қувват бибахшад. Маҳз бо кӯшишҳои ӯ калом ба фалсафа робита ва пайванди ҷудонашаванда пайдо кард. Хусусан асарҳои ”Меъёр-ул-илм фи фани-л-мантиқ,” “Ал-Иқтисод фи-л-эътиқод” ва “Китоб-ул-арбаъин фи усули-д-дин” ин хислатро ҳангоми баррасии

масоили динӣ пайдо карданд. Асли воқеият ин аст, ки фикри Ғаззолӣ дар асоси таълимоти ашъария, ки Ғаззолӣ пайрави ӯ буд, ба вуҷуд омада, хирадгароии ӯро тақвият бахшид. Ғаззолӣ каломро аз доираи назарияи ашъариён берун баровард‌а, кӯшиш намудааст, ки он пойбанди назарияи маҳдуде набошад. Ба қавли Муҳаммад Иқбол “Ғаззолӣ ҷиддан ба масъалаи моҳияти нафс пардохт, дар сурате, ки ашъариён бар асари тавҳиди ҷамод ва иқтизои тасаввуроти маҳдуди худ аз ҷавҳар, наметавонистанд ба суҳулат дар ин бора баҳс кунанд. Ғаззолӣ дар бораи Худо назар дод, аммо баёни дақиқи ин назария басо душвор аст, монанди Бергери олмонӣ ҳамахудоии сӯфиёнро бо мафҳуми мушаххаси Ашъарӣ оштӣ дод. Аз ин рӯ, наметавон гуфт, ки Ғаззолӣ тобеъи фалсафаи ҳамахудоии тому тамом аст ё навъе ҳамахудоии шахсӣ аз мутолиботе аст, ки ӯ эътиқод дорад”.[306]

Ин суханони М. Иқбол то ҳадде равиши каломи М. Ғаззолиро равшан месозад, вале бояд гуфт, ки М. Иқбол кӯшиш намудааст, назари каломи Ғаззолиро бо назари донишмандони давраи нави Аврупо дар муқоиса баён намояд. Аммо ин гуна равиш на ҳамеша натиҷаи дуруст медиҳад, зеро тасаввури Ғаззолӣ, алалхусус дар осори каломии ӯ, ба тасдиқ ва исботи таълимоти аҳли салаф нигаронида шудааст. Ин ақидаро ҳар ду асари барҷаста ва мукаммали Ғаззолӣ “Эҳёи улум фи-д-дин” ва “Кимиёи саодат” нишон медиҳанд. Масъалаи таҳқиқшаванда дар доираи исломи суннатӣ сурат гирифтааст, ки онро дар исботи вуҷуди ҳаракат ва сукун, сифоти Борӣ ва ғайра метавон мушоҳида кард ва аз ин ҷо наметавон гуфт, “ҳамхудои шахсӣ”-и Ғаззолӣ аз “ҳамахудоии тому тамом” ҷудо бошад ва ин ҳақиқатро М. Иқбол дар асари дигараш бо эътирофи пайванди онҳо ин тавр баён доштааст: “Худо нишонаҳои худро ҳам дар таҷрибаи дарунӣ ошкор месозад ва ҳам дар таҷрубаи

[306] Муҳаммад, Иқболи Лоҳурӣ. Сайри фалсафа дар Эрон [Матн] / Лоҳурӣ М.И.- Теҳрон.: Нигоҳ, 1380. -С.71-72.

берунӣ ва вазифаи одамӣ он аст, ки маърифатбахшии ҳамаи симоҳои таҷрибаро дар маърази қазоват қарор диҳад".[307]

Ғаззолӣ дар таърихи калому фалсафаи динӣ чун файласуфи шаккок (скептик) шинохта шудааст. Ӯ дар раванди маърифат ба дониш, ки аз роҳи маърифати ақлӣ ҳосил шудааст, ба назари шубҳа менигарад, зеро дар он, ба қавли Ғаззолӣ, номукаммалие дар маърифати олам ва мамонияте барои дарки ҳақиқат вуҷуд дорад. Ба гуфти В.В. Наумкин "шаккокияти Ғаззолӣ барои афкори исломӣ бисёр оргиналӣ аст. Ғаззолӣ аввалин мутафаккири исломӣ аст, ки шакку шубҳаро дар дарки ҳақиқат дар бораи олам ба таври назарияи комили фалсафӣ дар системаи ақоиди худ пайдо кард".[308] Шояд ақидаи ин муҳаққиқ дар бораи аввалин намояндаи скептитсизми исломӣ будани Ғаззолӣ баҳснок бошад, вале дар ҳар сурат скептитсизми Ғаззолӣ дар маърифати олам дар аксари асарҳояш, аз ҷумла "Кимиёи саодат" баръало мушоҳида мешавад.[309]

Ғаззолӣ каломро ҷузъе аз илоҳиёт ва илоҳиётро ҷузъи фалсафа ҳисобида, мавзӯи онро чунин муайян мекунад: "он баҳс аст аз зоти Худой ва сифоти ӯ ва он дохили калом аст. Ва фалсафа дар он ба самти дигар аз илм мунфарид наояд, бал ба мазҳабҳо, ки баъзе аз он куфр аст ва баъзе бидъат, мунфариданд. Чунон ки эътиҷол илми ҷудо нест, ба асҳоби ӯ гурӯҳе аз мутакаллимон ва аҳли баҳсу назаранд ба мазҳабҳои ботил мунфарид, пас, фалсафа ҳамчунон аст".[310] Сababи ҳангоми тақсимбандии илмҳо ба каломy фалсафа ҷойгоҳи хос қоил шудани худро Ғаззолӣ чунин шарҳ медиҳад: " пас бидон, ки он чи илми калом бар он муштамил аст - аз далелҳое, ки бад-он манфиат тавон кард - Қуръон ва ахбор бад он муштамил аст. Ва он чи аз он берун аст, ки аз бидъатҳост... Ва баъзе аз он ҳавз аст дар он чи тааллуқ ба дин надорад ва маълуфи асри аввал (замони салафи солеҳин – Н.Қ.) набуда аст. Ва ҳавз дар он ба

[307] Муҳаммад, Иқбол. Эҳёи фикри динӣ дар ислом [Матн] / Иқбол М. –Душанбе.: ЭР-граф, 2010. -С.101.
[308] Наумкин В.В. Воскрешение наук о вере (Ихиа улум ад-дин) [Текст] / В. В. Наумкина. - М.: Наука, 1980. –С.85.
[309] Газзали. Воскрисение религиозных наук. -М.1984. -С.8
[310] Абуҳомид, Муҳаммад Ғаззолӣ. Эҳёу улуми-д-дин. Рабъи ибодат [Матн] Ғаззолӣ А.М // Пешгуфтор ва таҳияи кириллӣ аз А.Шамолов., М. Ғиёсов. - Душанбе.: Эг-граф, 2008. –С.265

куллият аз бидъатҳо бувад, валекин акнун ҳукми он гаштааст (тағйир кардааст - Н.Қ.) чи бидъатҳо, ки аз Қуръон ва суннат сориф (дигаргун - Н.Қ.) аст, зода аст. Ва ҷамоате бархостанд барои он шубҳаҳо талфиқ карданд ва сухане муаллаф мураттаб гардонида. Пас он маҳзур ба зарурати маъзунун фиқҳ шудааст, бал аз фарзҳои кифоят гашта. Ва он қадрест, ки мубтадиъро бад-он муқобала бувад чун қасди давъат кунад ба бидъат”.[311]

Чуноне ки дар боло ишора кардем, воридшавии анъанаи ақлгароӣ ва зуҳури фирқаҳои динию мактабҳои фалсафӣ, ақлонӣ, ки каломи ақлонӣ низ ҷузъе аз онҳо буд, муборизаи идеологиро дар хилофат тезу тунд карда, низоъҳои мазҳабиро, ба мисли низоъи суннию шиа, суннию исмоилия, суннию муътазила, ҳатто низоъҳоро дар миёни мазҳабҳои аҳли суннату ҷамоат ба монанди ихтилофу бархурдҳои ҳанбалиёну шофеиёнро ба бор оварданд. Бояд таъкид кард, ки сабаби ба вуҷуд омадани чунин вазъи ноорамии сиёсӣ-динӣ ва муборизаи шадиди идеологӣ на танҳо дар зуҳури мактабҳои фалсафӣ ва фирқаҳои динии ақлонӣ, ҳамчунин дар сиёсати динии нодурусти ҳукуматдорони салҷуқӣ низ буд. Ҳукуматдорон дар сиёсати динии худ ҳамеша исломи сунниро дастгирӣ карда, аммо ҳуқуқи равияю фирқаҳои динии дигарро на танҳо поймол мекарданд, ҳамчунин муборизаи суннимазҳабҳоро ба муқобили онҳо ҳаматарафа дастгирӣ мекарданд, вале  ба илмҳои ақлонӣ ба мисли фалсафа, ки зери унвони он ҳамаи илмҳои замон фаҳмида мешуд, муқобилияти сахт нишон медоданд. Яке аз натиҷаҳои ин мубориза бо илм ва ақлгароӣ бо он анҷомид, ки ҷаҳони мусулмонӣ садсолаҳо аз тараққиёти илм қафо монд ва ин ҳолат то ба имрӯз эҳсос мегардад.[312] Албатта, қафомонии иқтисодию иҷтимоии ҷаҳони ислом сабабҳои зиёд ва гуногуни дигар, қабл аз ҳама парокандагии феодалии кишварҳои исломӣ, ноорамӣ, забт гардидани он аз ҷониби қабилаҳои кӯчӣ - турку

[311] А. М, Ғаззолӣ. Ҳамон ҷо. -С. 264-265
[312] Абухомид, Мухаммад Газзоли. Опровержение философов [Текст] / Газзоли А.М // Перевод с арабского, вступительная статйя и комметарии М. Диноршоева, З. М. Диноршоевой. –Душанбе, 2008. -С.9.

муғулҳо, ҳукмронии таассуби динӣ ва ғайра метавонанд бошанд, вале нақши Ғаззолию ворисони ӯ низ кам нест.

Баъзе муҳаққиқон ин қафомониро танҳо ба истилои ҷаҳони ислом аз ҷониби муғул, паҳн шудани ҷараёни тасаввуф дар олами ислом, ки нақши Ғаззолӣ низ дар он калон аст, вобаста медонанд,[313] ки то ҳадде дуруст аст. Ба андешаи мо, сабабҳои зикршуда дар якҷоягӣ бо омилҳои дигар низ дар қафомонии иқтисодии ҷаҳони ислом, аз рушд боз мондани илму фарҳанг ва гирифтори таассубу хурофот шудани ҷомеа нақш бозиданд. Ғаззолӣ ҳамчун фарзанди замони худ аз мавқеи "каломи ҷанговар" дар "Мақосиду-л-фалосифа" ба мактабҳои фалсафии антиқа ва пайравони онҳо, ба хусус фалсафаи машшониёни шарқӣ (А. Форобӣ, Абуалӣ Сино ва дигарон) ҳуҷум оварда, таълимоти фалсафии онҳоро танқид ва инкор[314] мекунад. Вале чуноне ки худи Ғаззолӣ мегӯяд, ман "ба файласуфон ҳамчун муҳаққиқи инкоркунандаи афкори онҳо ихтилоф меварзам, на чун исботкунандаи дуруст будан ё набудани ақоиди файласуфон. Бинобар ин, ман тавассути далелҳои гуногуни боварибахш нодурустии ҳамаи он чизе, ки онҳо ба он сахт боварӣ доранд, ошкор мекунам. Баъзан мо онҳоро ба воситаи таълимоти муътазилиҳо, баъзан ба воситаи таълимоти қарматиҳо ва ягон-ягон тавассути таълимоти воқифиҳо мағлуб месозем.[315]

Ғаззолӣ аз танқиди фалсафаи машшоияи шарқӣ чунин хулоса баровард, ки гӯё "низоми фалсафаи аристотелизми шарқиро нисбат ба пайравонаш хубтар медонад"[316]. Вале ин хулосабарории ӯ асоси илмӣ надошт. Ғаззолӣ дар осораш ба танқиди файласуфон на аз нигоҳи илмӣ, балки аз нигоҳи исломи суннатӣ, ки як ҷаҳонбинии ғайриилмӣ аст, ворид шудааст. Дин бошад эътиқодест, ки ба ягон далели илмӣ такя

---

[313] Давлаталӣ, Давлатзода. Мусулмонон: Таърихи воқеии инкишоф ва таназзул [Матн] Давлатзода Д. - Душанбе.: ЭР Граф, 2017. -С.414-426.
[314] Абухомид, Мухаммад Газзоли. Опровержение философов [Текст] / Газзоли А.М // Перевод с арабского, вступительная статӣя и комметарии М. Диноршоева, З. М. Диноршоевой. –Душанбе, 2008. -С.114.
[315] Ҳамон ҷо. -С. 120
[316] Абуҳомид, Муҳамммади Ғаззолӣ. Боздории мардуми авом илми калом [Матн] Ғаззолӣ А.М // Аз араби тарҷумаи У. Ҳисайнов.-Душанбе.: Нур, 2003. -С.17.

намекунад ва далеловарии илмро дар усули дин бидъат меҳисобад. Вазифаи Ғаззолӣ ҳангоми танқиди фалсафа ва файласуфон дарёфти ҳақиқати воқеӣ набуд. Ӯ дар рӯҳи талаботҳои сиёсӣ ва идеологии замонаш ба фалсафа аз мавқеи исломи суннатӣ, ки идеологияи расмии хилофати Аббосиён ва империатурии салҷуқиён буд, муносибат кардааст. Бинобар он, аз ҷониби Ғаззолӣ танқид шудани фалсафаи аристотелизми шарқӣ маънои онро надорад, ки ӯ ин фалсафаро аз Абунасри Форобию Ибни Сино хубтар фаҳмида бошад. Танқиди Ғаззолӣ ба фалсафаи машшоияи шарқӣ, пайравону мухлисони ӯ, умуман ба фалсафа аз мавқеи исломгароӣ сурат гирифтааст.

Баъд аз танқиди файласуфон ва мактабҳои хусусияти фалсафӣ дошта Ғаззолӣ дар сини чилсолагӣ дар китобаш "Таҳофуту-л-фалосифа" пурра ба инкори фалсафа ҳамчун илми "бидъат"-у "куфр" мегузарад ва ин амали хешро бо он андеша асоснок мекунад, ки ӯ гурӯҳи одамонеро дидааст, ки ибодат ба Худоро рад ва ба анъанаҳои динӣ ба мисли намоз нафрат кардаанд, талаботу муқаддасоти исломиро инкор намуда, бо ёрии илмҳои гипотетикӣ мардуми авомро аз роҳи Аллоҳ бозгардонидаанд, онҳо ба рӯзи охират бовар надоранд ва ба Суқроту Гиппократу Афлотуну Арасту баринҳо пайравӣ кардаанд, ки дар кул муқаррароти дини исломро инкор мекунанд. Ғаззолӣ таъкид месозад, ки ӯ хостааст ин файласуфонро инкор карда, номуназзамӣ ва зиддиятнокии ақидаҳои онҳоро ошкор созад ва нуқтаи заъфи таълимоти онҳоро нишон диҳад. Ба қавли ӯ, онҳо суннати дини падарони худро инкор карда, ба куфр ғӯта[317] задаанд.

Ғаззолӣ дар "Таҳофут-ал-фалосифа" ("Инкори файласуфон") ва рисолаи "ал-Мунқиз мин аз-залол" ("Раҳоӣ ёфтан аз иштибоҳ") Форобӣ ва Абуалии Синоро аз рӯи 17 масъала бо "бидъат" ва аз рӯи 3 масъала бо "куфр" гунаҳкор кардааст. Ин се масъала инҳоянд: а) қадим ва абадӣ

---

[317] Абухомид, Мухаммад Газзоли. Опровержение философов [Текст] / Газзоли А.М // Перевод с арабского, вступительная статӣя и комметарии М. Диноршоева, З. М. Диноршоевой. –Душанбе, 2008. -С.113-114

будани олам; б) ғайриимкон будани эҳёи ҷисмонии инсон дар он дунё; в) ҷузъиётро надонистани Худо. Ҳол он ки Ғаззолӣ худ ба моҳияти фалсафаи машшоияи шарқӣ ворид нашудааст ва ба ин ҳамон маҳдудияти роҳи интихоб кардаи ӯ, ки иборат аз ҳифзи исломи суннатии замони аҳли салаф ва бо ин роҳ устувору таҳким бахшидан ба низоми исломии замони Салҷуқиён буд, мамоният расонидааст.

Ҳамзамон, бояд ёдрас шуд, ки мутакаллимон ҳарчанд аз калом ҳамчун олоти идеявӣ барои мубориза ба муқобили фалсафа ва ҳифзи исломи суннатии замони салаф истифода карда буданд, аммо баъдан доир ба бисёр масъалаҳои шаръӣ фаҳмишҳои мухталифро калом ба бор овард, ки аз нигоҳи исломи суннатӣ хусусияти "бидъатомез" доштанд. Ғаззолӣ дар зуҳури фирқаву мазҳабҳо ва низоъи байни онҳо, ки суботу амни ҷомеаро вайрон месохт, каломро гунаҳкор медонист. Ба ақидаи ӯ, ин ихтилофҳои каломию низоъҳои мазҳабӣ баъди хулафои "рошид", яъне баъди гузаштани замони салафи "солеҳин" ба вуҷуд омадааст. Ба ақидаи Ғаззолӣ баъди пайғамбар хулафои "рошидин" дар маърифати Худованд, олим ва дар аҳкоми ӯ фақеҳ буданд. Аз фуқаҳо танҳо дар вақте, ки машварат лозим буд, маслиҳат мепурсиданд. Баъди хулафои "рошид" чун хилофат ба ҷамоат расид, Халиф ба ёрии фуқаҳо муҳтоҷ шуд ва дар ҳама масъала аз эшон маслиҳату фатво мепурсид. "Ва дар он рӯзгор бештар иқбол бар фатовӣ ва ҳукумот буд. Пас баъзе аз судур ва амирон қавлҳои мардумон дар қоидаҳои ақидатҳо бишниданд ва ба шунидани ҳуҷҷатҳои он моил шуданд. Ва чун рағбати эшон дар мунозара ва муҷодалаи калом мардумонро маълум шуд, (гурӯҳе) рӯй ба илми калом оварданд ва дар он бисёр таснифҳо карданд ва тариқи муҷодалот мураттаб гардониданд ва фунуни муноқазот берун оварданд ва гуфтанд, ки ғарази мо нусрату дини Худой ва дафъ аз суннат ва қамъи мубтадион аст... Ва пас аз он касе пайдо омад аз судур, ки ҳавз дар калом ва фатҳи боби мунозара дар он маслиҳат надид, бад-он чи аз кушодани

он дар таассуботи фоҳиш ва хусуматҳои мӯзӣ - ба рехтани хунҳо ва хароб кардани шаҳрҳо - зода буд ва нафси ӯ моил шуд ба мунозира дар фиқҳ ва баёни он, ки мазҳаби Шофеӣ авло ё мазҳаби Буҳанифа. Пас мардумон калому фунуни илмҳо бигзоштанд ва ҷумла рӯй ба масоили хилоф, ки миёни Шофеӣ ва Буҳанифа аст... оварданд. Ва дар хилофи Молик ва Суфиён ва Аҳмад ва ғайри эшон мусоҳалат намуданд ва гуфтанд, ки матлаби эшон истинботи дақоиқи шаръ ва тақрири илали мазҳаб ва тамҳиди усули фатовӣ аст... ин аст ки боис буд (бар) ба рӯй овардани мардумон ба хилофиёт ва мунозара фаҳасб”.[318]

Хулоса, ба ақидаи Ғаззолӣ ба сабаби зуҳури илми калом ва баҳсҳои каломӣ дар ҷомеаи мусулмонӣ (хилофат) ихтилоф миёни мусулмонон ба вуҷуд омад, ки баъдан бо низоъҳои хунин ва харобшавии шаҳрҳо анҷомид.

Ақидаи Ғаззолӣ дар мавриди он, ки маҳз баҳсҳои каломӣ сабаби пайдоиши фирқаву мазҳабҳо ва низоъҳои динӣ-мазҳабӣ шуданд, дуруст нест, зеро пайдо шудани равияҳо дар ислом комилан сабабҳои сиёсӣ доштанд. Зиёда аз ин, дар замони хулафои “рошид”, ки ҳанӯз илмҳои исломӣ, аз ҷумла фиқҳ, ба вуҷуд наомада буд ва хулафои рошидину саҳобагон ба истилою ғорату ҷамъ овардани ғанимат дар кишварҳои ҳамсоя саргарм буданд, барои ба илмҳои исломӣ шуғл варзидан вақту имкон надоштанд. Зуҳури баҳсҳои каломӣ бошад, реша дар номуназзамии баёни ақидаҳо ва набудани мантиқи устувор дар Қуръон ва ҳамчунин дарёфт нагардидани роҳи ҳалли баъзе масоили иҷтимоию сиёсии ҳаёти мусулмонон дар Қуръону суннат дорад. Ин мушкилиҳо фуқаҳо ва мутакаллимонро маҷбур месохт, ки барои ҳалли масоили гуногуни ҳаёти мусулмонон ва ҳифзи исломи суннатӣ роҳу усулҳои гуногунро ҷустуҷӯ намоянд. Чуноне ки Имоми Аъзам Абуҳанифа барои ҳалли чунин масъалаҳо усулҳои иҷтиҳод, қиёс, раъй, урф ва

[318] Абдуҳомид, Муҳаммад Ғаззолӣ. Эҳёу улуми-д-дин. Рабъи ибодат [Матн] Ғаззолӣ А.М // Пешгуфтор ва таҳияи кириллӣ аз А.Шамолов., М. Ғиёсов.-Душанбе.: Эг-граф, 2008. –С. 320-321

ғайраро истифода карда буд. Вале имруз ӯро салафиёни ифротӣ барои дар ислом “навоварӣ” кардан ба “бидъат”-у “куфр” гунаҳкор кардаанд.

Бо вуҷуди ҳамин ҳам таҳаввули калом ба ҷаҳонбинии Ғаззолӣ бетаъсир намонд ва ба ӯ барои анҷом додани синтези идеявӣ-назариявӣ, ки хатти фаъолияти эҷодии ӯро дар оянда муайян мекард, хизмат кард. Ҳатто, дар замони ба фирқаи сӯфия тамоюл пайдо карданаш, фаҳмида буд, ки калом қобилияту имконияти дарки ҳақиқатро надорад, вале ӯ аҳамияти идеологӣ доштани каломро эътироф дошт.[319] Баъдан, ҳарчанд ки нақши каломро дар ҷустуҷӯи ҳақиқати мутлақ рад мекард, вале онро ҳамчун воситаи асосноккунии таълимотҳои динӣ ва эътиқод ҳифз намуд.

Мусаллам аст, ки баҳсҳои каломӣ дар робита бо муборизаҳои сиёсӣ, васеъ гардидани доираи донишҳо ва амиқ гардидани ҷустуҷӯҳои маънавӣ-ахлоқии дар ҷомеаи мусулмонӣ ба вуҷуд омада, тараққӣ кардаанд. Ҷаҳонбинии Ғаззолӣ, ки дар рӯҳи анъанаҳои ашъария сайқал ёфта буд, дар ғанӣ гардидани мероси калом саҳми бориз гузошт. Аз ҷумла ӯ кӯшиш кардааст, ки тамоми нерӯи каломи “ҷанговар”-ро, ки дар пайдоишу ривоҷи он худи ӯ саҳми калон дошт, муттаҳид сохта, ба низом даровард ва натиҷаи ин кӯшишҳо китоби “Таҳофут-ал-фалосифа”-и ӯро ба бор овард, ки дар он ӯ гӯё номуназзамӣ ва зиддиятнокии далелу исботҳои намояндагони ҳамаи мактабҳои фалсафиро нишон дода аст, ки албатта фақат назари шахсии ӯ ба ин масъала мебошад ва маънои онро надорад, ки тамоми эродҳои ӯ доир ба афкори мактабҳои фалсафии он давра дуруст бошанд, зеро ӯ ба масъалаҳо аз нигоҳи фақеҳи аҳли суннат муносибат кардааст ва ҳадафи ӯ пеш аз ҳама ошкор сохтани андешаҳои “бидъатомез”-и онҳо аз мавқеи ҷаҳонбинии исломи суннатӣ ва ҳифзи он будааст. Масалан, дар китобаш “Ал-мунқиз мин аз-залол” ӯ ҷӯяндагони ҳақиқат ва

---

[319] Майсам, Муҳаммад Аль-Джанаби, Теология и философия ал-Газзолӣ [Текст] / Аль-Джанаби М.М.- М.: Марджани, 2010. - С.90.

файласуфонро ба гурӯҳҳои гуногун (даҳриҳо, табиатшиносон ва метафизикҳо) тақсим карда, ба чунин хулоса меояд, ки "ҳамаи андешаҳои бидъатомез ва зиддиятноки ин гурӯҳи файласуфон аз таълимоти метафизикии онҳо бармеояд".[320] Аз мавқеи ҳамин хусусияти таълимоти файласуфон Ғаззолӣ пайваста онҳоро ба "бидъат" ва "куфр" муттаҳам намуда аст. Гузашта аз ин, вақте ки ҷӯяндагони ҳақиқат ва файласуфонро ба гурӯҳҳо таксим мекунад, мутакаллимон, ботиниён ва сӯфиёнро ба ягон гурӯҳи файласуфон дохил намекунад ва ҳатто ботиниёнро саркӯб карда, бештар ба калому сӯфия таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дар нисбати каломиён мегӯяд, ки Аллоҳи бузург мактаби мутакаллимонро барои он сохтааст, то ки онҳо пайваста навовариҳои бидъаткоронро маҳкум карда, исломи суннатиро ҳифз намоянд.[321]

Ин гуфтаҳои ӯ аз он шаҳодат медиҳанд, ки Ғаззолӣ ҳатто агар нақши каломро дар роҳи расидан ба ҳақиқат рад карда бошад ҳам, вале ба калом бо мақсади саркӯб кардани бидъатгузорон ва файласуфон таваҷҷуҳ зоҳир мекард, яъне калом барои Ғаззолӣ ҳамеша аҳамияти идеологӣ дошт. Ҳатто вақте, ки охирин асари худ "Илҷому-л-аввом ъан илми-л-калом " ("Боздории мардуми авом аз илми калом")-ро навишт, ӯ аз омӯзиши калом боздоштани мардуми авомро тавсия додааст, на мутакаллимонро, зеро калом барои онҳо, умуман исломи суннӣ ҳамеша ба сифати олоти идеявӣ бар муқобили илми фалсафа хизмат мекард ва мекунад.

Ғаззолӣ ҳимояи худро аз калом баъди навиштани китоби "Таҳофут-ал-фалосифа" дар рисолаи "Ал-Иқтисод фи-л-эътиқод" низ давом дода, кӯшидааст, ки аз каломи "ҷанговарона" ба каломи "муътадил" гузарад ва дар ҷои аввал ақлгароиро дар матни ашъарияи муросокор, ки мехост ақлгароиро бо исломи суннӣ созиш дода, бо ёрии

[320] Диноршоева, З.М. Мухаммад аль-Газали и его отношение к философии [Текст] З.М. Диноршоева.- Душанбе.: Дониш, 2002. - С.65-66 (159 с.,

[321] Абуҳомид, Муҳаммад Ғаззолӣ. Эҳёу улуми-д-дин. Рабъи ибодат [Матн] Ғаззолӣ А.М // Пешгуфтор ва таҳияи кириллӣ аз А.Шамолов., М. Ғиёсов.- Душанбе.: Эг-граф, 2008. -С.266

калом тамоми масоили баҳснокро ҳал намояд, гузарад. Дар ин зина калом ва фалсафа дар мафкураи ӯ бо ҳам айният пайдо мекунад. Ба ақидаи Ғаззолӣ, калом ҳарчанд ҳақиқатро дарнаёбад ҳам, метавонад дар ҳифзи таълимотҳои динӣ ва эътиқоди мардум дар ҷомеа нақш дошта бошад.[322]

Ғаззолӣ барои калом ҷойгоҳе дар низоми давлат боқӣ гузошт. Ба андешаи ӯ, калом бояд аз ҷониби давлат барои назорат бурдан бар оммаи мардум ва муттаҳидсозии ҷомеа истифода шавад, вале мардуми авом онро набояд омӯзанд. Ин ақидаро ӯ дар асараш "Эҳёу улуми-д-дин" баён кардааст. Дар ин рисолаи калонҳаҷм Ғаззолӣ, аз як ҷониб, нақши каломро дар маърифат маҳдуд сохт, аз ҷониби дигар, аҳамияти идеологии онро барои ҷомеа ва давлат ҷонибдорӣ кард.

Таҷрибаи наслҳои исломи ибтидоӣ барои Ғаззолӣ сарчашмаи "илҳоми маънавӣ" ба ҳисоб мерафт. Ин ҳамон масъалаест, ки имрӯз аз ҷониби ҷараёнҳои сиёсӣ-динии ифротии муосир ба мисли салафия, Ихвону-л-муслимин, Ҳизбу-т-таҳрир ва ғайра дар шакли хеле тундгароёна тарғиб карда мешавад. Ҳарчанд Ғаззолӣ ба хотири пешгирӣ намудан аз зуҳури фарқаҳои нав омӯзиши каломро ба авом манъ кард, аммо нақши онро дар маърифати ислом маҳдуд карда буд. Ба ақидаи Ғаззолӣ, гӯё ин ақида ҳанӯз дар замони саҳоба ҷой доштааст. Ғаззолӣ мегӯяд: "Пас, калом аз он санъатҳое шуд, ки фарзи кифоят аст барои нигоҳдошти дилҳои авом аз тахайюлоти мубтадиъон ва ба зодани бидъатҳо вуҷуби он ҳодис (шавад)... Пас, ҳамчунин агар мубтадеъ ба беҳудагӯйӣ бигзарад ва зиёдат аз он сухан, ки дар аҳли саҳоба будааст, ҳоҷат набувад. Пас, бояд, ки мутакаллим ҳадди хеш аз дин бидонад... Ва мутакаллим агар бар мунозира ва мудофаа ихтисор намояд ва солики роҳи охират нашавад ва ба тааҳҳуди дил ва ислоҳи он машғул нагардад, аслан аз уламои дин набошад. Ва мутакаллимро нест ҷуз ақидае, ки авом

---

[322] Аль-Джанаби, М. М. Теология и философия ал-Газали [Текст] / М. М. Аль-Джанаби.-Москва.: Марджани, 2010. -С 92.

дар он шарики вайанд ва аз омӣ ба санъати муҷодала ва ҳиросат мутамайиз аст”.[323]

Ғаззолӣ дар як вақт дар нақши идеологии калом хатарро низ эҳсос намуд. Моҳияти ин хатарро он ташкил медиҳад, ки калом ба зуҳури фирқаҳо дар дин мусоидат карда, ба ваҳдати ҷомеа ва симои маънавии он метавонад хатару таъсири манфӣ расонад. Бинобар он, ӯ масъалаи ислоҳи мутакаллимон ва кам кардани миқдори онҳоро аз ҷониби давлат ба миён гузошт. Мутаккаллимон ба ҷои омӯзишу тарғиби калом бояд ба масъалаи ба мардум омӯзонидани аҳкоми асосии ислом машғул шуда, таваҷҷуҳи онҳоро ба мероси маънавӣ-ахлоқии ҷомеаи ибтидоии ислом ҷалб созанд.[324]

Ба ҳаёти  иҷтимоӣ-фарҳангии садаи Xl-Xll дар замони хилофати Аббосиён ҳаракати исмоилия, ки аз ҷониби хилофати фотимиёни Миср (909-1141) дастгирӣ меёфт, низ хеле муассир буд. Даъвати исмоилиёни фотимӣ доир ба имомат ба воситаи доъиёнашон аз Миср берун рафта, дар Ироқу Эрон, Хуросону Мовароуннаҳр ва ҳатто то Ҳиндустони Ғарбӣ паҳн мешуд. Дар давраи ҳукмронии Мустансир (халифаи Мисри фотимӣ) “доъиёни фотимӣ тавассути роҳбарияти марказӣ аз Қоҳира тавонистанд, ки исмоилияи фотимиро дар минтақаҳои гуногуни олами ислом паҳн карда, барои Мустансир ба унвони имоми барҳақи замон ва халифаи тамоми олами  ислом навкешони бешуморро ба исмоилия ворид созанд,[325] ки хатар барои халифаи Аббосӣ ва султонони Салҷуқӣ дошт. Барҷастатарин доъии фотимии давраи Ғаззолӣ ал-Муаййад ибни Довуди Шерозӣ буд, ки уламои суннии Аббосиён аз Эрон бадарға кардани ӯро талаб карданд ва ӯ соли 1046 Шерозро тарк кард.

Намояндаи шинохтаи дигари даъвати исмоилӣ дар замони Мустансир Носири Хусрави Қубодиёнӣ мебошад, ки аз дасти уламои

---

[323] Абуҳомид, Муҳаммад Ғаззолӣ. Эҳёу улуми-д-дин. Рабъи ибодат [Матн] Ғаззолӣ А.М // Пешгуфтор ва таҳияи кириллӣ аз А.Шамолов., М. Ғиёсов.- Душанбе.: Эг-граф, 2008. –С.266

[324] А. М, Ғаззолӣ. Эҳёу-улуми-д-дин. -С.266

[325] Фарҳод, Дафтарӣ. Исмоилиён: таърих ва ақоиди онҳо [Матн] / Дафтарӣ Ф // Тарҷума аз забони англисӣ Абдусалом Мамадназаров. - Душанбе.: ЭР-граф, 2012. -С. 238

суннӣ ба Юмгон паноҳ бурда, дар ҳамон ҷо асари машҳури худ "Ҷомеъ-ул-ҳикматайн"-ро навишт ва ба даъвати ӯ исмоилияи низорӣ дар Бадахшони Афғонистону Тоҷикистони имрӯза паҳн шудааст.

Яке аз масъалаҳои эътиқодии исмоилиён масъалаи таъвил (тафсир)-и Қуръон мебошад. Аз нигоҳи уламои аҳли ҳадис, ба мисли ҳанбалиён ва умуман аҳли суннату ҷамоат, ки танҳо фаҳмиши зоҳирӣ, таҳтуллафзии Қуръонро дар пайравӣ аз салаф эътироф мекарданд ва исмоилиёнро бидъатгузорони ашаддӣ дар ислом медонистанд, онҳоро дар қатори дигар мактабҳои ақлгаро ва фалсафӣ зери танқиди шадид қарор дода буданд. Вақте ки исмоилия бо суръат дар Эрон паҳн мегардид, исмоилиён дар шахси Низомулмулк бо душмани азим рӯ ба рӯ шуданд. Дар он ҳангом исмоилиён дар зери роҳбарии Ҳасани Саббоҳ қарор доштанд.[326] Салҷуқиён дар муқобили Ҳасани Саббоҳ ҳеҷ кореро анҷом дода натавонистанд. Яке аз чораҳо навиштани асарҳои танқидӣ ба муқобили исмоилиён буд. Низомулмулк худ як боби китоби "Сиёсатнома"-ро ба танқиди исмоилиён бахшид. Танқиди исмоилиён дар асари Муҳаммад Ғаззолии шофеимазҳаб ҷойгоҳи хос пайдо кард.

Ба ҷуз исмоилия дар замони Имом Ғаззолӣ мактабу равия ва фирқаҳои ақлгарои дигари мухталиф низ зуҳур карданд, ки дар қатори мактабҳои фалсафӣ ба мисли машшоияи шарқӣ бо исломи суннатӣ, ки хешро пайрави исломи замони "салафи солеҳин" мепиндоштанд, ихтилофи ақидавӣ доштанд ва дар байни онҳо пайваста муборизаҳои идеявӣ ба вуҷуд меомад. Баҳсҳои идеявӣ баъзан, ҳатто ба задухӯрдҳои хунин табдил мегаштанд, ба мисли низои хунини байни ҳанбалиёну шофеиёну ашъариён ва ғайра. Дар қатори исмоилия ва дигар равияю фирқаҳо "Ал-Ғаззолӣ дар ин мубориза аз мавқеи калом, ирфон ва фиқҳ,

[326] Фарҳод, Дафтарӣ. Ҳамон ҷо. -С. 245

пеш аз ҳама, бо танқиди тезу тунд ба муқобили фалсафаи машшоия дар симои Арасту, Форобӣ ва Сино баромад.”[327]

Ғаззолӣ бо супориши Низомулмулк ба танқиди исмоилиён машғул шуд. Аз ин рӯ, танқиди исмоилия дар осори Ғаззолӣ ҷойгоҳи хос пайдо кард. Ӯ таълимоти исмоилиёнро дар бораи имоми масъум, ки танҳо ӯ ҳақиқатро медонад ва имконияти зеҳнӣ барои маърифати ботинии Қуръон дорад, қабул накарда, чунин меҳисобид, ки таълимоти исмоилиён дар бораи ҳақиқат иқтибос аз таълимоти файласуфи қадими Юнон Пифагор гирифта шудааст.[328] Ин ақидаи ботиниёнро ӯ дар асарҳояш “Ал-мунқиз мина-з-залол” ва “Ал-Мустаҳзарӣ” танқид ва инкор кардааст.

Аммо таҳқиқи осори Ғаззолӣ нишон медиҳад, ки инкори ақидаи исмоилия аз ҷониби ӯ воқеъбинона набуд ва ӯро барои рад намудани таълимоти исмоилия боварию эътиқоди ботиниаш низ водор насохтааст. Дар асл ӯро барои радди таълимоти исмоилия сабабҳои дигар водор сохтаанд. Аввал ин ки, Ғаззолиро ҳамон рисолате, ки ӯ дар уҳда дошт, яъне ҳифзи исломи суннатии се насли ибтидои ислом (аҳди салаф) ӯро барои инкори таълимоти ақлонии исмоилия ҳидоят намудааст. Дигар ин ки, ӯ фарзанди замони хеш ва идеологи расмии хилофат буд, ки супоришу дастурҳои ҳукуматдорони вақтро иҷро менамуд. Инро гуфтаҳои худи Ғаззолӣ собит месозанд: “Боре чунин рух дод, ки ба ман амри қатъии малик, халифаи мо расид ва мувофиқи он ман бояд китобе барои ошкор намудани моҳияти ҳақиқии таълимоти исмоилиён иншо намоям: амри мазкур ба он эътиқоди ботиние, ки ман дар худ доштам, танҳо як сабаби зоҳирӣ буд”.[329] Сониян, уламои аҳли суннат, аз ҷумла Ғаззолӣ, ворид шудани “навоварӣ”-ю “бидъат”-ро дар ислом аз таъсири унсурҳои фарҳангҳои бегона, ба мисли фалсафаи Юнон медонистанд.

[327] Абухомид, Мухаммад Газзоли. Опровержение философов [Текст] / Газзоли А.М // Перевод с арабского, вступительная статйя и комметарии М. Диноршоева, З. М. Диноршоевой. –Душанбе, 2008. -С.13
[328] Ал-Ҳуҷҷатулислом, Ғаззолӣ. ал- Мунқиз мина-з-зилолли Хуҷҷа ал- ислом [Матн] Ғаззолӣ Ҳ.-Бейркт.: Дорул кутубия, 1965. -С.120-121.
[329] Ҳамон ҷо. -С. 112

Чуноне ки худи Ғаззолӣ мегӯяд, дар таълимоти исмоилия андешаҳои фалсафаи пифагориёни юнонӣ иқтибос шудааст. Маълум аст, ки ба исмоилия динҳои тоисломии мардумони тоҷику форс низ таъсиррасон будаанд. Масалан, хусусияти дугонагӣ доштани ҳодисаву равандҳои олам, ки яке аз аслҳои таълимоти зардуштия буд, исмоилия онро иқтибос кардааст.[330] Хулоса, таълимоти исмоилия, ки ба исломи суннатии расмии хилофати Салҷуқиён ихтилоф дошт, Ғаззолиро водор сохт, ки ҳамчун муҳофизакори исломи суннатӣ таълимоти исмоилияро рад намояд.

Дар ҳаёти иҷтимоӣ-фарҳангии садаи Xl-Xll суфия (тасаввуф) низ нақши калон дошт. Ин ҷараён ҳанӯз дар садаи Vlll арзи вуҷуд кардааст ва аз ибтидо хусусияти зуҳдгароиро касб намудааст. Дар шакли зӯҳдгароӣ, риёзат зуҳур ёфтани суфия маънои эътироз ба низоми сиёсии золимонаи хилофати арабро дошт, ки исломи суннатӣ такягоҳи иделогии он буд ва оммаҳои мазлум дар назди ин низоми феодалии золимонаи хилофат оҷиз буданд. Тасаввуф маҳз ҳамин оҷизии оммаҳои мазлумро дар назди ҳокимон инъикос мекард. Бинобар он, тасаввуф дар заиф сохтани эҳсоси озодихоҳии мардуми мазлум нақши бориз бозидааст. Бо вуҷуди аз арзишҳои волои ахлоқӣ ғанӣ буданаш, он дар кулл хусусияти иртиҷоӣ дошт. Зеро дар мардумон фарҳанги таҳаммулпазирии муросою мудоро кардан бо зулму истибдодро тарбия карда, дар заиф сохтани худшиносии миллии мардуми тоҷику форс нақши муҳим бозидааст ва оқибатҳои ногувори ин ҷараёни ғуломсоз то ба имрӯз побарҷост. Чуноне ки дини насронӣ таҷассумкунандаи рӯҳияи шикастпазирии ғуломони Рим буд, сӯфия низ ҳамин нақшро нисбати мардумони мазлуми хилофат бозидааст. Сарчашмаҳои ғоявии пайдоиш ва ташаккули сӯфия гуногунранганд ва худи сӯфия низ ҷараёни якрангу якҷинса нест.

---

[330] Назариев, Р.З. Аллегорическая интерпретация философско-теологических проблем в исмаилизме [Текст] / Р.З.Назариев. – Душанбе.: Ирфон, 2008, -С. 48-68 (349 с)

Дар садаҳои Xl-Xll сӯфия дар хизмати иллоҳиёти исломӣ қарор гирифт ва дар ҳамин давра дар Хуросону Мовароуннаҳр хеле паҳн шуд. Мувофиқи маълумоти Ал-Ҳаҷвирӣ дар он замон дар ин минтақаи ҷаҳони мусулмонӣ зиёда аз сесад нафар пирони сӯфия зиндагӣ ва эҷод мекарданд, ки Муҳаммад Ғаззолӣ яке аз ашхоси машҳури ин доира ба ҳисоб мерафт. Дар ин масъала муҳаққиқ академик К. Олимов таҳқиқоти мушаххас анҷом додааст.[331] Ҳукуматдорони турк ба паҳншавии сӯфия дар ин сарзамин манфиатдор буданд, зеро моҳияту мазмуни сӯфия ба рӯҳу аҳдофи низоми давлатдории сулолаҳои туркӣ созгор буд. Вақте ки калом, фалсафа, таълимотҳои ақлонӣ дар роҳи ҷустуҷӯи расидан ба ҳақиқати динӣ Ғаззолиро қонеъ насохтанд, ӯ барои расидан ба ин мақсад назарияи сӯфияро интихоб кард. Дар ин хусус худи Ғаззолӣ мегӯяд: "Пас, Ҳақ Таъоло сулуки роҳи ростро дар дили вай афканд ва ӯро бар айби ин фан мутталеъ (илми калом - Н.Қ.) гардонид, то онро маҳҷур кард ва ба нафси худ машғул шуд". Дар ин давраи таҳаввули идеявии хеш Ғаззолӣ сӯфияи ифониро ҳамчун роҳу усули дурусти расидан ба ҳақиқати мутлақ интихоб карда, риёзатро ихтиёр намуд.

Ғаззолӣ дар давраи гӯшанишинии худ солҳои 1095-1105 назарияи сӯфияро аз бар карда, қалби худро аз хостаҳои дунявӣ пок намуда, ба хулоса омад, ки тасаввуф роҳест, ки ҷӯяндагони ҳақиқатро ба сӯи Аллоҳ мебарад. Дар "Эҳёу улуми-д-дин" Ғаззолӣ "Риёзати насл"-ро зинаи аввалини роҳи расидан ба шинохти ҳақиқати мутлақ ҳисобид, зеро ҳамаи амал ва рафтори сӯфиён ва ҳамаи асрор ва гуфтору андешаи онҳо аз нури пайғамбар сарчашма мегирад ва дар дунё нури дигаре ба ҷуз нури пайғамбарӣ нест, ки инсонҳоро роҳбаладӣ намояд. Ғаззолӣ ба хулоса меояд, ки "илҳом" ва "ваҳй", ки хоси сӯфиён, авлиё ва пайғамбарон аст, бе ҳеҷ муқаддима ва омӯхтани илму иҷтиҳод чашми

[331] Олимов, К. Тасаввуфи Хуросону Мовароуннахр дар асрҳои X-XI [Матн] / К. Олимов.- Душанбе.: Ирфон, 2010. -С.58.

инсонро ба ҳақиқат мекушояд ва дилро пур аз донишу яқин мегардонад. Азбаски аҳли сӯфия на ба улуми таълимӣ, балки ба улуми илҳомӣ майл доранд, ба гуфти Ғаззолӣ аҳли сӯфия “ба ҳамин сабаб ба таҳсили кутубу илм ва ҷустуҷӯи аҳвол ва адила рағбате намеварзанд, балки ба муқаддам доштани муҷодала ва маҳви сифати накӯҳида ва қатъи тааллуқот ва рӯй овардани тамом ба Худованд қоиланд ва мегӯянд, агар дил пок шавад, Худованд дили бандаашро таҷҷаллӣ хоҳад кард ва онро бо нури илм равшан хоҳад намуд”.[332]

Ғаззолӣ роҳи мураккаби сӯфияро дар маърифати ҳақиқат тай карда,  дар он худро қаноатманд дарёфт. Барои ба мақсад расидан ба Ғаззолӣ арзишҳою қоидаҳои ахлоқӣ ва тарзҳои хеле амиқи шинохти дин, ки суфиҳо коркард карда буданд, ёрӣ расониданд. Ғаззолӣ калом, фалсафа ва ботиниёнро барои он гунаҳгор мекард, ки дар онҳо меъёр ва усулҳои ахлоқии дарёфти ҳақиқат вуҷуд надоранд ва ба ҷои он ӯ методи суфиёнаи ягонагии дониш, ҳолати рӯҳӣ ва амалро мегузорад ва бо ин роҳ мехоҳад динро, ки гӯё аз “бидъат” олуда шуда буд, ислоҳ намояд.[333] Симои ахлоқии он наслҳои салаф гӯё барои Ғаззолӣ ҳамчун намуна хизмат менамоянд.

Ғаззолӣ ҳам тариқи нақлӣ, ҳам тариқи ақлӣ (ратсионалӣ) ва ҳам ирфониро дар раванди маърифат ҷоиз медонад. Барои ӯ дараҷаи баланди фаҳми ҳақиқат басирати ботинӣ аст, зеро донистани сабаби ҳодисаҳо, ба қавли Ғаззолӣ, аз тариқи ақл, муҳокима ва истидлоли мантиқӣ қариб номумкин аст, зеро донистани сабаби ҳодисаҳо аз ҷумлаи ҳақиқатҳои олие мебошад, ки фақат руъёи ботинӣ онро метавонад дарк кунад. Аз ин ҷиҳат ҳам Ғаззолӣ ба дурустии назарияи сабабияти машшоъ шубҳа дорад, ӯ детерминизми зоҳириро рад карда, ақидаи файласуфон ва мутакаллимонро дар ин бобат номукаммал мешуморад.

---

[332] Абдуҳомид, Муҳаммад Ғаззолӣ. Эҳё улум ад-дин. Рабъи ибодат [Матн] Ғаззолӣ А.М // Пешгуфтор ва таҳияи кириллӣ аз А.Шамолов., М. Ғиёсов.- Душанбе.: Эг-граф, 2008. –С.39.

[333] Майсем, Мухаммед Аль-Джанаби «Теология и философия ал-Газали» [Текст] / Аль-Джанаби М.М.-Москва.: Наука. -С.137.

Ба ақидаи Ғаззолӣ, илҳому кашф – ҳар ду метавонанд, ки воситаи маърифати олам барои аҳли тасаввуф ва инчунин мутакаллимон бошанд. Ғаззолӣ, ба мисли аҳли тасаввуф воситаҳои ҳиссӣ ва ақлӣ, эҳсосот, мушоҳида, қиёс, хулоса ва ғайраро дар маърифати олами моддӣ зарур мешуморад ва фарқияти ҷиддие дар байни онҳо ба кашфу илҳом намебинад. Ин воситаҳо ҳар кадом бо дараҷаҳои гуногуни дониш алоқаманданд. Маърифати шуҳудӣ (шаҳодати тасаввуфи ирфонӣ) дар тасаввуф ва ваҳму илҳом дар калом маърифати хоси анбиё ва авлиёву пирони тариқат аст. Ғаззолӣ онро маърифати ботинӣ шуморида, бо ҳолу тамсил алоқаманд мекунад. Ба қавли Ғаззолӣ, забони ҳол ба таври тамсил мушоҳида ва маҳсус мегардад ва ин хосаи анбиё ва русул мебошад. Ҳамчунон забони ҳолдорӣ, олами хоб барои оммаи мардум мутамассил мешавад ва овозу суханеро онҳо бо ин ашё дар ин ҳолат муколима мекунанд.

Ғаззолӣ се навъи маърифатро қоил аст: ҳиссӣ, ақлӣ ва завқӣ (маърифати ботинӣ). Ин дараҷаҳо ва шаклҳои маърифат, ки Ғаззолӣ дар бисёре аз асарҳояш ном бурдааст, баҳси зиёди муҳаққиқонро ба вуҷуд овардааст. Баҳс асосан сари эътирофи Ғаззолӣ - маърифати фавқуннақлӣ, ирфонӣ-завқӣ сурат гирифтааст. Баъзеҳо ӯро тарафдори дониши ирфонӣ-мистикӣ ва дигарон фақат тарафдори ратсионализм мепиндоранд. Барои мудракот (донишҳо), ба гуфти ӯ, тамиз ва ақл, ҳавос билкулл бекоранд, ҳамин тавр барои мудракоти ин дараҷа ақл бекор мегардад,, ҷои онро маърифати ботинӣ ишғол мекунад.

Тасаввуф бо назари суннатгароёни исломӣ, аз ҷумла Ғаззолӣ ва аҳли салаф мувофиқ намеомад ва мавриди ҳамлаи сахти онҳо қарор гирифта буд. Аммо Ғаззолии суннатгаро ва салафимаоб худ дар силки суфиён даромад, зиндагии эшонро муддате баргузид, вале чун сӯфиён ба ҳулул ва ваҳдати вуҷуд наафтод ва дар навиштаҳояш аз ҷодаи суннат қадам берун наниҳод. Аз ин ҷо ӯро наметавон сӯфии поку тамом донист,

балки шояд ӯро чун шахси “ботингаро” ба асли сӯфиёна ҳамраъй донист. Ӯ ҳатто дар масоил бо сӯфиён ихтилоф дошт. Аз ҷумла, бо сӯфиёне, ки одоби диниро инкор мекарданд, ихтилоф дошт ва таъкид мекард, ки одоби динӣ барои ба камол расидани онҳо зарур аст. Ӯ навиштааст, ки одоб танҳо ба зоҳир нест, балки ба фаҳми дақиқи маонӣ мебарад.[334] Аз ҷумла гӯянд, ки таҳорат танҳо назофати бадан нест ва намоз он нест, ки забон чизҳое бигӯяд, балки онҳо фаҳму сайқал ёфтани диланд.[335] Илова ба ин, он чӣ сӯфиён  дар ҷустуҷӯи ҳақиқат буданд, Ғаззолӣ ҳақиқатро фақат дар Қуръону ҳадис медид. Вале Ғаззолӣ Қуръону ҳадисро дар партави ҳикмати афлотуниёни ҷадид таҳлил мекунад... ва аз фалсафаи Юнон суд меҷӯяд[336] ва дар пайдо кардани ҳақиқат ба тасаввуф рӯ меорад.

Нуфузи сӯфия то ҷое афзоиш ёфт, ки дар ислом “парастиши ҷойҳои муқаддас” ба вуҷуд омад ва мазори пирони сӯфия ба зиёратгоҳи диндорон табдил шуданд, ки имрӯз ҳам ин анъана идома дорад. Салафияи ифротии муосир ба ин муқаддасоти тасаввуф ҳамчун ба суннати “бутпарастӣ”,  “бидъат” ва “куфр” муносибат мекунад.

Ғаззолӣ аз мавқеи илоҳиёту сӯфия барои ҳифзи исломи суннатӣ хизмат карда, нақши фалсафаву илмҳои дунявиро дар ҷомеаи мусулмонӣ маҳдуд сохт ва дар ривоҷи таассуби динию хурофот ва тақдиргароии мусулмонон нақши калон бозид. Ғаззолиро баъзе муҳаққиқони файласуф шахсияти миллӣ медонанд ва ҳатто бо Фирдавсӣ муқоиса мекунанд. Аммо дар ҳақиқат бошад, Ғаззолӣ мутакаллимест, ки барои ҳифзи исломи суннатӣ саъю талошҳои илмии хешро истифода кардааст. Ӯ як мутафаккири исломӣ аст, на миллӣ. Симои маънавии ӯ бо симои маънавии ҳаким Фирдавсӣ комилан дар ихтилоф қарор мегирад. Агар Фирдавсӣ барои эҳёи миллату фарҳанги миллӣ ва давлатдории миллии

---

[334] Абдуҳомид, Муҳаммад Ғаззолӣ. Эҳёу улуми-д-дин. Рабъи ибодат [Матн] Ғаззолӣ А.М // Пешгуфтор ва таҳияи кириллӣ аз А.Шамолов., М. Ғиёсов.- Душанбе.: Эг-граф, 2008. -С. 111.
[335] Ғаззолӣ. Ҳамон ҷо. -С. 144.
[336] Ҳоннаал, Фохурӣ, Ҷалил, Ҷарр. Каломи фалсафӣ [Мант] / Ҳ. Фохурӣ, Ҷарр Ҷ. -Теҳрон.: Асотир, 1388 (2005). -С. 532.

мардумони тоҷику форс, умуман эронитаборон мубориза кардааст, Ғаззолӣ барои эҳёи ҳамон афкори динии мусулмонони ибтидои ислом мубориза кардааст, ки он хусусияти зиддимиллӣ ва арабӣ дошт. Наслҳои "салафи солеҳ" - саҳобагон, тобеин ва табаатобеин дар зери парчами ҳамин исломи суннатӣ кишвари Эронзамин, аз ҷумла сарзамини тоҷиконро истило намуда, мардуми онро ба ғуломи хеш табдил доданд ва таъриху фарҳанги тоисломии онҳоро нобуд сохтанд.

Афкори диние, ки Ғаззолӣ онро эҳё кардааст, ҳамон ҷаҳонфаҳмии салафӣ мебошад, ки имрӯз он дар фаъолияти ҳаракати салафияи ифротӣ бо тобишҳои нав зуҳур мекунад ва худи ӯ имрӯз қурбони ҳамин ҳаракати тундгаро гаштааст. Ҳарчанд дар масъалаи бозгашт ба исломи замони салаф дар миёни таълимоти Ғаззолӣ ва таълимоти ваҳҳобия-салафия фарқияти ҷиддие нест, аммо салафиёни ифротии муосир ӯро барои пайравӣ кардан аз сӯфия кофир медонанд. Масалан, як устоди донишгоҳи Қоҳира, ки аслан хатмкардаи "Донишгоҳи Мадина"-и Арабистони Саъудӣ мебошад, гуфтааст: "Ғаззолӣ як кофир буд ва назари ӯ барои мо аҳамияте надорад".[337] Аз ҷумла гӯяд, ки таҳорат танҳо назофати бадан нест ва намоз он нест, ки забон чизҳое бигӯяд, балки онҳо фаҳму сайқал ёфтани диланд.[338] Илова бар ин он чи сӯфиён дар ҷустуҷӯи ҳақиқат буданд, Ғаззолӣ ҳақиқатро фақат дар Қуръону ҳадис медид, вале "Қуръону Суннатро дар партави ҳикмати афлотуниёни ҷадид таҳлил мекунад... ва аз фалсафаи Юнон суд меҷӯяд"[339] ва ба тасаввуф дар пайдо кардани ҳақиқат рӯ меоварад.

Бояд ёдрас шуд, ки ақидаи Ғаззолиро дар бораи калом дуруст нафаҳмидани мардуми авом ва ба "бидъат" ғӯта задани онҳо ва ҳамчунин сабаби зуҳури баҳсҳои каломӣ дар миёни мутакаллимон, ки воқеан барои авом дастнорас аст, дар асл бидуни риояи мантиқ ва

---

[337] Абдуҳомид, Муҳаммад Ғаззолӣ. Эҳё улум ад-дин. Рабъи ибодат [Матн] Ғаззолӣ А.М // Пешгуфтор ва таҳияи кириллӣ аз А.Шамолов., М. Ғиёсов.- Душанбе.: ЭР-граф, 2008. Ҷ.1. –С.111

[338] Ғаззолӣ. Ҳамон ҷо. - С.144

[339] Ҳоннаал, Фохурӣ, Ҷалил, Ҷарр. Каломи фалсафӣ [Мант] / Ҳ. Фохурӣ, Ҷарр Ҷ. -Теҳрон.: Асотир, 1388 (2005). -С.532

номуназзам баён ёфтани масъалаҳо дар Қуръону суннат мебошад. Ғаззолӣ чун як муҳофизакори исломи суннатии замони салаф наметавонист онро нафаҳмида бошад, вале эътирофи ин ҳақиқат барояш мушкил буд. Холисона бояд ёдрас намуд, ки чи баҳсҳои каломӣ, ки сарчашмаи онҳо навиштаҷоти муқаддасанд ва чӣ воридшавии "навоварӣ"-ҳо, ки уламои исломи суннатии тақлидкор онҳоро "бидъат" номидаанд, дар асл як ҳодисаи табиӣ мебошад. Қуръон ва суннат, ки таҷассумкунандаи тарзи зиндагӣ ва мафкураи мардуми бадавии саҳронишин аст, дар раванди рӯ ба рӯ омадан бо фарҳангу тамаддунҳои мардуми ғайриараб бо онҳо ихтилоф пайдо кард. Ғаззолӣ ба ҷои он ки сабабҳои амиқи ин ихтилофро аз нигоҳи илмӣ таҳлилу таҳқиқ карда, роҳи ҳаллу фасли онҳоро муайян созад, ҳамчун хизматгори ҳокимони аҷнабӣ дар ҳифзи исломи суннатӣ, ки иделогияи расмии ин ҳокимон ва муқобили манофеи миллии мардуми тоҷику форс буд, қарор гирифта, аз ин идеология ҳимоя кард.

Дар айни замон, Ғаззолиро ҳатто исломи суннатии садаҳои Xl-Xll, ки дар ҳифзи ҳукуматдорони вақт қарор дошт, қонеъ намесохт. Аз ҳамин сабаб ҳам ӯ барои анҷом додани рисолати хеш дар назди ҳокимон илми фалсафаро, ки фарогири ҳамаи илмҳои замон ба ҳисоб мерафт, саркӯб намуда, омӯзиши илми каломро барои мардуми авом манъ намуд ва кӯшиш кард, ки онҳоро ба исломи замони саҳобаву тобеин (салаф), ки ҳанӯз чандон ташаккул наёфта буд ва наслҳои ба ном "салафи солеҳин", ки ба кишваркушоию сарватғункунӣ ва ғуломсозии мардумони мағлуб машғул буданд, баргардонад.

Рисолаи "Боздории мардуми авом аз илми калом"-и ӯ, ки аз пешгуфтори муаллиф ва се боб иборат аст, намунаи барҷастаи мубориаи ӯ бо илму фалсафа дар роҳи ҳифзи исломи суннатии замони салаф мебошад. Дар пешгуфтор муаллиф ҳадафи навиштани китоби мазкурро чунин баён сохтааст: "Чун маро пурсидӣ, Худованди мутаъол

ҳидоятат кунад, аз ахборе, ки ваҳмангезанду назди ҷоҳилон ва камхирадон қобили таъвиланд ва бар Парвардигор сифатҳо ва шаклҳое нисбат додаанд, ки Ӯ таъоло аз онҳо пок ва муназзаҳ аст, амсоли дасту пову сурат, фаромадану гузаштан, қарор гирифтану нишастан бар Арш ва ба онҳо монанд, ки аз зоҳир ва сурати берунии ахбор фаҳмидаанд ва ҳатто гумон доранд, ки чунин фаҳмиш ва эътиқод мувофиқ бо эътиқоди салафи солеҳ аст. Аз ин рӯ, ҳоло мехоҳам эътиқоди салафи солеҳро шарҳ бидиҳам ва эътиқоде, ки бояд оммаи мардум дар ин масоил дошта бошанд". [340]

Аслан, идеяи бозгашт ба исломи замони "салафи солеҳ" андешаи тамоми уламои исломи суннатӣ аст. Масалан, ин идеяро пеш аз Ғаззолӣ Аҳмади Ҳанбал ва дигарон тарғиб карда, исломи замони "салафи солеҳ"-ро ниҳоят идеализатсия кардаанд. Дар асри Ғаззолӣ низ қабл аз ӯ имом Муҳаммад Баздавӣ гуфта буд: "китобҳое, ки пешгузаштагон дар илми тавҳид таълиф кардаанд... аз қабили Исҳоқ-ал-Киндӣ, Исфозорӣ ва амсоли ин ду ва ҳамаи ин берун аз роҳи рост ва дур аз дини қавим буда... зеро онҳо ба сӯи ҳалокатгоҳҳо мебаранд... олимон дар масъалаи омӯхтани илми калом... ихтилоф кардаанд... ёрони пайғамбар... дар ҳеҷ як аз ин умур ворид нашудаанд, пас ба ту кардани он коре равост, ки эшон мекарданд".[341]

Имом Ғаззолӣ бо тобишҳои ба замони зиндагии хеш хос ба ин масъала назар кард. Дар боби "Дар баёни мазҳаби салаф доир ба ин масоил" Ғаззолӣ маҳз ба масъалаи исломи замони се насли ибтидои таърихи ислом, ки гӯё соҳиби диди ботин ва фаҳми яқин буданд, бахшида шудааст. Ғаззолӣ аз байни ҳамаи равияву фирқа ва мазҳабҳои исломие, ки дар замони ӯ роиҷ буданд, мазҳабҳои ба исломи суннатии ибтидоӣ муътақид бударо пуштибонӣ карда, пайгирӣ намудан аз

---

[340] Муҳаммад, Ғаззолӣ. Боздории мардуми аввом аз илми калом // Тарҷумаи У. Ҳусайнов. Пешгуфтор аз Шамолов А. Ҳусайнов У. –Душанбе, 2010. -С. 31-32

[341] Имом, Абулюср Муҳаммад Баздавӣ. Усулу-д-дин [Матн] / Баздавӣ И.А.М // Траҷума ва таҳияву тавзеҳоти С. Шаҳобуддинов.- Душанбе.: Андалеб-Р, 2015. -С.46-50

"мазҳаби салаф"-ро ҳақ daниста, мегӯяд: "бидон, он ҳақиқати ошкоре, ки дар он аҳли басират шубҳае надоранд, мазҳаби салаф аст, яъне мазҳаби саҳоба ва тобеини онҳо... ҳақиқати мазҳаби салаф, ки назди мо ҳақ мебошад, ин аст, ки "Ҳар касе аз оммаи халқ, ки барояш ин суханҳо (масали ваҳмангез ва нодуруст) мерасад, лозим аст, ки ҳафт ҳолатро риоя намоянд: тақдис, тасдиқ, эътироф ба нотавонӣ, сукут, худдории забон, худдории қалб, таслим ба соҳибони маърифат".[342]

Аз нигоҳи ӯ, хусусияти нахустини мазҳаби салаф ин "тақдис, яъне муназзаҳ ва пок донистани Худованд аз ҷисмият ва узвият"[343] мебошад. Ин назари ӯ, ба муқобили фирқаҳои муҷассима ва мушобеҳа, ки Худовандро ба мисли одам соҳиби ҷисму узвият медонистанд, нигаронида шудааст. Ин ақидаро дар афкори намояндагони фирқаву мазҳабҳои гуногун дидан мумкин аст. Масалан, дар афкори ашъариён, ки гӯё барои пок нигоҳ доштани исломи замони салаф мубориза мебурданд, ақидаҳои мушобеҳаро дарёб кардан мумкин аст. Бо мақсади рад кардани таълимоти ҳам муҷассимаю мушаббиҳа ва ҳам муътазилиён дар бораи сифатҳои Аллоҳ ашъариён таълимоти хосеро дар бораи "сифатҳои илоҳӣ" коркард намуда, ташбеҳро ба таври худ фаҳмида, дар айни замон назари Аҳмад ибни Ҳанбалро, ки хусусияти антропоморфӣ дошт, ҳақ меҳисобиданд. Яъне, онҳо чунин ақида доштанд, ки он оятҳои Қуръону ҳадисҳои пайғамбар, ки мансуб ба сифати Худованданд, ба маънои зоҳирӣ ва таҳтуллафзиашон фаҳмида шаванд. Ақидаи онҳо ин буд, ки чунин ояту ҳадисҳо бояд бе чуну чаро қабул карда шаванд. Ба гуфти имом Муҳаммад Баздавӣ (1030-1100) мушобеҳа ба ислом аз яҳудия[344], вале ба гуфти муҳаққиқ Муҳаммади Шаҳристонӣ (1075 ё 1086-

---

[342] Муҳаммад, Ғаззолӣ. Боздории мардуми аввом аз калом. –С.33
[343] Ҳамон ҷо. -С. 33
[344] Имом, Абулюср Муҳаммад Баздавӣ. Усулу-д-дин [Матн] / Баздавӣ И.А.М // Тарҷума ва таҳияву тавзеҳоти С. Шаҳобуддинов. - Душанбе.: Андалеб-Р, 2015. -С.74

1153) аз қадимтарин фирқаи яҳудия - кароимҳо ба ислом интиқол ёфтааст.[345]

Ғаззолӣ аз ҷисмият поку муназзаҳ будани Худовандро бо суханҳои паёмбар кӯшидааст исбот намояд. Чуноне ки паёмбар гуфтааст: “Худованд гили одамро бо дасташ шӯрид”, ё “қалби муъмин дар байни ду ангуште аз ангуштони Худованд аст”. Ғаззолӣ дар ин ҳадисҳо на маънои ҷисмонӣ, балки маънои маҷозӣ (истиора) доштани дасту ангуштони Худовандро таъкид сохта мегӯяд: “пас бояд, ки омиён ва ғайриомиён ҳама қатъан ва яқинан бидонанд, ки Паёмбари акрам бо ин суханонаш узверо, ки ҷисм асту дорои рагу гӯшту устухон мақсад надорад ва бидонанд, ки чунин мақсад дар шаъни Худованди мутаъол маҳол аст ва Ӯ таъоло аз ин сифатҳо пок аст. Агар дар дилаш чунин тасаввур пайдо шавад, ки Худованд ҷисмеро мураккаб аз аъзо аст, пас ӯ чун бутпараст аст, зеро ки ҳар ҷисме махлуқ аст ва ибодати махлуқ куфр аст. Ибодати бутҳо ба хотири ҷисми махлуқ буданаш куфр буд, пас ҳар ки ҷисмеро бипарастад, ӯ кофир аст бо иҷмои пешвоёни салафу халаф.[346]

Ҳамин тариқ, ба ақидаи Ғаззолӣ, Худованд “ҳеҷ мавҷудеро намонад ва ҳеҷ мавҷуде бад-ӯ намонад... чи наздикии ӯ аҷсомро намонад, чунон ки зоти Ӯ зоти аҷсомро намонад. Ва ӯ дар чизе ҳулул накунад ва чизе дар Ӯ ҳулул накунад... ва ба сифоти худ аз халқ мубойин аст. Ва дар зоти Ӯ ҷуз Ӯ нест ва дар ҷуз Ӯ зоти Ӯ на”.[347]

Ҳарчанд Ғаззолӣ бо истифода аз мантиқ дасту ангушти дар ҳадис омадаро ба маънои маҷозӣ тавсиф намуда, нафйӣ будани Худоро аз узвияту ҷисмият ва пок будани ӯро аз ҳама гуна аломатҳои одамӣ исбот кардан мехоҳад, аммо як нуктаро ба инобат бояд гирифт, ки ташбеҳ танҳо дар мавридҳои алоҳида метавонад маънои маҷозӣ дошта бошад, вале дар кулл истиора ба ориёт (амонат) хостани чизе буда, ҳамзамон як

---

[345] Мухаммад, Шахристани. Книга о религиях и сектах [Текст] / Шахристани М // Перевод с арабского, предисловие и комментарии С. М. Прозорова. -М.: Наука, 1984. Часть 1. -С. 89-105.
[346] Муҳаммад, Ғаззолӣ. Боздории мардуми аввом аз илми калом..-С35
[347] Абуҳомид, Муҳаммад Ғаззолӣ. Эҳёу улуми-д-дин [Матн] Ғаззолӣ А.М // Пешгуфтор ва таҳияи кириллӣ аз А.Шамолов., М. Ғиёсов.- Душанбе.: Эг-граф, 2008. –С.464

навъи ташбеҳ аст, ки ташбеҳкунанда ба ҷои ташбеҳшаванда меояд, лекин ташбеҳшаванда зикр намеёбад, ба монанди он ки “гул” киноя аз “рухсора” ва “сунбул” киноя аз “зулф” аст. Бинобар он, зикр наёфтани ташбеҳшаванда ҳанӯз маънои онро надорад, ки дар мисолҳои овардашуда ташбеҳи Худо ба инсон ҷой надорад. Аз ин рӯ, Худоро поку муназзаҳ тавсир кардани Ғаззолӣ ӯро аз унсурҳои инсонӣ пурра нафй намесозад. Ба ҳамин сабаб Ғаззолӣ авомро аз донистани таъвил ва маънои он лафз воҷиб намедонад, балки онро воҷиб медонад, ки авом “дар он маъно фурӯ наравад ва ҷустуҷӯ накунад.”[348]

Ҳамчунин, Ғаззолӣ калимаи “сурат”-ро, ки паёмбар дар ҳадисаш истифода кардааст, ба монанди “Худованд одамиро ба сурати хеш офаридааст”, суратро ҳамчун исми муштарак фаҳмида, онро дар нисбати Худованд вожаи орӣ аз маънои ҷисму узв, аз ҳолати аҷсом таъвил менамояд. Ҳол он ки агар калимаи “сурат” чунин ҳолати ғайриаҷсомиро ифода кунад, пас гуфтани Худованд одамиро ба сурати хеш офаридааст, ғайриимкон мебошад ва гуфта наметавон, ки Ғаззолӣ бо роҳи таъвили маъноии Қуръону суннат, ки барои мардуми авом манъ кардааст, махлуқ набудани Қуръонро пурра исбот карда бошад. Бинобар он, роҳи баромадан аз ин муамморо ӯ дар манъ кардани омӯзиши калом барои мардуми авом ҷустуҷӯ кардааст. Ғаззолӣ мегӯяд: ҳар муъминро “дар чунин ҳол мебояд донист, ки ба донистани маънои он маъмур нашудааст, балки вазифадор аст, ки дар ӯ фурӯ наравад, чунки ин дар қудрат ва тоқати он нест, фақат мебояд эътиқод кунад”.[349]

Ин ҷо як масъаларо бояд ёдрас намуд, ки ба ҳамдигар ташбеҳ ёфтани Худову инсон дар Қуръону суннат дар асл боқимондаи ҳамон тасаввуротҳои динии антропоморфистии тоисломӣ мебошанд, ки дар байни қабоили араби замони ҷоҳилият низ ҷой дошт ва ба Қуръон бе таъсир намонд. Аломатҳои чунин тасаввуротҳои диниро дар бораи

[348] Муҳаммад, Ғаззолӣ. Боздории мардуми аввом аз илми калом. -С. 36
[349] Муҳаммад, Ғаззолӣ. Ҳамон ҷо. -С. 37

Худоёни одамгуна дар таҷрибаи динии ҳамаи халқҳои олам метавон мушоҳида кард. Ғаззолӣ  ҳамчун мутакаллим вазифадор буд, ки бо истифода аз илми мантиқу фалсафа аз узвияту ҷисмият пок будани Худоро таъйин сохта, афзалияти исломро дар шинохти тавҳид (Худои ягона) ба мардум нишон диҳад ва фаҳмиши онро аз ҷониби салаф ва аҳли суннат ҳифз намояд.

Ҳолати дуюме, ки ба қавли Ғаззолӣ, ҳақиқати мазҳаби салаф, яъне мазҳаби саҳоба ва тобеини онҳоро собит месозад, имон ва тасдиқ мебошад, "яъне бовар кардани ҳар он чи паёмбари бузурги ислом-Муҳаммад гуфтааст ва ҳарчи ӯ гуфтааст, ҳақ аст ва ӯ дар гуфтораш содиқ аст ва гуфтораш  ҳақ аст ба тарзу услубе, ки хоста ва гуфтааст".[350] Ин ба он маъност, ки пайғамбар дар ҳамаи он сифоте, ки ба Парвардигор нисбат додааст, содиқ аст. Мардуми авом ба ҳамаи он сифатҳое, ки Худованд худро ё пайғамбар ӯро васф кардааст, бояд имон оранд ва тасдиқ намоянд, ҳарчанд банда ба ҳақиқати он воқиф набошад. Ба гуфти Ғаззолӣ ин усули пайғамбару саҳоба буд ва пайравӣ аз он пайрави ба салафи солеҳин мебошад.[351] Агар ба тарзи дигар гӯем, Ғаззолӣ мардуми авомро ба шинохти маънои ботинии сифати Худо, ки дар Қуръону суннат омадааст, муваззаф намедонад.

Авом бояд танҳо ба маънои таҳтуллафзии ояту ҳадис аз рӯи эътиқод имон оварад ва дар забону дил тасадиқ намояд. Хулосаи андешаи Ғаззолӣ ин аст ки авом аз фаҳмиши ботинии Қуръон оҷиз аст. Бинобар он, кӯшииши фурӯ рафтан ба маънои ботинии он ба бидъат мебарад. Танҳо авлиё ва мутакаллимон ба фаҳмиши оёти қуръонӣ лоиқанд. Чуноне ки ӯ менависанд: "агар бигӯйӣ, ки чи фоида аст Худованд халқро ба чизе хитоб кунад, ки ӯро надонанд. Ҷавоб чунин аст: мурод ин ҷо фаҳмондани ононе ҳаст, ки ба он фаҳмиш лоиқанд чун авлиё ва олимони ҳақиқӣ" ва дигарон аз бузургон бояд он чизеро суол кунанд,

---

[350] Муҳаммад, Ғаззолй. Ҳамон ҷо. -С. 33

[351] Муҳаммад, Ғаззолй. Ҳамон ҷо. -С. 40-42

ки фаҳмида метавонанд. Бузургонро воҷиб аст, ки бигӯянд: "ин маъниҳо барои шумо нест ва шумо аҳли он нестед. Бинобар ин, дар масоили дигаре дахл кунед". Ҳамчунон, ки ҷоҳилро гуфта шавад: "Аз доноён бипурсед".[352] Ин ҷо Ғаззолӣ кӯшидааст, ки нотавоноии инсони ҷоҳилро дар фаҳмиши сифоти Худо бо далелҳои қуръонӣ исбот намояд: "ва ба шумо аз илм, ба ҷуз андаке, (чизе) дода нашудааст" (17:85). Ба ақидаи Ғаззолӣ, авом он чизеро намефаҳмад, набояд пурсад... Инҳо маъноҳое ҳастанд, ки бовар карданашон воҷиб аст ва чигунагиашон барои шумо маҷҳул аст ва суол кардани он бидъат аст... хулоса имон овардан ба иҷмолиёте, ки дар зеҳн ба тафсил нестанд, мумкин аст ва лекин пок ва тақдиси Худованд аст, ки нафй маҳол аст аз ӯ, ба тафсилоташ воҷиб аст".[353]

Бо ин далелҳо Ғаззолӣ собит кардани шудааст, ки ҳамаи оятҳои мушобеҳа, ки дар нисбати сифатҳои Худованд омадаанду дар зоҳир Худовандро одамгуна тасвир мекунанд, вале мазмуну маънои ботинии онҳо ба фаҳми авом дастрас нест, набояд мавриди омӯзишу баҳси авом бошанд, зеро он онҳоро ба бидъат мебарад. Авом бояд ба ин оятҳо имони содиқ дошта бошад ва аз маънои он напурсад, ки воҷиб нест, ҳатто суол кардан бидъат аст.[354]

Ҳолати сеюм, ба андешаи Ғаззолӣ, ин аст ки чун инсон дар таъвил кардани оятҳои Қуръон ва дар дарки маънои онҳо оҷиз аст ва наметавонад аз ҳақиқати онҳо воқиф гардад, хубтар аст, ки ӯ "эътиқод ба нотавонии хеш кунад, чунки тасдиқ воҷиб аст... Чун агар даъвои донистан кунад, ҳатман дурӯғ мегӯяд".[355]

Ғаззолӣ ҳамчун сӯфӣ танҳо олимони ҳақиқӣ ва орифону авлиёро дар майдони шинохти Худованд нисбат ба мардуми авом қодир ба маърифат медонад ва дар ин маврид дар пайравӣ аз аҳли ҳадис андешаи

[352] Муҳаммад, Ғаззолӣ. Ҳамон ҷо. -С. 42
[353] Муҳаммад, Ғаззолӣ. Ҳамон ҷо. -С. 42
[354] Муҳаммад, Ғаззолӣ. Ҳамон ҷо. -С. 42.
[355] Муҳаммад, Ғаззолӣ. Ҳамон ҷо. -С. 43

хешро бо ҳадиси паёмбар асоснок менамояд: “Ҳаргиз саною васфи туро (Худовандро - Н.Қ.) ҳамчуноне ки худ баён кардаӣ, наметавонам баён кунам”.[356] Ин сухани Ғаззолӣ ба он далолат мекунанд, ки ҳатто ашхоси орифу донишманд қудрати шинохти комили Худовандро бо ҳамаи сифатҳоаш надоранд, чи ҳоҷат ба авом. Он чи орифон медонанд, маърифат мекунанд, бештар аз дарки авом асту халос. Ин гуфтаҳои Ғаззолӣ, аввалан, аз он шаҳодат медиҳанд, ки ӯ вазифаи маърифатро асосан иборат аз шинохти Худованд медонад, ки он ҳам ба орифон дастрас аст, сониян,  дар масъалаи шинохти ҳақиқати илоҳӣ то ҷое аз мавқеи скептитсизм андеша меронад. Гузашта аз ин, бо такя ба ҳадиси паёмбар шинохти ҳақиқати илоҳиро дар робита аз тарс ба Худо дониста, онро асосан хоси паёмбар медонад. Чуноне ки паёмбар гуфтааст: “Шиностарини шумо ба Худованд, тарсандатарини шумост аз Ӯ ва ман шиностарини шумо ҳастам ба Худованд”.[357] Дар масъалаи маърифати ҳақиқат эътирофи нотавониро Ғаззолӣ як шакли доноӣ донистааст, ҳамчуноне ки паёмбар гуфтааст: “Эътироф ба нотавонӣ дар донистани ҳақиқати ин масоил, доноист”. Чунки ибтидои ҳақиқати ин маъниҳо барои мардуми авом чун барои ҳавоси онҳо аст”.[358]

Ҳолати чоруме, ки авом барои ҳақиқати мазҳаби салафро дониста риоя намояд, ин аст, ки дар мавриди сифатҳои Худованд мардуми авомро воҷиб аст, ки бояд аз додани савол худдорӣ намоянд ва чунин амал, ба ақидаи Ғаззолӣ, барои авом воҷиб аст, зеро ҳангоми савол додан шояд ба чизе бархурад. Авом бояд бидонад, ки суол кардан бидъат ва хатар барои дин аст. Махсусан онҳое, ки пойбанди дунё ва улуми дунявианд ба савол додан аз сифати Худованд бояд худро дур гиранд, зеро улуми дунявӣ тавони шинохти Худовандро надоранд. Агар мардуми авом аз чунин маъниҳо савол кунанд, ҳатто метавон онҳоро зарба зад “ҳамчуноне ки Умари Хаттоб ононеро, ки аз оёти муташобеҳот

[356] Муҳаммад, Ғаззолӣ. Ҳамон ҷо. -С. 43.
[357] Муҳаммад, Ғаззолӣ. Ҳамон ҷо. -С. 43-44
[358] Муҳаммад, Ғаззолӣ. Ҳамон ҷо. -С. 44

суол мекарданд, дурра мезад ва ҳамчуноне ки паёмбари акрам (с)... гуфт: “Ононе, ки пеш аз шумо буданд, ба хотири саволҳои зиёди бе маврид ҳалок шуданд”.[359] Ғаззолӣ ба воизону хатибон аз болои минбари масҷид ба чунин саволҳо ҷавоб доданро манъ мекунад, зеро авом аҳли маърифати шинохти он нестанд, ба суол кардан ҳам лоиқ нестанд. Пас ба тақвои Худованд машғул шаванд, сокит бошанд ва бигӯянд: “Имон дорем ва тасдиқашон кардаем ва илми мо андак аст ва ин масоил аз илми мо берунанд”.[360]

Ҳолати панҷум худдории забон ва ҳолати шашум худдории қалб аст. Ба қавли Ғаззолӣ, аҳли салаф дар мавриди нигоҳ доштани имон аз ин ҳолатҳо риоя мекарданд. Худдорӣ аз забон аз тафсир, яъне иваз кардани лафз ба луғати дигаре, аз таъвил, яъне таъвил аз ҷониби худи оммӣ, аз ҷониби ориф ба оммӣ воҷиб будани хомӯшӣ, худдории забон аз қиёсу тағфир, ҷамъ овардани ахбори пароканда доир ба ягон масоили имонӣ ва ғайра иборат аст, ки мардуми авом аз қудрати онҳо намебарояд. “Бинобар ин, нозукиҳо аҳли салаф таъкид кардаанд, ки... бояд забонҳоро ҳақ он аст, ки лаҷом занем, то дар гирифтор шудани хатар озод набошанд, ки ҳеҷ хатаре аз куфр дида бузургтар нест”.[361]

Худдории қалбро Ғаззолӣ ба маънои боздоштани қалб аз андешидан дар масоили маърифати илоҳӣ медонад. Зеро натиҷаи баҳси маърифати илоҳӣ чунин аст, ки мардуми авомро ба фисқу ширк меоварад ва “Худованд ҳаргиз гуноҳи ба Ӯ ширк оварданро намебахшад”. [4:116]

Ғаззолӣ баъди бо оятҳои Қуръон собит намудани ваҳмангез будани гуноҳи ширк ба мардуми авом таъкид месозад, ки ҳеҷ гоҳ аз паи суханҳои файласуфону мутакаллимон нараванд. Ба ақидаи ӯ, “далели зарарнок будани афкори файласуфон бар мардуми авом он аст ки аз замони зоҳир шудани файласуфон ва рушду пешрафти илми калом, чи

---

[359] Муҳаммад, Ғаззолӣ. Ҳамон ҷо. -С. 32, 44-45
[360] Муҳаммад, Ғаззолӣ. Ҳамон ҷо. -С. 36
[361] Муҳаммад, Ғаззолӣ. Ҳамон ҷо. -С. 46-68

шарру бадиҳое пайдо шуд... дар ҳоле ки асри саҳобагони киром аз ин бадиҳо эмин монда буд. Далели дигар он аст, ки расули Худо ва саҳобагони ӯ ҳамагӣ дар овардани ҳуҷҷат ва далел ба роҳи калом дар таҳқиқу тадқиқоташон нарафтаанд”.[362]

Ғаззолӣ ёдрас менамояд, ки афкори фалсафиро пайравӣ накардани аҳли салаф на ба сабаби оҷизиашон буд, балки дар он буд, ки судманд ва лозим набуд. Сабаби ба фалсафа майл накардани аҳли салаф дар он будааст, ки онҳо дарк кардаанд, ки аввалан зарари фалсафа аз фоидааш бештар будааст ва дуввум, аҳли салаф аз фалсафа дида бештар ба далелҳои Қуръон ниёз доштаанд, то ки ба яҳуду насоро масоили паёмбарии Муҳаммад ва рӯзи зиндашавӣ баъд аз маргро алайҳи мункирони он исбот намоянд ва “ба далелҳои Қуръони маҷид чизеро зиёд намекарданд. Пас ҳар ки он далел қонеаш мекард, қабулаш мекарданд ва ҳаркиро қонеъ намекард, қатлаш мекарданд... ҳамаи ин ба он хотир буд, ки медонистанд, ин сабку усул фитнаангез ва ташвишовар аст ва ҳар ки далелҳои Қуръони Карим ӯро қонеъ нагардонад, ӯро найзаю шамшер рост мекунад”.[363] Хулосаи Ғаззолӣ дар масоили имонӣ ин аст, ки аҳли салаф ҳама масъаларо ба далелҳои қуръонӣ ва зарбу лат ҳал мекарданд ва ниёз ба фалсафаю калом вуҷуд надошт.

Ҳолати ҳафтуми пайравӣ аз аҳли салаф, ки Ғаззолӣ барои мардуми авом зарур донистааст, он аст, ки мардуми авом бояд донанд ва эътироф намоянд, ки ҳар маънои зоҳирӣ, ки аз ӯ пӯшидаанд барои пайғамбару асҳоби ӯ ва авлиёу донишмандони ҳақиқӣ пӯшида набудаанд.[364] Сабаби ба авом пӯшида будани маъноҳои зоҳирӣ дар оҷизию кӯтоҳии ӯ аст. Пас худро бояд бо дигарон қиёс накунанд, чуноне ки малоикаро бо оҳангар қиёс кардан нашояд.[365] Дар шинохти маърифати илоҳӣ низ ҳамаи мардумон якхел нестанд. Яъне он чизе, ки

[362] Муҳаммад, Ғаззолӣ. Ҳамон ҷо. -С. 75
[363] Муҳаммад, Ғаззолӣ. Ҳамон ҷо. -С. 84
[364] Муҳаммад, Ғаззолӣ. Ҳамон ҷо. -С.78-80
[365] Муҳаммад, Ғаззолӣ. Ҳамон ҷо. -С.79

барои орифон дастрас аст, барои авом дастрас нест. Бинобар он, мардуми авом бояд ҳадди худро донанд ва ба он эътиқод кунанд. Хулоса, Ғаззолӣ баён медорад, ки дар шинохти Худо ва сифати ӯ мардуми авом қодир нестанд, зеро Парвардигори бузургро ҳамчуноне ки ҳаст, касе ҷуз худаш нашинохтааст. Мардуми авом дар роҳи шинохти Худо ва маърифати ӯ бояд ин ҳафт вазифаро барои худ воҷиб донанд ва ин ҳақиқати мазҳаби аҳли салаф мебошад.

Ғаззолӣ кӯшидааст, ки Ҳақ будани мазҳаби салафро бо далелҳо дар боби дуюми рисолаи номбурда ба исбот расонад ва аз ду навъи далелҳо истифода кардааст: ақлӣ ва самъӣ. Дар айни замон Ғаззолӣ далели ақлиро боз ба ду навъ куллӣ ва тафсилӣ тақсим намуда, таъкид месозад, ки далели куллӣ ин ҳамон чаҳор усул аст, ки мазҳаби салаф ва ҳар оқиле таслими онанд.

Асли аввал он аст, ки тавассути таҷриба ва ақл наметавон он чи дар охират зарар ё фоида дорад, донист, зеро ақл ба ҳаёти баъд аз марг роҳ надорад, то ки зарари гуноҳон ва фоидаи ибодатро муайян намояд. Ба ақидаи ӯ онро танҳо ба нури паёмбарӣ метавон дарёфт, чунки нури паёмбарӣ қувватест болотар аз нерӯи ақл ва он қудрати дарёфти ояндаро дорад.

Асли дуюм он аст, ки ҳар чизе ки ҳам дар дунё ва ҳам дар охират ба нафъи бандагон аст, аз роҳи ваҳйи ба паёмбар ва паёмбар ба мардум расонида шудааст ва ҳеҷ чиз аз ваҳйи илоҳӣ пинҳон нест. Ғаззолӣ дар ин ҷо сифоти пайёмбарро бо роҳу усули идеализатсия кардани он ба мардум муаррифӣ намуда, бо ҳамин нишон медиҳад, ки роҳи наҷоти мардум дар ҳар ду олам эътиқоди комил ба ваҳйи илоҳию суннати пайғамбар аст, ҳеҷ гуна нерӯи дигар, аз ҷумла ақл низ, ба он баробар буда наметавонад.

Моҳияти асли сеюм дар он ифода меёбад, ки донотарин ва оқилтарин ашхос дар донистани суханони пайғамбар саҳобагонанд, ки

«Нузули Қуръони маҷид ва ваҳйро мушоҳида кардаанд ва маънои суханони ӯро баояндагон расонидаанд. Бо ҳамин далел ё асл Ғаззолӣ мехоҳад собит созад, ки беҳтарин ҳақиқате, ки тавассути ваҳйи ба мардумон расидааст, дар суханони паёмбару саҳобагони ӯ маҳфуз аст ва пайравӣ аз он муъминонро ба мақсад мерасонад.

Асл ё далели чаҳорум он аст, ки саҳобагони паёмбар дар асри хеш мардумро аз баҳсу тафсиру таъвили оёту аҳодиси набавӣ манъ кардаанд ва касе дар ин умур саволе медод ё бисёртар мепурсид, сарзаниш кардаанд. «Пас … ҳақ он чизест, ки онҳо гуфтаанд ва савоб он чизест, ки ривоят кардаанд, хусусан, ки паёмбари акрам (с) онҳоро васф карда, чунин гуфта буд: «Беҳтарин мардум ҳамасрони мананд, баъдан тобеини онҳо ва баъдан тобеини тобеъини онҳо» ва «уммати ман ҳафтоду чанд фирқа мешавад, вале яке аз онҳо наҷот меёбад… Аҳли суннат ва ҷамоат… он роҳе, ки ман ва асҳобам дар онем».[366]

Ҳамин тавр, роҳи беҳтарини дарёфти ҳақиқат дар роҳи шинохти Худованд ва зоту сифати ӯ, ба ақидаи Ғаззолӣ, ин пайравӣ аз паёмбару асҳоби ӯ ва тобеину табаатобеин мебошад, ки онро Ғаззолӣ мазҳаби салаф меномад.

Ба ҳамин монанд, асли панҷуми дарёфти ҳақиқат мувофиқи талаботҳои мазҳаби салаф, ки мардуми авом бояд риоя намоянд, воҷиб будани боздоштани забон аз тағйири зоҳири он суханон, асли шашум боздоштани қалб ва ботин аз зикру фикри он алфоз, ки авом, ба даркашон оҷизанд, вале бо он маъмур шудаанд, мебошад. Ба гуфти Ғаззолӣ авом бояд танҳо «дар офариниши Худо тафаккур кунанд, на дар зоти Худо».[367]

Дар ниҳоят, Ғаззолӣ асли ҳафтумро иборат аз дар назди аҳли маърифат, ба паёмбару авлиё ва олимони устувор таслим будани мардуми авомро воҷиб медонад ва бо ҳамин ҳафт далели ақлӣ ҳақ

---

[366] Муҳаммад, Ғаззолӣ. Ҳамон ҷо. -С. 86
[367] Муҳаммад, Ғаззолӣ. Ҳамон ҷо. -С. 87

будани мазҳаби салаф ва бозгашт ба онро роҳи дурусти расидан ба ҳақиқат ва канор гирифтан аз бидъат меҳисобад.

Далелҳои дигаре, ки ба ақидаи Ғаззолӣ ҳақ будани мазҳаби салафро дар роҳи шинохти ҳақ собит месозад, далелҳои самъӣ мебошанд. Ғаззолӣ мегӯяд: «далели ҳақ будани мазҳаби салаф он аст, ки мухолиф ва зидди он бидъат аст ва бидъат бошад, бад ва ҷаҳолат аст, машғул шудани мардуми авом дар таъвил ва машғул сохтани уламо мардуми авомро дар таъвил (яъне маънои ботинии Қуръону суннат - Н.Қ.) бидъати бадтар аст ва мухолифу зидди ин бидъат, яъне худдорӣ аз таъвил суннати беҳтарест».[368] Дар айни замон, Ғаззолӣ ҳамаи бидъатҳоро бад дониста, ба бидъати бад суннати қадима ва ҳасанаро, ки аз нигоҳи ӯ мазҳаби салаф аст,[369] мухолиф мегузорад.

Чунон ки мебинем, Ғаззолӣ таъвили навиштаҷоти муқаддасро аз ҷониби авом бидъати бадтарин ва худдорӣ кардан аз таъвилро, яъне аз ақлгароиро беҳтарин суннат донистааст ва ин таълимоти ӯ, пеш аз ҳама, ба муқобили ақлгароӣ ва фалсафа, ки дар асрҳои миёна фарогири ҳамаи илмҳо буд, нигаронида шудааст.

Далел ё аслҳои самъӣ аз маҷмуи он ахборе иборатанд, ки аз расули Худо ва асҳоби ӯ ба мерос мондаанд ва «илми қотеъро ифода мекунанд» ва «дурӯғ ба онҳо роҳ намеёбад, агарчи баъзеи онҳо гоҳе пайи ҳам набошанд, яъне ғайри мутавотир (муназзам - Н.Қ.) набошанд».[370] Ғаззолӣ пайравӣ кардан аз суннати пайғамбар ва асҳоби ӯро дар роҳи ошкор кардани ҳақ воҷиб дониста ҳама гуна эҷоди чизи навро бидъат мешуморад.[371] Чуноне ки паёмбари ислом гуфтааст: «Пайравӣ намоед ва ҳаргиз бидъаткор ва эҷодкор набошед, чунки қабл аз шумо будагон чун аз пайравии роҳи пайғамбаронашон дур шуданд ва ба бидъаткорӣ машғул шуданд, ҳалок гардиданд ва дигаронро ҳалок сохтанд».[372] Чун

[368] Муҳаммад, Ғаззолӣ. Ҳамон ҷо. -С. 87-88.
[369] Муҳаммад, Ғаззолӣ. Ҳамон ҷо. -С. 88.
[370] Муҳаммад, Ғаззолӣ. Ҳамон ҷо. –С. 88-89.
[371] Муҳаммад, Ғаззолӣ. Ҳамон ҷо. -С. 91.
[372] Муҳаммад, Ғаззолӣ. Ҳамон ҷо. -С. 91-92.

баҳс дар бораи ақоид мерафт, ба қавли Ғаззолӣ асҳоби пайғамбар ҳатто оид ба ягон масоили ақидавӣ савол доданро бидъат медонистаанд. Чуноне ки халифа Умар нақл кардааст, «марде ӯро пурсид: «Оё Қуръон махлуқ аст ё на?» Пас, ӯ тааҷҷуб карду он мардро пеши ҳазрати Алии Муртазо оварду гуфт: «Ё амир-ал-муъминин, чӣ мегӯяд?». Он мард гуфт: «Ман ӯро пурсидам, ки оё Қуръон махлуқ аст?» Ҳазрати Алӣ ба шунидани ин суол ларзид ва… гуфт: «Сухани ин мард дар охири замон ҳодисаеро бар меорад. Агар ман ба ҷойи ту амир мебудам, сараш мезадам».[6] Хулоса, Ғаззолӣ бо далелҳои ахборӣ аз паёмбару саҳобагон ва тобеин суол карда, мардуми авомро дар масоили Худованду сифати ӯ, донистани сифати Қуръон ва ғайра манъ мекунад, то ки авом аз нотавонии худ дар фаҳми ин масоил ба бидъат нараванд. Вале баъдтар баҳскунандагон ва доноёне пайдо шуданд, ки пурсишу суолҳоро дар мавриди Худованду сифаташ ва Қуръону дигар масоили ақидавӣ қабул карда, ривоҷ доданд ва ба зуҳури бидъатҳо, ки хилофи суннат аст, роҳ кушодаанд.

Ғаззолӣ дар боби сеюми асари «Боздории мардуми авом аз илми калом», ки «Фаслҳои гуногуне, ки дар ин фан фоида расонданд» ном дорад, баъзе калимаю ҷумлаҳоеро тавзеҳу шарҳ додааст, ки ба ақидаи ӯ, гӯё сабаби дар гумроҳӣ ва иштибоҳ афтодани мардуми авом ва баъзе мутакаллимон гардидааст, ба монанди «сурат», «яд» (даст), «фавқ» (боло), «истивоъ» (тасаллутёфта), «хонаи Худо», махлуқ ва ё қадим будани Қуръон ва ғайра. Ин калимаҳо аз нигоҳи Ғаззолӣ дар забони арабӣ маъноҳои аслӣ ва мустаорӣ дошта, барои мардуми авом дастнорасанд ва метавонанд онҳоро ба гумроҳӣ (бидъат) баранд. Бинобар ин, ӯ ин калимаҳоро мувофиқи фаҳмиш ва эътиқоди салафи солеҳ шарҳ дода, собит карданӣ мешавад, ки сифатҳои Худованд ва каломи ӯро «дар луғати араб барои ин маънӣ лафзҳои хос ва саҳеҳу равшане нест, балки маъноҳое ҳастанд, ки баъди баҳсҳои зиёде танҳо бо

нури паёмбарӣ дониста мешаванд ё бо нури ақл. Ин ҳам бошад, дар қисме аз ин маъниҳост, на дар ҳамаи онҳо. Чун барои ин маъниҳо ибораҳои хос нест, пас заруратан аз ташбеҳу маҷоз истифода намудаанд. Ҳамчуноне, ки …лафзи сурат аз сурати ҷисмонӣ истифода шудааст».[373] Масалан, инсони дар оина аксёфтаро метавон инсон номид, вале ӯ инсони ҳақиқӣ нест, инсоне «дар дил ва зеҳн аст»,[374] на ба ҳақиқат Қуръон дар дили банда аст ва он дар забони банда ва сифати зоти Худованд аст, ҳама бовар мекунанд ва маънои онро мефаҳманд… Инҳо мафҳумҳои хеле нозукеанд, ки барои доноён дастрасанд, вале барои дигарон хеле пӯшида ва дастнорас. Пас, дигарон бояд худро аз машғул шудан дар ин масъалаҳо боз доранд ва ба онҳо гуфта шавад, ки бале Қуръон ғайри махлуқ аст ва аз ин баҳсу тафтиш накун ва ба ашхоси бозаковат бояд гуфт, ки «ба мардуми авом онҳоро нагӯед, чунки фаҳмиши инҳо аз тоқату фаҳми онҳо болотар аст».[375]

Ҳамин тариқ, Ғаззолӣ чунин ақида дорад, ки дар ҳамаи масоиле, ки мушкилоти маънои зоҳирӣ вуҷуд дорад, ҳақиқатҳои бузурге барои соҳибони басират ниҳон аст, ки барои мардуми авом пӯшидаанд. Аз ин рӯ, ҳаргиз бузургони салафро набояд гумон кард, ки аз шинохтани ин ҳақиқатҳо оҷиз буданд. Агар ин суханонро таҳрирҳои мутахассисона накардаанд, танҳо ба ин хотир аст, ки онҳо ба бузургии ин маъниҳо ва ба аҷзу нотавонии мардуми авом аз фаҳми онҳо огоҳ буданд. Бинобар ин, худ сукут карданд ва авомро низ хомӯш кунонданд. Ин айни ҳақиқат ва савоб аст. Ғаззолӣ ҳамчун пайрави мазҳаби ба ном «салафи солеҳин», ки гӯё онҳо масъалаҳои каломиро аз ҳама хубтар мефаҳмиданду вале ба хотири мардуми авом, ки маънои амиқи Қуръону суннат ба онҳо дастрас набуд, аз баҳсҳои каломӣ худдорӣ мекарданд ва ҳамчунин бо мақсади боз доштани мардуми авом ва баъзе аз мутакаллимон аз бидъат, ба мисли муътазилиён, машғул шудан ба калом ва баҳсу муҷодилаҳои

[373] Муҳаммад, Ғаззолӣ. Ҳамон ҷо. -С. 103
[374] Муҳаммад, Ғаззолӣ. Ҳамон ҷо. -С. 106-107.
[375] Муҳаммад, Ғаззолӣ. Ҳамон ҷо. -С. 107.

каломиро барои онҳо манъ намудааст. Калому фалсафаро ба гурӯҳи илмҳои бад ва харобсозандаи асосҳои аҳкоми исломӣ ворид сохта, бо ҳамин раванди рушди илми фалсафаро, ки дар он замон илмҳои дунявиро низ фаро мегирифт, мехост боз дорад ва ин амали хешро аз нигоҳи шаръӣ асоснок намуд, ки минбаъд барои аҳли суннат, бахусус рӯҳонияти он, ҳамчун муқаррароти исломӣ мавриди истифода қарор гирифт. Ӯ мусулмононро бовар кунониданӣ шуд, ки «саодатмандии мардум дар он аст, ки ба ҳама чиз, ҳамчуноне ки ҳаст, бе каму кост эътиқод кунанд… ҳақиқати ҳақро дар зот ва сифати Худованди мутаъол дар китобҳо ва паёмбарони ӯ ва дар рӯзи охират ҳамчуноне ки ҳаст, эътиқод кунад…»[376]

Танҳо донишҳои қуръонӣ, суннати набавӣ ва фаҳми ба ном салафи солеҳинро доир ба онҳо илми яқин ва зарурӣ дониста, таъкид намуд, ки «Худованди мутаъол мардумро танҳо ба ҳосил кардани имон ва тасдиқи комил мукаллаф ва мувazзаф кардааст, ба ҳар роҳу воситае, ки ҳосил шавад».[377] Масалан, агар сухан дар бораи Худованд ва сифати ӯ равад, мардуми авомро «донистани ин, ки Худованд аз ҷисмият ва аворизи он пок ва муназзаҳ аст, кофист».[378] Хулоса, барои мардуми авом имони комил ба Худованд ва тасдиқи он, сонияи, пок донистани ӯ аз ҷисмияту узвият, солисан, эътиқод ба ягонагиаш ва сифатҳои ӯ ба мисли калом, илм, қудрат, ирода ва ғайра, ки суннати паёмбар ва салаф мебошанд, кифоят аст ва омӯзишу калому ворид шудан ба баҳсҳои каломӣ барои авом ва ҳатто бисёре аз мутакаллимон воҷиб нест. Ин беҳтарин усул барои боздоштани онҳо аз бидъат ва гумроҳӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, Ғаззолӣ ҳамчун мубаллиғ ва муҳофизи исломи суннатӣ, ки идеологияи расмии хилофати Аббосиён ва идеологияи давлатдории Салҷуқиён буд ва бо гирифтани мавқеъгирии сахт дар умури эътиқодӣ дар роҳи ҷустуҷӯи ҳақиқати мутлақ умри хешро сарфи

[376] Муҳаммад, Ғаззолӣ. Ҳамон ҷо. -С. 114-115
[377] Муҳаммад, Ғаззолӣ. Ҳамон ҷо. -С. 116
[378] Муҳаммад, Ғаззолӣ. Ҳамон ҷо. -С. 98

омӯзиши илми калому фалсафа, тасаввуфу ваҳйи илоҳию аҳодиси набавӣ ва ахбори салаф карда, оқибат калому фалсафаро ҳамчун илми бидъатангез ва харобсозандаи аслҳои аҳкоми исломӣ радду инкор намуд. Шояд Ғаззолиро дар роҳи шинохти ҳақ таълимоти ирфонии сӯфия низ қонеъ насохт. Бинобар ин, ӯ дар охирин рисолаи худ «Боздории мардуми авом аз илми калом» бозгашт ва пайравӣ ба исломи суннатии замони ба ном «салафи солиҳин» карданро ягона роҳи расидан ба ҳақ ва боздории мусулмонон аз ҳар гуна бидъатҳо донист ва бо ҳамин нақши худро дар устувор сохтани мавқеи исломи суннатии замони салаф ва тақлид ба он дар ҷомеаи мусулмонӣ гузошт.

Бояд зикр кард, ки баҳодиҳӣ ба як қатор андешаҳои Ғаззолӣ, ки дар робита ба масъалаи бозгашт ба исломи замони салаф (ба қавли худи Ғаззолӣ «мазҳаби салаф») ба миён омадаанд, наметавон розӣ шуд. Масалан, дар масъалаи ҳимояи исломи суннатӣ ва мубориза бурдан бо илму фалсафа аз равияҳои дигар, ба мисли ашъариёну шофеиён ва ҳанбалиён. Ин «хизмат»-и ӯ  дар адабиёти ғаззолишиносӣ ба ҷои таҳлили ҳамаҷониба мавриди васфу таъриф қарор гирифтааст, ки чандон дуруст нест.

Аввал, ин ки се насли мусулмонони ибтидои таърихи исломро ба сифати «салафи солеҳин» ном бурдан ба ҳақиқат ва адолати таърихӣ ихтилофи ҷиддӣ дорад, зеро истилои кишварҳои гуногун ва дар раванди он ғорату таҷовуз гардидани мардумони зиёд қатли ому ҷамъ овардани ғанимат, ба асорат гирифтани ҷавондухтарону ҷавонписарон ба сифати ғулому канизак, таъин намудани андозҳои вазнин ба мисли «ҷизя» барои мардумони истилошуда, ҷойгузин намудани қабоили саҳронишини араб дар минтақаҳои ободи мамолики забтгардида, ки дар маҷмуъ ин кишварҳои ободро ба харобазор табдил дода буданд, маҳз дар замони ҳамин се насли нахустини мусулмонон рух додааст. Ҳамаи ин ҳодисаву далелҳои таърихиро на Ғаззолӣ ва на баъзе муҳаққиқони ғаззолишинос,

аз ҷумла баъзе аз муҳаққиқони тоҷику форс, ки ворисони ҳамон мардумони азиятдида мебошанд, ба инобат нагирифтанд. Ҳол он ки яке аз меъёрҳои ҳама гуна таҳқиқоти илмӣ ин риояи усули таърихият ва объективият мебошад. Аммо ба ҷои ин меъёрҳои илмӣ дар осори Ғаззолӣ ва баъзе аз ғаззолишиносон кӯшиши фалсафикатсия ва идеализатсия кардани таърихи ислом, ба хусус таърихи наслҳои мусулмонони ба ном "салафи солеҳин" роҳ ёфтааст, ки наслҳои мусулмонони давраҳои гуногунро аз шинохти воқеии таърихи гузаштаи хеш маҳрум сохта, дар онҳо на ташаккули худшиносии миллию эҳсоси созандагиро, балки таассуби динию хурофотпарастиро бедор месозад.

Дуюм ин ки, ақидаи Ғаззолӣ ва баъзе аз ғаззолишиносон дар хусуси он ки бузургони салаф дар дарку фаҳми баҳсҳои каломӣ аз дигарон ба маротиб болотар буданд, вале ба хотири аҷзу нотавонии мардуми авом дар фаҳми онҳо аз баҳсҳои каломӣ худдорӣ мекарданд, ягон асоси илмӣ надорад. Дар ин маврид далели аввал ин аст, ки саҳобагон ва тобеин чуноне ки дар боло ёдрас кардем, дар он давра асосан ба ҷангу истило ва ғоратгарии кишварҳои ҳамсоя, ҷамъ овардани ғаниматҳо ва асорати мардумони дигар саргарм буданд, на коркарди илми фиқҳу дигар масъалаҳои динӣ ва усулӣ. Зиёда аз ин, таълимоти исломӣ дар байни арабҳо ҳанӯз дорои низоми муайян набуд, шариати он коркард нагардида ва барои баҳсҳои каломӣ шароиту заминаҳо фароҳам наомада буданд. Ҳақ ба ҷониби муҳаққиқи исломшинос Е. А. Беляев мебошад, ки гуфтааст: "Бадавиҳое, ки қисмати асосии артиши арабро ташкил медоданд, таълимоти динии навро намедонистанд, зеро аввалин адабиёти динии мусулмонон аз нимаи садаи VII сар карда, китобат шудааст. Ин замоне буд, ки давраи аввали забткориҳои араб анҷом ёфта буд".[379] Яъне аксари онҳое, ки зери шиорҳои исломӣ кишварҳои ғайриарабиро забт карданд, ҳанӯз мусулмон набуданд, чӣ ҷои донистани илмҳои каломи фиқҳи исломӣ, ки ҳанӯз вуҷуд надоштанд. Бинобар он,

---

[379] Беляев, Е. А. Арабы, ислам и арабский халифат в раннее средневековье. -Издание 2. М.^Наука», 1966. -С.141.

забткориҳои нахустин дар кишвари Аҷам на футуҳоти исломӣ, балки футуҳоти қабоили араб буд.[380] Футуҳоти исломӣ баъдан, асосан, бо дасти худи мардумони эронитабор сурат гирифт. Пас, далели дигар ин аст, ки дар он давра ҳанӯз ба ном «улуми исломӣ», ба хусус калом ба вуҷуд наомада буданд. Поягузори улуми исломӣ, аз ҷумла каломи фалсафӣ аҷамиён, ба вижа, мардумони тоҷику форс мебошанд, ки араб ба онҳо бо чашми ҳасад ва бад менигарист. Аз он далели пайдоиши илми калом дар садаи VIII ва ривоҷи он дар садаҳои IX-X шаҳодат медиҳад.

Сониян, замоне ки ислом дар Макка зуҳур кард, мардуми араб ҳанӯз аз фарҳанги асил дур буданд. Ҳатто қурайшиҳо, ки дар байни онҳо қабилаи пешрафта ба ҳисоб мерафтанд, аксар бесавод буда, аз онҳо танҳо 17 нафар саводи хондану навиштан доштанд,[381] мактабу маориф ҷой надошт. Дар дигар минтақаҳои Ҳиҷоз бошад вазъияти саводу маърифат боз ҳам бадтар буд. Он пайравони нахустини ислом, ки саҳобагони паёмбару тобеин ба ҳисоб мераванд, аз ягон мактабу маориф нагузаштаанд ва дониши онҳо барои ворид шудан ба баҳсҳои каломӣ кифоят намекард. Вагарна дар сарчашмаҳои исломӣ доир ба масъалаҳои гуногун ақидаҳои ихтилофнок ворид гардида, баҳсҳои каломиро ба бор намеовард. Пайдоиши равияю фирқа ва мазҳабҳо ва барои Ғаззолию ғаззолимаобҳо низ зарурияти ҳифзи исломи суннатии замони "салафи солеҳин" ба миён намеомад. Чуноне ки гуфтем, маорифи исломӣ берун аз минтақаи Ҳиҷоз, дар маҳалҳое, пайдо шуда, рушд кардааст, ки дар ин мантиқаҳо ислом бо фарҳангу тамаддунҳои пешгирифтаи вақт рӯ ба рӯ омада буд, ба мисли Эронзамин.

Бинобар он, Ғаззолӣ бо вуҷуди ин ки дар рушди илмҳои исломӣ ва дар коркарди илми сиёсати замон, аз ҷумла дар китобаш «Насиҳат-мулук», ки онро метавон як навъ «Сиёсатнома» низ номид, саҳм гирифтааст, дар кулл бо осори хусусияти ниҳоят исломгарой доштаи

---

[380] Бернард, Л. Арабы в мировой истории / Пер. с англ. Т. М. Шуликовой.- М.: ЗАО Центрполиграф, 2017. -С.63.
[381] Назаров, Ҳ. Нақши эрониён-тоҷикон дар таърих ва фарҳанги ҷаҳон [Матн] / Ҳ. Назаров. – Душанбе.: Пайванд, 2005. -С.181.

хеш ва муборизааш бо илму фалсафа аз дидгоҳи исломи суннатӣ, ки ҳама гуна равия, фирқаҳои ақлгароии исломро рад мекунад, ба баланд рафтани сатҳи таассуби динию хурофоти мардуми мусулмон мусоидат намуда, ба пешрафти илму фалсафа дар ҷаҳони ислом монеаи ғоявӣ эҷод намуд. Ӯ «нақши хирадро дар маърифати ҳақиқат рад карда, вазифаи онро танҳо иборат аз исбот кардани оҷизии инсон медонист[382] ва «шариату имонро ҷойгузини илму хирад ва тафаккури илмӣ намуд».[383] Бинобар он, баъзе муҳаққиқони аврупоӣ, ки ҳаёти хешро ба омӯзиши тамаддуни мусулмонӣ бахшидаанд, шахсияти нобиға будани Ғаззолиро эътироф карда, вале, дар айни замон, ӯро ҳамчун «нобиғаи сиёҳ» ном бурдаанд.[384]

Бояд гуфт, ки таълимоти Ғаззолӣ дар бораи бозгашт ба исломи замони салаф ба таълимоти «исломи ноб»-и ҳаракати ваҳҳобия (салафияи ифротии муосир) ҳамоҳангӣ дорад. Ҳарчанд намояндагони ҳаракати салафияи муосир Ғаззолиро барои пайравӣ кардан аз сӯфия ва рушди илми калом намепазиранд, вале таълимоти Ғаззолӣ дар бораи бозгашт ба исломи замони салаф ва муборизаи ӯро бо илму ақлгароӣ қабул доранд. Аз ин ҷиҳат таълимоти ӯ метавонад барои ҷараёнҳои исломии ифротии муосир ҳамчун сарчашмаи ғоявӣ хизмат намояд, бахусус дар масъалаи идеяи эҳёи «исломи ноб», ки хусусияти зиддимиллӣ ва зиддитамаддунӣ дорад.

---

[382] Богоутдинов, А.М. Очерки по истории таджикской философии [Текст] / А.М. Богоутдинов. –Душанбе.: Дониш, 2011. –С. 182. 334 с

[383] Ҷамолиддин, Саидзода. Ғаззолӣ-пешвои синоситезон ва Шакурӣ-пешвои айниситезон… –Душанбе, 2021. -С.10. 348 с.

[384] Фредерик, С. Старр. Маърифати гумшуда. Асри Тилоии Осиёи Марказӣ аз истилои араб то Темурланг [Матн] / Фредерик, С. Старр // Тарҷумаи А. Мамадназаров; муҳаррири масъул Б. Раҳматов. – нашри 2-юми таҳриршуда ва ислоҳшуда. – Душанбе.: Эр-граф, 2023. -С.580

# БОБИ III. ВАҲҲОБИЯ ВА ҶУНБИШИ БУНЁДГАРОӢ ДАР ҶАҲОНИ ИСЛОМ

## 3.1. Ваҳҳобия ва идеяи "исломи ноб"

Ҳамчун падидаи сиёсӣ, вале дар қабои дин нақш доштани ислом дар раванди бунёди давлати ягона ва хилофати араб дар асрҳои миёна исломро на танҳо бо сиёсат печида сохт, ҳамзамон дар мусулмонон тавонист эътиқоди динии сиёсишударо ташаккул диҳад. Ислом дар баробари таҷассуми манфиатҳои геосиёсӣ ва геоиқтисодии араб муҳофизи манфиатҳои ҳокимону феодалҳои маҳаллӣ низ гардид. Бахусус, аз замоне, ки бо супориши вазири ҳукумати Салҷуқиён Низомулмулк мадрасаи "Низомия"-ро дар Бағдод ва шуъбаҳои онро дар тамоми марказҳои хилофат бунёд кард, дар натиҷа салафияи ибтидоӣ аз нав эҷод шуд. Ҳазорон шогирдону пайравони ӯ онро омӯхта, миёни мардум тарғиб мекарданд. Оқибат анъанаи ақлгароӣ дар ислом заиф гардида, ҷои онро таассуби динию хурофот ишғол кард. Дар замони хилофати туркони Усмонӣ низ ин сиёсат идома ёфт. Ба ҳамин сабаб ҳам Гегел гуфта буд: "...ислом аллакай аз саҳнаи таърихи ҷаҳонӣ хориҷ шудааст".[385] Албатта, ин суханони Гегел дар нисбати воқеияти ибтидои садаи X1X, ба исломи хилофати туркҳои Усмонӣ ва мустамликаҳои кишварҳои Ғарб дуруст аст.

Аммо зуҳури ҳаракати "ислоҳталабони мусулмонӣ", ҳамчун аксуламал ба низоми истеъмории Ғарби насронӣ, ки аз нигоҳи ислом "олами куфр" ба ҳисоб меравад, зери таъсири Ғарби пешрафтаи сармоядорӣ тавонист миллатҳои мусулмонро бедор сохта, ба пайдоиши ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳии халқҳои мусулмон мусоидат намояд. Намунаи барҷастаи он зуҳури ҳаракати панисломизм (исломгароӣ) мебошад. Ҳарчанд ин ҳаракат аввалан ба сабаби қудрати сиёсӣ-ҳарбӣ

[385] Гегель, Георг Вильгельм Фридрих. Сочинения [Текст] / Фридрих Г.Г.В- Москва.: Година. Том 8. -С.339.

надоштан ва сониян ихтилоф доштан ба манфиатҳои давлатҳои миллии наврушдкунандаи мусулмонӣ шикаст хӯрд, вале идеяи марказии он – эҳёи хилофат ба ҳаракату созмонҳои сиёсӣ-динии ифротӣ дар ҷаҳони ислом дар тӯли садаҳои XIX-XX таъсири калон расонид ва ба андешаи мо, ислом дубора “ба саҳнаи таърихи ҷаҳон” баргашт, аммо на чун як падидаи иҷтимоӣ ва фарҳангӣ-маънавӣ, балки ҳамчун як падидаи сиёсӣ-динӣ, ки аз ҷониби гурӯҳҳои сиёсӣ ва қудратҳои гуногун ҳамчун абзори сиёсӣ истифода мегардад.

Дар саҳнаи таърих пайдо шудани низоми нави сиёсӣ бо унвони Иттиҳоди Шӯравӣ ва баъди ҷанги дуюми ҷаҳон ташаккул ёфтани низоми сотсиалистӣ ва тезутунд гардидани муносибати он бо Ғарби сармоядорӣ ба афзоиш ёфтани ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳӣ дар кишварҳои мусулмонӣ, ки аз ҷониби Иттиҳоди Шӯравӣ дастгирӣ мегардид, мусоидат намуд. Дар натиҷа бисёр халқҳои мусулмон истиқлолияти хешро ба даст оварданд, аммо бо таъсири ҷаҳони дуқутба-империализми Ғарб ва коммунизм ҷаҳони ислом низ дуқутба гардид - қутби ғарбгаро, ки бештар кишварҳои арабиро фаро мегирифт ва қутби шӯравигаро (тамоюли сотсиалистӣ дошта), ки гуногунранг буд, яъне аз Шарқи Наздику Африқо то кишварҳои Осиёю Шарқи Дур, идеяҳои коммунистӣ бо тобишҳои гуногун, бештар бо тобиши миллӣ, ба мисли Чин густариш меёфт. Ин вазъият зиддият ва муборизаи ҷаҳони империалистиву ҷаҳони коммунистиро хеле тезонид.

Зиддияту мубориза ҳам дар сатҳи иқтисодию ҳарбӣ-сиёсӣ ва ҳам дар сатҳи идеологӣ хеле шадид зуҳур карданд, ба хусус муборизаи идеологӣ аз ҷониби ҳар ду қутб бештар тезу тунд шуд. Агар давлати шӯравӣ дар ин мубориза аз идеологияи коммунистӣ баҳра гирифта бошад, Ғарб барои пиёда сохтани манфиатҳои геосиёсии хеш дар ҷаҳони мусулмонӣ аз исломи сиёсӣ истифода кард, зеро дар ҷомеаи суннатӣ

забони дин самарабахштарин воситаи роҳ ёфтан ба мафкураи авом мебошад.

Ғарб нақши ин омилро тавассути ташкил намудани экспедитсияҳои илмии мардумшиносӣ дар Шарқ хуб омӯхт. Аз ҷумла, барои Ғарб ошкор гардид, ки барои ба мустамликаи хеш табдил додани ҷаҳони ислом метавон аз низоъҳои фирқавию мазҳабие, ки миёни мусулмонон ҷой доранд ва онҳо кайҳо боз хусусияти сиёсӣ касб кардаанд, истифода намуд.

Дар натиҷа, "омили исломӣ" дар сиёсат нақши муҳим бозид ва ислом, ки табиатан хусусияти сиёсӣ дорад, бештар сиёсӣ гардид ва бо экстремизму терроризм пайванди қавӣ пайдо карда, дар хизмати қудратҳои ҷаҳонию минтақавӣ қарор гирифт. Муҳаққиқони соҳаҳои илмҳои ҷомеашиносӣ ин падидаро "ғавғои исломӣ" ("исламский бум") ном карданд, ки намунаи олии он "Инқилоби исломӣ"-и Эрон мебошад. Он бо дасти Ғарб ба амал омад, то ки низоми дунявии давлати Эронро ба низоми исломӣ табдил дода, модернизатсияи ҷомеаро, ки дар ин кишвар дар замони ҳокимияти Ризошоҳи Паҳлавӣ ривоҷ меёфт, пешгирӣ намояд. Бояд гуфт, ки ҳамаи он қудратҳое, ки дар минтақаҳои мусулмоннишин манфиатҳои геоиқтисодӣ ва геосиёсӣ доранд, маҳз тавассути исломи сиёсӣ ин ҳадафҳои хешро пиёда месозанд, зеро ин қудратҳо кайҳо фаҳмида буданд, ки маҳз тавассути баланд бардоштани сатҳи таассуби динии мусулмонон, бунёди низомҳои исломӣ, ба низоъҳои динӣ-мазҳабии дохилӣ кашидани онҳо ин кишварҳоро хароб сохта, онҳоро дар бозмондагӣ нигоҳ доштан ва тобеъи худ намудан имконпазир аст. Ибтидои ин кӯшишҳо аз дастгирии идеологию ҳарбӣ-сиёсии ҳаракати ваҳҳобия аз ҷониби Англия дар нимаи аввали садаи XVIII дар Арабистон оғоз меёбад.

Мусаллам аст, ки ҳанӯз дар садаи VII араб дар зери парчами ислом, ки моҳияташро идеяи тавҳид ташкил медиҳад, аввал давлати

ягона ва аз пайи он хилофати хешро бунёд карда, тавонист аз зиндагии сахти иқтисодӣ, вазъи ногувори иҷтимоӣ-фарҳангӣ, парокандагии сиёсӣ ва ҷаҳолати динӣ, ки хоси тарзи зиндагии қабоили саҳронишини бадавӣ буд, наҷот ёбад. Дар зери парчами ислом араб ба ҳадафҳои сиёсӣ ва иқтисодии хеш расид. Вале бо гузашти айём дар натиҷаи аз қудрати сиёсӣ маҳрум шудан ва соҳибқудрат гардидани турку муғул дар хилофат вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, маънавӣ ва сиёсии араб аз нав батадриҷ бад гашта, дар садаҳои XVII-XVIII боз ба ҳамон ҳолате, ки дар ибтидои садаи VII дошт, хеле монанд гардид.

Синфҳои асосӣ дар шимоли Нимҷазираи Арабистон аз феодалҳо ва деҳқонон-феодалҳои мутеъ ба онҳо иборат буданд.[386] Тӯли асрҳо дар минтақа қабила ва иттиҳодияҳои парешон бидуни иттиҳоди сиёсӣ зиндагӣ мекарданд. Дар давраи ҳокимияти туркони Усмонӣ хоҷагиҳои деҳот ва асосҳои иқтисодии онҳо хароб гардида буданд. Тохтутоз дар байни сокинони минтақаҳои гуногун ба мисли замони ҷоҳилия ҳамеша вуҷуд доштанд. Аз ҷумла тохтутоз дар байни қабоили Ҳиҷозу Наҷд пайваста ба вуқӯъ меомад,[387] ки манзараи тохтутозе (ҷиҳоде)-ро, ки дар байни қабоили араб қабл аз ислом ҷой дошт, ба хотир меоварад.

Вазъияти иқтисодӣ-иҷтимоӣ, фарҳангӣ-динӣ ва сиёсии қабоили Нимҷазираи Арабистон дар асрҳои миёна, ба хусус замони зуҳури ҳаракати ваҳҳобия аз ҷониби бисёр муҳаққиқони арабшинос таҳқиқ гардидаанд, вале дар миёни осори илмии ба ин масъала марбут буда, таҳқиқоти арабшиноси рус А. М. Василев бештар муҳим мебошад. Мувофиқи таҳқиқоти А. М. Василев дар садаи XVIII дар Нимҷазираи Арабистон ҳанӯз муносибатҳои авлодӣ-падаршоҳӣ ҳукмрон буданд. Қисми зиёди сокинони муқимӣ худро мансуби ягон гурӯҳи авлодӣ медонистанд. Муносибатҳои қабилавӣ ба ҳадде устувор буд, ки қабилаҳо

[386] Першиц, А.И. Хозяйство и общественно-политический строй Саудовской Аравии в XIX первой трети XX века [Текст] / А.И. Першиц.- М.,1961. -С.142.
[387] Усмон, бини Абуллоҳ бини Башр. Ал-Маҷд фӣ торихи Наҷд [Матн] / Башр У.Б.А.-Бейрут.: Дори содир, 1420 (2019). Ҷ.1. - С.138.

ҳатто мустақилияти сиёсӣ доштанд. Баъзан якчанд оила як иттиҳодияро ташкил карда, худро ҳамула ё (ҷомеа) меҳисобиданд, ки аъзояшон аз хешу табори наздик иборат буданд.[388] Тақсимоти синфиро дар минтақа муносибат ба замин муайян мекард. Замин ва ҳокимият дар дасти ашрофон, ки аққалиятро ташкил мекарданд, қарор дошт. Ҷомеаҳое, ки дар як минтақа зиндагӣ мекарданд, байни ҳамдигар дар низоъ қарор доштанд.[389]

Пас, маълум мешавад, ки ҳарчанд ислом дар садаи VII тавассути "ваҳйи илоҳӣ", шиори "Ло-илоҳа илла-л-лоҳ" қабоили арабро дар умма муттаҳид сохт, вале ин иттиҳод бо шиорҳои исломӣ дар давоми асрҳои миёна танҳо аз иттиҳоди сиёсии арабҳо иборат буд, вале фарқиятҳои иҷтимоӣ, яъне қабилавиро аз байн бурда натавонист ва муҳити табиию иҷтимоие, ки арабҳо ба сар мебурдан, бар "ваҳйи илоҳӣ", аз калимаи тавҳид "Ло-илоҳа илла-л-Лоҳ" ғолиб омад.

Сохтори иҷтимоии Нимаҷазираи Арабистон дар садаи XVII, ҳамоно, ба сохтори иҷтимоии араб дар садаи VII шабоҳат дошт, ҳаёти фарҳангӣ-маънавӣ, аз ҷумла эътиқодоти динии он бо эътиқодоти динии садаи VII қариб мусовӣ буд. Ҳарчанд Нимҷазираи Арабистон бо мамолики Шарқи Наздику Миёна муносибатҳои иқтисодию сиёсӣ ва фарҳангӣ дошт, аммо аз нигоҳи сохтори иҷтимоӣ аз ин мамолик (яъне ҳанӯз устувор будани сохтори қабилавӣ дар Нимҷазираи Арабистон) фарқ дошт. Сохтори қабилавӣ ҳанӯз устувор буд, онро шайх роҳбарӣ мекард, қабилаҳо эътиқодоту одатҳои хоси худро доштанд. Эътиқоди як қисми аҳолии Нимҷазираи Арабистон ба эътиқоди сокинони ҷомеаи "замони ҷоҳилия" монанд буд. Парастиши ашёю ашхоси муқаддас паҳн шуда, боқимондаҳои ширку бутпарастӣ низ ҷой доштанд, ки Арабистони садаи XVIII-ро бо Арабистони замони зуҳури ислом хеле ба

[388] Васильев, А. М. Пуритане ислама? Ваххабизм и первое государство сасанидов в Аравии 1744/45-1818) [Текст] / А. М. Васильев // Отв. Ред. Иванов Н. А. - М.: Наука, 1967. -С. 35, 262.
[389] Першиц, А.И. Хозяйство и общественно-политический строй Северной Аравии в 19 - первой трети 20 веков. М.: АН СССР Год издания, 1961. -С.37.

ҳам монанд месохт. Дар Арабистони Ғарбӣ ҳатто қабилаҳое буданд, ки аз ислом хабар надоштанд. Масалан, сайёҳи финландӣ Г. Валмен доир ба вазъи динии арабҳо дар садаи XIX маълумот дода, чунин мегӯяд: "яке аз қабилаҳои Арабистони Ғарбӣ умуман намедонистанд, ки ба кадом дин пайравӣ мекунанд. Ягон узви ин қабила расму оин ва одати исломро риоя намекард ё майдатарин тасаввуротро доир ба ислом надошт".[390] Чуноне ки дар ибтидои садаи VII дар Нимҷазираи Арабистон парастиши гиёҳу растаниҳо ҷой дошт, дар замони зуҳури ваҳҳобия низ чунин парастишҳо дар миёни арабҳо ривоҷ ёфта буданд. Аз ҷумла, дар минтақаи Фида растании хурмо хеле паҳн шуда буд. Мардону занон дарахтони нахлро зиёрат карда, занҳо барои оиладоршавӣ кӯмак расониданро аз он талаб мекарданд. Бо ин ният занҳо бадани худро ба нахли хурмо молиш дода, мегуфтанд: "мехоҳам ба шавҳар бароям". Дар атрофи нахл чарх зада дар он асбобҳои ороиши худро меовехтанд.[391] Дар маҳалли Харҷ бошад шахси "муқаддас" бо номи Тоҷ зиндагӣ мекардааст ва кӯр будааст, ҳатто ҳукуматдорон ба зиёрати ӯ мерафтаанд. Ба боварии арабҳо дар Ҷидда гӯё мазори Ҳаво вуҷуд доштааст. Дар он ҷо ибодатхона низ сохтаанд ва ашхоси муфлисшуда, қарздорон ва ҳатто куздон ба он ҷо барои зиёрат омада, паноҳ низ мебурдаанд. Дар болои қабри ашхоси "муқаддас" ҳар гуна қурбониҳо анҷом медодаанд.[392] Ҷодугарӣ, парастиши рӯҳу ҷинҳо, парастиши гузаштагон, ки қабл аз ислом дар байни тамоми қабоили араб паҳн шуда буданд, низ дар давраи пайдоиши ваҳҳобия аз нав ривоҷ ёфта буданд, ки ҳама ба идеяи тавҳиди исломӣ ихтилоф дошта, мақоми исломро дар ҷомеаи араб маҳдуд мекард.

Дар айни замон, дар баробари он, ки динҳои ширку бутпарастӣ дар Нимҷазира баъди густариши ислом дар садаҳои охир аз нав

---

[390] Wallin, G. A. Notes taken during a jourough of North ern Arabia in 1848/ G. A. Wallin// - London.: Journal of Royal Geografic Society of London, 1850. P. 27
[391] Ҳусайн бини Ғанноми Муҳаққиқ. Таърихи Наҷд. Бейрут.: Дору-л-нашруқ ал-арабия, 1410 (1994). -С.5-13 (607с
[392] Васильев, А. М. Пуритане ислама? Ваххабизм и первое государство сасанидов в Аравии 1744/45-1818) [Текст] / А. М. Васильев // Отв. Ред. Иванов Н. А. - М.: Наука, 1967. -С.97

паҳншуда буданд, дар баъзе минтақаҳои Арабистон мазҳаби ҳанбалия низ паҳн шуда буд ва бо динҳои ширку бутпарастӣ ихтилофи сахт дошта, рӯҳи арабии исломро ҳифз ва ба манфиати синфи феодал хизмат мекард. Ин ҳолат сабабҳои худро дошт. Аз нигоҳи прогресси таърихӣ Арабистони Марказӣ (Ҳиҷоз) минтақаи қафомондаи Шарқи Наздик ба ҳисоб мерафт. Дар ин минтақа тақсимоти синфӣ ҳанӯз заиф буд, сатҳи сохтори ҷамъиятии Ҳиҷоз дар садаи XVIII аз сатҳи сохтори ҷамъиятии замони зуҳури ислом, яъне ҷомеаи истеъмолии содда (ҷомеае, ки ҳанӯз ба синфҳо ҷудо нашуда буданд) хеле кам фарқ мекард.

Он таълимоти исломи ибтидоӣ, ки дар оғози густариши он ташаккул ёфта буд, дар худ муносибатҳои ҷамъиятии Ҳиҷози ҳамонвақтаро аз нигоҳи идеологӣ инъикос менамуд ва фиқҳи соддалавҳонаи он ба ҳадисҳои паёмбар такя мекард. Таълимоти ҳанбалия, ки дар худ танҳо исломи ибтидоии гӯё ҳанӯз поку олуданашударо инъикос мекард, ба талаботҳои ҷомеаи Арабистони Марказӣ ҷавобгӯ буд. Аммо ин маънои онро надошт, ки дар минтақае, ки мазҳаби ҳанбалия паҳн шудааст, унсурҳои динҳои ширку бутпарастӣ умуман ҷой надошта бошанд. Албатта, ин тавр набуд. Унсурҳои ширку бутпарастӣ дар минтақаи Наҷд низ ҷой доштанд, вале дар нисбати минтақаи дигар, аз ҷумла Ҳиҷоз, онҳо камтар буданд. Хулоса, манзараи ҳаёти маънавии Арабистон дар давраи пайдоиши ваҳҳобия хеле зиддиятнок ва гуногунранг буд. Дар Нимҷазираи Арабистон дар қатори ширку бутпарастӣ ва мазҳаби ҳанбалия фирқаву ҷараёнҳои дигари исломӣ, ба мисли фирқаҳои ибодия, зайдия, қарматия, ҳатто оини собеин низ ҷой доштанд.

Таълимоти динии Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб маҳз дар заминаи ҳамин муҳити маънавӣ, ки таҷассумкунандаи ҳаёти мураккаби иқтисодӣ-иҷтимоӣ, парокандагии қабилавӣ-феодалӣ, фақру бенавоӣ ва ғайра буд, тавлид ва ташаккул ёфтааст. Вазъияти бавуҷудомада ба ҳолатҳои

равонию рӯҳии араб, ки замоне ба туфайли хилофати доманадоре соҳиби қудрати сиёсиву иқтисодӣ буд, таъсири зиёде мегузошт. Махсусан дар зери нуфузи султони турк қарор доштан ба рӯҳи озодихоҳии араб созгор набуд. Ҳамаи ин омилҳои равонӣ, иҷтимоӣ, албатта, ғуруру ифтихори миллии арабро бедор месохт ва зуҳури исломи сиёсии навро тақозо мекард ва он дар фаъолияти ваҳҳобиён бо унвони "исломи ноб" арзи ҳастӣ кард.

Бо далели он ки ваҳҳобия идеяи бозгашт ба исломи замони паёмбару хулафои ба ном "рошид", яъне "исломи ноб"-ро тарғиб мекард, баъзе муҳаққиқон онро ҳаракати эҳё номиданд ва бо протестантизми насроният муқоиса карданд. Аз ин ҷост, ки асари А. М. Василев "Пуритане ислама?" ном гирифтааст ва исломшинос Л. Климович ваҳҳобияро "як навъ ҷараёни протестантӣ дар ислом"[393] номидааст. Ҳол он ки худи ваҳҳобиён хешро "муваҳҳидун" (тавҳидгароён) номиданд, ки гӯё хоси исломи замони се насли мусулмонони ибтидоӣ буда, танҳо ба таълимоти Қуръону суннат такя намудааст ва аз ҳар гуна олудагиҳо тоза мебошад. Ба ақидаи онҳо, гӯё баъдан исломи муҳаммадӣ дар натиҷаи ворид шудани "навоварӣ"-ҳо ба он олудаю вайрон шудааст. Бозгашт ба он исломро ваҳҳобиён ҳадафи хеш медонанд. Онҳо барои он худро "муваҳҳиддун" меноманд, ки гӯё исломи замони паёмбару саҳобагон ва тобеин хусусияти сирф тавҳидӣ дошта, аз ҳар гуна унсурҳои баъдинаи ширку бутпарастӣ тоза будааст, вале онро наслҳои баъдинаи мусулмонон вайрон карданд ва маҳз ваҳҳобиёнанд, ки гӯё ҳамон "исломи ноб"-ро аз нав эҳё менамоянд.

Асосгузори ҳаракати ваҳҳобия Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб дар соли 1703/04 дар Наҷд, дар маҳалли Уяйнаи минтақаи Наҷд таваллуд шуда,[394] падараш Абдулваҳҳоб ибни Сулаймон дар вазифаи қозӣ фаъолият мекардааст. Ӯ аз хурдсолӣ Қуръон ва суннатро омӯхта, онҳоро

[393] Климович, Л.И. Ислам [Текст] Л.И. Климович. -М.: Академии Наук СССР, 1962. -С. 36.
[394] Ҳусайн, бини Ғанноми Муҳаққиқ. Таърихи Наҷд. Бейрут.: Дору-л-нашруқ ал-арабия, 1410 (1994). -С.25

тафсир низ мекард. Муҳаммад дар айёми наврас будан маросими ҳаҷро иҷро карда, баъди он бисёр маҳаллаҳо ва шаҳрҳои Арабистону Сурияю Эронро саёҳат намуда, ба ақидаи баъзе аз муаррихон дар Эрон ҳатто фалсафаи Арастуро омӯхта, мазҳаби ҳанбалияро қабул кардааст. Аммо муҳаққиқ А. М. Василев дар Эрон аз ҷониби Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб омӯхтани фалсафаи Арасту ва қабул кардани мазҳаби ҳанбалияро рад кардааст.[395] Ӯ дар Мадина дар назди устодаш Абдуллоҳ ибни Иброҳим ибни Сайидо аз ҳавзаи Маҷмаа таълим гирифтааст. Аз ибни Ғаннон ривояте ҳаст, ки боре устодаш Абдуллоҳ ибни Иброҳим ибни Сайидо ба ӯ гуфтааст: “Мехоҳӣ, ман ба ту аслиҳаи барои Маҷмаа омода кардаамро нишон диҳам” ва гирифта ба хонааш мебарад. Устодаш ба ӯ китобҳои зиёдеро нишон дода, мегӯяд: “ Мана он чизе, ки мо барои вай тайёр кардем”.[396] Ибни Абдулваҳҳоб ин ҳодисаро чунин дармеёбад, ки устодаш кадом як “аслиҳаи идеологӣ”-ро омода сохтааст, то ки ба муқобили он динҳое, ки дар минтақа паҳн шудаанд, мубориза баранд. Шиносоӣ бо ин китобхонаи устодаш ба ӯ таъсири сахт гузоштааст. Ӯ баъдан ба ш. Басра рафта ва дар ҳамон ҷо тарғиби таълимоти худ дар бораи бозгашт ба исломи ибтидоӣ ва талаботҳои “тавҳиди соф”-ро тарғиб намуд, вале фаъолияти ӯ аз ҷониби рӯҳонияти Басра мавриди пазириш қарор нагирифт ва ӯро аз Басра ронданд. Ибни Абдулваҳҳоб ба минтақаи Наҷд баргашта, ба тарғиби таълимоти худ машғул гашт ва “Китоби тавҳид”-ро навишт. Ақидаҳои ӯ дар Уяйна, Дорий, Манфух ва дигар маҳалҳо ҷонибдорони худро пайдо намуд. Баъди фавти падараш, ки қозии Наҷд буд, вазифаи қозигиро қабул карда, дар як вақт ба тарғиби таълимоти хеш пардохт.

Ӯ ба минтақаву шаҳрҳои Нимҷазираи Арабистон ва кишварҳои ҳамсоя бисёр сафар намудааст. Ин саёҳату мусофиратҳо ба ҷаҳонбинии ӯ

---

[395] Васильев, А. М. Пуритане ислама? Ваххабизм и первое государство сасанидов в Аравии 1744/45-1818) [Текст] / А. М. Васильев // Отв. Ред. Иванов Н. А. - М.: Наука, 1967. -С. 88

[396] Ҳусайн, бини Ғанноми Муҳаққиқ. Таърихи Наҷд [Матн] / Муҳаққиқ Ҳ.б.Ғ.- Бейрут.: Дору-л-нашруқ ал-арабия, 1410 (1994). - С.7.

таъсири калон расонида, ӯро бо эътиқодоту парастишҳои мардумони ин кишварҳо, ки асосан мусулмононанд, ошно сохт ва ниҳоят ӯ тавонист, ки муносибатҳои худро ба онҳо муайян намояд, илми илоҳиёту тафсири Қуръону суннатро омӯзад, далелҳои зиёдро барои коркарди таълимоти худ ҷамъ оварад. Вале таъкид бояд кард, ки дар ташаккули ҷаҳонбинии ӯ пеш аз ҳама исломи суннатӣ, ки идеологияи расмии давлатҳои асримиёнагии мусулмонӣ буданд, таъсир гузоштааст. Ӯ худ низ дуруст дарк карда буд, ки манфиатҳои этникӣ-сиёсии араб маҳз дар ҳамин исломи суннатӣ, ба хусус исломи суннатии ибтидоӣ мафҳузанд, маҳз ҳамин ислом метавонад минбаъд низ манфиатҳои арабро бо роҳи нигоҳ доштани рӯҳи арабии ислом ҳифз намояд.

Аз таҷрибаи таърихӣ пайдост, ки дар асрҳои миёна, ки илоҳиёту дин ягона идеологияи расмии ҷомеа буд ва ҳамаи шаклҳои дигари шуури ҷамъиятӣ дар хизмати дину илоҳиёт қарор доштанд, ҳама гуна ҳаракатҳои иҷтимоию сиёсӣ низ дар зери парчами дин зуҳур меёфтанд. Махсусан дар кишварҳои қафомонда тавассути дин ба ҳаракатҳои иҷтимоию сиёсӣ ҷалб сохтани мардуми авом хеле осонтар аст. Намунаи барҷастаи он ҳаракати ваҳҳобия аст, ки дар қафомондатарин минтақаи ҷаҳони ислом, яъне ҳамон минтақаи Ҳиҷози Арабистон, ки дар замони пайдоиши ислом қафомондатарин минтақа на танҳо дар Арабистон, ҳамчунин дар тамоми Шарқи Наздик буд, дар садаи XVIII зуҳур ёфт. Сониян, муқоисаи ҳаракатҳои иҷтимоию сиёсие, ки зери нуфузи дин дар ҷомеаҳои мухталиф ба вуҷуд омаданд, аз рӯи хусусиятҳояшон фарқ доранд. Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки ҳаракатҳои иҷтимоию сиёсии дар зери парчами дин дар кишварҳои қафомонда зуҳур карда, бештар хусусияти сиёсӣ дошта ва дар айни замон бо ҳамин хусусият бештар ҷанбаи иртиҷоӣ низ касб намудаанд. Аммо ин хоси ҳаракатҳои иҷтимоию сиёсие, ки дар зери парчами дин дар кишварҳои пешрафтатар ба вуҷуд омаданд, нест. Мисоли равшани он муқоисаи ваҳҳобия бо

протестанизми Аврупои Ғарбӣ мебошад, ҳарчанд баъзе муҳаққиқон ба мисли Л. Корансез ваҳҳобияро протестантизм дар ислом номидаанд. Аммо А. М. Василев тасдиқ менамояд, ки ҳаракати ваҳҳобия танҳо зоҳиран ба реформатсияи Аврупои Ғарбӣ шабоҳат дорад, вале аз рӯи моҳият ва ҷанбаҳои сиёсии худ онҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Ба андешаи мо, шабоҳат дар байни ин ду ҳаракати иҷтимоию сиёсӣ  дар он аст, ки ҳарду дар муқобили эътиқодоти динии дар калисо вуҷуддошта, яъне протестантизм ба муқобили калисои католикӣ, ваҳҳобия алайҳи эътиқодоти ширку бутпарастӣ ва исломи суннатие, ки ба фирқаву мазҳабҳо тақсим шудааст, зуҳур кардаанд. Аммо дар кул миёни ин ду падида фарқиятҳои ҷиддие мавҷуданд, ки “шабоҳат”-и зоҳирии онҳоро аз байн мебаранд.

Аввал ин, ки протестантизм дар заминаи пайдоиш ва рушди ҷомеаи буржуазӣ ҳамчун ифодакунандаи манофеи буржуазияи Аврупои Ғарбӣ ба вуҷуд омадааст. Аммо ваҳҳобия бошад дар муҳити ҷомеае қомат афрохтааст, ки аз нигоҳи иқтисодӣ-иҷтимоӣ, фарҳангӣ-динӣ ва сиёсӣ ақибмонда ва пароканда буда, дар он  муносибатҳои қабилавӣ-феодалӣ хеле устувор мебошад. Дар ин ҷомеа исломи суннатӣ идеологияи феодализми қабилавӣ буд.

Дуюм ин, ки протестантизм на ба мақсади ҳифзи насронияти ибтидоии суннатӣ, (католитсизм)-и суннатӣ, балки бо мақсади мусоидат кардан ба рушди ҷомеаи сармоядорӣ тавлид ёфтааст, ки аҳамияти онро дар рушди капитализми Аврупои Ғарбӣ Макс Вебер дар китобаш “Ахлоқии протестантӣ ва рӯҳи капитализм” нишон додааст.

Сеюм ин, ки протестантизм нақши миёнаравии калисоро дар байни Худову инсон аз байн бурда, муносибати инсонро бо Худо озод гузошт, ки он минбаъд ба ҳалли масъалаҳои озодии инсон дар интихоби дин, рушди илмҳои дунявӣ, ҷудоии ташкилотҳои динӣ аз давлат замина гузошт. Вале ваҳҳобия ба ҷои принсипи муносибати озоди инсон бо

Худо ғояи “тавҳид”-ро ҳамчун асли муносибат ба масъалаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ба асос гирифта, ҳуқуқи инсонро дар муносибат ба Худо маҳдуд сохт, то ҳадде, ки агар касе ақидаи ваҳҳобияро қабул надорад, ба куфр гунаҳгор дониста мешуд. Идеяи тавҳид дар ваҳҳобия оқибат бо идеяҳои “такфир”-у “ҷиҳод” пайваст шуда, онро ба як ҷараёни экстремистӣ-террористӣ табдил дод. Ғояи “исломи ноб”-и ваҳҳобия имрӯз дар боздории ҷаҳони ислом аз тараққиёти илмӣ-технологии замони муосир муассир мебошад.

Барои ошкор сохтани моҳияти иртиҷоии идеяи “исломи ноб”-и ваҳҳобия як нуқтаи муҳимро бояд ёдовар шуд. Он “исломи ноб”-е, ки ваҳҳобиён мардумро ба он даъват менамоянд, ҳамон исломест, ки дар садаи VII дар заминаи муносибатҳои қабилавӣ-феодалии ҷомеаи араб пайдо шудааст ва хусусияти сирф арабӣ дорад, зеро дар он ба ҷуз манфиати араб бо мақсади бунёди давлати ягона ва хилофат, ки манфиатҳои геосиёсӣ ва геоиқтисодии арабро ифода мекард ва дар Қуръону суннат инъикос ёфтанд, манфиати ягон халқи истилошуда ва мусулмонгардида таҷассум наёфтааст. Ҳамчунин қоидаву меъёрҳое, ки дар исломи ибтидоӣ коркард шуда буданд, натавонистанд талаботҳои халқҳои пешрафтаи мусулмоншударо ба мисли мардумони эронитабор, римӣ, мисрӣ ва ғайра қонеъ созанд. Бинобар он, бо мақсади мутобиқ сохтани ислом ба муҳити иҷтимоӣ-фарҳангии халқҳои нисбатан пешрафта муҳаддисону уламои ислом миқдори зиёди ҳадисҳоеро дар бораи ҳаёту фаъолияти пайғамбар сохтанд ва кодекси рафтору ақоидеро муқаррар карданд, ки гӯё ба рафтору афкору пайғамбар асос ёфтаанд ва ин кодексро “суннат” номиданд. Беҳуда нест, ки илми ҳадисшиносӣ ба вуҷуд омад, то ки ҳадисҳои саҳеҳро аз дигар навъи онҳо ҷудо созад. Ҳарчанд кодификатсияи кодексҳо дар садаи X анҷом ёфт, вале дар байни онҳо ҳадисҳои нофаҳму ихтилофнок зиёд буданд. Ҳамчунин ҳадисҳои саҳеҳро дар кишварҳои мухталиф дар давраҳои гуногун ба тарзи гуногун

тафсир мекарданд. Дар натиҷа ҳар кадом равия ё фирқаи динӣ дар ҳалли масъалаҳо ҳамон ҳадисҳоеро дарёб ва истифода мекард, ки ба манфиат ва ақидаашон ҷавобгӯ бошанд. Қуръонро низ ба ҳамин усул тафсир ва истифода менамуданд.[397]

Аммо маълум аст, ки ҳарчанд "суннат" анъанаҳои шахшударо инъикос мекард, вале дар зери фишори шароити зиндагии тағйирёбанда ҳамагуна анъана, расму одат метавонад тағйир ёбад ва бо суннат ихтилоф намояд. Дар натиҷа анъана ба навовариҳои дар низоми зиндагии тағйирёфта ба вуҷуд омада мувофиқ наомада, аз нигоҳи суннати шахшуда дар биниши динӣ "бидъат" арзёбӣ мегарданд. Махсусан, "навоварӣ"-ҳое, ки ҳанӯз тавассути "иҷмоъ"-и фақеҳон равшан нагардидаанд, бештар ба суннат мухолиф дониста мешуданд. Зери истилоҳи "навоварӣ" одатан андешаву амалу рафторҳо дохил мешуданд, ки ҳанӯз таҷриба нашудаанд ё худ онҳо қаблан барои мусулмонон маълум набуданд, дар меъёрҳои муқарраркардаи шариат ҷой надоштанд. Ба ақидаи баъзе аз муҳаддисон, гӯё паёмбари ислом дар яке аз мавъизаҳои охирони хеш мусулмононро ба пайравӣ кардан аз суннати худ ва халифаҳое, ки пас аз ӯ мусулмононро роҳбарӣ мекунанд, даъват намуда гуфтааст: аз ҳаргуна навоварӣ дар дин пешгирӣ намоед. Дар воқеъ, ҳар кадом навоварие, ки ба асосҳои дин ва амалияи динии мусулмонон тааллуқ дорад ва ошкоро ба аҳкоми исломӣ ихтилоф мекунад, ин навоварӣ (бидъат) буда, дар айни замон навоварӣ - ин берун рафтан аз роҳи ҳақ мебошад.[398]

Аз ин нигоҳ, ақидаи муфассирони ислом ин аст, ки бидъат ҳамин гуна андешаи нав аст, ки қаблан дар дин набуд ва аз матни Қуръону суннат ва суханҳои илоҳиётшиносон, аз ҷумла саҳобагони паёмбар,

[397] Васильев, А. М. Пуритане ислама? Ваххабизм и первое государство сасанидов в Аравии 1744/45-1818) [Текст] / А. М. Васильев // Отв. Ред. Иванов Н. А. - М.: Наука, 1967. -С. 90-91
[398] Сунани Абудовуд. Ҳадиси №4607

барнамеояд[399]. Хулоса, агар аз нигоҳи мантиқ ба масъала назар афканем, “бидъат” як навъ аксуламал ба ҳаёти ҷамъиятии тағйирёфта, ба воқеияти атроф ва мутобиқ шудан ба талаботҳои замон дар макон ё худ минтақаи муайян мебошад. Бояд таъкид намуд, ки дар таърихи ислом муборизаи суннат бо “навоварӣ” ё “бидъат” дар бахши аркони дин ба андозаи зиёд вуҷуд доштанд. Худи зуҳури чор мазҳаб дар исломи суннатӣ далелест доир ба муборизаи байни суннату навоварӣ. Агар баъзе мактабҳои фиқҳӣ (мазҳаб) бо мақсади густариши ислом кӯшиши ба шароити маҳал мутобиқ кардани исломро пеша карда бошанд, ба мисли ҳанафия, баъзеи дигар мактабҳои фиқҳӣ ба мисли ҳанбалия кӯшидаанд, ки рӯҳи ибтидоии исломро ҳифз намоянд ва ин маънои мубориза бо навовариро дошт. Аз байни мазҳабҳо, агар нисбат ба бидъат бештар мазҳаби ҳанафӣ таҳамулпазирона муносибат карда бошад, сахтгиртар ё ифротитарин муносибат ба бидъат аз ҷониби мазҳаби ҳанбалия сурат гирифтааст. Аломати муҳими мазҳаби ҳанбалия инкори навоварӣ мебошад, ки бо ҳамин хусусияташ минбаъд он тавонист, яке аз сарчашмаҳои ғоявии муҳими таълимоти иртиҷоии ваҳҳобия гардад. Аз ин рӯ, дар масъалаи хусусияти “фавқулортодоксалӣ” касб кардани исломи суннатӣ нақши ҳанбалия калон аст.[400]

Илоҳиётшиносони муосири ислом кӯшидаанд, ки ду навъи навовариро эътироф намоянд. Якум, навовариҳое, ки ба асли Қуръону суннат, ба қонунҳои шариат ихтилоф надоранд, дуюм навовариҳое, ки мусулмононро аз роҳи ҳақ дур месозанд.[401] Вале барои ибни Абдулваҳҳоб ҳамагуна навоварӣ дар дин “бидъат”, ҳатто “куфр” ба ҳисоб меравад.

---

[399] Аляутдинов, Шамиль Рифатович. Хадисы: высказывания пророка Мухаммада. Богословский перевод и комментарии Шамиля Аляутдинова [Текст] / Рифатович А.Ш // Переводчик Аляутдинов Шамиль Рифатович.- Москва-Санкт-Петербург.: Диля, 2018. -С. 301-302ю

[400] Васильев, А. М. Пуритане ислама? Ваххабизм и первое государство сасанидов в Аравии 1744/45-1818) [Текст] / А. М. Васильев // Отв. Ред. Иванов Н. А. - М.: Наука, 1967. -С. 92

[401] Аляутдинов, Шамиль Рифатович. Хадисы: высказывания пророка Мухаммада. Богословский перевод и комментарии Шамиля Аляутдинова [Текст] / Рифатович А.Ш // Переводчик Аляутдинов Шамиль Рифатович.- Москва-Санкт-Петербург.: Диля, 2018. -С.302

Яке аз “навоварӣ”-ҳое, ки ба ислом ворид шуда, унвони “бидъат”-ро ба худ гирифт, “парастиши муқаддасот” мебошад. Аммо бояд гуфт, ки “парастиши муқаддасот” дар ислом ҳодисаи тасодуфӣ набуда, сабаби воқеӣ дорад. Парастиши муқаддасот дар ислом падидаи комилан нав нест. Бисёр муқаддасот қабл аз ислом дар ҳаёти динӣ-фарҳангии мардуми мусулмон вуҷуд доштанд. Ислом бо вуҷуди даъвои дини тавҳидӣ доштанаш онро аз байн набурдааст. То ба имрӯз ёрони пайғамбар, ки дар таърихи ислом ба унвони “саҳобагони киром” ё “хулафои рошид” маълуманд, барои мусалмонон ашхоси “муқаддас” ба ҳисоб мераванд. Ҳар мусулмоне, ки нисбати онҳо сухани нодурустро раво бинад, то ба имрӯз аз ҷониби рӯҳонияти суннатӣ на танҳо аз аҳли “бидъат”, ҳатто аз аҳли “куффор” ҳисобида мешаванд.

Баъди саҳобагон ҷойи онҳоро тобеин иваз карданд, ки низ барои мусулмонон ашхоси муътабару бонуфуз буда, назди диндорон мартабаи баланд доранд. Вақте ки ислом дар кишварҳои гуногун густариш ёфт, дар ҳар минтақа мубаллиғони исломӣ пайдо шуданд, ки мардумро ба ислом даъват мекарданд ва оқибат онҳо дар байни диндорон ҳамчун шахсони муқаддас машҳур гардида, объекти парастиши динии авом шуданд, яъне дар маҳалҳо саҳобагону тобеинро ҳамин мубаллиғон иваз карданд, ки баъдан мазори онҳо ба зиёратгоҳи мардуми авоми диндор табдил ёфта, ин ҳолат тавонист исломро дар як вақт ба як дини одатӣ табдил диҳад. Мубориза кардан бо ин “муқаддасот” корест басо мушкил. Аммо ибни Абдулваҳҳоб ба хотири татбиқи “исломи ноб”, ки тавҳид масъалаи калидии он аст, “парастиши муқаддасот”-ро амали ширк (шарик овардан ба Аллоҳ) ҳисобида, бо он мубориза бурд. Ва аз ҳамин нигоҳ ваҳҳобиён бо тариқати сӯфия низ мубориза карданд, чунки бисёр парастишҳое, ки дар исломи одатӣ ё мардумӣ ривоҷ ёфта буданд, маҳз мазори пирони ҳамин тариқати сӯфия ба ҳисоб мераванд, ки ба ақидаи ваҳҳобиён ба тавҳид ихтилоф доранд.

Ҳарчанд дар империяи туркони Усмонӣ исломи расмӣ мазҳаби ҳанафӣ буд ва рӯҳонияти суннатӣ дар низоми идории давлат нақши муҳим доштанд, дар як вақт дар империя шабакии тариқатҳои дарвешии сӯфия ривоҷ ёфта буданд, ба мисли тариқатҳои дарвешии бектошӣ. Сӯфиҳо идеяҳои тақдирпарастӣ ва беиродагиро тарғиб мекарданд, ки рӯҳияи озодихоҳии диндоронро заиф месохт. Ин гуна идеяҳои сӯфияро рӯҳонияти аҳли суннату ҷамоат низ дастгирӣ мекарданд. Сӯфиҳо мусиқиро тарғиб карда, худ машруботи масткунанда - тамоку ва нашъа истеъмол намуда, ба астрология ва амалҳои сеҳру ҷоду машғул шуда, гӯё пешгӯиҳо низ карда, ба мардум "каромот" нишон медоданд. Мутакаллимон ба ин амалҳои сӯфиён ақлониятро муқобил гузошта, каромоту муъҷизаро фақат хоси пайғамбарон медонистанд. Зиддияти байни калому сӯфия дар масъалаи фаҳмиши каромоту муъҷиза ифодакунандаи мубориаи ратсионализму ирратсионализм дар асрҳои миёна буд.

Воқеан, сӯфиҳо ба "ашхоси муқаддас" ба мисли авлиёю шайх қобилияти эҷод кардани муъҷизаро нисбат медоданд ва бо ҳамин усул мардуми бемаърифатро ба худ ҷалб месохтанд. Аҳли тасаввуф шинохти ҳақиқати илоҳиро танҳо тавассути ҳадс (интуитсия) имконпазир дониста, бо тарзу усулҳои мухталиф худро ба ҳолати ваҷд (экстаз) мерасониданд, то ки бо Худо васл гарданд. "Ба ақидаи муридон (муридони шайхҳо - Н. Қ.) ва мардуми оддӣ шайхҳо одамони ба Худо наздик дониста мешуданд, ки хислати нишон додани каромот, пешгӯии ҳодисаҳо ва ҳидоят ба роҳи расидан ба холиқро доштанд".[402]

Дар садаи Х1 Ғаззолӣ баъзе унсурҳои сӯфия, ба хусус ишқи ирфониро тарғиб ва бо ғояҳои ақлгароӣ созиш дод. Аз ин ҷост, ки ваҳҳобиёни муосир, яъне салафиён Ғаззолиро барои таваҷҷуҳаш ба ирфон аз аҳли "куфр" медонанд. Ваҳҳобиён сӯфияро, ки дар қаламрави

[402] Кароматулло, Олимов. Тасаввуфи Хуросон ва Мовароуннаҳр дар асрҳои Х-ХII [Матн] Олимов К.- Душанбе.: Ирфон, -2019. - С.229

империяи Туркони Усмонӣ паҳн шуда, бо мазҳаби ҳанафӣ омезиш ёфта буд, исломи туркшуда меҳисобиданд ва барои ваҳҳобиён ин падида “навоварӣ” (бидъат) ба ҳисоб меравад. Аз ҷониби ваҳҳобия маҳкум шудани парастиши ҷою ашхоси муқаддас пеш аз ҳама ба муқобили сӯфия нигаронида шудааст. Дар баробари инкори парастиши ашёю ашхос ва ҷойҳои “муқаддас” ваҳҳобия мусиқӣ, овозхонӣ, рақс, истифодаи тамокую ҳашишро, ки ба сӯфиён низ рабт дошт, гуноҳи бузург донистанд. Бо ҳамин усул онҳо амалан исломи суннии замони туркони Усмониро рад мекарданд, ки ин маънои инкори мазҳаби ҳанафиро низ дошт, ҳарчанд Абдулваҳҳоб расман бо Имоми Аъзам ва таълимоти ӯ мухолифате нишон надодааст. Аз ҷониби ваҳҳобиён қабул надоштани исломи суннии Усмониҳо ин маънои онро дошт, ки ҳукумати туркони Усмонӣ, ба вижа, дар Арабистон ҳукумати “куфр,” ғайриқонунӣ, зиддиисломӣ аст. Ин андеша минбаъд аз ҷониби салафияи ифротӣ барои мазҳаби ҳанафиро ба “бидъат”-у “куфр” гунаҳкор кардан ҳамчун заминаи ғоявӣ хизмат кард. Ҳол он ки таълимоти каломӣ-фиқҳӣ ё мазҳаби ҳанафӣ аз аввалин мазҳабҳоест, ки дар хомӯш сохтани буҳрони сиёсӣ ва маънавии хилофати Аббосиён нақши муҳим бозида, ба хусусияти ақлгароӣ ва таҳаммулпазирӣ касб кардани ислом мусоидат кардааст.

Таълимоти динию ахлоқии ҳанафия имрӯз низ метавонад дар пешгирӣ кардан аз паҳншавии экстремизму терроризми динӣ саҳм дошта бошад. Аз ин ҷост, ки салафиёни ифротӣ кӯшиш доранд мақому нуфузи мазҳаби ҳанафиро дар қаламрави ҷаҳони ислом, аз ҷумла Осиёи Марказӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷузъе аз он аст, маҳдуд созанд. Ҳамин тариқ, дар кул дар тӯли асрҳои миёна  эътиқодоти исломи суннатӣ дар шакле ташаккул ёфт, ки низоми идеологии он дар худ на танҳо дин ва ҷанбаҳои маросимию одатии он, ҳамзамон фалсафаю ҳуқуқ, таълимотҳои сиёсию иҷтимоӣ ва ахлоқиро фаро гирифт, ки он аз

ҷониби ҷараёни ваҳҳобия ҳамчун “навоварӣ” дар ислом, “бидъат” дониста шуд.

Ибни Абдулваҳҳоб чунин меҳисобид, ки мардуми араб исломро фаромӯш кардаанд. Дар натиҷа ахлоқ коста шуда, боиси бенизомии иқтисодӣ ва сиёсӣ низ гардидааст. Барои ҷомеаро аз ин буҳрони ҳамаро фарогир берун овардан, бояд исломро аз ҳар гуна олудагиҳо тоза кард, чуноне ки паёмбар Муҳаммад бо роҳи эҷоди ислом ҷомеаи парокандаву дар ҷаҳолат фурӯ рафтаи арабро дар садаи VII берун кашида буд. Албатта, ба ин ақидаи Ибни Абдулваҳҳоб наметавон розӣ шуд, зероривоҷи ширку бутпарастӣ ва ақибнишинӣ аз ислом дар Арабистон дар садаи XVIII рух надодааст. Бояд гуфт, ки ҳарчанд ислом ҳамчун падидаи нав дар миёни араб дар садаи VII зуҳур кард, вале он дар ибтидо бештар як падидаи сиёсӣ буда, барои қонеъ сохтани манфиатҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва сиёсии араб ва барои аз зиндагии сахти биёбонӣ берун кашидани онҳо пиёда мегардид ва  орзуи пайғамбари ислом барои истило кардани кишварҳои дигар, ҷамъ овардани ғанимат, ба асорат гирифтани асирони зиёд ва ғасб гардидани  маҳалҳои ободу ҳосилхез амалӣ шуд. Дар он вақт ҳанӯз меъёрҳои ахлоқии ислом, муқаррароти ҳуқуқию институтҳои он коркард нагардида, ташаккул наёфта буданд. Дар ибтидои густариши ислом ин масъала барои араб ҳанӯз аҳамияти хос низ надошт. Бинобар он, на ҳамаи он арабҳое, ки дар кишварҳои дигар тохтутоз мекарданд, мусулмони воқеӣ буданд ва баъди ба ватани хеш баргаштанашон қисме аз онҳо, чун ислом дар қалбу мафкураашон решаи амиқ надошт, боз ба ҳамон динҳои қабл аз исломии хеш баргаштанд, бахусус дар маҳалҳое, ки пурра тарзи зиндагии бадавӣ ҳукмрон буд ва дар он муҳити табиию иҷтимоӣ ислом ҳанӯз ҷойгоҳи хос надошт. Вагарна, агар ислом дар ҳаёти ҳамаи аъроб ҷойгоҳи хос медошт, имкон надошт, ки баъди бозгашт ба ватани хеш ба осонӣ аз нав ба ширку бутпарастӣ баргарданд.

Зиёда аз ин, бояд таъкид сохт, ки ислом барои араб дар он даврае, ки мо замони се насли ибтидоии салаф меномем, вазифаашро асосан иҷро карда буд, яъне вазифаи таъсис додани давлати ягонаи араб (Умма) ва хилофат. Маҳз мардумони Аҷам, бахусус халқҳои эронитабор, ки дар натиҷаи истилои араб аз сиёсат берун монда буданд, баъди мусулмон шудан бо мақсади ҳифзи номусу нишон додани афзалияти хеш аз араб майдони дину илмро интихоб карда, исломи сиёсиро ба як дини воқеӣ табдил дода, то ҷое густариш доданд, ки дар ҳамин замина фарҳанги тозае бо унвони "фарҳанги мусулмонӣ" зуҳур намуд. Агар араб ба ислом эътиқоди устувор медошт, ҳеҷ гоҳ баъди истилои кишварҳои аҷам ва бунёди хилофат ба осонӣ боз ба динҳои ширку бутпарастии хеш барнамегашт. Зеро дигар зарурияте ба ҳифзи ин динҳо боқӣ намонда буд. Вагарна дар садаи XVIII ҳам ривоҷ ёфтани парастиши гузаштагон ва дар қабри гузаштагон ҳамроҳи майит гӯронидани уштур[403] ва ҳамчунин парастиши ситораву офтобу моҳ[404] дар байни арабҳо ҷой намедошт. Ин парастишҳо ҳамон парастишҳое буданд, ки қабл аз зуҳури ислом дар байни арабҳо вуҷуд доштанд. Бинобар он, таълимоти ибни Абдулваҳҳоб дар бораи бозгашт ба "исломи ноб" на ба ҳамаи арабҳои минтақаҳои мухталифи Арабистон дахл дорад. Ин идея ба ҳамон гурӯҳи арабҳое тааллуқ дорад, ки мусулмон шуда буданд, вале унсурҳои динҳои қабл аз исломӣ то садаи XV111 дар байни онҳо ҳанӯз боқӣ монда буд ва ё умуман ҳанӯз мусулмон нашуда буданд, ба мисли қабилаи Муоз ва дигарон.

Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб ба муҳити иҷтимоии Арабистони садаи XV111 аз мавқеи "исломи ноб" баҳо дода, тавҳидро масъалаи марказии он ҳисобид. Аз нигоҳи ғояи "исломи ноб" муҳити иҷтимоии ҷомеаи араб нобасомон ва бемаънӣ ба ҳисоб мерафт. Гӯё мардум ислом, ба хусус Худои ягонаро, фаромӯш карданд, дар натиҷа низоми ахлоқӣ-

[403] Daussena. Cautumes des on pays de moub, Paris, 1908. P. 316
[404] Montagne, R. Lacivitsation du desert Nomades d, Oriend et d. [Text] / R Montagne. –Afrique.: Paris, 1947. -P.73-75

маънавии ҷомеа вайрон шуда, эътиқоди ба ном "исломӣ"-и омма ба бенизомии иқтисодию иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеа мусоидат кардааст.

Ба ақидаи ӯ, олами ислом аз аслҳои худ дур рафтааст. Дар натиҷаи ворид шудани "навоварӣ"-ҳо ба ислом, ки аз нигоҳи ваҳҳобиён бадтарин гуноҳ аст, гӯё одамон Худоро фаромӯш карда, офаридаҳо ва қобилияту сифати Аллоҳро ба худ нисбат медоданд. Барои исботи андешаи худ, ӯ зиёрати ҷойҳои муқаддас ва аз "ашёю ашхоси муқаддас" дар ҳалли мушкилоти худ ёрию мадад талабиданро ҳамчун намуна нишон дода, ин амалҳои мусулмононро "бидъат"-у "куфр" ба қалам дода, зери тозиёнаи танқид мегирад.[405]

Бинобар он, ҳангоми масъалаи тоза кардани исломро ба миён гузоштан ӯ ба ислоҳи масъалаи тавҳид диққати аввалиндараҷа медиҳад, зеро, ба ақидаи ӯ, тавҳид ин эътиқод ба Худои ягонаи офаридагор аст, ки ӯ ҳокими олам буда, ҳама гуна қонуниятро дар олам муқаррар мекунад. Ба ҷуз қонуни Аллоҳ дигар қонун наметавонад вуҷуд дошта бошад. Худованд ба касе ё чизе муҳтоҷ нест ва ҳамаи некию бадӣ аз худованд аст. Аз ин рӯ, дар олам ба ҷуз Аллоҳ каси дигаре нест, ки лоиқи парастишу ниёиш ва мададрасони инсон бошад.[406] Аз ҳамин мавқеъ ӯ ҳама гуна шаклҳои парастиши дигарро рад мекунад. Ба махлуқҳои офаридаи Худо додани сифатҳои илоҳӣ ва сипас парастиши онҳоро "куфр" меҳисобад. Масалан, ӯ дар бораи қурбонӣ кардан муҳокима ронда, таъкид месозад, ки ҳама гуна қурбонӣ бояд танҳо ба шарафи Худованд анҷом дода шавад, на ба ягон чизи дигар, ба мисли ашёю ашхоси ба ном "муқаддас". Танҳо худованди ягона аст, ки ба инсонҳо ёрӣ расонида метавонад. Ҳатто фариштагону пайғамбарон, мубаллиғони дин наметавонанд дар назди Худованд муҳофизи инсон бошанд,

[405] Ибни, Абдулваҳҳоб. Кашфу-л-иртибоъ фӣ итбоъ [Матн]/ Абдулваҳоб И.-Теҳрон.: Дору-л-китобу-л-исломия, 1386. -С.220-223.
[406] Ибни, Абдулваҳҳоб. Китоб ат-тавҳид. -С. 134

мусулмононро барои гуноҳи содиркардаашон дар ҳузури Аллоҳ ҳимоя намоянд.[407]

Дар айни замон, Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб кӯшидааст, байни эҳтиром кардан ва парастиш намудани ашхоси муқаддас фарқ гузорад. Ӯ умуман эҳтиром намудани ашхоси муқаддасро рад накардааст. Ба ақидаи ӯ эҳтиром кардани саҳобагону тобеин ва мубаллиғони дин ҷоиз аст, вале на қабру мазори онҳоро чун бут парастиш кардан.[408]

Абдулваҳҳоб дар тафовут аз саҳобагону мубаллиғони дин, имомону уламои дин ба паёмбар Муҳаммад муносибати хос дошт. Ин муносибат дар он зоҳир меёбад, ки ӯ Муҳаммадро дар баробари як инсони муққарарӣ ҳисобидан ҳамчун расули Худованд низ эътироф мекард, вале ба ӯ додани сифатҳои илоҳиро нодуруст медонист. Масалан, ба ӯ саҷда кардан мумкин нест, мегуфт, зеро ба ҷуз Аллоҳ ба касе саҷда кардан ҷоиз нест. Ба ақидаи ӯ, саҷда кардан ба инсон ин маънои ба ӯ нисбат додани сифати илоҳиро дорад, ки ба ғояи тавҳид мухолиф аст. Аз ин рӯ, он маҳалҳое, ки қадамҷои пайғамбар буд, он ҷойҳоро ба мазор ё масҷид табдил додан мумкин нест, аммо ин маънои онро надорад, ки мазори пайғамбарро зиёрат накунӣ. Ӯ миёни зиёрат ва саҷда кардан фарқ гузоштааст. Зиёрати мазори ашхоси муқаддас, аз ҷумла паёмбар ҷоиз аст, вале саҷда кардан ҷоиз нест.[409] Аз ин рӯ, он ақидае гӯё Абдулваҳҳоб зиёрати мазори Муҳаммадро манъ кардааст, нодуруст мебошад. Чуноне ки гуфтем, ӯ саҷда кардани мазори пайғамбар ва аз ӯ ёрию мадад пурсиданро "бидъат" меҳисобад, на зиёрати онро.

Ҳамзамон, бояд ёдрас кард, ки Ибни Абдулваҳҳоб бо вуҷуди дар коркарди таълимоти худ ба матнҳои Қуръону суннат, суханони се насли ибтидоии таърихи ислом ва таълимоти фиққии ҳанбалияву Ибни Таймия ва Ибни Қаюм такя карданаш, ӯ таълимоти чор мазҳаби аҳли суннату

---

[407] Ибни, Абдулваҳҳоб. Муфлу ал-мустафид. -С. 28
[408] Ибни, Абдулваҳҳоб. Китоб ат-тавҳид. -С. 90
[409] Ибни, Абдулваҳҳоб. Масоил ал-ҷаҳилия. -С.91-120

ҷамоатро дар кул эътироф мекард. Абдулваҳҳоб умуман ба исломи се асри аввали таърихи ислом (VII-IX) назари нек дошт. Ӯ асосан исломи баъди се асри аввалро, ки бештар бо тамаддунҳои пешрафтаи ғайриараб омехта гардида, рӯҳи арабии исломи ибтидоиро шикаста буд, қабул надошт ва назарияю амалияи ҳамаи наслҳои мусулмонони баъди садаи IX-ро инкор мекунад. Исломшинос А. М. Василев низ дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ собит менамояд, ки ақидаи аз ҷониби ваҳҳобиён инкор шудани ҳамаи мазҳабҳои аҳли суннат нодуруст мебошад.[410]

Абдулваҳҳоб суннати се асри аввали таърихи исломро дар кул эътироф карда истода, аммо бештар ба таълимоти Аҳмад ибни Ҳанбал, ибни Таймия ва шогирди ӯ Ибни ал-Қайим эҳтиром қоил аст. Бинобар он, маҳз таълимоти ҳамин се тан баъд аз Қуръону суннат ва суннати се насли салафи ибтидои таърихи ислом дар ташаккули идеологияи сиёсӣ-динии ваҳҳобиён ҳамчун сарчашмаи ғоявӣ хизмат кардаанд. Таълимоти худро доир ба “навоварӣ”-ҳо, бахусус дар бораи парастиши муқаддасот, ваҳҳобиён аз Ибни Таймия ва Ибни ал-Қайим иқтибос кардаанд. Танҳо доир ба баъзе масъалаҳои маишию суннатӣ ақидаи ваҳҳобиён ба Ибни Таймия метавонад ихтилоф дошта бошад. Аммо маврид ба ёдоварист, ки таълимоти Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб нисбати таълимоти Ибни Таймия ва Ибни ал-Қайим соддатар мебошад. Абдулваҳҳоб ба мисли Ибни Таймия ба васоили динӣ-фалсафӣ амиқ фурӯ нарафтааст. Бо вуҷуди ҳамин ҳам, ба ақидаи баъзе муҳаққиқон, асари динӣ-фалсафии Ибни Таймия “китобҳои руимизӣ”-и Абдулваҳҳоб буданд. Ҳатто китобҳои Ибни Таймияро Абдулваҳҳоб дастнавис кардааст.[411].

Ваҳҳобия, ҳарчанд таълимоти худро ба сифати “исломи ноб” ба қалам медиҳад, вале дар асл худи он ба мисли фирқа ё ҷараёну мазҳаби дигари исломи суннатӣ як ҷараёнест, ки ба муқобили исломи суннатии асримиёнагии асрҳои IX-XVIII зуҳур карда, асосан муҳити иҷтимоӣ-

[410] Василье, А. М. Пуритане ислама? Ваххабизм и первое государство сасанидов в Аравии 1744/45-1818) [Текст] / А. М. Васильев // Отв. Ред. Иванов Н. А. - М.: Наука, 1967. -С. 103
[411] Крымский, А.Е. История арабов и арабской литературы [Текст] / А.Е. Крымский.-М., 1912. -С. 201.

фарҳангӣ, динӣ ва сиёсии Арабистони вақтро инъикос менамояд ва андешаҳои онро ба тамоми олами ислом нисбат додан ғайривоқеӣ ва беадолатӣ аст. Он ширку бутпарастӣ ва бисёр мазҳабҳое, ки дар исломи садаи XVIII ва парокандагии қабилавӣ-феодалие, ки дар ҳамин давра хоси Нимҷазираи Арабистон буданд, назираш дар дигар минтақаҳои ҷаҳони ислом, бахусус дар минтақаи Осиёи Марказӣ ба мушоҳида намерасид.

Дар Осиёи Марказӣ ва дигар қисматҳои ҷаҳони ислом исломи суннатӣ дар ҳамон шакле, ки дар тӯли се асри аввали таърихи ислом вуҷуд дошт, асосан "тоза" ва устувор боқӣ монд. Албатта, дар ин минтақаҳо аз он олудагиҳое, ки аз назари ваҳҳобиён дар ислом ҷой дошт, парастиши ашхосу ҷойҳои муқаддас низ арзи вуҷуд мекарданд, вале на дар он шакле, ки дар Нимҷазираи Арабистон дар садаи XVIII ба мушоҳида мерасад. Дар ин манотиқ, бахусус Осиёи Марказӣ, дари садҳо мактабу мадрасаҳои исломӣ ба рӯи мусулмонон кушода буданд ва хатмкунандагони ин макотибу мадрасаҳо пайваста ба таблиғи ислом машғул буда, риояи қонуну қоидаҳои шариатро аз мусулмонон пайваста талаб мекарданд. Хулоса, ислом ва аҳкоми он дар мафкура ва ҳаёти иҷтимоӣ-фарҳангии мусулмонон чи дар сатҳи шуури омиёна ва чи дар сатҳи идеологияи расмӣ мақоми устувор дошт, ки ваҳҳобиён инро ё дида натавонистаанд ё дидан намехоҳанд. Имрӯз низ ислом шояд он мақоме, ки дар ҷомеаҳои номбурда дорад, дар Нимҷазираи Арабистон надошта бошад.

Аммо ваҳҳобиён вақте, ки дар Нимҷазираи Арабистон бо дастгирии Ғарб, бахусус Англия, дар мубориза бо туркони усмонӣ ғалаба намуда, ба идеологияи расмии Арабистони Саудӣ ва ба ташкилоти хадамоти махсуси қудратҳои ҷаҳонию минтақавӣ табдил ёфтанд, кӯшиш карданд, ки таълимоти хешро дар бораи олудашавии ислом аз "навоварӣ"-ҳо ва бозгашт ба "исломи ноб" ба тамоми

мусулмонони ҷаҳон нисбат дода, онро ба ҳаракати экстремистӣ-террористии глобалӣ табдил диҳад.

Аз таҳқиқи таълимоти Абдулваҳҳоб, ба вижа, баҳсҳои илоҳиётии ӯ, бармеояд, ки ҳар кадом нуктаи таълимоти ӯ мазмуни иҷтимоӣ-сиёсӣ дорад. Ҳарчанд мазмуни осори ӯро бештар иқтибосҳо аз Қуръону суннат, ҳадисҳои саҳеҳи аҳли салафи ба ном “солиҳин” ва ақидаҳои илоҳиётшиносоне ба мисли Имом Ҳанбал, Ибни Таймия, Ибни ал-Қаюм ва дигарон ташкил медиҳад, аммо мазмуни иҷтимоӣ-сиёсии онҳо инъикоскунандаи вазъи иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва сиёсии садаи XVIII-и Нимҷазираи Арабистон, ки шабоҳат ба вазъи иҷтимоӣ-сиёсии он дар садаи VII дошт, ташкил медиҳанд. Ин хулосаро он далел собит месозад, ки дар масоили иҷтимоӣ ӯ ба таълимоти исломи ибтидоӣ, ки асосан дар Қуръону суннат таҷассум ёфтаанд, пайравӣ менамояд. Чуноне ки таълимоти исломи ибтидоӣ манфиати табақаи ашрофи қабилаҳои арабро ифода мекард, таълимоти иҷтимоӣ-сиёсии ваҳҳобия низ баёнгари манфиати табақаи ашрофи ҷомеаи қабилавӣ-феодалии Арабистони вақт мебошад. Масалан, яке аз нуктаҳои муҳими ҷанбаи таълимоти ваҳҳобия он аст, ки  авом бояд ба ҳокимият итоат намояд ва ошӯбу эътироз ба муқобили ҳукуматдорон манъ карда шудааст, ба ҷуз дар ҳолате, ки онҳо мардумро ба содир кардани гуноҳ водор месозанд.[412]

Дар баъзе масъалаҳои иҷтимоӣ Абдулваҳҳоб ва пайравонаш, ҳатто ба ифрот роҳ дода, зулми иҷтимоиро ба дараҷае ривоҷ доданд, ки дар қонунҳои шариати асримиёнагӣ ҷой надошт. Аз ҷумла, ваҳҳобиҳо закотро барои ҳама, новобаста ба қудрати иқтисодии шаҳрвандон, ногузир ҳисобиданд. Онро ҳатто ба қабоили саҳронишини кӯчӣ уҳдадории ҳатмӣ гардониданд. Мувофиқи таълимоти иҷтимоии ваҳҳобия касе аз закот озод нест, ҳарчанд дар шариати ислом закот аз рӯи қудрат ва тавоноии мусулмонон таъин гардидааст. Ҳамин тариқ,

[412] Ибни, Абдулваҳҳоб. Суннат усул-а-дин. -С. 275

ваҳҳобиён истисмори синфиро хеле нозукона аз номи ислом қонунӣ месохтанд. Нобаробарии иҷтимоие, ки тӯли асрҳои миёна вуҷуд дошт ва аз номи ислом сафед карда мешуд, дар таълимоти ваҳҳобиён боз ҳам устувортар гардид. Барои ҳамин ҳам таълимоти ӯро пеш аз ҳама табақаи ашрофи ҷомеа, ба мисли сулолаи Оли Сауд хуб қабул доштанд ва амалӣ гаштани онро дастргирӣ мекарданд. Дар баробари ин, ваҳҳобиён аз амиру ашрофон талаб мекарданд, ки нисбати тобеони худ одилона муносибат кунанд, хасисиро маҳкум карда, камбағалиро васф намуда, ба онҳо ҷаннатро ваъда медоданд.[413]

Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб дар баробари манфиати ҳукуматдорон ва феодалонро ҳимоя кардан идеяи тавозуни иҷтимоиро низ тарғиб мекард, то ки суботу амнияти ҷомеаи араб таъмин шавад ва ӯ ин тавозунро чунин мефаҳмид: “Ҳар кадоми шумо чӯпонед ва ҳар кадоме барои рама (раъият - Н.Қ.)-и худ ҷавобгар ҳастед. Имом бояд дар бораи раъият, мард барои оилаи худ ва рамаи худ ҷавобгӯ бошад. Зан барои хонаи шавҳари худ, писари ӯ, рамаи ӯ бояд ғамхорӣ кунад. Писар бояд барои амволу рамаи падари хеш ғамхорӣ кунад. Хизматгор бояд барои амволи хӯҷаини хеш ва рамаи ӯ ғамхорӣ намояд”.[414] Ҳамчунин ӯ истисмори табақавӣ-синфии аз ҳад зиёдро танқид мекард. Гӯё ҷонибдори “истисмори муътадилона” ба ҳисоб мерафт ва мехост истисморро ба низоми муайян дароварад. Ҳамин тариқ, ӯ тавассути мувозинати иҷтимоӣ кӯшидааст, ки сохтори табақавӣ-синфии ҷомеаи қабилавӣ-феодалии арабро ҳимоя намояд.

Яке аз нуктаҳои муҳими афкори иҷтимоии Абдулваҳҳоб ин тарғиби идеяи “баробарӣ”-и мусулмонон мебошад,[415] зеро ӯ хуб мефаҳмид, ки чунин идеяро тавассути биниши исломӣ таблиғ ва таъмин насохта, ҷомеаи табақавӣ-синфии арабро ҳимоя кардан душвор аст. Вале “баробари”-е, ки ӯ байни мусулмонон тарғиб мекард, баробарӣ танҳо

[413] Ибни, Абдулваҳҳоб. Насиҳат ал-муслимин. -С. 323-324
[414] Ибни, Абдулваҳҳоб. Китоб ал-кабир. -С.240
[415] Ибни, Абдулваҳҳоб. Китоб ал-Кабир. -С.243

дар эътиқод, дар пазируфтани таълимоти сиёсӣ-динии ваҳҳобия буд. Ҳарчанд ӯ чунин идеяро тарғиб мекард, вале ҳар мусулмоне, ки ақидаи ваҳҳобияро қабул надошт, "кофир" дониста мешуд. Ҳукми "кофир" бошад, мувофиқи суннати исломӣ ин қатл аст, ки оқибат таълимоти ваҳҳобияро бо экстремизму терроризми динӣ мепайвандад.

Таълимоти ваҳҳобиёнро дар бораи "баробарӣ"-и мусулмонон баъдан созмонҳои экстремистӣ-террористии "Ихвон-ул-муслимин" ("Бародарони мусулмон"), ТЭТ ҲНИ, салафияи ифротии муосир, ки унвони нави ваҳҳобиён аст ва дигар созмону ҳаракатҳои исломии ифротӣ қабул карданд.

Дар пасманзари таълимоти динӣ-илоҳиётӣ ва иҷтимоии Абдулваҳҳоб масъалаҳои сиёсӣ мавқеи марказиро ишғол мекунанд. Дар низоми афкори сиёсии ӯ масъалаҳои "такфир"-у "ҷиҳод" мақоми хос доштанд. Ваҳҳобиён ҳамаи онҳоеро, аз ҷумла мусулмононеро, ки ақидаашонро қабул надоштанд, мушрик меҳисобиданд ва ҳатто бадтар аз мушрикони "замони ҷоҳилия", яъне замони зуҳури ислом, чуноне ки паёмбари ислом ва саҳобагон-халифаҳои ба ном "рошидин" қабоили мушрики арабро баъди рад гардидани даъвати қабули ислом бо ёрии шамшер (ҷиҳод) ба Умма тобеъ месохтанд, ваҳҳобиён низ нисбати мушрикон ҳама гуна сахтгирию бераҳмиро ногузир меҳисобиданд.[416] Ба назар чунин мерасад, ки Абдулваҳҳоб ва пайравони ӯ дар ин масъала аз таҷрибаи паёмбари ислом, саҳобагону халифони "рошид", ки дар роҳи бунёди давлати ягонаи араб дар баробари даъват аз усули такфиру ҷиҳод истифода мекарданд, барои ба ҳадафҳои сиёсии хеш расидан, яъне аз нав муттаҳидсозии араб дар зери парчами "исломи ноб" онро дар коркарди таълимоти сиёсии хеш хеле моҳирона ва самарабахш истифода кардааст.

Ваҳҳобиҳо рақибони худ, яъне ҳамаи онҳоеро, ки даъваташонро шуниданд, вале қабул накарданд, кофир ҳисобида, ҷиҳодро нисбати

---

[416] Ибни, Абдулваҳҳоб. Кашфу-л-иртибоъ фӣ итбоъ [Матн] / Абдулваҳоб И.-Теҳрон.: Дору-л-китобу-л-исломия, 1386. -С.207-228

онҳо фарзи илоҳӣ медонистанд. Онҳо, ҳатто, дар ин масъала нисбат аз мусулмонон ба насрониёну яҳудиён муътадилтар муносибат мекарданд. Онҳо ба ивази андоз додан метавонистанд дар эътиқоди хеш боқӣ монанд, зеро барои ваҳҳобиҳо иттиҳоди сиёсии арабҳо, ки пайрави дину мазҳабҳои гуногун буданд, ногузир буд, на мусулмонсозии яҳудиёну насрониён. Ин таҷриба дар исломи ибтидоӣ, яъне дар фаъолияти паёмбари ислому ёрони ӯ низ ҷой дошт ва ба ҷаҳонбинии ваҳҳобиён бетаъсир намондааст. Боварию эътиқод ба он, ки рақибони онҳо воқеан кофиранд, онҳоро барои ғалаба дар ҷанг рӯҳбаланд месохт ва бо ғайриваҳҳобиҳо барои ҷиҳод заминаи идеологӣ омода мешуд. Амироне, ки ваҳҳобияро чун силоҳи идеологӣ қабул карда, бо қабоили минтақаҳои ҳамсоя ғазо мекарданд, ба гуфти муҳаққиқи ваҳҳобишинос А. М. Василев аз роҳзани кӯча ба мубориза "тозасозии дин" ва рақибонашон ба "мушрик"-у "бутпараст" ва "хизматгори шайтон" табдил меёфтанд ва ваҳҳобия оқибат ба экспансияи ҳарбӣ, тохтутозҳои ғоратгарона мубаддал гашт.[417]

Бинобар он, арабшинос Е. А. Беляев нисбат ба ваҳҳобиён, ки ба муқобили исломи расмии замони хеш мубориза мекарданд, гуфтааст, ки онҳо дар ифрот аз ҳамаи равияю фирқаҳои дигари исломӣ дуртар рафтанд,[418] чунки ваҳҳобиҳо дар раванди муборизаи худ, ҳар куҷоеро, ки забт мекарданд, нишонаҳои рӯи қабрҳо ва дигар ёдгориҳоро нобуд менамуданд, китобҳои уламои исломро месӯхтанд, чуноне ки бо дастури халифа Умар ибни Хаттоб лашкариёни араб ҳангоми истилои Эронзамину Византияю Миср ва ғайра ҳамаи китобҳоро ё ба об афкананд ё сӯхтанд, ёдгориҳои таърихию осори санъатро шикастанд.

Дар айни замон, бояд иқрор шуд, ки азбаски ҳадафи асосии ваҳҳобия муттаҳидсозии сиёсии араб буд, бинобар он муборизаи онҳо бо

[417] Васильев, А. М. Пуритане ислама? Ваххабизм и первое государство сасанидов в Аравии 1744/45-1818) [Текст] / А. М. Васильев // Отв. Ред. Иванов Н. А. - М.: Наука, 1967. -С.111

[418] Беляев, Е. А. Мусульманское сектантство [Текст] / Е. А. Беляев.-М. : Государственное издательство политической литературы, 1957. -С. 99.

парастишу ибодати ашёю ашхоси муқаддас, нобуд сохтани дарахтони муқаддас, шикастани нишонаи болои қабрҳо ва бутҳо, мубориза бо бисёрмазҳабӣ, дар асл маънои вайрон намудани такягоҳи идеологии парокандагии ҳамон ҷомеаи қабилавӣ-феодалии Арабистони садаи XVIII мебошад, ки аз ҷониби рӯҳонияти исломи суннатии вақт ҳимоя мегардид. Ба ҳамин маъно, ба гуфти муҳаққиқ М. В. Чураков "ваҳҳобия танҳо идеологияи ҷангҳои истилогарона набуд. Он ба сифати идеологияи муттаҳидсоз дар Арабистон хизмат кардааст".[419]

Ваҳҳобиён дар таълимоти сиёсии худ, пеш аз ҳама, масъалаи муттаҳидсозии минтақаи Наҷд ва ашрофони онро ба миён гузошта буданд. Муттаҳидсозии минтақаи Наҷд аз он ҷиҳат дар ибтидо барои ваҳҳобиён муҳим буд, ки ашрофони Наҷд душмани анъанавии ашрофони Ҳиҷоз ба ҳисоб мерафтанд ва ба онҳо пайваста дар мубориза қарор доштанд, зеро қабилаҳои бодиянишини Ҳиҷоз пайваста ба ноҳияҳои нисбатан ободи Наҷд тохтутоз мекарданд. Иттиҳоди ашрофони Наҷд ба ваҳҳобиён барои тобеъ сохтани Ҳиҷоз ногузир буд. Абдулваҳҳоб зиёрати ҷойҳои муқаддасро дар Мадинаю Макка, ба ҷуз ҳаҷҷи Қаъба, ҳатто зиёрати мазори пайғамбарро дар ибтидо манъ кард, то ки ҳиҷозиёнро аз он даромади иқтисодие, ки аз ин зиёратгоҳҳо ба даст меоварданд, маҳрум созад. Рӯҳонияти Ҳиҷоз дар таҳлука афтода буданд, ки дар сурати ғалабаи ваҳҳобиён онҳо аз нуфуз ва даромади моддӣ маҳрум мешаванд. Рӯҳонияту уламои дигар минтақаҳо низ бо ваҳҳобиён муросо намекарданд. Ҳатто дар худи Наҷд ба муқобили Абдулваҳҳоб бародараш Сулаймон ҳаракати зиддиваҳҳобиро ташкил карда, бо ӯ мубориза мебурд. Ӯ ҳатто гуфтааст, ки таҳаммулнопазирӣ аломати хоси ваҳҳобия аст ва боре аз бародараш Абдулваҳҳоб пурсидааст: "Дар ислом чанд рукн вуҷуд дорад? Абдулваҳҳоб ҷавоб дод: "Панҷ". Сулаймон гуфт: "не,

[419] Чураков, М. В. Ваххабизм отражал тенденцию к феодальному объединеню. // Советская этнография [Текст] М.В. Чуркаев.- Москва.: Изд-во АН СССР, 1960 №1. -С 89.

ту инро шашто кардӣ ва шашумаш онест, ки ҳар касе туро пайравӣ намекунад, мусулмон нест”. Ин ту рукни шашумини ислом ҳастӣ”.[420]

Ҳамин тариқ, муборизаи ваҳҳобиён ба муқобили “навоварӣ”-ҳо дар ислом, ба муқобили парастишоти гуногун, бисёрмазҳабӣ, манъ намудани ҷашнҳои бодабдада, мусиқию овозхонӣ, рақсу бозиҳои варзишӣ, пӯшидани либосҳои абрешимӣ, дастбӯсӣ, ки дар шаҳрҳо ривоҷ ёфта буд, мубориза бо беадолатӣ, бадахлоқии ҷинсӣ, ки бештар аз ҷониби туркҳо содир мешуд, мубориза ба муқобили исломи суннии расмӣ ва ғайра дар асл ифодакунандаи норозигии аҳолии Наҷд ба тарзи зиндагии зоҳирии феодалҳову ашрофону ҳукуматдорони турк, парокандагии қабилавӣ-феодалӣ ва ғайра мебошад. Ваҳҳобия ҳамчун таълимоти муттаҳидсозанда рӯҳияи зиддитуркии арабро таҷассум карда, оқибат ошӯби онҳоро бар зидди туркони Усмонӣ ва, ба андешаи онҳо, исломи ба ном туркишуда барафрӯхт ва ваҳҳобия парчамбардори ҳаракати миллии арабҳо ба муқобили ҳукуматдорони турк дар Арабистон гардид.

Ҳар кадом хуруҷи арабҳо ба муқобили ҳокимияти марказӣ ва калавишҳо аз исломи суннатии расмӣ хусусияти зиддитуркӣ дошт, рӯҳи озодихоҳии ҳамаи табақаҳои арабро ташаккул медод. Хотираи таърихӣ дар бораи тавоноие, ки арабҳо дар гузашта доштанд, бедор мешуд. Ин манзараро ваҳҳобиён мушоҳида карда мегуфтанд: “вақте меояд, ки мо дар ҷойгоҳи халиф арабро мебинем”. “Мо аллакай ба таври кофӣ зери зулми золимон қарор доштем”.[421]

Дар ин раванд ҳаракати ваҳҳобия аз доираи дин берун рафта, ба ошӯби ҳарбӣ-сиёсӣ табдил ёфт ва мустақилияти Арабистонро аз туркони Усмонӣ ба даст овард. Хулоса, идеологияи ваҳҳобия натиҷаи буҳрони сахти динӣ-маънавӣ ва сиёсӣ дар Арабистон буда, ҳама гуна навовариро ҳам дар аҳком ва ҳам дар амалия инкор карда, танҳо бозгашт ба

---

[420] Аҳмад, Даҳлон. Хулосат-л-калом”. -С. 232

[421] Левин, З.И. Развитие основных течений общественно-политической мысли в Сирии и Египте [Текст] / И.З. Левкин.-Изд-во.: Наука, 1972. -С. 13.

гузашта, ба исломи замони салафро роҳи наҷот аз вазъи бавуҷудомада ҳисобида, минбаъд ба ҷараёнҳои ифротии исломгароии бунёдӣ заминаи идеологӣ гузошт, қаноти ифротии мазҳаби ҳанбалия ва таълимоти илоҳиётии Ибни Таймияро ривоҷ дод ва аз нигоҳи иҷтимоӣ дар ҳифзи манофеи синфҳои ҳоким қарор гирифта, истисмору зулмро ба низом даровард, зарурияти ҷиҳодро ба муқобили ғайриваҳҳобиён қонунӣ сохта, худ ба як ҷараёни мустақили динӣ-ифротӣ табдил гардид.

Ҳамин тариқ, нуктаҳои асосии таълимоти ваҳҳобия инҳоянд:

- Аллоҳ худои ягона буда, танҳо Ӯ асрори инсонро медонад. Ҳамаи объектҳои ибодату парастиш, ба ҷуз Аллоҳ, дурӯғ буда, ҷазои ашхоси онҳоро ибодаткунанда қатл аст. Дар намоз номи паёмбарон, ашхоси муқаддас, авлиёву пир ва фариштаҳоро ба забон овардан аломати ширк аст;
- ҳатмӣ будани хондани намоз, доштани рӯза, анҷом додани маросими ҳаҷ, додани андоз аз ҳамаи намудҳои даромад ба манфиати дармондагону мискинон;
- ягон чизеро тасдиқ кардан мумкин нест, агар он ба қоидаҳои Қуръону суннат асос наёфта бошад;
- тавассути усули “таъвил” - усули ақлонӣ манъ будани тафсири Қуръон;
- тасдиқ кардан мумкин нест, ки инсон соҳибихтиёру соҳибирода аст;
- мусалмонон метавонанд танҳо чор ҷашнро ид кунанд: ҷашни фитр, ҷашни қурбон, ошӯро ва лайлат-ул-муборак;
- рӯзи мавлуди паёмбар манъ аст, зеро рӯзи мавлуди ӯ дақиқ муйян нашудааст;
- дар болои масҷидҳо сохтани гумбаз ва ороиш додани онҳо манъ аст;
- истеъмоли тамоку, гирифтани риш ва дашном додан манъ аст;

- барои занҳо рафтан ба қабристон манъ аст;
- ташкил кардани чорабиниҳои хушу хурсандӣ, рақсу бозӣ, шунидани мусиқӣ, тасвири мавҷудоти зинда ва дигар шакли расмкашӣ манъ аст;
- ҷиҳод ба муқобили "кофирон", "мушрикон" ва мусулмононе, ки аз ислом қафошинишинӣ кардаанд, ҳатмӣ аст;
- тоза кардани ислом аз "навовариҳо" ва бозгашт ба исломи "салафи солеҳин"зарур аст;
- муборизаи яроқнок барои ҳокимияти сиёсӣ ва таъсиси давлати исломӣ ва ғайра талаби ислом аст.

Хулоса, моҳияти "исломи ноб"-и ваҳҳобия дар он ифода меёбад, ки гӯё дар натиҷаи ворид шудани "навоварӣ"-ҳо ("бидъат")-ҳо дар ислом ҷомеаи мусулмонӣ таназзул ёфт ва танҳо эҳёи "исломи ноб"-и замони паёмбару ба ном наслҳои "салафи солеҳин" метавонад ин ҷомеаро аз бозмондагӣ наҷот диҳад. Бо такя ба ҳамин идея ваҳҳобия на ба муқобили пайравони динҳои ғайримусулмонӣ, балки бар зидди ҳамаи он мусулмононе, ки афкори ваҳҳобияро қабул надоранд, муборизаро оғоз карда, хусусияти экстремистӣ-террористӣ касб намуд ва ҷангҳои истилогаронаро аз нигоҳи идеологӣ асоснок кард. Минбаъд он ба хадамоти махсуси қудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ табдил ёфта, ба ривоҷи ифротгароӣ дар олами ислом заминаи идеологӣ гузошт.

### 3.2. Таълимоти ваҳҳобия ва ривоҷи ифротгароӣ дар ислом

Баъди он ки таълимоти Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб, бо вуҷуди идеологияи синфи ҳоким (феодалон) буданаш, ба унвони ваҳҳобизм худро ҳамчун идеологияи ҳаракати миллӣ-озодихоҳии арабҳо нишон дода тавонист, он аз ҷониби аҳолии минтақаи Наҷд дастгирӣ ёфта, ба нерӯи воқеӣ мубаддал гашт. Ҳарчанд баъзе муқаррароти ваҳҳобия ба монанди ситонидани закот аз ҳамаи арабҳо аҳолии бадавии Ҳиҷозро

нороҳат мекард ва бисёр боварию парастишҳои динии бадавиҳо бо таълимоти ваҳҳобия ихтилоф доштанд, вале идеяи "ҷиҳод," ки ваҳҳобиён онро тарғиб мекарданд, диққати мардуми бадавиро низ ба худ ҷалб намуд. Диққати бадавиёнро ҷалб сохтани идеяи "ҷиҳод" на танҳо ба хотири он буд, ки ҷиҳод (тохтутоз) яке аз шуғлҳои асосии онҳост, ҳамзабон бештар барои он диққати бадавиҳоро ҷалб карда буд, ки он дар таълимоти ваҳҳобия ҷанбаи озодихоҳӣ ва зиддитуркӣ касб намуда, хусусияти умумиарабӣ пайдо кард ва дар шароиту замони муайян ба пайвастшавии бадавиҳо бо аҳолии муқиминишини Наҷд мусоидат намуд. Дар натиҷа ваҳҳобия ба як нерӯи ҷанговаронаи озодихоҳӣ табдил ёфта, ба ифротгароӣ низ пайваст гардид.

Вақте, ки Абдулваҳҳоб ба Уяйна омада, бо амири он Усмон ибни Ҳамад ибни Муҳаммад шинос шуда, аз ӯ хоҳиши намуд, ки дар зери шиори "Ло-илоҳа ила-л-Лоҳ" минтақаҳои Наҷд ва Ҳиҷози бадавиро бо ҳам муттаҳид намояд, Усмон ибни Ҳамад розӣ шуд.[422] Бо мақсади таълимоти Ибни Абдулваҳҳобро амалӣ сохтан ваҳҳобиён аввал муқаддасгоҳҳои маҳаллиро нобуд сохтанд. Ибни Абдулваҳҳоб бо дасти худ дарахтеро, ки муқаддас медонистанд, бурид. Сипас мазори яке аз саҳобагони паёмбар Зайд ибни Хаттоб (бародари халифа Умар ибни Хаттоб)-ро вайрон намуд.[423] Вақте ки дар Уяйна хиёнати кадом зани зинокорро шунид, ӯ фатвои сангсор кардани он занро эълон намуд ва зан сангсор карда шуд. Сипас бо фатвои Ибни Абдулваҳҳоб занро шустушӯ карда гӯрониданд.[424] Замоне ки ин ҳодиса дар байни мардум овоза шуд, ҳама тарсиданд ва фаҳмиданд, ки ваҳҳобиён таълимоти хешро на танҳо тавассути даъват, ҳамзамон аз роҳи террор низ метавонанд амалӣ созанд.

Амалҳои Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб чун ба ҳокими хос Сулаймон ибни Ҳамад расид, ӯ ба Усмон, ки ба Сулаймон вобастагӣ

---

[422] Усмон, бини Абуллоҳ бини Башр. Ал-Маҷд фӣ торихи Наҷд [Матн] / Башр У.Б.А.-Бейрут.: Дори содир, 1420 (2019). Ҷ.1. -С.9.
[423] Усмон, бини Башр. Ҳамон ҷо. -С. 9-10
[424] Ҳусайн, бини Ғанноми Муҳаққиқ. Таърихи Наҷд. Бейрут.: Дору-л-нашруқ ал-арабия, 1410 (1994). -С. 2

дошт, амр намуд, ки Ибни Абдулваҳҳобро қатл намояд. Ба ин кор ҳоким Сулаймонро уламои суннатии маҳал водор карда буданд, зеро аз нуфуз пайдо кардани таълимоти ваҳҳобия метарсиданд. Вале Усмон ибни Абдулваҳҳобро қатл накарда, ба Уяйна бадарға намуд. Ибни Абдулваҳҳоб ба Дорий, ба назди пайравони худ рафта, дар он ҷо бо ду нафар пайравони худ, ки бародарони ҳокими Дорий Муҳаммад Ибни Сауд буданд, ба назди ибни Сауд омад ва таълимоту ҳадафҳои худро ба ӯ арза намуд.[425]

Хулоса, Муҳаммад ибни Сауд дар таълимоти Ибни Абдулваҳҳоб ояндаи некро пешбинӣ кард, онро пазируфт ва бо ӯ иттифоқ баста, ба ӯ ёрии ҳарбӣ-сиёсӣ кард. Дар навбати худ Муҳаммад ибни Сауд аз Ибни Абдулваҳҳоб хоҳиш намуд, ки дар ситонидани андоз ба ӯ кӯмак расонад. Аммо Ибни Абдулваҳҳоб ба ҷои ситонидани андоз ба ӯ ҷиҳод карданро маслиҳат дод, зеро ғанимате, ки аз ҷиҳод ба даст меояд, аз фоидаи андоз бештар аст. Ба гуфти муҳаққиқ А. М. Василев, Ибни Абдулваҳҳоб бо ин фатвои худ ду ҳадафро ба нишон гирифта буд: аввал, андозе, ки Ибни Сауд аз тариқи ғайришариатӣ меситонад, рад гардида, “тозагии ислом” ҳифз мегардад, ки дар натиҷа нуфузи сиёсии Ибни Сауд меафзояд; дигар ин, ки ғанимате, ки ба ҷои андоз ба даст меояд, ба густариши таълимоти ӯ, ки маҳакашро эҳёи “исломи ноб” ташкил медиҳад, мусоидат менамуд.[426]

Ҳамин тариқ, таълимоти Ибни Абдулваҳҳоб дар бораи ҷиҳод ҳамчун воситаи барқарор намудани “исломи ноб” дар натиҷаи аз ҷониби Муҳаммад ибни Сауд дастгирӣ ёфтан дар қадами аввал бо амалҳои экстремистӣ-террористӣ пайваст. Ғанимате, ки дар ҷиҳод ба даст меомад, Муҳаммад ибни Сауд бо фатвои Ибни Абдулваҳҳоб мувофиқи таълимоти Қуръон аз панҷ як ҳиссаи онро бевосита ба хазинаи худ ворид сохт, чуноне ки дар замони зуҳур ва густариши ислом ин суннати қабл аз

[425] Усмон, бини Абуллоҳ бини Башр. Ал-Маҷд фӣ торихи Наҷд [Матн] / Башр У.Б.А.-Бейрут.: Дори содир, 1420 (2019). Ҷ.1. -С.15
[426] Васильев, А. М. Пуритане ислама? Ваххабизм и первое государство сасанидов в Аравии 1744/45-1818) [Текст] / А. М. Васильев // Отв. Ред. Иванов Н. А. - М.: Наука, 1967. -С. 133-134.

исломии арабӣ аз ҷониби паёмбар ва халифаҳои “рошид” риоя карда мешуд. Ҳамчунин Ибни Сауд он суннати лашкаркашони арабро, ки дар ибтидои таърихи ислом аз ғанимати ҳангоми истилои Хуросону Мовароунаҳр ба даст омада ба лашкариёни савора ду ҳисса, ба ҷанговарони пиёда як ҳисса ҳақ медоданд, риоя менамуд. Чуноне ки ёдрас карда будем, барои ваҳҳобиён, ҳамаи онҳое, ки ақидаашонро қабул надоштанд, “мушрик” ба ҳисоб мерафтанд ва ҷиҳод ба муқобили онҳо фарз дониста мешуд. Аз ин нигоҳ, мусодираи амволи “мушрикон” ҳамчун ғанимат барои ваҳҳобиён ҳалол ба ҳисоб мерафт. Ҳамаи ин амалҳо идеяи ҷиҳодро беш аз пеш дар мафкураи ваҳҳобиён ҷойгузин месохт ва идеяи “исломи ноб”-и ваҳҳобиён бо исломи замони паёмбару хулафои араб воқеан шабоҳат пайдо мекард.

Бинобар он, ҳамаи онҳое, ки даъво доранд, ки гӯё идеяи “исломи ноб”-и ваҳҳобиён бо исломи замони “салафи солеҳин” ихтилоф дорад, иштибоҳи сахт мекунанд. Чунин фаҳмиш дар мафкураи мусулмонон дар натиҷаи идеализатсия шудани таърихи исломи ибтидоӣ ва заиф гардидани хотираи таърихию ҳувияти миллии онҳо ба вуҷуд омадааст. Идеяи “исломи ноб”-и ваҳҳобиён аз доираи таълимоти Қуръону суннат ва аз доираи фаъолияти се насли мусулмонони давраи ибтидои ислом, яъне исломи “салафи солеҳин” берун нарафтааст ва он аз нигоҳи таърихӣ ногузир буд, зеро исломи ҳамон давраро аз нав барқарор накарда, ваҳҳобиён наметавонистанд парокандагии қабилавӣ-феодалӣ ва бутпарастиву ширку бисёрмазҳабиро, ки дар Нимҷазираи Арабистон аз нав авҷ гирифта буд, бартараф карда, давлати мустақили Арабистони Саудиро барқарор созанд, чуноне ки бо ҳамон ислом паёмбар ва хулафои “рошидин” давлат ва хилофати арабро бунёд карда буданд. Аз ин ҷост, ки “исломи ноб”-и ваҳҳобия бо исломи ибтидоии замони “салафи солеҳин”ягон ихтилофи ҷиддӣ надорад. Ҳадафи исломи ҳар ду давра муттаҳидсозии араб дар як давлати ягона мебошад. Исломи ҳар ду

давра исломи сиёсӣ буда, бо экстремизму терроризм пайванди қавӣ дорад. Исломи замони “салафи солеҳин” ном гирифтани исломи ибтидоӣ ва зери ин ном пинҳон шудани ваҳҳобиён ба хотири он аст, ки онҳо мехостанд ҳамаи амалиётҳои экстремистию террористии хешро аз номи Қуръону суннат ва пайғамбару хулафои “рошид” сафед намоянд.

Баръакс, ҳамон исломе, ки баъди исломи се насли салафи “солеҳин” аз замони зуҳури таълимоти каломӣ-фиқҳӣ (мазҳаб)-и ҳанафӣ сар карда, дар натиҷаи рӯ ба рӯ омадан бо фарҳангу тамаддунҳои пешқадами вақт ва синтези баъзе арзишҳои умумибашарии ин фарҳангҳо ташаккул ёфт, бо вуҷуди бо сиёсат пайванди қавӣ доштан, исломи нисбатан ақлгаро ва таҳаммулпазир мебошад, махсусан исломи ҳанафӣ ва дар мубориза ба муқобили экстремизму терроризм истифода бурдани он имконнопазир аст. Аз ин рӯ, ба андешаи мо, сухани президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон “ислом бо экстремизму терроризм робита” надорад, маҳз ба ҳамин исломи ақлгаро ва таҳаммулпазири мазҳаби ҳанафӣ мансуб аст. Бояд эътироф кард, ки маҳз тавассути фаъолияти ақлию амалии аҷамиён, ба хусус мардумони тоҷику форс, ислом воқеан ба маънои томаш он хусусиятҳоеро, ки хоси дин аст, касб намуда, қонеъсозандаи талаботҳои эътиқодии мусулмонон гардид. Ҳамин исломи аз нигоҳи ваҳҳобия “олудашуда” имрӯз метавонад дар таъмини амну суботи ҷомеа саҳм бигирад, на ягон исломи дигар, ба мисли “исломи ноб”-и ваҳҳобиён.

Ҳамин тариқ, ваҳҳобия бо ёрии нерӯҳои ҳокими Дорий Муҳаммад ибни Сауд ва ворисони ӯ бо усулҳои гуногун, бахусус террор кардани онҳое, ки таълимоти ваҳҳобияро қабул надоштанд, ба ҳаракати сиёсӣ-динии ифротии экстремистӣ-террористӣ табдил ва паҳн гардид. Аз ҷумла баъди шӯриши мардуми ноҳияи Хос ба муқобили ваҳҳобиён ва саудиҳо онҳо бо як нерӯи калон ба Хос ҳуҷум карда, ҳамаи касонеро, ки ба онҳо муқобилият нишон медоданд, бераҳмона ҷазо доданд: молу

амволашонро тассаруф намуданд, касеро мехостанд, мекуштанд, каси дигарро ба зиндон мепартофтанд, хонаҳояшонро вайрон мекарданд, аз ҳар кадом сокини Хос ҳазор дирамӣ талаб мекарданд, душманашонро ба лагери худ оварда, сар мезаданд[427] ва ғайра.

Ваҳҳобиён, бахусус, ба пайравони равияи шиа муносибати сангин доштанд ва дар воридсозии "навоварӣ"-ҳо ба ислом ва олудагардии он онҳоро бештар гунаҳкор мекарданд. Онҳо шииёнро аз аҳли "куфр" медонистанд. Албатта, ин бадбинии онҳо ба шииён на танҳо ҷанбаи динӣ дошт, ҳамзамон аз эҳсоси эронибадбинии онҳо сарчашма мегирифт, зеро аксари мардуми Эрон шиамазҳаб мебошанд. Бинобар он, соли 1802 ҳангоми ба минтақаи Карбало омадан ҳамон амалҳое, ки нисбати мардуми Хос анҷом дода буданд, бе ҳеҷ гуна сабаб нисбати шиаҳо низ татбиқ намуданд: муқаддасгоҳҳои онҳо, аз ҷумла масҷиди Ҳусейн - набераи паёмбарро вайрон карданд, мақбараи имом Ҳусайн - набераи паёмбарро, ки аз тиллою сангҳои қимматбаҳо қомат афрохта буд, дар санаи 20 апрели соли 1802 пурра вайрону ғорат карда, зиёда аз чор ҳазор сокинонро қатл карданд. Ҳатто ба муйсафедон, кӯдакон ва занҳо раҳм накарданд ва шиками занҳои ҳомиладорро чок карда, кӯдакашро кашида ба берун партофтанд. Тамоми ёдгориҳои таърихиро нобуд сохта, ғаниматҳои ҷамъовардаашонро дар чорсад уштур бор карда бурданд.[428]

Ғалабаи онҳо дар ин ё он минтақа онҳоро рӯҳбаланд сохт ва онҳо ҷангҳои таҷовузкоронаи худро бо далелҳои Қуръониву суннат асоснок карда, идома доданд, чуноне ки дар замони паёмбар ғаниматҳои дар ҷиҳоди Хайбар ба даст омада мусулмононро рӯҳбаланд карда, барои ҷиҳоди минбаъда роҳро ҳамвор месохт ва ба ин муносибат дар Қуръон омадааст: "Шуморо ғаниматҳои дигар дар пеш аст, ки ҳанӯз ба онҳо даст наёфтаед. Вале ба онҳо даст меёбед, зеро Худо тавоно аст. Ғаниматҳо дар

[427] Васильев, А. М. Прутане ислама? Ваххабизм…, -С.134.
[428] Ҳамон ҷо. -С.145-146

Форсу Рум [48: 21]. Яъне амалиётҳои мусулмонони замони “исломи ноб” дар шакли боз ҳам ифротитару даҳшатноктар эҳё гашта, дар фаъолияти ваҳҳобиён такрор меёфт.

Баъди ҳодисаи Карбало ваҳҳобиён ба Ҳиҷоз тохтутоз (ҷиҳод) карданд. Соли 1800 онҳо ба Мадина ҳуҷум карда, аввал хонае, ки дар он ҷо пайғамбар гӯронида шуда буд, ғорат карданд. Ҳамон сол онҳо Маккаро дар муҳосира гирифтанд. Дар шаҳр гуруснагӣ ба вуҷуд омад. Ҳокими Макка вазъияти ногувори аҳолиро ба инобат гирифта, бо ваҳҳобиён шартнома оиди сулҳ баст.[429] Оқибат соли 1803 ба Макка ворид шуда, баъди анҷоми маросими Ҳаҷ ҳамаи мақбара ва масҷидҳои гумбаздорро вайрон карданд. Ҳар чизе, ки ба таълимоташон мувофиқат намекард, нобуд сохтанд. Дар азон ба забон гирифтани номи пайғамбарро манъ намуданд. Пӯшидани либоси абрешимӣ, тамокукашӣ, шунидани суруду мусиқӣ ва хондани намозро ба номи султони турк ба сокинони Макка манъ карданд. Зиёрати қабри зани пайғамбар - Хадичаро “бидъат” эълон намуданд. Мӯи сари занҳоро низ тарошиданд.[430]

Ваҳҳобиҳо соли 1802 ба ноҳияи Тоифи Ҳиҷоз низ ҳуҷум карда, 200 нафар сокинони онро қатл намуда, амволашонро тасарруф ва хонаҳояшонро сӯхтанд ва ҳамаи китобҳои диниро нобуд намуда,[431] бо ин амалиётҳои террористиашон на танҳо амалиётҳои китобсузии мусулмононро дар Эрону Миср бо дастури халифа Умар ибни Хаттоб такрор менамуданд, ҳамчунин чеҳраи зиддибашарӣ ва зиддитамаддунии худро ошкор сохтанд.

Ҳаракати ваҳҳобия ҳамчун як неруи нав дар садаҳои XVIII-XIX тамоми минтақаҳои Нимҷазираи Арабистонро фаро гирифт ва ба замоне рост омад, ки империяи Туркони Усмонӣ дар ҳолати таназзул қарор

---

[429] История возникновения и становления ваххабизма. [электронный ресурс] URL: https: /etnos.mirlesen.ru/blog/4375741057/istoriya-vozniknoveniya-l-stannovleniya. Vahhabizma. (дата обращения:15.03.2022).
[430] Усмон, бини Абуллоҳ бини Башр. Ал-Маҷд фӣ торихи Наҷд [Матн] / Башр У.Б.А.-Бейрут.: Дори содир, 1420 (2019). Ҷ.1.-С.122
[431] Ҳамон ҷо.-С.122

дошт, чуноне ки дар садаи VII ислом дар баробари бухрону заифии давлатҳои бузурги Сосонию Византия ба ҳайси як  нерӯи тоза зуҳур гардида буд. Бинобар он, чуноне ки дар боло ёдрас кардем, ваҳҳобия тавонист ҳамчун таҷассуми идеологии ҳаракати салтанатхоҳии араб зуҳур карда, дар раванди муттаҳидсозии араб ва бунёди давлати мустақили Арабистони Саудӣ ба ҳайси як омили технологӣ-идеологӣ хизмат намояд. Махсусан, вақте ки дар даҳсолаҳои аввали садаи XVIII султони империяи шикастхӯрдаистодаи Туркони Усмонӣ Абдулазизи II барои аз нав муттаҳидсозии империяи туркҳо мубориза бурд, ваҳҳобия дар ноком гаштани кӯшишҳои қудратҷӯии туркҳо бо дастгирии Ғарб, бахусус Англия, нақши муҳим бозид.

Ҳарчанд ваҳҳобия бо “бидъат”-ҳои ба исломи суннатии асримиёнагӣ ва илоҳиёти он воридшуда мубориза мебурд, аммо ин муборизаро аз мавқеи манфиати ҷомеаи қабилавӣ-феодалии араб анҷом медод, ки ҳанӯз ба сатҳи тараққиёти ҷомеаҳои феодалии асримиёнагии дигар кишварҳои Шарқ нарасида буд. Аз ин лиҳоз, “исломи ноб”-и ваҳҳобия исломе мебошад, ки ба сатҳи тараққиёти ҷомеаи араби қабилавӣ-феодалии замони худ ҷавобгӯ буд, вале ба манфиати дигар ҷомеаҳои асримиёнагии ҳамонвақтаи ҷаҳони ислом ҷавобгӯ набуд ва бо ҳамин хусусияташ ба исломи суннатии дигар ҷомеаҳои мусулмонии вақт низ ихтилофи сахт дошт. Аммо он тавонист, ки ба зуҳури ислоҳхоҳӣ дар исломи ҷомеаҳои мазкур мусоидат намояд. Бинобар он, ваҳҳобия ва ҳаракати ислоҳхоҳӣ дар масъалаи мубориза бо исломи ортодоксалии асримиёнагӣ баъзе нуктаҳои умумӣ доштанд.

Бо назардошти ҳамин хусусияташ баъзе муҳаққиқон ваҳҳобияро ба ҳаракати ислоҳхоҳӣ мансуб донистанд, ки аз назари мо саҳеҳ нест, зеро ислоҳхоҳӣ ин маънои модернизм (навоварӣ) дар исломро низ дорад, ки ба он ваҳҳобия ҳамеша аксуламал нишон медиҳад ва онро қабул надорад. Гузашта аз ин, тамо.ли модернистие, ки дар ҳаракати

ислоҳхоҳии мусулмонӣ ба вуҷуд омад, ин як навъ кӯшиши ба шароити ҷомеаи нави буржуазӣ, тараққиёти илму технологияЬ нав мутобиқ сохтани аҳкоми исломӣ буда, ба тамоюли суннатгароӣ дар ислом мухолиф мебошад. Ваҳҳобия бошад, сахттарин навъи суннатгароӣ дар ислом буда, идеологияи ҷомеаи Арабистон, ба хусус Ҳиҷози асримиёнагии аз тараққиёт бозмонда мебошад, ки на ба прогреси ҷамъиятӣ, балки ба ривоҷи таассуби динӣ мусоидат намуд. Илова ба ин, модернизм дар ислом метавонад пайванди исломро бо экстремизм заиф созад, аммо ривоҷи ваҳҳобия ва дар сатҳи сиёсат мавқеи устувор касб кардани он ба ривоҷи ифротгароӣ дар ислом мусоидат намуд.

Ҳамчунин, бояд эътироф кард, ки ваҳҳобия бо вуҷуди ҳамкорӣ доштанаш бо Ғарб ва дар пиёдасозии сиёсати Ғарб дар ҷаҳони ислом саҳм гирифтанаш ҷанбаҳои зиддимустамликавӣ низ дошт, ки он дар раванди мубориза бурдан бо низоми мустамликадории туркони Усмонӣ ва исломи туркишуда ташаккул ёфтааст. Бинобар он, дар давраи зуҳури ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳӣ даъватҳои он дар бораи мубориза бо “мушрикон”-у “кофирон” дар кишварҳои дигар ҳамовозӣ пайдо намуд. Зубдагони динию сиёсии ин мамолик шиорҳои ваҳҳобиро дар мубориза ба муқобили мустамликадорони кишварҳои хеш истифода мекарданд. Ба ҳамин сабаб ваҳҳобия бо вуҷуди падидаи арабӣ буданаш аз доираи арабият берун рафта, дар кишварҳои дигари мусулмонӣ паҳн шуд ва тавассути он падидаи экстремизму терроризм дар ин кишварҳо гардид ва ҳамчун “омили исломӣ” дар сиёсати ин кишварҳо мавқеи хос пайдо намуд.

Мусаллам аст, ки давлати аввалине, ки амирони Наҷдӣ - Саудиҳо дар нимаи дуввуми садаи XVIII бунёд карданд, аз ҷониби мисриҳо ва туркҳо барҳам дода шуд. Бори дуввум саудиҳо дар садаи XIX давлати арабии хешро дар зери парчами ваҳҳобия барқарор намуданд, вале танҳо дар давраи ҷанги якуми ҷаҳонӣ, вақте ки низоъи байни Туркияю

Англия ба авҷи худ расид, амирони саудӣ аз ин ҳолат истифода бурда, дар зери парчами ваҳҳобияи динӣ-сиёсӣ мавқеи худро устувор сохтанд ва мубаллиғони ваҳҳобия дар байни аҳолии Нимҷазира аз нав таълимоти ваҳҳобияро тарғиб карда, аз мусулмонон бечунучаро риояи дастуроти ваҳҳобия ва итоат кардан ба амирро талаб намуданд. Дар натиҷа ваҳҳобиён соли 1920 тавонистанд аз нав як қатор минтақаҳои Нимҷазираи Арабистон, аз ҷумла Ҳиҷозро забт карда, пароканадагии феодалиро барҳам дода, шоҳигарии Арабистони Саудиро эълон намоянд.[432]

Маврид ба ёдоварист, ки пайдоиши давлати мустақили Арабистони Саудӣ дар зери парчами сиёсию динии ваҳҳобия бо дастгирии Ғарб, пеш аз ҳама Англия, ба вуқуъ пайвастааст, зеро муборизаи озодихоҳии арабҳо ба муқобили империяи туркони Усмонӣ ба манфиатҳои геосиёсӣ ва геоиқтисодии Ғарб дар ҷаҳони мусулмонӣ мувофиқ омада буд. Аз ҳамин сабаб Англия, Ғарб умуман, ҳаракати озодихоҳии арабҳоро бо сарварии Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб ва амирони саудӣ ба муқобили туркҳо ҳамаҷониба дастгирӣ мекард. Дар ниҳоят Ғарб дар симои ваҳҳобия силоҳи идеологӣ ва дар симои амирони саудӣ ва давлати соҳибистиқлоли Арабистони Саудӣ шарики сиёсии хешро дарёфт. Барои Ғарб баҳри пиёда сохтани манфиатҳои геосиёсӣ ва геоиқтисодии хеш танҳо ба як давлати мустақили арабӣ такя кардан кифоя набуд. Дар ҳалли ин масъала онҳо усули асосиро дар барангехтани низоъҳои дохилии байни мусулмонон медиданд.

Бинобар он, омӯзишу таҳқиқи вазъи динӣ-сиёсӣ дар ҷаҳони ислом, ки ба равияю фирқа ва мазҳабҳои мухталиф тақсим шуда буданду нисбати ҳамдигар рақиб, ҳатто душмани эътиқодӣ-мазҳабӣ ба ҳисоб мерафтанд, барои Ғарб ниҳоят муҳим буд. Ҳанӯз аз асри XVII сар карда Ғарб, империяи Британия дар ин самт корҳои зиёдеро анҷом медод. Ин

---

[432] https/etnos.mirtesen.ru/blog/43757410575/istoriya-vozniknoveniya-i-stanovleniya Vahhabizma. (дата обращение 12.03.2023)

иқдом аз он оғоз ёфт, ки дар давоми садаи XVII-XVIII якчанд гурӯҳҳои ҷавонони насронии аврупоӣ худро пайрави нави дини ислом нишон дода, ба Туркия, Миср, Сурия ва дигар кишварҳо ворид шуда, дар беҳтарин мадрасаҳои исломӣ таълим гирифта, ҳамчун “илоҳиётшиноси мусулмон” машҳур гаштанд. Онҳо аз наздик нуктаҳои заъфи ислом ва ҷаҳони мусулмонӣ, яъне ҳамон зиддиятҳои фирқавӣ-мазҳабиеро, ки миёни мусулмонон ҷой дошт, дақиқ омӯхтанд. Дар натиҷа онҳо муайян карданд, ки барои ғалаба кардан бар исломи мусулмонон роҳи аз ҳама самарабахш истифода кардан аз зиддиятҳои дохилифирқавӣ ва дохилимазҳабӣ аст. Дар ҳамин замина Ғарб ҳанӯз аз ибтидои садаи XVIII роҳи самарабахши зарба задан ба империяи туркони Усмониро пайдо кард. Барои расидан ба ҳадафи хеш онҳо дар ин самт методи тафсири таҳтуллафзӣ, на ақлонии Қуръону суннатро интихоб карданд, ки аз замони наслҳои ба ном “салафи солеҳин” ва мазҳаби ҳанбалияю таълимоти илоҳиётшиносӣ-фиққии ибни Таймия дар исломи суннатӣ ҳамчун як анъанаи устувор идома меёфт ва ҳаракати ваҳҳобия (имрӯз салафия) онро дар сатҳи баланд ривоҷ дода, идеализатсия намуда, то ба дараҷаи омили ғоявии экстремизми динӣ расонида буд.

Аз ин ҷо Ғарб дар симои ваҳҳобия муҳимтарин аслиҳаи сиёсӣ-динӣ ва идеологии хешро дарёфт ва он то ба имрӯз барои амалисозии манфиатҳои геосиёсию геоиқтисодии қудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ кор мекунад. Бинобар он, дар омади сухан бояд ёдрас кард, ки ворид шудани ҷараёнҳои сиёсӣ-динии нав ба мисли ҷараёни салафия, Ихвон-ул-муслимин, Ҳизб-ут-таҳрир ва бунёди масҷидҳо аз ҷониби давлатҳои дастгирикунандаи ин ҳаракатҳои динӣ-ифротӣ дар Тоҷикистон ва ҳамкории фарҳангию илмӣ бо ин кишварҳо, ки ҷавонону имомхатибони мо, ба ҷуз таълимоти ваҳҳобӣ-салафӣ, наметавонанд ягон дастоварди илмию технологии замони муосирро омӯзанд, ҷои хушнудӣ надорад.

Табиати экстремистии ваҳҳобия имкон дод, ки он дар давоми садаи XX бо дастгирии қудратҳои ҷаҳонию давлатҳои шарики сиёсии онҳо дар Шарқи исломӣ ба тадриҷ ба ҳамаи кишварҳои мусулмоннишин паҳн гардад. Вале бояд таъкид кард, ки дар кишварҳои мусулмоние, ки дар зери панҷаи истеъмории Ғарб қарор доштанд, ваҳҳобия нақши духӯра бозидааст. Масалан, ҳанӯз дар садаи XIX баъзе ақидаҳои ваҳҳобия, аз ҷумла идеяи онҳо дар бораи ҷиҳод бо "мушрикон"-у "кофирон" ба Ҳиндустон, Индонезия, Африқо ва баъзе кишварҳои дигар роҳ ёфтанд. Мубаллиғони мусулмону сиёсатмадорони ин мамлакатҳо идеяҳои ваҳҳобияро барои бедор намудани эҳсоси озодихоҳии мардум ба муқобили мустамликадории Ғарб истифода бурдаанд. Намунаи он фаъолияти истиқлолҷӯии Сайд Аҳмади Ҳиндустонӣ мебошад, ки ӯ солҳои 20-уми садаи XIX ба Макка ташриф оварда, мушоҳида намуд, ки баъзе ақидаҳои ӯ зоҳиран ба таълимоти ваҳҳобиён шабоҳат дорад. Ӯ ба ватани хеш баргашта, ғояҳои озодихоҳии ваҳҳобияро ба шароити зиндагии мусулмонони Ҳиндустон мутобиқ сохт. Ӯ соли 1824 ба муқобили "кофирон", яъне англисҳо ҷиҳод эълон намуд. Дар қаламрави Ҳиндустон нуфузи ваҳҳобиён афзоиш ёфт. Онҳо соли 1826 ба Панҷоб ҳуҷум карда, сикхҳоро саркӯб карданд ва соли 1830 Пешоварро забт карда, дар он ҷо давлати худро таъсис доданд ва бо номи Саид Аҳмад тангаҳо бароварданд. Хулоса, дар ноҳияҳои мусулмоннишини Ҳиндустон ва шарқии Бангладеш фаъолияти ваҳҳобиҳо авҷ мегирифт. Онҳо бо англисҳо ҷиҳод эълон намуданд.[433]

Аз садаи XVII сар карда, то нимаи садаи XX дар ҳар кишвари мусулмоние, ки таҳти ҳокимияти давлатҳои Ғарб қарор дошт ва дар ҷустуҷӯи роҳи наҷот аз мустамликаи ғарбӣ буд, роҳ барои ворид шудани ваҳҳобия дар ин кишварҳо ҳамвор гардид, зеро идеяҳои озодихоҳие, ки дар ин мамолик дар зери парчами ислом зуҳур мегардид, шабоҳате бо

[433] Васильев, А. М. Пуритане ислама? Ваххабизм и первое государство сасанидов в Аравии 1744/45-1818) [Текст] / А. М. Васильев // Отв. Ред. Иванов Н. А. - М.: Наука, 1967. -С. 255-256

баъзе ғояҳои озодихоҳонаи ваҳҳобия дошт, ҳарчанд ин идеяҳои ваҳҳобия он вақт на хусусияти зиддиғарбӣ, балки зиддитуркӣ доштанд. Намунаи барҷастаи он Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, яъне мамолики Малайзия, Бруней, Индонезия, Маяма, Сингапур, Таиланд, ҷамъ 11 кишвар мебошад, ки аксарият зери нуфузи Испания, Англия ва Голландия қарор доштанд ва низоми мустамликадории ин кишварҳо ба шакл гирифтани ҳаракати ваҳҳобия ва ба нуфуз пайдо кардани он мусоидат намуд. Дар садаи XVIII дар ин кишварҳо ҳанӯз ваҳҳобия интишор наёфта буд, ки наҳзате дар байни донишмандони исломию сиёсатмадорон ташаккул ёфт, ки барои аз бидъату хурофотҳо тоза кардани ислом мубориза мекард. Ба андешаи онҳо ин бидъатҳо дар ислом дар натиҷаи ҳамдастӣ ва муоширати мусулмонон бо намояндагони дину мазҳабҳои гуногун пайдо шуда, исломро олуда карданд ва албатта, нақши сиёсату фарҳанги истеъморгарони аҷнабӣ дар ин олудасозии ислом низ калон аст. Бинобар он, поксозии ислом аз бидъатҳо дар асл маънои аз нуфузи фарҳангию сиёсии аҷнабиён пок сохтани кишвар ва озодии мусулмононро ифода менамуд. Аз ин нигоҳ, наҳзатҳои озодихоҳие, ки дар ин кишварҳо дар зери парчами поксозии ислом зуҳур мегардиданд, бо баъзе ғояҳои ваҳҳобия созгор буда, барои густариши он ба ин кишварҳо заминаи идеологӣ муҳаё мекарданд. Ба раванди афзоиши нуфузи ваҳҳобия ба кишварҳои мусулмоннишини Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, албатта, маросими ҳаҷ дар Макка, ки минтақаи нуфузи ваҳҳобия буд, низ таъсир расонид.

Яке аз ҷунбишҳои ислоҳхоҳие, ки дар зери таъсири ваҳҳобия дар Суматраи Ғарбӣ шакл гирифтааст, ҷунбиши “Падриҳо” (рӯҳониён) мебошад, ки аз соли 1803 то 1837 ин ҷунбиш тавассути се тан аз донишмандони мусулмони дар Макка таҳсилкарда таъсис ёфта, мақсадаш поксозии ислом аз “навоварӣ” (бидъат)-ҳову хурофот ва бунёди ҳукумати исломӣ буд, вале аз ҷониби голландиҳо саркӯб гардид. Ин ҷунбиш дар ривоҷи ифротгароӣ дар минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ

таъсири зиёд гузоштааст. Падриҳо ба мисли ваҳҳобиён майхӯрӣ, қиморбозӣ, пӯшидани либоси абрешимӣ, истифода ҷавоҳирот ва ғайраро манъ карда, пӯшидани либоси сафеди арабӣ, ришмонӣ, хондани намози панҷвақтаро ҳатмӣ медонистанд, ҳар касе, ки ақидаҳои онҳоро қабул намекард, ба қатл мерасониданд, рустоҳои мухолифонашонро сӯзонида, сокинонашонро ба қатл мерасониданд. Роҳбарони ҷунбиши падриҳо ҷиҳодро бар зидди мусулмононе, ки ақидаи онҳоро қабул надоштанд ва бар хилофи "исломи ноб" рафтор менамуданд, ҷоиз медонистанд[434] ва бо ин амалҳояшон ҳамаи он амалиётҳое, ки ваҳҳобиён дар Арабистону дигар кишварҳои мусулмонӣ анҷом медоданд, такрор мекарданд.

Ба ҷуз ҷунбиши пардиҳо қариб ҳамаи созмону наҳзатҳои исломии ислоҳхоҳ бо унвони Каум Муда (созмони ҷавонон) дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ асосан дар зери таъсири ваҳҳобия қарор доштанд, ба мисли созмони "Муҳаммадия", ки соли 1912 дар Яваи Индонезия таъсис ёфтааст. Асосгузори ин созмон Ҳоҷӣ Аҳмад Даҳлон (1868-1923) солҳои 80-90-уми садаи XIX дар Макка се сол улуми динӣ омӯхтааст ва таълимоти ӯ аз ваҳҳобия тафовут дорад. Таълимоти ислоҳхоҳии ӯ тамоюли модернистӣ дорад, вале дар масъалаи тавҳид ва парҳез аз ширк зери таъсири ваҳҳобия қарор дорад. Созмони "Муҳаммадия" ба сифати созмони динӣ ва ғайрисиёсӣ, созмони омӯзишӣ ва хайриявӣ то ба имрӯз фаъолият мекунад.[435]

Аз далелҳои фавқуззикр чунин хулоса бармеояд, ки дар зери таъсири ваҳҳобия пайдо шудани ҷунбишу наҳзатҳои озодихоҳии зиддиғарбӣ дар кишварҳои мухталифи мусулмонӣ яке аз омилҳои муҳими сиёсишавии ислом дар тӯли садаҳои XVIII-XX мебошад ва дар ривоҷ ёфтани "омили исломӣ" дар ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсии ҷаҳони ислом нақши калон бозидааст. Дигар ин ки, ҳаракату созмонҳои сиёсӣ-динии

---

[434] Қудратзода, К. А., Ниёзӣ Ё. Б. Осиёи Ҷанубу Шарқӣ: шинохти вазъи динӣ ва мазҳабӣ [Матн] / К. А. Қудратзода., Ё.Б. Ниёзӣ.- Душанбе.: ҶДММ суфра, 202. -С.34-35

[435] Қудратзода, Қ. А., Ниёзӣ Ё. Б. Осиёи Ҷанубу Шарқӣ... -С.35-36

ифротӣ дар ҷаҳони мусулмонӣ дар ин давра асосан ҳамчун аксуламал ба низоми мустамликадории Туркони Усмонӣ ва ғарбӣ-насронӣ тавлид ёфтаанд, дорои ду ҷанбаи бо ҳам мухолифанд. Аввал ин ки, онҳо дар ибтидо гӯё ҳамчун идеологияи таҷассумкунандаи кӯшишҳои озодихоҳии мардуми мусулмон зуҳур гардида, ҳуқуқу озодиҳои онҳоро ҳифз мекарданд. Дигар ин ки, азбаски ин ҳаракату созмонҳо дар зери парчами "исломи ноб", исломи замони паёмбару наслҳои "салафи солеҳин" баромад мекарданд, баъди ғалабаи инқилобҳои озодихоҳӣ ва ба даст омадани истиқлолияти миллӣ-давлатӣ онҳо ба сабаби хусусияти суннатгароӣ ва ифротӣ доштан ба созмону ҳаракатҳои иртиҷоӣ, экстремистӣ табдил ёфта, ҳамчун омили идеологӣ сабаби ба низоъҳои дохилимазҳабӣ кашидани мусулмонон ва ба ин васила барои дар ҳолати бозмондагӣ нигоҳ доштани ин давлатҳо шуда, ба манофеи геосиёсӣ ва геоиқтисодии қудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ хизмат карданд. Ҳодисаҳои "Баҳори араб", таъсиси "Давлати исломӣ", дар Афғонистон ба сари қудрат омадани Толибон ва ғайра далели қотеъи ин хулосаанд.

Ҳамин тавр, паҳншавии ваҳҳобия дар кишварҳои мусулмоннишин баъди озод шудани онҳо аз юғи империализми Ғарб ва ба даст овардани истиқлолияти миллӣ-давлатӣ барои давлатҳои дар ҳоли рушд мушкилотҳои зиёдеро дар бахши ҳаёти динӣ ва сиёсӣ ба бор овард. Чуноне ки муҳаққиқ О. П. Бабиков мегӯяд, "агар ваҳҳобия дар маҳдудияи Арабистони Саудӣ қарор мегирифт, мушкилотҳои махсусе ба вуҷуд намеомаданд".[436] Вале, муттаасифона, ваҳҳобия аз солҳои 70-уми садаи XX сар карда, мақсаднок ва фаъолона аз ҳудуди Арабистони Саудӣ берун рафта, дар ҳамаи мамлакатҳои мусулмоннишин паҳн гардид. Ба паҳншавии ваҳҳобия дар кишварҳои гуногун дар солҳои "ҷанги сард" махсусан Иёлоти Муттаҳидаи Амрико мусоидат намуд, то ки дар мамолики Шарқи Наздику Миёна дар муқобили нуфузи

---

[436] Бабиков, О. П. Феномен ваххабизма [Текст] / О.П. Бабиков // Африка и Азия сегодня, №8, 1999. -С.23.

Иттиҳоди Шӯравӣ мувозинат ба даст орад, зеро як қатор давлатҳои мусулмонӣ, аз ҷумла араб, ба мисли Мисру Ироқу Сурия ва ғайра бо дастгирии идеологӣ, сиёсӣ ва ҳатто ҳарбии Иттиҳоди Шуравӣ аз истеъмори Ғарбу Иёлоти Муттаҳидаи Амрико истиқлолияти давлатӣ ба даст оварда буданд. Таваҷҷуҳи ин давлатҳо ба Иттиҳоди Шӯравӣ меафзуд. Баъзеи ин давлатҳо ҳатто роҳи тараққиёти сотсиалистиро интихоб карда буданд ва бо Иттиҳоди Шӯравӣ ҳамкориҳои иқтисодӣ, фарҳангию илмӣ ва сиёсию ҳарбӣ доштанд. Ҳамаи ин ба манфиати кишварҳои Ғарбу ИМА набуд, вале дар ин замина муборизаи Иттиҳоди Шӯравӣ ва Ғарбу ИМА барои пайдо кардани нуфуз дар ҷаҳони ислом шиддат мегирифт.

Ваҳҳобия аз солҳои 70-уми садаи XX сар карда, дар се давра ба се самт паҳн гардид: а) солҳои 70-80-ум дар мамолики араб - Сурия, Миср, Алҷазоир ва ғ.; б) солҳои 80-ум дар Афғонистон; в) солҳои 90-ум дар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ - Россия, Осиёи Марказӣ, Украина, Озарбойҷон, дар Аврупои Ҷанубу Шарқӣ, Аврупои Ғарбӣ, Амрикои Шимолӣ ва Ҷанубӣ, Австралия, Африка ва ғайра. Дар кишварҳои араб, ба мисли Мисру Алҷазоиру Сурия дар солҳои 70-80-ум ҳамчун идеологияи зиддиҳукуматии гурӯҳҳои экстремистӣ-террористӣ ба вуҷуд омад. Дар кишварҳои арабӣ ифротгароии исломӣ дар шакли гурӯҳҳои экстремистӣ-террористӣ ва созмонҳои ҳарбии ғайриқонунӣ маҳз дар натиҷаи дар байни мусулмонони ин давлатҳо паҳн гардидани ваҳҳобия ба вуҷуд омаданд. Пайдоиши ин гурӯҳҳо ҳатто сабаби ба вуҷуд омадани ҷангҳои шаҳрвандӣ дар баъзеи ин давлатҳо гардид. Масалан, ҷанги шаҳрвандие, ки бо айби ваҳҳобия дар Алҷазоир ба миён омад, боиси харобшавии кишвар ва марги зиёда аз 100 ҳазор нафар шуд.[437]

Гурӯҳҳои экстремистӣ-террористӣ дар Алҷазоир ба таври қатъӣ аз рӯи барномаи идеявии ваҳҳобия амал мекарданд, ки муҳимтаринашон

[437] https//studbooks.net/668337/kylturalogiya/ideologiya vahhabitov (Дата обращения 15.12.2023).

инҳоянд: ҳамаи ҳукуматдороне, ки аз ислом дур шудаанд, бояд қатл карда шаванд; ҳамаи онҳое, ки амру фармони ин ҳукуматдоронро иҷро мекунанд, бояд кушта шаванд; ҳамаи онҳое, ки ба ин ҳукуматдорон муқобилият нишон намедиҳанд, бояд кушта шаванд; ҳамаи онҳое, ки ба ягон ақидаи ваҳҳобиён-салафиён розӣ нестанд, бояд қатл карда шаванд.

Гуфтан ба маврид аст, ки баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва хотима ёфтани "ҷанги сард", дасти Ғарб кушода шуд, Ғарб ба коштани тухми нави кинаю адоват ва низоъ дар ҷаҳони мусулмонӣ оғоз кард. Дар Мағриб - Покистону Осиёи Ҷанубу Шарқӣ идеяи бозгашт ба "исломи ноб", ки ҳаракати ваҳҳобия эълон карда буд, дар давоми садаи XX ва ибтидои садаи XXI ба принсипи муҳими ҳамаи ҳаракатҳои бунёдгароии исломӣ табдил ёфт. Ҳанӯз дар замони ҳузури артиши Шӯравӣ дар Афғонистон Ғарб дар муқобили артиши Шӯравӣ ҳаракати ҳарбикунонидашудаи сиёсӣ-динии исломи радикалиро бо унвони "Толибон" таъсис ва шакл дода буд.

Дар ибтидо вазифаи толибон мубориза бо артиши Шӯравӣ ва ба даст овардани истиқлолияти Афғонистон аз Иттиҳоди Шӯравӣ ба ҳисоб мерафт. Ғарб барои он ки паҳншавии нуфузи Иттиҳоди Шӯравиро дар Шарқ боздорад, ин созмони экстремистӣ-террористиро дар пояи идеологияи ваҳҳобия бунёд намуд. Заминаи ақидавии идеологияи Толибонро таълимоти ваҳҳобия ташкил медиҳад ва онро дар давраи ҷанги Афғонистон корпуси экспедитсионии арабҳо ба вуҷуд овардааст. Ваҳҳобия дар ин минтақа идеологияи афғонҳои арабшуда мебошад ва онро ба ифротгароёни миллатҳои гуногун, ки дар лагерҳои зери назорати Толибон қарор доштанд, таълим медоданд. Толибон на танҳо муқобили "кофирон"-и шӯравӣ, ҳамчунин муқобили мусулмонони Афғонистон, ки бо онҳо набуданд, меҷангиданд. Ҳарчанд ҳайати ин ташкилоти ифротии террористиро намояндагони халқиятҳои гуногуни

Афғонистон ташкил диҳад ҳам, аммо аксарияти онҳо аз намояндагони қавми пашту иборатанд.

Баъди дар соли 1989 хоки Афғонистонро тарк кардани артиши Шӯравӣ ва пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ нерӯҳои ҳарбии НАТО бар такя бо он ки Толибон дастпарвардаи онҳоянд, вориди Афғонистон шуданд. Вале вазъият комилан ранги дигар гирифт. Толибон, ки бо пуштибонии Ғарб як нерӯи зиддишӯравӣ буданд, дар натиҷа ба созмони зиддиғарбӣ табдил ёфтанд ва 30 сол бо нерӯҳои НАТО ҷангиданд. Дар ин давра аксарияти ҳайати созмони Толибонро намояндагони халқи пашту ташкил намуданд.

Соли 1995 тахминан бо дастгирии молиявии Аморати Муттаҳидаи Араб Толибон ноҳияи Ҳилмандро забт карда,[438] ҷангиёни Гулбиддин Ҳикматёрро торумор намуданд. Аммо дар наздикии Кобул онҳоро артиши Аҳмадшоҳи Масъуд боздошт. Онҳо се ҳиссаи ҳудуди ҷанубӣ-шарқии Афғонистонро забт карда, дар охири соли 1995 нерӯҳои ҳарбӣ-ҳавоии онҳо дар фазо афзалият ба даст овард.[439]

27 сентябри соли 1996 Толибон бе ҷанг Кобулро ишғол карда, давлати Аморати Исломии Афғогистонро таъсис дода, дар ҳудуди зери назорати худ қонунҳои шариатро дар заминаи таълимоти ваҳҳобия ҷорӣ намуданд. Мухолифони низоми ҷорикардаи толибонро аҳолии шимолии Афғонистон ташкил медоданд, ки аксарият тоҷикон бо роҳбарии Аҳмадшоҳи Масъуд ва Бурҳониддини Раббонӣ ва ҳамчунин ӯзбекҳо бо сардории генерал Абдурашид Дӯстум буданд. Толибон баъди ғалаба ба террорист Усома Бен Лодан паноҳгоҳи сиёсӣ доданд ва ҳар он чизе, ки ба исломи ваҳҳобӣ ихтилоф дошт, нобуд сохтанд, яъне терроризмро аз самти сиёсат ба соҳаи санъату фарҳанг низ интиқол доданд. Аз ҷумла ёдгориҳои меъмории буддоиро, ба вижа муҷассамаи Буддоро, несту

---

[438] Барабанов, В.А. Российский ВПК: история и современность: Монография [Текст] / В.А. Барабанов // Моск. гос. открытый пед. ун-т им. М. А. Шолохова. - М.: Альфа, 2002. -С.19, 236. (238 с,

[439] Жироков Михаил. Воздушная война над Афганистаном, 1989-2001 [электронный ресурс] URL: http://www.airw ar.ru/history-locwar/afgan/1989-2001/1989 2001.html. / (Дата обращения: 11.12.2021)

нобуд карданд ва бо ҳамин обрӯю нуфузи худро дар назди ҷомеаи башарӣ коста намуданд.

Ғарб ва ИМА ба ҳар роҳу усул мехостанд толибонро ё шикаст диҳанд ва ё ба итоати хеш дароваранд. Дар натиҷа, амалиёти террористии 11-уми сентябри соли 2001 ба вуқӯъ пайваст ва ИМА ба муқобили Аморати Исломии Афғонистон амалиётҳои зиддитеррористиро оғоз карда, бо ёрии Алянси шимолӣ низоми толибиро шикаст дод. Толибон ба амалиётҳои пинҳонӣ гузашта, як қисматашон ба минтақаи Вазиристони Покистон ақибнишинӣ карданд ва дар зери сарварии Ҳоҷӣ Умар муттаҳид шуданд. Вазиристон аз ибтидои солҳои 2000 такягоҳи ҳаракати "Толибон" мебошад ва соли 2004 онҳо ҳокимиятро дар ин минтақа ғасб намуданд. Оқибат 14-уми феврали соли 2006 дар ҳудуди Вазиристони Шимолӣ Аморати Исломии Вазиристони мустақил эълон гардид[440] ва Вазиристон аз дасти ҳукумати Исломобод рафт.

Соли 2007 толибони Покистон зери унвони ташкилоти "Таҳрики толибони Покистон" муттаҳид шуданд ва Баҳруллоҳ Мақсуди паштун аз Вазиристон сардори он интихоб гардид. Соли 2009 толибон 30 нафар полиси Покистонро дар водии Сват асир гирифта, аз ҳукумати Покистон талаб карданд, ки дар Сват қонунҳои шариатро расман ҷорӣ намояд. Ҳукумати Покистон маҷбур шуд ин талаби онҳоро иҷро кунад. Баъди он толибон минтақаи Буниёрро зери назорати худ даровularданд.[441] Дар моҳи марти соли 2014 толибон 70% ҳудуди Афғонистонро зери назорати худ даровarданд, танҳо Кобулу Мазори Шариф дар ихтиёри НАТО боқӣ монд. Баъди аз ҷониби америкоиҳо кушта шудани пешвои толибон Ахтар Мансур вориси ӯ дар ҳаракати "Толибон" Мавлавӣ Ҳабибуллоҳ Охунзода интихоб шуд.

[440] Провозглашение Государство Вазиристан [электронный ресурс] URL: http:www.day.az/news/world/41759.htrn (дата обращения: 14.05.2021).
[441] Клинтон увидела в Пакистане «смертельную угрозу» для мира [электронный ресурс] URL: https //www.lenta/news/2009/04/23/paklenta.ru. (дата обращения: 23 апреля 2009)

Августи 2017 намояндагони толибон ба президенти ИМА мактуб навишта талаб карданд, ки артиши ИМА-ро аз Афғонистон барорад ва июни соли 2018 онҳо бо президенти Афғонистон созиши муваққатиро эълон карданд ва моҳи майи соли 2019 гуфтугӯи навбатии толибон бо Ашраф Ғанӣ баргузор шуд. Дар ин мулоқот масъалаи бо роҳи сулҳ ба танзим даровардани вазъи Афғонистон бо иштироки ҷониби Россия муҳокима гардид.[442] ИМА тобистони соли 2021 артиши хешро аз Афғонистон хориҷ кард ва Толибон қариб ҳамаи ҳудуди кишварро зери назорати худ дароварда, Ҷумҳурии исломии Афғонистонро аз байн бурда, ба ҷои он Аморати исломии Афғонистонро эълон намуданд.

Дини расмии толибон исломи суннии ҳанафияи анъанавӣ мебошад, ки асоси қонунгузории Давлати исломии Афғонистонро ташкил медиҳад. Дар самти илоҳиётшиносӣ мактаби ашъария афзалият дорад. Аз ин нигоҳ дини расмии Толибон бояд бо ҳаракатҳои салафигароии гуногун ихтилоф дошта бошад. Вале ҳанӯз аз солҳои 2000-ум сар карда, дар сафи толибон пайравони ҷараёни салафия афзуданд[443] ва мазҳаби ҳанафӣ низ дар зери таъсири ваҳҳобия баъзе хусусиятҳои таҳаммулпазирӣ ва ақлгароии худро аз даст дод. Махсусан, соли 1996 баъди ба сари қудрат омадани толибон бо дар назардошти манфиати ҳамаи халқҳои Афғонистон бештар ба девбандия таваҷҷуҳ зоҳир карда, ба масъалаи тоза кардани исломи ҳанафӣ аз суннатҳои куҳнашудаи маҳаллӣ, ки ин ҳаракат дар садаи XX дар Ҳинди британӣ зуҳур карда буд, пайравӣ намуданд.[444]

Ҳол он ки истифода кардани суннатҳои маҳаллӣ дар коркарди таълимоти фиқҳии ҳанафия (урф) яке аз сарчашмаҳои ғоявии исломи ҳанафӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин ҷо чунин хулоса бармеояд, ки толибон кӯшиш доранд, ки бо роҳи ба ваҳҳобия мутобиқ сохтани фиқҳи ҳанафӣ

---

[442] В Москву вновь приехали талибы, они встретились с Павловым. Радио свобода. (Дата обращения 28 мая 2019)
[443] Интервью с военным амиром Иттихад исламского джихада [электронный ресурс] URL: https//50 englar.info/rus/inde xphp?Newsid-2352 (дата обращения: 12.02.2020).
[444] Караев, 2006г. Свои-605. У. Рашид 2003.

доираи амали онро дар Афғонистон маҳдуд намоянд, зеро онҳо дар таҷрибаи хеш ошкор сохтанд, ки манфиатҳои шовинизми паштуниро на мазҳаби ҳанафӣ, балки маҳз ғояҳои такфирӣ-ҷиҳодии салафия ҳимоя менамояд. Далели дигари исботи ин хулоса он аст, ки имрӯз як гурӯҳ рӯҳонияти суннимазҳаби Афғонистон тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ пайваста бо меъёрҳои муқарраркардаи фиқҳи ҳанафӣ ошкоро мубориза мебаранд. Дар айни замон,  таъкид бояд намуд, ки дар идеологияи толибон паштунвалай, яъне миллатгароии динии паштунҳо афзалият дошта, онҳо кӯшиш менамоянд, ки одату суннатҳои қабилавии хешро дар ислом ҳифз намоянд ва манфиатҳои дигар халқҳои Афғонистон, бахусус тоҷиконро, ки миқдорашон аз паштуҳо (47%) бештар аст, маҳдуд созанд. Метавон гуфт, ки миллатгароии паштуҳо имрӯз хусусияти шовинистӣ касб кардааст. Дар идеологияи ба ном исломии онҳо принсипи космополитизми исломӣ ҷанбаи сахти паштугароӣ дошта, ба идея тавҳиди исломӣ ихтилофи ҷиддӣ дорад, зеро космополитизм аз идеяи тавҳид сарчашма мегирад, паштунизм бошад, ба ин ғоя ихтилофи мантиқӣ дорад. Дар идеологияи толибон ислом беш аз пеш ба андешаи ирқгароии паштунӣ тобеъ карда шуда, манфиатҳои халқҳои ғайрипаштун, бавижа тоҷикон, поймол мегардад.

Толибон, ҳарчанд зоҳиран худро пайрави мазҳаби ҳанафии суннатӣ ба қалам медиҳанд, вале дар исломи ҳанафии онҳо таъсири ваҳҳобия, аз ҷумла, таассуби сахти ваҳҳобӣ калон аст. Мувофиқи идеологияи онҳо ҳар касе, ки дар андеша бо онҳо созгор нест, роҳгумкарда дониста мешавад ва сазои ӯ таъқибу марг аст. Аз ин рӯ, ҳанафимазҳаб будани онҳо имрӯз зери шубҳа қарор мегирад. Шариате, ки ҳоло Толибон дар ҳудуди Афғонистон ҷорӣ намуданд, бештар мазмуни ҳанбалӣ-ваҳҳобӣ, яъне салафӣ дорад. Далели ин хулосаро амалҳои онҳо дар мавриди манъ кардани мусиқӣ, нобуд сохтани асбобҳои мусиқӣ, рақсу бозӣ, санъати тасвирӣ, нӯшокиҳои спиртӣ,

истифодаи компютер ва интернет, манъи бозии шоҳмот, пӯшидани пойафзоли рангаш сафед (ба хотири он, ки ранги парчами онҳо сафед аст) ва ғайраҳо мебошад, ки хоси таълимоти ваҳҳобиянд, на ҳанафия.

Ҳамчунин метавон гуфт, ки толибон дар масъалаи поймол кардани ҳуқуқи зан дар ҷаҳони ислом ҷои аввалро ишғол намуданд. Онҳо ба занҳо кор кардан, дар ҷойҳои ҷамъиятӣ бе фаранҷӣ, бе шавҳар ё бе марди маҳрами хеш ҳузур доштан, дар назди табиби мард табобат гирифтан ва ғайраро қатъиян манъ намуда, мавриди эътирози оммавии занон қарор гирифтанд. Бо ба сари қудрат омадани толибон гирифтани маълумот барои занҳо хеле маҳдуд гардид. Миқдори духтарони таълимгиранда дар мактабҳо соли 2001 ҳамаги 1%-ро ташкил медод. Зиёда аз ин, сарвари толибон 26-уми феврали соли 2001 дар бораи нобуд кардани ҳамаи ёдгориҳои ғайриисломӣ декрет қабул кард.[445] Дар натиҷа онҳо ҳамон сол ду муҷассамаи бузурги Буддоро, ки дар кӯҳи шахманзараи Бомиён дар садаҳои III ва IV акскорӣ шуда буд, таркониданд. Ин амали онҳоро ҷомеаи ҷаҳонӣ маҳкум кард.[446] Аз ҷумла, муфтии Миср аз толибон даъват намуд, ки декретро дар бораи нобуд сохтани ёдгориҳои пеш аз исломӣ дар Афғонистон бекор намоянд.[447] Онҳо ҳатто мактабҳоро вайрон карда, ба таълим гирифтани насли наврас монеа эҷод менамоянд. Масалан, соли 2008 онҳо дар минтақаи шимолӣ-ғарбии Покистон (Сват) 170 мактабро несту нобуд карда, 55000 наврасро аз таълиму омӯзиш маҳрум намуданд.[448]

Ҳамзамон, бояд таъкид кард, ки имрӯз мубаллиғони ҷараёни салафияи ифротӣ, ки дар Афғонистон ба таври бесобиқа ривоҷ ёфта истодааст, бисёр амалҳои зиддитамаддунии хешро аз номи Имоми Аъзам Абуҳанифа дар байни мусулмонон тарғиб карда, мекӯшанд

[445] Талибы разрушат памятники неисламских религий. [электронный ресурс] URL: htpps://utro.ne/articles/2001/02/27/129/.sktml. (дата обращения: 14.05.2021)
[446] Мусульманские страны осудили акт уничтожения талибами буддистских памятников архитектуры [электронный ресурс] URL: http://www.africana.ru/news/2001/03/02/buddy taliby.ntrn. (дата обращения: 28.05.2015)
[447] https//www.africana.ru/news/2001/03/02/buddy taliby.htm. (Дата обращения 25.04.2022)
[448] Талибан. [электронный ресурс] URL: https://ru.wikipedia.org/wiki/%D0%9D%D0%B0%D1%81%D1%82%D1%83%D0%BF%D0%BB%D0%B5%D0%BD%D0%B8%D0%B5_%C2%AB%D0%A2%D0%B0%D0%BB%D0%B8%D0%B1%D0%B0%D0%BD%D0%B0%C2%BB_(2021) (дата обращения:14.08.2022). (Дата обращения 14.08.2022).

пайравони мазҳаби ҳанафиро ба гурӯҳҳои экстремистӣ-террористии салафӣ ҷалб созанд. Бо ин амалҳояшон онҳо на танҳо хусусияти зидди мазҳаби ҳанафӣ доштани ваҳҳобия-салафияро, ҳамчунин чеҳраи зиддитамаддунӣ ва зиддибашарӣ доштани ҳаракати толибонро ошкор месозанд.

Таълимоти ваҳҳобия ҳанӯз дар ибтидои садаи XX дар байни мусулмонони Россия интиқол ёфта буд ва он имрӯз бо номи салафия дар минтақаҳои мусулмоннишини Федератсияи Россия густариш меёбад. Дар ибтидо ақидаҳои ваҳҳобия ба Россия тавассути ҳоҷиён, ки асосан аз фаъолони динии мусулмонон буданд, роҳ ёфтаанд. Аммо баъди таъсис ёфтани ҳокимияти шӯравӣ дар Россия роҳи интиқоли афкори ваҳҳобия, умуман ҳама гуна ақидаҳои бегона ба Россияи Шӯравӣ баста шуд. Баъди Ҷанги дуввуми ҷаҳон дар натиҷаи ғалабаи Иттиҳоди Шӯравӣ лагери сотсиалистӣ таъсис ёфта, ҷаҳон ба ду қутби муқобил тақсим шуд ва муборизаи идеологӣ байни империализми Ғарбу коммунизми рус бо шиддат афзоиш ёфт. Иттиҳоди Шӯравӣ муборизаҳои миллӣ-озодихоҳиро дар ҳамаи минтақаҳои ҷаҳон ба муқобили низоми истеъмории Ғарб дастгирӣ мекард, ки боиси афзоиши нуфузу эътибори он шуд. Дар натиҷа ҷаҳони империалистӣ дар симои Иттиҳоди Шӯравӣ душмани хешро медид ва муборизаи ин ду низом на танҳо дар сатҳи иқтисодию ҳарбӣ-сиёсӣ, дар сатҳи идеологӣ низ хеле тезутунд гардид. Ҳомиёни империализм бо ҳар роҳу усул Иттиҳоди Шӯравиро ба поймол кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон, бахусус озодиҳои динӣ, маҳдуд сохтани дину фарҳангҳои миллатҳои Шӯравӣ ва ғайра гунаҳкор мекарданд. Дар ин муборизаи идеологӣ дини ислом, ки дар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, ки пайравонашон аз рӯи миқдор баъди масеҳиён ҷойи дуввумро ишғол мекарданд, ҷойгоҳи хос дошт.

Бинобар он, ворид шудани исломи сиёсӣ дар шакли таълимоти ифротӣ-террористии ваҳҳобия дар минтақаҳои мусулмоннишини

Иттиҳоди Шӯравӣ ба манфиати Ғарбу ИМА буд. Давлати Шӯравӣ низ барои ба ҷаҳониён муаррифӣ намудани сиёсати худ нисбати дин аз солҳои 50-уми садаи XX сар карда, дар доираи маҳдуд ҳам бошад, рафтан ба маросими ҳаҷро ба мусулмонон иҷозат дод ва аз солҳои 60-ум муоширати делегатсияҳои динӣ дар шакли иштирок дар симпозиум, семинар ва конфренсияҳо, таълими динӣ дар макотиби исломӣ ва ҳатто дар донишгоҳҳои исломи хориҷӣ аз нав барқарор шуданд.

Чунин тағйирот дар сиёсати давлати шӯравӣ нисбат ба дин ба ворид шудани исломи сиёсӣ дар ҳудуди Иттиҳоди Шӯравӣ замина гузошт. Воридшавии исломи сиёсии радикалӣ ба ҳудуди Иттиҳоди Шӯравӣ аз воридшавии осори динии идеологҳои созмони экстремистӣ-террористии “Ихвон-ул-муслимин,” ки дар зери таъсири таълимоти ваҳҳобия таълиф шуда буданд, оғоз ёфт. Дар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ исломи сиёсии радикалӣ дар шакли афкори ифротгароёнаи ваҳҳобия ба воситаи водии Фарғона ба ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна роҳ ёфт, зеро Ғарб ва ИМА хуб фаҳмида буданд, ки маҳз таълимоти ифротии ваҳҳобия барои мубориза кардан ба идеологияи коммунистӣ силоҳи мувофиқи идеологӣ аст. Ин ҷо як нуктаро хотиррасон бояд кард, ки ба андешаи ҷомеашиносон гӯё сиёсишавии ислом маҳз дар замони истеъмори Ғарб ва дар давраи авҷ гирифтани муборизаи ду нерӯи бузурги байналмилалӣ - империализм ва коммунизм ба вуҷуд омада бошад. Чунин фаҳмиш дар шаклҳои гуногун то ба имрӯз идома дорад, вале наметавон ба ин ақида розӣ шуд, ҳарчанд ки ба таври куллӣ дар диншиносии илмӣ он рад карда шудааст ва назарияи аксарият бар он аст, ки ислом аз ибтидо хусусияти сиёсӣ дошт. Ислом аз ибтидо ҳамчун як дини сиёсӣ ҳамеша ба сиёсат, бо низоми давлатдории мусулмонон, манфиатҳои ҳокимону амирону синфҳои ҳоким, бо низоъҳо ва муборизаҳои сиёсии дохили мусулмонон пайванди қавӣ дошт ва дорад.

Бинобар он, вақте ки сухан дар бораи “омили исломӣ” дар сиёсат, дар бораи дар бозиҳои сиёсӣ, дар муборизаҳои геосиёсӣ истифода шудани ислом меравад, баҳс на дар мавриди сиёсисозии ислом, балки бояд дар мавриди ифротисозӣ ва радикаликунонии он равад, зеро дар муборизаҳои сиёсӣ маҳз ифротисозии ислом нақши муҳим дорад. Агар ислом моҳиятан табиати сиёсӣ намедошт, ифротисозии он низ кори душвор буд. Ҳамин ҳаракати ваҳҳобия (салафия), ки онро имрӯз ҳамчун як ҷараёни ифротӣ-террористӣ дар ҷаҳони ислом мешиносанд, маҳз дар заминаи идеяю вожаҳои сиёсие, ки дар ислом ҷой доранд, ба монанди “такфир”, “ҷиҳод”, “бидъат”, “муртад”, “тавҳид”, “Дору-л-ислом”, “Дору-л-ҳарб”, “ҷизя”, “мунофиқ”, “олам - замини Аллоҳ” ва ғайра ташаккул ёфтааст. Ин идеяю вожаҳоро дар ҳар давру замон гурӯҳу нерӯҳо ва қудратҳои мухталиф чи тавре, ки хостанд, ба манфиатҳои хеш мутобиқ сохта, истифода бурдаанд ва мебаранд. Аз ин нигоҳ, қудратҳои ҷаҳонию минтақавӣ, гурӯҳҳои сиёсии қудратталаб ба минтақаҳои мусулмоннишин, кишварҳои мусулмонӣ, бахусус давлатҳои дар ҳоли рушд, метавонанд ҳамеша ҳаракатҳои хусусияти ифротӣ-террористӣ касб кардаи исломро интиқол диҳанд.

Ғарб дар мубориза бо давлати Шӯравӣ ҳаракати ваҳҳобияро ба кишварҳои мусулмоннишини Иттиҳоди Шӯравӣ дар солҳои 70-уми садаи XX интиқол дод, то ки давлати шӯравиро аз дохил ба низоъ кашида, аз байн барад. Ҳамин тариқ, дар баробари ворид шудани адабиёти динӣ-ифротии идеологҳои ҳаракатҳои ваҳҳобияю ихвония дар маҳалҳои мухталифи давлати шӯравӣ ба таври пинҳонӣ гурӯҳҳои динӣ-ифротии мусулмонон дар ибтидо бо мақсади омӯзиши арзишҳои исломӣ (албатта ҳамон исломи ифротишуда) гурӯҳҳои таълимӣ аз ҳисоби ҷавонони гумроҳу маърифати дунявӣ надошта, аз ҷумла, дар Тоҷикистон таъсис ёфтанд. Дар ин бора сарвари собиқ Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон Сайид Абдуллоҳи Нурӣ чунин гуфтааст, ки ӯ бо

ҳамроҳи Муҳаммадҷон Муҳиддин (Ғуфронов), мулло Неъматуллоҳ Эшонзода, Одинабек Абдусаломов (Холид) ва Қаландар Садриддинов дар шаҳри Қурғонтеппа, дар хонаи Қ. Садриддинов пинҳонӣ санаи 20 апрели соли 1973 ҷамъ омадаанд ва дар ин ҷамъомад хостанд, ки "Наҳзати ҷавонони исломии Тоҷикистон"-ро таъсис диҳанд ва онҳо вазифаҳоро байни худ тақсим карда, Сайид Абдуллоҳи Нуриро роҳбари ҳаракат интихоб намуданд.[449] Дар ин хусус Садриддинов Қ. низ маълумот дода, гуфтааст, ки аввалин ҷаласа барои таъсиси ҳаракати "Наҳзати ҷавонони исломии Тоҷикистон" 20 апрели соли 1973 дар хонаи ӯ баргузор гаштааст.[450]

Соли 1978 тавассути Ғуфронов қорӣ Муҳаммадҷони Муҳиддин, ки дар Андиҷон, дар назди аллома Раҳматулло ва қорӣ Мубин таълими динӣ мегирифт, 200 китоби динӣ, аз ҷумла осори идеологҳои ихвонӣ ("Бародарони мусулмон") Ҳасан ал-Банно, Сайид Қутб, Муҳаммад Қутб, ал-Мавдудии покистонӣ ва Абдуллоҳ Изоми афғонистониро ба ш. Қурғонтеппа ворид кард, ки минбаъд мавриди омӯзиши ҷавонони наҳзатӣ қарор гирифтанд. Дар ҳамин замина баъдан Ҳизби Наҳзати Исломӣ дар Тоҷикистон ба вуҷуд омад, ки идеологияи он аз таълимоти ваҳҳобия ғизо мегирифт ва ба тариқи пинҳонӣ дар байни аҳолӣ паҳн мешуд. Дар дигар ҷумҳуриҳои мусулмонӣ ва минтақаҳои мусулмоннишини Иттиҳоди Шӯравӣ - Қафқози Шимолӣ, Россия, Ӯзбекистон ва ғайра шурӯъ аз солҳои 70-уми садаи XX ваҳҳобия интиқол ва паҳн мегардад. Баъди сиёсати ошкорбаёнии горбачёвӣ Ҳизби Наҳзати Исломӣ дар тамоми собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба фаъолияти ошкоро мегузарад.

Баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ дар солҳои 90-уми садаи XX дар натиҷаи холӣ мондани фазои идеологӣ ваҳҳобия якбора дар бисёр минтақаҳои мусулмонишини собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, бахусус

[449] Нурӣ, С. А. Ормони мардуми мусулмони кишвар [Матн] / С.А. Нурӣ.-Душанбе, 2003. -С. 8-9.
[450] Садриддинов, Қ. Шодам, ки ҲНИТ (НИВТ) дар манзили Камина ба дунё омад, 30 сол ҲНИТ.- Душанбе. -С. 12

минтақаи Қафқози Шимолӣ, фаъол гардид, ки дар пасманзараи он ИМА ва Ғарб қарор доштанд. Дар ин маврид собиқ сардори раёсати ҷосусии пинҳонии Иттиҳоди Шӯравӣ генерал Юрий Дроздов дар муҳосиба бо рӯзномаи “Фонтанка” мегӯяд: “Сарчашмаи низоъҳои байналмилалӣ ва терроризми байналмилалӣ дар Россия дар Ғарб қарор дорад. Ҳамчунин рушди терроризм дар кишварҳои Шарқи Наздик, Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ва дар ҳудуди Россия ҳодисаи тасодуфӣ нест. Агар бо диққат назар андозем, мебинем, ки сардорони гурӯҳҳои террористӣ дар мактабҳои махсуси ИМА, Англия, Туркия хондаанд. Маълум мешавад, ки маҳз дар ин давлатҳо муҷоҳидон ва ваҳҳобиёнро барои фаъолияти тахрибкорӣ дар Уфа, Татаристон ва дар Кавкази Шимолӣ омода намуданд. Ҳамаи ин реша дар Ғарб дорад. Америкоиҳо муассисаи махсус - Донишгоҳи муттаҳида барои тайёр кардани пешвоёни ташкилоти зиддитеррористӣ сохтанд, ки зери ин ном онҳо барои ташкил намудани издиҳомҳои халқӣ ё муқовимати ҳарбӣ дар минтақаҳои гуногуни олам гурӯҳҳои террористӣ тайёр менамоянд, на барои мубориза вокеӣ бо терроризм”.[451] Ғарб метавонад чунин барномаҳоро тавассути ваҳҳобиён дар минтақаҳои Осиёи Марказӣ низ татбиқ намояд. Чуноне ки таҷрибаи Қафқози Шимолӣ нишон дод, дар ибтидо мубаллиғони ваҳҳобия ба бунёди масҷидҳо, кушодани мактабҳои исломӣ, тарғиби дин, ҷалб сохтани ҷонибдорони хеш дар зери шиори исломикунонии аҳолӣ ва ғайра машғул буданд. Дар натиҷа дар мусулмонон рӯҳияи афрӯхтани низоъи сепарастӣ ба вуҷуд омад, аз ҷумла даъватҳо доир ба итоат накардан ба ҳокимият,[452] ки хоси таълимоти ваҳҳобия аст, ривоҷ ёфт. Чуноне маълум аст, онҳо итоат накардан ба ҳокимияти ғайриисломиро воҷиб медонанд. Сипас ваҳҳобиён ба омода сохтани базаҳои силоҳи ҳарбӣ ва аз нигоҳи амалӣ, идеологӣ ва ҳарбӣ тайёр намудани аъзои ҳаракат гузаштанд. Дар

[451] Поядашоев, О.П. Россия под прицелом: некоторые проблемы глобальной безопасности [Текст] / О.П. Поядашоев. – Краснодар.: Диапазон-В, 2015. -С.38-39.
[452] https:/studref.com/459373/sotsiologiya/konfilikty-destruktivnymi.religioznymi-ohedinentyami sovremennoy rossii.-С.2. (Дата обрщения 06.01.2020)

натиҷа фаъолияти онҳо то ҷое авҷ гирифт, ки ҷавононро барои рафтан ба мактабҳои давлатӣ, хизмат кардан дар артиш бозмедоштанд. Ҳатто далелҳои зиёде дар бораи ба муқобили қувваҳои федералӣ равона кардани ихтиёриён ҷой дорад.[453]

Ваҳҳобиёни Қафқози Шимолӣ барои паҳн кардани идеологияи хеш ва ҷалб сохтани аҳолӣ ба ҳаракати ваҳҳобия пеш аз ҳама ба аҳолии қисмати Кӯҳистони Чеченистон, ки аз ҷиҳати рушди иқтисодӣ, сатҳи ҳаёти иҷтимоӣ, низоми маориф дар сатҳи паст қарор дошт ва бо ҳокимияти расмӣ ҳамеша дар мухолифат буд, такя карданд. Илова ба ин, дар ҳаёти иҷтимоии онҳо боқимондаи одатҳои тоисломӣ ба монанди қурбонии инсон, ғуломӣ, парастиши ҷойҳои муқаддас ва ғайра ҳанӯз риоя мегардид, ки онҳо аз ҷониби мамолики пешрафтаи исломӣ ҳамчун бидъат шинохта шудаанд. Мавҷуд будани чунин шароити мувофиқ ба марказҳои ваҳҳобии хориҷӣ имконият дод, ки таълимоти ваҳҳобияро дар ҳудуди Чеченистон, умуман Қафқози Шимолӣ, ба воситаи намояндагии кишварҳои Арабистони Саудӣ, Урдун ва дигар мамлакатҳои исломӣ ҷойгир намоянд. Ҳамин тавр, дар Қафқози Шимолӣ миқдори зиёди пайравони ваҳҳобия пайдо шуданд. Онҳо ба ҳокимияти расмӣ итоат накарда, кӯшиш карданд, ки дар минтақа қонунҳои шариатро ҷорӣ намоянд ва ин вазъият оқибат задухӯрдҳои ҳарбиро ба бор овард.[454] Дар низоъҳои ҳарбии Қафқози Шимолӣ ваҳҳобиёни араб низ ширкат доштанд. Чандин амалиётҳои террористӣ, ки дар ҳудуди Россия, аз ҷумла соли 1999 дар Москва, Буйнак, Волгодонск рух доданд, бо дасти ваҳҳобиён анҷом ёфтааст.[455]

Ҳамаи амалиётҳои террористие, ки дар ҳудуди Россия аз ҷониби гурӯҳҳои террористӣ ба амал баровարда мешаванд ва ҳадафашон ба вуҷуд овардани бенизомӣ дар Россия ва вайрон кардани томияти он мебошад, аз ҷониби Ғарб ва шарикони стратегии он аз давлатҳои

---
[453] Ҳамон ҷо. –С.13.
[454] Ҳамон ҷо. -С. 15.
[455] https/DIPLOM BA.RU/WORK/91714 (Дата обрщения 06.05.2020).

мусулмонӣ омода гардида, пуштибонӣ мешаванд. Ҳанӯз соли 2011 рӯйхати ташкилотҳо ва ашхосе, ки террористонро дар Россия маблағгузорӣ мекунанд, бо дастгирии СММ ошкор гардидааст. Дар ин рӯйхат номи 104 ташкилот ва 402 шахсе, ки дар фаъолияти террористӣ ширкат доранд, нишон дода шудааст. Аз ҷумла, номи созмонҳои "Ал-Қоида", "Толибон", "Бародарони мусулмон", "Аморати Қафқоз" ва ғайра, ки аксарияташон дар Сомалӣ, Афғонистон, Покистон, ИМА ва баъзе кишварҳои ғарбӣ ба қайд гирифта шудаанд.[456]

Хулоса, имрӯз шабакаи мураккаби гурӯҳҳои ваҳҳобӣ, форпостҳо, пласдармҳо, лагерҳои машққунӣ, муассисаҳои таълимӣ, марказҳои координатсионӣ ва ғайра сохта шудаанд, ки ба интиқол додани таълимоти ваҳҳобия ба ҳамаи он кишварҳое, ки мусулмонон зиндагӣ мекунанд, сафарбар шудаанд. Ин шабакаҳо на танҳо дар кишварҳои мусулмонӣ, ҳамчунин дар мамлакатҳое чун Британияи Кабир, Германия, Шветсария, Иёлоти Муттаҳида, Фаластин, Филиппин ва ғайра амал мекунанд. Аз кишварҳои мусулмонӣ, бахусус Арабистони Саудӣ, дар паҳн кардани ваҳҳобия ба кишварҳои мусулмонӣ нақши муҳим дорад. Баъди ғалабаи инқилоби исломӣ дар Эрон ифротгароёни шиамазҳаб низ дар мамлакатҳои суннимазҳаб пайдо шуданд ва ин кор Арабистони Саудиро ба ҳарос овард. Арабистони Саудӣ бар алайҳи таъсири инқилоби Эрон ба ҷаҳони ислом ваҳҳобияро тақвият бахшид.

Омили дигаре, ки ба густариши ваҳҳобия дар сайёра аз ҷониби Арабистони Саудӣ мусоидат кард, ҳуҷуми артиши Иттиҳоди Шӯравӣ ба Афғонистон мебошад. Дар ин давра қариб ҳамаи муҳассилоне, ки дар Арабистони Саудӣ таълим мегирифтанд, ба ҷиҳод алайҳи давлати шӯравӣ сафарбар шуданд ва саудиён ба муҷоҳидони Афғонистон, ки дар сафи онҳо ваҳҳобиён зиёд буданд, кӯмакҳои молиявӣ мерасониданд. Ҳамчунин, дар даҳсолаҳои охир амалиётҳои ҳарбии Иёлоти Муттаҳида

---

[456] Пояндашоев, О.П. Россия под прицелом: некоторые проблемы глобальной безопасности [Текст] / О.П. Пояндашоев. – Краснодар.: Диапазон-В, 2015. -С. 22

ва ҳамтоёни он дар Ховари Миёна - ҷанги халиҷи Форс, дар соли 1991, ҷанги Амрикою Ғарб бо Ироқ, ворид шудани артиши НАТО ба Афғонистон, баъди ҳодисаи 11 сентябри соли 2001, ҳодисаҳои "Баҳори араб", ки аз ҷониби Амрикою шариконаш ташкил ёфта буд ва имрӯз онро бисёр таҳлилгарон "Тирамоҳи араб" ном кардаанд,[457] ба рушди ваҳҳобия ва паҳншавии он тавассути Арабистони Саудӣ нақши калон бозид. Имрӯз кӯмакҳои молиявию маънавии Арабистони Саудӣ яке аз омилҳои муҳими рушди ифротгароии исломӣ дар ҷаҳони ислом мебошад. Дар ин масъала Қатар низ бетараф нест. Чунин кӯмакҳо аз ҷониби давлатҳои фавқуззикр ба ваҳҳобияи радикалӣ дар шакли созмонҳои хайриявӣ, бунёди масҷиду мадрасаҳо, дастгирии молиявии таҳсилкунандагон дар мадрасаҳои хориҷӣ, ҳамкориҳои ба ном фарҳангию илмӣ бо кишварҳои мусулмонии дар ҳоли рушд низ роҳандозӣ мегарданд.

Хулоса, ҳамкории Ғарбу Иёлоти Муттаҳида, Арабистони Саудию Қатар ва дигар давлатҳои минтақа омили муҳими рушд ва паҳншавии ваҳҳобия-салафия мебошад, ки дар ниҳоят "дар кишварҳои исломӣ боиси рахнае шудааст, ки пайваста дарвозаҳоро ба рӯи сайҳунизм ва салибиёни ситамгар боз мекунад, ки ҳар навъе бихоҳанд дар ҷаҳони ислом метавонанд нуфуз кунанд... ва пайваста ба нуфузи худ биафзоянд. Оре, ваҳҳобиён (салафиён) ҳама чизро ин бародарони хиёнатгори худ дар ҳар ҷо омода ва барқарор месозанд... дар гузашта заминаро барои ғарбиҳо омода карданд... дар тӯли таърих тамоми ҳукуматҳои муздури Ғарбро тақвият карданд ва ба ин васила ҷилави ҷунбишҳои озодибахши созишнопазирро гирифтанд... имрӯз омодаанд, то ҷои пойи чакамапӯшони ғарбиро дар қалби ҷаҳони ислом боз кунанд".[458]

Хулоса паҳншавӣ ва ривоҷи ҷараёни ваҳҳобия-салафияи ифротӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳони ислом, ки бо пуштибонии Ғарбу ИМА

---

[457] Пояндашоев, О.П. Россия под прицелом: некоторые проблемы глобальной безопасности [Текст] / О.П. Пояндашоев. – Краснодар.: Диапазон-В, 2015. -С.30
[458] Чеҳраи воқеии ваҳҳобият (салафият) // Таҳияи Абдуҷаббори Аминзода. -Душанбе, 2008. -С. 48-49

ва шарикони стратегии онҳо аз олами ислом сурат мегирад, барои олами ислом умуман ва барои низомҳои миллӣ-дунявии кишварҳои Осиёи Марказӣ махсусан хатарбор аст.

# БОБИ IV. САЛАФИЯИ МУОСИР: ТАҲДИДУ ХАТАРҲОИ ОН

## 4.1. Робитаи экстремизми исломӣ бо таълимоти салафия

Имрӯз дар ҷаҳони ислом ҳаракати ваҳҳобия бо номи салафия низ арзи вуҷуд дорад. Ваҳҳобиён аз оғози солҳои 70-уми садаи XX инҷониб барои хеш унвони "салафия"-ро мувофиқтар донистанд, то ки зери ин вожа амалҳои тундгароёнаи худро пинҳон карда, таваҷҷуҳи мусулмононро, ки ба наслҳои "салафи солеҳин" эътиқоди сахт доранд, ба худ ҷалб созанд, ҳарчанд дар амалу рафтор миёни "салафи солеҳин", ваҳҳобиён ва салафиёни муосири ислом, ба ҷуз баъзе тафовутҳои ҷузъӣ, фарқиятҳои ҷиддие ба назар намерасад. Ин вобаста ба он аст, ки дар тӯли таърихи ислом уламою рӯҳонияти суннатии ислом тарзи зиндагии наслҳои ибтидоии "салафи солеҳин"-ро то ба ҳадде идеализатсия карда, таърихи таҷовузкориҳои арабро дар нисбати аҷамиён (ғайриарабҳо), ки ба давраи зиндагии наслҳои "салафи солеҳин" рост меояд, аз як ҷониб, аз хотираи мусулмонон шуста, дар мафкураи мусулмонон образи идеалии онҳоро ташаккул доданд ва аз ҷониби дигар, худро ворисони воқеии ҳамин наслҳои номбурда нишон дода, мақому нуфузи хешро дар ҷомеа устувор намуданд.

Дар айни замон, дар садаи XX вожаи “ваҳҳобия” дар диди мусулмонон як андоза маънои манфӣ, яъне як ҳаракати иртиҷоии моҳиятан ва амалан зиддимазҳабиро пайдо кард ва ба буҳронисозии ҷомеаи мусулмонӣ мусоидат намуд, сонияи, он имрӯз идеологияи расмии баъзе давлатҳои арабии ҳавзаи Халиҷи Форс мебошад ва ба ҳамин сабаб ин вожа чандон таваҷҷуҳи мусулмонони дигар мазҳабу равияҳоро ба худ ҷалб карда натавонист. Пайравону пуштибонони ин равия пай бурданд, ки тарғиби ваҳҳобия метавонад обрӯю нуфузи ин давлатҳоеро, ки ваҳҳобия идеологияи расмии онҳост, дар миёни мусулмонони ҷаҳон коста созад. Бинобар ин пайравону давлатҳои мазкур рӯй ба салафия оварданд.

Дар воқеъ салафияи ифротии муосир навъе аз гароиш ба ваҳҳобия буда, аз рӯи мазмуну ҳадафҳои худ аз “салафи солеҳин”-и такфирӣ-ҷиҳодии идеализатсияшуда фарқияти ҷиддие надорад. Он яке аз ҳаракатҳои беш аз ҳама ифротӣ дар ҷаҳони ислом буда, дар заминаи эътиқоди динии исломӣ арзи ҳастӣ дошта, аз ҷониби қудратҳои ҷаҳонию минтақавӣ бо мақсади пиёда сохтан минфиатҳои геосиёсӣ ва геоиқтисодиашон ба кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон интиқол ёфтааст. Агар раванди интиқоли он пешгирӣ карда нашавад, дар оянда метавонад мувозинати динию мазҳабиро дар ин кишварҳо тағйир дода, вазъи сиёсию идеологии онҳоро вайрон созад ва ба суботу амнияти ҷомеа таҳдиду хатарҳо ворид намояд.

Азбаски бисёр коршиносон, аз ҷумла муҳаққиқ Абдуллои Раҳнамо, ҷанбаҳои асосии хатару таҳдидҳои салафияи ифротии муосирро мавриди таҳқиқи қарор додаанд,[459] мо ба баёни он маҳдуд нашуда, асосан масъалаи робитаи экстремизми исломиро бо таълимоти салафия мавриди баррасӣ қарор медиҳем, зеро бо зуҳури ваҳҳобияю салафияи ифротӣ экстремизми исломӣ дар ҷаҳони мусулмонӣ ривоҷ ёфта, аз таблиғот ба амал, яъне терроризм гузаштааст.

[459] Абдуллои, Раҳнамо. Ислом ва амнияти миллӣ [Матн] Раҳнамо А. –Душанбе, 2011. -С.58.

Салафия реша дар исломи ибтидоии замони паёмбару саҳобагону тобеин, яъне “исломи ноб”, мактаби фиқҳии ҳанбалия ва таълимоти илоҳиётшиноси садаҳои XIII-XIV, мисли Ибни Таймия, дорад. Ба ақидаи муҳаққиқони исломшинос Ибни Таймия барои шакл гирифтании ҷаҳонибинии салафия нақши муҳим бозидааст. Таълимоти ӯро дар садаи XVIII Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб эҳё ва коркард намуда, бо ёрии сулолаи Саудиҳо дар Нимҷазираи Арабистон паҳн кард.

Бо пайдо шудани давлати Арбистони Саудӣ давраи нави паҳншавии салафия оғоз меёбад. Асосгузори он дар давраи нав (солҳои 70-уми садаи XX) Шукрӣ Мустафо, узви “Ихвону-л-муслимин”, ҳамоне ки дар маҳбас бо Сайид Қутб як ҷо буда, мубаллиғи ақидаҳои ӯ гардид, мебошад.[460] Имрӯз дар ҷаҳони ислом таълимоти салафияро ҳамчун як таълимоти экстремистӣ мешиносанд.

Бояд хотирррасон кард, ки ҳама гуна амали террористӣ аз андешаи экстремистӣ (ифротгароӣ) бармеояд. Пас экстремизму терроризм давоми мантиқии ҳамдигар буда, дар кул як падидаи иҷтимоӣ-сиёсии томро ташкил медиҳанд. Агар дар гузашта ин падида хусусияти минтақавӣ дошта бошад, дар ҷаҳони муосир он хосияти универсалӣ касб кардааст ва гурӯҳҳои сиёсӣ бо мақсади мубориза бурдан барои ба даст овардани ҳокимият дар дохили кишвар ва ҳукумату давлатҳо бошанд, барои даст ёфтан ба ҳадафҳои геосиёсию геоиқтисодии хеш истифода мебаранд. Зиёда аз ин, имрӯз салафия барин як ҷараёни экстремистӣ-террористӣ аз ҷониби қудратҳои ҷаҳонӣ бо мақсади зарба задан ба ҳар гуна азнавсозиҳои пешқадами демократию иҷтимоӣ, бахусус дар давлатҳои аз истеъмори Ғарб озодшуда ва дар ҳоли рушд қарордошта бо мақсади боздории онҳо аз тараққиёти иқтисодию илмӣ-технологии муосир истифода мегардад, то ки ин кишварҳоро аққалан аз нигоҳи тараққиёти иқтисодӣ тобеъи худ созанд.

---

[460] Абдулҳаев, К. Таносуби аҳдофи динӣ ва сиёсӣ дар фаъолияти салафия [Матн] / К. Абдулҳаев // Маҷмӯаи мақолаҳои конфренсияи илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Ифротгароии салафӣ: масъалаҳои давлатдории дунявӣ ва ҳифзи ҳувийяти миллӣ” (ш. Душанбе, 27 майи соли 2015).-Душанбе.: Дониш, 2015. -С.15.

Бинобар он, дар заминаи тараққиёти технологияи иттилоотии муосир, шабакаҳои васеъи тарғиботӣ- интернетии ақидаҳои экстремистӣ ба вуҷуд омаданд, ки афзоиши хатари гурӯҳҳои террористиро дар заминаи таълимоти ифротгароёнаи салафия ба манфиати қудратҳои ҷаҳонию минтақавӣ метавонад зиёд намоянд.

Истилоҳи "ифротгароӣ" аз вожаи "ифрот" шакл гирифта, маънои таҳтуллафзии он гароиш доштан ба зиёдаравӣ буда, истифодаи он дар матни динӣ, ба ҷуз зиёдаравӣ, маънои оштинопазирӣ, яъне оштинопазир будан ба ақидаю андешаи дигарро низ дорад ва он дар ҳама динҳо ба навъе зоҳир мегардад ва ҳадди сиёсишавии динҳоро нишон медиҳад. Албатта, ҳамаи динҳо бо сиёсат робитаи муайян доранд, вале ин робита дар динҳои мухталиф дар сатҳи гуногун аст. Ислом, ки аз ибтидо ҳамчун падидаи сиёсӣ зуҳур гардида, раванди пайдоишу ташаккули давлат ва хилофати арабро бо роҳи аз байн бурдани динҳои кишварҳои истилошуда инъикос мекард, ба таври табиӣ бо сиёсат сахт дарпечид ва ин хусусияти худро дар тӯли асрҳои миёна низ ҳифз намуд. Ҳукуматдорони вақт ҳамеша аз он барои мубориза кардан бо мухолифони хеш ва ҳамчунин ғасб кардани кишварҳои нав истифода мекарданд.

Чун ислом хусусияти сохти сиёсӣ дорад, дар мавриди зарурӣ бо экстремизму терроризм низ метавонад пайвастагӣ дошта бошад. Ҳамаи он амалиётҳои ҷангие, ки зери шиори такфиру ҷиҳод (ҷанги муқаддас дар роҳи Худо) бо мақсади тобеъ сохтани қабилаҳои мушрик (бутпарасту бисёрхудо) ба умма ва истилои кишварҳои дигар бо мақсади бунёди хилофат дар замони хулафои "рошид" сурат гирифтанд, ҳама хусусияти террористӣ доштанд, бо далели он ки дар раванди "ҷанги муқаддас" аз ҷониби мусулмонон на танҳо маҳаллу кишварҳо харобу валангор гардида, мавриди талаву тороҷ (гирифтани ғанимат) қарор мегирифтанд, ҳамчунин ҳазорҳо мардуми бегуноҳ қатл шуда, ҳазорҳои

дигар ба асорат гирифта шуда, молу амвол ва зану духтару фарзандони онҳо мувофиқи суннати пайғамбар барои мусулмонон ҳалол ҳисобида мешуд. Аксарияти ғазавотҳои Муҳаммад бо қабилаҳои мушрики араб “бо хунрезиҳои зиёд, бо ба даст овардани ғаниматҳо ва ғуломон, таслими душманон ва ҷорӣ намудани дини ислом ба охир мерасид”[461], ки ҳалол дониста мешуданд. Чуноне ки паёмбар гуфтааст: “Касе кофиреро кушта ва бар куштанаш далел дошта бошад, пас салбиаш (молу амволаш - Н. Қ.) аз они ӯст”.[462]

Ҳамаи ин амалиётҳои ҷангӣ аз амалиётҳои террористии салафию ихвонии имрӯза фарқе надоранд. Ба мисли ҳозира онҳо аз номи Қуръону суннат ҳақ баровварда мешуданд. Салафиёну ихвониён ё наҳзатиҳо ҳам имрӯз, пеш аз он ки амали террористии худро анҷом диҳанд, аввал мақтулони хешро бо такя ба сарчашмаҳои динӣ ба “мушрикӣ”-ю “куфр” гунаҳкор карда, зану духтари ӯ, хоҳару амволи онҳоро барои муҷоҳидон “ҳалол” эълон менамоянд.

Ҳамзамон, ғалабаи араб дар раванди “ҷангҳои муқаддас” (ҷиҳод) дар Аҷам ба хусусияти арабӣ касб кардани ислом мусоидат менамуд. Араб ҳамчун қавми ғолибу соҳиби дину ойин нисбати мусулмоншудагон (маволӣ - мувофиқи суннати араб асире, ки узви навъи дуюми қабила ҳисоб меёфт) даъвои афзалиятҷӯӣ дошт. Ба ақидаи илоҳиётшиноси муосири маъмули суннимазҳаб Юсуф ал-Қарзовӣ урубат (арабгароӣ) рукни шашуми ислом аст.[463] Намунаи оддии онро мо дар нуфузу мақоми эшонҳо, ки асосан арабиасланд (ҳамон лашкариёни араб, ки баъди ғалаба дар Мовароуннаҳр монда, соҳиби сарвату заминҳои ҳосилхез шуда, тоҷиконро ҳамчун ғуломи хеш кор мефармуданд, аввал хоҷа буданд ва бо гузашти айём рутбаи “эшон”-ро соҳиб шуданд) мушоҳида мекунем. Онҳо имрӯз ҳам дар назди мусулмоншудагон, ба мисли

[461] Отахонов, Т., Сулаймонӣ, С. Донишномаи навини ислом [Матн] / Т. Отахонов., С. Сулаймонӣ. -Душанбе.: Ирфон, 2014. -С. 531.
[462] Абуабдуллоҳ, Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ. Саҳеҳи ал-Бухорӣ [Матн] / Бухорӣ А.М.И.И // Аз арабӣ тарҷумаи Муҳаммадҷон Умаров ва Файзулло Бобоев.- Душанбе.: Эр-граф, 2008. Ҷ.3. -С.67 (Ҳадиси 3142)
[463] Ниг. Нурулҳақов, Қ. Ислом ва андешаи космополитикии араб // Хусусиятҳои равандҳо ва характерҳои сиёсӣ-идеологии исломи муосир ва масъалаи рушди давлатдории миллӣ (Маҷмуаи илмӣ). - Душанбе.: Андалеб Р, 2015. -С. 241.

тоҷикон, ашхоси “муқаддас”-у муътabaранд. Бинобар он, экстремизму терроризм аз манфиатҳои динию миллӣ низ бармеояд. Дар ин маврид террорист дар муҳити ахлоқии муайян ба воя расида, ҳамчун намояндаи миллату фарҳанги муайян амал мекунад. Дигар ин ки, вақте ки ӯ ғолиб ва ҳоким мегардад, ба мағлубону тобеони худ аз мавқеи манфиатҳои миллату фарҳанги худ муносибат мекунад. Аз ин лиҳоз робитаи экстремизму терроризм бо мансубияти миллию динӣ яке аз дарднoктарин масъала мебошад, зеро он ба поймолсозии ҳуқуқу озодиҳои миллату мазҳаби муайян нигаронида шудааст, чуноне мо инро дар муносибати араб ба миллату фарҳанги мардумони эронитабор дар ибтидои густариши ислом дида будем. Инро имрӯз низ хусусияти зиддимиллӣ ва зиддимазҳабии салафияи ифротӣ исбот менамояд.

Ҳамин тариқ, сарчашмаи ғоявии экстремизми исломиро, ки имрӯз бо таълимоти ҳаракати салафияи ифротӣ робитаи зич дорад, назария ва амалияи исломи ибтидоӣ, ба гуфти ваҳҳобиёну салафиён, ҳамон “исломи ноб” ташкил медиҳад. Албатта, баъди густариши ислом дар кишварҳои дигар уламою имомон ва илоҳиётшиносони онҳо, бахусус тоҷику форс, ки дар гузашта таҷрибаи ғании динсозию фарҳангэҷодкунӣ доштанд, кӯшиш намуданд, ки бо истифода аз методҳои ақлонӣ ва унсурҳои фарҳангҳои пешрафтаи вақт исломро ба як дини ахлоқӣ ва таҳаммулпазир[464] табдил диҳанд ва воқеан, онҳо буданд, ки исломро ба як дини воқеӣ табдил доданд.

Аммо имрӯз ҳаракати ваҳҳобия ҳамаи он эҷодкориҳоеро, ки аҷамиён ба хотири рушду густариши дини ислом анҷом доданд, ҳамчун “навоварӣ”, “олудасозӣ”-и ислом, “бидъат”, ҳатто “куфр” ба қалам дода, бо пуштибонии ҳарбӣ-сиёсии Ғарб ва дастгирии молиявии баъзе давлатҳои араб зери шиори бозгашт ба “исломи ноб” ба муқобили пайравони фирқаву мазҳабҳои гуногуни мусулмонӣ мубoризаи шадид

---

[464] Аҳмадов, Саид. Баъзе хусусиятҳои фиқҳ ва каломи Имоми Аъзам Абуҳанифа (р) [Матн] / Саид А.- Душанбе.: Соҳибкор, 2009. -С. 204.

мебаранд ва ҳар мусулмоне, ки ақидаи онҳоро қабул надорад, ба "ширк"-у "куфр" гунаҳкор карда мешавад, ки мувофиқи талаботи ислом, ҷазояш қатл аст. Имрӯз гурӯҳҳои экстремизми исломӣ дар симои салафиён ба гурӯҳҳои террористии исломӣ табдил шуда, мувофиқи суннати паёмбар ба дилҳои мусулмононе, ки ақидаи онҳоро қабул надоранд, бо роҳи қатлу куштор тарсу ҳаросро ҷой намуда, таълимоти хешро дар мафкураи онҳо ҷой додан мехоҳанд, чуноне ки пайғамбари ислом гуфта буд: "Ман бо ҷавомеъу-л-калом (Қуръон) фиристода шудам ва бо тарсу ҳаросе (ки дар дили душман афканда мешавад) ба ман нусрат додаанд. Ва дар он асно, ки ман ба хоб рафта будам, ба ман калидҳои ганҷинаҳои заминро ба дастам доданд". Саҳобаи паёмбар Абӯҳурайра бошад, гуфт: "Пайғамбари Худо, салал-л-Лоҳу алайҳи ва саллам, (аз дунё рафт ва шумо он (ганҷинаҳо)-ро ҳоло барои худ берун мекашед".[465] Воқеан, имрӯз салафиён мехоҳанд бо роҳи бозгашт ба "исломи ноб" ин ганҷинаҳоро берун оваранд.

Дар воқеъ, вақте ки сухан дар бораи ифротгароии исломӣ, бахусус ворисони ваҳҳобияи муосир, яъне салафиёни ифротӣ меравад, сарчашмаи динӣ-ақидавии онҳоро бояд дар батни худи "исломи ноб"-и сиёсӣ ҷустуҷӯ кард, ки ваҳҳобиён-салафиён онро ба исломи муосир ворид карданд. Ҳама гуна кӯшиш барои сафед кардани "исломи ноб"-и суннатӣ аз ҷониби уламои ислом дар тӯли таърих то кунун ягон натиҷаи дилхоҳ надодааст. Ҳар маротиба барои фарде, гурӯҳе, ҳукумате ва қудрате, ки дар ҷаҳони ислом манфиатҳои сиёсию иқтисодии худро ҳифз кардан мехоҳад, ба ҳамон сарчашмаю таҷрибаи динии "исломи ноб"-и ибтидоӣ ва эҳёи он мепардозанд, то ки ҳадафҳои сиёсиашонро роҳандозӣ намоянд. Албатта, ошкор кардани ин ҳақиқат барои диндорони мутаассиб талх аст, аммо ҳақиқатест, ки онро эътироф ва аз нигоҳи ақли

[465] Абуабдуллоҳ, Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ. Саҳеҳи ал-Бухорӣ [Матн] / Бухорӣ А.М.И.И // Аз арабӣ тарҷумаи Муҳаммадҷон Умаров ва Файзулло Бобоев.- Душанбе.: Эр-граф, 2008. Ҷ.3. -С.67 (Ҳадиси 2977). - С.99.

солим таҳқиқ накарда, бо экстремизми исломӣ мубориза кардан ғайриимкон аст.

Тавре маълум аст, ҳанбалиёну Ибни Таймияю пайравонаш, Имом Ғаззолию муътақидонаш, ваҳҳобиёну дигарон манфиатҳои ҳукуматдорони вақтро бо ҳамин усул ҳифз карда, тухми ифротгароиро миёни мусулмонон коштанд. Агар дар гузашта лидери мазҳабу ҷараён ва гурӯҳҳои ифротӣ Имом Аҳмади Ҳанбал, Ибни Таймияю ал-Қайим, Ибни Абдулваҳҳобу Саид Қутб, Мавдудӣ ва дигарон бошанд, имрӯз пешвои рӯҳонии салафия бонуфузтарин ташкилоти террористии исломӣ "Бародарони мусулмон", ки ба ҳамаи ҳаракатҳои исломии ифротии дигари ҷаҳони ислом таъсири калон дорад, машҳуртарин илоҳиётшиноси аҳли суннату ҷамоат Юсуф ал-Қарзовӣ мебошад. Ба ҳамагон маълум аст, ки ягона давлате, ки дар ҳодисаҳои "Баҳори араб" ба ҳимояи мусулмонони кишварҳои Сурияю Ироқ, Лубнон ва дигарон бархоста, ба гурӯҳҳои террористии "Давлати исломӣ" ошкоро мубориза кард, Россия буд. Вале Юсуф ал-Қарзовӣ ба ҳимояи гурӯҳҳои террористии "Давлати исломӣ" бархеста, Россияро "душмани ислом ва мусулмонон" эълон намуд[466] ва ба ҳимояи қудратҳои ҷаҳонию минтақавие, ки бо эътирофи худи собиқ президенти Амрико Барак Обама, ҳамин гурӯҳҳои террористиро ташкил карда буданд, бархост.

Бояд гуфт, ки экстремизми исломӣ, ки яке аз шаклҳои он салафияи ифротӣ аст, ба ҷуз сарчашмаҳои фиқҳӣ, сабабу омилҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва сиёсӣ низ дорад. Сабабҳои сиёсии зуҳури экстремизми исломиро дар замони муосир, пеш аз ҳама, омилҳои зерин ташкил медиҳанд:

1. Ҳанӯз аз охири солҳои 70-уми садаи XX сар карда, мавқеи устувор пайдо кардани ифротгароию бунёдгароӣ дар ҷаҳони ислом ба мушоҳида мерасад. Ин раванд на танҳо ба сиёсишавии ислом, ҳамчунин

[466] Поядашоев, О.П. Россия под прицелом: некоторые проблемы глобальной безопасности [Текст] / О.П. Поядашоев. – Краснодар.: Диапазон-В, 2015. -С.31.

ба исломисозии сиёсат низ алоқаманд аст. Низоми сиёсӣ-исломии Эрон аз нигоҳи идеологӣ ба фирқаи исноашариа ё имомияи шиа асос меёбад ва пайваста дар тӯли солҳо талош кардааст, ба кишварҳое, ки пайравони шиа бештар зиндагӣ мекунанд, таъсир расонад. Метавон гуфт, ки Эрон яке аз қудратҳои минтақавӣ баъд аз Туркия дар Шарқи Наздик ва Миёна мебошад, ки аз нигоҳи ҳарбӣ-техникӣ ва илмӣ аз Арабистони ҳанбалӣ-ваҳҳобимазҳаб, ки мехоҳад яке аз қудратҳои минтақавӣ бошад, афзалият дорад. Миёни ин ду қудрат таърихан рақобат ва мубориза вуҷуд дошт. Имрӯз ин зиддият дар сатҳи афзалиятхоҳии геосиёсӣ хеле авҷ гирифтааст ва ин ҳолат ба ифротгароёни исломӣ бетаъсир намемонад. Силоҳи идеологӣ-сиёсии Арабистони Саудӣ дар мубориза ба муқобили Эрон таълимоти ифротии ваҳҳобӣ-салафӣ мебошад. Зеро таълимоти ваҳҳобия-салафия хусусияти сахти бадбинӣ ва таҳаммулнопазирӣ нисбати шиа дорад. Бинобар он, инқилоби исломии Эрон ва таъсиси давлати исломии Эрон дар заминаи ҷаҳонбинии шиа ба раванди ифротишавии таълимоти салафия такони калон бахшид,

2. Баъди пош хӯрдани давлати шӯравӣ ва вайрон шудани низоми сотсиализми ҷаҳонӣ вазъи геосиёсӣ дар ҷаҳон тағйир ёфт. Мавқеи ИМА, ба сифати ягона “гегемон”-и ҷаҳон устувор гардид. Давлатҳои мусулмоние, ки дар роҳи тараққиёти худ ба тарзи зиндагии аврупоӣ пайравӣ мекарданд, дар ҷустуҷӯи роҳи мустақили тараққиёти хеш шуданд. Дар айни замон, зиддияти байни тамаддунҳои мусулмонӣ ва аврупоӣ низ афзуд, алалхусус дар он кишварҳое, ки тарзи ҳаёти аврупоиро кӯр-кӯрона дар ҷомеаи мусулмонӣ нусхабардорӣ карданд. Давлатҳои мусулмоние, ки дар даҳсолаҳои гузашта дар пайравӣ ба тарзи зиндагии Аврупо роҳи тараққиёти “капиталистӣ” ва “сотсиалистӣ”-ро интихоб карда буданд, ҳоло давраи мушкилро паси сар менамоянд ва дар ҷустуҷӯи роҳи самарабахши тараққиёти худ ҳастанд.

Дар кишварҳои мусулмонӣ мураккаб гардидани вазъи иқтисодӣ-иҷтимоӣ, ба афзоиши аҳолӣ низ вобастагӣ дорад. Маҳдуд будани имконияти бо кор таъмин кардани қисми зиёди аҳолӣ, заиф будани раванди саноатикунонии кишварҳо, паст будани сатҳи маърифати илмию технологии онҳо ба афзоиши сафи бекорон мусоидат намуд ва ба раванди саноатикунонии минтақа низ таъсири манфӣ расонид. Дар натиҷа, инкишоф наёфтани муносибатҳои молумулкӣ ба ташаккули синфи миёна монеа эҷод кард ва сафи гурӯҳҳои маргиналиро афзоиш дод. Ба ин гурӯҳҳои маргиналӣ ҳаракати салафияи ифротӣ таъсири зиёд дорад. Бо пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ сохтори иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ аз байн рафт. Дар натиҷа корхонаҳои зиёди истеҳсолӣ аз кор монданд ва кормандони онҳо ба сафи бекорон илова шуданд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари он мушкилотҳои иқтисодии зикршуда ҷанги шаҳрвандӣ иқтисодиёти заифи онро боз ҳам заифтар сохт ва ба қашшоқию бекорӣ дар ҷомеа тақвият бахшид, муҳоҷирати меҳнатӣ раванди устувори ҷомеа гардид.

Дар натиҷа, фазои холии мафкураи муҳоҷирони меҳнатиро мубаллиғони ҳаракатҳои динии ифротӣ, ба мисли салафия, бо ақидаҳои ифротии бегона пур намуданд. Беҳуда нест, ки аксари он шаҳрвандони Тоҷикистоние, ки ба гурӯҳҳои ифротии “Давлати исломӣ” ҷалб шуданд ва имрӯз ҳам дар сафи чунин гурӯҳҳо дар хориҷи кишвар фаъолият мекунанд, асосан муҳоҷирони меҳнатӣ дар Федератсияи Россия мебошанд. Дар як вақт ҳамин муҳоҷирони меҳнатӣ интиқолдиҳандаи ақидаҳои ифротии динӣ дар фазои динӣ-сиёсии ҷомеаи Тоҷикистон низ мебошанд. Азбаски муҳоҷирон дар муҳити иҷтимоӣ-фарҳангии бегона зиста фаъолият мекунанд, вақти холии худро асосан дар масҷиду тамошои шабакаҳои интернетӣ мегузаронанд. Масалан, мувофиқи пурсиши сотсиологие, ки Маркази омӯзиши равандҳои муосир ва ояндабинии илмии Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷҷикистон

соли 2017 гузаронидааст, ба саволи “Сабаби ба созмону гурӯҳҳои террористӣ пайвастани баъзе муҳоҷиронро дар чӣ мебинед?”, 79,50% респендентҳо ҷавоб додаанд, ки сабаби ба гурӯҳҳои террористӣ пайвастани муҳоҷирон “ба доми фиреби мубаллиғони ин ташкилотҳо афтодани муҳоҷирон” мебошад.[467] Ҳамин тариқ, зуҳури ифротгароии исломӣ аз маҷмӯи сабабу омилҳои гуногун иборат аст.

Салафия тавҳидро тобеи ақидаи ирқгароии арабӣ сохта, чуноне ки дар исломи ибтидоӣ буд, аслу ҳадафи онро иборат аз барқарор сохтани Хилофати араб ва бозгашти ҳамаи мусулмонон ба он медонад. Масалан, идеологи салафия Муҳаммад Ҷалили Зайну ин андешаро чунин матраҳ намудааст: “Тавҳид тавонист, ки дар гузашта миллатҳои мусулмонро ба ҳайси миллат ва давлати ягона муттаҳид намояд ва тавҳид аст, ки имрӯз қодир аст бори дигар мусулмонони ҷаҳонро муттаҳид созад, ҳар гоҳ ба сӯи он баргарданд”.[468] Аз ин мулоҳиза чунин бармеояд, ки шинохти Худои ягона танҳо дар сурати аз нав дар зери ҳукмронии араб ба як давлати воҳид муттаҳид шудан машрӯияти исломӣ пайдо мекунад, вагарна имкон надорад. Хусусияти сирф арабгароӣ ва зиддимиллӣ доштани салафияи ифротӣ аз ин ақида бараъло ҳувайдост.

Салафиён тавҳидро ба чор навъ тақсим мекунанд: 1) тавҳиду-л-улуҳия, яъне итоат ва ибодат ба Худои ягона; 2) тавҳиду-р-рубубия, яъне Аллоҳ офаридагори ҳама чиз аст; 3) тавҳиду-л-асмо ва-с-сифат, яъне эътирофи сифатҳо ва номҳои Худованд; 4) тавҳиду-л-ҳакамия, яъне тамоми ҳокимият ба Худо мансуб аст. Лекин намояндагони равияю мазҳабҳои исломӣ ин тарзи тақсими навъҳои тавҳидро бо далелҳои зерин танқид менамоянд. Онҳо тақсим кардани тавҳидро ба тавҳиду-л-улуҳия ва тавҳиду-р-рубубия бо он далел инкор мекунанд, ки эътиқод ба Худои ягона бидуни эътирофи холиқ будани он маъно надорад, яъне тавҳиду-л-улуҳия дар як вақт тавҳиду-р-рубубияро фаро мегирад.

[467] Ҳисоботи натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологии “Ифротишавии муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистонӣ: заминаҳо ва оқибатҳо барои Тоҷикистон”. -Душанбе, 2017. -С.19.
[468] Муҳаммад, Ҷалили Зайну. 77-саволу ҷавоб дар ақидаи исломӣ [Матн] / Зайну М.Ҷ.- Хуҷанд, 2003. -С. 27.

Навоварие, ки салафиён дар идеяи тавҳид ворид кардаанд, худ бидъат аст. Зиёда аз ин, бисёр илоҳиётшиносон ва муҳаққиқони радикализми исломӣ ақидаи Сайид Қутбро дар бораи "тавҳид-ал-ҳакамия" аз он нигоҳ қабул надоранд, ки Сайид Қутб тавассути ин "навоварӣ" ҳукуматҳоеро, ки асоси қонунгузориашон шариат нест, ба куфр гунаҳкор карда, қатли чунин ҳукуматдоронро ҷоиз медонад.[469] Ба тарзи дигар гӯем, ин идеяи Сайид Қутб усули як навъ ҳимоя ва сафед кардани терроризм аст.

Масъалаи дигаре, ки салафиён дар он баҳс варзида, аммо бар хилофи ислoми суннатӣ, яъне ҳамон "исломи ноб"-и худ, андеша рондаанд, масъалаи сифоти Худованд аст. Дар масъалаи сифати Худованд ақидаи салафиён дунболгири ақидаи фирқаи муҷассима (антропоиорфизм)-и Имом Ҳанбал ва Ибни Таймия мебошад, ки хоси исломи суннатӣ, бахусус исломи замони наслҳои ба ном "салафи солеҳин" нест. Ақидаи онҳо дар бораи сифоти Худованд ин аст, ки Худо дорои ҷисм, ба мисли дасту по, гӯшу чашм, сурат буда, ба ӯ сифатҳое чун нишастан, роҳ рафтан, боло рафтан, фуромадан ва ғайра хос мебошад. Хулоса, салафиён дар шинохти сифати Аллоҳ "муқаллиди Ибни Таймияанд ва ин дар асл ақидаи хашавия аз асҳоби ҳадис аст, ки шинохте аз фикҳи исломӣ ва усули собити динӣ надоранд, аз ин рӯ, ба дунболи ҳамон чизе меравайд, ки аз зоҳири лафз мефаҳманд ва хашавия ҳам ин ақидаро аз муҷассимаи яҳуд гирифта буданд".[470]

Ошкор аст, ки таълимоти салафия хусусияти одамгуна доштани Худовандро қабул дорад ва чунин фаҳмиш дар асл боқимондаи тасаввуротҳои динҳои қадими антропоморфистӣ мебошад, ки қариб хоси ҳамаи халқиятҳои дунёи қадим, аз ҷумла мардумони сомӣ буда, бевосита аз ҷаҳонбинии асотирии онҳо бармеояд. Пас маълум мешавад, ки ислом ҳарчанд дини тавҳидист, аммо аз таъсири ҷаҳонбинии

---

[469] Салафитская акыда. Суть и история салафизма [электронный ресурс] URL: https//islam global/obshestvo/islamskoe-pravo/salafity-i-ikli-osobennosti/ (Дата обращения 4.06.2020).
[470] Чеҳраи воқеии ваҳҳобият (салафият) // Таҳлили Абдуҷаббори Аминзода. –Душанбе.: Шарқи озод, 2008. -С. 32

асотирии сомиён ва тасаввуротҳои антропоморфистии динҳои ба забони Қуръон "замони ҷоҳилият" озод нашудааст.

Масъалаи дигаре, ки дар таълимоти салафия яке аз масъалаҳои муҳим ва баҳснок аст, масъалаи ҷиҳод мебошад, ки экстремизми исломиро бевосита бо таълимоти салафия мепайвандад. Дар масъалаи муносибат ба ҷиҳод дар миёни салафиён фаҳмиши якхела вуҷуд надорад ва онҳо ба чанд гурӯҳ ё тамоил ҷудо мешаванд. Баъзе гурӯҳҳои онҳо дар ин масъала мавқеи радикалиро ишғол карда, талаб мекунанд, ки ҷиҳод бояд то замони дар тамоми ҷаҳон ғолиб омадани давлати исломӣ давом ёбад. Чуноне ки дар Қуръон омадааст: "Ва бо онҳо корзор кунед, то ин ки ҳеҷ фитна набошад ва дин ҳама барои Худо бошад! Пас, агар боз истанд, ҳамоно Худо бо он чи мекунанд, бино аст."(8:39). Дар ин маврид паёмбари ислом ҳангоми яҳудиёнро ба ислом даъват кардан низ гуфтааст: "Ислом биёред, солим бимонед ва бидонед, ки замин аз они Худо ва пайғамбари Ӯст ва ба дурустӣ, ман мехоҳам, ки шуморо аз ин замин берун кунам. Ва ҳар ки аз шумо дар (бадали) молаш чизе (арзишнок) ёбад, пас бигзор онро бифурӯшад ва агар не, боз бидонед, ки замин аз они Худо ва пайғамбари Ӯст".[471] Ё худ дар мавриди ҷангидан бо туркон паёмбар мегӯяд: "Қиёмат қоим намегардад, то он гоҳ ки шумо бо туркон - мардуми тангчашм, сурхрӯй, паҳнбинӣ ҷанг бикунед".[472] Пас, хулоса кардан мумкин аст, ки гурӯҳҳои радикалии салафӣ бо такя ба чунин ҳадисҳои пайғамбар ақидаи паҳн кардани шариати исломро дар тамоми ҷаҳон тарғиб менамоянд, бо далели он ки олам замини Худост ва дар он бояд танҳо қонуни Аллоҳ ҳоким бошад. Ин ақидаро ҳоло мубаллиғони салафия пайваста дар шабакаҳои интернетӣ тарғиб менамоянд.

Салафиёни Арабистони Саудӣ бошад, талаб менамоянд, ки табаддулоти исломӣ дар ҷаҳон бояд на ба воситаи шамшер, балки

[471] Абуабдуллоҳ, Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ. Саҳеҳи ал-Бухорӣ [Матн] / Бухорӣ А.М.И.И // Аз арабӣ тарҷумаи Муҳаммадҷон Умаров ва Файзулло Бобоев.- Душанбе.: Эр-граф, 2008. Ҷ.3. -С.179 (ҳадиси 3167)
[472] Саҳеҳи ал-Бухорӣ. Ҷ.3. (ҳадиси 2928). –С.80.

тавассути тарғиботу дигар кардани эътиқод сурат гирад. Бинобар он, онҳо нисбати дигар гурӯҳҳои салафӣ як андоза таҳаммулпазиранд. Гурӯҳи сеюми салафиён ҷонибдори татбиқ кардани ҷиҳод танҳо дар дохили давлатҳои миллӣ мебошанд. Ин гурӯҳ асосан гурӯҳҳои этникие ҳастанд, ки низоми давлати дунявиро дар ҳудуди давлати миллӣ қабул надоранд. Вале гурӯҳи аз ҳама хатарноки салафиён онҳое мебошанд, ки ҳамаи он касоне, ки ақидаи онҳоро қабул надорад, кофир дониста, ҷиҳодро муқобили онҳо фарзи ъайн мешуморанд. Маҳз ҳамин гурӯҳ дар тафсири Қуръону суннат, дар масоили сифоти Худо ақидаи одамгуна будани Худоро дастгирӣ карда, муқобили усули таъвил, яъне аз нигоҳи ақлу мантиқ маънидод намудани Қуръону суннат мебошанд. Даъвои онҳо ин аст, ки Қуръону суннат бояд танҳо ба маънои таҳтуллафзиаш фаҳмида шавад. Чунин тарзи фаҳмиш ғарази сиёсӣ дорад, зеро чунин тарзи фаҳмиши Қуръону суннат ба онҳо имкон медиҳад, ки аз истилоҳҳое чун такфиру ҷиҳод дар фаъолияти террористии худ ба осонӣ истифода баранд. Онҳо ҳамчунин истифодаи “иҷмоъ” (хулосаи дастаҷамъонаи уламо) ва қиёс (муколима аз рӯи муқоиса)-ро дар ҳалли масъалаҳо инкор мекунанд.[473]

Ҳамзамон, бояд хотиррасон намуд, ки доир ба масъалаи ҷиҳод имрӯз дар ислом фаҳмишҳои мухталиф вуҷуд доранд. Ҷиҳод аслан аз суннатҳои тоисломии араб буда, дар арабӣ маънои таҳтуллафзии он “ҷидду ҷаҳд” аст. Вале он дар ислом ба ҷуз маъноҳои “ҷидду ҷаҳд”, “саъйю кӯшиш” маънои ҷидду ҷаҳд дар роҳи Аллоҳро гирифт ва ба идеяи тавҳид тобеъ гардонида шуд. Дар тохтутозҳои байниқабилавӣ барои ба даст овардани манбаъҳои об ва ғанимат истифода мешуд, яъне маънои тохтутоз ё ҷангро низ дошт. Маҳз бо дарназардошти ҳамин маънояш он дар Қуръону суннат васеъ истифода гардидааст. Аз ҷумла: “Оё гумон кардед, ки ба биҳишт дароед ва (ҳол он ки) ҳанӯз Худо аз

[473] https//islam.global/obshestvo/islamskoe-pravo/salafity-i-ikh-osobennosti/ (Дата обращния 14.02.2021).

байни шумо муҷоҳидонро маълум накардааст ва собиронро ҷудо накардааст” (3:142). Ё худ: “Ва касонеро, ки дар роҳи Худо кушта шуданд, ҳаргиз мурда гумон макун, балки зиндаанд, назди Парвардигорашон рӯзӣ дода мешаванд” (3:159). Мисоли дигар: “Пас дар роҳи Худо ҷанг кун, ҷуз барои худат (барои касе) ҷавобгар нестӣ: ва муъминонро рағбат деҳ. Наздик аст, ки Худо ҷанги кофиронро боздорад. Ва Худо дар ҷанг шадидтару ба уқубат додан сахттар аст”(4:84). Дар ислом ҷиҳодро ба маънои ғазо ва муҷоҳидро ба маънои ғозӣ низ мефаҳманд, ки он дар суннати паёмбар баён ёфтааст: “Ҳар ки ғозиеро дар роҳи Худо муҷаҳҳаз сохта бошад, дар воқеъ худ ғазо кардааст”.[474]

Аммо бояд гуфт, ки маънои ҷиҳод аз ғазо васеътар аст. Аслан илоҳиётшиносон ду навъи ҷиҳодро аз ҳам ҷудо мекунанд: Ҷиҳоди Кабир, яъне ҷиҳоде, ки хусусияти маънавӣ-ахлоқӣ дошта, инсон бо камбудиҳои дар олами ботину зоҳири худ мавҷудбуда, мубориза мебарад. Яке аз намунаи чунин ҷиҳод эҳтирому хизмат ба падару модар кардан аст. Боре марде аз пайғамбар пурсид: “Ман дӯст медорам, ки дохили биҳишт шавам, остонаи биҳиштро бибӯсам. Бояд чӣ кор кунам, то ба чунин дараҷа бирасам?” Муҳаммад рӯ ба рӯ ва хитобан ба ҳама ҳозирон гуфт: “Агар орзуи биҳишт доред, пои модару пешонии падарро бибӯсед ва онҳоро эҳтиром кунеду ҳаргиз онҳоро тарк накунед”. Марде пурсид: “Ё Расулуллоҳ агар падару модарам мурда бошанд чӣ?” Гуфт: “Гоҳ-гоҳе ба қабристон бирав ва қабри онҳоро бибӯс”.[475]

Дар айни замон, ҷиҳодро ҳамчун уҳдадории мусулмон ба ҷиҳоди фарзи ъайн ва фарзи кифоя низ тақсимбандӣ менамоянд. Фарзи айн фарзеро мегӯянд, ки онро ҳар мусулмон худ ҳатман бояд анҷом диҳад ба мисли хондани намоз ва доштани рӯза. Фарзи кифоя фарзест, ки агар гурӯҳе аз мусулмонон онро анҷом диҳанд, иҷрои он аз зиммаи диндорони дигар соқит мешавад. Аз ин нигоҳ, ҷиҳод дар марҳилаи аввал

[474] Саҳеҳи ал-Бухорӣ. Ҷ.3, ҳадиси 2843. -С.52
[475] Муҳаммад, Ҳусайни Ҳайкал. Зиндагонии Муҳаммад [Матн] / Ҳайкал М.Ҳ.-Душанбе.: Ирфон, 2012, 224. Ҷ.1. -С.267.

чун фарзи айн шомили тамоми мардум мешавад ва сипас баъзе назариётчиёни ислом онро фарзи кифоя донистаанд. Аммо фарзи айн ба феъли дигарон соқит намешавад.[476] Ҳамчунин ҷиҳод ҳуҷумӣ ва мудофиавӣ мешавад. Дар мазҳабҳои шофеия, моликия ва махсусан мазҳаби ҳанафӣ асосан аз ҷиҳоди дифоъӣ ҳимоят шудааст, ҷиҳоди ҳуҷумиро танҳо дар мавриди таҷовузи душман барои мусулмонон фарзи айн ҳисобидаанд. Таълимоти мазҳаби ҳанафия дар бораи ҷиҳод аз ҷониби исломшинос С. Ахмедов баррасӣ гардидаст.[477]

Як нуктаро бояд ёдовар шуд, ки таълимоти Қуръон ва суннат дар бораи ҷиҳод зиддиятнок ҳаст. Дар Қуръон дар баробари ҷиҳодро дар роҳи Аллоҳ фарзи айн донистан, ҳамчунин оятҳое низ вомехуранд, ки мусулмононро ба таҳаммулпазирӣ даъват менамоянд. Аз ҷумла: "Барои дин ҷабр кардан раво нест" [2:256]; Ё худ: "Бигӯ: "Эй кофирон! Он чиро, ки шумо мепарастед, ман намепарастам. Ва шумо парастандаи он нестед, ки ман мепарастам. Шуморост дини шумо ва маро дини ман" [109:1,2,3,6].

Аммо экстремистон-террористон ҳангоми ба амал баровардани амалҳои террористӣ он ояту ҳадисҳоеро, ки мусулмононро ба ҷиҳоди маънавӣ-ахлоқӣ, яъне ҷиҳоди бузург даъват мекунанд, ба инобат намегиранд. Махсусан, онҳо нисбати он ҳадисҳои Муҳаммад, ки ба ҷиҳоди бузург бахшида шудаанд, бо шубҳа назар мекунанд, бо он далел, ки ҳадисҳои пайғамбар аз даҳон ба даҳон нақл шуда, на дар вақташ, балки дар садаҳои IX-X ба низом дароварда шудаанд. Бинобар он, ба ақидаи онҳо, бисёрии ин ҳадисҳо гӯё сохта мебошанд. Далелашон он аст, ки аз рӯи мазмун бисёрии ин ҳадисҳо бо оятҳои Қуръон на танҳо мувофиқ намеоянд, ҳатто ихтилоф доранд. Бо ҳамин далелҳо гурӯҳҳои террористӣ танҳо ба ҳамон ҳадисҳо такя мекунанд, ки ба ҷиҳоди сағир,

---

476 Абдуллоҳ, Изом. "Дифоъ аз сарзаминҳои исломӣ"[Матн] / Изом А // Мутарҷим Ҳикматуллоҳ Шафиқӣ. Маркази тарҷумаи мероси исломӣ. -С.34

477 Аҳмадов, Саид. Баъзе хусусиятҳои фиқҳ ва каломи Имоми Аъзам Абуҳанифа (р) [Матн] / Саид А.- Душанбе.: Соҳибкор, 2009. -С.20-25.

яъне ҷиҳод дар роҳи Худо бо мақсади паҳн кардани қонуни Аллоҳ дар тамоми олам бахшида шудаанд.

Идеологу мубаллиғони ҳаракатҳои исломи ифротӣ, алалхусус, салафиёну ихвониҳо ҷиҳодро ба "акбар" ва "сағир" тақсим намекунанд ва ҷиҳоди акбарро комилан қабул надоранд. Назарияпардози машҳури исломии бунёдгаро Сайид Қутб ба таври қатъӣ муқобили ҷиҳоди мудофиавӣ аст. Ба ақидаи ӯ, агар мо ҳаракати ҷиҳодро дар ислом мудофиавӣ ҳисобем, пас мо бояд мазмуни вожаи "мудофиа"-ро тағйир диҳем ва зери ин калима "ҳимояи инсон"-ро фаҳмем. Ислом барои сулҳ кӯшиш карда истода, он сулҳи камарзишро, ки моҳиятан танҳо иборат аз бехатар гардонидани ҳудуди аксари мусулмонон бошад, дар назар надорад. Ислом сулҳеро мехоҳад, ки дар зери парчами он тамоми дин аз они Аллоҳ бошад, то ки тамоми одамон дар зери парчами он танҳо ба Аллоҳ итоат кунанд.[478] Ин идеяи Сайид Қутб асосан аз таълимоти Мавдудӣ дар бораи ҳакамия гирифта шудааст. Мавдудӣ тараққиёти ҷомеаи исломиро дар замони муосир ба ду давра - давраи заифӣ ва давраи ҷиҳод, ки дар он ҷомеа ба ҷомеаи исломӣ мегузарад, иборат медонад.[479] Сайид Қутб дар партави ҳамин таълимот, ки аслан реша ба таълимоти ҳанбалия ва Ибни Таймия дорад, ҷомеаи муосирро ба ду - "исломӣ" ва "ғайриисломӣ" тақсим менамояд.[480]

Сайид Қутб сохтори иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии давлатҳои мусулмониро таҳлил карда, чунин хулоса мебардорад, ки тамоми олам ба барбарият, яъне, "давраи ҷоҳилия" баргашта аст. Бинобар он, давраи надонистани каломи Аллоҳ ва бединӣ ("Куфр") фаро расидааст. Тамоми олам, чӣ Шарқу чӣ Ғарб, чӣ мусулмону чӣ ғайримусулмон, чӣ диндору чӣ атеист ба ҷоҳилия баргаштаанд.[481] Ба фаҳмиши ӯ, ин ҳамон ҷомеа аст, ки қабл аз ислом вуҷуд дошт. Дар ҳамин асос, Саид Қутб ҷомеаи

---

[478] Добыкин Д. Г. Религиозные основы исламского экстремизма [Текст] / Д. Г. Добыкин. [электронный ресурс] URL: https://stavroskrest.ru/content/religioznye-osnovy-islamskogo-ekstremizma (дата обрашения: 18.02.2022).
[479] Коровиков, А. В. Исламский экстремизм в арабских странах [Текст] / А.В. Коровиков.-М.: Наука, 1990. -С.39.
[480] Мангитов М. Социальная философия Саида Кутба. Диссертация на соискание ученой степени кандидата философских наук по специальности 09.00.03-история философии-1999
[481] Қутб, С. Фит-тариқ,-ал-Қоҳира, 1965. -С.67

муосирро ба ду қисми бо ҳам муқобил ва бо ҳам муборизакунанда, яъне “Дору-л-ислом” ва “Дору-л-ҳарб” тақсим менамояд. Аслан тақсими замин ба “Дору-л-ислом” (замини ислом) ва “Дору-л-ҳарб” (замини ҷанг ё кофиристон) чизи наве набуда, хоси суннати пайғамбар[482] аст.

Ба ақидаи Сайид Қутб, “замини ҷанг” ҷомеаи “ғайриисломӣ” аст, ки дар он ҷо қонунҳои ислом ҳукмрон нестанд ва ба худои ягона эътиқод надоранд. Ба ин ҷомеа ӯ ҷомеаҳои коммунистӣ, буддоӣ, насронӣ ва ҳамчунин ҷомеаҳои исломие, ки тарзи зиндагии онҳо ба қонунҳои Аллоҳ асос наёфтаанд (яъне ӯ дар назар дорад кишварҳои мусулмоние, ки низомашон дунявӣ аст), дохил менамояд.[483] Ба фаҳмиши ӯ, аломати хоси он ҷомеаҳои исломие, ки ба ҷомеаи “ҷоҳилият” дохил мешаванд, он аст, ки онҳо аз аслҳои бунёдии ислом, бахусус “ҳакамия”-и Аллоҳ, яъне аз ҳокимияти қонунҳои Аллоҳ, рӯ тофтаанд. Маълум аст, ки ин идеяи Сайид Қутб асосан дар зери таъсири таълимоти ваҳҳобия ташаккул ёфтааст ва имрӯз яке аз нуктаҳои муҳими таълимоти салафияро ташкил медиҳад. Таълимоти салафия дар бораи бунёди давлати теократӣ дар тамоми замини Аллоҳ ва дар амалияи ҷамъиятӣ ворид сохтани қонуну қоидаҳои шариат аз ҳамин ҷо сарчашма мегирад. Вале амалӣ гардидани ин ҳадаф, аз нигоҳи салафия, бидуни ҷиҳод ҳамчун фарзи айн барои ҳар кадом мусулмон ғайриимкон аст, зеро “ислом” ва “ҷоҳилия” низомҳои мутлақо оштинопазиранд, байни онҳо ягон ҳамзистӣ вуҷуд дошта наметавонад. Барқарор кардани ҳокимияти Аллоҳ дар замин танҳо баъди он имконпазир аст, ки бо роҳи зӯрӣ ҷоҳилия несту нобуд карда шавад ва иштирок дар ин мубориза уҳдадории асосии ҳар кадом мусулмон мебошад.[484] Аз ҳамин лиҳоз, салафиён ба ҷиҳод ҳамчун рукни олии ислом муносибат карда, таъкид мекунанд, ки ҳар як мусулмон бояд барои барқарор кардани давлати исломӣ дар рӯи замин, чуноне ки дар

---

[482] Саҳеҳ ал-Бухорӣ. Ҷ.3. -С.127-130
[483] Қутб, С.Фит-тариқ [Матн] / С. Қутб.-Қоҳира, 1965, -С.120-123
[484] Добыкин Д. Г. Религиозные основы исламского экстремизма [Текст] / Д. Г. Добыкин. [электронный ресурс] URL: https://stavroskrest.ru/content/religioznye-osnovy-islamskogo-ekstremizma (дата обрашения: 18.02.2022).

сарчашмаҳои исломӣ омадааст, бояд бо ҷону амволи хеш то охир мубориза кунад. Ҷиҳод бояд ҳам бо роҳи тарғибот ва ҳам бо ёрии "шамшер" (силоҳ) бурда шавад.

Ҳамин тариқ, ҷиҳод аз нигоҳи ақидаи Муҳаммад ибни ал-Ҳасани Шайбонӣ (муаллифи мусулмон, ки қонун дар бораи ҷанг ва сулҳро тартиб додааст) дар роҳи Аллоҳ сарф кардани тамоми қувва барои паҳн кардани ислом дар тамоми ҷаҳон ҳам ба воситаи тарғиб ва ҳам бо ёрии силоҳ мебошад. Ӯ консепсияи "Чор шамшер"-ро пешбинӣ намудааст: шамшер ба муқобили мушрикон, шамшер ба муқобили муртадон, шамшер ба муқобили мардумони Аҳли Китоб (яҳудиёну насрониён) ва шамшер ба муқобили ҷудиандозон, фитнаҷӯён,[485] яъне онҳое, ки мусулмононро ба гурӯҳҳо тақсим мекунанд. Ба тарзи дигар гӯем, консепсияи Ҳасани Шайбонӣ ин ҳамон таълимоти салафиён доир ба "исломи бемазҳаб" аст, ки салафиён онро имрӯз дар мубориза ба муқобили фирқаву мазҳабҳо дар ислом истифода мебаранд.

Хулоса, яке аз далелҳои қавие, ки дар паҳн гардидани идеяҳои экстремистӣ-террористӣ нақши калон мебозад, баланд бардоштани аҳамияти ҷиҳод дар ислом аст. Масалан, яке аз аъзои фаъоли ҳаракати "Ихвон-ул-муслимин" ва гурӯҳи ҷиҳодии шайхҳои Урдун, муассисаи "Мактаби хадамоти муҳоҷирон" ва корманди фаъоли маҷаллаи "Ал-Ҷиҳод" шайх Абдуллоҳ Изом ҷиҳодро ҳамчун ҳадафи олии ислом афзалтар аз намозу рӯза, ҳаҷу закот дониста, ҳанӯз солҳои 80-уми садаи XX гуфта буд, ки "Аллоҳ таъоло ин динро баъд аз ин, ки расули Худо бо ҳуҷҷат ва бурҳон равшан сохт, ба зӯри шамшер ва сарнайза нусрат ва пирӯзӣ бахшид", аммо ин "муҳимтарин воҷиботи фаромӯшшуда дар асри ҳозира... аз дилу амали мардум дур шудааст ва дар натиҷа

[485] Ниг. Добыкин Д. Г. Ҳамон ҷо. -С.52

мусулмонон заифу нотавон ва дар назар беқадру қиммат ба мисли хасу хошок гардидаанд”.[486]

Абдуллоҳ Изом бо такя ба ҳадиси саҳеҳе, ки гӯё аз Аҳмад ва Табаронӣ ривоят шудааст, аз забони паёмбари ислом чунин мегӯяд: “Қабл аз вуҷуди қиёмат бо шамшер мабъус гардидам, то он ки танҳо Худованд ибодат карда шавад. Ӯ ягона аст, шарик надорад. Ризқу рӯзиам дар зери сояи найзаам муқаррар гардонида шуд. Зиллат ва хориро ба ҳар он, ки аз фармони ман мухолифат намояд, ҳоким сохт. Ва касе, ки худро монанд ба қавие намуд, ӯ ҳам аз ҷумлаи онҳо хоҳад буд.”[487] Дар таълимоти А. Изом яке аз иртиҷоитарин нуктае, ки хусусияти зиддибашарӣ дорад, ин аст, ки ӯ бо такя ба оятҳои қуръонӣ “некуаҳволии рӯи заминро бар пояи “Қонуни дафъ” (яъне нобуд сохтани як гурӯҳ бо дасти гурӯҳи дигар)” мебинад ва ин ояти қуръонӣ чунин аст: “Ва агар намебуд дафъ кардани Аллоҳ баъзе мардумро бо баъзеи дигар, ҳар оина табоҳ мулк мешуд. Валекин Аллоҳ бисёр меҳрубон аст бар оламиён!” [2: 251]. Дар асл ин оят ҷанги Довуду Ҷолутро, ки дар дунёи қадим миёни яҳудиёну мардуми Қанъон (Фаластин) рух дода буд ва яҳудиён бо сарварии Довуд мардуми Канъонро қатли ом карда, дар он ҷо аввалин давлати худро бунёд карда буданд, дар назар дорад. Қуръон низ мусулмононро барои аз байн бурдани кофирон даъват мекунад, то замоне ки дин аз они Аллоҳ мегардад.

Имрӯз таълимоти А. Изом дар бораи ҷиҳод яке аз қисматҳои муҳими таълимоти салафияи ифротии муосир аст. Маҳз гурӯҳҳои террористии ихвонию салафӣ буданд, ки чанде пеш бо роҳи қатли ом кардани мардумони Сурияю Ироқ кӯшиш карданд, “Давлати исломӣ”-ро бунёд намоянд. Даъватҳои А. Изом дар бораи “дар майдони ҷанг калон шудану тарбия гирифтани кӯдакон”, “ҷиҳодро зиндагӣ, иззат ва вуҷуду сарнавишти худ қарори додани мусулмонон” ва “ба фарзандон

[486] Абдуллоҳ, Изом. Дифоъ аз сарчашмаҳои исломӣ [Мат] / Изом А // Мутарҷим Ҳикматуллоҳи Шафиқӣ. Маркази тарҷумаи мероси исломӣ... -С. 6-12
[487] Абдуллоҳ Изом. Ҳамон ҷо. -С.6

қаҳрамонию ҷиҳодро омӯзонидани занҳо”[488] ба мисли таълимоти ҳанбалияю Ибни Таймия, Сайид Қутбу Мавдудӣ ва дигар назарияпардозони экстремизми исломӣ асоси таълимоти салафиёнро ташкил медиҳад. Дар айни замон, зарур медонем, як нуктаро хотиррасон намоем, ки ҳарчанд таълимоти Абдуллоҳ Изом дар бораи ҷиҳод ҷанбаҳои сахти иртиҷоӣ дорад, вале он асосан ба муқобили таҷовузи Ғарб ба Фаластин ва вуруди артиши шӯравӣ ба хоки Афғонистон нигаронида шуда буд.

Яке аз шиор ва ҳадафҳои асосии ҳаракати салафияи ифротӣ аз байн бурдани низомҳои давлати демократӣ ва дунявӣ мебошад. Ба андешаи салафияи ифротӣ, низоми дунявии давлат хоси тамаддуни ғарбӣ-насронӣ буда, ба ҷаҳони ислом аз Ғарб интиқол ёфтааст ва ба ислому мусулмонон бегона аст. Албатта, ин ақида танҳо хоси салафияи ифротӣ нест. Падидаи зиддиисломӣ будану аз байн бурдани низоми давлати дунявиро мо дар барномаҳои ҳамаи ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ - Ҳизбу-т-Таҳрир, ал-Қоида, Толибон, Ихвону-ул-муслимин, ТЭТ ҲНИ, Давлати исломӣ, Таблиғ ва ғ. мушоҳида менамоем.

Масъалаи болозикр дар ақида ва амалияи ҳаракати салафия ифротӣ дар шакли хеле мудҳиштар зоҳир мегардад. Мувофиқи ақидаи салафияи такфирӣ-ҷиҳодӣ фақат давлатҳои воқеан демократӣ ва дунявии замони муосир низоми куфр намебошанд, ҳамчунин низоми давлатии кишварҳои мусулмоние ҳам, ки қонунгузории онҳо бештар дар асоси меъёрҳои исломӣ эҷод шудаанд, вале баъзе меъёрҳои дунявиро истифода мебаранд, низ чунинанд. Ин вобаста ба он аст, қонунгузории низоми давлати мусулмонони ин кишварҳо на дар асоси меъёрҳои “исломи ноб,” балки дар асоси меъёрҳои фирқаву мазҳабҳои мухталифи исломӣ, аз ҷумла шиаи имомия ё мазҳаби ҳанафӣ бунёд шудаанд. Масалан, ҳарчанд Эрон ҷумҳурии исломӣ аст, аммо қонунгузории он

---

[488] Абдуллоҳ, Изом. Ҳамон ҷо. -С.106-109

пурра ба меъёрҳои шиаи имомияи ислом асос ёфтааст ё худ Покистону Афғонистон, ки ҷумҳуриҳои исломӣ мебошанд, низоми исломии онҳо низ дар асоси меъёрҳои мазҳаби ҳанафӣ қомат афрохтааст. Азбаски салафияи ифротӣ худро "исломи бемазҳаб" ном бурда, ҳама гуна мазҳабу фирқаҳоро дар таркиби ислом рад карда, "куфр" медонад, аз ин назар ҳамаи низомҳои динии давлатҳои мусулмоние, ки дар пояи меъёрҳои фирқаю мазҳабҳо бунёд ёфтаанд, низомҳои "куфр" мониста мешаванд.

Амалияи ин муносибати салафияи ифротиро нисбат ба ин давлатҳои мусулмонӣ мо дар фаъолияти "Давлати исломӣ", ки дар таъсиси он саҳми салафияи такфирӣ-ҷиҳодӣ низ калон аст, бараъло мушоҳида менамоем. Масалан, гурӯҳҳои террористии созмондиҳандаи "Давлати исломӣ" давлатҳои мусулмониро, ба монанди ҶИЭ, Ироқ, Сурия ва ғ. низомҳои куфр номида буданд.

Тавре маълум аст, дар як муддати кӯтоҳи арзи вуҷуд кардани "Давлати исломӣ" дар ҳудудҳои Ироқу Сурия мо шоҳиди он шудем, ки чӣ тавр ин давлат ба ҳуқуқу озодиҳои инсонҳо таҷовуз карда, бо он низоми ҳуқуқие, ки дар қаламрави зери назорати худ пиёда сохт, ҳуқуқу озодиҳои мусулмононро поймол ва худи онҳоро саркӯбу қатл намуд. Дар "Давлати исломӣ" одамон аз оддитарин ҳуқуқи инсонӣ маҳрум буданд. Занон ба мисли мол ва каниз аз ҷониби "муҷоҳидони исломӣ" истифода ва хариду фурӯш мешуданд, ҳуқуқи аз хона берун баромадан, таҳсил кардан, фароғат намудан надоштанд ва дар сурати риоя накардани меъёрҳои ҳуқуқии "Давлати исломӣ" бидуни баррасии судие ба қатл расонида мешуданд.

Гурӯҳи ифротии "Давлати исломӣ" даҳҳо навъи даҳшатбори қатли одамонро ба мисли сар задани кӯдакон, зинда оташ задани одамон, куштани зани ҳомила, ба таври оммавӣ сар задани асирон, аввал таҷовузу баъд қатл намудани занон ва ғайраро амалӣ карда, боз ин

амалҳои ғайриинсонии худро ба навор гирифта, онро тавассути шабакаҳои интернетӣ ба намоиш мегузоштанд ва бо ин усул тарсу ҳаросро дар қалби одамон, аз назари онҳо гӯё “кофирон”, ҷой менамуданд, ки ба ҳеҷ гуна меъёрҳои ҳуқуқи инсонӣ мувофиқ намеомаданд. Баръакс, “Давлати исломӣ” дар амалияи хеш ба назари ҷаҳониён дини исломро ҳамчун як падидаи зиддибашарӣ ва зиддитамаддунӣ муаррифӣ карда, исломҳаросиро дар қалби одамон ҷойгузин сохт.

Таҳқиқу таҳлили ақидаву ҷаҳонбинии салафияи ифротӣ ва таҷрибаи амалии “Давлати исломӣ” ошкор месозад, ки ҳадафи ҳаракати салафияи такфирӣ ва пайравони онҳо дар кишварҳои мусулмонӣ, аз ҷумла Осиёи Марказӣ, аз байн бурдани давлатҳои дунявӣ ва бунёди давлати исломӣ бар пояи ақидаи салафияи ифротӣ мебошад, на бар пояи он арзишҳои исломие, ки мусулмонон тӯли садсолаҳо коркард намудаанд. Онҳо фаҳмиши тангу торики худро дар бораи ислом ба мардум ҳамчун меъёрҳои исломӣ нишон дода, онро дар амалияи давлатдорӣ ҷорӣ кардан мехоҳанд.

Таълимоти салафиёни ифротӣ комилан хусусияти зиддиинсонӣ дорад. Беҳуда нест, ки ҳанӯз дар Симпозиуми исломии уламо ва муфтиёни маъруф, аз ҷумла роҳбарони Маҷмааи ҷаҳонии уламои исломӣ, роҳбарони динии Покистону Афғонистон, Эрону Қатар, Россияву Қазоқистон, Тоҷикистону Қирғизистон, кишварҳои минтақаи Қафқоз, роҳбарони мусулмонони Аврупо ва ғ., ки моҳи июли соли 2015 дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, фатвои ягонаи қатъӣ бароварда шуд, ки ин гурӯҳҳои ифротгароии динӣ ҳамчун гурӯҳҳои террористии ғайриисломӣ маҳкум карда шуданд. Аз далелҳои боло маълум мешавад, ки бо паҳн шудани салафияи ифротӣ дар Тоҷикистон мо бо як хатари бузурге рӯ ба рӯ ҳастем, ки ба тарзи зиндагии озодонаи мо, давлати миллии мо ва ояндаи неки мардуми Тоҷикистон таҳдид дорад. Аз ин

нигоҳ, таблиғи гароиши салафия ин тарғиби экстремизм ва даъват ба терроризм мебошад. Пас ҳар шаҳрванди Тоҷикистон, ки ба равияи салафӣ пайравӣ мекунад, онро тарғиб менамояд ва ё дар ҷангҳои Сурияву Ироқ ширкат варзидааст ва то ҳанӯз аз кардаи худ пушаймон нашуда, дар зери ҳимояи душманони хориҷии ватану миллат чун “муҷоҳид” фаъолият мекунад, ӯ ҷинояткор, хоини ватану миллат ва давлати миллии тоҷикон аст, зеро муҳимтарин нақшаи барномавии салафияи ифротӣ аз байн бурдани давлати миллист, ки ҷузъи барномаи “Эҳёи хилофат”-ро ташкил медиҳад ва дар харитаии сиёсии ин барнома Ҷумҳурии Тоҷикистон як ноҳияи хурди “Хилофат” ба ҳисоб меравад. Агар дар харитаи сиёсии ҷаҳон, ки салафияи ифротӣ таҳия карда, тавассути расонаҳои интернетӣ паҳн кардааст, назар афканем, Тоҷикистон ҳамчун кишвари мустақил дар он ҷой надорад. Беҳуда нест, ки хоини ватан Гулмурод Ҳалимов дар як суҳбати интернетии худ “Тоҷикистонро хоки хилофат” номида буд. Бинобар ин, ҳар шаҳрванди Тоҷикистон, ки ба ин гурӯҳ ҳамроҳ мешавад ва ақидаҳои онро тарғиб мекунад, ӯ душмани миллат буда, зидди давлати миллии тоҷикон мебошад.

Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон доир ба хатари терроризму экстремизм борҳо мардуми кишварро огоҳ карда, гуфтаанд, ки “дар 10 соли охир дар мамлакат 6680 ҷинояти дорои хусусияти экстремистиву террористӣ, аз ҷумла, 86 амали террористӣ ошкор ва ба қайд гирифта шуда, 11 ҳолати амали террористӣ ва сӯиқасд ба он пешгирӣ гардидааст”.[489] Афзоиши ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ дошта ба вусъат ёфтани терроризми байналмиллалӣ, фаъолшавии унсурҳои тундраву ифротгаро, ҷалби ҷавонон ба сафи созмонҳои экстремистию террористӣ ва иштироки онҳо дар низоъҳои мусаллаҳонаи давлатҳои хориҷӣ мусоидат менамояд. Ин ҷо ҳадафи Пешвои миллат ҳамон

[489] Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷҷҷикистолн, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар. ш. Душанбе, Кохи Ваҳдат, 9 марти соли 2024.

ҷавононе мебошанд, ки дар ҷангҳои Сурияву Ироқ ва Афғонистон иштирок кардаанд ва то имрӯз на ҳамаи онҳо аз амали худ пушаймон шуда, ба Ватан баргаштаанд.

Имрӯз маҳз низоми дунявии давлати Тоҷикистон имкон медиҳад, ки ҷойгоҳи воқеии дин дар ҷомеа муайян шуда, ба ҳар гуна гароишҳои динии ифротие, ки ба ҳастии миллату давлат таҳдид мекунад, муқовимат ва аз паҳншавии ақидаҳои бегона ҷилавгарӣ шавад. Аз ин рӯ, танҳо ҳифзи истиқлоли давлатӣ, низоми дунявии давлат, таъмини аслҳои озодии виҷдон метавонанд ҳамзистӣ ва таҳаммулпазирии диниро кафолат дода, амну суботи давлату ҷомеаро таъмин созанд.

Хулоса, робитаи экстремизми исломӣ бо салафия ба ривоҷи амалҳои террористӣ дар ҷаҳони ислом мусоидат карда, исломи сиёсӣ ё "омили исломӣ"-ро дар хизмати қудратҳои ҷаҳонию минтақавӣ гузошт ва падидаи исломҳаросиро дар қалби ҷаҳониён ба бор овард.

## 4.2. Бунёдгароии исломӣ дар Тоҷикистон ва хатари салафия ба ҳаёти динӣ-сиёсии он

Бо фано шудани давлати шӯравӣ ва низоми сотсиалистӣ бисёр коршиносону сиёсатмадорон ба хулосае омаданд, ки ҷанги сард хотима ёфт ва муқовимат дар байни қудратҳои ҷаҳонию минтақавӣ аз байн рафта, низоъҳои минтақавию байналмилалӣ дигар такрор намеёбанд. Ҳатто сиёсатшиноси америкоӣ Фрэнсис Фукуяма ин ҳолатро хотимаи ҷангҳо дар таърих ҳисобид. Вале муддате нагузашта, маълум гардид, ки ин ақида, ба ҷуз хаёли хом, чизи дигаре набудааст. Аз байн рафтани ҷаҳони дуқутба баръакс мувозинатро дар ин олам вайрон кард. Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар ҳамкорӣ бо Ғарб худро ҳукмрони ҷаҳони яккутба эҳсос намуда, кӯшиш намуданд, ки иродаи худро ба давлатҳои дигар таҳмил намоянд. Ҳамаи он кишварҳое, ки дар гузашта зери

таъсири давлати шӯравӣ ва афкори коммунистӣ қарор доштанд ва баъди пош хӯрдани ҷаҳони сотсиалистӣ ҳанӯз бо Федератсияи Россия робитаи ҳасанаи хешро нигоҳ дошта буданд, ба объекти таҷовузи Ғарбу ИМА қарор гирифтанд, якбора аз ҷониби ин қудратҳо ҳамчун низомҳои тоталитарӣ, ғайридемократӣ “шинохта” шуданд. Мубориза барои ба даст овардани нақши сарварӣ дар ҷаҳон аз нав авҷ гирифт. Албатта, Ғарб, махсусан ИМА, ки худро гегемони ҷаҳони муосир медонанд, барои ба амал баровардани инқилобҳои “демократӣ” дар кишварҳои дигар ба мисли Мисру Алҷазоир, Сурияю Ироқ, Лубнону Тунис, Марокаш, Либия ва ба низоъҳои дохилӣ кашидани онҳо васила ва баҳонае зарур доштанд. Оқибат, Ғарб дарёфт, ки василаи ба низоъҳои дохилӣ кашидани ин кишварҳои “ғайридемократӣ” аз ҷониби “ҳомиёни демократия” исломи фундаменталистӣ (бунёдгароӣ)-и ҷанговар мебошад, ки Ғарб кайҳо онро бо унвони ваҳҳобия омода сохта, тавассути он баъзе нақшаҳои геосиёсии худро амалӣ сохта буд ва ӯ имрӯз бо унвони салафияи такфирӣ-ҷиҳодӣ барои иҷро намудани нақшаҳои нави геосиёсӣ метавонад истифода шавад.

Аммо сиёсатмадорони ғарбӣ дар мавриди он, ки исломи фундаменталистии ҷангҷӯ, ки гӯё мустақиман аз муҳити иҷтимоӣ-сиёсӣ ва мафкураи мусулмонон бархостааст, барои давлатҳои ғарбӣ чи хатар дорад, андеша накардаанд. Масалан, ба ақидаи сиёсатшиноси ғарбӣ Эйтан Финкелштейн фундаментализми исломии ҷанговар, низомҳои исломии радикалӣ дар Эрон, Судон ва баъзе давлатҳои мусулмонии дигар омили асосии вайрон кардани амнияту суботи ҷомеаи муосир мебошанд. Чунончӣ ӯ навиштааст: “Исломи сиёсӣ” кайҳост, ки аз доираи олами мусулмонӣ баромадааст ва мавзӯи ваҳму ҳароси ҷомеаи ҷаҳонӣ гаштааст. Ягон ҷои шубҳа нест, ки он чизе, ки имрӯз дар дохили ҷомеаи мусулмонӣ ба вуҷуд меояд, омили муайянкунандаи тараққиёти ҷаҳон дар садаи XXI мегардад.

Чизи асосие, ки имрӯз дар ҷаҳони ислом ба вуҷуд омадааст, ин ривоҷ ёфтани исломи бунёдгарои ҷанговар аст. Ҳарчанд унсурҳои исломи фундаменталистӣ аз ибтидо дар фаъолияти исломи аҳли суннат ҷой дошта, вале он аз мазҳаби ҳанбалия (садаи IX) расман оғоз гардида, хусусияти ҷанговарона касб карда буд. “Имрӯз бунёдгароён барои ҳокимияти сиёсӣ ба он мақсад мубориза мебаранд, ки сохтори ҷамъиятиро дар кишвари худ, дар ҷаҳони мусулмонӣ ва дар тамоми ҷаҳон ба таври радикалӣ тағйир диҳанд. Ба ҳар навъ, ҳуҷуми ҳавоӣ ба ИМА 11 сентябри соли 2001 дар ин хусус ҳама гуна шубҳаро аз байн бурд”.[490]

Вале дар асл ҳодисаи 11 сентябри соли 2001 баҳонае буд барои оғоз кардани мубориза ба муқобили низомҳои ба ном тоталитарии “ғайридемократӣ” дар ҷаҳони ислом, ки гӯё ҳамчун ватани фундаментализми исломӣ барои Ғарб хатарноканд. Ҳол он ки маҳз эҳёи идеяҳои бунёдгароии исломии асрҳои миёна ва ривоҷи он мутобиқ ба манфиатҳои Ғарб мебошад. Тафовут танҳо дар он аст, ки агар дар асрҳои миёна ҳадафи бунёдгароии исломӣ бештар масъалаи дохилимусулмонӣ ба мақсади тоза сохтани ислом аз “бидъат”-ҳо буд, ҳарчанд дар баъзе ҳолатҳо сабаби афрӯхтани низоъҳои байнимазҳабӣ низ гардида, бо амалҳои террористӣ низ иртибот дошт, дар замони муосир он ба силоҳи сиёсӣ-идеологии қудратҳои ҷаҳонию минтақавӣ барои ҳифз намудани манофеи геосиёсии онҳо табдил ёфт.

Ҳамин тариқ, аз охири садаи XX ва махсусан, аз ибтидои садаи XXI сар карда, фундаментализми исломӣ аз ҳудуди ҷаҳони ислом берун рафта, ба яке аз падидаҳои сиёсӣ-динии глобалӣ табдил ёфт. Бояд иқрор шуд, ки ба ривоҷи фундаментализми исломӣ ва зуҳури он дар шакли созмону ҳаракатҳои гуногун, вале аз нигоҳи ҳадафҳои сиёсӣ ба ҳам мувофиқ, ба мисли созмонҳои “Ихвону-л-муслимин”, “Ал-Қоида”, “Ан-

---

[490] Эйтон, Финкельштейн. Ислам в современном мире [Текст] // Финкельштейн Э // Журнал «Новый век». -М. №1, 2002 (https://www.languages-study.com/harah/magazine7.html ( Дата обращения 12.08.2023)

Нусра", "Ҳизбу-т-таҳрир", ваҳҳобия-салафия ва даҳҳои дигар таъсири хориҷӣ (Ғарб) хеле зиёд аст. Он имрӯз ба силоҳи идеологии қудратҳои ҷаҳонӣ барои нақши гегемонӣ бозидан дар ҷаҳон ва ба силоҳи идеологии қудратҳои минтақавӣ бо мақсади касб кардани қудрат дар ҷаҳони мусулмонӣ табдил ёфтааст. Бинобар он, ривоҷи фундаментализми исломӣ танҳо аз табиати сиёсӣ доштани ислом барнамеояд ва танҳо реша дар исломи суннатии анъанавӣ ва мазҳаби ҳанбалия дар асри IX ва таълимоти Ибни Таймия (садаи XIV) надорад. Он робитаи бевосита бо манфиатҳои геосиёсӣ ва геоиқтисодии қудратҳои ҷаҳонӣ ба мисоли Ғарбу ИМА ва қудратҳои минтақавии ҷаҳони ислом ба мисоли Арабистони Саудӣ ва Эрон низ дорад, махсусан вақте ки сухан дар бораи чунин ҳаракатҳои фундаменталистӣ ба мисли салафияю "Ихвон-ул-муслимин" меравад.

Бинобар он, назари муҳаққиқону коршиносон ва сиёсатшиносони ғарбӣ дар масъалаи воқеъбинона баҳо додан доир ба сабабҳои ривоҷи бунёдгароии исломӣ яктарафа аст. Аз ин нигоҳ, метавон гуфт, ки хусусияти глобалӣ касб кардани фундаментализми исломӣ як навъи зуҳуроти ҳамон назарияи "бархӯрди тамаддунҳо дар заминаи дин" мебошад, ки ҳанӯз дар садаи XX сиёсатшиноси амрикоӣ С. Хантингтон таҳрезӣ карда буд ва он имрӯз аз ҷониби қудратҳои ҷаҳонӣ амалӣ мегардад. Ин зуҳурот танҳо сабабҳои объективӣ надошта, сабабҳои субъективӣ низ дорад. Сабабҳои субъективии он дар ҳамон манофеи геосиёсии қудратҳои ҷаҳонӣ ниҳон аст. Мисоли равшани ин гуфтаҳо изҳороти собиқ котиби давлатии ИМА Хиллари Клинтон дар бораи аз ҷониби ИМА дастгирӣ ёфтани давлати исломии Ироқу Сурия "ДИИШ" мебошад. Ӯ мегӯяд: "Мо ДИИШ-ро ба мақсади тақсим кардани Шарқи Наздик сохтем".[491] Дар ёддоштҳои хеш ӯ дар ин масъала андешаҳои худро баён карда, боз менависад: "5 июни соли 2013 дар рафти маҷлис ба

[491] Пояндашоев, О. П. Россия под прицелом: некоторые проблемы глобальной безопасности [Текст] / О.П.Пояяндашоев.- Краснодар.: Диапазон-В, 2015. -С. 246

дӯстони аврупоии худ мо масъалаи расман шинохтани “Давлати исломӣ”-ро ба нақша гирифтем. Ман бо мақсади фаҳмондани нақши ИМА ва бастани шартнома бо баъзе дӯстонамон доир ба масъалаи расман шинохтани “Давлати исломӣ” баробари таъсис ёфтани он ба 112 кишвар сафар кардам”.[492]

Дигар ин ки, худи истилоҳи бунёдгароии исломӣ аслан зодаи Ғарб буда, бори аввал онро сиёсатшиносони фаронсавӣ ба унвони “фундаментализми исломӣ” ном бурдаанд. Дар ислом ба маънои бунёдгароӣ истилоҳҳои “исломи замони пайғамбару хулафои рошидин”, “исломи се насли ибтидоии мусулмонон”, “исломи ноб”, дар Ғазоллӣ “мазҳаби салаф,” ҳамчунин истилоҳҳое ба мисли “аҳли ҳадис” ва ғайра истифода мешаванд. Дар тӯли таърихи ислом имомон, мутакаллимон ва илоҳиётшиносони суннатгаро ҳамеша ҳифзи ҳамин исломи ибтидоӣ ва пайравӣ кардан аз онро тарғиб менамуданд. Бозгашт ба исломи замони пайғамбару наслҳои салафи ибтидоӣ дар таълимоти ислоҳхоҳони мусулмони садаҳои XIX-XX низ ҷойгоҳи хос дошт, аз ҷумла, дар ҳаракати панисломизм дар баробари маънии исломгароӣ, ҳамчунин маънои бунёдгароиро ҳам дорад. Бинобар он, бунёдгароӣ ё фундаментализм дар исломи муосир падидаи нав нест. Он ба маънои “исломи замони пайғамбару наслҳои мусулмонони ибтидоӣ”, “исломи ноб” ва бозгашт ба он ҳамеша хусусияти консервативӣ-иртиҷоӣ дошт ва як омили боздорандаи тараққиёти ҷомеа буд. Эҳёи он дар садаи XIX ҳарчанд зоҳиран хусусияти зиддиғарбӣ, зиддиистеъморӣ дошт, вале омили боздорандаи тараққиёти ҷомеа ба манфиатҳои геосиёсии Ғарб мебошад.

Бинобар он, бунёдгароии исломӣ дар замони муосир бо дастгирии сиёсӣ-ҳарбӣ ва молиявии Ғарбу ИМА ва давлатҳои арабии ҳамтои онҳо дар ҳавзаи Халиҷи Форс ба як ҷараёни сиёсӣ-динии мустақил табдил

---
[492] Пояндашоев, О.П. Россия под прицелом: некоторые проблемы глобальной безопасности [Текст] / О.П. Пояндашоев. – Краснодар.: Диапазон-В, 2015. -С.246

ёфт, ки ба фаъолияти ҷамъиятӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии гурӯҳҳое робита дорад, ки аз ҷониби давлатҳои фавқуззикр таъсис ёфтаанд ва онҳо зери шиорҳои исломӣ гӯё "давлати исломӣ"-ро дар асоси принсипҳои исломи ибтидои замони пайғамбару наслҳои "салафи солеҳин" бунёд мекунанд. Пас, мантиқан ин маънои бозгашт ба хилофати исломиро дорад.

Имрӯз исломиёни бунёдгарои ҷанговар дар ҳама ҷо барои ба даст овардани ҳокимияти сиёсӣ мубориза мебаранд, то ки тағйиротҳои радикалиро аввал дар кишвари хеш, баъдан дар ҷаҳони ислом ва дар ниҳоят дар тамоми олам ба вуҷуд оранд ва дин дар рӯи замин дини Аллоҳ бошад. Зеро мувофиқи талаботи идеяи тавҳид, ки рукни нахусти ислом аст, "Худои бузург онҳоро (мусулмононро - Н. Қ.) ворисони замин қарор дод ва дар замин онҳоро халифа гардонид".[493] Ҳамин тариқ, имрӯз бунёдгароии исломӣ дар олам босуръат паҳн мешавад ва дар баробари ҳифзи манфиатҳои қудратҳои ҷаҳонӣ, метавонад ба ривоҷи ихтилоф дар байни Шарқи исломӣ ва Ғарб низ мусоидат намояд.

Яке аз шаклҳои хеле хатарноки бунёдгароии исломӣ, ки ба амният ва истиқлолияти давлати ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ бештар таҳдид менамояд, ин ҳаракати сиёсӣ-динии салафия мебошад. Чунин хулосаро натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологие, ки бо ташаббуси Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон охири соли 2023 ва аввали соли 2024 гузаронидааст, тасдиқ менамояд. Масалан, ба саволи "Ба фаҳмиши Шумо ба амнияти кишвар кадом ҷараёнҳо, ҳаракатҳо ва созмонҳои динӣ-сиёсӣ хатар доранд?", 43,3% пурсидашудагон хатари ҷараёни салафияро таъкид намудаанд.[494] Аслан тамоми гурӯҳҳои салафӣ якранг нестанд. Онҳоро

---

[493] Абдумалик, Али ал-Кулайб. Тавҳид [Матн] / ал-Кулайб А. А // Мутарҷим Шаҳобуддин Солеҳ. Ҷои нашр номаълум, 2014. - С.31.

[494] Шоисматуллоев, Ш., Миров, Ф. С. Ватандӯстӣ, маърифати ҳуқуқӣ, ҳувияти миллӣ ва муқовимат ба муқобили экстремизм дар шароити ҷомеаи муосири Тоҷикистон [Матн] / Ш.Шоисматуллоев., Ф.С. Миров // Маводи таҳлилӣ оид ба натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ. –Душанбе, 2024. -С. 76. 134 с

коршиносон ба якчанд гурӯҳ тақсим кардаанд, вале се гурӯҳи асосии он инҳоянд:

- салафиёни мадхалӣ, ки пайравони Рабеъ ибни Ҳодим ал-Мадхалӣ мебошанд. Ин гурӯҳро ба хонаводаи Оли Саъуд мансуб медонанд, ба далели он ки давлатдорони Арабистони Саудӣ дар сиёсати идории хеш аз фатвои уламои салафиёни "мадхалӣ" истифода мебаранд ва корҳои динии онҳо аз таълимоти ҳанбалияю ваҳҳобия сарчашма мегирад;

-салафиёни сарварӣ, ки пайравони Муҳаммад ибни Зайнулобиддини Сарварӣ мебошанд. Ба ақидаи коршиносон ин гурӯҳи салафия асосан муътадиланд;

- салафиёни такфирӣ-ҷиҳодӣ, ки ба ҷуз ақидаи хеш ақидаи дигарро қабул надоранд ва ҳар касе, ки ақидаи онҳоро қабул накунад, такфир карда мешавад, яъне "кофир" хонда шуда, ҷиҳод, қатл ва мусодираи молу мулк, ҳатто зану фарзандони онҳо барои муҷоҳидон ҳалол дониста мешавад.

Мубаллиғони ин гурӯҳи салафиён, ба мисли Абдузоҳири Доъӣ, имрӯз тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ва нашрияҳои махфӣ пайваста ҷараёни ваҳҳобия-салафияро сафед карда, ҳатто, таъкид месозанд, ки "ҳар касе ваҳҳобӣ нест, кофир аст" ва ҷиҳод намудану шаҳид шудан дар роҳи Аллоҳро муҳимтарин уҳдадории мусулмон ҳисобида, онро рукни муҳими ислом баъди тавҳид медонанд. Ба ақидаи онҳо ислом бидуни ҷиҳод ислом нест. Аз ҷумла, ӯ мегӯяд: "Барои шаҳид шудан дар роҳи Аллоҳ шаш хислат аст, яке аз онҳо шаҳид шудан дар роҳи Аллоҳ аст... ҳар касе дар ҷиҳод бимирад, Аллоҳ ба ҳамон гунае, ки намоз мехонд, рӯза мегирифт, нафақа медод, аҷрашро медиҳад".[495] Мубаллиғи дигари ҷараёни салафия Абумуҳаммад Маданӣ, ки аслан зодаи ноҳияи Ашти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, "кофир" ва "бедин" хондани пайравони

---

[495] Абдузоҳир, Доъӣ. 200 қоидаи эътиқод ба асосҳои имон [Матн] / Доъӣ А. Макони нашр номаълум. 1438 ҳ.- 1396 хуршедӣ. -С. 85.

ҳамаи равияву фирқа ва мазҳабҳои дини ислом, инчунин динҳои дигарро, ба ҷуз “муваҳиддин”, яъне пайравони равияи салафия, ки худро “муваҳиддин” медонанд, аз нигоҳи Қуръон фарз шуморида, мусулмононро даъват менамояд, ки ба дини Аллоҳ нусрат бидиҳанд. Солҳои охир сафи ҳамин гуна мубаллиғони салафия дар шабакаҳои иҷтимоӣ хеле афзудааст ва онҳо дар мағзшӯӣ кардани ҷавонон ба манфиати гурӯҳҳои экстремистӣ нақши муҳим мебозанд.

Як қатор коршиносон тасдиқ мекунанд, ки ташкилоти террористии “Ал-Қоида” як шохаи салафияи ҷиҳодӣ мебошад. “Солҳои 1980-1990 ҳукумати Арабистони Саудӣ бо пешниҳоди СҶА (Созмони ҷосусии Амрико), ки дар Афғонистон ба муқобили Иттиҳоди Шӯравӣ меҷангид, онҳоро маблағгузорӣ намуд. Садҳо нафар ҷавон аз Арабистони Саудӣ ба ноҳияҳои ҳаммарзи Покистон рафтанд, мактабҳои динӣ, базаҳои машққунӣ таъсис доданд, то ки ҷавононро ҷалб созанд. Имрӯз чун ҳамонвақта касе, ки барои иштирок кардан дар ин амалиётҳо розӣ шуд ва баъзе давлатҳои арабӣ онҳоро маблағгузорӣ кард, аз ҷумлаи салафиҳо буданд. Дар байни онҳо Усома бинни Лодан низ буд ва соли 1980 сарвари “Ал-Қоида” шуд.[496] Дар ин ҷо саволе ба миён меояд, ки агар салафиён ба се гурӯҳ тақсим шуда бошанд, пас дар Тоҷикистон, умуман Осиёи Марказӣ, кадоме аз гурӯҳҳои салафӣ фаъолият доранд. Доир ба ин масъала ҳанӯз аз ибтидои солҳои 20-уми садаи XXI дар матбуот ва шабакаҳои иҷтимоӣ баҳс меравад. Аз ҷумла мақолаи Алии Бозравӣ “Салафия: хатаре бадтар аз “Ҳизбу-т-таҳрир” ба ҳамин масъала бахшида шудааст. Дар мақола омадааст, ки “то ҳол коршиносони дин ва уламои ислом дар Тоҷикистон муайян накардаанд, ки салафиёни Тоҷикистон ба кадоме аз ин гурӯҳҳо дохиланд”.[497] Ҳарчанд дар мақола масъала аз нигоҳи илмӣ мавриди таҳрир ва хулосабарорӣ қарор нагирифтааст, аммо дар он андешаи коршиносон, намояндагони

[496] Пояндашоев, О. П. Россия под прицелом... -С.247
[497] Бозравӣ А. Салафия: хатаре бадтар аз “Ҳизб-ут-таҳрир” [манбаи электронӣ] URL: http//www.parviz. ucoz.org/news/2008.”. (санаи муроҷиат: 11.06.2021)

рӯҳонияти Тоҷикистон, мақомоти прокуратураи Тоҷикистон, ВКД Тоҷикистон ва худи роҳбари ҳаракати салафия дар Тоҷикистон Муҳаммадӣ Раҳматулло дар мавриди ба кадом гурӯҳ мансуб будани салафиёни Тоҷикистон баррасӣ гардидааст.

Дар маҷмуъ коршиносон, намояндагони уламои ислом ва прократураи ҷумҳурӣ ҳангоми муносибати худро ба ин масъала муайян кардан ба се гурӯҳ тақсим шудаанд. Гурӯҳи аввал иброз доштаанд, ки “ҷараёни салафия ҳадафҳои сиёсӣ надорад ва мисли “Ҳизб-ут-таҳрир” тундрав нест”. Чунин ба назар мерасад, ки ин гурӯҳ кӯшиши сафед кардани салафия ва дар гумроҳӣ нигоҳ доштани аҳолии кишварро доранд. Гурӯҳи дуюм дар он ақидаанд, ки “пайравони салафия ҳарчанд дар аввал ба корҳои ғайриқонунӣ даст намезананд, аммо баъди нерӯ ва тавоноӣ пайдо кардан ба амнияти Тоҷикистон хатар меоранд”. Гурӯҳи сеюми коршиносон дар он ақидаанд, ки салафия дар ҳаёти динӣ-сиёсии Тоҷикистон хатарбор буда, “салафиҳо ҳамон ваҳҳобиёни солҳои 1990-1991 мебошанд, ки имрӯз либосу номи дигар, яъне салафиро ба худ гирифтаанд. Назари мардум дар ин бора ҳоло ҳам равшан нест... агар салафиёни имрӯза даъвогари исломи асил бошанд, бояд аввалан одоби исломӣ дошта бошанд, гузаштагони исломро ғайбату туҳмат нанамоянд, махсусан Имоми Аъзамро”.[498]

Худи роҳбари салафиҳои ҷумҳурӣ М. Раҳматулло бошад, дар масъалаи ҷавоб додан ба ин савол хомӯширо ихтиёр кардааст, ки нигаронидакунанда аст. Аммо яке аз намояндагони салафиёни Тоҷикистон Абдуҷамоли Маҳмудзода ҳамон соли 2008 навишта аст, ки “Барои ягон мусулмон пайравӣ кардани як мазҳаби фақеҳи муайянро воҷиб намедонанд...”.[499] Далели аз ҷониби ӯ инкор шудани ҳамаи мазҳабҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки салафиёни Тоҷикистон аз гурӯҳи салафиёни такфирӣ-ҷиҳодианд, вагарна онҳо мазҳабҳоро такфиру инкор

[498] Бозравӣ, А. Салафия [манъбаи электронӣ] URL: http//www.parviz.ucoz.org/news/2008. (санаи муроҷиат:11.06. 2015)
[499] Ғоибов, Ғ. Салафиҳо кистанд? [Матн] / Ғ. Ғоибов // Рӯзномаи “Нигоҳ”.- Душанбе, 17 июли соли 2008. - С. 12.

намекарданд. Ба саволи мазкур рӯҳонии шинохтаи Тоҷикистон Тӯраҷонзода Ҳ. А. ҷавоб гуфтааст: “Онҳо пайравони мазҳаби “бемазҳабӣ”-и Насриддини Албонӣ (асри XX ҳастанд)”.[500] Ин андешаи Тӯраҷонзодаро гуфтаҳои худи Насриддини Албонӣ низ тасдиқ менамояд: “Банда (Албонӣ) побанди мазҳаби хоса аз мазҳабҳои ривоҷ ёфта (яъне мазҳабҳои ҳанафӣ, шофеӣ, моликӣ, ҳанбалӣ) нестам... мазҳабро дин қарор надиҳем”.[501]

Мусаллам аст, ки Насриддини Албонӣ яке аз идеологҳои ашадии салафияи такфирӣ-ҷиҳодӣ мебошад. Хулоса, салафиёни Тоҷикистон аз гурӯҳи салафиёни такфирӣ-ҷиҳодӣ буда, дар солҳои 70-уми садаи XX аввал бо номи ваҳҳобияи такфирӣ ба Тоҷикистон ворид шуда, баъди истиқлолияти давлатӣ ва хотима ёфтани ҷанги шаҳрвандӣ бо унвони салафия фаъолият кардаанд. Албатта, аз давраи нашри мақолаи зикршуда 15 сол сипарӣ шуд. Дар ин муддат аз ҷониби мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва коршиносону муҳаққиқон хатару таҳдиди салафияи ифротӣ барои амнияту суботи ҷомеаи Тоҷикистон ва низоми давлатдории дунявии он ошкор гардид. Дар натиҷа бо қарори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти ҷараёни салафия ҳамчун ташкилоти экстремистӣ-террористӣ манъ карда шуда, дар бораи моҳият ва хатару таҳдидҳои он дар ҷомеаи муосир мақолаву китобҳои таҳлилӣ-илмӣ ба нашру табъ расиданд.[502] Дар робита ба масъалаи аз ҷониби муҳаққиқону коршиносон ба се гурӯҳ тақсим карда шудани салафиён як нуктаро бояд таъкид намуд, ки дар асл ин гурӯҳҳо аз ҳамдигар ягон фарқият ё афзалияти ҷиддие надоранд ва барои ҷомеаи мусулмонӣ ҳамаи онҳо дар сатҳҳои гуногун хатарноканд. Ба он сабаб, ки барномаи сиёсӣ-динии ҳамаи ин гурӯҳҳоро масъалаи бозгашт ба “исломи ноб” ташкил дода, ҳамаи онҳо мазҳаб, миллат, фарҳанги миллӣ, давлати миллӣ ва

[500] Ғоибов, Ғ. Салафиҳо кистанд? Ҳамон ҷо.
[501] Ғоибов Ғ. Ҳамон ҷо.
[502] Абдулло, Раҳнамо. Хатари гурӯҳҳои ифротгарои динӣ чист? [Матн] /. А. Раҳнамо.- Душанбе.: Дирафши Ковиёнӣ, Чопи сеюм 2021. –С.154., Нурулҳақов, Қамар. Салафияи ифротӣ: моҳият ва таҳдиду хатарҳои он [Матн] / Қамар Н.- Душанбе.: Сарбоз, 2018. -С.123.

низоми дунявиро, аз нигоҳи худ, ҳамчун падидаҳои зиддиисломӣ “ботил” ҳисобида, инкор менамоянд.

Бо такя ба далелҳои боло таъкид бояд кард, ки салафиёни Тоҷикистон бо далелҳои зерин дар баробари аз гурӯҳи салафиёни такфирӣ-ҷиҳодӣ будан аз бунёдгароёни исломие мебошанд, ки барои суботу амнияти Тоҷикистон хатари зиёд доранд. Аввал ин ки, мувофиқи иттилои ҳафтаномаи “Дунё” ҳанӯз соли 2008 барои мубаллиғони ҷараёни салафия дар кишварҳои мушкили иқтисодӣ дошта ва рушдкунанда 87 миллиард доллари америкоӣ масраф гардидааст.[503] Коршиносон ва мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқи ҷумҳурӣ кайҳо муайян кардаанд, ки ҳаракати салафия аз ҷониби баъзе давлатҳои арабии ҳавзаи Халиҷи Форс маблағгузорӣ мегардад ва пуштибони сиёсӣ-ҳарбии онҳо давлатҳои Ғарбу ИМА буда, бо пешниҳоди СҶА ҷавонони кишварҳои мусулмонӣ дар лагерҳои омодасозандаи гурӯҳҳои террористӣ дар Покистону Афғонистон таълиму тарбия мегиранд ва онҳо баъд ба гурӯҳҳои террористӣ шомил мешаванд.

Мувофиқи маълумотҳои оперативии мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқи ҷумҳурӣ борҳо тавассути ВАО ва сарчашмаҳои дигар ошкор гардид, ки дар ҷангҳои гурӯҳҳои террористии “Давлати исломӣ” дар Ироқу Сурия зиёда аз 3000 шаҳрвандони Тоҷикистон, ҳатто баъзеҳо бо ҳамроҳии оилаашон иштирок кардаанд. Ҳарчанд қисми зиёди ин шаҳрвандон бо баҳонаи муҳоҷирати меҳнатӣ тавассути ФР, Туркия ва кишварҳои дигар ба гурӯҳҳои террористии “Давлати исломӣ” ҳамроҳ шудаанд, вале ин маънои онро надорад, ки онҳо аз таъсири ақидаҳои салафӣ дар канор монда бошанд. Сабаби асосии тавассути кишварҳои дар боло номбаршуда ба “Давлати исломӣ” рафтани онҳо ин аст, ки бевосита аз Тоҷикистон ба хориҷа сафар кардан ва ба гурӯҳҳои террористӣ шомил

[503] Бозравӣ А. Салафия: хатаре бадтар аз “Ҳизб-ут-таҳрир” [манбаи электронӣ] URL: http//www.parviz. ucoz.org/news/2008.”. (санаи муроҷиат: 11.06.2021)

шудани онҳо ба сабаби назорати сахти мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон кори душвор аст.

Ҳамчунин, бояд гуфт, ки агар салафиёни Тоҷикистон ба гурӯҳҳои салафии “мадхалию сарварӣ” мансуб мебуданд, зарурати аз ҷониби қудратҳои ҷаҳонӣ ва давлатҳои арабии ҳавзаи Халиҷи Форс дастгирии сиёсию молияявии онҳо вуҷуд надошт. Сонияи, муносибати ошкорои иртиҷоии салафиёни Тоҷикистон ба низоми дунявии Тоҷикистон, ба арзишҳои миллию умумибашарӣ, ба мусиқию санъат, ба арзишҳои дунявӣ, ба мазҳабҳои ҳанафию исмоилия, ки мазҳабҳои анъанавии мардуми Тоҷикистон мебошанд, душманӣ ба намояндагони рӯҳонияти ин мазҳабҳо, ба ҳукумати Тоҷикистон ва сарвари давлати тоҷикон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, ки тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ошкоро таҳқир мегарданд ва дар ин замина чандин бархурдҳо дар масҷидҳои минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон миёни ҳанафимазҳабҳо ва салафиён дар мавриди расму оинҳои мусулмонӣ ва тарзи хондани намоз ба вуқӯъ пайвастааст ва ғайраҳо исбот мекунанд, ки онҳо ба гурӯҳи салафиҳои такфирӣ-ҷиҳодӣ мансубанд. Набояд фаромӯш кард, ки “Салафиҳо ҳамеша гурӯҳи асосии бисёр отрядҳои мусаллаҳи мухолифони исломиро ташкил мекунанд. Қисме аз онҳо ба ин ё он андоза дар зери таъсири идеологияи ҷиҳодӣ қарор доранд. Ба гурӯҳҳои ҷиҳодии нисбатан ошкоро метавон отрядҳои бевосита бо ташкилотҳои террористии “Ал-Қоида”, “Ҷабҳат-ан-Нусра”, ДИИШ ва баталёни “Ал-Муҳоҷирин” робитадоштаро дохил намуд”.[504]

Чуноне ки дар боло ёдрас шудем, вуруди салафия ба Тоҷикистон бо номи ваҳҳобия ҳанӯз аз солҳои 70-уми садаи XX дар робита ба муборизаи Ғарбу ИМА бо Иттиҳоди Шӯравӣ оғоз ёфтааст. Он замон гурӯҳе аз сокинони водии Вахш бо сардории Саид Абдулло Нурӣ ҳалқаи диниеро бо мақсади паҳн кардани таълимоти ваҳҳобия дар Тоҷикистон

[504] Ахмедов, В.М. Сирийское восстание: история, политика, идеология [Текст] / В.М. Ахмедов.-М.: Институт Востоковедения РАН, 2018. -С.98-99.

аз 20 апрели соли 1973 ташкил намуд. Баъдан, ҳарчанд С. А. Нурӣ ва Қ. Садриддинов пайдоиши ин ҳалқаро ҳамчун намунаи ибтидоии таъсиси Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон ба қалам доданд, вале муҳаққиқон Д. Назиров ва Н. Назиров ин ақидаи сарварони ҲНИТ-ро рад мекунанд. Ба гуфти онҳо, дар ҷамъомади пинҳонии ҳалқаи номбурда аз 20 апрели соли 1973 аъзои ҳалқа нақшаи таъсиси "Ҳаракати исломии ҷавонони Тоҷикистон"-ро пешниҳод карда буданд, аммо ҷаласаи таъсисии он ташкил нашудааст ва давраи солҳои 1973-1978 давраи таълими динӣ, аз ҷумла давраи омӯзишу такомули донишҳои динӣ, арзишҳои исломӣ аз ҷониби онҳо мебошад.[505] С. А. Нурӣ фаъолияти наҳзатиҳоро дар солҳои 70-уми садаи XX баҳо дода гуфтааст, ки бо таъсиси ин созмон мо "ягон ҳадафи зиддидавлатӣ надоштем, фақат мехостем ақоиди исломиро дар байни ҷавонон густариш диҳем. Аслан созмон ё ҳаракати мо дар оғоз як ҷунбиши ислоҳхоҳии иҷтимоии исломӣ буд, на ҷунбиши сиёсӣ".[506]

Аммо наметавон ба ин андешаи ӯ розӣ шуд, зеро, чуноне ки муҳаққиқ Абдуллои Роҳнамо мегӯяд: "Барномаи таълимию даъватии муассиси ҲНИТ нишон медиҳад, ки он дар асл як барномаи оддии таълимӣ набудааст. Зеро сатҳ, андеша ва дидгоҳҳои касоне, ки аз ин барнома гузаштаанд, аз сатҳ ва навъи андешаи маъмулии шогирдони динии он давра тафовути зиёде пайдо кардааст. Ин барномаи таълимӣ, пеш аз ҳама, бо чанд хусусияти худ фарқ мекард".[507] Аз нигоҳи муаллифи мазкур, яке аз хусусиятҳои асосии фарқкунандаи он ин аст, ки дар "Барномаҳои хусусии таълимии динӣ дар давраи Шӯравӣ таваҷҷуҳи асосӣ ба сарфу навҳ ва фиқҳи ибодат гузошта шуда, аксари шогирдон ба марҳилаи фарогирии тафсиру ҳадис намерасиданд... Ин буд ки бозгашт ба таълими тафсиру ҳадис навъе бозгашт ба андешаи "исломӣ низ заминагузорӣ мекард".[508]

---

[505] Назиров, Д., Назиров Н. Политический ислам и конфликт в Таджикистане [Текст] / Д. Назиров., Н. Назиров.- Душанбе.: Илм, 2018. -С. 17, 19

[506] Муҷаддиди аср. Дар шинохти шахсият ва осори Саид Абдуллоҳи Нурӣ. -Душанбе 2007. -С. 8

[507] Абдуллоҳи, Раҳнамо. Ҳизби динӣ ва давлати дунявӣ [Текст] / Раҳнамо А.-Душанбе-2008. -С.33

[508] Абдуллоҳи, Роҳнамо. Ҳизби динӣ ва давлати дунявӣ [Матн] /. А. Раҳнамо.- Душанбе-2008. -С.33-34

Аз гуфтаҳои боло чунин хулоса бармеояд, ки мазмуни барномаи таълимии наҳзатиҳоро, ки барои ҷавонон таъсис дода буданд, идеяи бозгашт ба "исломи ноб"-и ҳаракати ваҳҳобия-салафия ташкил медод. Ин ҷо як нуктаи бисёр муҳимро бояд хотиррасон намуд, ки сарварони ҲНИТ, ба вижа С. А. Нурӣ ва М. Ҳимматзода, вақте ки моҳият, ҳадаф ва вазифаҳои ҳизби худро ба мардум муаррифӣ кардаанд, наҳзати исломиро намунаи ҳаракати ислоҳхоҳӣ, ки дар охири садаи XIX ва ҷадидия, ки ибтидои садаи XX дар Аморати Бухоро ба вуҷуд омада буданд, донистаанд. Ба ақидаи онҳо, ин ҳаракатҳо низ гӯё бо мақсади эҳёи "исломи ноб" ва "наҷоти ислом" зуҳур карда бошанд. Бо ин усул наҳзатиҳо хостаанд пайванде дар миёни худ ва афкори ислоҳхоҳонаи С. Айнӣ, Фитрат, Мунзим, Садри Зиё ва дигарон ба вуҷуд оранд, ҳарчанд ки ин як кӯшиши онҳо комилан сохтакорона аст. Нурӣ ҳатто ҳаракати наҳзатро ба ҳаракати маорифпарварӣ шабоҳат додааст, ки ниҳоят таассуфовар мебошад. Масалан, ӯ дар ин бора чунин изҳор кардааст: "Ман фикр мекунам, ки Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон ягона созмони сиёсиест, ки дар ҳадаф ва роҳбурди худ бештар ба ҷараёни маорифпарварӣ шабоҳат дорад. Ба ин маъно метавон гуфт: ягона вориси фаъолияти сиёсӣ ва ислоҳхоҳии наҳзати ислоҳхоҳони Бухоро Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон мебошад".[509] Албатта, чунин даъво ягон асоси илмӣ ва воқеӣ надорад.

Аввал ин ки, ҳаракати ислоҳхоҳии дар Аморати Бухоро зуҳур гардида, шабоҳат ба ҳамон ҳаракатҳои ислоҳхоҳие дошт, ки дар садаи XIX дар ҷаҳони ислом дар зери таъсири илму фарҳанги Ғарб ба вуҷуд омада буданд. Ҳаракати ислоҳхоҳӣ дар Аморати Бухоро баъди дар мустамликаи Россияи подшоҳӣ қарор гирифтани аморат ва ба Осиёи Миёна омадани тамаддуни Ғарб, ба мисли роҳи оҳан, тавлиди корхонаҳои саноатӣ, пайдоиши мактабҳои дунявии русӣ дар зери

[509] Нурӣ, С. А. ормони мардуми мусулмони кишвар [Матн] / С.А. Нурӣ.- Душанбе.: Империал-групп, 2003. -С.9.

таъсири илму фарҳанги Россия ба вуҷуд омадааст. Масалан, он исломе, ки дар бораи он С. Айнию дигарон ном мебурданд, он “исломи ноб” нею, балки ҳамон исломи замони Сомониён буд, ки дар мадарасаҳои Бухорою Самарқанд дар баробари улуми динӣ, илмҳои дунявӣ-мантиқ, фалсафа, риёзиёт, ҳандаса, таърих ва ғайраро низ меомӯхтанд, аммо дар давраи Аморати Бухоро омӯзиши ин илмҳои дунявӣ дар мадрасаҳо вуҷуд надошт. Ҳатто таълимоти ҷадидон дар бораи ислоҳоти иҷтимоӣ-сиёсӣ маънои инқилоби исломиро надошт, онҳо танҳо аз амирони манғития ислоҳи сохтори сиёсии аморатро талаб мекарданд ва тарафдори ислоҳоти иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар пояи исломи таҳаммулпазир ва ақлонии ҳанафӣ буданд, на ягон таълимоти дигар.

Дигар ин ки, Абдурауф Фитрат як пантуркисти ашадӣ буд ва ба миллати тоҷик хиёнати бузург кардааст. Ӯро дар сафи ислоҳхоҳони тоҷик ба мисли Садриддин Айнӣ гузаштан низ хиёнат ба миллат аст, ба мисли хиёнати наҳзатиҳо. Бинобар он, ҳаракати наҳзати исломӣ ягон умумияте ба ҳаракати ислоҳхоҳӣ ва ҷадидия дар Аморати Бухоро надорад. Аммо сарварони собиқ ҲНИТ кӯшидаанд, ки ҳизби хешро ба ҳаракати ислоҳхоҳии Аморати Бухоро шабоҳат дода, худро давомдиҳандаи фаъолияти онҳо муаррифӣ сохта, бо ҳамин симои экстремистӣ-террористиашонро дар назди мардум пинҳон доранд.

Пас, саволе ба миён меояд, ки бозгашт ба кадом андешаи исломиро наҳзатиҳо ба ҷавонони исломӣ тарғиб мекарданд? Хотиррасон бояд кард, ки солҳои 60-70-уми садаи XX дар кишварҳои мусулмонӣ фаъолияти сиёсии ҳизбу созмонҳои исломӣ хеле ривоҷ ёфт ва онро “ғавғо ё ҳаёҳуи исломӣ” (исламский бум) номиданд. Дар ҳамин давра баъзе ҳизбу созмонҳои исломӣ кӯшиш мекарданд, ки сиёсати давлатҳои мусулмониеро, ки низоми дунявиро интихоб карда буданд, исломӣ созанд. Дар байни чунин ҳаракатҳои исломӣ созмони “Ихвону-л-муслимин” нақшу мавқеи хос дошт. Мувофиқи таълимоти асосгузори ин

созмон Ҳасан ал-Банно раванди исломисозии низомҳои дунявӣ бояд аз таълими динии насли наврасу ҷавонон дар мактабу мадрасаҳо ва донишгоҳҳо оғоз ёбад. Ихвониҳо кӯшиш мекарданд, ки нақши роҳбарикунандаи исломро, пеш аз ҳама, дар андеша ва ахлоқи ҷавонон ташаккул диҳанд.

Бинобар он, онҳо дар пайравӣ аз ваҳҳобиён дар таълими динии насли ҷавон дар баробари фиқҳ ба таълими тафсиру ҳадис (суннати паёмбару саҳобагон) диққати бештар медоданд. Дар фаъолияти наҳзатиҳо бозгашт ба таълими тафсиру ҳадис маънои бозгашт ба "исломи ноб"-ро дошт, ки масъалаи марказии ваҳҳобия ва ихвонияро ташкил медиҳад ва дар он идеяи тавҳид ва мубориза бо ҳар гуна "олудагӣ" ("бидъат")-ҳо ва тоза кардани ислом аз онҳо ҷойгоҳи хос дошт. Бо ин усули таҳсилу таълим наҳзатиҳо мехостанд, ки ҷавононеро ба воя расонанд, ки "дар ниҳоят бояд ба андешаи таъсиси як созмони сиёсии динӣ мерасиданд".[510] Дар ин бора худи сарвари наҳзатиҳо С. А. Нурӣ низ гуфтааст: "Дар ибтидо ман ба шогирдон ва наздикони худ як силсила китобҳоеро, ки барои ташкили як ҳаракати исломӣ ҳидоят мекарданд, таълим додам... онҳо ҳадисҳое буданд, ки мо пештар мехондем, вале услуби таълими дарс тарзе буд, ки дар шуури онҳо афкори навро бедор мекард, то перомуни ташкили як созмони сиёсии исломӣ биандешанд ва зарурияти онро пай баранд".[511]

Аммо, бояд таъкид кард, ки дар баробари тафсиру ҳадис ҷавонони наҳзатии ислом китобҳои муҳими хусусияти сиёсӣ ва бунёдгароии исломӣ доштаи идеологҳои "Бародарони мусулмон"-и Ҳасан ал-Банно, Сайид Қутб, Муҳаммад Қутб, Абдуллоҳ Изом ва дигаронро, ки дар зери таъсири таълимоти ваҳҳобия иншо шуда буданд, низ меомӯхтанд. Ин китобҳо он замон асосан аз водии Фарғона, бахусус шаҳри Андиҷон, ки дар ин минтақа таълимоти ихвониҳо ва ваҳҳобиён

---

[510] Абдуллоҳи, Раҳнамо. Ҳамон ҷо. -С.34
[511] Муҷаддиди аср... –С. 154

барвақттар пайдо шуда буд, ворид мешуданд. Умуман солҳои 70-уми садаи XX байни наҳзатиёни Тоҷикистону рӯҳонияти водии Фарғонаи Ӯзбекистон, аз ҷумла, роҳбари исломгароёни Фарғона Раҳматулло Аллома, Қорӣ Мубин ва дигарон робитаҳои дуҷонибаи зич барқарор шуда буд. Масалан, Муҳаммадҷон Ғуфронов соли 1972 аз хизмати ҳарбӣ дар артиши Шӯравӣ гурехта, ба Андиҷон рафт ва то соли 1978 дар назди Қорӣ Мубин таълими динӣ гирифта, аз Андиҷон китобҳои “Тариқ-уд-даъва”, “Тасрирату-л-дуъот”, “Шубаъҳот”, “Саодату-л-ҳақ”, “Тавҳид” ва ғайраро ба шаҳри Қурғонтеппа овард.

Аз ҷониби дигар, Раҳматулло Аллома соли 1978 ба шаҳри Қурғонтеппа омад ва ба муассисону баъзе аъзои Ҳизби Наҳзати Исломӣ дар доираи маҳдуд суҳбатҳо гузаронид. Аз ҷумла, яке аз мавзӯъҳои асосии суҳбатҳои ӯ ин масъалаи поксозии ислом аз баъзе одату расму оинҳо, ба монанди манъи додани хайрот дар маъракаи ҷанозаи майит, қатли чорво дар рӯзи дафни майит, ҷамъоварии “назр” барои эшонҳо мебошад, ки аз ҷониби рӯҳонияти суннатии Тоҷикистон ва эшонҳо мавриди норозигӣ қарор мегирифт. Соли 1978 бошад, Ғуфронов М. дар шаҳри Қурғонтеппа мактаби динии пинҳонӣ таъсис дода, дар асоси ин китобҳо ба ҷавонон таълими исломӣ медод.[512] Китобҳои мазкур саршор аз идеяи ҷиҳод буданд. Дар онҳо таълимоти ваҳҳобия ва ихвония дар бораи эҳёи “исломи ноб”, ки бояд бо роҳи ҷиҳод эҳё мегардид, тарғиб мешуданд. Солҳои 1978-1986 давраи дуюми фаъолияти Ҳизби Наҳзати Исломӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин давра дар баробари фаъолияти донишҳои исломиро дар байни ҷавонон паҳн кардан, наҳзатиҳо бештар барои ҷавонони босаводро ба сафҳои худ ҷалб сохтан кӯшиш ба харҷ дода, фаъолияти динӣ-сиёсии хешро тавассути мавъизаҳо дар маросими дафн, маъракаи тӯйю сур, ҷашнҳо тарғиб карда, доираи таъсири хешро бо такя ба таълимоти ваҳҳобия вусъат бахшиданд. Дар

[512] Назиров, Д.Н. Политический ислам и конфликт в Таджикистане [Текст] / Д.Н. Назиров // Монография. – Душанбе, 2015. - С.14-15

фаъолияти онҳо мубориза бо расму ойинҳои динию мардумӣ, ки дар боло ёдовар шудем, торафт ҷойгоҳи хос пайдо намуд ва онҳо худ ошкоро эътироф мекарданд, ки сиёсати онҳо дар доираи "исломи ноб", яъне талаботҳои Қуръону суннат, ки ҷавҳари таълимоти ваҳҳобияро ташкил медиҳад, сурат мегирад. Ин давраи фаъолияти Ҳизби наҳзати исломиро худи сарвари ҳизб С. А. Нурӣ чунин баҳогузорӣ кардааст: "сиёсати ҳизб дар чорчӯбаи исломи ноб, исломи асл, исломе ки бидуни урфу одату расму оин аст, ба роҳ монда шуд. Яъне аъзои ҳизби мо, тибқи таълимоти Қуръону суннат амал карданд".[513]

Ин далелҳо шаҳодат медиҳанд, ки наҳзатиҳо пайрави ҳаракати исломи бунёдгарои ваҳҳобия-салафия мебошанд. Ҳамин тариқ, дар охири солҳои 70-ум ҳаракати наҳзати исломии Тоҷикистон, ки дар ибтидо ба омӯзишу тарғиби арзишҳои исломӣ машғул буд, ба як ҷараёни динӣ-сиёсӣ табдил ёфт, ки ҳадафаш исломисозии ҷомеа аз нигоҳи бунёдгароии исломӣ ва исломисозии сиёсати давлати дунявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо ҳамин роҳ устувор сохтани пояҳои исломи сиёсӣ дар кишвар бо мақсади аз дохил заиф намудани пояи идеологии давлати Шӯравӣ ва минбаъд, агар имконият фароҳам ояд, ба даст овардани ҳокимияти сиёсӣ ва ҷумҳурии исломӣ эълон кардани Тоҷикистон буд. Бо ин мақсад онҳо солҳои 80-уми қарни гузашта фаъолона аҳолиро дар ҳамин рӯҳия тарбия карда, барои дар онҳо ташаккул додани ҷаҳонбинии исломӣ кӯшиши зиёд ба харҷ доданд. Дар баробари мактабҳои динии пинҳонӣ барои таълими ҷавонон таъсис додан ва гузаронидани ҷаласаҳои пинҳонӣ дар хонаҳои ҳаммаслаконашон, дар як вақт машғулиятҳо барои ба ҷавонон омӯзонидани каратэ ташкил намуда, ҷангиёни исломӣ, яъне муҷоҳидон тайёр мекарданд ва ин вазифа ба уҳдаи Мулло Аҷик Алиев гузошта шуда буд.

---

[513] Абдуллоҳи, Раҳнамо. Ҳизби динӣ ва давлати дунявӣ [Матн] /А. Раҳнамо.- Душанбе.: Дониш. -2008. -С. 42.

Ҳамин тариқ, доираи фаъолияти наҳзатиёни ваҳҳобимазҳаб то рафт васеъ мегардид ва шуъбаҳои ибтидоии ҳизб дар бисёр шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, бахусус шаҳру ноҳияҳои водии Вахш ва тобеъи ҷумҳурӣ, таъсис ёфтанд. Зиёда аз ин, наҳзатиён дар давоми солҳои 80-ум бисёр кӯшиданд, то ки кадрҳои худро дар сохторҳои давлатӣ, ҳатто дар сохторҳои қудратӣ, ҷойгир намоянд ва ҳамзамон кормандони сохторҳои қудратиро ба ҷониби худ ҷалб созанд. Дар натиҷаи вусъат ёфтани доираи фаъолияташон наҳзатиҳо ба ҳаммаслакони худ дар ҷумҳуриҳои Озарбойҷону Ӯзбекистон ва Доғистон робитаҳо барқарор намуданд. Фаъолияти зиддидавлатии онҳо рӯз то рӯзривоҷ ёфт ва оқибат аз тарафи мақомотҳои қудратӣ, ба вижа, КДБ Тоҷикистон, ошкору фош гардид. Ҳарчанд 22 июни соли 1986 аз ҷониби мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ фаъолони ашадии ҳаракати наҳзат ба ҳабс гирифта шуданд ва тӯли се сол дар фаъолияти онҳо ҳолати сукут ба вуҷуд омад, вале баъди сиёсати демократии горбачёвӣ, ки барои плюрализму бисёрҳизбӣ роҳро ҳамвор сохт, солҳои 1989 наҳзатиён ба фаъолияти ошкорои сиёсӣ гузашта, аз мавҷудияти худ хабар доданд. Сарвари ҳизб С. А. Нурӣ  вуруди худро ба сиёсат эълон дошта, феврали соли 1990 номзадии худро дар интихоботи Шӯрои Олии Тоҷикистон аз ҳавзаи интихоботии ноҳияи Бохтар пешбарӣ намуд. Зиёда аз ин, бо саҳмгирии фаъолони ТЭТ ҲНИ 9 июни соли 1990 дар шаҳри Астрахани Россия Ҳизби Наҳзати Исломии Иттиҳоди Шӯравӣ таъсис ёфт ва бахшҳои он дар ҳамон сол дар ҷумҳуриҳои дигари Иттиҳоди Шӯравӣ тавлид гардид. Дар натиҷа, дар Тоҷикистон буҳрони сиёсӣ-иҷтимоӣ ба вуҷуд омада, ба зуҳури воқеаҳои февралии соли 1990 дар шаҳри Душанбе сабаб гардид.

Ёдрас бояд кард, ки дар фаъолияти сиёсию идеологии наҳзатиёни Тоҷикистон унсурҳои таълимот ва таҷрибаи ваҳҳобиён, созмони "Ихвону-л-муслимин" ва "Инқилоби исломӣ-"и Эрон ҳамдигарро пурра месохтанд. Дар баробари он таълиму тарбияе, ки ТЭТ ҲНИ бо усулҳои

ихвонӣ ва пуштибонии Ғарбу шарикони стратегии худ дар ҷаҳони араб ба роҳ монда буд, Ғарб ҳамчунин пинҳонкорона дар минтақаҳои мусулмоннишини Иттиҳоди Шӯравӣ иттиҳодияю ташкилотҳои ба ном фарҳангиро низ таъсис медод, то ин ки зиддияту муқовиматҳои дохилиро бештар созад.

Яке аз намунаи чунин ташкилотҳо дар Тоҷикистон мувофиқи маводҳои бойгониҳои ниҳодҳои қудратӣ таъсиси иттиҳодияи ҷамъиятӣ-сиёсии “Маърифат” мебошад, ки онро метавон шакли ибтидоии созмони “Растохез” номид. Тааҷҷубовар ин аст, ки дар таъсиси ин созмони ҷамъиятӣ гурӯҳи кормандони КМ ҲК Тоҷикистон низ ташаббус нишон дода буданд ва дар ибтидо онро шаҳрванди ш. Калининград Афанасев Станислав Александрович роҳбарӣ мекард. Гурӯҳи ташаббускор аз КМ ҲК Тоҷикистон ин ҷамъиятро дар Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ташкил карда буд ва он масъалаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятии Тоҷикистон, аз ҷумла, масъалаи сохтмони НБО-и Роғунро мавриди муҳокима қарор медод.[514] Ин маънои онро дошт, ки ҷамъияти “Маърифат” гӯё метавонад масъулияти инкишофи ҳаёти ҷамъиятии Тоҷикистонро, ки дар уҳдаи КМ ҲК Тоҷикистон ва Совети Вазирони он аст, ба дасти худ гирад ва барои дар чашми мардум бадном намудани ҳукумат ва фалаҷ сохтани он замина гузорад.

Баъдан, ин ҷамъият номи худро ба “Растохез” иваз намуд. Вақте ки “Растохез” барнома ва оинномаи худро барои тасдиқ ба Совети Вазирони Тоҷикистон пешниҳод кард, яке аз талабҳои он ин аз ҷониби давлат бунёд намудани масҷидҳо буд.[515] Вале барнома қабул нагардид. Барномаи мазкур аз он шаҳодат медод, ки созмони “Растохез” танҳо як созмони маърифатӣ набуда, моҳиятан як ҷамъияти сиёсии пинҳонкор буда, бо ТЭТ ҲНИ ва шояд бо созмони “Ихвону-л-муслимин” ҳам робита дошта, ҳадафаш эҳёи исломи сиёсӣ дар Тоҷикистон бошад. Дар

[514] Абдуллоев, Н. Воқеаҳои февралӣ: моҳият, хосиятҳои асосӣ ва неруҳои пешбар [Матн] / Н. Абдуллоев.- Душанбе.: Истеъдод, 2013. -С.73.
[515] Абдуллоев, Н. Ҳамон ҷо..- С. 74.

воқеъ ҳам чунин шуд. Баъдтар он бо рӯҳонияти иртиҷоӣ ва ТЭТ ҲНИ пайваст.

Ҳамзамон, дар баробари созмони "Растохез" клуби сиёсии "Рӯ ба рӯ" ва дигар ташкилотҳои ғайрирасмии ҷамъиятӣ таъсис ёфтанд. Аксари онҳо барои соҳиб шудан ба мандати депутатӣ мубориза мебурданд. Вақте ки дар ин мубориза ноком шуданд, даст ба тазоҳуротҳои доимӣ заданд. Чуноне ки суханрониҳои онҳо дар майдонҳои шаҳри Душанбе ва дигар минтақаҳои ҷанубии Тоҷикистон ва ҳамчунин маводҳои бойгониҳои мақомоти қудратии вақт нишон медиҳанд, ки ҳадафи ниҳоии онҳо "омодагӣ гирифтан ба "ҷиҳод" ва бунёди "давлати исломӣ" дар Осиёи Марказӣ буд".[516]

Ҳамин тариқ, бо ташаббуси ТЭТ ҲНИ ва баъзе созмонҳои ҷамъиятии навтаъсис, ки дар сафашон намояндагони ҳизбию давлатии дингаро ва маҳалгаро, зиёиёни эҷодкор ва ҷавонони гумроҳ низ кам набуданд, тазоҳуротҳои оммавӣ дар рӯзҳои 11-14 ферали соли 1990, гӯё барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои мусулмонон баргузор гардида, ба ҳодисаи хунин табдил ёфтанд. Ин тазоҳуроту ихтилофҳо нисбати ҳукумати констутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъдан ба оғози ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон замина гузоштанд. Бинобар он, ба Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур омад, ки 4 октябри соли 1990 қарорро доир ба манъ намудани фаъолияти ТЭТ ҲНИ дар қаламрави Тоҷикистон қабул намояд.

Бо пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ дар қатори дигар ҷумҳуриҳо Тоҷикистон низ истиқлоли давлатии хешро ба даст овард, аммо он сохтори идории давлатие, ки дар замони Шӯравӣ ташаккул ёфта буд, низ хароб гардида, артиши Шӯравӣ ҳам пароканда шуд. Сохторҳои қудратӣ дар як ҳолати бенизомӣ қарор гирифтанд. Тоҷикистон ҳанӯз артиши миллии худро надошт. Бо истифода аз ин ҳолат ТЭТ ҲНИ ҳамчун нерӯи

---

[516]Абдуллоев, Н. Ҳамон ҷо. -С. 77.

мухолиф ба ҳукумат ошкоро вориди равандҳои сиёсии Тоҷикистон гардид ва тазоҳуротҳои оммавиро аз рӯи мансубияти минтақавӣ ба муқобили ҳукумат оғоз намуд. Ҳарчанд 4 декабри соли 1991 Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ТЭТ ҲНИ-ро ба таври расмӣ ба қайд гирифт, вале муборизаи он ба муқобили ҳукумати конститутсионӣ бо мақсади ғасби ҳукумат идома меёфт ва ин муборизаҳо оқибат Тоҷикистонро ба ҷанги шаҳрвандӣ кашиданд. Ин ҷо як нуктаро бояд таъкид кард, ки ҳаракати наҳзати исломӣ дар асоси идеологияи экстремистӣ-террористии ваҳҳобия ва ихвония, асосан, аз ҷониби Ғарб дар қаламрави мусулмоншини Иттиҳоди Шӯравӣ бо мақсади ба низоъҳои дохилӣ кашидан ва пош додани он ба таври пинҳонӣ таъсис ёфта буд. Аммо Иттиҳоди Шӯравӣ бо сабабу омилҳои дигар аз ҷониби худи ҳукумати марказии давлати Шӯравӣ барҳам хӯрд, ҳарчанд сарварони собиқ ҲНИТ бе ягон далелу асос даъво мекарданд, ки гӯё истиқлолияти давлатии Тоҷикистон меваи муборизаҳои онҳост. Ҳол он ки пошхӯрии давлати шӯравӣ дар давраи сиёсати горбачиёвӣ бо дасти худи Москва амалӣ шудааст.

Баъди пош хӯрдани давлати шӯравӣ, вақте ки ТЭТ ҲНИ дигар он қадар мавриди таваҷҷуҳи Ғарб қарор нагирифт, дар натиҷа он ба ташкилоти хадамоти махсуси ҳукумати Эрон табдил ёфта, тамоюли динӣ-сиёсиаш низ тағйир ёфт. Наҳзатиҳо, чуноне ки ба осонӣ мазҳаби ҳанафиро тарк карда, таълимоти экстремистии бунёдгароёнаи ваҳҳобияро бо дастури хоҷагони хориҷии худ қабул карда буданд, баъди истиқлоли давлатии Тоҷикистон, ҳамин тавр, боз ба осонӣ мазҳаби имомия (исноашариа)-и шиаро қабул карда, дигар имом Хумайниро имому доҳии маънавии хеш донистанд ва дар зери шиорҳои ҳамин мазҳаб Тоҷикистонро ба низоъҳои дохилӣ, ҷанги шаҳрвандӣ кашида, истиқлолияти давлатии онро дар зери хатар гузоштанд. Шиорҳое, ки наҳзатиҳо зери он дар майдони ба ном “Шаҳидон” дар шаҳри Душанбе

ба муқобили ҳукумат баромад мекарданд ва минбаъд аз ҷониби онҳо ҷорӣ гаштани баъзе суннату одатҳои мазҳаби имомияи шиа бараъло дар ин хусус шаҳодат медиҳанд. Худи С. А. Нурӣ низ дигар сарвари ТЭТ ҲНИ набуд, балки пешвои маънавӣ-рӯҳонии он, дар шабеҳи мазҳаби имомия, имоми он буд.

Ба тарзи дигар гӯем, фундаментализм (бунёдгарой)-и исломӣ, ки ҳамчун идеологияи экстремистӣ аз ҷониби мазҳаби ваҳҳобӣ-салафӣ тарғиб меёфт, дар фаъолияти ТЭТ ҲНИ дар масъалаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ба бунёдгароии шиа пайваст гардид, ки аз хумайнигароӣ сарчашма мегиранд. Ба сабаби тағйири ақидаи динӣ карданаш ТЭТ ҲНИ имрӯз рақиби ҳаракати ваҳҳобӣ-салафӣ ба ҳисоб меравад. Баъди аз ҷониби Суди Олии Тоҷикистон дар соли 2015 манъ шудани фаъолияташ вожаи “Тоҷикистон” аз номи он бардошта шуд. Имрӯз бо унвони ТЭТ ҲНИ он ҳамчун ҳаракати экстремистӣ-террористӣ нуфузи худро дар кишвар коҳиш дод, ки ба манфиати ҳомиёни хориҷии онҳо нест. Бинобар он, вақте ки фаъолияти ин ҳизб дар Тоҷикистон манъ гардид, яке аз ҷонибдорони ТЭТ ҲНИ ин қарори судро зарбаи сахт ба ҳуқуқи шаҳрвандии тоҷикистониён номид.[517]

Имрӯз афкори сиёсӣ-динии бунёдгароёна ва хусусияти экстремистӣ-террористӣ доштаи ҳаракати салафия дар Тоҷикистон бо суръат паҳн мегардад. Маълумотҳои оперативие, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқи чумҳурӣ ба даст овардаанд ва ҳамчунин тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ҷалб гардидани ҷавонон ба ин ҳаракат ва дигар далелҳо исбот менамоянд, ки ҳаракати салафия мавқеи хосе дар ҳаёти динии ҷумҳурӣ ишғол кардааст. Ҳаракати салафия мухолифи мазҳаби ҳанафия мебошад ва он бо исломи ҳанафӣ чӣ дар сатҳи назарӣ ва чӣ амалӣ ихтилофҳои зиёд дорад. Аз ҷумла:

---

[517] Зиёев, Х. Салафия как направление противостоящее ханифии и другим исламским теологическим школам и направлениям //Маҷмуаи мақолаҳои конфференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Ифротгароии салафӣ: масъалаҳои давлатдории дунявӣ ва ҳифзи ҳувияти миллӣ». (ш. Душанбе, 27 майи соли 2015). –Душанбе.: Дониш, 2015. -С.163.

- ҳангоми хондани намоз бо овози баланд “омин” гуфтани салафиҳо хоси мазҳаби ҳанафӣ нест;

- онҳо дар намоз пеш аз рукӯъ ва суҷуд рафъи ядайн (дастҳояшонро боло) мекунанд ва дастҳоро рӯи сина мегузоранд, на рӯи ноф ва пойҳояшонро васеъ мемонанд, ки низ хоси мазҳаби ҳанафия нестанд;

- салафиҳо, бар хилофи ҳанафиҳо, суннати дастаҷамъиро дар охири намоз гуноҳ меҳисобанд;

- салафиҳо хондани намози суннатро дар масҷид гуноҳ меҳисобанд, дар ҳоле ки ин амал барои ҳанафиҳо ҷоиз аст. Ба ақидаи салафиҳо намози суннатро бояд танҳо дар хона хонд;

- салафиҳо хондани чор ракаъат суннати баъд аз намози ҷумъаро гуноҳ меҳисобанд, ки биниши зиддиҳанифӣ мебошад;

- онҳо хондани фотиҳа ба ҳақи мурдаро кори ғайрисавоб медонанд, вале ҳанифиҳо онро савоб мешуморанд;

- салафиҳо аз Худо ба воситаи паёмбар талаб кардани ёриро амали ширк ва куфр медонанд, ки низ хоси ҳанифимазҳабҳо нест. Онҳо чунин меҳисобанд, ки ҳар гуна талаб танҳо аз Худо ҷоиз аст ва хилофи он ширк мебошад. Ҳанифиҳо низ ҳаминро дар назар доранд, вале чунин меҳисобанд, ки паёмбарро ҳамчун восита дар миён истифода кардан гуноҳ нест;

- ҳамчунин салафиҳо ба воситаи анбиёю авлиё ҳоҷат баровардан аз Худовандро куфр меҳисобанд ва ҳанафимазҳабҳо ба сабаби ба даргоҳи онҳо наздиктар будании чунин ашхос онро гуноҳ намеҳисобанд;

- баракат талаб кардан аз осори пайғамбарон ба мисли асо, хилъат, кулоҳ ва ғайраро, агар салафиҳо ширку куфр донанд, ҳанафия ҷоиз меҳисобанд;

- ҳанафиҳо маросими мавлуди паёмбарро суннат, вале салафиҳо бидъат меҳисобанд;

- салафиҳо фазилати дуо ва фиристодани салавот баъд аз намоз, баъд аз азону иқомат, бӯсидани дасти ашхоси муътабар, бархостан ба хотири пешвозгирии якдигарро қабул надоранд, аммо ҳанафиҳо риояи онро безарар медонанд;

- салафиҳо қазо хондани намозро амали куфр медонанд, ба ақидаи онҳо намоз бояд дар вақташ хонда шавад Аммо ҳанафиҳо мегӯянд, ки ба сабабе намозро хонда натавониста бошӣ, қазо хондани он ҷоиз аст.

Фарқияту зиддиятҳои ақидавии миёни ин ду мазҳаб инҳоянд:

- салафиҳо Худоро одамгуна тасаввур мекунанд ва ӯ макони муайян дошта, дар осмон (дар Арш) қарор дорад, соҳиби дасту пой, чашму бинӣ, имконияти ба боло ё ба поён рафтану омадан дорад. Ҳанафиҳо бошанд Худоро берун аз ақлу зеҳни инсон вуҷуд дошта тасаввур карда, дар ҳама ҷо ҳозиру нозир будани Ӯро қоиланд. Ба ақидаи салафиҳо, дар ақидаи ҳанафиҳо бахусус ҳанафиҳои мотуридӣ (Мотуридии самарқандӣ), ки хоси мусулмонони Осиёи Марказӣ аст, улуҳияти Худованд вуҷуд надорад, бинобар он онҳо кофир мебошанд;

- салафиҳо тиловати Қуръонро дар қабристон куфр медонанд, зеро, ба андешаи онҳо, тиловати Қуръон ибодат аст ва ибодат дар даруни қабристон манъ мебошад. Аммо ҳанафимазҳабҳо дар гӯшаи қабристон тиловати Қуръон ва савоби онро ба майит ҷоиз медонанд.

Албатта, вақте ки чунин ҳукму даъвоҳои салафӣ дар муҳити динии Тоҷикистон паҳн мешаванд, табиист, ки онҳо барои ба вуҷуд омадани баҳсу низоъҳои мазҳабӣ замина фароҳам меоранд. Дар баъзе кишварҳои мусулмонӣ, ба мисли Ироқу Сурия, Яман, Либия, Лубнон, Афғонистон, Покистон ва ғайра чунин баҳсҳо аллакай низоъҳоро байни гурӯҳҳои муайяни динӣ, масҷидҳо ва маҳалҳо ба бор овarданд.

Гурӯҳи “Давлати исломӣ” бошад, дар минтақаҳои ишғолкардаи худ ақидаву амалҳои ҳамаи пайравони мазҳабу фирқаҳои исломиро ҳамчун амалҳои ғайриисломӣ радду инкор намуда, ҳатто мусулмонони

фаҳмиши салафии исломӣ надоштаро “кофир” эълон карда, қатл намуданд. Аз ҷумла, дар Ироқ пайравони мазҳаби язидияро ба таври оммавӣ қатл намуда, зану фарзандони онҳоро канизу ғуломони худ эълон доштанд, зеро ба ақидаи онҳо мувофиқи суннати пайғамбар моли “кофир” барои онҳо ҳалол аст. Соли 2014 дар Ироқ 500 мардро аз ҷамъияти язидиҳо қатл карда, баъзеяшонро зинда гӯрониданд ва 300 занро асир гирифта, канизи хеш карданд. Ҳамзамон, 700 ҳарбии Ироқро қатл намуда, 300 нафари дигарро тариқи силоҳи кимиёӣ нобуд сохтанд. Моҳи декабри соли 2014 бошад, 150 нафар занонро барои “ҷиҳод”-и фаҳш (секс)-ро рад карданашон ба қатл расониданд.[518] Ҳамчунин, 20 январи соли 2015 барои тамошои бозии футбол 13 нафар кӯдакро ба қатл расониданд. Зиёда аз ин, мувофиқи маълумоти намояндаи СММ Муҳаммад ал-Ҳаким салафиёни “Давлати исломӣ” ба тиҷорати узвҳои даруни инсон - дил, ҷигар, гурда ва ғайра машғул буданд, ки зинда ба зинда аз онҳо гирифта мешуд.

Ё худ, дар Тикрит салафиён 1700 нафар донишҷӯи омӯзишгоҳи ҳарбиро саросар қатл намуданд. Дар натиҷаи амалиёти террористӣ дар масҷиди Санъо (Йемен) 158 кас кушта ва 300 нафар захмӣ гардиданд.[519] Дар Тоҷикистон низ чунин задухӯрдҳои хунин дар байни намозгузорони масҷидҳои шаҳрҳои Кӯлобу Қурғонтеппа дар солҳои 1990-1992 рух дода буданд. Аз ин ҷиҳат ворид шудани ақидаҳои салафияи такфирӣ-ҷиҳодӣ дар Тоҷикистон ваҳдати мазҳабӣ-эътиқодии тоҷикистониёнро вайрон сохта, метавонад барои сар задани низоъҳои мазҳабӣ ва задухӯрдҳои хунин замина гузорад. Пайравӣ кардани шаҳрвандону ҷавонони тоҷикистонӣ ба ҳаракати салафияи ифротӣ на танҳо маънои душманӣ ба мазҳаби ҳанафиро дорад, ҳамчунин маънои душманӣ кардан ба миллату давлати миллии тоҷикон ва тоҷикистониёнро низ ифода мекунад.

[518] Поядашоев, О.П. Россия под прицелом: некоторые проблемы глобальной безопасности [Текст] / О.П. Пояндашоев. – Краснодар.: Диапазон-В, 2015. -С.277

[519] Пояндашоев, О. П. Россия под прицелом… -С.276-277

Мусаллам аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати дунявӣ буда, мувофиқи қонунгузории он ҳамаи дину мазҳабҳо баробарҳуқуқанд. Давлати дунявӣ ҳеҷ як динро ба ҳайси дини расмӣ намепазирад ва барои фаъолияту рушди онҳо заминаи ягонаи ҳуқуқӣ муҳайё месозад. Вале, дар айни замон, давлати дунявӣ ба мазҳаби ҳанафӣ ва таълимоти исмоилия эҳтиром мегузорад, зеро мазҳаби ҳанафӣ мазҳаби аксарияти мутлақи аҳолии Тоҷикистон (зиёда аз 90%) буда, омили ҳифзи ваҳдати эътиқодии мардуми кишвар мебошад. Зиёда аз ин, мазҳаби ҳанафӣ хусусияти ақлгароӣ ва таҳаммулпазирӣ дошта, андешаи салафигароиро доир ба "кофир" хондани як мусулмон аз ҷониби мусулмони дигар рад менамояд. Ин хусусиятҳои мазҳаби ҳанафӣ имкон медиҳад, ки пайравони дину мазҳабҳои мухталиф дар фазои ягонаи сиёсӣ-динӣ дар ҳамзистӣ зиндагӣ карда, амну суботи ҷомеаро ҳифз намоянд. Ҳамзамон, бояд таъкид сохт, ки мазҳаби ҳанафӣ дар тӯли садсолаҳо ба фарҳанги мардуми Тоҷикистон таъсири зиёд ва бо зиндагии рӯзмарра ва маънавиёту ахлоқи онҳо робитаи ногусастанӣ дорад. Бинобар ин, мазҳаби ҳанафӣ ва таълимоти исмоилия ҳамчун мазҳабҳои анъанавии тоҷикон василаҳои муҳими пешгирӣ аз сирояти ақидаҳои салафӣ мебошанд.

Хатару таҳдидҳои ҷараёни салафияи ифротӣ ва умуман хатари ифротгароии диниро, ки имрӯз хоси якчанд ҳизбу созмон ва ҳаракатҳои исломии ифротианд, баён карда истода, бояд гуфт, ки хатари салафия танҳо масъалаи динию ақидавӣ нест, масъалаи сиёсӣ, яъне масъалаи амнияти давлатӣ низ мебошад. Дар таҳқиқотҳои илмии баъзе муҳаққиқон, аз ҷумла Абдуллоҳи Раҳнамо, муаллифи ин сатрҳо ва дигарон доир ба хатару таҳдидҳои ҳаракати салафия андешаҳои муфид баён гардидаанд. Он чизе ки дар мавриди хатари ҷараёни салафия барои суботу амнияти Тоҷикистон дар рисолаҳои муҳаққиқон баён шудааст, такрор накарда, чанд нуктаи дигарро доир ба ҳамин масъала баён менамоем.

Бояд зикр кард, ки баъзе хатарҳое, ки аз ҳаракати салафияи ифротӣ дар нисбати суботу амнияти ҷомеа бармехезад, пеш аз ҳама, аз хусусиятҳои ислом ва диндории худи мусулмонон бармеояд. Ислом чанд хусусияти хосе дорад, ки барои ба гурӯҳҳои ифротӣ ҷалб намудан ва дар бозиҳои геосиёсӣ истифода намудани он имконият медиҳад:

1. Ислом дини одатӣ-маишӣ мебошад ва ба ин сабаб тамоми соҳаҳои ҳаёти фардӣ ва ҷамъиятии мусулмононро фаро мегирад. Чун ба зиндагии ҳамарӯзаи мусулмонон робитаи қавӣ дорад, таъсири равонӣ (психологӣ)-и он низ ба мафкураи онҳо зиёд буда, дар баробари ташаккул додани ҷаҳонбинии динӣ дар муайян кардани самти фаъолияти инсон нақши муайянкунанда мебозад, махсусан дар ҳолате ки сатҳи ҷаҳонбинии дунявию илмии инсон заиф аст. Аз ин хусусияти ислом мубаллиғони ҷараёнҳои исломии ифротӣ, ба мисли салафия, барои ҷалб сохтани ашхоси рӯҳияи баланди динӣ дошта, ба осонӣ истифода мебаранд ва он имконияти дар ҷомеа бештар паҳн гардидани исломгароии ифротиро зиёд менамояд. Бинобар он, он нерӯҳои қудратталаб, ки дар ҷаҳони ислом ё дар минтақаи муайяни он манофеи геосиёсӣ доранд, ба афзудани сатҳи диндории мардуми мусулмон сахт манфиатдоранд, зеро чунин ҳолат халқҳоро аз илму тараққиёт ва аз инкишофи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба канор мебарад.[520] Аз ин рӯ, яке аз вазифаҳои ҳаракатҳои ифротӣ ин ҳар чӣ бештар исломисозии ҷомеа аст. Ислом, ки бо сиёсат ҳамеша пайванди устувор дорад, сатҳи баланди исломисозии ҷомеа барои дар бозиҳои сиёсӣ истифода намудани чунин ҷомеа имкониятҳои фаровон муҳайё месозад ва инқилоби исломиро метавон дар ин замина аз “поён” роҳандозӣ карда, ҳадафҳои сиёсии хешро амалӣ созад. Паҳн шудани салафияи такфирӣ-ҷиҳодӣ дар ин ё он кишвар қодир аст, ҳамин ҳолатро ба вуҷуд орад.

[520] Ятимов, С. С. Идеология ва манфиати миллӣ [Матн] / С.С. Ятимов.-Душанбе.: ЭР-граф, 2014. -С.22.

2. Аксари ҷомеаи исломӣ суннатгаро мебошад. Суннатгароӣ яке аз омилҳои дар ҳолати карахтӣ, бозмондагӣ нигоҳ доштани ҷомеа мебошад. Дар ҷомеаи суннатии карахт модернизм, навсозӣ ба душворӣ роҳ меёбад, махсусан дар ҷомеаҳои мусулмоние, ки мазҳаби расмӣ ё худ анъанавиашон исломи суннатӣ аст. Исломи суннатӣ бошад, бештар хусусияти ирратсионалӣ (зиддиақлонӣ) дорад ва ҳамеша ба муқобили он фирқаву мактабҳои ақлоние, ки дар дохили он зуҳур кардаанд, мубориза бурдааст. Чуноне ки баҳсҳои каломӣ дар байни мутакаллимони аҳли суннату ҷамоат фирқаҳои ақлонии муътазила, қадария ва ғайраҳоро ба вуҷуд оварданд, вале онҳо аз ҷониби суннатгароён такфир гардида, борҳо мавриди таъқибу қатл қарор гирифтаанд.

Аммо ҷараёни озодандешиву ақлгароӣ дар олами ислом гоҳ ошкору гоҳ пинҳонӣ идома меёфт, унсурҳои фарҳангҳои халқҳои гуногуни мусулмоншуда ба ислом ворид шуда, рӯҳи арабии исломро заиф месохтанд, ки ба манфиати ҳукуматдорони араб (Аббосиҳо) набуд. Имом Аҳмад ибни Ҳанбал таълимоти фиқҳиро бо мақсади ҳифзи рӯҳи арабии ислом коркард намуд. Ҳамаи он “навоварӣ”-ҳоеро, ки дар ислом дар зери таъсири фарҳангҳои пешрафтаи вақт, бахусус фарҳанги тоҷикӣ-форсӣ, ба вуҷуд омаданд, онҳоро Имом Ҳанбал “бидъат” хонд. Вақте ки туркҳо мақоми арабро дар хилофат маҳдуд карда, идораи ҳукумати дунявиро ба ихтиёри худ гирифтанд, мубориза ро ба муқобили ақлгароӣ ва озодандешӣ бо супориши султонҳои турк Ғазоллӣ ба уҳда гирифт ва роҳи “наҷоти ислом”-ро аз “бидъат”-ҳо дар манъи омӯзиши фалсафаю калом (фалсафаи илоҳиёт) ва бозгашт ба “мазҳаби салаф” дарёфт ва дар таълимоти хеш дар бораи таснифоти илм, ба ҷуз риёзиёту тибби амалӣ, дигар ҳамаи илмҳоро ба гурӯҳи илмҳои “ботил” ворид намуд.

Дар асл ҳамаи ин кӯшишҳои уламои исломи суннатӣ дар роҳи “наҷоти ислом” аз “навоварӣ”-ҳо маънои ҳифзи манфиатҳои ҳукуматдорони истибдодии вақтро дошт. Оқибат ҳамаи ин муборизаҳои

уламою рӯҳонияти тоҷику форс барои поксозии ислом аз “бидъат”-ҳо сабаби таназзули илму фалсафа ва дар мафкураву ҷаҳонбинии мусулмонон ғолиб омадани таассубу хурофот дар ҷаҳони ислом, аз ҷумла, дар Осиёи Марказӣ, ки гаҳвораи тамаддун дар олами ислом буд, гардид.

Ин раванди мудҳиши зиддихирадгароӣ, озодандешӣ ва озодихоҳиро истилои муғул боз ҳам тақвият бахшид ва садсолаҳо идома ёфт ва дар натиҷа бо он анҷомид, ки ҷаҳони ислом ба ҳолати бозмондагӣ қарор гирифт ва то имрӯз аз он наҷот наёфтааст. Ҳадафи бо пуштибонии давлатҳои абарқудрат ва маблағгузории молиявии давлатҳои арабии ҳавзаи Халиҷи Форс паҳн гардидани афкори иртиҷоии ҳаракатҳои ифротии салафияю ихвонӣ ва тавассути низоми маорифу фарҳанг бо роҳу усулҳои гуногун таъсир расонидан ба мафкураи насли наврасу ҷавонон ва онҳоро дар рӯҳи таассубгароии динӣ тарбия кардан аст, то ки кишварҳои рушдкунанда дар ҳолати бозмондагӣ нигоҳ дошта шаванд ва пойбанди давлатҳои пешрафтаю қудратманд бошанд.

Имрӯз дар Тоҷикистон зери нуфузи салафиҳо ақидаҳои динӣ ба ҳар роҳу васила дар байни насли наврасу ҷавонон паҳн карда мешавад, аз ҷумла яке аз онҳо навиштани китобҳои дарсӣ дар рӯҳи дингароӣ барои хонандагони мактабҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ мебошад, ки дар ин бора дар матбуот мақолаҳо низ ба нашр расидаанд. Ин кор ба навъе татбиқи таълимоти поягузори созмони “Бародарони мусулмон” Ҳасан ибни ал-Банно аст. Ӯ гуфта буд: “Доъиёни имрӯза бояд аз дирӯза фарқ кунанд. Онҳо бояд соҳибмаълумот, соҳибтаҷриба, ҳаматарафа муҷаҳҳаз ва оморчӣ бошанд. Онҳо барои роҳ ёфтан ба дилҳои одамон қарибтарин ва сабуктарин роҳро биҷӯянд. Васоили даъват низ аз дирӯза фарқ менамоянд. Пеш даъват дар хутбаҳо, ҷумъаҳо, мактубҳо сурат мегирифт. Аммо имрӯз нашрияҳо, маҷаллаҳо, рӯзномаҳо, театрҳо - ҳамаи онҳо бояд

роҳи вориди восил шудан ба дилу дидаи одамон, марду занҳо дар хонаҳояшон, дар тарабхонаҳо, зироатгоҳ, корхонаҳо сурат гирад”.[521]

3. Хатари дигар дар он аст, ки Ғарбу Амрико ҳарчанд худро ҳомии демократияю ҳуқуқи инсон меҳисобанд, вале дар асл ҷонибдори низомҳои дунявӣ дар давдатҳои мусулмонӣ нестанд. Азбаски онҳо нақши исломи суннатиро барои дар ҳолати карахтию бозмондагӣ нигоҳ доштани ҷомеа хуб медонанд, бинобар он, онҳо ҷонибдори низомҳои исломӣ мебошанд, зеро низоми дунявӣ метавонад таъсири таассубу хурофотро дар мафкураи мусулмонон заиф сохта, ба рушди ҷомеа мусоидат намояд. Масалан, вақте ки Ризошоҳи Паҳлавӣ ба модернизатсия кардани ҷомеаи Эрон камар баст, Ғарб бо мақсади пешгирӣ кардан аз модернизатсияи ҷомеа ва рушди техникии Эрон Имон Хумайниро пинҳонӣ ба муқобили Ризошоҳ омода карда, бо дасти рӯҳоният инқилоби исломиро дар Эрон роҳандозӣ намуд.

Аз ин ҷост, ки дар фаъолияти салафияи такфирӣ инкори давлати дунявӣ ҳамчун низоми ғарбӣ-насронӣ ва зиддиисломӣ бо мақсади сарнагун сохтани низомҳои дунявӣ ҷойгоҳи хос дошта, аз ҷониби Ғарби “демократӣ” ва шариконаш дастгирӣ меёбад. Ба ҳамин сабаб тарғиби ваҳдати дину сиёсат, ягонагии дину давлат дар фаоъолияти тарғиботии ҳамаи ҳаракатҳои экстремистӣ ва бунёдгароии исломӣ дар ҷойи аввал меистад. Собиқ сарвари ТЭТ ҲНИ С. А. Нурӣ ҳамеша таъкид мекард, ки “ҷудоии дин аз сиёсат ё аз давлат ҳеҷгуна иртибот ба дини мубини ислом ва ҷомеаҳои исломӣ надорад, балки диёнат дар ислом айни сиёсат аст.[522]

4. Хатари дигаре, ки дар натиҷаи паҳншавии салафияи такфирӣ дар Тоҷикистон ва кишварҳои дигар низ ба миён меояд, ин таҳдиди он ба ҳувияти миллии онҳост. Баъди истиқлолияти давлатӣ ва сипарӣ шудани ҷанги шаҳрвандӣ бо ташаббуси ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат

[521] Банно Ҳ. Маҷмӯаи расоил [манъбаи электронӣ] URL: https://foulabook.com/ar/book/ (санаи муроҷиат: 20.04.2022)
[522] Нурӣ, С. А. Ормони мардуми мусулмони кишвар [Матн] / С,А. Нурӣ.- Душанбе.: Империал-групп, 2003. С.5

Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи ташаккул додани ҳувияту худшиносии миллии тоҷикон диққати махсус зоҳир гардида истодааст, ки сабабҳои таърихии худро дорад. Баъди истилои араб 200 сол ва боз баъди аз байн рафтани давлати миллии Сомониён қариб 1000 соли дигар тоҷикон аз сиёсат берун монданд. Сониян, давлати Сомониён ҳарчанд баъзе арзишҳои миллиро эҳё карда, забони тоҷикӣ-форсиро ривоҷ дод, аммо идеологияи миллии хешро надошт. Идеологияи он ҳамон исломи суннатие буд, ки хусусияти арабӣ дошт ва ниҳоят яке аз омилҳои сукути он дар ҳамин буд. Имрӯз низ муносибати иртиҷоии исломи суннатӣ ба фарҳанги миллӣ, чуноне ки аз ҷониби арабу ислом аз ибтидо муайян гардида буд, ҳамон тавр боқӣ мондааст.

Муносибати иртиҷоии салафияи такфирӣ ба давлату фарҳанги миллӣ низ аз ҳамин таълимоти исломи суннатӣ, “исломи ноб” ибтидо мегирад. Аз ин рӯ, миёни исломи суннатӣ ва салафияи такфирӣ дар масъалаи муносибат ба давлату фарҳанги миллӣ тафовут вуҷуд надорад. Чуноне ки рӯҳонияти суннатии тоҷику форс аз ибтидо арзишҳои миллии тоҷиконро ба ойини зардуштия рабт дода, онҳоро инкор мекарданд, салафияи такфирӣ низ ба ин масъала ҳамин гуна назар дорад. Бинобар он, муносибати хасмгинонаю нафратангези рӯҳонияти суннатӣ ба фарҳанги миллӣ яке аз омилҳои асосии аз ҷониби салафиёни такфирӣ-ҷиҳодӣ ифротисозии ҷавонон ва ба гурӯҳҳои экстремистӣ-террористӣ ҷалб кардани онҳост.

Дар натиҷаи аз ҷониби араб такфир гардидани давлату фарҳанги миллӣ мутеъи аҷнабиён гардидан, дар рӯҳи дину фарҳанги бегона тарбия ёфтан, ба гузаштаи хеш нафрат пайдо намудан боиси заиф шудани ҳувияту худшиносии тоҷикон гардид. Як нуктаро ҳатман ёдовар бояд шуд, ки ислом танҳо ба фарҳангҳои ғайриараб муносибати такфирӣ дорад. Ҳарчанд он замони қабл аз исломии арабро “ҷоҳилият” хонд, вале асосан динҳои ширку бутпарастии ӯро инкор кардааст, на фарҳанги

гузаштаашро. Баръакс, дар шакл додани ислом араб аз ҳамон таҷрибаи иҷтимоӣ-динӣ, сиёсӣ ва фарҳангии тоисломии хеш пурра истифода кардааст. Бинобар он, миёни ислом ва фарҳанги миллии араб ягон ихтилофи ҷиддие вуҷуд надорад, ихтилоф асосан миёни тавҳид ва ширк мавҷуд аст.

Ҳамин тавр, араб дар баробари инкор кардани эътиқодоти бутпарастиву ширки худ ба воситаи ислом тамоми арзишҳои миллии хешро ҳифз карда, онро ба мусулмоншудагони ғайриараб аз номи Худованд интиқол дод. Пас идеяи космополитӣ (фаромиллӣ)-и ислом хусусияти сирф арабӣ дошта, миллатгароии арабиро тақвият бахшида, дар муносибат ба фарҳангҳои миллии халқҳои ғайриараб, аз ҷумла, мардумони тоҷику форс хусусияти зиддитамаддунӣ касб намуд, зеро он беҳтарин арзишҳои фарҳангҳои миллии халқҳои ғайриарабро, ки тӯли ҳазорсолаҳо коркард шуда, аҳамияти умумибашарӣ касб карда буданд, инкор кард. Намунаи он инкори ҷашнҳои Наврӯз, Меҳргон, Сада, Тиргон, навъҳои гуногуни санъат, бевосита санъати тасвирӣ, мусиқӣ, муҷассамасозӣ ва ғайраҳо, ки лаҳзаҳои ниҳоят муҳими ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангии тоҷиконро дар худ таҷассум менамуд, мебошанд.

Имрӯз муносибати салафия нисбати фарҳангҳои миллӣ бевосита аз ҳамон идеяи такфирии “исломии ноб”-и ваҳҳобӣ, яъне исломе, ки фарҳанги замони ҷоҳилияи арабро не, балки фарҳангҳои пешқадами вақтро такфиру инкор карда буд, ғизои “маънавӣ”, идеологӣ мегирад. Намунаи муносибати салафиёни такфирӣ-ҷиҳодиро ба фарҳанги миллӣ дар муносибати гурӯҳҳои террористии “Давлати исломӣ” ба ёдгориҳои таърихии шаҳрҳои Мосули Ироқу Палмираи Сурия ошкоро дидан мумкин аст. Муносибати онҳоро ба фарҳанги миллӣ имрӯз дар саҳифаҳои шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ низ пайваста мушоҳида мешаванд.

Хулоса, аз нигоҳи салафияи такфирӣ-ҷиҳодӣ тамоми халқу миллатҳои ғайриараб танҳо дар доираи фаҳмиши салафиёни ифротӣ ҳуқуқи зистан ва фарҳанг эҷод намудан доранду халос. Дар ҳамин аст яке аз хатарҳои паҳншавии афкори салафияи такфирӣ-ҷиҳодӣ, ки имрӯз бештар аз ҷониби худи тоҷикони ифротишуда тарғиб мегардад ва рӯҳонияти маҳаллӣ ба ин осиёб об мерезанд ва ба сиёсати фарҳангии ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар самти эҳёю рушди фарҳанги миллӣ ба ҳайси пояи маънавии давлати миллӣ назари манфӣ доранд. Шигифтангез аст, ки ин масъала тӯли зиёда аз 1300 сол инҷониб аз ҷониби рӯҳонияти тоҷику форс дарк нашудааст. Аз ин ҳам бештар таассуфовар он мебошад, ки дар таҳқиқу дарки ин масъала як қисми зиёиёни миллӣ низ дар канор мондаанд.

5. Таҳдиду хатари салафияи такфириро ба фарҳанги миллӣ таъкид сохта, дар як вақт хатари онро нисбати мазҳабҳои исломӣ, бахусус, ба мазҳаби ҳанафӣ дар Тоҷикистон, ки 96% мусулмонони ҷумҳуриро фаро гирифта, ваҳдати эътиқодии онҳоро дар кишвар таъмин месохт, бояд ҳамаҷониба ба инобат гирифт, зеро дар ҷомеаҳои суннатӣ ваҳдати эътиқодӣ яке аз омилҳои муҳими таъмини амнияту суботи ҷомеа ва давлат аст. Яке аз даъвоҳои салафиён худро исломи ”бемазҳаб” ҳисобидан ва пайравӣ аз мазҳабро “куфру бидъат” донистан аст. Пас ба андешаи онҳо поягузорони равияю фирқаҳо ва имомони мазҳабҳо гӯё ба ислом “навоварӣ”-ҳо ворид карда, исломро “олуда”-ю “фосид” сохтаанд. Масалан, таълимоти муътазилаю қадария дар бораи сифоти Худованд, озодии иродаву ихтиёри инсон, таълимоти шиа доир ба масъалаи имомат ва хилофат, ба ҳайси сарчашмаи фиқҳи исломӣ қабул гардидани иҷтиҳод, қиёс ва урф аз ҷониби Имоми Аъзам ва ғайра, ки гӯё ҳама ба олудасозии ислом мусоидат намуданд. Ҳол он ки маҳз ҳамин имомони мазҳабҳо, бахусус Имоми Аъзам, Имом Шофеъӣ ва дигарон буданд, ки бо таълимоти фиқҳии худ мушкилоти мусулмононро осон намуданд.

Бояд таъкид сохт, ки он эҷодкориву навгониҳое, ки Имоми Аъзам ва дигарон ба ислом ворид карданд, барои заифсозии тафаккури ирқгароии араб равона шуда буданд. Ҳукуматдорон ва ирқгароёни араб инро дарк карда, баислоҳи он даст заданд, то ки рӯҳи арабии ислом ҳифз гардад. Халифа Мансур Абуҳанифаро бо баҳонаи ночизе ба зиндон кашида, чунон азият дод, ки сабаби марги бармаҳали ӯ шуд. Шогирди Абуҳанифа Абуюсуф, ки араб буд, ба таълимоти ақлонӣ ва таҳаммулпазиронаи Имоми Аъзам баъзе андешаҳои ифротиро ворид сохта, мехост ба он рӯҳи арабӣ бахшад. Масалан, дар китобаш “Закот” ҷашну маросимҳои тоҷикиро ҳаром эълон намуд.

Баъди он ки Аҳмад ибни Ҳанбал, бидуни назардошти фиқҳи ҳанафӣ, таълимоти нави каломию фиқҳии худро коркард намуд, ислом дигарбора хусусияти арабгароӣ касб карда, мазҳаби ҳанбалия яке аз сарчашмаҳои асосии ақидавии салафияи такфирӣ-ҷиҳодӣ гардида, бо ҳаракати бунёдгароии исломӣ, эҳёи “исломи ноб” пайваст ва хусусияти ошкорои зиддиҳанафӣ дорад.

Бинобар он, ҳаракати салафияи такфирӣ-ҷиҳодӣ чи дар масоили эътиқодию фиқҳӣ ва чи амалию ибодатӣ бо мазҳаби ҳанафӣ ихтилофи ҷиддӣ дошта, инкор намудани меъёрҳои ин мазҳаб ва ботил ҳисобидани амалҳои динии мардуми ҳанафимазҳаб заминае барои ба вуҷуд овардани ихтилофу низоъҳои мазҳабӣ мебошанд. Мисоли равшани онро мо дар баҳсҳое, ки миёни ҳанафимазҳабҳо ва салафиён дар Тоҷикистон баъзан сурат мегирад, ба осонӣ мушоҳида мекунем. Масалан, борҳо чунин иттифоқ афтодааст, ки салафиён хондани фотиҳаро баъди гӯронидани шахси марҳум дар хонаи ӯ ва хондани Қуръонро баъди гӯронидан дар сари қабр, гузаронидани маъракаи фотиҳаи чилу сол, тарзи хондани намозу доштани рӯза, ҷаноза, никоҳу талоқ ва ғайраро, ки ҳанафимазҳабҳо анҷом медиҳанд, “бидъату ғайришаръӣ” ҳисобидаанд. Ҳатто, чӣ тавр гузоштани дасту по дар намоз, паст ё баланд гуфтани

“омин”, чанд ракаъат будани намоз ва ғайра мавриди баҳс миёни салафиён ва ҳанафимазҳабҳо қарор гирифтааст, ки дар кулл метавонанд барои ба низоъ кашидани пайравони мазҳабҳои гуногун дар ҷомеа ва эҷод кардани хатар ба амнияту суботи давлату ҷомеа таъсир расонанд. Аз ин рӯ, мубориза бо ин равияи ифротӣ яке аз вазифаҳои муҳими сохторҳои идеологию ҳифзи ҳуқуқи давлат, зиёиёни бедорфикру озодандеш ва миллатдӯсту ватанпарвар мебошад. Онҳоро зарур аст, ки “дар сафи пеши тарғибгарони манфиатҳои миллӣ – ҳамчун омили муҳими шаклгирии ҷаҳонбинии миллӣ бошанд... Хештаншиносӣ ва худшиносии миллиро дар саргаҳи имондорӣ гузоранд... Соддагии мазҳабӣ, қавмӣ, этникӣ, миллӣ ва ҳизбӣ набояд ба ҳазорсолаҳо идома ёбад. Умқи фикрронӣ ва тавони арзёбӣ дар илму дониш аст.”[523]

Хулоса, вуруд ва паҳншавии афкори салафия ба фазои динии Тоҷикистон ваҳдати эътиқодию амалии пайравони мазҳаби ҳанафиро, ки аксарияти аҳолии кишварро ташкил медиҳанд, метавонад фазои сиёсии Тоҷикистонро низ вайрон сохта, барои барангехтани низоъҳои мазҳабӣ замина гузошта, истиқлолияти давлатии онро зери хатар гузорад, зеро салафия ҳечгуна мазҳаб ва низоми дунявию давлати миллиро қабул надорад.

## ХУЛОСА

Салафия равияи диние мебошад, ки худро “исломи бемазҳаб” хонда, дар тӯли асрҳо барои ҳифзу нигоҳдории суннатҳои арабӣ-исломӣ мубориза бурдааст, ҳарчанд ки дар ислом, сарфи назар аз хоҳиши салафия, равияҳои зиёди гуногуни дигар ба вуҷуд омаданд ва аксари мусулмонон ба ин равияҳо эътиқодманд шуданд. Таҳқиқи он воқеияти муборизаи гурӯҳҳоро дар давраҳои гуногуни таърихӣ нишон медиҳад. Хулосаҳое, ки аз таҳқиқи мавзуи мазкур ба даст омаданд, аз нуктаҳои зерин иборатанд:

---

[523] Ятимов, С. Тавоно бувад, ҳар ки доно бувад (андешаҳо перомуни Паёми Пешвои миллат) /Илм ва Ҷомеа. Маҷаллаи академии илмию оммавӣ. № 1(31), 2023. -С. 27.

1. Даъвоҳои салафия, бахусус даъвои он дар бораи он, ки баъди замони “салафи солеҳин” зуҳури равияю фирқа ва мазҳабҳо боиси олудашавии ислом аз “бидъат”-ҳо шудааст, асоси воқеӣ надорад. Табиист, ки дине, ки аз мафкураи мардуми бадавии бемактабу бемаориф, бо забони худи Қуръон, аз “даврони ҷоҳилия”-и он ва асосан, дар заминаи одату суннатҳои маҳдуди арабӣ ва умуман сомӣ бархостааст, вақте ки ба минтақаҳои дигари гуногунмиллат ба воситаи шамшер паҳн мешавад, наметавонад ба талаботҳои рӯзафзуни онҳо ҷавобгӯ бошад ва ҳатман дар зери таъсири тамаддунҳои пешрафта тағйир ёфта, олуда не, балки сайқал ёфта, ғанӣ мегардад, ки диди муғризонаи салафиён танҳо дар доираи исломи се насли мусулмонони садри ислом ба дарки он қодир нест. [9-М;10-М;11-М;13-М;16-М]

2. Маълум гардид, ки сабаби олудашавии ислом бо “бидъат”-ҳо на дар воридшавии “навоварӣ”-ҳо ба ислом, балки дар мубориза ҳои худи араб барои ҳокимият дар хилофат ва баҳсҳои каломӣ дар байни уламои ислом буданд, ки аз ихтилофҳои Қуръон бармеомаданд. [2-М; 19-М]

3. Таърихи салафия ҳамчунин нишон медиҳад, ки маҳз кӯшишҳои ҳифзу нигоҳдории суннатҳои арабӣ-исломӣ, ки хусусияти консервативӣ доштанд, бештар ба пайдоиш ва зуҳури равияҳои радикалӣ дар ислом мусоидат кардааст, зеро суннатҳои арабӣ-исломӣ, бо вуҷуди дар мафкураи мусулмонон ҳамчун падидаи илоҳӣ шинохта шуданашон, на ҳамеша ба талаботҳои маънавии онҳо ҷавобгӯ буданд. Бинобар он, урфу одатҳои маҳаллӣ, ба вижа, одатҳои маишӣ дар ҳаёти мусулмонон ногузир боқӣ монданд, ҳарчанд ки ба асли эътиқодоти исломӣ ягон мухолифате надоранд. Мисоли равшани таълимоти каломӣ-фиқҳии Имоми Аъзам Абуҳанифа мебошад, ки ӯ ҳангоми коркарди он урфро на бар зидди ислом, балки бо дар назардошти манфиатҳои ислом истифода

намуда, ба ғанигардию густариши ислом мусоидат кард, вале ин амали ӯро салафиён чун олудашавии ислом нишон медиҳанд. [8-М;9-М;10-М]

4. Аз омӯзиш ва таҳқиқи таърихи салафия ҳамзамон чунин хулоса метавон баровард, ки он дар тамоми таърихи мавҷудияташ ба сабабҳои зерин як ҷараёни ирратсионалӣ (зиддиақлонӣ), зиддиилмӣ ва зиддитамаддунӣ мебошад:

а) барои он ҷараёни зиддиақлонӣ ва зиддиилмӣ аст, ки салафия, ба ҷуз аз ақидаи худ доир ба ислом, ягон ақида ва мафкураи дигарро қабул надорад. Бинобар он, салафияи ифротӣ ҳамаи равияю мазҳабҳои дигари исломиро рад менамояд; [5-М;9-М;17-М]

б) барои он ҷараёни зиддибашарист, ки салафия танҳо ақидаи хешро ягона ақидаи дуруст ва ҳақ пиндошта, бо ҳамин амал на танҳо равияю мазҳабҳои дохилиисломиро, ҳамчунин ҳамаи динҳои мардумони оламро такфир намуда, сайёраро фақат замини Аллоҳ ва татбиқи қонуни Аллоҳро дар он дуруст меҳисобад, ки он маънои ҷиҳод кардан бо тамоми башарро дорад. Дар ҳамин масъала ва боз чандин масъалаи дигар он бо созмонҳои иртиҷоӣ-радикалӣ, аз ҷумла “Ихвону-л-муслимин” ҳамфикр аст, махсусан дар масъалаи ҷомеаи “ҷоҳилия” шумориданни ҷомеаи муосир ва ҷиҳод ба муқобили он; [12-М;14-М;15-М]

в) барои он ҷараёни зиддитамаддунӣ аст, ки салафия, ба ҷуз фарҳанги арабӣ-исломӣ, фарҳанги ҳамаи халқу миллатҳои дигарро “ботил ҳисобида”, инкор менамояд, чуноне ки гурӯҳҳои террористии “Давлати исломӣ”, ”Толибон” нисбати ёдгориҳои чандинҳазорсолаи тамаддун дар Палмираю Мосул ва Афғонистон рафтор карданд; [1-М;8-М;12-М]

5. Дар ҷараёни таҳқиқ чунин хулоса ба даст омад, ки таълимоти салафияи такфирӣ-ҷиҳодӣ дар бораи “исломи бемазҳаб”-у “исломи ноб” ва ҷиҳод на танҳо аз мазҳаби ҳанбалия ва таълимоти Ибни Таймийяю шогирдони ӯ сарчашма мегирад, ҳамчунин он эҳёи таҷрибаи ҳамон ба

ном “салафи солеҳин” аст, ки бо истифода аз идеяҳои такфиру ҷиҳод ба кишварҳои ғайриараб таҷовуз карда, тибқи таълимоти ислом (Қуръон: 48:19-21) ғанимату асирҳои зиёдро ба даст оварда, фарҳангу тамаддуни онҳоро нобуд сохта, ин кишварҳоро ба харобазор табдил дода буданд; [7-М;10-М;11-М]

6. Аз таҳқиқи таърихи салафия ошкор гардид, ки аввалин шуда ҳанбалиён мақсади аз “бидъат”-ҳо тоза кардани исломро ба миён гузошта, бо равияю фирқаҳо, ба мисли сӯфия, муътазила, қадария, мушобеҳа ва ғайра муборизаро оғоз карда буданд. Ибни Таймия бошад, фиқҳи ҳанбалияро ривоҷ дода, мувофиқи талаботи мазҳаби ҳанбалия на танҳо муборизаро бо равияю фирқаҳо, ҳамчунин бо “муқаддасот”-и исломӣ ба роҳ монда ва консепсияи ҷиҳодро аз нав коркард намуда, мубориза ба муқобили кофиронро шакли олитарини аркони ислом ҳисобид. [17-М;18-М]

7. Натиҷаи дигаре ки аз таҳқиқоти мазкур ба даст омад, ин аст, ки Муҳаммад Ғаззолӣ авомро аз омӯзиши калом ва хирадгароӣ дар ислом манъ карда, бозгашт ба “мазҳаби салаф” (“салафи солеҳин”)-ро ба хотири ҳифзи исломи “ноб” асоснок намуда, тақлид ва суннатгароиро, ки хусусияти консервативӣ доштанд, дар олами ислом пойдор сохт. Оқибат дар олами ислом ҷои илму фалсафаро таассуби динию хурофот ишғол намуд ва он то ба имрӯз бо модернизм (навоварӣ) зиддият нишон медиҳад. Аз ин рӯ, ҳимояи Ғаззолӣ аз салафия ба хотири ҳифзи суннатҳои “салафи солеҳин” низ метавонад яке аз заминаҳои ғоявии ривоҷи ифротгароӣ дар ислом бошад. [9-М;15-М]

8. Аз таҳқиқи таърихи салафия чунин хулоса бармеояд, ки исломи замони “салафи солеҳин”, ҳанбалия, ваҳҳобия ва салафияи муосир, бо вуҷуди он ки бо баъзе ҷиҳатҳо бо ҳам тафовут доранд, дар асл як падидаи томи арабианд ва онҳо ҳамчун идеологияи миллии араб тавонистанд дар давраҳои гуногун тавассути идеяи тавҳид, ки хусусияти

амиқи сиёсӣ ва зиддимиллӣ дорад, манфиатҳои миллии арабҳоро ҳифз намоянд ва манфиати миллатҳои дигарро зери пой гузоранд. Космополитизми исломӣ, ки зоҳиран яке аз ҷанбаҳои назарию амалии салафия аст, ҳамчун идеяи зиддимиллӣ ва ифодакунандаи манфиатҳои геосиёсию геоиқтисодии арабҳо маҳз аз идеяҳои динии маншаъ мегирад, ки аз идеяҳои дигар фирқаву мазҳабҳо фарқ мекунад. [4-М;5-М;6-М]

9. Аз ин ҷо, чунин хулоса мебарояд, ки ислом воқеан як падидаи иҷтимоӣ-арабӣ аст. Арабҳо ҳар вақте ки мехоҳанд, метавонанд онро бо дар назардошти манфиатҳои хеш тағйир диҳанд ва ислоҳ намоянд. Далели он ин аст, ки ислом дар садаи V11 ҳамчун идеологияи миллии араб бо мақсади бунёди давлати мутамаркази араб ва минбаъд хилофат зоҳир гардида буд. Вақте ки араб истиқлолияти давлатиашро аз даст дода, боз пароканда гардид, ислом ин маротиба дар садаи XV111 дар шакли ваххобия зоҳир ёфта, ҳамон вазифаи собиқаашро иҷро намуд. Салафияи муосир бошад дар зери парчами "исломи ноб"-и бемазҳаб даъвои на танҳо дар маҳдудаи ҷуғрофияи собиқ, ҳатто дар тамоми кураи замин барқарор кардани хилофатро орзу дорад. Аз ин нигоҳ салафияро метавон як мазҳаби авторитарӣ номид. "Далел"-и салафия дар ин маврид он аст, ки оламро Аллоҳ офаридааст ва тамоми сайёра замини Аллоҳ аст, пас, дар он бояд танҳо қонуни Аллоҳ ҷорӣ гардад. Албатта, ин идея як андешаи тахайюлии салафиён аст ва ҳеҷ гоҳ наметавонад амалӣ гардад, вале ин идея барои ба низоъ кашидани мусулмонон ва бо дасти худашон хароб сохтани кишварҳои мусулмонӣ аз ҷониби қудратҳои ҷаҳонӣ метавонад истифода шавад, аққалан бо мақсади ин кишварҳоро ба муддати тӯлонӣ дар ҳолати бозмондагӣ нигоҳ дошта, бозори гарми иқтисодии хешро таъмин сохтан. Вагарна имрӯз ба кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, ки бо қудратҳои он сӯи уқёнус ягон пайвастагӣ надоранд, бо кӯмаки шарикони стратегии худ аз олами ислом

интиқол додани афкори ифротгароёнаи салафия аз ҷониби қудратҳои ҷаҳонӣ маъное надорад; [2-М; 4-М;8-М]

10. Хулосаи дигаре, ки аз таҳқиқи мавзуъ ба даст омад, ин аст, ки бо зуҳури ваҳҳобия-салафия на танҳо бунёдгароии исломӣ эҳё гардида, барои арзи ҳастӣ кардани бисёре аз ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ мусоидат намуд, ҳамчунин ҷараёни салафия дар дасти қудратҳои ҷаҳонию минтақавӣ василаи ба низоъҳои дохилимазҳабӣ кашидани мусулмонон, барангехтани ҷангҳои шаҳрвандӣ ва "инқилобҳои ранга" қарор гирифт. Ҳамзамон, он дар як вақт падидаи исломҳаросиро ба бор овард, ки на ба манфиати ислом асту на ба манфиати мусулмонон; [3-М; 8-М;19-М]

11. Зимни таҳқиқот маълум шуд, ки зуҳури бунёдгароии исломӣ дар шакли ТЭТ ҲНИТ дар Тоҷикистон таҳти таъсири таълимоти ваҳҳобия сурат гирифтааст. Ҳодисаҳои февралии соли 90-уми садаи XX бевосита ба ваҳҳобия рабт доранд ва он минбаъд замина барои пайдоиши ҷанги шаҳрвандӣ гардид. Равияҳои мазкур мавҷудияти давлати миллию дуняviro зери суол бурда, имрӯз дар самтҳои гуногун ба муқобили сиёсати ҳукумати Тоҷикистон мубориза мебаранд, аз ҷумла: [3-М; 18-М;19-М]

а) Идеология ва тарғиботи салафиён, пеш аз ҳама, ба муқобили низоми давлати дунявии Тоҷикистон нигаронида шудааст, зеро онҳо хуб мефаҳманд, ки низоми дунявӣ баробарҳуқуқии дину мазҳабҳоро таъмин сохта, ба ҳеҷ гуна мафкураи динӣ афзалият намедиҳад ва ба рушди фарҳанги таҳаммулпазирӣ ва озодандешӣ мусоидат намуда, заминаи ақидавии ҳама гуна шакли зуҳури ифротгароиро заиф месозад, ки албатта, ба манфиати салафияи ифротӣ ва пуштибонони он нест; [4-М;6-М;7-М]

б) Идеология ва тарғиботи салафиён ба муқобили сиёсати ҳукумати Тоҷикистон доир ба эҳё ва ҳифзи арзишҳои миллӣ қарор дорад. Мусаллам аст, ки арабҳо тавассути ислом арзишҳои фарҳанги

миллиро такфиру инкор карда, дар ҷойи онҳо арзишҳои арабӣ-исломии хешро ҷойгузин сохта, худшиносии миллии мардумони эрониаслро заиф сохта буданд. Салафиён бо истифода аз ин таҷриба кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки бо истифода аз такфир раванди эҳёи арзишҳои фарҳанги миллиро пешгирӣ намоянд ва таъсири афкори зиддимиллии худро ба мафкураи мардуми авом тақвият диҳанд; [2-М;17-М;18-М;19-М]

в) Самти дигари фаъолияти онҳо ин мубориза ба муқобили фирқаву мазҳабҳои суннатии мардуми Тоҷикистон мебошад. Мусаллам аст, ки 96% аҳолии кишварро пайравони мазҳаби ҳанафия, 4% онҳоро пайравони фирқаи исмоилия ташкил медиҳанд ва қисмате аз сунниён пайрави фирқаи нақшбандияи сӯфия низ ҳастанд. Зиёда аз ин, қисмати зиёди адабиёти класикии асримиёнагии мардуми тоҷику форсро адабиёти сӯфия ташкил медиҳад ва мардуми ориёитабор ба ин адабиёт эътиқоду эҳтироми баланд доранд. Ҳамаи онҳо дар кулл фарҳанги таҳаммулпазириро дар ҷомеа ташаккул дода, ба ҳама гуна афкори экстремистӣ муқобилият нишон медиҳанд. Салафиёни ифротӣ бошанд, бо мақсади аз байн бурдани ҳамин пояи эътиқодӣ ва фарҳанги таҳаммулпазирӣ бо роҳу усулҳои гуногун, аз ҷумла ворид намудани адабиёти хусусияти ифротидошта, тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ва ғайра кӯшиш ба харҷ медиҳанд, то ин ки мазҳабҳои фавқуззикр ва адабиёти сӯфияро бо “бидъат”-у “куфр” бадном сохта, афкори ифротии хешро дар ҷомеа паҳн намоянд ва дар мавриди мувофиқ аз он “хоҷагони хориҷиашон” барои ба низоъи дохилӣ кашидани мардуми кишвар истифода баранд; [2-М;17-М;18-М;19-М]

Ҳамин тариқ, салафияи такфирӣ-ҷиҳодӣ як ҷараёни хатарбори зиддимусулмононӣ дар Тоҷикистон ва ҷаҳони ислом мебошад ва дар хизмати қудратҳои ҷаҳонию минтақавӣ қарор дошта, паҳншавии он дар Тоҷикистон хатари фарогир барои фарҳанги миллӣ, давлати миллию

дунявӣ ва мазҳабҳои суннатии кишвар - ҳанафия, исмоилия ва сӯфия дорад.

**Тавсияҳо доир ба истифодаи амалии натиҷаҳо**

1. Раванди ҷаҳонишавии замони муосир тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, ба вижа, ҳаёти фарҳангию идеологии давлатҳои дар ҳоли рушд қарордоштаро ба гирдоби хеш кашидааст, ки метавонад барои ин кишварҳо хатарбор бошад. Ин хатар, пеш аз ҳама, тавассути мағзшӯӣ кардани насли наврасу ҷавон сурат мегирад, ки дар он нақши равияю мазҳабҳои ифротӣ, ба мисли салафияи такфирӣ-ҷиҳодӣ, метавонад муассир бошад. Яке аз самтҳои асосии фаъолияти салафияи такфирӣ-ҷиҳодӣ мубориза бо арзишҳои фарҳанги миллӣ ва умумибашарӣ аст. Аз ин нигоҳ, аҳамияти амалии натиҷаҳои аз таҳқиқоти мазкур бадастомада метавонад барои ҳифзи арзишҳои фарҳанги миллӣ, арзишҳои башарӣ ва ташаккули худшиносии миллии насли наврасу ҷавон ва бедор сохтани эҳсоси эҳтиром гузоштани онҳо ба дастовардҳои тамаддуни башарӣ ҳамчун дастурамали илмӣ хизмат намояд;

2. Таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳони муосир исбот кард, ки яке аз шартҳои муҳими тараққиёти ҷомеа татбиқи низоми дунявист, ки ақлу хирад ва ҳақиқати илмиро аз таъсири бори гарони таассуби динию хурофот метавонад наҷот диҳад. Аз ин ҷост, ки яке аз самтҳои муборизаи салафияи ифротӣ мубориза ба муқобили низомҳои дунявӣ ва арзишҳои он аст. Натиҷаҳои аз таҳқиқот бадастомада метавонанд дар кори тарбиявии ҷаҳонбинии илмии шаҳрвандон, бахусус наслҳои ҷавон ва ҳифзи арзишҳои миллию дунявӣ ҳамчун яке аз пояҳои низоми дунявӣ истифода шаванд;

3. Мусаллам аст, ки Ғарб дар самти тавассути мазҳабу ҷараёнҳои хусусияти ифротидоштаи исломӣ барои ба низоъҳои дохилимазҳабӣ кашидани мусулмонон дар ҷаҳони ислом таҷрибаи ғанӣ дорад. Имрӯз низ Ғарб барои ҳифзи манфиатҳои геосиёсӣ ва геоиқтисодии хеш дар

ҷаҳони ислом метавонад аз салафияи ифротӣ истифода барад. Бинобар он, сохторҳои идеологӣ барои ошкор кардани чеҳраи воқеии салафияи ифротӣ дар байни шаҳрвандони кишвар метавонанд аз натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур истифода кунанд;

4. Аксарияти шаҳвандони кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, ҳанафимазҳабанд. Ҳанафия бошад, дар нисбати дигар мазҳабҳои исломӣ таҳаммулпазиртар аст. Ҳифзи мазҳаби ҳанафӣ аз таъсири салафия дар ҳифзи ваҳдати эътиқодии мусулмонони минтақа нақши муҳим дорад. Аз ин рӯ, рӯҳонияти мазҳаби ҳанафӣ низ метавонанд аз натиҷаҳои ин таҳқиқот барои ҳимояи мазҳаби мазкур истифода баранд, ки дар навбати худ барои устувор нигоҳ доштани амнияту суботи ҷомеа нақши муҳим дорад;

5. Маълум аст, ки салафия аз ибтидои зуҳури худ барои ҳифзи рӯҳи арабии ислом мубориза мебарад ва дар он манфиати мусулмонони ғайриараб ҳамеша поймол гардидааст. Натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар фош сохтани чеҳраи маҳз арабӣ доштани салафия ва хусусияти зиддимиллию зиддибашарии доштани он истифода намуда, корҳои васеи тарғиботиро бар зидди афкори салафиён ба роҳ монд;

6. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои навиштани рисолаҳои илмӣ, тартиб додани курсҳои махсус ва воситаҳои таълимӣ аз фанни диншиносии илмӣ дар муасисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, таъсис додани барномаҳои курсҳои такмили ихтисос аз фани диншиносӣ истифода шуда, дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии донишҷӯён хизмат намоянд;

7. Дар пояи таҳқиқоти мазкур метавон курси махсуси таълимӣ доир ба ифтихорот ва худшиносии миллӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тартиб ва таълим дод.

# ФЕҲРИСТИ САРЧАШМА ВА АДАБИЁТ

## Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ

[1]. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999,22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016(бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ).-Душанбе.: Нашриёти Ганҷ, 2016

[2]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ”// аз 12.03.2009, №615. Бо қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст. (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 2009, №3).

[3] Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025. Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2021, № 187.

[4]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”//Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,соли 2011, № 7-8, соли 2016,№ 3.(аз 15. 03. 2016с. № 1294; аз 17. 05. 2018с. № 1532... (санаи муроҷиат: 12.03.2022).

[5]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”//Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2007, №6. (ҚҶТ аз 28. 08. 2017с. №1461 .... (санаи муроҷиат: 02.01.2022).

[6]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». –Душанбе, 21 декабри 2021.

[7]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ».–Душанбе, декабр 28, 2023

[8]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». –Душанбе, 23 декабри соли 2022.

[9]. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар.-Душанбе, қохи Вахдат, 9 марти соли 2024.

**Монография, китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълимӣ**

[10]. А. Н. Бадак. И.Е. Войнич. М. Харвест. Всемирная история. У истоков цивилизации. Бронзовый век [Текст] / Бадак А. Н., Войнич И.Е., Харвест М.-М.: АСТ, 1999.-862 с.

[11]. А, Таҳовӣ. Ал-аҷи-да-т-Таҳовӣ [Матн] / Таҳовӣ А.-Бейрут.: Лубнон, 1428. 213 с.

[12]. Абуҳомид, Муҳаммад Ғаззолӣ. Эҳё улум ад-дин. Рубъи ибодат (китоби аввал) [Матн] Ғаззолӣ, А.М // Тарҷумаи Муаййидуддин Муҳаммади Хоразмӣ, пешгуфтор ва таҳлили криллӣ аз Абдулвоҳид Шамолов, Маҳмуд Ғиёсов. –Душанбе.: ЭР-граф, 2008.-С.628 с.

[13]. Аббоси, Солорӣ. Худосолорӣ ва дармондагӣ [Матн] / Солорӣ А. Теҳрон.: Намоди андеша, 1393.-294 с.

[14]. Абдулвоҳид, бини Алии Сабкӣ. Табақоту-ш-шофиия ал-кабир [Матн] / Сабкӣ. А.А. // Тарҷумаи Доктор Муҳаммад Маҳмуди Домғонӣ.-Теҳрон.: Фарҳанг ва андеша, 1374. Ҷ. 3-4. -359-531 с.

[15]. Абдулло, Раҳнамо. Хатари гурӯҳҳои ифротгарои динӣ чист? [Матн] / Раҳнмамо А. Чопи сеюм. -Душанбе.: Дирафши Ковиёнӣ, 2021. 154 с.

[16]. Абдуллоев, Н. Воқеаҳои февралӣ: моҳият, хосиятҳои асосӣ ва неруҳои пешбар. -Душанбе.: Истеъдод, 2013. 168 с.

[17]. Абдуллоев, Ш. Исломи муосир дар арсаи сиёсат ва идеология [Матн] / Ш. Абдуллоев. –Душанбе.: Ирфон, 1990. 152 с.

[18]. Абдуллоев, Ш. Муқаддима ба исломишиносӣ [Матн] / Ш. Абдуллоев.-Душанбе.: Ирфон, 1998. 133 с.

[19]. Абдуллои, Раҳнамо. Ислом ва амнияти миллӣ [Матн] Раҳнамо А. -Душанбе.: Ирфон, 2011. 298 с.

[20]. Абдуллоҳ, Изом. Дифоъ аз сарзаминҳои исломӣ [Матн] / Изом А // Мутарҷим Ҳикматуллоҳ Шафиқӣ.-Бейрут.: Маркази тарҷумаи мероси исломӣ, 1418. 110 с.

[21]. Абдуллоҳи, М. Ҳ. Салафия: нигоҳи муосири илмӣ-сиёсӣ ё радди афкор ва аҳдофи ғаразноки Албонӣ [Матн] / Ҳ.М. Абдуллоҳӣ.-Душанбе, 2013. 385 с.

[22]. Абдуллоҳи, Раҳнамо. Хатари гурӯҳҳои ифротгароии динӣ чист? [Матн] / Раҳнамо А.-Душанбе.: ЭР-граф, 2021.298 с.

[23]. Абдуллоҳи, Роҳнамо. Ҳизби динӣ ва давлати дунявӣ. Душанбе.: Ирфон, 2008. 226 с.

[24]. Абдулхалилзода, К.А. Арзишҳои дунявӣ дар ислом [Матн] / К.А, Абдулхалилзода. –Душанбе.: ЭР-граф, 2023. 342 с

[25]. Абдулҳаев, К. Таносуби аҳдофи динӣ ва сиёсӣ дар фаъолияти салафия [Матн] / К. Абдулҳаев // Маҷмуаи мақолаҳои конфренсияи илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Ифротгароии салафӣ: масъалаҳои давлатдории дунявӣ ва ҳифзи ҳувийяти миллӣ” (ш. Душанбе, 27 майи соли 2015).-Душанбе.: Дониш, 2015.218 с.

[26]. Абдумалик, Али ал-Кулайб. Тавҳид [Матн] / ал-Кулайб А. А // Мутарҷим Шаҳобуддин Солеҳ. Ҷои нашр номаълум, 2014. -С.31.

[27]. Абдураҳмон, ибни Халдун. Муқаддима [Матн] / Халдун И.А. // Мутарҷим Муҳаммад Парвини Гунабодӣ. Бозгардонкунанда аз форсӣ Муҳаррам Садиқова.- Душанбе.: Сарредассияи илмии ЭМТ, 2019. Ҷ.1. 687 с.

[28]. Абдураҳмон, ибни Халдун. Муқаддима [Матн] / Халдун И.А. // Мутарҷим Муҳаммад Парвини Гунабодӣ. Бозгардонкунанда аз форсӣ

ба тоҷикӣ Муҳаррам Садиқова.-Душанбе.: Сарредассияи илмии ЭМТ, 2019. Ҷ.2. 1393 с.

[29]. Абдурашиди, Бақозода. Имоми Аъзам (р) бузургмарди таърихи башарият [Матн] / Боқизода А. –Душанбе.: ЭР-граф, 2009. 320 с.

[30]. Абухомид, Мухаммад Газали. Воскрешение религиозных наук /Аль Газали ат-Туси Абу Хамид Мухаммад [Текст] / Газали Н // Пер. с арабского Насырова И.Р. - Т.1. Ч.1. - М.: 2007. - 584 с.

[31]. Абдухомид, Мухаммад Газзоли. Опровержение философов [Текст] / Газзоли А.М // Перевод с арабского, вступительная статӣя и комметарии М. Диноршоева , З. М. Диноршоевой. –Душанбе.: Дониш, 2008. 554 с.

[32]. Абдуҳомид, Муҳаммади Ғаззолӣ. Кимиёи Саодат. Ҷ. Аввал. Таҳияи Дӯстмуҳаммади Дӯст ва Ҳ. Элчабеков, Душанбе.: ЭР-граф, 2008, с. 672 с.

[33]. Абуабдуллоҳ, Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ. Саҳеҳи ал-Бухорӣ [Матн] / Бухорӣ А.М.И.И // Аз арабӣ тарҷумаи Муҳаммадҷон Умаров ва Файзулло Бобоев.- Душанбе.: Эр-граф, 2008. Ҷ.3. -С.67 (Ҳадиси 3142)

[34]. Абулфадо, Исмоил бини Алӣ. Ал-мухтасар фи ахборил башар [Матн] / Алӣ И.А.И. –Бейрут.: Ҳусайни мусдария, 1273. Ҷ2. 486 с.

[35]. Абулфдо, Исмоил ибни Касир. Таърихи Ибни Касир [Матн] / Касир И. А.И // Мутарҷим Муҳамад Асғари Муғул.-Қум.: Таъдил, Ҷ.14. 520 с.

[36]. Абумансур, Абулқодири Бағдодӣ. Таърихи мазоҳиби Ислом [Матн] / Бағдодӣ А.А // Тарҷумаи Муҳаммад Ҷаводи Машкур.-Теҳрон.: Асотир,1367. 280 с.

[37]. Абумансур, Абулқодири Бағдодӣ. Таърихи мазоҳиби Ислом [Матн] / Бағдодӣ А.А // Тарҷумаи Муҳаммад Ҷаводи Машкур.-Теҳрон.: Асотир,1367. 208 с.

[38]. Абумусои, Ашъарӣ. ал-Ламаъ фи радд ада аҳли-л-зайгӣ ва-л-бидъӣ [Матн] / Алӣ А.-Бейрут.: Дору-л-кутубия, 1953. 324 с.

[39]. Абурайҳони, Берунӣ. Осорул-боқия [Матн] Берунӣ А. – Душанбе.: Ирфон, 1990. 432 с.

[40]. Абуханифа. Ал-фикх-ал-акбар [Текст] / Абуханифа // Пер. А.В. Смирнова. Вестник РГГУ. Вып.4. Восток.: Наследство.-М.: РГГУ.2000. 235 с.

[41]. Абуҳомид, Муҳамммади Ғаззолӣ. Боздории мардуми авом илми калом [Матн] Ғаззолӣ А.М // Аз араби тарҷумаи У. Ҳисайнов, сарсухани А. Шамолов, У. Ҳисайнов.-Душанбе.: Нур, 2010. 120 с.

[43]. Авасто [Матн] // Таҳтягарон: Бобо-Назар Ғаффор. Муҳтарам Ҳотам, Муаззами Диловар.-Душанбе.: Бухоро, 2014.839 с.

[44]. Адам, Месс. Мусульманский ренесанс [Текст] / Массе А // Превод немец, пердусловия и указатель. Д.Е. Бертельса. Отв.ред. В.И. Бельяев.-М.: Наука, 1973. 473 с.

[45]. Аз-Зуҳайлӣ, В. Ал-фиқҳ ал-исломи ва адиллятуҳ. В. 8 т. Том 1. 456 с.

[46]. Азизов, Р.А. Теология раннего ханафизма [Текст] / А.Р. Азизов. Автореферат дис. –Душанбе, 2012. 22 с.

[47]. Ал-Араби, Х.Ю. География правовых школ [Текст] / Х.Ю. ал-Араби.-Каир. :ал-Басир. 2005. 601 с.

[48]. Ал-Араби, Х.Ю. География правовых школ [Текст] / Х.Ю. ал-Араби.-Каир.:ал-Басир. 2005.156 с.

[49]. Алиакбари, Вилоятӣ. Доират-ул. Маориф-ал-исломия [Матн] / Вилоятӣ А.-Теҳрон.: Амири кабир, 1368. Ҷ.1. 1088 с.

[50]. Ализаде, А.А. Ҳанбалитский мазҳаб (Исламский энциклопедический словарь) [Текст] / А.А. Ализаде.- М.: Ансар, 2007. 400 с.

[51]. Азизи, Рустам. “Традицинный ислам» в контексте взаимоотнашений традиций и модернизации [Текст] / Рустам А // Мақом

ва нақши ислом дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе.: ЭР-граф, 2018. С-94-105. 295 с.

[52]. Ал-Ҳуҷҷатулислом, Ғаззолӣ. ал- Мунқиз мина-з-зилолли Хуҷҷа ал- ислом [Матн] Ғаззолӣ Ҳ.-Бейрут.: Дорул кутубия, 1965.465 с.

[53]. Аль-Джанаби, М. М. Теология и философия ал-Газали [Текст] / М. М. Аль-Джанаби.– Москва.: Марджани, 2010. 239 с.

[54]. Аляутдинов, Ш. Все увидят Ад [Текст] / Ш. Аляутдинов. – СПб.: Издательство «ДИЛЯ», 2008. 496 с.

[55]. Аляутдинов, Шамиль Рифатович. Хадисы: высказывания пророка Мухаммада. Богословский перевод и комментарии Шамиля Аляутдинова [Текст] / Рифатович А.Ш // Переводчик Аляутдинов Шамиль Рифатович.- Москва-Санкт-Петербург.: Диля, 2018. 592 с.

[56]. Аляутдинов, Шамиль Рифатович. Хадисы: высказывания пророка Мухаммада. Богословский перевод и комментарии Шамиля Аляутдинова [Текст] / Рифатович А.Ш // Переводчик Аляутдинов Шамиль Рифатович.- Москва-Санкт-Петербург.: Диля, 2018. 416 с.

[57]. Анвор-ул-Қуръон. Ҷилди 2. 1706 с.

[58]. Асадуллоев, И. Политический ислам в Таджикистане. Заметки и наблюдения [Текст] / И. Асадуллоев.-Душанбе., 2009. 46 с.

[59]. Асғари, Додбеҳ. Фахри Розӣ. Теҳрон.: Интишороти тарҳи нав, 1374. 350 с.

[60]. Аттоуллоҳи, Муҷибуллоҳ. Зардуштнома [Матн] / Муҷибуллоҳ А.-Душанбе.: Пром Экспо, 2022. 408 с.

[61]. Ахмедов, С. Философия калама в соврименном исламе [Текст] / С. Ахмедов.-Душанбе.: Ирфон, 2004. 208 с.

[62].Ахмедов, В.М. Сирийское восстание: история, политика, идеология [Текст] / В.М. Ахмедов.-М.: Институт Востоковедения РАН, 2018. 196 с.

[63]. Аҳмад, бини Яҳёи Балозӯрӣ. Футуҳу-л-булдон [Матн] / Балозурӣ А.Б.Я // Тарҷумаи ва тасҳеҳи Муҳаммади Тавакал. – Теҳрон.:Нуқра, 1337. 876 с.

[64]. Аҳмад, Даҳлон. Хулосат-ул-калом [Матн] / Даҳлон А.- Қоҳира.: Дору-л—кутубия, 1980. 432 с.

[65]. Аҳмад, ибни Муҳаммади Касталонӣ. Мақибул ладунид [Текст] / Касталонӣ А.И.М.-Бейрут.: Лубнон, 1928. Ҷ 4. 595 с.

[66]. Аҳмадов, Саид. Баъзе хусусиятҳои фиқҳ ва каломи Имоми Аъзам Абуҳанифа (р) [Матн] / Саид А.- Душанбе.: Соҳибкор, 2009.204 с.

[67]. Аҳтишомӣ, А. Бунёдгароии исломӣ ва исломи сиёсӣ [Матн] / А. Аҳтишомӣ.- Теҳрон.: Бошгоҳи андеша, 1362 (1984). 356 с.

[68]. Бабаджанов, Б.М., Муминов А.К., Фон Кюгелген. Диспуты мусульманских религиозных авторитетов в Центральной Азии в XX веве [Текст] / Б.М. Бабаджанов., А.К. Муминов., К. Фон / . Алматы, «Дайк Пресс», 2007. 265 с.

[69]. Бабиков, О. П. Феномен ваххабизма [Текст] / О.П. Бабиков // Африка и Азия сегодня, №8, 1999.-С.23.

[70]. Барабанов, В.А. Российский ВПК: история и современность: Монография [Текст] / В.А. Барабанов // Моск. гос. открытый пед. ун-т им. М. А. Шолохова. - М.: Альфа, 2002. 238 с.

[71]. Баротзода, Ф, Нурулҳақов Қ. Вазъи динӣ-сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф. Баротзода, Қ. Нурулҳақов.-Душанбе.: ЭР-граф, 2017. 128 с.

[72]. Бартольд, В.В. Сочинение [Текст] / В.В. Бартольд. Т.6. М.: Наука, 1966. 785 с.

[73]. Баширов, Л. А. Ислам в контексте этнополитических процессов в современной России [Текст] / Л. А. Баширов.-Москва.: Изд-во РАГС, 2008. 246 с.

[74]. Баширов, Л.А. Ислам и этнополитические процессы в современной России: точка зрения [Текст] / А.Л. Баширов.- М.: РАГС С, 2000. 100 с.

[75]. Беляев, Е. А. Арабы, ислам и Арабский халифат в ранее средневековье [Текст] / Е. А. Беляев.- М.: Наука.-1966. 283 с.

[76]. Беляев, Е. А. Мусульманское сектантство [Текст] / Е. А. Беляев.-М.: Государственное издательство политической литературы, 19570. 415 с.

[77]. Беляев, Е.А. Арабы, ислам и арабский халифат в раннее средневековье [Текст] / Е.А. Беляев. -М.: Наука, 1966. 280 с.

[78]. Бернард, Льюис. Арабии в мировоё истории. Си доисламских времён до распада калониальной системи [Текст] / Лӣюис Б // Прев.с анг. Т.М. Шуликовой.-М.: Центр полиграф, 2017. 203 с.

[79]. Богоутдинов, А.М. Очерки по истории таджикской философии [Текст] / А.М. Богоутдинов. -Душанбе.: Дониш, 2011. 334 с.

[80]. Боқизода, А. Имоми Аъзам (р.ҳ) бузургмарди таърихи башарият [Матн] / А. Боқизода.- Душанбе.: ЭР-граф, 2009. 320с.

[81]. Боқизода, А. Фиқҳи исломӣ дар асоси мазҳаби Ҳанафӣ. Қисмати ибодат ва аҳволи шахсӣ [Матн] А. Боқизода. –Душанбе.: СИЭМТ, 2023. 912 с.

[82]. Большаков, О.Г. Истории халифата [Текст] / О.Г. Большаков (1 Ислам в Аравии (570-633).-М.: Наука, 1989. 312 с.

[83]. Браун, Э. Таърихи адабиёт [Матн] / Э. Браун. –Теҳрон.: Китобхонаи адабӣ. 1308. 705 с.

[84]. Вагабов, М. В. Прутане ислама? Ваххабизм: история и современность [Текст] / М. В. Вагабов.-Махачкала, 2000. 416 с

[85]. Васильев, А. М. Пуритане ислама? Ваххабизм и первое государство сасанидов в Аравии 1744/45-1818) [Текст] / А. М. Васильев // Отв. Ред. Иванов Н. А. - М.: Наука, 1967. 263 с.

[86]. Васильев, А.М. История Саудовской Аравии (1745 г. - конец XX в.). Издание второе, расширенное и дополненное [Текст] / А.М. Васильев. -М.: «Классика плюс», Книжный дом газеты. Труд, 1999. 589 с.

[87]. Г.Э. Груюнебаун. Классичиеское ислам [Текст] / Груюнебаун Г.Э.–М., 1988. 198 с.

[88]. Гарри, Австрин Вольсон. Фалсафаи илми калом [Матн] / Вольсон Г. А // Тарҷумаи Аҳмад Ором.-Теҳрон.: Ал-Ҳудо. 870 с

[89]. Гасимов, К. Ибни Таймия. О «последний суфийской науке» Абдулкарим ал-Кушайри Суфизм и мусульманская духовная традиция: тексты, институты, идеи и интерпретации [Текст] / К. Гасимов. — СПб.: Петербургское Востоковедение, 2015. 336 с.

[90]. Ғафуров, Б. Тоҷикон: таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав [Матн] / Б. Ғафуров.- Душанбе.: Нашриёти муосир, 2020. 975 с.

[91]. Гегель, Г.В.Ф. Лекции по философии истории [Текст] / Г.В.Ф. Гегель.-СПб.: Наука, 2000. 480 с.

[92]. Гегель, Георг Вильгельм Фридрих. Сочинения [Текст] / Фридрих Г.Г.В- Москва.: Година. Том 8. 470 с.

[93]. Ғоибов, Ғ. Салафиҳо кистанд? [Матн] / Ғ. Ғоибов // Рӯзномаи “Тоҷикистон” .- Душанбе, 17 июли соли 2008.

[94]. Гордон-Полонская, Л.Р. Мусульманские течения в общественной мысли Индии и Пакистана, Критика мусулманского национализма 2. гл. VII [Текст] / Л.Р. Гордон-Полонская.- М.: Наука, 1963. 352 с.

[95]. Грязневич, П. А. Ислам. Религия, общество, государство. Сборник статей. - М.: Наука, 1984. 232 с.

[96]. Грязневич, П.А. Развитие исторического сознания арабов (V1-V111вв) [Матн] / А.П. Грязневич // Очерки истории арабской культуры V-XVвв. М.: Культура народов Востока, 1982. 440 с.

[97]. Ғуломов, Т.М. густариши ислом дар Хуросони бузург (дар сарҳои VII-VIII) [Матн] / Т.М. Ғуломов.-Душанбе.: ЭР-граф, 2010. 238 с.

[98]. Давлаталӣ, Давлатзода. Мусулмонон: Таърихи воқеии инкишоф ва таназзул [Матн] Давлатзода Д.-Душанбе.: ЭР Граф, 2017. 520 с.

[99]. Дастумбоев, М. Социальная философия сoврименная исмаилизма: проблемии и решения [Текст] / М. Дастумбоев.-Душанбе, 2020. 152 с.

[100]. Джастин, Уинтл. История ислама [Текст] / *Уинтл* Дж // Пер. с англ. А. Г. Геор гиева. - М.: Астрель: АСТ, 2008. 304 с.

[101]. Джононов, С. Проблемы формирования национального самсознания в условиях государственого строительство Таджикистан [Текст] / С. Джононов.-Душанбе.: Ирфон, 2009. 272 с.

[102]. Диноршоева, З.М. Мухаммад аль-Газали и его отношение к философии [Текст] / З.М. Диноршоева.- Душанбе.: Дониш, 2002. 159 с.

[103]. Добаев, И. П. Исламский радикализм: генезис, эволюция, практика [Текст] / И.П. Добаев.- Растов. 2002. –М..: Изд-во СКНЦ ВШ Ростов н/Д, 2003. 416 с.

[104]. Дуктур, Ҷавод Алӣ. "Ал-муфассал фи-таърих ил-араби қабла-л-Ислом" [Матн] / Алӣ Ҷ. Ҷ. 6. Бейрут.: Дору-л-оламу-л-исломия,1968. 663 с.

[105]. Ермаков, Д.В. Ибни Ханбал и начало ханбалитства [Текст] / Д.В. Ермаков // Религия, мира. История и соврименнсть.-**М**.: Наука, 1984. 230 с.

[106]. Жданов, Н.В, Игнатенко А.А. Ислам на пороги XX1 [Текст] / Н.В. Жданов., А.А. Игнатенко.-М.: Политиздат, 1989. 352 с.

[107]. Жданов, Н. В. Ислам и Центральная Азия: подходы преподавания [Текст] / Н.В. Жданов.- М.: Политиздат, 1989. 259 с.

[108]. Заринкуб, А.Ҳ. Бомдоди ислом [Матн] / А.Ҳ. Заринкуб.-Теҳрон.: Теҳрон, 1354. 255 с.

[110]. Заринкуб. Исламское цивилизатция [Текст] / Заринкуб // Пер. Махшулов М.-М.: Андалус. 2004. 237 с.

[111]. Зиёзода, Идибеки Ғозӣ. Қуръоншиносӣ [Матн] / Ғозӣ З. И. – Душане.: ЭР-граф, 2012-456 с.

[112]. Ибин, Сино. Ишорот [Матн] / Сино И. -Теҳрон.: Садро, 1358. 940 с.

[113]. Ибни, Абдулваҳоб. Китоб ал-кабир [Матн] /Абдулваҳоб И., 2018, 238 с.

[114]. Ибни, Абдулваҳҳоб. Кашфу-л-иртибоъ фӣ итбоъ [Матн] / Абдулваҳоб И.-Теҳрон.: Дору-л-китобу-л-исломия, 1386. 630 с.

[115]. Ибни, Абдулваҳҳоб. Китоби тавҳид [Матн] / Абдулваҳоб И // Тарҷумаи Абу Муҳаммади Маданӣ. Бе нишон додани ҷойи нашр. 2021, 165 с.

[116]. Ибни, Абдулваҳҳоб. Масоил ал-ҷоҳилия [Матн] / Абдулваҳоб И. Бе нишон додани ҷойи нашр, 1456, 156 с.

[117]. Ибни, Абдулваҳҳоб. Муфлу ал-мустафид [Матн] / Абдулваҳоб И. Бе нишон додани ҷойи нашр, 2010, 242 с.

[118]. Ибни, Абдулваҳҳоб. Насиҳат ал-муслимин [Матн] / Абдулваҳоб И. Бе нишон додани ҷойи нашр. Бе нишон додани ҷойи нашр. 2016, 137 с.

[119]. Ибни, Абдулваҳҳоб. Суннат усул-а-дин [Матн] / Абдулваҳоб И. Бе нишон додани ҷойи нашр, 1979, 256 с.

[120]. Ибни, Абуосия. Уюну-л-анбоъ фӣ табақот-ил-атбо [Матн] / Абуосия И.-Бейрут, 1882, 424 с.

[121]. Ибни, Касири Димишқӣ. Таърихи Ибни Касир [Матн] / Димишкӣ И.К.-Бейрут., 1989. 353 с.

[122]. Ибни, Рашид. Ал-қисмос ал-мустақим [Матн] / Рашид И. – Бейрут, 151 с.

[123]. Ибни, Таймия. Тафсири Сураи Нур [Матн] / Таймия И. Бе нишон додани ҷойи нашр, 2017, 133 с.

[124]. Ибни, Таймия. Ар-рад ала-л-мантиқайин [Матн] / Таймия И.-Бейрут.: Лубнон, 1964. 661 с.

[125]. Ибни, Таймия. Маҷмуат-ул-фатово [Матн] / Таймия И. Бе нишон додани ҷойи нашр. Ҷ.14, с. 355.

[126]. Ибни, Таймия. Минҳоҷ ус-Сунна [Матн] / Таймия И. Бе нишон додани ҷойи нашр,Ҷ.2, с.89

[127]. Ибни, Таймия. Нақду асосу тақдис [Матн] / Таймия И. Бе нишон додани ҷойи нашр. Ҷ. 1, 1997, 178 с.

[128]. Ибни, Таймия. Ҳамавият-ул-Кубро [Матн] / Таймия И. Бе нишон додани ҷойи нашр, 2006, 646 с.

[129]. Ибни, Ҳаҷар. Дурар-ул-Комина [Матн] / Ҳаҷар И.-Бейтур, 2015, Ҷ. 4, 516 с.

[130]. Ибни, Ҳишом. Сирату-л-расулуллоҳ [Матн] / Ҳишом И // Тарҷумаи Масъуди Ансорӣ .-Теҳрон.: Мулӣ, 1392. Ҷ.1. 661 с.

[131]. Ибрагим, Т.К., Сагадеев А.В. Ибни Таймия. Ислам: Энциклопедический словарь [Текст] / Т.К. Ибрагим., А.В. Сагадеев А.В // Отв.ред. С.М. Прозоров. -М.: Наука, ГРВП, 1991. 315 с.

[132]. Игнатенко, А.А. Халифи без халифата [Текст] / А.А. Игнатенко.–М.: Наука, 1987. 207 с.

[133]. Имом, Абулюср Муҳаммад Баздавӣ. Усулу-д-дин [Матн] / Баздавӣ И.А.М.- Душанбе.: Андалеб-Р, 2015. 453 с.

[134]. Имом, Абуҳанифа бини Собит. Муснад [Матн] / Собит И.А.Б.- Душанбе.: Эр-Граф, 2009. 419 с

[135]. Имом, Зайнуддин Аҳмад Зубайди. Мухтасари Саҳеҳи Бухорӣ [Матн] / Зубайди И.З.А. -Душанбе.: ЭР-граф, 2011. 668 с.

[136]. Имон, Муҳаммад Абузаҳра. Абуҳанифа: Зиндагӣ, рӯзгор, андеша ва фиқҳи ӯ [Матн] / Абузаҳра И.М // Тарҷума аз забони арабӣ. Муҳаррири масъул А. Ализода. –Душанбе.: Ирфон, 1990. 502 с.

[137]. Ионова, А.И. Ислам Юго-Восточной Азии: проблемы современной идейной эволюции [Текст] / А.И. Ионова. - М.: Наука, 1981. 264 с.

[138]. Ислам и проблемы национализма в странах Ближнего и Средного Востока (сборник статей) [Текст] // Отв. Ред. Ю.В. Ганковский.-М.: Наука, 1986. 215 с.

[139]. История Востока [Текст] / В шести томах // Восточная литература.-М.: ДАН. Том 1, 2000. 397 с.

[140]. Йагуби, Джафар Раджабали. Философско-культурологические аспекты антропонимики Ирана и Таджикистана [Текст] / Раджабали Й.Д. –Душанбе.: Дониш, 2006. 739 с.

[141]. Каландаров, М.И. Философско-теологическое учение Фахриддина Рази [Тескт] /М.И. Каландаров.-Душанбе, 2018.-208 с.

[142]. К. Маркс, Ф.Энгельс. Сочинения [Текст] / Макрс К., Энгельс Ф. Т. 28.

[143]. Карл Ясперс. Смысл и назначение истории. Смысл и назначение истории [Текст] / Ясперс К // Пер. с нем.-М.: Политиздат, 1991.527 с.

[144]. Кароматулло, Олимов. Тасаввуфи Хуросон ва Мовароуннаҳр дар асрҳои X-XII [Матн] Олимов К.- Душанбею: - 2019.332 с

[145]. Керимов, Т.М. Шариат и его социальная сущность [Текст]/ М.Т. Керимов.- М.: Наука, 1978. 223 с.

[146]. Кирабаев, Н.С. На путях политико-религиозного догматизма: Ибн-Таймия [Текст] / Н.С. Кирабаев // Политическая мысль мусульманского средневековья.-М.: ИНФРА-М, 2005. 256 с.

[147]. Киреев, Н.Г. Очерки политического ислама в Туркции [Текст] / Г.Н.. Киреев. –М.: ИВ РАН, 2017. 367 с.

[148]. Китоби ақида // Мураттиб Маҳмадсабур Бухорӣ. –Бухоро.: Маркази фарҳангӣ-исломии Бухоро.-1420. 171 с.

[149]. Климович, Л.И. Ислам [Текст] Л.И. Климович. -**М**.: Академии Наук СССР, 1962. -С. 36 (261 с

[150]. Климович, Л.И. Книга о Каране: его происхождения и мифологии [Текст] / Л.И. Климович. М.: Политиздат, 1986. 269 с.

[151]. Колесников, А.И. Завоевание Ирана арабами [Текст] / А.И. Колесников // Отв. ред. О. Г. Большаков. –М.: Наука, 1982. 416 с.

[152]. Коровиков, А. В. Исламский экстремизм в арабских странах [Текст] / А.В. Коровиков.-М.: Наука, 1990. 167 с.

[153]. Крибаев, Н.С. На путях политико-религиозного догматизма: Ибн-Таймия [Текст] // Политическая мысль мусульманского средневековья. -М., 2005. 256 **с.**

[153]. Крывелев, И. А. История религии [Текст] / И. А. Крывелев. Том второй.-М.: Мысль, 1988. 497 с.

[154]. Крымский, А.Е. История арабов и арабской литературы [Текст] / А.Е. Крымский.-М., 1912. 202 с.

[155]. Қосимов, И. Ошноӣ бо раҳбарони салафӣ-ваҳобият [Матн] /И. Қосимов. –Душанбе.: Амирон, 2008. 278 с.

[156]. Қудратзода, К. А., Ниёзӣ Ё. Б. Осиёи Ҷанубу Шарқӣ: шинохти вазъи динӣ ва мазҳабӣ [Матн] / К. А. Қудратзода., Ё.Б. Ниёзӣ.-Душанбе.: ҶДММ суфра, 2018. 142 с.

[157]. Қурбонов, А. Амнияти зеҳнӣ ва истиқлолияти давлатӣ [Матн] / А. Қурбонов. –Душанбе.: Ирфон, 2016. 108 с.

[158]. Қуръони Карим. Академияи даъвати донишгоҳи байналмиллалии исломии Исломобод.-Покистон.: Исломобод.П.Я. №2, 1485.1479 с.

[159]. Левин, З. И. Развитие основных течений общественно-политической мысли в Сирии и Египете. М. «Наука», 1972. 207 с.

[160]. Мавлоно, Абудокаломи Озод. Куруши Кабир-Зулқарнайн [Матн] Озод М.А // Тарҷумаи Бостони Поризӣ аз арабӣ ба форсӣ, хатгардон ва таҳияи Р. Мирализода.-Душанбе.: Адиб, 2019, 223 с.

[161]. Мавлоно, Абулкаломи Озод. Куруши Кабир-Зулқарнайн [Матн] / Озод М.А // Тарҷумаи Бостони Поризӣ.- Душанбе.: Адиб, 2019. 214с.

[162]. Маевская, Л. Б. Идеология Ибн Таймии, как фундамент для формирования ваххабизма // Культура народов Причерноморье, 2012. 105-109.

[163]. Маточкина, А. И. Религия и власть в учении Ибн Таймийя [Текст] / Бж.Л. Маевская // Диссертатция для просвоение кан. фил. наук. -Санкт-Петербург, 2011. 202с.

[164]. Майсам, Мухаммад Аль-Джанаби, Теология и философия ал-Газзолӣ [Текст] / Аль-Джанаби М.М.- М.: Марджани, 2010. 240 с.

[165]. Майсем, Мухаммед Аль-Джанаби «Теология и философия ал-Газали» [Текст] / Аль-Джанаби М.М.-Москва.: Наука. 240 с.

[166]. Малышева, Д.Б. Религия и обществено политические развитие арабских и африканских старн 78-80-е годи [Текст] /Д.Б. Малышева.-М.: Наука, 1986. 227 с.

[167]. Мангитов, М. Социальное философия Саида Кутба[Текст] / М. Мангитов. Авторе. Дисс. канд.–Душанбе, 1999. 20 с.

[168]. Маркс К., Ф. Энгельс. Об искусстве [Текст] / К. Маркс., Энгельс Ф. В 2. кт. Т. 1.-Москва.: Искусство,1976. 567 с.

[169]. Маркс К., Энгельс Ф. Сочинения [Текст] / К. Маркс, Ф. Энгельс. Том 28. 614 с.

[170]. Массэ, А. Ислам. Очерк истории [Текст] / А. Массэ // Пер.с фран. Издание 3-е.-М.: Наука, 1982.191 с.

[171]. Маҳмадизода, Н. Д. Зоҳиршавии ифротгароии динӣ-сиёсӣ дар шароити инкишофи ҷомеаи тоҷик ва роҳҳои пешгирии он. Душанбе.: ЭР-граф, 2022. 324 с.

[172]. Медведко, Л.И, Германович А.В. Именнем Аллаха...Политизатзатция ислама и исламизатции и политики [Текст] / Л.И. Медведков, А.В. Германович.-М.: Изд.пол. 1999. 255 с.

[173]. Меҳрони, Бомдод. Ҳикмати бедормағзӣ [Матн] / Бомдод М. –Душанбе, 2023. 216 с.

[174]. Молики, Ҳусайнӣ. Тасфири Ҳусайнӣ [Матн]/ Ҳусайнӣ М. – Теҳрон.: Китоби ҳермес, 1384. 487 с.

[175]. Муснади, Имом Абуҳанифа // Мутарҷим Саидмукаррам Абдуқодиров. –Душанбе.: Эр-Граф, 2009. 284 с.

[176]. Мутаҳҳарӣ, М. “Хадамоти мутақобили Эрон ва Ислом”. Ройзании фарҳангии Эрон дар Тоҷикистон. Душанбе, 1999. 583 с.

[177]. Мухаммад ибн Абд ал-Карим аш-Шахрастани. Книга о религиях и сектах (Китаб ал-милал ва-н-нихал). Ислам [Текст] Шахристани М.И.А. // Перевод с арабского, введение и комментарий С. М. Прозорова. М.:Наука, 1984. 270 с.

[178]. Мухаммад, Халилуллах. Ислам [Текст] / Халилуллах М // Превод туредскова.-М.: ОО “Изд. Группа” САД, 2008. 304 с.

[179]. Мухаммад, Шахристани. Книга о религиях и сектах [Текст] / Шахристани М // Перевод с арабского, предисловие и комментарии С. М. Прозорова. -М.: Наука, 1984. Часть 1. 272 с.

[180]. Мухтасари Саҳеҳи Бухорӣ. Таълифи Имом Зайнуддин, Аҳмад Зубайдӣ. -Душанбе, 2005. 516

[181]. Муҳамад, Аҳмади Аёр. Меъёр-ул-улум [Матн] / Аёр М.А.-Қоҳира.: Ғаззолӣ, 1964. 256 с.

[182]. Муҳамма, бини Аҳмади Заҳабӣ. Таърихи ал-ислом ва вафиёт ал-машоҳир вал аъмол [Матн] / Заҳабӣ М.б.А.-Бейрут.: Дору-л-китобу-л-арабия. 1409. 396 с.

[183]. Муҳаммад, бини Юсуфи Кондҳлуй. Ҳаёту-с-саҳоба [Матн] / Кондҳлуй М.Б.Ю.-Бейрут.: Лубнон, 1999. Ҷ. 3. 563 с.

[184]. Муҳаммад, Ғаззолӣ. Насиҳат-ул-мулук [Матн]/ Ғаззолӣ М.-Душанбе.: Ирфон, 2011.174 с.

[185]. Муҳаммад, Иқбол. Эҳёи фикри динӣ дар ислом [Матн] / Иқбол М. –Душанбе.: ЭР-граф, 2010. 329 с.

[186]. Муҳаммад, Иқболи Лоҳурӣ. Сайри фалсафа дар Эрон [Матн] / Лоҳурӣ М.И.- Теҳрон.: Нигоҳ, 1380. 248 с.

[187]. Муҳаммад, Рауфи Таваккулӣ. Чаҳор имоми аҳли суннат ва ҷамоат [Матн] / Таваккулӣ М.Р // Ҳозиркунандаи чопи Мисбоҳиддини Нарзиқул. -Душанбе, 2002. 98 с.

[188]. Муҳаммад, Саид Ас-Соғарчӣ. Ал-фиқҳ-ал-ҳанафӣ ва адолатуҳу. саҳ 29-30

[189]. Муҳаммад, Ҳусайни Ҳайкал. Зиндагонии Муҳаммад [Матн] / Ҳайкал М.Ҳ.-Душанбе.: Ирфон, 2012, 224. Ҷ.1. 670 с.

[190]. Муҳаммад, Ҷаводи Машкур. Фарҳанги фирақи исломӣ [Матн] / Машкур М.Ҷ.-Теҳрон.: Пажуҳиши фарҳанги остони қудс, 1387. 626 с.

[191]. Муҳаммад, Ҷалили Зайну. 77-саволу ҷавоб дар ақидаи исломӣ [Матн] / Зайну М.Ҷ.- Хӯҷанд, 2003.71 с.

[192]. Муҳаммад, Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-расул [Текст] / Табарӣ М.Ҷ // Мутарҷим Абулқосими Поянда. –Теҳрон.: Асотир, 1395. Ҷ. 1 Х. 700 с.

[193]. Муҳаммад, Шавконӣ. Ал-Бадр ал-толеъ би миҳсонӣ мина-л-қарну-л-собеъ [Матн] / Шавконӣ М. –Бейрут.: Саодат, 2004. 266с.

[194]. Муҳаммадамини, Риёҳӣ. Фирдавсӣ (Зиндагӣ, андеша ва шеъри ӯ). Ба алифбои криликии тоҷикӣ баргардони Дорои Дӯст. Душанбе.: Шуҷоиён, 2010. 338 с.

[195]. Муҳаммадризо, Ноҷӣ. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламравӣ Сомониён [Матн] / Ноҷӣ М.- Душанбе.: ЭР-Граф, 2011. 1295 с.

[196]. Муҳаммад, Рашшод. Фалсафа аз оғози таърих [Матн] / Рашшод М. –Душанбе.: Ирфон, 2001, Ҷ.3-4.-310 с.

[197]. Муҳаммадҷаводи, Машкур. Фарҳанги фирақи исломӣ [Матн] / Машкур М.-Теҳрон.: Илм ва фаранги Теҳрон, 1387. 626 с.

[198]. Муҷаддиди аср. Дар шинохти шахсият ва осори Саид Абдуллоҳи Нурӣ. -Душанбе 2007. 363 с.

[199]. Мэри, Бойс. Зороастрийцы: Верования и обычаи [Текст] / Бойс М.- М.: Наука, 1988. 304 с.

[200]. Назариев, Р.З. Аллегорическая интерпретация философско-теологических проблем в исмаилизме [Текст] / Р.З.Назариев.- Душанбе.: Ирфон, 2008. 349 с.

[201]. Назаров, Ҳ. Нақши эрониён-тоҷикон дар таърих ва фарҳанги ҷаҳон [Матн] / Ҳ. Назаров.-Душанбе.: Пайванд, 2005. 492 с.

[202]. Назаров, Ҳ. Нақши эрониён-тоҷикон дар таърих ва фарҳанги ҷаҳон [Матн] / Ҳ. Назаров.-Душанбе.: Пайванд, 2005. 492 с.

[203]. Назиров, Д.М. Религизно политический эктсремизим и терроризм в Центральное Азии [Текст] / М.Д. Назиров. -Душанбе.: Ирфон, 2003. 96 с.

[204]. Назиров, Д.Н. Политический ислам и конфликт в Таджикистане [Текст] / Д.Н. Назиров // Монография.-Душанбе, 2015. 224 с.

[205]. Насыров, И.Р. Основания исламского мистицизма: генезис и эволюция [Текст] / И.Р. Насыров // Отв. ред. А.В.Смирнов. М.: Языки славянских культур, 2009. 552 с.

[206]. Насыров, И.Р. Основания исламского мистицизма. Генезис и эволюция [Текст] / И.Р. Насыров // Отв.Ред. Симирнов А.В. -М.: Языки славянских культур, 2009. 552 с.

[207]. Наумкин, В.В. Воскрешение наук о вере (Ихиа улум ад-дин) [Текст] / В. В. Наумкина. - М.: Наука, 1980. 376 с.

[208]. Негря, Л. В. Общественный строй Северной и Центральной Аравии в V-VII вв [Текст] Л.В. Негря.-М.: Наука, 1981.156 с.

[209]. Негря, Л.В. Общественный строй северной и центральной Аравии в V-VII вв. М.: Наука, 1981. 160 с.

[210]. Новая философская энциклопедия в 4-х томах Перс, Наук [Текст] // Ред.В.С. Стёпин. М.: Мысль 2010. 2806 с.

[211]. Норман, Калдер. Ҳудуди дурусткешӣ дар ислом ва суннатҳои ақлонӣ дар ислом [Матн] Калдер Н // Тарҷумаи дуктур Фаридун Бадраӣ (Таҳия ва таҳрири матни тоҷикӣ аз академик Мусо Диноршое).- Душанбе.: Нодир, 2002. 327 с.

[212]. Нури, С. А. Ормони мардуми мусулмони кишвар [Матн] / С.А. Нури.-Душанбе, 2003. 360 с.

[213]. Нурулҳақов, Қ. Ислом ва муносибатҳои миллӣ [Матн] / Қ. Нурулҳақов. –Душанбе.: Ирфон, 1986. 113 с.

[214]. Нурулҳақов Қ. Салафияи ифротӣ: моҳият, хатар ва таҳдидҳои он.-Душанбе.: Сарбоз, 2018. 147 с.

[215]. Одилов, Н. Ислом дар оинаи ақл [Матн] / Н. Одилов.-Душанбе.: Ирфон, 1971. 26 с.

[216]. Олег, Грабар. Формирование исламского искуство [Текст] Грабар О // Перевод Т.Х. Старолуб.-М.:Садра, 2016. 448 с.

[217]. Олимов, К. Хуросонский суфизм [Текст] / К. Олимов. – Душанбе.: Дониш, 1993. 285 с.

[218]. Отахонов, Т., Сулаймонӣ, С. Донишномаи навини ислом [Матн] / Т. Отахонов., С. Сулаймонӣ. -Душанбе.: Ирфон, 2014. 1000 с.

[219]. Оятулло, Аш-шайх Ҷаъфари Субҳонӣ. Мадхали масоили ҷадид дар илми калом [Матн] / Субҳонӣ О.Ш.Ҷ. –Теҳрон.: Шаҳриён, 1386. Ҷ. 3. 360 с.

[219]. Оятулло, Ҷаъфари Субҳонӣ. Нақде ба ойини ваҳҳобият [Матн] / Субҳонӣ О.Ҷ. – Давҳа.: Тавассул, 1369 (1991). 189 с.

[220]. Пажуҳиши, Ризо Шаъбонӣ. Одоб ва русуми Наврӯз [Матн] Шаъбони Ш.-Душанбе.: Пажуҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикии Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон, 2011. 259 с.

[221]. Палонсая, Л.Р, Вафа, А.Х. Восток идей и идеологии (Критика и буржуазных и мелко буржуазных консепции третьего путь развития) [Текст] / Л.Р. Палонсая, А.Х. Вафа.-М.: Наука, 1982. 255 с.

[222]. Панова, В.Ф, Бахтен, Ю.Б. Жизнь Мухаммеда [Текст] / В.Ф Панова, Ю.Б Бахтен. –М.: Полит-издат, 1991. 495 с.

[223]. Першиц, А.И. Хозяйство и общественно-политический строй Северной Аравии в 19 - первой трети 20 веков. М.: АН СССР Год издания, 1961. 228 с.

[224]. Петрушечвсикй, И.П. Ислам в Ирана в VII-XV в [Текст] /. Л. ЛГУ. 1996. 400 с.

[225]. Пиотровский, Б.М. Южная Аравия в ранее средневековье. Становление средневекого общество [Текст] / Б.М. Пиотровский. -М.: Наука, 1985. 224 с.

[226]. Пояндашоев, О.П. Россия под прицелом: некоторые проблемы глобальной безопасности [Текст] /О.П. Пояндашоев. – Краснодар.: Диапазон-В, 2015. 432 с.

[227]. Прозоров, С. М. Хрестоматия по исламу [Текст] / С.М. Прозоров. –М.: Наука, 1994. Т.1. 238 с.

[228]. Прозоров, С.М. Ислам как идеологическая система [Текст] / С.М. Прозоров М.: Наука, Восточная литература, Т. II. 2016. 365 с

[229]. Происхождение ислама. Хрестоматия. Москва, 1931. 184 с.

[230].

[231]. Раҳнамо, А. Ислом ва амнияти миллӣ дар Тоҷикистон. – Душанбе.: Ирфон, 2011. 218 с.

[232]. Реза Аслан. Нет бога, кроме Бога. Истоки, эволюция и будущее ислама [Текст] / Аслан Р. –М.: Изд, КоЛибри, 2005. 296 с.

[233]. Ризо, Деҳқонӣ. Рӯшанфикрони динӣ ва диндорони рӯшанфикр (хостгоҳи назарӣ). Теҳрон.: Инқилоби исломӣ, 1386. 392 с.

[234]. Рӯзномаи “Минбари халқ” –Душанбе. 26.01.2022. №4.

[235]. Рӯзномаи “Нигоҳ”. Ғоибов Г. Салафиҳо кистанд?. – Душанбе, 26.01.2022. №4

[236]. С. Фредерик Старр. Маърифати гумшуда. Асри Тилоии Осиёи Марказӣ аз истилои араб то Темурланг [Матн] / Старр Ф.С // Тарҷумаи А. Мамадназаров. – Душанбе: Эр-граф, 2023. 692 с.

[237]. Садриддини, Шерозӣ. Ал-асфор арбаа.Чопи Дор-ул-маъориф ал-исломия [Матн] / Шерозӣ С. –Теҳрон.: Муассисаи бунёдии ҳикмати исломии садро, 1383. 732 с.

[238]. Саид, Содиқ. Ҷиҳод дар роҳи Худо // Тарҷума ва талхис аз китоби "Фиқҳ-ул-сунна". Бахши ҷиҳод [ Матн] Содиқ С // Тарҷумаи Ибриз Фазлраҳими Фазлкарим. –Миср, бе соли нашр, 110 с.

[239]. Сайид, Муҳсин Амин. Сираи Пайғамбар (с) [Матн] / Амин С.М // Тарҷумаи Алии Ҳуҷҷатии Кирмонӣ [Матн] / Амин С. М.-Душанбе.: Дониш, 2007. 473 с.

[240]. Сафарализода, Х. Қ. Таҳдидҳои замони муосир [Матн] / Х.Қ. Сафарализода. –Душанбе.: ЭР-граф, 2023. 420 с.

[241]. Саҳеҳи ал-Бухорӣ // Таҳиягари матни тоҷикӣ: Абдулҳалим. Орифӣ.- Душанбе.: ЭР-граф. Ҷ. 3. 2008. 515 с.

[242]. Саидбаев, Т. С. Ислам и общество. М. Наука, 1978, 253 с.

[241]. Секуларизм и ислам в современном государстве: что их объединяет? // Материалы международного "круглого стола." Алматы, 30 ноября 2007 г. Алматы-2008, 296 с.

[242]. Степанянц, М. Т. Мусульманские концепции в философии и политике Х1Х-ХХ вв [Матн] / М.Т. Степанянц. - М.: Наука, 1982. 947 с.

[243]. Сунани Абудовуд, 2241, 1952.

[244]. Сунани Тирмизӣ. 28, 1953.

[245]. Сычев, Виктор Фиодорович. США и мусульманский мир / использонование исламского фактора в империалистическое политике Вашингтона на Востоке [Текст] / Фиодорович С.В. –Душанбе.: Ирфон, 1989. 288 с.

[246]. Сюкияйнен, Л. Р. Мусулмансое право.вапросы теории ипрактики [Текст] / Л.Р. Сюкияйнен. М.: Наука, 1986. 256 с.

[247]. Т.К. Ибрагим., А.В. Сагадеев А.В // Отв.ред. С.М.. Прозоров. –М.: Наука, ГРВП, 1991. 315 с.

[248]. Тафсири “Анвору-л-Қуръон” // Мутарҷим Абдӯрауфи Мухлис. -Теҳрон.: Шайхулислом Аҳмади Ҷом, 1386. Ҷ.1. 732 с.

[249]. Тафсири Ҳусайнӣ. Мухтасари тафсири Қуръон (дар асоси “Тафсири Ҳусайнӣ” ва “Тафсири Ҷалолайн”.-Душанбе.: Ирфон, 1989. 160 с.

[250]. Теймур-Пашшо. Краткий исторический обзор возникновения четырех правовых мазхабов (ар.) [Текст] / Пашшо Т.-Бейрут.: Дар Аль Кадири, 1990. 97 с.

[251]. Токарев, С. А. Религия в истории народов мира [Текст] / А.С. Токариев. 4-е изд., испр. и доп. - М.: Политиздат, 1986. 576 с.

[252]. Тоҳо, Ҳусейн. Мустақбал-ус-сақоат фи Миср [Матн] / Ҳусейн Т.-Миср.: Ҳиндовӣ. 2014. 215 с.

[253]. Тримингэм, Дже.С. Суфийские ордены в исламе [Текст] / Дже. Тримингэм // Пер. с англ. А.А.Ставиской, под ред. и с предисл. О.Ф.Акимушкина. — М.: София, ИД «Гелиос», 2002. 480 с.

[254]. Усмон, бини Абуллоҳ бини Башр. Ал-Маҷд фӣ торихи Наҷд [Матн] / Башр У.Б.А.-Бейрут.: Дори содир, 1420 (2019). Ҷ.1.183 с.

[255]. Устод, Ҷаъфари Субҳонӣ. Фурӯғи абадият [Мант] / Субҳонӣ // Ҷилди дуввум. Душанбе.: Дониш, 1998. 502 с.

[256]. Файзалӣ, Аминов. Инсон зуҳури комилтарини ирода: Артур Шопенгауэр ва Фридрих Нитсше. Душанбе.: Ирфон, 2011. 229 с.

[257]. Фарҳод, Дафтарӣ. Исмоилиён: таърих ва ақоиди онҳо [Матн] / Дафтарӣ Ф // Тарҷума аз забони англисӣ Абдусалом Мамадназаров.- Душанбе.: ЭР-граф, 2012.784 с.

[258]. Фредерик, С. Старр. Маърифати гумшуда. Асри Тилоии Осиёи Марказӣ аз истилои араб то Темурланг [Матн] / Фредерик, С. Старр; тарҷ. А. Мамадназаров; муҳаррири масъул Б. Раҳматов. – нашри 2-юми таҳриршуда ва ислоҳшуда. -Душанбе.: Эр-граф, 2023.692 с.

[259]. Халиков, А. Г. Првовая система зароастризма: древное прово [Текст] / А.Г. Халиков.-Душанбе.: Маориф ва фарҳанг, 2005. 488 с.

[260]. Хишом, ибни Муҳаммад ал-Калби. Книга об адолах [Текст] / ал-Калби Х.И.М // Аз арабӣ тарҷумаи сарсухан ва тавзеҳои В.В. Полосина.- М.: Наука, 1984.63 с.

[261]. Ҳазратӣ М, Саидиён И. Ислом: равия, мазҳаб ва фирқаҳои он (маълумотнома) [Матн] / М. Ҳазратӣ, И.Саидиён.- Душанбе.: Ориёно, 1992. 224 с.

[262]. Ҳисоботи натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологии "Ифротишавии муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистонӣ: заминаҳо ва оқибатҳо барои Тоҷикистон".-Душанбе, 2017.

[263]. Ҳоннал Фохурӣ, Ҷалил Ҷарр. Каломи фалсафии фалсаф [Мант] / Ҳ. Фохурӣ, Ҷарр Ҷ. -Теҳрон.: Асотир, 1388 (2005), 532 с.

[264]. Ҳусайн, бини Ғанноми Муҳаққиқ. Таърихи Наҷд [Матн] / Муҳаққиқ Ҳ. Б. Ғ. -Бейрут.: Дору-л-нашруқ ал-арабия, 1410 (1994). 607 с.

[265]. Ҷамоллидини, Саидзода. Ғаззолӣ-пешвои синоситезон ва Шукурӣ-пешвои айниситезон [Матн] / Саидзода Ҷ.-Душанбе, 2021. 348 с.

[266]. Чеҳраи воқеии ваҳҳобият (салафият) [Матн] // Таҳияи А. Аминзода. -Душанбе.: Шарқи озод, 2008. 64 с.

[267]. Ҷон, Бейр Нос. Таърихи ҷомеъи адён [Матн] / Нос. Ҷ.Б // Тарҷумаи Алиасғари Ҳикмат. –Теҳрон.: Донишгоҳи Теҳрон, 1354. 568 с.

[268]. Чураков, М. В. Ваххабизм отражал тенденцию к феодальному объединению. //Советская этнография [Текст] М. В. Чураков. -Москва.: Изд-во АН СССР, 1960 №1. 576 с.

[269]. Ҷурҷи, Зайдон. Таърихи тамаддуни ислом [Матн] Зайдон Ҷ // Мутарҷим Алӣ Ҷавоҳири Калом.-Теҳрон.: Амири кабир, 138. 1131 с.

[270]. Шамиль, Аляутддинов, Аляутддинов Ш. Все увидять Ад [Текст] / А. Шамиль, Ш. Аляутддинов . –СПБ. Изд.во. ДИЛЯ, 2008. 368 с.

[271]. Шаривова, Р.М. Панисламизм сегодня. Идеология и практика ЛИГИ исламского мира [Текст] /Р.М. Шарипов.-М.: Наука, 1986. 137 с.

[272]. Шарифзода, И. Тақдиргарой ва осебшиносии иҷтимоӣ [Матн] / И. Шарифзода // Маҷаллаи ”Илм ва ҷомеа”. №3-4 (7-8). 2017. 231 с.

[273]. Шарҳи Мулло Алии Қорӣ бар “Фиқҳи акбар”.Бе нишон додани сол ва ҷои нашар.

[274]. Шаҳобиддинов, Н. Дар сапедадами озодандешӣ [Матн] / Н. Шаҳобиддинов. Душанбе-2018. 286 с.

[275]. Шаҳобиддинов, Н. Нитше ва Зардушти таърихӣ [Матн] / Н. Шаҳобиддинов.-Душанбе.: Дониш, 2021. 364 с.

[276]. Шейхуль-ислам, ибн Таймийя. Акида аль-васитийя. С разъяснением шейха Салиха Аль-Фаузана. Перевод с арабского Д. Каралезли Амин. Предисловие и редактирование Д. Абу Умар Салим аль-Газзи. ФАДЖ Риздательский дом-2022. 371

[277]. с. Шоисматуллоев, Ш., Миров, Ф.С. Ватандӯстӣ, маърифати ҳуқуқӣ, ҳувияти миллӣ ва муққовимат ба муқобили экстремизм дар шароити ҷомеаи муосир Тоҷикистон [Матн] / Ш. Шоисматуллоев Ш., Ф.С.Миров. –Душанбе.: Дониш, 2024. 135 с.

[278]. Шумов, С. А. Ваххабиты XV111-XX века [Текст] / С.А, Шумов. - М.: Монолит-Евролинц-Традиция, 2002. 196 с.

[279]. Эмомалӣ, Раҳмон. Имоми Аъзам ва фарҳанги миллӣ [Матн] / Раҳмон Э.-Душанбе.: ЭР-граф, 2009. 36 с.

[280]. Энциклопедический словарь. Ислам [Текст] // Отв. ред. С. М. Прозоров М.: Наука, ГРВЛ, 1991 (315 с)

[281]. Яковлев, Е.Г. Искусство и мировые религиих [Текст] / Е.Г. Яковлев. -М.: Высшая школа, 1977. 224 с.

[282]. Яковлев, Е.Г. Искуство мировые религии [Текст] / Г.Е. Яковлев. -М.: Высшая школа, 1977.244 с.

[283]. Ятимов, С. Идеология ва манфити миллӣ [Матн] /С. Ятимов.-Душанбе.: ЭР-граф, 2014. 64 с.

[284]. Ятимов, С. О политическое идеологии [Текст] / С. Ятимов. – Душанбе.: ЭР-граф, 2014. 72 с.

**Адабиёти хориҷӣ**

[285]. Abir, M. Society Government and the Gulf Crisis Rautltdge [Text] / M. Abir //- Abir.: Mordechai,1993.-P.13

[286]. Azraf, D.M. National Character [Text] / D.M. Azraf // The Pakistan Phitosophical Journal. vol.v. 1961, №1, p.74

[287]. Dariuaee, T. The Oxford Handbook of Iranian History [Text] / T. Dariuaee//. - USA.: Oxford University Press, 2012. P. 432 p.

[288]. Jaussena A. P. Coutumes des arabes au pays de Moab [Text] / A. P. Jaussena -Paris, 1948. P. 316 p.

[289]. Wallin, G. A. Notes taken during a jourough of North ern Arabia in 1848[Text] / G. A. Wallin //. - London.: Journal of Royal Geografic Society of London, 1850. p. 21

[290]. Meri, J.N Melieval Islamic Civilization [Text] / J.N. Meri //. - An Encyclopedia. - Routledge. 2005. 791 p.

[291]. Montagne, R. lacivitsation du desert Nomades d, Oriend et d, Afrique [Text] / R. Montagne. -Paris 1947, pp. 73-75

[292]. Hurvitz N. The formation of Hambalitsm Piety. Info power [Text] / N. Hurvitz. -Routleage, 2012 p-13

[293]. Radike, B. Iranica Selecta. Studies in Honour of Professor Wojciech Skalmowski on the Occasion of his Seventieth Birthday [Text] / B. Radike // Eneye. -Lopaedia Iranica, 1988. 282 p.

[294]. Rafiuddin, M. Pakistan's National Character and Quality of Individual: Impact on National [Text] / M. Rafiuddin // The Pakistan Phitosophical Journal" vol.v. 1961, №1, p.49.

[295]. Salmi, R. H. Islam and Conflict Resolution: Theories and Practices / R. H. Salmi, C.A. Majul, G.K. Tanham [Text] / R. H, Salmi. – USA.: University Press of America. - 1998.- p. 221. ISBN 9780761810964

### Диссертатсия ва авторефератҳо

[296]. Али, Хатиб Ибагим Ясин. Салафитский радикализм и трансформация идейных доктрин в суннитском исламе. Автореферат диссертации для соискании учёной степени кан. фил. наук. Махачкала- 2003, 28 с.

[297]. Маточкина, А. И. Религия и власть в учении Ибн Таймийя. Диссертатция для соискание учёной степени кан. фил. наук. Санкт-Петербург, 2011. 202 стр.

[298]. Мангитов, М. Социальная философия Саида Кутба. Диссертация на соискание ученой степени кандидата философских наук по специальности 09.00.03-история философии-1999. 168 с.

[299]. Рахматова, З.Дж. Религиозний радикализм средий молодёжи Таджикистана: предпосылки возниконовения. специфика и пути его предотврашения [Текст] / З.Дж. Рахматова. Автореф. Дис.-Душанбе, 2020. 22 с.

### Захираҳои электорнӣ

[300]. https://www.languages-study.com/harah/magazine7.html Корни исламского фундаментализма [электронный ресурс] (Дата обращения:12.08.2023)

[301]. https://www.izmba.ru/magazin/istochnik-terrora-ideologiya-vakhkhabizma-salafizma/ [электронный ресурс] (Дата обращения:7.08.2021).

[302].https://www.google.com/url?sa=t&rct=j&q=&esrc=s&source=web&cd=&ved=2ahUKEwjtgOe9jeeGAxV-CRAIHeXCCFcQFnoECBIQAQ&url=https%3A%2F%2Fcyberleninka.ru%2Farticle%2Fn%2F2002-03-003-009-parnikovyy-effekt-realnost-i-potentsialnye-posledstviya-svodnyy-

referat%2Fpdf&usg=AOvVaw3J5AQDqGxWT-g9lUkwPYNB&opi=89978449 (Дата обращения:12.03.2019)

[303]. https://cyberleninka.ru/article/n/religioznaya-situatsiya-v-sovremennoy-rossii [электронный ресурс] (Дата обрщения 06.01.2020)

[304]. Middle East: Qatar (англ.) [Текст] / East M // The world factbook. Central intelligence Agency. https://fr.m.wikipedia.org/wiki/Fichier:"Political_Middle_East"_CIA_World_Factbook.jpg [электронный ресурс] (Date of use: 12.12.2019)

[305]. https://foulabook.com/ar/book/ [электронный ресурс] (Санаи муроҷиат: 20.04.2022)

[310]. http//www.parviz. ucoz.org/news/2008. Бозравӣ А. Салафия: хатаре бадтар аз "Ҳизб-ут-таҳрир" [электронный ресурс] (Санаи муроҷиат: 11.06.2021)

[306]. Ваххабизм: традиции и современность. https://cyberleninka.ru/article/n/vahhabizm-traditsii-i-sovremennost. [электронный ресурс] (Дата обращения:7.08.2021).

[307]. Добыкин Д. Г. Религиозные основы исламского экстремизма [Текст] / Д. Г. Добыкин. [электронный ресурс] URL: https://stavroskrest.ru/content/religioznye-osnovy-islamskogo-ekstremizma [электронный ресурс] (Дата обрашения: 18.02.2022).

[308].http://artofwar.ru/b/beshkarew_a_i/afganistanchitaemowojneieeposledstwijah.shtml/ Жироков Михаил. Воздушная война над Афганистаном, 1989-2001 (Дата обращения: 11.12.2021)

[309].https://www.kavkazcenter.com/russ/content/2014/04/03/103908/intervyu-s-voennym-amirom-ittikhada-islamskij-dzhikhad-kharunom-abu-mukhammadom.shtml Интервью с военным амиром Иттихад исламского джихада [электронный ресурс] (Дата обращения: 12.02.2020).

[310].https://www.academia.edu/800250/Ислам_Энциклопедический_Словарь_М_1991 Ислам. Энциклопедический словарь. Ханбаллитский мазхаб [электронный ресурс] (Дата обращения:12.03.2019)

[311].https://antiterrortoday.com/glavnaya/konfessionalnye-aspekty/15906-istoriya-vozniknoveniya-i-stanovleniya-vakhkhabizma История возникновения и становления ваххабизма. [электронный ресурс] (Дата обращения:15.03.2022).

[312]. https://ia-centr.ru/experts/sergey-masaulov/istoriya-salafizma-v-tadzhikistane-ot-verbovshchikov-do-ekstremistov/ История салафизма в таджикистане: от вербовщиков до экстремистов. [электронный ресурс] (Дата обращения 25.03.2022).

[318]. https://lenta.ru/news/2009/04/23/paki/ Клинтон увидела в Пакистане «смертельную угрозу» для мира [электронный ресурс] (Дата обращения: 23 апреля 2009).

[313]. https://www.labirint.ru/books/525520/ Корбен, В. Истории исламской философии. [электронный ресурс] (Дата обращения:12.03.2022)

[320]. http:// www. Fatuma. Net (text) Cobrin. Корбин А. История исламской филасофии. [электронный ресурс] (Дата обращения: 12.02.2020).

[314]. https://salafportal.ws/salaf/ulyama-salaf/ibn_teimiyah Краткое жизнеописание Шейхуль-ислам Ибн Таймия [электронный ресурс] (Дата обращения: 12.02.2018)

[315]. https://www.sxnarod.com/neveruyushchim-byt-nevygodno_144-t.html. Мусульманские страны осудили акт уничтожения талибами буддистских памятников архитектуры [электронный ресурс] (дата обращения: 28.05.2015)

[316]. Независимый глобальный ислам [электронный ресурс] https://islam.global (Дата обращения:18.02.2022).

[324].https://cyberleninka.ru/article/n/vaziristan-politicheskaya-istoriya-regiona-v-kontekste-problemy-islamskogo-radikalizma. Вазиристан: политическая история региона в контексте проблемы исламского радикализма [электронный ресурс] (Дата обращения: 14.05.2021).

[317]. https://islam.global/obshchestvo/islamskoe-pravo/salafity-i-ikh-osobennosti/ Салафитская акыда. Суть и история салафизма. (Дата обращения:4.06.2020).

[318]. https://miit.ru/content/зеленков%20конфликт.pdf?id_vf=14325 / М.Ю. Зеленков социальная конфликтология [электронный ресурс] (Дата обрщения 06.01.2020).

[319]. https://ru.wikipedia.org/wiki/) Талибан [электронный ресурс] (Дата обращения:14.08.2022).

[320]. https://utro.ru/articles/2001/02/27/1291.shtml Талибы разрушили памятники исламских религий. [электронный ресурс] (Дата обращения: 14.05.2021)

[321]. https://www.alkawthartv.ir/news/250693. Упоминается ли салафизм? в Коране и Сунне. 30 марта 2017 г. (Дата обращение 12.02.2021).

[329].https://books.google.com.tj/books/about/Суфийские_ордены_в_исламе.html?id=qM35AgAAQBAJ&redir_esc=y С. Суфийские ордены в исламе. [электронный ресурс] (Дата обращения: 11.04.2018)

[322]. https: //www.languages-study.com/harah/magazine7.html Корни исламского фундаментализма. (Дата обращения:12.08.2023)

[323]. https://asar-forum.com/viewtopic.php?t=9 Что такое «Саляфия»: (Санаи мурочиат 20.08.2022).

[324].https://www.isap.center/images/library/5/book/2018%20Сборник%20статей.%20Политика%20и%20религия%20в%20КР.pdf Иброҳим Абу Авад. Упоминается ли салафизм? в Коране и Сунне. (Дата обращения:15.011.2023).

[325]. https://www.svoboda.org/a/29968099.html В Москву вновь приехали талибы, они встретились с Павловым. Радио свобода. (Дата обращения:28 мая 2019)

# ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ МУАЛЛИФ ДОИР БА МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

## I. Монаграфияҳо:

**[1-М].** Нурулҳақов, Қ. Ислом ва муносибатҳои миллӣ [Матн] / Қ. Нурулҳақов.-Душанбе.: Ирфон, 1987. 113 с.

**[2-М].** Қамар, Нурулҳақов. Салафияи ифротӣ: моҳият ва таҳдиду хатарҳои он [Матн] / Нурулҳақов Қ.- Душанбе.: Сарбоз, 2017, 147с.

**[3-М].** Ф. Баротзода, Қ. Нурулҳақов. Вазъи динӣ-сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Баротзода Ф., Нурулҳақов Қ. –Душанбе.: Эр-граф, 2018, 127 с.

## II.Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

**[4-М].** Қ. Нурулҳақов. Баъзе масъалаҳои усулии таносуби давлати дунявӣ ва дин [Матн] Нурулҳақов Қ // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Силсилаи фалсафа ва ҳуқуқ. –Душанбе, 2010, № 4.-С. 46-51. 187 с.

**[5-М].** Қ. Нурулҳақов. Нақши арзишҳои миллӣ ва мазҳабӣ дар таҳкими давлати миллӣ [Матн] / Нурулҳақов Қ // Ахбори Академияи илмҳои Тоҷикистон. Силсилаи фалсафа ва ҳуқуқ. –Душанбе, 2011, № 4.-С.110-116.

**[6-М**]. Қ., Нурулҳақов, Виркан Музаффарпур. Андешаи миллӣ ва мазҳабӣ дар даврони истиқлолияти Тоҷикистон [Матн] / Қ. Нурулҳақов, Виркан Музаффарпур // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Силсилаи фалсафа ва ҳуқуқ. –Душанбе, 2011, №3.-С. 54-58.

**[7-М**]. Қамар, Нурулҳақов., Виркани М. Салафия ва ҷанбаҳои ақидатию сиёсии он [Матн] / Нурулҳақов, Қ., М. Виркани // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –Душанбе.: Сино, 2014.-С.148-155.

**[8-М]**. Амондуллоев, Б. С., Нурулҳақов, Қ. Идеологияи иртиҷоӣ ва ифротгароёнаи баъзе аз созмонҳои динӣ [Матн] / Б. С. Амондуллоев, Қ. Нурулҳақов // Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. -Душанбе-2021, № 1.-С.122-128.

**[9-М]**. Нурулҳақ, Қамар. Истилоҳи “салаф” ва таҳаввули маънои луғавии он дар таърихи ислом [Матн] / Қамар Н // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -Душанбе, 2023. № 6. –С. 93-99.

**[10-М]**. Нурулҳақ, Қамар. Ташаккули ғояи Аллоҳ ҳамчун худои ягонаи қабоили араб [Матн] / Қамар Н // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -Душанбе, 2023. № 7.-С.130-138.

**[11-М]**. Нурулҳақ, Қамар. Салафия ва иртиботи он бо одатҳои тоисломии араб [Матн] / Қамар Н. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -Душанбе, 2023. № 8.-С.90-97.

**[12-М]**. Нурулҳақ, Қамар. Муносибати исломи суннатӣ ва салафия ба оини зардуштӣ [Матн] / Қамар Н. //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -Душанбе, 2023. № 9.- С.110-120.

**[13-М]**. Нурулҳақ, Қамар. Нақши таҷрибаи иҷтимоӣ-динии тоисломии араб дар шаклгирии эътиқодоти исломӣ [Матн] / Қамар Н // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -Душанбе, 2023. № 10. –С.139-146.

**[14-М]**. Нурулҳақ, Қамар, Одинаев Б.А. Масъалаҳои таҳаввулотӣ-таърихӣ оид ба институти оила дар Зардуштия [Матн] / Қамар Н,. Б.А. Одинаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -Душанбе, 2023. № 10. –С.190-198.

**[15-М]**. Нурулҳақ, Қамар. Сарчашмаи ғоявии муносибати салафияи ифротӣ ба фарҳанги миллӣ [Матн] / Қамар Н // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –Душанбе, 2023. № 11. Қисми I.- С-161-169.

**[16-М]**. Нурулҳақов, Қ. Муносибатҳои оилавӣ дар салафияи ибтидоӣ [Матн] / Қ. Нурулҳақов // Паёми Донишгоҳи Хоруғ. –Хоруғ, 2023. № 4 (28). –С. 283-190.

**[17-М]**. Нурулҳақ, Қамар. Салафияи ҷиҳодӣ ва сарчашмаҳои ғоявии он [Матн] / Қамар Н // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -Душанбе, 2024. № 1.-С.117-134

**[18-М]**. Нурулҳақ Қ. Шаклҳои муосири зуҳури салафияи ифротӣ [Матн] / Қ. Нурулҳақ // Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.- Душанбе-2024, № 1. -С. 75-80.

**[19-М]**. Нурулҳақ, Қамар. Салафия - равияи бунёдгароӣ дар ислом [Матн] / Қамар Н // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -Душанбе, 2024. № 2. -С.69-75.

**III. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаи конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, байналмилалӣ ва дигар маҷмуаю маҷаллаҳо нашр шудаанд:**

**[20-М]**. Нурулҳақов, Қамар. Анъанаи дунявият дар фарҳанги сиёсии тоҷикон [Матн] / Қамар Н // Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ бахшида ба 90-солагии академик М. С. Осимӣ: "Академик М. Осимӣ ва рушди фарҳанг," 20 ноябри соли 2010.-Душанбе.: Эр-граф, 2011. -С. 84-91, 376 с.

**[21-М]**. Қ. Нурулҳақов. Салафигароии ифротӣ: заминаҳои таърихӣ, манбаъҳои ғоявӣ ва хусусияти зиддимиллии он [Матн] / Нурулҳақов Қ // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии "Ифротгароии салафӣ: масъалаҳои давлатдории дунявӣ ва ҳифзи ҳувияти миллӣ"(ш. Душанбе, 27майи соли 2015).-Душанбе.: Дониш, 2015. -С. 63-89, 217 с.

**[22-М]**. Нурулҳақов, Қ. Анъанаи дунявият дар фарҳанги сиёсии тоҷикон ҳамчун заминаи бунёди давлати дунявии муосир [Матн] / Нурулҳақов Қ // Хусусиятҳои равандҳо ва характерҳои сиёсӣ-идеологии исломи муосир ва масъалаи рушди давлатдории миллӣ. -Душанбе.: Андалеб Р, 2015.-С. 57-98. 350 с.

**[23-М]**. Нурулҳақов, Қ. Ислом ва андешаи космополитикии араб [Матн] / Нурулҳақов Қ // Хусусиятҳои равандҳо ва характерҳои сиёсӣ-идеологии исломи муосир ва масъалаи рушди давлатдории миллӣ. -Душанбе.: Андалеб Р, 2015.-С. 54-73. 350 с.

**[24-М]**. Нурулҳақов, Қ., Умедов, М. Моҳияти исломгароии сиёсӣ ва баъзе шаклҳои зуҳури он [Матн] / Нурулҳақов Қ // Маҷаллаи илмии “Илм ва фановарӣ,” Бахши илмҳои иятимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2015, № 216.-С.228-236.

**[25-М]**. Қ. Нурулҳақов. Таҳаммулпазирӣ-андешаи калидии динӣ-мазҳабии ниёгон [Матн] / Қ. Нурулҳақов // Маҷмуи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии “Мақом ва нақши ислом дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” (ш. Душанбе, 9 ноябри соли 2016).-Душанбе.: Андалеб Р, 2016. -С. 217-229, 288 с.

**[26-М]** Нурулҳақов, Қ. Бунёдгароии исломӣ: моҳият ва хатари он дар фазои динии Тоҷикистон [Матн] / Қ. Нурулҳақов // Мақом ва нақши ислом дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе.: Андалеб Р, 2016. С. 61-87, 288 с

**[27-М]**. Нурулҳақов, Қ. ҲНИТ ва ихтилофи он ба низоми давлати миллӣ ва дунявӣ [Матн] / Қ. Нурулҳақов // Маҷмуи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии “Мақом ва нақши ислом дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” (ш. Душанбе, 9 ноябри соли 2016).-Душанбе.: ЭР-Граф, 2017. -С. 196-205, 288 с.

**[28-М]** Нурулҳақов, Қ. Шиагароии муосир: заминаи ақидавӣ ва ҷанбаҳои ифротгарои он [Матн] / Қ. Нурулҳақов // Мақом ва нақши

ислом дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Душанбе, “Эр-граф,” 2017.-С. 26-47, 300 с.

**[29-М]** Нурулҳақов, Қ. Заминаҳои пайдоиши ҳизбҳои сиёсӣ-динӣ дар ҷаҳони мусулмонӣ [Матн] / Қ. Нурулҳақов // Мақом ва нақши ислом дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе.: Эр-граф, 2018.-С.18-64, 296 с.

[**30-М**]. Нурулҳақов, Қ. Таносухи имон [Матн] / Нурулҳақов Қ // Дин ва ҷомеа (Маҷалаи динӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ). -Душанбе.: ҶДММ “Офсет. № 9, сентябри 2018.-С. 40-42, 51 с.

[**31-М**]. Нурулҳақов, Қ. Давлатдории муосири исломӣ ва мушкилоти фирқавӣ-сиёсии он [Матн] / Нурулҳақов Қ // Мақом ва нақши ислом дар Ҷумҳурии Тоикистон. –Душанбе.: Мусъаб-1, 2019.-С. 57-90, 297 с.

[**32-М**]. Нурулҳақов, Қ. Ихтилофи ақидавӣ ва амалии ҷараёнҳои исломии ифротии муосир бо исломи суннатӣ (мазҳаби ҳанафӣ) [Матн] / Қ. Нурулҳақов // Маҷмуаи мақолаҳои “Истиқлолияти давлатӣ ва эҳёи арзишҳои миллӣ”. -Душанбе.: Эр-граф, 2021.-С. 108-132, 268 с.

[**33-М**]. Нурулҳақ, Қ. Таҳдиди ифротгароии динӣ ба ҳувияти динӣ (мазҳаби ҳанафӣ) [Матн] / Қ. Нурулҳақ // Муқовимат ба ифротгароии хушунатомез дар ҷомеа ва фазои иттилоотӣ. –Душанбе.: ҶДММ “Кондор”, 2022.-С. 145-176, 232 с.

[**34-М**]. Нурулҳақ, Қ. Муносибати салафияи ифротӣ ба санъат [Матн] / Қ. Нурулҳақ // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳурияиии илмӣ-назарияӣ дар мавзуи “Масоили мубрами улуми фалсафӣ дар Тоҷикистони мусир” ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода. –Душанбе, 2023. -С. 26-34, 210 с

[**35-М**]. Нурулҳақ, Қамар. Таҳдиди салафияи ифротӣ ба мазҳаби ҳанафӣ [Матн] / Қамар, Н // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалии “Раванди ташаккулёбии институтсионалии кори иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дастоварҳо, масъалаҳо ва тамоюлҳо” (ш. Душанбе, 23 ноябри соли 2022) ДМТ.-Душанбе, 2023. -С. 46-52, 412 с

[**36-М**]. Нурулҳақ, Қамар. Салафия-хатар ба давлати дунявӣ [Матн] / Қамар Н // Маводҳои конференсияи байналхалқии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Ҳифзи ҷавонони Ӯзбекистон аз таҷовузи идеологӣ дар давраи ҷанги иттилоотӣ.-Тошкент-Деҳнав, 17-18 ноябри 2023. -С. 292-301, 714 с.